ISSN 2413-516X

ПАЁМИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
Бахши илмҳои филологӣ
2018. №8. Қисми I

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия филологических наук
2018. №8. Часть I

BULLETIN
OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of philology
2018. No.8. P. I

МАРКАЗИ
ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА
ДУШАНБЕ – 2018

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
БАХШИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ

Муассиси маҷалла:
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.
Дар як сол 8 шумора нашр мегардад.

САРМУҲАРРИР:

Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ	*Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич	*Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Сафарализода Хуҷамурод Қуддусӣ	*Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

Раҳмонзода Абдуҷаббор Азиз	*Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Юсуфзода Носирҷон Салимӣ	*Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айни*
Раҳматуллозода Сахидод	*Доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, директори Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*
Назарзода Сайфиддин	*Доктори илмҳои филологӣ, профессор, сарходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АИ ҶТ, узви вобастаи АИ ҶТ*
Исмоилов Шамсулло Исмоилович	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикӣ ва назарияи забоншиносии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода*
Абдуллозода Масрур Аҳмад	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон*
Абдусатторов Абдушукур	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Кучаров Аламхон	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, узви вобастаи АИ ҶТ*
Саидов Ҳалимҷон Азизович	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Мамадназаров Абдусалом	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони англисии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Муродов Мурод	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Нағзибекова Меҳриниссо Бозоровна	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Хоҷаев Давлатбек	*Доктори илмҳои филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Дӯстов Ҳамрохон Ҷумаевич	*Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Бахши илмҳои филологӣ
– 2018. – №8. Қ.I ISSN 2413-516X
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №0038/ЖР-97
ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад.
Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016, №1924 ворид гардидааст.

*Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои илмҳои филологиро барои чоп қабул менамояд: 10.**01.00 – Адабиётшиносӣ; 10.02.00 – Забоншиносӣ.***

Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст ва пайваста дар системаи индексатсионии мазкур дар бораи шумораҳои чопшуда маълумот ворид менамояд.

Маҷалла сомонаи расмии худро дорад, ки дар он матни мукаммали маводи чопӣ ҷойгир карда шудааст (www.vestnik-tnu.com).

© ДМТ, 2018

ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

Учредитель журнала:
Таджикский национальный университет
Журнал основан в 2012 г. Выходит 8 раз в год.

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:

Имомзода Мухаммадюсуф Сайдали	*Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан, ректор Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич	*Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Сафарализода Худжамурод Куддуси	*Кандидат политических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета*

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Рахмонзода Абдуджаббор Азиз	*Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета*
Юсуфзода Носирджон Салими	*Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан, ректор Таджикского государственного педагогического университета им. С.Айни*
Рахматуллозода Сахидод	*Доктор филологических наук, профессор, директор Института языка и литературы им. А.Рудаки Академии наук Республики Таджикистан*
Назарзода Сайфиддин	*Доктор филологических наук, профессор, ведущий научный сотрудник Института языка и литературы им. А.Рудаки Академии наук Республики Таджикистан*
Исмоилов Шамсулло Исмоилович	*Доктор филологических наук, профессор кафедры таджикского языка и теории языкознания Таджикского государственного института языков им. Сотима Улугзаде*
Абдуллозода Масрур Ахмад	*Доктор филологических наук, профессор кафедры отечественной и международной журналистики Российско-Таджикского (славянского) университета*
Абдусатторов Абдушукур	*Доктор филологических наук, профессор кафедры истории таджикской литературы Таджикского национального университета*
Кучаров Аламхон	*Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета, член-корреспондент АН РТ*
Саидов Халимджон Азизович	*Доктор филологических наук, профессор общеуниверситетской кафедрой английского языка Таджикского национального университета*
Мамадназаров Абдусалом	*Доктор филологических наук, профессор кафедры английского языка факультета языков Азии и Европы Таджикского национального университета*
Муродов Мурод	*Доктор филологических наук, профессор кафедры печати Таджикского национального университета*
Нагзибекова Мехринисо Бозоровна	*Доктор филологических наук, профессор кафедры общего языкознания и сравнительной типологии Таджикского национального университета*
Ходжаев Давлатбек	*Доктор филологических наук, профессор кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета*
Дустов Хамрохон Джумаевич	*Кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой современного таджикского литературного языка Таджикского национального университета*

Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук.
– 2018. – №8.Ч. I. ISSN 2413-516X
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан №0038/ЖР-97
Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.
Адрес Издательского центра:
734025, Республика Таджикистан,
г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий, рекомендованных ВАК Минобрнауки Российской Федерации от 03.06.2016, №1924.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: **10.01.00 – Литературоведения; 10.02.00 – Языкознание.**

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Журнал имеет официальный сайт (www.vestnik-tnu.com), в котором размещаются полнотекстовые версии опубликованных материалов.

© ТНУ, 2018

BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
SERIES OF PHILOLOGY

Founder of journal:
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
The journal is established in 2012. Issued 8 times a year.

CHIEF EDITOR:

Imomzoda Mukhammadyusuf Saidali	*Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Rector of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich	*Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Science of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Safaralizoda Khudzhamurod Kuddusi	*Candidate of political sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University*

EDITORIAL BOARD:

Rahmonzoda Abdujabbor Aziz	*Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*
Yusufzoda Nosirjon Salimi	*Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Rector of the Tajik State Pedagogical University named after S. Aini*
Khorkashev Sakhidod	*Doctor of Philology, Professor, Director of the Institute of Language and Literature named after A. Rudaki of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Nazarzoda Saifiddin	*Doctor of Philology, professor, leading researcher of the Institute of Language and Literature named after A. Rudaki of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Ismoilov Shamsullo Ismoilovich	*Doctor of Philology, Professor of the Tajik language and theory of linguistics of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda*
Abdullozoda Masrur Akhmad	*Doctor of Philology, Professor of the Department of National and International Journalism of the Russian-Tajik (Slavonic) University*
Abdusattorov Abdushukur	*Doctor of Philology, Professor of the Department of the History of Tajik Literature of the Tajik National University*
Kucharov Alamkhon	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*
Saidov Khalimdzhon Azizovich	*Doctor of Philology, Professor of the Department of English Language of the Tajik National University*
Mamadnazarov Abdusalom	*Doctor of Philology, Professor of the English Department of the Faculty of Languages of Asia and Europe of the Tajik National University*
Murodov Murod	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Printing of the Tajik National University*
Nagzibekova Mekhrinisso Bozorovna	*Doctor of Philology, Professor of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of the Tajik National University*
Khodzhaev Davlatbek	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Language History and Typology of the Tajik National University*
Dustov Khamrokhon Dzhumaevich	*Candidate of Philology, assistant professor, Head of the Department of Modern Tajik Literary Language of the Tajik National University*

Bulletin of the Tajik National University. Series of philology
– 2018. – №8. P I. ISSN 2413-516X
The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.
The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.
Address of the Publishing Center:
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025,
Republic of Tajikistan,
Web site: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific publications recommended by the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016, No. 1924.

The journal accepts scientific articles on the following branches of science: 10.01.00 - Literary studies; 10.02.00 - Linguistics.

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI), and regularly provides information to the RSCI in the form of metadata.

The journal has an official website (www.vestnik-tnu.com), which houses full-text versions of published materials.

© TNU, 2018

З А Б О Н Ш И Н О С Ӣ
Я З Ы К О З Н А Н И Е

УДК: 891.550:491.550

НАҚШИ АЙНӢ ДАР НАВСОЗИИ ЗАБОНИ АДАБӢ

Назарзода Сайфиддин
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Садриддин Айнӣ дар як давраи пурфоҷиаи таърих барои худогоҳии миллӣ, бедории мардуми тоҷик, ҳифзу нигоҳдории забони миллӣ, густариши фарҳангу тамаддун, инкишофи минбаъдаи давлатдории тоҷикон мубориза бурда, барои заминагузории давлатдории миллии тоҷикон хидматҳои босазое кардааст. Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти кишвар, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии хеш ҳини мулоқот бо зиёиёни кишвар (2008) дар бораи замони зиндагӣ ва фаъолияти қаҳрамонона ва фидокоронаи фарзандони барӯманди миллат дар ин давра, ки устод С. Айнӣ аз ҷумлаи онҳо аст, чунин изҳор намуд: «Маҳз дар ҳамин давра ҷунбиши миллие ба миён омад, ки бо номи Садриддин Айнӣ ва дигар фарзандони миллатдӯсти тоҷик алоқаманд аст, ки онро метавон ҳаракати шуубияи даврони шӯравӣ номид» [11].

Яке аз масъалаҳои асосии забоншиносии тоҷик дар ибтидои асри XX ва махсусан дар аввали солҳои сиюм масъалаҳои навсозии забони адабӣ, муносибати забони адабӣ ва осори адабиёти классикӣ, забони адабӣ ва лаҳҷа, интихоби меъёрҳо ва нормаҳои грамматикии забон, таҳияи китобҳои дарсӣ ва забони омма, таҳияи имло ва интихоби истилоҳоти корбурдӣ буд. Доир ба ин масъалаҳо устод Айнӣ дар ин давра мақолаҳое навишта, дар конференсияву анҷуманҳои зиёде иштироку суханронӣ карда, дар ҳалли дурусти илмии онҳо саҳми босазое гузоштааст.

Дар ин давраи сарнавиштсоз Ҳукумати Шӯравӣ тасмим дошт, ки илму фарҳангро насиби омма гардонад. Бинобар ин, забони адабӣ бояд чунон сода бошад, ки омма онро фаҳмад ва аз ҷониби дигар, чунон бошад, ки бо он навиштани осори илмиву фаннӣ ва матолиби сиёсиву иҷтимоӣ мумкин бошад. Табиист, ки муқаррар ва муайян кардани чунин забон кори сода набуд. Аз ин рӯ дар баҳсҳо ва мақолот забонро ба «нав»-у «куҳна» ҷудо карда, барои баёни он истилоҳоти гуногун сохтанд ва гоҳо мутобиқи рӯҳи замон рангу бори сиёсӣ ҳам ба он илова карданд, аз қабили: «забони адабии куҳна», «забони китобии мавҷуда», «забони китобӣ», «забони адабии омма», «забони зинда» [9] ва ғайра. Дар ин давра, яъне дар аввали солҳои бисти садаи гузашта, як гурӯҳи нав бадавлатрасидагони мутаассиби туркпараст кӯшиш карданд, ки тоҷиконро «халқи омад», «бозмондагони эрониён» ва забони онҳоро «забони форсӣ», яъне забони аз берун ба Осиёи Миёна омада, эълон кунанд. Аз мансабу мақомоти ишғолкардаи хеш дар Ҳукумати Бухоро сӯистифода карда, мехостанд ин «ақида»-ро расмӣ созанд ва муваффақ ҳам шуданд, ки тоҷиконро то муддате аз маорифу маданият ва рӯзномаву маҷаллот маҳрум созанд.

Вале пас аз ташкили Ҷумҳурии худмухтор ва сипас таъсиси Ҷумҳурии мустақили Тоҷикистон ва пас аз он (1924-1930) фарҳангиёни тоҷик бо ҳамроҳи забоншиносон ва шарқшиносони машҳури рус (Семёнов А.А., Е.Э. Бертелс, Фрейман А.А., Виноградов ва дигарон) имконият ва ҳуқуқ пайдо карданд, ки бевосита дар таъйини сарнавишти забони тоҷикӣ иштирок ва ибрози ақида кунанд.

Соли 1930 барои забони адабии муосири тоҷик, таъйини меъёру марзҳо ва чигунагии он соли бисёр муҳим буд. Дар таърихи 10-15 феврал дар шаҳри Самарқанд «Кенгош»-и илмии тоҷикони Ӯзбекистон баргузор гардид. Ҳадафи ин конференсия омодагӣ ба Анҷумани забоншиносони Тоҷикистон буд. Масъалаҳое, ки дар ин Анҷуман баррасӣ мешуд, бояд қаблан ҳамаҷониба муҳокима ва музокира мешуданд. Асоситарин масъалаи рӯзномаи ин маҷлис масъалаи навсозии забони адабии тоҷикӣ буд. Бояд гуфт, ки тамоми баҳсҳое, ки дар тӯли солҳои охир дар ин мавзӯъ ҷараён дошт, ҳама дар атрофи «асос»- и забони адабии тоҷикӣ буд, яъне кадом манбаъро бояд ба ҳайси зербиное, ки забони адабии тоҷикӣ бар пояи он бояд устувор бошад, қабул кард. Андешаҳо мухталиф ва гоҳо мутаззод, мубоҳисаҳо бисёр гарм ва гоҳо тезу тунд буд. Аз ҷумла чанд ақида буд, ки музокира ва баҳсҳо дар атрофи онҳо бештар авҷ гирифт.

Гурӯҳи маҳдуде мегуфтанд, ки забони адабии тоҷикӣ вуҷуд надорад ва онро бояд эҷод кард, бояд сохт. Устод С. Айнӣ, ки қавлаш барои мо муътабар аст чунин менависад:

«Вақте ки ман «Намунаи адабиёт»-ро (мурод «Намунаи адабиёти тоҷик», чопи соли 1926 дар Маскав аст. -С.Н.) навишта баровардам, ҳамаи шарқшиносҳо ба ман муқобил баромаданд ва онҳо «забони адабӣ» доштани халқи тоҷикро инкор карданд... Аз ин хатои шарқшиносон пантуркистон истифода бурда, будани тоҷиконро дар Осиёи Миёна инкор карданд... Ин ҷанҷол то солҳои 1928-1930 рӯз то рӯз шиддат карда давом намуд. Дар соли 1926 дар Тошканд, вақте конференсияи ба алифбои лотинӣ гузаштани тоҷикон барпо шуд, як қисми шарқшиносон гуфтанд, ки «тоҷикон ҳастанд, аммо забони адабӣ надоранд. Ин забони адабие, ки дар вай шоирони гузашта ва ҳозираи Осиёи Миёна шеър мегӯянд, аз они Эрон аст. Бояд дар асоси забони кӯчагӣ барои тоҷикон забони адабӣ аз нав сохта шавад» [10, с. 88] ва ғайра.

Пас аз баҳсу мунозираҳои шадид тақрибан соли 1930 масъалаи забони адабӣ доштани тоҷикон эътироф шуд ва аксарият тарафдори он шуда буданд, ки «тоҷикон забони адабӣ доранд».

Устод Айнӣ асарҳои адабиёти классикиро сарчашмаи ноби ғаномандии забони адабӣ дониста, истифодаи вожаҳо ва истилоҳоти он замонро яке аз василаҳои асосии бойшавии захираи луғавии забони тоҷикӣ донистааст. Дар мақолаи худ бо номи «Аз забони Шоҳнома» зарурати таҳқиқ ва пажӯҳиши осори гузаштагонро таъкид намуда чунин менависад: «Аз мусташриқони машҳури маҷор Герман Вамбери (1832 – 1913), ки дар соли 1863 бо табдили қиёфа ва ном дар зери номи сохтаи «Рашид Афандӣ» Осиёи Миёнаро саёҳат кардааст, дар ҳошияи «Таърихи Бухоро ё Мовароуннаҳр» ном асари худ менависад, ки «забони форсии Осиёи Миёна, ки бо вай тоҷикон гап мезананд, то имрӯз аз тарафи донишмандони забони форсӣ тадқиқ нашудааст … Дар ин лаҳҷа хоҳ аз ҷиҳати луғат бошад, хоҳ аз ҷиҳати эъроб хосиятҳои бисёре ҳастанд, ки услуби Фирдавсиро ба хотир меоранд» [1, с.47-48].

Ҳангоми таҳлили хусусиятҳои хосси забони «Шоҳнома» ӯ ба хулоса меояд, ки «Шоҳнома» бо доштани хусусиятҳои хос аз намунаи беҳтарини забони поки тоҷикист:

1. Ҳарчанд Фирдавсӣ ин асари безаволи худро қариб 400 сол баъд аз истилои араб навишта бошад ҳам, «Забони «Шоҳнома» содатарин ва софтарини классикони Эрон аст».

2. Аз лиҳози омехта шудан бо забони арабӣ ва ворид шудани вожаҳои иқтибосии арабӣ ба забони тоҷикӣ «тамоман беарабӣ набошад ҳам… ба дараҷае, ки беарабӣ гуфтанд тавон, камарабист». Намунаҳое, ки дар Шоҳнома дида мешавад, ба монанди **ҳадя, аҳсан, ғам, навбат** ба таври комил дар забон ҳазм шудаанд ё вожаҳои арабии **малак, қазо, қадар** ба ҳар сохибзабон фаҳмо буда, арабиҳои душворфаҳм кам андар кам аст.

3. Забони «Шоҳнома» ҳарчанд аз вожаҳои таърихии монанди **пизишк, мӯбад, даж, дажҳим** ва ғайра пур ва дорои хусусиятҳои хосси истифодаи меъёрҳои дастурӣ (або, абар, истифодаи зиёди ҳамза ва ғайра) бошад ҳам, «на ин ки сар то пойи он ба оммаи тоҷикон фаҳмост, балки бештарини онҳо имрӯз дар забони зиндаи мардуми тоҷик кор фармуда мешаванд».

4. Забони «Шоҳнома» ба андозае ба забони гуфтугӯии мардуми тоҷик наздик аст, ки «баъзеи онҳоро «сухани кӯчагӣ» гӯён, ҳатто баъзе тарҷимон ва адабтарошони тоҷик ҳам кор намефармоянд. Аммо Фирдавсӣ кор фармудааст ва тоҷикон ҳам бо вай гап мезананд».

Аз ҳамин вожаҳои таърихии ба таври мисол овардаи устод Айнӣ калимаҳои **пизишк** ва **ромишгар** аз нав зинда шуда, ба қатори вожаҳои фаъоли забон даромадаанд.

Баъд аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ба ҳайси намуна чанд калимаро мисол меорад: «*Охур* – ҷойи хӯрокхӯрии ҳайвонот», «*бодиринг* – хиёр», «*бадраг* – бадзот», «*басанда* – кофӣ», «*бӯз* – ҷавон – тавоно – бардам» (дар сифати одам ва ҳайвоноти саворӣ ин калима байни «Шоҳнома» ва забони зиндаи тоҷикӣ муштарак аст. Аммо дар сифати замини пуркувват ва навдам махсуси забони тоҷикист). «*Тоба* – деги паҳни бирёнӣ», «*тундар* – раъд» (дар кӯҳистони Тоҷикистон зиндааст). «*Ҷар* – шикоф ва кофтаи табиии замин», «*ҷувол* – халтаи калони боркашонӣ, ки дар Эрон «*киса*» меноманд», «*чашм расидан* – захми чашм расидан», «*чак* – қабола» (тоҷикон дар бораи хона ва замин «хату чак карда додам, ё гирифтам» мегӯянд), «*рӯнамо* – чизе, ки дар вақти дидани арӯс диҳанд», «*сара* – зари холис ва умуман ҳар чизи холис», «*фатир* – нони хамираш норасида» (аз нуки *хамир* – *фатир* – зарбулмасали тоҷикист), «*курта* – пероҳан», «*китф* – сари шона» (дар «Шоҳнома», ба шакли китф ба тарзи талаффузи тоҷикӣ кор фармуда шудааст, на ба шакли китф – ба тарзе, ки дар адабиёт кор фармуда мешавад). «*Лунҷ* – доираи лаб». Доир ба истифодаи адабиёти классикӣ дар китобҳои дарсӣ ва омӯзиши забони онҳо дар муқоиса бо забони гуфтугӯӣ ё лаҳҷа дар мақолаи дигар бо номи «Забон, услуб ва санъати шеърии Бедил» (Куллиёт, ҷ.11, 1963) устод Айнӣ чунин мегӯяд: « Вай дар шеърҳояш суханҳои гуфтугӯии халки тоҷикро бисёр кор мефармояд. Чунончи, **«ҳай кардан»** ба маънои рондани асп ва дигар ҳайвонот, **«сар додан»** ба маънои озод кардан, **«киро намекунад»** ба маънои

намеарзад,… **«дина»** ба ҷойи дирӯз, **«шерак додан»** ба маънои барангехтан, **«тунбак»** асбоби мусиқӣ, ки аз сафол сохта, ба рӯяш пӯст мекашанд…» [2, с.54]. Дар зимн ӯ аз душворфаҳм будани забони шеъри Бедил сухан гуфта, дар зимн зикр мекунад, ки «Агар мо забони шеъри Бедилро аз нуқтаи назари луғатҳои ҷудогона якка-якка мулоҳиза кунем, ин забон хеле сода менамояд» [2, с. 54].

Устод Айнӣ дар иртибот бо таҳияи китобҳои дарсӣ дар баробари истифодаи сарчашмаҳо аз адабиёти классикӣ ва риояи меъёрҳои забони адабӣ, истифодаи калима ва вожаҳои ноби забони халқӣ ва гуфтугӯиро мегузорад. Дар мақолаи худ таҳти унвони «Дар бораи китобҳои мактабии тоҷикон» оид ба забони китобҳои дарсӣ чунин изҳори андеша менамояд. «… Барои қавми тоҷик масъалаи маориф воҷибтарини масъалаҳост. Барои ба роҳ андохтани мактаб ва маорифи тоҷик ҳозир намудани муаллим чӣ қадар лозим бошад, тайёр кардани китоб ҳам ҳамон қадар зарур аст» [3, с.73]. Мулоҳизаҳои устод Айнӣ оид ба забони китобҳои дарсӣ ҷолиб аст. Ӯ менависад: «Барои китобҳои дарсии мактабии тоҷикон кадом шева риоя карда мешавад?... Дар шаҳри Самарқанд як забони тоҷикӣ маълум аст, ки ин забон бо ӯзбекӣ махлут буда, ба таъбири «буқаламун» сазовор аст. … Албатта, ин забонро хеҷ тоҷик қабул нахоҳад кард. … Забони шаҳри Уротеппа ва Хуҷанд, агарчи аз забони тоҷикии шаҳри Самарқанд қадре софтар аст, маазолик аз таъсири ӯзбекӣ ва ихтилоти луғат ва адодҳои ӯзбекӣ холӣ нест» [3, с.73]. Аз ин рӯ, устод Айнӣ пешниҳод менамояд, ки: «Бинобар ин моро лозим аст, ки дар китобҳои мактабии тоҷикон забони кӯҳистони тоҷикро қабул кунем. Забони кӯҳистони тоҷик забони форсии сода, аз такаллуфоти эронӣ холӣ, ба луғатҳои арабии ношунида халт наёфта ва ба сарфу наҳви форсӣ мувофиқ аст. …Бояд забони китобҳои мактабии тоҷикон забони форсии сода бошад. Ба иборати дигар забони аксарияти тоҷикони кӯҳистон бошад» [3, с. 73-74].

Дар давраи навсозӣ ва меъёрсозӣ барои забони адабӣ масъалаи ҳамгунӣ ва фарқиятҳои забони форсӣ ва тоҷикӣ ба миён омад, ки дар ин мубоҳисаҳо устод Айнӣ фаъолона ширкат карда изҳори ақида намудааст. Садриддин Айнӣ дар мақолаи худ бо номи «Дар атрофи забони форсӣ ва тоҷикӣ» дар ин бора чунин менависад: «Баъзе касоне, ки ба забони тоҷикӣ дуруст ошно нестанд, «забони тоҷикӣ аз форсӣ чӣ қадар фарқ дорад?» гуфта мепурсанд, аммо касе, ки ба адабиёти куҳна ва нави форсӣ ва тоҷикӣ шиносӣ дорад, ба хубӣ медонад, ки дар миёни инҳо фарқи асосӣ нест. Як тоҷик ё як эронӣ асарҳои Саъдӣ, Ҳофиз, Низомӣ ва монанди инҳоро чӣ қадар фаҳмида ва дӯст дошта хонад, ҳамон қадар ҳам асарҳои Рӯдакӣ, Камоли Хуҷандӣ, Исмати Бухорӣ, Сайфи Исфарангӣ ва монанди инҳоро фаҳмида ва дӯст дошта мехонад…

Баъзе касон ҳастанд, ки ба сабаби ошно набуданашон забони тоҷикиро, яъне забони авоми тоҷикро забони форсии вайроншуда мепиндоранд. Лекин агар аз баъзе таъсирҳои ҷузъии забони ӯзбекӣ чашм пӯшем (масалан, кор фармудани «мӣ» дар мавриди истифҳом), содатарин ва софтарини лаҳҷаҳои форсӣ – забони тоҷик аст» [4, с.24-25].

Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки дар ин солҳо мавриди мубоҳисаҳои амиқ қарор гирифт, муносибати забони адабӣ ва лаҳҷа буд. Баъд аз он ки вуҷуд доштани забони адабӣ эътироф гардид, масъалаи муносибати забони адабӣ ва лаҳҷаҳои тоҷикӣ ба миён омад. Аслан масъалаи мавриди баҳс он буд, ки кадом лаҳҷа ба ҳайси асоси забони адабӣ пазируфта мешавад. Як гурӯҳ бар он буданд, ки «забони кӯҳистон» ба сифати асос қабул карда шавад. Мунаққидон ва мубоҳисон ҳама «софӣ» ва «покизагии забони кӯҳистон»-ро эътироф доштанд, вале дар айни замон мухолифи асоси забони адабӣ қарор додани он гардиданд ва далелҳое пеш оварданд, ки вай аз сабаби сустии робитаҳо бо марказҳои калони сиёсӣ ва фарҳангӣ маҳдуд мондааст ва ё ин ки дар кӯҳистон лаҳҷаҳо бисёр аст ва кадоми онро бояд асос қабул кард ва чанд фоизи аҳолии Тоҷикистон он лаҳҷаро мефаҳмад?

Баъзеҳо тарафдори он буданд, ки ҳамин «забони оммаро ислоҳ карда» ба ҳайси забони адабӣ қабул намоем. Чанде дигар тарафдори он буданд, ки забони яке аз маҳалҳои Бухоро ва ё Самарқанд асос қарор дода шавад. Аммо «забони Самарқанд» ҳам рад шуд, зеро ки вай «бо овозҳои ӯзбекӣ махлут шуда, ширинии худро аз даст додааст».

Ҳатто яке аз иштирокчиён Ҷалолзода пешниҳод кард, ки «мо забони Бухороро намефаҳмем, забони Душанбеи Тоҷикистонро асос гирифта, аз забони Фарғона низ истифода кунем» [8, с.28].

Дар ин Кенгош устод С. Айнӣ ҳам баромад карда, тарафдори «забони Бухороро» асоси забони адабӣ қабул кардан шуд. Ба ақидаи ӯ «забони Бухоро аҳамияти таърихӣ ҳам дорад», зеро «ин забони адабии мо ба меҳнаткашони эрониён бегона бошад ҳам, аммо онро нисбат ба забони матбуоташон хубтар мефаҳманд. Байни мо ва онон дар ҷумлабандӣ ва луғат фарқ мавҷуд аст». Аз ҷониби дигар, ба фикри ӯ «Бухоро хазинаи луғатҳои тоҷикӣ аст, фақат ҳамин ки ҳанӯз тафтиш нашудааст» [8, с. 27]. Азбаски ҳадафи

маҷлиси мазкур қабул кардани қарори «қатъӣ» набуд, бинобар ин, фикри аксариятро ба назар гирифта ин ҷамъомад ба чунин хулоса омад:

«Азбаски шеваи шаҳри Бухоро шеваи ҳама маҳалро дар бар гирифта, шакли умумӣ пайдо кардааст, онро дар забони адабии тоҷик асос қарор дода, баъзе хусусиятҳои майда чуйдааш бароварда шавад ва ба ҳамин асос шеваҳои софи дигар маҳалҳо ҳам дар назар дошта шавад» [8, с. 30].

Дар ин мавзӯъ устод Айнӣ дар мақолаи дигари худ бо номи «Забони тоҷикӣ» муфассалтар сухан рондааст: «Лекин масъалаи хуш карда гирифтани лаҳҷа ва қабул карда гирифтани лаҳҷаҳои умумитар як масъалаест, ки ба андак-мандак кӯшиш ҳал намешавад. Нависандагони маҳаллӣ, ки дар гирди нашриёти тоҷик ғун шудаанд, донотарини инҳо танҳо лаҳҷаи Бухоро, Самарқанд, агар бисёр донанд, Хуҷандро медонанд. Ва ҳол он ки ин масъала ба ин қадарҳо кушода намешавад. Барои оммафаҳм кардани забони адабиёти тоҷик тафтиш кардан ва донистани лаҳҷаҳои кӯҳистон низ зарур аст, ки ба ин вазифа то ҳол даст расонида нашудааст.

Инро ҳам аз ёд набаровардан даркор аст, ки барои ба кор андохтани забони авомфаҳми тоҷик лаҳҷаи ҷоеро асос карда гирифтан лозим аст, лекин ба шарти пурра кардан ва дуруст кардани он бо лаҳҷаҳои ҷойҳои дигар. Масалан, агар мо гӯем, ки лаҳҷаи Бухороро асос карда мегирем, маънии ин он нест, ки сад фоиз бо риояи лаҳҷаи Бухоро менависем. Балки мақсад он аст, ки лаҳҷаи Бухороро асос карда мегирем, ҷойҳои дигарро тафтиш мекунем, ҳар қадар ки аз ҷойҳои дигар чизҳои муносиб ёбем, ба ин ҳамроҳ мекунем ва чизҳои нобоби лаҳҷаҳои Бухороро бароварда мепартоем» [7, с.21].

Аҷаб он аст, ки дар ин марҳилаи ҳалли масъалаи забони адабии тоҷикӣ ҳам андеша ва мулоҳизоти илмии муаллифи мақолаи «Фикрҳои мо дар бораи забони адабии тоҷик» А. Муҳиддинов ба эътибор гирифта нашуд. Ҳол он ки ӯ мухолифи лаҳҷаи ягон маҳалро асоси забони адабии тоҷик қарор додан буд ва ақида дошт, ки, пеш аз ҳама, бояд асосҳои илмӣ ва назарии мавзӯъ ҳал карда шавад. Ӯ чунин навишта буд: «Ба ақидаи мо, барои ба вуҷуд овардани забони адабӣ лаҳҷаи як ҷоеро чун асос шинохтан даркор нест, беҳтар аст, ки мо асосҳои назарӣ ва амалиро муайян кунем. Лаҳҷаи кадом ҷой, ки ба асосҳои мо мувофиқ ва наздик бошад, забони адабии мо низ ба он лаҳҷа наздик мешавад. Ё он ки он лаҳҷа ба забони адабии мо наздик мешавад. Мақсади мо ба вуҷуд овардани забони адабии маҳаллӣ (таъкиди мо-С.Н.) нест, бояд мо як забони адабӣ ба вуҷуд орем, ки фаҳмиданаш барои ҳамаи тоҷикзабонони шӯроӣ осон бошад. Забоне, ки барои оммаи мо фаҳмиданаш осон бошад, он забон барои мардуми порсигӯи Эрону Афғонистон ва Ҳиндустон ҳамчун забони адабии умумӣ пазируфта хоҳад шуд» [9].

Баъдтар дар соли 1948 дар «Мактуби кушода ба рафиқ Толис» (12 – декабри с.1948) устод Айнӣ боз ба масъалаи забони адабӣ ва лаҳҷа баргашта, чунин ақидаҳоро изҳор медорад: «Фарқи забони адабии тоҷик аз забони гуфтугӯ аз ҳад зиёд бисёр аст. Ҳатто онҳое ҳам, ки дар мактаб ва мадрасаҳои куҳна нисбат ба замони худ бо муваффақият хондаанд, дар байни худ бо ҳамон забони омма гуфтугӯ мекунанд. Ба фаҳми ман, дар кор фармудани луғатҳои маҳаллӣ бисёр эҳтиёт кардан, аммо чизҳои нағзи онро аз назар нагурезондан лозим аст. Дар лаҳҷаҳои маҳаллӣ, монанди «ибӣ»-и бухороиён (бухорогиён не!) калимаҳое ҳастанд, ки қобилияти умумӣ шудан надоранд ва ингуна калимаҳоро танҳо дар порчаҳои ҳаҷвӣ кор фармудан мумкин аст. Аммо дар забонҳои маҳаллӣ баъзе калимаҳо ҳастанд, ки баъзе касони бехабар онҳоро «забони қадимии мурда» мепиндоранд ва дар архаизм медароранд. Чунончи «гусел» дар Ленинобод дар байни авоми бесавод кор фармуда мешавад. Аммо бухороиён дар ҷойи ин калима «узод»-ро кор мефармоянд. Вазифаи нависандагон ингуна калимаҳоро умумӣ кардан аст.

Хулоса, дар забони зиндаи халқи тоҷик чунон хазинаҳо ҳастанд, ки пур аз дурдонаҳои пурқимат мебошанд. Вазифаи мо нависандагон ана ҳамон дурдонаҳоро ёфта ба омма туҳфа кардан аст, на ин ки дар бораи умумӣ кардани баъзе луғатҳои хона ё маҳаллаи худ бикӯшем!» [6, с.377].

Дар охир якчанд фикру ақидаи устод Айниро дар бораи роҳҳои пажӯҳиши забоншиносӣ ва таҳқиқи калимаҳои лаҳҷавӣ ва муқоисаи онҳо бо матнҳои адабиёти классикиро, ки имрӯз ҳам барои илми забоншиносии тоҷик аҳамияти хеле калон дорад, ба таври мухтасар баррасӣ менамоем. Ин фикру ақидаҳо барои тарзу усулҳои амалии ҷамъоварии маводи забоншиносӣ хеле муҳимманд. Дар мактуби худ ба Абдусалом Деҳотӣ аз 24- июли соли 1940 устод Айнӣ дараҷа ва марҳилаҳои таҳқиқи забоншиносии забони зиндаи халқ ва калимаҳои лаҳҷавиро ба се давра тақсим менамояд:

Марҳилаи аввал аз он иборат аст, ки барои омӯхтан ва ҷамъоварии калимаҳо аз забони зиндаи халқ ба минтақаҳои гуногун сафар карда, маводи забониро ҷамъоварӣ

карда, дар хотир ва зеҳни худ нигоҳ доштан лозим аст. Ин кор бояд ба таври амалӣ ва самарабахш анҷом ёбад. Дар ин бора худи устод Айнӣ чунин мегӯяд: «Барои ин кор ба мардумҳои районҳои гуногун мусоҳиба кардан ва ба районҳо сайр кардан даркор аст. Лекин ин сайру гашт бояд бо усули экспедицияҳои «забоншиносон» нашавад. Одатан, онҳо дар районҳо мегарданд, як луғати тозаро, ки шуниданд, аз гӯяндаи он такрор мепурсанд ва ба дафтарчаи худ (ғалат аст, ё рост) қайд мекунанду меоянд. Дар натиҷа «забоншинос» мешаванд, ин корро таҷриба тамоман рад мекунад. Бояд дар даруни мардуми гуногун гардед, ҳар чӣ шунавед, дар хотираи худ нигоҳ доред ва кӯшиш кунед, ки ин кор ба шумо одат шавад» [5, с.8].

Дар марҳилаи дуюм маводи ҷамъкардаи забонии як минтақаро бо маводи минтақаи дигар муқоиса карда, умумият ва фарқиятҳои онҳоро ташхис ва калимаҳои умумии онҳоро барои истифода дар забони адабӣ ва тадқиқотҳои забоншиносии баъдӣ ҷамъоварӣ намоем.

Дар давраи сеюм ин калимаву вожаҳои умумиро бо вожаву таркибҳои матнҳои классикӣ муқоиса бояд кард. Фақат дар ҳамин сурат ва иҷрои пайгиронаи ин амалҳо ба муваффақият ва натиҷаҳои дилхоҳ ноил шудан мумкин аст. Тавре ки худи устод мефармояд: «Албатта, ҳамаи инҳо якбора намешаванд, агар ин усул пеш гирифта шавад, дар рафти кор худ ба худ натиҷа ба даст медарояд» [5].

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ С. Аз забони Шоҳнома // Мунтахаби асархои илми, Айнӣ ва забони адабӣ. –Душанбе: Дониш, Ҷ.1, 2008.
2. Айнӣ С. Забон, услуб ва санъати шеърии Бедил // Мунтахаби асарҳои илмӣ, Ҷ.1, Айнӣ ва забони адабӣ.- Душанбе: Дониш, 2008.
3. Айнӣ С. Дар бораи китобҳои мактабии тоҷикон // Мунтахаби асарҳои илмӣ, Айнӣ ва забони адабӣ. - Душанбе: Дониш, Ҷ.1, 2008.
4. Айнӣ С. Дар атрофи забони форсӣ ва тоҷикӣ // Мунтахаби асарҳои илмӣ, Ҷ.1, Айнӣ ва забони адабӣ. - Душанбе: Дониш, 2008.
5. Айнӣ С. Ба Абдусалом Деҳотӣ // Шарқи сурх, 1956. -№ 4.
6. Айнӣ С. Мактуби кушода ба рафиқ Толис // Куллиёт. -Душанбе: Ирфон, Ҷ.11, Қ.2. 1964.
7. Айнӣ С. Забони тоҷикӣ // Раҳбари дониш, -№ 11-12. 1928.
8. Азизӣ Б. Ҷамъбасти Кенгоши илмии тоҷикони Узбекистон // Раҳбари дониш, -№2.
9. 9.Муҳиддинов А. Фикрҳои модар бораи забони адабии тоҷик / А.Муҳиддинов // Тоҷикистони сурх, 9 январи соли 1929.
10. Шакурӣ М. Забони мо ҳастии мост. 1991.
11. Эмомалӣ Раҳмон, Муждаи бахту пайки пирӯзӣ // Омӯзгор, №13, 28 марти соли 2008.

НАҚШИ АЙНӢ ДАР НАВСОЗИИ ЗАБОНИ АДАБӢ

Садриддин Айнӣ дар як давраи пурфоҷиаи таърих барои худогоҳии миллӣ, бедории мардуми тоҷик, ҳифзу нигоҳдории забони миллӣ, густариши фарҳангу тамаддун, инкишофи минбаъдаи давлатдории тоҷикон мубориза бурда, барои заминагузории давлатдории миллии тоҷикон хидматҳои босазое кардааст. Яке аз масъалаҳои асосии забоншиносии тоҷик дар ибтидои асри XX ва махсусан дар аввали солҳои сиюм масъалаҳои навсозии забони адабӣ, муносибати забони адабӣ ва осори адабиёти классикӣ, забони адабӣ ва лаҳҷа, интихоби меъёрҳо ва нормаҳои грамматикии забон, таҳияи китобҳои дарсӣ ва забони омма, таҳияи имло ва интихоби истилоҳоти корбурдӣ буд. Доир ба ин масъалаҳо устод Айнӣ дар ин давра мақолаҳое навишта, дар конференсияву анҷуманҳои зиёде иштироку суханронӣ карда, дар халли дурусти илмии онҳо саҳми босазое гузоштааст. Устод Айнӣ асарҳои адабиёти классикиро сарчашмаи ноби ғаномандии забони адабӣ дониста, истифодаи вожаҳо ва истилоҳоти он замонро яке аз василаҳои асосии бойшавии захираи луғавии забони тоҷикӣ донистааст. Устод Айнӣ дар иртибот бо таҳияи китобҳои дарсӣ дар баробари истифодаи сарчашмаҳо аз адабиёти классикӣ ва риояи меъёрҳои забони адабӣ, истифодаи калима ва вожаҳои ноби забони халқӣ ва гуфтугӯиро мегузорад. Дар иртибот ба таҳқиқи лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ва интихоби вожаҳо барои забони адабӣ марҳилаҳои пажӯҳиши лаҳҷаҳоро муайян менамояд, ки то имрӯз аҳамияти илмии худро гум накардааст.

Калидвожаҳо: Садриддин Айнӣ, забон, забоншиносӣ, забони адабӣ, фарҳангу тамаддун, вожа, захираи луғавӣ.

РОЛЬ АЙНИ В СТРОИТЕЛЬСТВЕ ЛИТЕРАТУРНОГО ЯЗЫКА

Научная и публицистическая деятельность устода Айни тесно связана с языковым строительством и установлением норм литературного языка. Его произведения сыграли огромную роль не только в строительстве языка, но и в установлении и укреплении национального государства, в защите основ государственности, в повышении национального самосознания таджикского народа. В начале XX века, особенно в тридцатые годы, одной из основных проблем таджикского языкознания стала проблема строительства языка, отношения литературного языка к памятникам языка классического периода, взаимоотношения языка и его диалектов, подготовки учебных пособий, а также вопросы орфографии и развития таджикской терминологии. В своих произведениях и выступлениях на различных съездах и конференциях устод активно защищал основополагающие исторические принципы развития таджикского языка, что, несомненно, сыграло огромную роль в правильном и научно обоснованном решении проблем строительства языка. Айни придавал огромное значение вопросам использования норм и слов классического языка в литературном языке и считал их использование одним из основных путей обогащения словарного запаса языка. Одновременно касаясь вопроса составления учебных

пособий, наряду с употреблением слов и терминов языка классического периода, он ставил проблему использования слов и словообразований диалектов языка.Исследование различных диалектов таджикского языка Айни распределяет на три периода, что не утратило свою научную актуальность и настоящее время.

Ключевые слова: Садриддин Айни, язык, языкознания, литературный язык, кульура и цивилизации, слова, словарный запас.

AYNI'S ROLE IN BUILDING A LITERARY LANGUAGE

Scientific and journalistic activity of ustod Ayni is closely connected with language construction and establishment of norms of literary language. His works played a huge role not only in the construction of the language, but also in the establishment and strengthening of the national state, in the protection of the foundations of statehood, in raising the national consciousness of the Tajik people. In the early twentieth century, especially in the thirties, one of the main problems of Tajik linguistics was the problem of language construction, the attitude of the literary language to the monuments of the language of the classical period, the relationship of language and its dialects, the preparation of textbooks, as well as spelling and development of Tajik terminology. In his works and speeches at various congresses and conferences, ustod actively defended the fundamental historical principles of the development of the Tajik language, which undoubtedly played a huge role in the correct and scientifically based solution of the problems of language construction. Ayni attached great importance to the use of the norms and words of the classical language in the literary language and considered their use as one of the main ways of enriching the vocabulary of the language. At the same time referring to the issue of compiling textbooks, along with the use of words and terms of the language of the classical period, he raised the problems of using words and word formations of dialects of the language. The study of various dialects of the Tajik language Ayni distributes into three periods, which has not lost its scientific relevance and present.

Key words: Sadriddin Aini, language, linguistics, literary language, culture and civilizations, words, vocabulary.

Сведения об авторе: ***Назарзода Сайфиддин*** – Таджикский национальный университет, профессор кафедры арабской филологии, член-корреспондент АН РТ. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 98-562-44-44**

Information about the author: ***Nazarzoda Saifiddin*** - Tajik National University, Professor of the Department of Arabic Philology, Corresponding Member of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 98-562-44-44**

УДК: 491.71-3Ц: 491.550-3

ЛЕКСЕМА ХЛЕБ/«НОН» В ДИАЛЕКТНЫХ СЛОВАРЯХ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА

Нагзибекова М.Б., Мирзоева З.Дж.
Таджикский национальный университет

Понятие **«хлеб/нон»** является концептуальной доминантой и занимает ведущую позицию в языковой картине мира таджикского языка. «Являясь главным средством существования, ведущим продуктом питания, хлеб одухотворяется, наделяется магическими свойствами, становится предметом воспевания, восхваления» [4, с.83].

Лексема ***«нон»,*** являющаяся именем концепта, в «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» представлена в следующих значениях:

НОН 1 نان . хӯроки асосии инсон, ки аз орд хамир карда мепазанд: нони гандум, нони гарм, нони заѓора, нони сафед, нони сиёҳ, нони тафтон, нони фатир, нони хонагї, нони хушк, нони љавин, нони ширмол; нон буридан, нон пухтан, нон пора кардан, нон шикастан а) нонро пора кардан; б) киноя аз духтареро ба арӯсї номзад кардан. 2. кит., маљ. хӯрок, ѓизо; нони муфт, ризќу рӯзии бе меҳнат ба даст омада.

В таджикском языке лексема, представляющая имя концепта, имеет два значения, одно из которых относится к «обобщенно-абстрактным культуремам» [14, с.46]. Основное же значение указывает на продукт, то есть «основная еда человека, приготовленная из муки». В данной словарной статье отмечена также и лексическая сочетаемость лексемы **«нон»:** пшеничный, горячий, овсяный, белый, черный, домашний, сухой, ржаной, сдобный.

Будучи частью концептосферы таджикского языка, диалектная концептосфера выражается в диалектной языковой картине мира.

Отличаясь от словарей литературного языка, диалектные словари таджикских говоров подводят итог дехканского опыта и таким образом выступают как средство фиксации культурной народной традиции. Будучи воссозданием духовной и материальной культуры народа, диалектный словарь характеризует картину объективного мира явлений и вещей посредством семантических описаний, одновременно отражая жизнь и быт народа. Специфика диалектных словарей заключается в наличии пояснительного материала, который состоит из контекстов живой обиходно-бытовой диалектной речи, что дает возможность сформировать «стереоскопическую интерпретацию культурной модели» по сумме голосов различных

носителей диалекта. Как отмечает Г.В. Калиткина, диалектные словари - «самый доступный и сводящий к минимуму возмущение среды способ фиксации традиционной культуры этноса. Они обнаруживают многоаспектную и многоуровневую иерархию ценностей и ориентиров этнокультурного коллектива, а не отдельных его представителей» [2, с.544-549].

Материалом, репрезентирующим диалектологический фонд таджикского языка, в нашем исследовании послужили следующие словари: 1) Луѓати мухтасари лаҳљаҳои Бухоро. Составители М.Махмудов, Б.Бердиев; 2) Фарҳанги гӯишҳои ҷанубии забони тоҷикї. Составители М.Махмудов, Г.Джураев.

Номинации концепта НОН в указанных диалектологических словарях формируют семантическое поле исследуемого концепта. Данные словари зафиксировали как односоставные, так и двусоставные номинации. В двусоставных названиях зависимый адъективный компонент выражает необходимые для таджиков качества данного продукта питания, которые указывают на его отличие от других видов мучных изделий.

Анализ фактического материала показал, что в таджикских диалектах лексема НОН представлена многочисленными номинациями этого пищевого продукта, разнообразие которых определяется следующими признаками:

1. По признаку **«состав муки»** в семантическую группу можно объединить следующие диалектизмы:

- **заѓора (Б.) // зъѓора** (Дм.) – 'лепешка из кукурузной или просяной муки'; заѓораи арзанї (Ќ.) - 'просяная лепешка', заѓораи ҷаҷварагї (Ёз.) - 'кукурузная лепешка';
- **заѓорагӣ //зъгорагӣ** (Вќ., К.) - 'лепешка или похлёбка, приготовленная из кукурузной муки';
- **кълесък** (Мӯм., Ёз., Хов.) – 'просяная лепешка';
- **кълчаи съманак** (Вќ., Ќ) - 'лепешка сравнительно меньшего диаметра, приготовленная из проросшей пшеницы';
- **къмуч** (Ёз., Лан.) - 'полусырая лепешка из ячневой муки или муки из мушунга (сорт гороха), приготовленная для прикорма домашнего скота';
- **нони арзанӣ** (Ѓќ., Љк) - 'просяная лепешка';
- **нони нимбезӣ** (Ќ.) - 'испеченная из отрубей лепешка';
- **нони қуноқӣ** (Вќ., Ќ.) - 'лепешка, приготовленная из кунока (вид зерновых, похожий на просо)';
- **нони ҷавӣ** - 'ячменная лепешка'
- **нони ҷугорӣ** (Ќ.) - 'испеченная из кукурузной или просяной муки лепешка';
- **сатрӣ // сатърӣ** (Вќ., Ќ., Шк.) // садрї (Ис.) - 'приготовленная из кукурузной или просяной муки лепешка, в которую иногда добавляют яйцо и масло';
- **съманъкин** (Бдх.) – 'толстая пресная лепешка из проросшей пшеницы, выпеченная на золе';
- **фатири ҷавин** (Ќ.) –'ячменная лепешка из пресного теста';
- **гънди** (Хов., Ток., Шуг., Дањ., Сам.) - 'лепешка из отрубей, приготовленная для собак и домашнего скота'.

2. По признаку **«содержащее дополнительные ингредиенты»** в семантическую группу следует отнести диалектизмы, характеризующие концепт НОН и номинирующие виды мучных изделий. Эти хлебобулочные изделия приготовлены из теста, в состав которого входят дополнительные ингредиенты помимо муки, соли и воды. В частности:

- **алобичак** (Б.) - 'лепешка, три четверти которой составляют травы';
- **кълча** (Сист.) - 'лепешка сравнительно меньшего диаметра, приготовленная на молоке и масле';
- **кълчаи холхолак** (Ќ.) - 'лепешка маленьких размеров, приготовленная на молоке и масле'; кълчаи ширмолї (Ќ.) - 'лепешка маленьких размеров, приготовленная на молоке и масле, поверхность которой смазана каймаком';
- **қуймоқ** (Књ.) - 'тонкие лепешки, жаренные на масле, тесто которых замешено на яйцах, масле, луке и овощах';
- **нони кунҷитӣ** (Б.) - 'лепешка, поверхность которой украшена кунжутом';
- **нони мӯрча** (Б.) - 'лепешка, поверхность которой украшена семенами чернушки';
- **нони ҷоҷӣ** (Вќ., Љ.) - 'лепешка из дрожжевого теста, смешанного с сиёлафом (род съедобной травы)';
- **фатири пиёздор** (Ќ.) - 'лепешка из пресного теста, смешанного с луком';
- **фатири ҷазакдор** (Ќ.) // **фатири ҷаззин** (Б.) - 'лепешка из пресного теста со шкварками';

- чак-чак – 'небольшие кусочки сдобного теста, обжаренные на масле с добавлением мёда';

- **чагалдак** (Ґк., Књ., Шк.) // **чъғалдак** (Вќ.) // **чекалдак** (Ќ.) // **чағалдак** – небольшие круглые куски теста с луком, кинзой, перцем, базаликом, обжаренные в масле;

-чалмафатир (Б.) - 'лепешка из пресного теста с луком или тыквой';

- **чойкълча** (Вќ.) - 'лепешка сравнительно меньшего диаметра, приготовленная на молоке и масле';

- **ширмонкулча** (Б.) - 'лепешка, из замешенного на молоке и гороховом настое теста';

- **ширфатир** (Ёз., Бдх.) - 'лепешка из пресного теста, замешенного на молоке'.

3. Следующая семантическая группа представлена диалектизмами, маркированными по признаку **«способ приготовления хлеба»:**

- **бурсоқ** (Пд., Хов.) **// бърсоқ** (Лахш, Ск.) - 'жаренные на масле небольшие кусочки теста';

- **гижда** (Б.) – 'небольшие лепешки, приготовленные из молока и масла в заводской духовке';

- **деги** (Нӯш.) - 'лепешка, приготовленная в казане';

- **десахтӣ** (Б.) - 'национальная лепешка, выпекаемая в казане';

- **къмоч** (Ќўш.) // **кумоч** (Дб., Кап., Ст., Ош.) // **къмоч** (Нӯш., Ҳич., Хов., Ёх., Ҳақ.) // **кӯмоч** (Б.) – 'лепешка, приготовленная на мелких углях, покрытых пеплом, на раскаленном песке и раскаленных камнях пастухами на пастбищах';

- **кумочқазон** (Оќ.) - 'лепешка, приготовленная в казане или сковороде, помещенных в пекло огня';

- **кулчаи тагалови** (Ќ.) - 'небольшая лепешка на молоке и масле, приготовленная в пекле огня';

- **қатърма** (Қ.) **// қатрма** (Кҳ.) - 'лепешка из невыдержанного теста, приготовленная на сковороде';

- **қуймоқ** (Кҳ.) - 'жаренная на масле лепешка из муки, яиц, овощей';

- **нони деги** (Қ.) - 'приготовленная в казане лепешка';

- **нони товагӣ** (Хов.) - 'приготовленная на каменной сковороде лепешка';

- **орзъқ // орзқ** (Дег., Мӯм.) - 'жаренные на масле небольшие кусочки теста, замешенного на молоке и яйцах';

- **пасбанд** (Қ.) - 'последнее испеченное в тандыре лепешка';

- **ришок** (Т-вах.) - 'тоненькая лепешка, приготовленная на раскаленной каменной сковороде';

- **съманъкин** (Бдх.) - 'лепешка, приготовленная на мелких углях, покрытых пеплом, на раскаленном песке и раскаленных камнях из теста, замешенного из проросшей пшеницы';

- **чагалдак** (Ґќ., Књ., Шк.) // **чъғалдак** (Вқ.) **// чекалдак** (Қ.) **// чағалдак** – небольшие круглые куски теста с луком, кинзой, перцем, базаликом, обжаренные в масле.

4. Четвертая семантическая группа представлена диалектизмами, номинирующими разновидности хлебобулочных изделий по признаку **«толщина/тонкость лепешки»,** поскольку данный признак является релевантным при характеристике лепешек:

- **гавокӣ** (Шк.) - 'вид толстой лепешки';

- **гармак** (Обл.) - 'вид очень тонкой лепешки';

- **гирда** (Вқ., Қ.) - 'вид лепешки, более тонкой по сравнению с обычной';

- **гърдача // гирдача** (Вќ., Ќ.) - 'тонкая пресная лепешка';

- **нимнуна** (Қ.) – 'очень тонкая лепешка';

- **нони тънък** (Ҷк.) - 'тонкая лепешка';

- **нони қасимхонӣ** (Б.) - 'большая тонкая лепешка';

- **тарахтов // търахтоб** (Т.-вах.) - 'тонкая лепешка';

- **тънькӣ (**Мум., Сх., Хов.) - 'тонкая лепешка';

- **тънькча // тоникча** (Т.-вах.) - 'тонкая лепешка из пресного теста'.

5. Следующая семантическая группа репрезентирована диалектными наименованиями, объединенными по признаку **«разновидности лепешек»**. Данный признак подразумевает разнообразие номинаций лексемы *нон*, изготовленных из одинакового состава теста и одинаковым способом:

- **ғавокӣ** (Шк.) - 'вид лепешки';

- **ғавсаки** (Вќ., Шк., Ґк.) – вид лепешки';

- **калфатир** (Б.) - 'лепешка из невыдержанного теста';

- **мийонпар** (Б.) - 'лепешка из жидкого теста, которую украшают *нонпаром* - специальным приспособлением с проволочной щёткой для прокалывания раскатанного теста';

- **нони обӣ (**Ӣ.) - 'лепешки из лепешечного цеха';
- **нони хамирӣ** (Ӣ., Шк.) - 'лепешка из дрожжевого теста';
- **нони хол-холақ** (Хов.) – 'вид лепешки';
- **нони хонагӣ** (Ӣ.) - 'вид лепешки';
- **нони ғалберӣ** (Б.) – 'лепешка, поверхность которой украшают нонпаром - специальным приспособлением с проволочной щёткой для прокалывания раскатанного теста';
- **нунча (**Гх, Тд.) - 'лепешка меньших размеров';

6. Признак **«принадлежность к обряду»** является актуальным для выделения хлеба и в таджикском языке, поскольку выражается в лексемах, отражающих национальную картину мира и национальную ментальность. Диалектизмы, содержащие данный признак, также следует объединить в отдельную семантическую группу:

- **бӯ(ӣ)** (Б.) - 'обрядовая тонкая лепешка, жаренная на масле, трех- или четырехугольной формы';
- **кулчаи арус** (Ӣ.) – 'специально приготовленная для проводов невесты лепешка маленького диаметра, замешенного на молоке и масле и украшенная *нонпаром* - специальным приспособлением с проволочной щёткой для прокалывания раскатанного теста';
- **нони муборакбодӣ** (Б.) - 'лепешка с обряда обручения';
- **нони сари келин** (Б.) // нони бахт (Б.) - 'лепешка, которую кладут у головы невесты в ночь заключения брака';
- **нони това** (Т.-ишк.) - 'тонкая лепешка, которую готовят к свадьбе';
- **сумалак // суманак** - 'традиционная лепешка или блюдо, которую готовят из солода, проращенных зерен пшеницы и муки обычно весной';
- **хъчък** (Т.-вах.) - 'обрядовая тонкая лепешка, жаренная на масле'.

Калидвожаҳо: семантика, калимасозӣ, геология, дипломатия, истилоҳот, сохтор, маънӣ, тағйирот, илмӣ, истилоҳи геологӣ, истилоҳи дипломатӣ.

СЕМАНТИЧЕСКИЙ СПОСОБ СЛОВООБРАЗОВАНИЯ ДИПЛОМАТИЧЕСКОЙ И ГЕОЛОГИЧЕСКОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ В РАЗНОСИСТЕМНЫХ ЯЗЫКАХ (русский, таджикский, английский)

В данной статье речь идет о семантическом способе словообразования дипломатической и геологической терминологии в разносистемных языках (русский, таджикский, английский). Семантический способ является одним из важнейших способов образования не только в дипломатической и геологической терминологии, но и во многих других отраслях науки. Значительное количество научных терминов во многих языках образуется путем изменения значений слов общелитературного языка и терминов, заимствованных из других отраслей науки. Процесс терминологизации непростой. Он касается, прежде всего, семантических свойств терминологизируемых лексических единиц. Процесс терминологизации соприкасается с соотношением различных типов значений и понятийного аспекта, которыми различаются термины и общелитературные слова. При семантическом способе образования дипломатической терминологии в русском и таджикском языках, наблюдаются следующие типы развития семантики слов: а) терминологизация общелитературных (в том числе и общенародных) слов; б) специализация значений общелитературного слова и словосочетания; в) семантическое переосмысление издавна существующих в языке слов. Проникая в сферу определенной науки для наименования назначенных понятий, слова общелитературного языка приобретают те свойства, которыми характеризуются термины, т.е. терминологизируются.

Ключевые слова: семантика, словообразования, геология, дипломатия, терминология, структура, значение, изменения, научный, геологический термин, дипломатический термин.

SEMANTIC METHOD OF WORD FORMATION OF DIPLOMATIC AND GEOLOGICAL TERMINOLOGIES IN DIFFERENT LANGUAGES (russian, tajik, english)

In this article has given information about the semantic method of word-formation of diplomatic and geological terminologies in different-system languages (Russian, Tajik, and English). The semantic method is one of the most important ways of education is not only in diplomatic and geological terminology, but also in many other branches of science. A significant number of scientific terms in many languages are formed by changing the meanings of the words of the general literary language and terms borrowed from other branches of science. The process of terminology is not easy. It concerns, first of all, the semantic properties of terminological lexical units. The process of terminology comes in contact with the correlation of different types of meanings and conceptual aspect, by which terms and general literary terms are distinguished. In the semantic way of the formation of diplomatic and geological terminology in English, Russian and Tajik, the following types of development of the semantics of words are observed: a) terminology of general literary (including national) words; b) specialization of values of the general literary word and word combination; c) semantic reinterpretation of words that exist in the language from time immemorial. Penetrating into the sphere of a particular

science for the name of the designated concepts, the words of the general literary language acquire those properties that characterize the terms.

Key words: semantics, word formation, geology, diplomacy, terminology, structure, meaning, change, scientific, geological terminology, diplomatic terminology.

Сведения об авторах: ***Саидов Х.А.*** **-** Таджикский национальный университет, доктор филологических наук; профессор кафедры английского языка. E-mail: **halimsaidov@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-78-09-00**
Раззокбердиев Ш.С. – Таджикский национальный университет, аспирант общеуниверситетской кафедры английского языка. E-mail: **sharafjon22@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-454-77-07**

Information about the authors: ***Saidov Kh.A.*** - Tajik National University, Doctor of Philology; Professor of the English Language Department. E-mail: **halimsaidov@mail.ru.** Tel.: **(+992) 918-78-09-00**
Razzokberdiev Sh.S. - Tajik National University, graduate student of the university-wide department of English. E-mail: **sharafjon22@mail.ru.** Tel.: **(+992) 93-454-77-07**

УДК: 491.550

КОННОТАТСИЯ

Гулназарова Ж.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Истилоҳи “коннотатсия”-ро дар забоншиносӣ аввалин маротиба Леонард Блумфилд аз равоншинос Ҷ. Милл гирифта, истифода кардааст (аз забони лотинӣ – con “ҳамроҳ, якҷоя бо...”, notatio “ифода” – “маънои иловагӣ, маънои бо маънои маъмулӣ ҳамсафар, ҳамроҳ”). Дар семасиологияи муосир ин мафҳум доираи мундариҷаи худро васеъ ва гуногунҷабҳа намуд. Бояд ёдовар шуд, ки калимаҳо дорои маъноҳои мухталиф мебошанд ва ҳар яке аз онҳо вобаста ба мавриди истеъмол ва қобилияти ифода кардани ин ё он маъно истифода мешаванд. Ба ғайр аз ин, қисми зиёди ин маъноҳо муносибат ва баҳодиҳии мушаххас (хуб ё бад)-ро ба объекти номбаршуда ифода мекунанд ва ифодаҳои фразеологӣ ҳатто қобилияти дар худ ифода кардани маълумоти муассиру гурӯҳиро доранд.

Забоншинос Н.Ф. Алефиренко меорад, ки “коннотатсия ҳамеша бо ҳар роҳ бо тобиши маънои муассири воҳидҳои номинативии забон алоқаманд аст. Ин равиш бо омӯзиши ин падида дар забонҳо дараҷаи ҷамъ ва захира намудани маводи зарурӣ доир ба тарзи барқарор намудани маънои «иловагӣ»-и калима ва ифодаро, ки ба забон экспрессивият, вижагии миллӣ-забонӣ, арзиши маданӣ медиҳад ва бо ҳамин васила муассирияти прагматикӣ, ё ба таври дигар, таъсири нутқро бештар мекунад, мефаҳмонад» [3, с.162]. Вобаста ба ҳамин андешаҳои олимонро дар мавриди ин ҷузъи маънои луғавӣ меорад. Масалан, ба ақидаи Э.С. Азнаурова, И.В. Арнольд, В. Н. Телия, В. И. Шаховский коннотатсия қисми таркибии мундариҷаи семантикии воҳидҳои номинативӣ, ҷилои тобишҳои маъноии воҳидҳои забонӣ, ҷузъи импликатсионалии аз ҷилоҳои симои маънои калима ва фразеологизм таркибёфта, маънои услубии калима мебошад ва ба ақидаи Ю. Д. Апресян, Н. Г. Комлев, Д. Н. Шмелев ин падида қисми таркибии семантикаи забонӣ маҳсуб намеёбад [3, с.163].

Н.Ф. Алефиренко дар се қисмат вижагиҳои ин ҷузъи маънои луғавиро нишон медиҳад: а) хусусияти илова будан ба маънои денотативӣ; б) дар муносибат ба маънои денотативӣ дуюмдараҷа будан; в) ифодаи маълумоти эҳсосотӣ, экспрессивӣ ва баҳодиҳӣ ва ҳамзамон зикр мекунад, ки ин хусусият наметавонад пурра мавқеи лингвистии ин ҷузъи маъноиро, ки “гӯё, пеш аз ҳама, муайян кардани хусусияти муносибати коннотатсия ба сохтори маъноии калима ё фразеологизм аст”, ошкор кунад [3, с.162]. Вобаста ба ин меорад, ки “коннотатсия - ҷанбаи маъноии воҳидҳои номинативӣ, ки дар худ моҳияти маънои ҳиссиётӣ, муассирӣ, услубиро, ки на инъикоскунандаи хусусияти объектҳои ифодашаванда, балки муносибати гӯянда ба ифодакунанда ё шароиту вазъияти нутқ аст, мебошад” [3, с.169].

В.И. Шаховский мегӯяд, ки «коннотатсия – аспекти маънои луғавии воҳидҳост, ки бо ёрии он ба таври пӯшида ва рамзӣ ҳолати ҳиссиётии гӯянда ва муносибати дар ҳолат созгоромадаи ӯ ба нишонӣ, ашё ва объект дар нутқ ва вазъияте, ки ҳамон нутқро ба вуҷуд меорад, ифода мешавад» [12, с.14].

Н.Ф. Алефиренко овардааст: «Ба сабаби он ки коннотатсия на хусусияти денотат, балки муносибати муайяни гӯяндаро ба денотат инъикос мекунад ва вазъияти муоширатро махсусият медиҳад, баҳодиҳӣ маънои (семаи) коннотативӣ маҳсуб меёбад»

[3,с.168]. Дар муносибат ба ин В.И. Шаховский хулоса мекунад, ки «вобаста ба он ки эмотивият - коннотативӣ ва экспрессивият - денотативӣ ва ҳар як эмотивият экспрессивист, созгор ва мувофиқ аст, зеро ин категорияҳо бо ҳам алоқаманданд: ҳамаи воҳидҳои эмотивӣ дар денотат ҳатман маънои экспрессивӣ доранд, аммо на ҳама экспрессивият бартарияти коннотатсияи эмотивиро пешниҳод мекунанд» [12, с.33].

Вобаста ба дараҷа ва ҳаҷму доираи таҳқиқ коннотатсия ба маънои васеъ ва маънои нисбатан маҳдуд қабул шудааст. Коннотатсия ба маънои васеаш он хусусияти маъноии калимаро, ки ба шарофати ворид кардан, илова намудани маълумот (маъно) ва имконияти тасвири воҳиди луғавӣ падид омадааст, ифода мекунад.

Ба ақидаи В.Н. Телия коннотатсия ба маънои васеъ «дилхоҳ ҷузъ, ки мундариҷаи ашёӣ-мафҳумӣ, инчунин грамматикии воҳидҳои забонро пурра мекунад ва дар заминаи маълумот муассирӣ медиҳад ва вобаста ба маҷмӯи дониш ва муносибати ҳиссиётӣ ва баҳодиҳии гӯянда, услуб, махсусияти шароити нутқ, муносибати иҷтимоии муошираткунандагон ифода мегардад, мебошад» [11, с.26].

И.В. Арнолд коннотатсияро ҳамчун ҷузъи маънои системавии аломат (знак) таҳлил мекунад ва дар маънои луғавӣ факултативӣ будани онро зикр мекунад [4, с.36-39].

Ба андешаи И.А.Стернин «коннотатсия ҳамчун маълумоти иловагӣ дар муносибат ба мафҳум, қисми маъно алоқаманд бо характеристикаи вазъияти муошират ва муошираткунандагон ва муносибати муайян дар нутқ фаҳмида мешавад» [10, с. 89].

Т.С. Горохова зикр мекунад, ки дар забон калимаҳои ғайриассотсиявӣ нест ва ҳамзамон калимаҳои ғайриконнотативӣ хеле зиёданд. Аз ин рӯ, ассотсиатсия ҳанӯз коннотатсия ва, бештар аз ин, ҳатто маъно нест, зеро маъноӣ нест, аммо метавонад ҳамчун асос барои коннотатсия хизмат кунад. Коннотатсия ба денотат алоқаманд аст, яъне ба иттиҳоди моҳият на ба референт. Чунончи: «Барои пайдоиши коннотатсия сатҳи баланди салоҳиятнокии забонӣ зарур аст, зеро коннотатсия на танҳо ҷузъи дониши ҷаҳонӣ, балки ҷузъи дониши забонист. Ҳар як калима дар ҳудуди худ марзи пуркуввати ассотсиявӣ дорад ва қисме аз он шаклҳо дар маънои коннотативӣ метавонанд роҳандозӣ шаванд» [6, с.5].

Бояд гуфт, ки дар мавриди баҳс навъҳои коннотатсия ба вуҷуд омадааст.

Н.Ф. Алефиренко робита, алоқамандӣ ва вобастагии маънои денотативӣ ва коннотативиро зина ба зина тавассути нишонагузорӣ (индекс) муайян намуда, дар заминаи таҳлили муҳаққиқон типологияи конотатсия: функсионалӣ ва мундариҷавиро ҷудо мекунад. Таҳқиқи Л. А. Сергееваро ба типи аввал ворид мешавад. Л. А. Сергеева се навъи он – мундариҷавӣ, муассирӣ-баҳодиҳӣ ва меъёриро ҷудо намудааст. Ба навъи аввал маъноҳое дохиланд, ки онҳо хеле пӯшидаанд ва бидуни мундариҷаи умумии матн онҳоро пайхас кардан ва фаҳмидан душвор аст. Навъи дуюм бо навъи аввал алоқаманд буда, дар навъи дуюм ҳам хусусияти сифатӣ ва ҳам миқдорӣ тавассути обуранг додан, муассир ифода кардан ва баҳо додан дида мешавад. Навъи сеюми коннотатсия дар доираи меъёри муайяни системаи забон ба вуҷуд омадааст. Интихоби ин ё он навъ аз 1) вижагии хосси воқеот, ашё ё номинатсияи он, 2) вазифаҳои мухобиротии нутқ ва 3) хусусияти сохтории забон вобаста аст [3,с.171-173].

Ба типологияи коннотатсияи мундариҷавӣ таҳлили В. И. Говердовский ворид мешавад, ки номбурда панҷ навъи коннотатсия –матнӣ, мавзӯӣ, таърихӣ-маданӣ, таърихӣ-забонӣ ва муассирӣ-баҳодиҳиро таҳлил намудааст. В. И. Говердовский зикр мекунад, ки коннотатсия қисми «миёнарав» байни «маъно» ва «истеъмол» ё «истифода» мебошад. Вобаста ба ҳамин, дар таснифоти вай як қисми коннотатсия ба истифодаи калима ва қисми дигар ба истифодаи маъно наздик мешаванд [5, с.17-22].

Куруши Сафавӣ дар тарҷумаи китоби Ф.Полмер «Нигоҳе тоза ба маъношиносӣ» маънои эмотивиро, маънои «отифӣ» ва маънои коннотативиро маънои «зимнӣ» гуфта, меорад, ки шарҳи калимаҳо вобаста дар муқоиса аз рӯйи тавозуни хуб/бад сурат мегирад [13, с.41].

Дар китоби худ «Даромаде ба маъношиносӣ» бар ин масъала бештар таваҷҷуҳ намуда, вобаста ба гуфтаҳои олимони Аврупо муодилҳои форсии истилоҳоти маъношиносиро доир ба навъҳои маъно чун «дарунзабонӣ» ва «бурунзабонӣ», «ирҷоӣ» ва «ғайриирҷоӣ», «далолати масдоқӣ» ва «далолати мафҳумӣ», «раҳёфти ирҷоӣ» ва «раҳёфти бознамудӣ» баён дошта, меорад, ки ҳар яке аз инҳо дар танҳоӣ наметавонанд «мабнои мутолиаи маъно қарор гиранд ва маъно чизе пеш аз ирҷоъ сарф ба ҷаҳони хориҷ аст» [14,с.68]. Ва хулоса мекунад, ки «бар ҳасби воқеоти мавҷуд ба дунболи тарҳи фарзияе бошем, ки дукутбӣ амал кунад, яъне мушаххас созад инсон аз ҷаҳони хориҷ чӣ «чиз»-ро интихоб мекунад ва дар зеҳни худ ҷо медиҳад ва бар ҳасби таркибу интихобҳои баъдӣ мафоҳимро падид меоварад ва ин мафоҳимро дар низоми маъноии забон ба кор мегирад»

[14, с.79]. Дар «Навиштаҳои пароканда»-и худ дар тарҷумаи мақолаи «Маъношиносӣ»-и Д. А. Круз меорад, ки «яке аз роҳҳои халосӣ аз дасти мафҳум таъкид бар он нукта аст, ки маънои як вожа ҳамон чизе аст, ки ин вожа бар он далолат мекунад. Агар чунин дидгоҳеро бипазирем, гирифтор ба самти назарияҳое ёфтаем, ки «ирҷоӣ» (референс) номида мешаванд. Содатарин назарияи ирҷоӣ маънои як вожаро ҳамон масдоқи ҷаҳони хориҷ медонанд ва назарияи мӯшикофонатар бар ин поя қарор мегирад, ки маъно ҳамоно робитаи мустақим миёни вожа ва масдоқ аст». Ва хулоса «Вожа ба чизе дар ҷаҳони хориҷ ирҷоъ медиҳад», аммо ин ҳолат низ мушкилоте пеш меорад, зеро калимаҳое мавҷуданд, ки ба ягон вақт ба ҷаҳони хориҷ ирҷоъ намекунанд (Масалан: пиндоштан). Ҳатто феълҳои ифодагари амал ба мисли рафтан низ ба амали мушаххас ва хос далолат намекунад. Пас маънии вожа ба чизе ирҷоъ намедиҳад, балки ба чизе далолат дорад. «Як вожа ба гурӯҳе аз амал далолат мекунад ва ба ҳамин далел аст, ки вожаи «рафтан» бар ҳар чизе, ки амал аст, далолат мекунад. Бар ҳамин асос аст, ки метавон ҷумлаи «Салим ба мактаб рафт»-ро дарк кард, аммо чунин далолатеро бояд «далолати сареҳ» (денотатсия) донист ва ба вуҷуди «далолати зимнӣ» (коннотатсия) низ қоил шуд. Як вожа метавонад аз далолати зимнӣ низ бархӯрдор бошад. Далолати зимнии як вожа мухтас ё мухтасотест, ки бархӯрдорӣ аз онҳо барои корбурди дурусти як вожа шартӣ, зарурӣ ҳаст ба ҳамин далел вожаи «рафтан» ба шакли зимнӣ ба ҳар амале, ки битавонад шароити «амали рафтан»-ро таъмин кунад, далолат хоҳад кард. Ва зикр мегардад, ки ҳар як вожае метавонад аз ин ё он далолатҳои номбурда орӣ бошад [15, с.376-377].

Дар маъношиносии муосири забони тоҷикӣ ҳангоми омӯзиши вижагиҳои он Ҳ. Маҷидов чанд нукотро қайд кардааст, ки ба мавзӯи мавриди баҳс созгор аст.

Сараввал маъноҳои луғавиро вобаста ба тарзи зоҳиршавияшон ба маъноҳои озод ва устувор ҷудо мекунад. Ба гурӯҳи якум маъноҳои мафҳумӣ, эҳсосотӣ, модалӣ, ишоратиро дохил мекунад ва қайд мекунад, ки «анвои зикршудаи маънои луғавӣ аз ҷумлаи унсурҳои доимии системаи семантикии забонамон маҳсуб меёбад» ва «баробари чунин унсурҳои доимии семантикӣ дар нутқи ҳамарӯзаи мардум мумкин аст, ин ё он маъное ба кор бурда шавад, ки характери лаҳзавӣ дорад ва хосияти умумихалқӣ буданро ҳанӯз касб накардааст. Чунин маъноҳо бештар дар зери қалами адибони ҷудогона тавлид меёбанд ва одатан бо номи «истеъмол» маъруфанд. Истеъмоли ҷудогонаи маъноӣ, мумкин аст, рафта-рафта умумихалқӣ шуда, ба унсурҳои доимии системаи забон табдил ёбанд» [8, с.28].

Ҳ. Маҷидов зикр мекунад, ки гурӯҳи дуюми маъноҳои луғавӣ «доираи маҳдуди зоҳиршавӣ доранд» ва онҳоро маъноҳои устувори калима ё ки маъноҳои вобастаи фразеологӣ меномад. Чунин маъноҳо робитаи худро бо воқеият, ҳодисаю шайъҳои воқеӣ гум накардаанд. Онҳоро ба осонӣ таҷзия карда, маънидод кардан мумкин аст. Дар ин ҳолат, агар аз як тараф, доираи ҳамнишинии маъноҳои ҷудогонаи луғавӣ маҳдуд шавад, аз тарафи дигар, маънои вобастаи фразеологӣ ба вуҷуд меояд. Ин маъно «ҷудонопазир» буда, бо маънои ҷузъҳои дигари ифодаи рехта омезиш меёбад ва ба маънои яклухт мубаддал мегардад [8, с.28-29].

М. Саломов ҳангоми баррасии вижагиҳои забони ғазал меорад, ки «калима, аз як тараф, дар алоҳидагӣ ҳамчун воҳиди маъноӣ танҳо он маъноеро ифода менамояд, ки ба худи худ дорад ва дар фарҳангу луғатҳо, пеш аз ҳама, ҳамон маъно шарҳ дода шудааст…, аз тарафи дигар, калима ғайр аз маънои луғавии худ барои ифодаи маънои дигаре низ омада метавонад… Калима дар ин маврид ба худи худ не, балки дар натиҷаи алоқамандӣ ва ҳамнишинӣ бо дигар вожаҳо дар матн ва нутқ маънои дуюм ё маҷозии худро касб менамояд» [9, с.171].

М. Саломов ҳангоми баррасии истилоҳи маҷоз дар лингвистика андешаҳои олимону муҳаққиқони зиёдеро таҳлил мекунад ва гуфтаҳои С. М. Мезенинро дар мисоли корбурди калимаи ***заргӯш*** ба маънои шахси тарсу дар мавриди образнокӣ оварда, мегӯяд: «Мушоҳидаҳо ва таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки маҷоз ба ҳамаи қабатҳои нутқ ва сабку услубҳо роҳ ёфтааст. Вале ин мафҳум дар нутқи гуфтугӯӣ ва нутқи бадеӣ нақши бештаре дорад. Агар дар дигар қабатҳои забон он вазифаи номинативиро дошта бошад, дар нутқи шифоҳӣ ва бадеӣ маҷоз вазифаи муассирӣ ва эҳсосангезро дорад, вале роҳҳои ифодаи он дар нутқи шифоҳӣ ва нутқи бадеӣ гуногун аст» [9, с.176].

Бояд гуфт, ки намунаи М. Мезенин дар маъношиносии муосир коннотатсия аст, калимаи ***заргӯш*** коннотатсияи маънои тарсу маҳсуб меёбад, яъне ба калимаи ***заргӯш*** маънои тарсу илова шудааст ва барои ифодаи маънои тарсу лексемаи ***заргӯш*** созгор аст. Аз ин бармеояд, ки образнокӣ дар маҷоз ва маҷоз дар коннотатсияи маъноӣ саҳмгузоранд.

Ҳ. Маҷидов ин навъи маъноро ба гурӯҳи маъноҳои иловагӣ дохил намуда, меорад: «Маъноҳои иловагии луғавӣ давоми мантиқии маънои асосӣ мебошанд. Дар онҳо

аломатҳои гуногуни маънои асосӣ, паҳлуҳои мухталиф ва нишонаҳои фарқноки он инъикос меёбанд» [8,с.48].

Пас аз ин баррасиҳои донишмандону муҳаққиқон метавон қазоват кард, ки коннотатсия дар забоншиносӣ падидаи хоссе буда, бо вижагии худ дар системаи маъношиносӣ мавқеи муайян дорад.

Забоншинос Б. Камолиддинов қайд мекунад, ки феъл дар забони тоҷикӣ "дар тасвири зинда, реалӣ ва образноки ҳодисаю воқеаҳо" саҳми бузурге дорад, зеро "тасвири бе феъл нақши ҷисмҳои бечонро мемонад. Феъл ба тасвир ҷон мебахшад, ҷисмҳои бечони беҳаракатро зинда месозад ва ба ҳаракат меоварад. Аслан табиат ва маҷрои зиндагиро бе феъл тасвир кардан мумкин нест" [7, с.24-25]. Аз ин ҷост, ки коннотатсияи феъл хусусияти худро дорост. Масалан, феълҳои **рафтан, гузаштан** коннотатсияи маънои мурдан, феъли **неш задан** коннотатсияи маънои киноя гуфтан мебошанд.

Коннотатсия дар феълҳо бештар дар ҳамнишинӣ бо дигар калимаҳо дар заминаи иттиҳодан дарк кардани воқеият муайян мегардад.

Пеша кун афв ба хубию хвашӣ,
***Бугзар** аз нохушию кинакашӣ [1, с. 99].*

Феъли **гузаштан** дар ин байт ба маънои парҳез кардан, тарк кардан омадааст. Ҷилоҳо ва тобишҳои маъноӣ ва сохти феъл ба ин далолат мекунанд, зеро "феълҳо дар матн ё мавриди сухан тобишу ҷилоҳои тозаи маъноӣ пайдо мекунанд ва ба ифодаи нозукиҳои маъно замина фароҳам меоваранд".

*Ба ҳар як чанд сар **бофад дурӯге**,*
Диҳад з-он гавҳари худро фурӯге [2, с.206].

Феъли бофтан коннотатсияи маънои дурӯғ гуфтан аст.

Вобаста ба хусусияти системавӣ-функсионалии феъл таҳлил намудани коннотатсияи феъл имкон медиҳад, ки тарзи ифода ва вижагии коннотат дар дарки луғавӣ-маъноии олами воқеӣ нишон дода шавад ва воҳидҳои фразеологии феълӣ дар ин маврид таъсири нишонраси худро мегузоранд.

*Ҳар кӣ гӯяд хону нони ман, **бикаш***
***Пой**и хеш аз хону **даст** аз нони ӯ [1, с.39].*

Дар ин байт **пой кашидан** ба маънои парҳез кардан, қатъ кардан, тарк кардан ва дар байти дуюм ба маънои хестан, бархестан аз хоб истифода шудааст. Феъли **даст кашидан** ба маънии аз баҳри чизе гузаштан, тарк кардан, парҳезидан омадааст.

Бояд гуфт, ки «феълҳо дорои обуранги услубӣ ва эмотсионалӣ буда, муносибатҳои гуногуни мутакаллим ва ҳиссиёту ҳаяҷонро табиӣ ва барҷаста ифода мекунанд» [7, с.25].

*В-он кӣ **шӯяд даст**, чун **пой** аз сари бистар **кашид**,*
*То ба хону суфра **даст орад**, **даст** аз вай **бишӯй** [1, с.21].*

Дар мисраи аввали байт **даст шустан** ба маънои даст шустани маъмулӣ, яъне танҳо барои тоза ва покии даст не, балки аз хоб хеста, ҳамзамон даст шуста, ба хон нишастан, яъне танҳо дар фикри хӯрдан буданро дорад, омадааст ва дар мисраи дувум **даст шустан** ба маънои гузаштан аз баҳри чизе, парҳез кардан аз каси нафспарвар, ки чун баробари аз хоб хестан аввал ва танҳо майли хӯрдан дорад, омадааст. Феъли **даст овардан** ба маънои даст дароз кардан ба кор рафтааст.

Вобаста ба матн таҳлил намудани коннотатсияи феъл имкон медиҳад, ки на танҳо хусусияти коннотативии феълҳоро, балки махсусияти мавҷудияти онҳоро ба сифати ҷузъи системаи воситаҳои номинативии нутқи инсон нишон диҳад, зеро махсусан дар матн алоқамандии семантика, наҳв ва прагматика, пайванди эпидигматикӣ, прагматикӣ ва синтагматикии вожаҳо инъикос меёбад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдураҳмони Ҷомӣ. Панду ҳикматҳо.– Душанбе: Ирфон, 1989. - 232 с.
2. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Осор (дар ҳашт ҷилд) Ҷ.4. - Душанбе: Адиб, 1986. - С.137-382.
3. Алефиренко Н.Ф. Спорные проблемы семантики / Н.Ф. Алефиренко. - М.: Гнозис, 2005. - 326 с.
4. Арнольд И.В. Семантика. Стилистика. Интертекстуальность / И.В. Арнольд. – М., 2010. – 443 с.
5. Говердовский, В.И. История понятия коннотации / В.И. Говердовский // Филологические науки. 1979. - № 2. - С. 17-22.
6. Горохова Т.С. Коннотативный аспект семантики глагольной лексики в современном русском языке: автореф… дис. ... канд. фил. наук: 10.02.01 / Т.С.Горохова. –Тамбов, 2008. – 24 с.
7. Камолиддинов Б. Хусусияти услубии сарфу наҳви забони тоҷикӣ / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Маориф, 1992. – 128 с.
8. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ. Ҷ.1 / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе: Деваштич, 2007. –241 с.
9. Саломов М.Вижагиҳои савтӣ, маъноӣ ва маҷозию фразеологии забони шеъри тоҷикӣ / М. Саломов. – Душанбе: Пойтахт, 2017. – 266 с.

10. Стернин И.А. Лексическое значение слова в речи / И.А. Стернин. – Воронеж: Воронежского ун-та, 1985. – 171 с.
11. Телия В.Н. Коннотативный аспект семантики номинативных единиц / В.Н. Телия. - М.: Наука, 1986. –143 с.
12. Шаховский В.И. Эмотивный компонент значения и методы его описания / В.И.Шаховский. - Волгоград, 1983. -С. 13-32.
13. فرانک .پالمر. نگاهی تازه به معنیشناسی . ترجمه ی دکتر کروش صفوی –تهران: نشر مرکز 13.
14. کتاب ماد 2721376 – , ص.
15. .ص– 460کروش صفوی درامدی بر معنیشناسی.– تهران1387 14.
16. نو شته های پراکنده برگردانهای در باب زبانشناسی .– تهران1391 – 597ص. کروش صفوی15.

КОННОТАТСИЯ

Дар ин мақола муаллиф доир ба истилоҳи коннотатсия, хусусият, мавқеи он дар системаи семантикаи лингвистӣ маълумот медиҳад. Аз ҷумла, қайд мекунад, ки калимаҳо дорои маъноҳои мухталиф мебошанд ва ҳар яке аз онҳо вобаста ба мавриди истеъмол ва қобилияти ифода кардани ин ё он маъно истифода мешаванд. Ба ғайр аз ин, қисми зиёди ин маъноҳо муносибат ва баҳодиҳии мушаххас (хуб ё бад)-ро ба объекти номбаршуда ифода мекунанд ва ифодаҳои фразеологӣ ҳатто қобилияти дар худ ифода кардани маълумоти муассиру гурӯҳиро доранд. Аз ин рӯ, коннотатсия дар забоншиносӣ падидаи хоссе буда, бо вижагии худ дар системаи маъношиносӣ мавқеи муайян дорад. Бояд гуфт, ки коннотатсияи феъл хусусияти худро дорост. Коннотатсия дар феълҳо бештар дар ҳамнишинӣ бо дигар калимаҳо дар заминаи иттиҳодан дарк кардани воқеият муайян мегардад. Вобаста ба матн таҳлил намудани коннотатсияи феъл имкон медиҳад, ки на танҳо хусусияти коннотативии феълҳоро, балки махсусияти мавҷудияти онҳоро ба сифати ҷузъи системаи воситаҳои номинативии нутқи инсон нишон диҳад, зеро, махсусан, дар матн алоқамандии семантика, наҳв ва прагматика, пайванди эпидигматикӣ, прагматикӣ ва синтагматикии вожаҳо инъикос меёбад.

Калидвожаҳо: коннотатсия, семасиология, маъно, услубӣ, баҳодиҳӣ, калима, феъл, денотат, муассирӣ, эмотивӣ, коннотатсияи феъл, воҳидҳои фразеологии феълӣ.

КОННОТАЦИЯ

В статье автор приводит сведения о термине коннотация, ее свойствах, ее месте в системе лингвистической семантики. Также автор отмечает ,что слова имеют различные значения и каждое из этих значений используется в зависимости от обстоятельств использования и способности выражения тех или иных значений. Кроме этого, огромное количество данных значений выражают определенное отношение и оценку (хорошее и ли плохое) к названному объекту и фразеологические выражения имеют способность выражать в себе экспрессивную групповую информацию. Поэтому, коннотация в языкознании является особенным явлением и благодаря своим свойствам занимает определенную позицию в семантической системе. Нужно констатировать, что коннотация глагола имеет свои свойства. Коннотация в глаголах в основном определяется посредством ее соотношения с другими словами на основе совместного восприятия действительности. В зависимости от текста анализ коннотации глагола даёт возможность показать не только коннотативные свойства глагола, но также особенности их существования в качестве элемента системы номинативных средств речи, так как именно в тексте отражается отношение семантики, синтаксиса и прагматики, эпидигматическая, прагматическая и синтагматическая связь слов.

Ключевые слова: коннотация, семасиология, значение, стилистический, оценочный, слова, глагол, денотат, экспрессивный, эмотивный, коннотация глагола, глагольные фразеологические единицы.

CONNOTATION

In the article the author provides information about the term connotation, its properties, its place in the system of linguistic semantics. The author also notes that words have different meanings and each of these meanings is used depending on the circumstances of use and the ability to express certain meanings. In addition, a huge amount of these values express a certain attitude and assessment (whether good or bad) to the named object and the phraseological expressions have the ability to express expressive group information in themselves. Therefore, connotation in linguistics is a special phenomenon and due to its properties it occupies a certain position in the semantic system. It must be stated that the verb connotation has its own properties. Connotation in verbs is mainly determined by its relation to other words based on a joint perception of reality. Depending on the text, analysis of the verb connotation makes it possible to show not only the connotative properties of the verb, but also the peculiarities of their existence as an element of the nominative speech system, since the text reflects the relation of semantics, syntax and pragmatics, epidigmatic, pragmatic and syntagmatic connection of words.

Key words: connotation, semasiology, meaning, stylistic, evaluative, words, verb, denotat, expressive, emotive, verb connotation, verb phraseological units.

Сведения об авторе: ***Гулназарова Жило*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры истории языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. Тел.: **(+992) 918-68-19-70**

Information about the author: ***Gulnazarova Zhilo*** **–** Tajik national University, candidate of philological Sciences, associate Professor of language history and typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 918-68-19-70**

УДК:491. 550-54

СИФАТҲОИ МУРАККАБИ ИФОДАКУНАНДАИ АЛОМАТҲОИ ЗОҲИРӢ, БОТИНӢ ВА ХИСЛАТУ РАФТОРИ ШАХС ДАР НАСРИ БАДЕИИ САДРИДДИН АЙНӢ

Низомова С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Сохтани сифатҳои мураккаби тобеъ яке аз роҳҳои маъмултарини усули калимасозӣ маҳсуб ёфта, дар маводи пажӯҳиши мо мавқеи махсусро ишғол менамояд. Доир ба сифатҳои мураккаб ва роҳҳои сохташавии онҳо дар сарчашмаҳо [1; 5] маълумоти саҳеҳ дода, дар хусуси сифатҳои мураккаби сеҷузъа, омехта ва фарқи онҳо аз сифатҳои дуҷузъа қайд намуда, роҳҳои сохташавии онҳоро бо мисолҳо мушаххас нишон додаанд.

Сифатҳои мураккаби тобеъ аз ҷиҳати таркиби морфологӣ гуногун мешаванд ва дар осори С.Айнӣ бештар хусусияти тавсифӣ доранд. Ҳангоми баррасии сифатҳои мураккаби тобеъ ба таркиби морфологии онҳо эътибор дода шуда, аз ҷиҳати таркиби морфологӣ тасниф карда мешаванд ва дар мавридҳои зарурӣ ба ҷиҳати маъноии калимаҳо эътибор дода мешавад:

а) Исм +исм. Сифатҳои мураккаби дар ин қолаб сохташуда маъниҳои гуногунро ифода мекунанд:

1. Сифатҳои мураккабе, ки хусусияти шахсро ифода мекунанд: ***одами гап+дӯст, бачаи ҳунар+дӯст, зани мушти+пар, зани дев+сиришт ва ғ.*** Калимаи мураккаби ***гапдӯст*** камистеъмол буда, дар истифода нест: *Лекин ман бинобар **гапдӯст** ва кунҷков буданам ҳамроҳи бачагони дигар дар рӯйи суфа бозӣ карда нагашта, дар хона – дар паҳлуи модарам ҷо гирифта дар қатори занон нишастам [8, с.157]. Ту бачаи **ҳунардӯст** менамоӣ, барои ҳамин аз рӯйи он асбоб ба ту ин бозичаро сохта додам [8, с.75]. Аммо ман на ӯро ва на бародарашро надидаам, ки монанди мо – талабагони «**илмдӯст**» шабона ба рӯйи саҳни мадраса баромада дарс такрор кунанд [8, с.253].*

Дар ҷумлаҳои зерин ду сифати зан нишон дода шудааст, ки баръакси якдигар мебошанд. ***Муштипар*** ба маънии оҷиз, нотавон, бечора кор бурда шуда, дар услуби бадеӣ ва китобӣ баробар истифода мегардад: *Не! Чӣ гуна ором мегардад як зани **муштипаре**, ки умраш ба ҳафтод расида бошад [9, с.23].* Сифати мураккаби девсиришт ба маънии бадкор, бадсиришт омадааст: *– Ман ҳилаҳои мисли ту занҳои **девсиришт**ро ба хубӣ мефаҳмам...[9, с.27].*

Дар асар сифатҳои мураккаберо дучор омадан мумкин аст, ки хислати шахсро аз ҷиҳати рафтору амалаш мефаҳмонанд. *Ҳамон шаб то бегоҳии рӯзи дигар дар роҳ гузаронида аз болои Сари Пули Эшон, Хомработ, Чӯли Малик ба Кармина рафта шабона ба хонаи Бурҳони **аспҷаллоб** фуромадам [9, с.127].*

Сифатҳое, ки хусусияти мусбат ва манфии шахсро ифода мекунанд: *Рӯзимурод, ки бо гурриши **шермонанд** ҳаёҳуй андохта ба акси ҳуҷум даромада буд...[9, с.410]. ...муллоҳо дар ҳаққи мо дуо карда дар ҳамин ҷо бошанд ва мардумро ба муқобили болшевикон ва меҳнаткашони **пойбараҳна**, ки ба мо тег кашидаанд, аз номи шариат шӯронанд...[9, с.354].* Калимаи ***сабукпо*** серистеъмол буда, шахси ахлоқан вайронро чунин ном мебаранд: *Бо ин ҳусну ҷамол Гулбибӣ хаёли он надошт, ки мисли баъзе духтарони **сабукпои** шаҳрӣ ҷилвафурӯшӣ намояд [12, с.30].* 2. Сифатҳои мураккабе, ки хусусияти зоҳирии шахсро ифода мекунанд: ***зани соҳиб+ҷамол, ҷавони тӯти+бурут*** ва ғ.: *Мурод ҳам дар худ қувваи ҷавонӣ пайдо карда буд, зани ҷавони **соҳибҷамоли** қобил, писари тандурусти боақлу идрок, ...[9, с.335]. Ӯй ҷавони **тӯтибурут**! Чаро натақатон намебарояд?..." ва монанди инҳо [8, с.141].* Дар мисоли зерин санъати мутаззод истифода гардидааст: *Фақат фарқе, ки дар миёни онҳо менамуд ин буд, ки яке **бинипучук**, дигаре **камонбинӣ** буд [8, с.97].*

3. Сифатҳои мураккабе, ки хусусияти зоҳирии шахсро аз ҷиҳати либос, асбобу анҷом ифода мекунанд: *– Ин аробаи ӯрда аст, – гуфт каси **сипоҳитағма** бе он ки аз ӯ касе чӣ хел ароба будани онро пурсида бошад ва давом кард...[9, с.351]. Сардии ҳаво ба дараҷаи яхбандондани лойи замин нарасида бошад ҳам, бадани одамони **либостунукро** меларзонд…*[*9, с.*412]. *..дар шабҳое, ки бой дар работ бошад, одамони **саллакабуди фашдароз**, ки нӯги фашҳошон ба миёнашон мерасид, ба пеши ӯ меомаданд [9, с.368]. ...бар сари ин одамҳо саллаҳои **шалғамибастаи** сипоҳигарӣ, бар танашон ҷомаҳои **зеҳкалони** бухорӣ ва ба пояшон мӯзаҳои **пошнабаланди** америкоӣ буд...[9, с.349].*

4. Исм+сифат. Нависанда барои ифоданок ва барҷаста нишон додани симои зоҳирии персонажу қаҳрамонҳояш аз санъати сифатчинӣ истифода намудааст. Масалан, дар ҷумлаҳои зерин барои нишон додани симои шахс калимаҳои мураккаби ***миёнсол, ришкалон, қадбаландро*** истифода намуда, ба хонанда дар хусуси қаҳрамон ё персонажҳо маълумоти мукаммал медиҳад: *Як одами **миёнсоли** гандумгуни **ришкалон**, ки қади баланде дошт, ба дигарон корфармоӣ мекард ва роҳи корро нишон медод [8, с.30]. Ин девона як одами **қадбаланди** тануманди **ришкалон** буд [8, с.110].*

Бояд зикр намуд, ки нависанда дар офаридани образҳо, тавсифи қаҳрамону персонажҳояш аз ин тарзи калимасозӣ моҳирона фоида бурда, суханро дилчаспу муассир баён кардааст: *Ӯ дар пешаи худ маҳорати бисёр баланд надошт ва ба болои ин монанди баъзе мусиқичиёни он замон **маҷлисоро**, суханвар, **ширинкор** ва **хушомадгӯй** ҳам набуд [10, с.24]. Дар пешгоҳи меҳмонхона, дар кодоки сандалӣ як шахси **сафедчарӯи** доғи **нағзакдор** нишаста буд [10, с.79].* Дар мисоли зерин нависанда барои ҷаззоб нишон додани симои персонаж аз сифатҳои мураккаби ***бадгумон**, **миёнақад**, **ишкамкалон**, **гарданкӯтоҳ**, **гандадарав*** истифода намудааст, ки аз ҷиҳати таркиби морфологӣ калимаҳои мазкур аз исму сифат ва сифату исм таркиб ёфтаанд. Калимаи ***гандадарав*** ишора ба алафҳое, ки даравидани онҳо мушкил аст. Ин калима офаридаи муаллиф аст: *Ӯ як одами **миёнақади** фарбеҳи **ишкамкалони гарданкӯтоҳ** буда, ғафсии гардан ва пуррагии сару рӯяш ҳам аз ғафсии шикамаш қариб фарқ надошт, агар риши калони гулии монанди алафи **гандадарав** ба ҳам печидаашро, ки тамоми рӯяшро фурӯ гирифта буд...[10, с.11].*

Исм+асоси замони ҳозираи феъл. Дар маводи тадқиқи мо сифатҳои мураккабе, ки аз исм ва асоси замони гузаштаи феъл бунёд гардидаанд, пурмаҳсул мебошанд. Онҳоро аз ҷиҳати мансубияташон ба исмҳои шахс ва ғайришахс ба ду гурӯҳ ҷудо намудем: 1. Сифатҳои мураккабе, ки аломат ва хусусиятҳои ботинӣ ва зоҳирии шахсро ифода мекунанд. *...ҳоло ӯ гиря намекард, балки ба тарафи ман бо нимхандаи **дандоннамое** нигоҳи шармгинонае мекард [8, с.20]. ...ман зани дӯстдоштагиаш бошам, писари ман фарзанди азизаш мебошад, ҳар чӣ қадар **нафспарасту** булҳавас бошад ҳам, аз рӯйи мо гузашта наметавонад ва аз барои як гадодухтар аз баҳри мо намегузарад» [12,с.317]. ...чунон ки саллаҳои калони **олимтарошонро** бад медидагӣ шудам, инчунин аз бекорӣ ҳам нафрат мекардагӣ гардидам [8, с.122].* Калимаи ***хунхӯр*** ба маънии шахси ҷоҳилу бевиҷдон, ноинсоф омадааст: *Аммо ин бойи **хунхӯр** як қадам ҳам маро аз худаш дур накард...[9, с.361]. – Чаро амир аз афғонон ба худ посбон гирифтааст? – гуфта чоруқпӯши **кунҷков** пурсид[9, с.353].*

Сифати мураккаби ориятнишин калимаи архаистӣ буда, дар луғат чунин шарҳ ёфтааст: “Ба ҳуҷраи дигарон нишинанда. Дар истилоҳи мадрасаҳои Бухоро талабае, ки дар ҳуҷраи касони дигар зиндагӣ мекард” [7, с.278]: *Ӯ ба ҳамаи талабагон, хусусан ба талабагони **ориятнишин** (ба ҳуҷраи дигарон нишинанда) бо муҳаббат салом дода, бо меҳрубонӣ пурсупос мекард [8, с.251].*

Калимаи ***назрбиёр*** аз исми арабиасоси ***назр*** ва асоси замони ҳозираи феъли ***биёр*** (овардан) бунёд гардида, дар замони амирӣ ба чунин маънӣ кор бурда мешуд: “Назр-садақае, ки додани онро ба ҷое ё ба касе бо шарте касе бар гардани худ лозим гардонидааст”[7, с.252]: *Аммо деҳқонони **назрбиёр** ва **ҳадядеҳ**, ки ихлосмандони он даргоҳ мебошанд…[8, с.405].*

Исм+ сифати феълӣ. Чунин қолаби сохта шудани сифатҳои мураккаб зиёд мушоҳида гардид. Сифатҳои мураккабе, ки аломат, хислат ва хусусияти шахсро ифода мекунад: *Ночор монанди модарони **фарзандмурда**, ки дар сари қабри ӯ нишаста зор-зор мегирянд, бар лаби чоҳ нишаста бо "ҳой-ҳой" ба гиря даромадам [8, с.126]. Ман бо вуҷуди ин ки аз вай 15 сол пешқадам, азбаски одами **воситашаванда** надорам, дар як мансаби бисёр хурде истодам [9, с.156]. Аммо монанди хумории **шаробзадае,** ки як қадаҳи пурро ба якборагӣ нӯшида бошад, боз аз худ рафт…[9, с.358] Ғам махӯр ва андуҳгин мабош, ки дар дунё ва хусусан дар Кӯҳистони тоҷикони **мусибатзадаву фалокатдида** танҳо ману ту нестем…[12, с.143]. Баъд аз оши соли модарам падарам зани дигар гирифт, – гӯён духтари **аламдида** мусибатномаи худро давом дод…[8, с.425]. Ин тавр бошад, рӯзе як бор қамчин хӯрда хоб рафтан мегирӣ, – гуфт одами **риштарошида**, – дар ин миён ё мемурӣ, ё ин ки пулро ёфта медиҳӣ [9, с.380].*

2. Сифат+ исм. Дар ин қолаб сохта шудани сифатҳои мураккаб маъмултарин усули калимасозии ин ҳиссаи нутқ мебошад. Дар маводи тадқиқи мо низ ин усул серистеъмол буда, маъниҳои гуногунро ифода мекунад: а). сифатҳои мураккабе, ки аломати шахсро аз ҷиҳати синну сол, вазъи иҷтимоӣ мефаҳмонанд: хурдсол, калонсол: *Бачаи бечораи хурдсол ба ин зарбу лати одами **калонсол** тоб наоварда дар ҳолате, ки тамоми баданаш абгор шуда*

*буд…[9, с.348]....пири ҳафтодсолаи ман монанди баъзе муллоҳои **пирсоли** Бухоро "барои дар тоати илоҳӣ қувват ёфтан" мусалласи шаръӣ – майи дастӣ менӯшидааст [8, с.408].*

б) сифатҳои мураккаби ифодакунандаи хусусият ва хислати ботинии шахс. Сифатҳое, ки хусусияти манфии шахсро ифода мекунанд. Дар ҷумлаҳои зерин устод сифатҳои мураккаби ***заифқалб*** ва ***сустқалбро*** истифода намудааст, ки калимаи ***заифқалб*** хосси услуби бадеӣ буда кам истифода мегардад: *Дар кушишхонаи «регхона» бештарин ҷаллодони ноуҳдабарои **заифқалбтарро** кор мефармуданд [9, с. 111]. Табиӣ, дар даруни ин гуна ҷаллодони навкор **сустқалбҳо** ҳам буданд [9, с. 111]. Модом ки ӯ ин гуна одами **бадгумон** будааст...[10, с.39].*

Сифатҳои мураккаби ***дурӯғваъда, девонатағма*** дар ин қолаб истифода намегарданд. Сифати ***дурӯғваъда*** аз ибораи изофии ***ваъдаи дурӯғ*** бунёд ёфтааст: *Ҳозир ман аз пеши ҳамин муллобачаи **дурӯғваъда** ош хӯрда баромадам [10, с. 49].* Дар маводи мо калимаи мураккаби **девонатағма** дучор гардид, ки дар фарҳангномаҳо зикр нагардидааст*: Аз миёнаи мардум як каси **девонатағма**, ки дар бари худ либосхои қаландарӣ дошт, сухани он одамро қувват дода мегуфт:..[9, с.153]. Ҳабиба-ку як духтари аҳмақи **сабукпо** будааст [8, с.108]. "Баъд аз тамом шудани мавсими пиллагундорӣ ман ба шаҳр омадам, ки ӯ дар Бухоро нест ва дили мӯйсафеди **дарунсиёҳ** ба ваъдаи мо, ки дар бораи фош накардани рози худ аз мо гирифта буд…[8, с.454]. Ӯ **хушгап** ва ҳикоябоф буда, дуруштмуомилагии кӯҳистонигиро бо ширинсухании бухоригӣ дар худ гун карда буд [8, с.403]. Ман гумон намекунам, ки ту ин қадарҳо сардмеҳр ва номеҳрубон бошӣ! [8, с.412]. Аммо чашми **тезбини** зоғмонанди Қориишкамба он чизи хӯрданиро дида, ба он ҷо нишастааст... [10, с.19].*

Сифатҳои мураккабе, ки хусусияти шахс, аломати мафҳум ва ашёҳои мухталифро мефаҳмонанд, зиёд мушоҳида гардиданд. Аксари чунин сифатҳои мураккаб аз ибораҳои изофӣ ба миён омадаанд: *…ӯ бо як ҷастан ба сари девор мебаромад, мисли як дорбози **чобукҳаракат** морвор ба рӯйи девор медавид, гоҳо бо ҳамон устоӣ ва чобукӣ, ки пеш мерафт, паснокӣ ҳам мегашт [4, с.328]. Ҳоли модари **сарсахти бадбахт**, аз ҳоли Ятим ҳам ҷонсӯзтар буд [9, с.373] Аммо босмачии фарбеҳи **гафстана** мисли ӯ бо тезӣ аз миёнаи дарахтони хордор гузашта наметавонист [9, с.421]. Ва дар гайби онҳо аз онҳо шикоят мекарданд: дар ҳаққи Қутбия **"бадмуомила**, **бадгап, калонгир** ва аз болои падару модараш калонӣ мекунад" мегуфтанд [8, с.102]. Ман бо **софдилии** кӯдакона ба ҳамаи саволҳои ӯ ба қадри дониши худ ҷавоб медодам [8, с.107]. Мазмуни он мақол ин буд: "Худо паноҳ диҳад аз газаби одами ҳалим – **нарммуомила"** [8, с.177]. Қадаш паст, баданаш ва рӯяш борик буда, чашмони **кӯтоҳмижгони** бенур дошт [8, с.252]. Ӯ дар асл **заифбадан ва сустбунёд** буда, дар хонаи модаркалонам боз ҳам сусттар, заифтар ва лоғартар шуда буд…[8, с.311].*

Як хусусияти барҷастаи услуби нависанда фоида бурдан аз санъати сифатчинӣ аст. Нависанда аз ин санъат истифода намуда, ба хонанда доир ба персонаж маълумоти пурра медиҳад. Дар ҷумлаҳои зерин сифатҳои чидаи дар ин қолаб бунёдгардида симои қаҳрамону персонажҳоро равшан ифода кардаанд: *Ӯ одами **софқалби раҳмдил** буд ва деҳқонони худро ба чизе ва ба коре маҷбур намекард ва ба сари ҳосилгундорӣ намерафт ва одамони худро ҳам намефиристод [8, с.221]. Бештарини онҳо одамони **салласафеди муллонамо** буданд ва баъзе мӯйсафедони деҳа ҳам дар он ҷо менамуданд. Дар пешгоҳи меҳмонхона як ҷавони **сафедрӯйи хурмойимӯйи** тахминан 25-сола менишаст [8, с.217]. Яке аз инҳо одами **баландқомати** тамоман, **сафедчеҳра** буд, ки бурутҳои гафси **бадҳайбате** дошт [*8, с.267].

Тавсифоти шахс-қайд мекунад забоншинос Б. Камолиддинов-бар замми маъноҳои хислат, хулқу хӯ, ҳусну малоҳат мафҳуми соҳиби ин аломатҳоро низ дар бар гирифта, маънои мураккаби шахсу сифати маънавиро яклухт мефаҳмонад [2, с.11]. Чунин хусусиятро дар насри бадеӣ ва публитсистии устод Айнӣ мушоҳида кардан мумкин аст: *Ӯ чунонки пурмаъно менамуд, сару сурати зебое ҳам дошт: ӯ **сурхчарӯй**, **мешчашм**, **хурмоириш, баландабрӯ ва дарозмижгон** буд: қомати аз миёна баландтар, бадани **миёнгӯшт**, дасту пойи озодаи ба он қомату бадан мутаносиб – қиёфаи ӯро ба назари бинанда ба шакли як шеъри мавзун ҷилва мекунонданд [8, с.401]. Лутфӣ **хушхат ва хушнавис** буда, бесаводон ҳам чунонки як лавҳаи рассомии санъаткоронаро тамошо мекарда бошанд…[8, с.401]. Агар баъзеашон аз адабиёт хабардор набошанд ҳам, **хушгап**, **ширинсухан**, зариф ва **бамавқеъгӯй** буданд, ки дар рафти суҳбат латифаҳои ширин мегуфтанд ва мувофиқи мақом воқиаҳои намакин нақл менамуданд [8, с.400].*

Дар маводи гирдоварда мо ҷумлаҳоеро мушоҳида намудем, ки дар онҳо беш аз шаш сифати мураккаб истифода гардидааст. Чунин сифатҳои мураккаб аз ҷиҳати таркиби

морфологӣ гуногунанд. Дар ҷумлаи зерин сифатҳои мураккаби ***маҷлис+оро, гап+зан, ҳозир+ҷавоб, ширин+сухан, хандон+рӯ, пур+маъно*** корбаст гардидаанд. Калимаҳои ***маҷлисоро*** ва ***гапзан*** аз исмҳои маҷлис, гап ва асосҳои замони ҳозираи оро, зан бунёд гардидаанд. Калимаи **ҳозирҷавоб** аз зарфи ҳозир ва исми маънии ҷавоб; ширин**и**сухан аз сифати аслии ширин ва исми маънии сухан; ***хандонрӯ*** аз феъли ҳоли хандон ва исми рӯ бунёд ёфта, маъниро ифоданок баён намудаанд: *Аммо ӯ* ***маҷлисоро, гапзан (орогар), суханвар, ҳозирҷавоб, ширинсухан ва хандонрӯ*** *буда – ин сифатҳояш ӯро ба шакли як шеъри муҷассами пурмаъно ороста буданд [8, с.401].*

Нависанда дар ҷумлаи дигар аз сифатҳои мураккаби ***қадпаст, рафидамонанд, сергӯшт, ӯғуршакл*** истифода намуда, симои манфури мутаваллиро ҷолиб тасвир намудааст. Сифатҳои мураккаби тобеи зикргардида аз ибораҳои изофии ***қади паст-қадпаст, монанди рафида - рафидамонанд, монанди шакли ӯғур*** таркиб ёфтаанд: *"Мутаваллӣ як одами қадпасти тахминан 70-сола буда, бадани гафси фарбеҳ, рӯйи* ***рафидамонанди сергӯшти*** *монанди рӯйи мурғи дутазой суп-сурх, риши калони сафед ва гардани гафси* ***ӯғуршакл*** *дошт [8, с.404].*

Сифатҳои мураккаб хусусияти тавсифӣ доранд, аз ин сабаб нақши онҳо дар муассир баён кардани матлаб бузург аст. “Тавсиф дар услуби бадеӣ чун санъати сухан дар тасвири лирикии манзараҳои табиат, ҳусну зебоии инсон васеъ истифода мешавад, зеро ба василаи он аломату хусусият басо рангин, пурҷозиба ва таъсирбахш ифода меёбад” [2, с.11]. Масалан, дар ҷумлаи зерин бо истифода аз сифатҳои ***дилрабо, муҳаббатнигоҳ, мехрафзо, дилнавоз, шавқангез, мушкинмӯй, нӯгтез, латифомез*** матлаб муассир баён гардидааст. Сифати мураккаби муҳаббатнигоҳ хосси услуби фардии нависанда буда, чун синоними ибораи ***нигоҳи бо муҳаббат*** кор фармуда шудааст: *Ман ҳамин қадар гуфта метавонам, ки он рӯйи зебо бо он бинии латифи* ***дилрабо****, бо он чашмони сиёҳи* ***муҳаббатнигоҳи мехрафзо,*** *бо он мижгонҳои дарози* ***дилнавози шавқангез****, бо он абрӯвони* ***мушкинмӯйи нӯгтез,*** *бо он пешонаи меҳрубони нишонаи* ***латифомез*** *– бисёр шинам, бисёр дилкаш ва бисёр хушнамо афтода буд, ки одам аз диданаш сер намешуд [8, с.419].*

Бояд зикр кард, ки бештари сифатҳои мураккаби тобеъ чида шуда омада, барои муассир ва барҷаста ифода намудани аломат ва хусусияти шахс истифода гардидаанд: *Ман дар дили худ гуфтам: "ана омад он духтараки* ***соданамои дарундор****, ки имрӯзу имшаб бо дурӯғҳои худ маро фиреб дода дар азоби интизорӣ гузошта буд [8, с.417]. Устоамак* ***ширинзабон, хушмуомила ва ширинкорнамо*** *буд ва кори бади одамонро бо ширинсуханӣ ба рӯяшон мезад [8, с.77]. Ӯ як ҷавони 26-27-сола буда,* ***кӯтоҳқомат, лоғарандом, руйборик, сафедчаранги*** *ба зардӣ моил ва камриш буд [9, с.151]. Ман имрӯз дар саҳни мадрасаи Кӯкалтош як муллобачаи* ***калонзоданамои рангпаридаро*** *дида будам, ки «во, шариато! » гуфта истода буд [9, с.160]. …фоҷиаи Ситора – фоҷиаи он духтари* ***заковатпешаи софдили хурдсоли*** *маъсум – ба болои бори он кӯҳи гарон ба гардани мани аламзада сарборӣ буд"[8, с.445]. Ӯ як одами* ***лоғарбадани миёнақад, сабзиначеҳра****, ришаш миёна ва сафед ва абрӯҳояш монанди абрӯҳои амакбобои ман гафс ва дароз буд [8, с.91]. Сеюми он одамҳо Муроди пахтакаш ном як одами 70-солаи* **қоматхамидаи** ***сафедчеҳраи догикунҷитакдор*** *буда, чинҳои рӯяш пӯсти себи хомхушкро ба назар намоён мекард [8, с.460]. Ҷаллодон одамони* ***кӯтоҳқомат, кӯтоҳҷома*** *буда, миёнашон аз рӯй бастагӣ, дар пояшон мӯзаи одӣ ва бар сарашон телпакҳои ҷойдории одӣ буд[8, с. 370]. Дар дасти яке аз ҳар ду нафар ҷаллод як калтакчаи* ***сарлӯндаи кӯтоҳдаста*** *буда, дар миёни дигаре корди бо банду гилофе менамуд [8, с.370].*

Сифатҳои мураккаби ифодакунандаи хусусияти ботинии шахс дар маводи тадқиқ мавқеи махсус дорад. Зеро дар онҳо ҳодисаву воқеҳои мухталиф тасвир гардида, симои шахсони гуногун инъикос ёфтаанд: *...баъд аз он одами* ***соҳибнуфузеро*** *ёфта, ба ӯ хостгорӣ мефиристонам" [8, с.433]. Албатта, ин сабабе, ки ман ба гиряи худ нишон додам, барои пинҳон доштани сабаби ҳақиқии гиряам буд, аз он дилбари* ***дилнавози сододил*** *[8, с.441].*

Садриддин Айнӣ барои ифоданок баён кардани фикр калимаҳои ***сиёҳзамир, сиёҳдил, бадботинро*** ба кор бурда, ки хосси услуби китобӣ –бадеӣ мебошанд: *Пири* ***сиёҳзамир*** *бошад, ҳеҷ аз хона дур намешуд, ки ман бо духтараш фурсати мулоқот ёбам"…[8, с.438].–* ***Сиёҳдили бадботин****, – гуфт падарам худ ба худ гур-гуркунон [3, с.39]. Ин одам, ки аз рӯйи ин тасвир хеле бадҳайбат менамояд, бисёр ҳалим, нарммуомила ва кушодапешонӣ буда, ба як дидан муҳаббати ҳар касро ба худ ҷалб мекард [8, с.251]. Ӯ одами* ***сиёҳчеҳраи дуруштмӯй*** *буда, чашмони сиёҳи калон дошт...[8, с.286].*

Дар маводи тадқиқ сифатҳои мураккабе, ки аз сифат ва исм бунёд ёфтаанд, зиёд мушоҳида гардиданд: ...ман ба нақли саргузашти ***сиёҳбахтии*** худ тайёрам! [8, с.424]. *Бо*

шунидани ин суханҳои меҳрангез ишқи ман ба он духтари ***волоназар*** *яке бар сад афзуда, ҳаяҷони қалби маро ба ҷодае расонда буд,…[8, с.431]. Аз миёни одамони дар он ҷо гуншуда як одами чоруқпӯши* ***куҳнаҷома****, аз як одами сипоҳимонанд, ки дар паҳлуяш истода буд, пурсид…[9, с.350].*

Сифат+сифати феълӣ. *Бо ҳамаи ин, ғайр аз як нигоҳи маънидори бо табассуми* ***шодиёнаомехтае****, ки ба модарам кард, дигар чизе нагуфт...[8, с.89]. ...чашму абрӯи сиёҳ, мижгонҳои дарози нӯгаш баргашта, мӯйҳои сиёҳи дарози* ***маҳинбофта*** *ва рӯйи себи сурхвори ӯ бойро ба ҳайрат андохта буд [9, с.318].*

Сифат+асоси замони ҳозираи феъл. Ин қолаби калимасозӣ дар маводи тадқиқ мушоҳида гардид, ки аломату хусусият, хислати шахс ва ашёҳоро ифода мекунад. Дар мисоли зерин сифати мураккаби тобеи ҳаромхӯр, ки аз ибораи феълии чизи ҳаром хӯрдан бунёд гардида, хислати шахсеро ифода мекунад: “Касе, ки ризқу рӯзиашро бо корҳои нораво ба даст меорад; порахӯр” [14, с.496]. *...аҷаб нест, ки Мулло Наврӯз барин як одами* ***ҳаромхӯри*** *игвогар рӯзе вайро аз дасти мо муфт гирад [8, с.219]. Ҳар ду ҷавони* ***наврас****, баъд аз якдигарро ба огӯш кашида, бӯсида, вохӯрӣ кардан ба аҳволпурсии якдигар даромаданд [9, с.406]. ...ин вазъият ҳайати ӯро боз ҳам* ***дилработар*** *ва* ***хушнамотар*** *карда буд"[8, с.419].*

Хулоса, устод Садриддин Айнӣ аз имкониятҳои калимасозии забони тоҷикӣ моҳирона истифода намуда, матлабро дақиқ ифода намудааст. Ин қолаби калимасозиро дар симоофаринӣ чунон ба кор бурдааст, ки хонанда доир ба ҳар як қаҳрамону персонажҳояш тавсифномаи пурра мегирад. Ҳар як соҳибқаламро месазад, ки аз мактаби бонуфузи устод Айнӣ бархӯрдор бошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.1. - Душанбе: Дониш, 1985. - 355 с.
2. Камолиддинов Б. Хусусияти услубии сарфу наҳви забони тоҷикӣ / Б.Камолиддинов. - Душанбе: Маориф, 1992. - 126 с.
3. Н. Маъсумӣ. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. – Душанбе, 1959. - 295 с.
4. Ш.Ниёзӣ. Исм ва сифат дар забони тоҷикӣ. – Сталинобод, 1954. - 47 с.
5. Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Ш. Рустамов. – Душанбе: Дониш, 1972. - 75 с.
6. С. Айнӣ. Куллиёт. Ғуломон. Ҷ. 3. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1960. - 620 с.
7. С. Айнӣ. Куллиёт. Ҷ. 12. – Душанбе: Ирфон, 1976. - 563 с.
8. С. Айнӣ. Ёддоштҳо. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. - 464 с.
9. С. Айнӣ. Осори баргузида. Ҷ. 2. - Душанбе: Ирфон, 1978. – 463 с.
10. С. Айнӣ. Марги судхӯр. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2012. -200 с.
11. С. Айнӣ. Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик. Исёни Муқаннаъ. Очеркҳои адабию таърихӣ. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. - 176 с.
12. Садриддин Айнӣ. Одина (повест). – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2012. -176 с.
13. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ. 1. – М., 1969. - 951 с.
14. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ. 2. – М., 1969. - 949 с.
15. Фарҳанги тафирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 1. - Душанбе, 2008. -950 с.
16. Фарҳанги тафирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 1. - Душанбе, 2008. -945 с.

СИФАТҲОИ МУРАККАБИ ИФОДАКУНАНДАИ АЛОМАТИ ЗОҲИРӢ, БОТИНӢ ВА ХИСЛАТУ РАФТОРИ ШАХС ДАР НАСРИ БАДЕИИ САДРИДДИН АЙНӢ

Дар мақолаи мазкур мавқеи корбурди сифатҳои мураккаби ифодакунандаи хислат, рафтор, кирдор, хусусиятҳои ботинӣ ва зоҳирии қаҳрамону персонажҳо дар насри бадеӣ ва публитсистии Садриддин Айнӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллифи мақола кӯшидааст, сифатҳои мураккабро аз ҷиҳати таркиби морфологӣ тасниф намояд. Инчунин, дар мавриди овардани мисолҳо ба маънии калимаҳо низ эътибор дода, барои тақвияти фикр ба луғатномаҳо такя намудааст. Сифатҳои мураккаб аз ду ва ё зиёда асос таркиб ёфтаанд. Чунин калимаҳои мураккаб аз ибора ва таркибҳо сохта мешаванд. Ба монанди, ***одами гап+дӯст, бачаи ҳунар+дӯст, зани мушти+пар, зани дев+сиришт*** ва ғайраҳо. Муаллиф таъкид мекунад, ки сифатҳои мураккаби ифодакунандаи хусусиятҳои ботинӣ ва зоҳирии шахс ба хонанда доир ба ҳар як қаҳрамону персонаж маълумоти мушаххас дода метавонад. Як хусусияти корбурди сифатҳои мураккаб дар осори насрии нависанда дар барҷаста ва муассир нишон додани симои қаҳрамону персонажҳо, аз санъати сифатчинӣ фоида бурдани ӯст. Сифатҳои мураккаби ифодакунандаи хусусияти зоҳирии шахсро ба ду гурӯҳ тасниф кардааст. Сифатҳои мураккабе, ки аз ҷиҳати либос, асбобу анҷом хусусияти шахсро ифода мекунанд: ***сипоҳитағма, салласафед ва ғ.*** Гурӯҳи дигар сифатҳои мураккаб, ки ҷиҳати зоҳирии шахсро табиӣ ифода мекунанд: ***камонбинӣ, тӯтибурут, бинипучуқ, миёнақад, ишкамкалон, гарданкӯтоҳ ва ғ.*** Сифатҳои мураккаби дар мақола зикрёфта асосан аз исм, сифат ва замонҳои феъл, сифати феълӣ сохта шудаанд. Муаллиф аз осори нависанда як гурӯҳ сифатҳои мураккаберо таҳлилу баррасӣ намудааст, ки имрӯз дар истеъмол нестанд ва ба гурӯҳи калимаҳои архаистӣ шомил гардидаанд. Муаллиф маҳорати нотакрори С. Айниро дар санъати сифатчинӣ таъкид намуда, аз нав эҳё кардани баъзе сифатҳоро ҷоиз медонад. Ҳамчунин зикр намудааст, ки нависанда дар офаридани образҳо, тавсифи қаҳрамону персонажҳояш аз ин тарзи калимасозӣ моҳирона фоида бурда, суханро дилчаспу муассир баён кардааст.

Калидвожаҳо: сифатҳои мураккаб, исм, сифат, асосҳои феъл, сифати феълӣ, маҳорати нависанда, роҳҳои сохтани калимаҳо, маънои аслӣ ва маҷозӣ, хусусияти зоҳирӣ, ботинӣ.

СЛОЖНЫЕ ПРИЛАГАТЕЛЬНЫЕ, ОБОЗНАЧАЮЩИЕ ХАРАКТЕР, ВНУТРЕННИЙ И ВНЕШНИЙ МИР ГЕРОЕВ И ПЕРСОНАЖЕЙ В ХУДОЖЕСТВЕННОЙ ПРОЗЕ САДРИДДИНА АЙНИ

В настоящей статье рассматриваются особенности применения сложных прилагательных, обозначающих характер, внутренний и внешний мир героев и персонажей в художественной и публицистической прозе Садриддина Айни. Автором статьи предпринята попытка классифицировать сложные прилагательных с точки зрения морфологической структуры. В приведенных примерах автор уделяет особое внимание также значениям этих слов, опираясь на словари. Сложные прилагательные состоят из двух или более основ. Подобные сложные слова образуются при помощи словосочетаний или составов. Например, одами гап+дӯст (словохотливый человек), бачаи ҳунар+дӯст,(мальчик любящий талант), зани мушти+пар (слабая женщина, зани дев+сиришт (сумасбродная женщина) и т. д. Автор утверждает, что сложные прилагательные, обозначающие характер, внутренний и внешний мир человека, дают конкретную информацию читателю о каждом герое, персонаже. Одной из особенностей применения сложных прилагательных в прозе писателя является то, что Айни, мастерски используя сложные прилагательные, четко и ярко рисует портреты своих героев и персонажей. Автором выделены две группы сложных прилагательных, обозначающих характер, внутренний и внешний мир человека: сложные прилагательные, обозначающие особенности человека по особенностям одежд: сипоҳи тағма, салласафед и т. д. Приведенные в статье сложные прилагательные образованы в основном из существительных, прилагательных и причастий. Автором проанализированы такие прилагательные, которые сегодня не употребляются и относятся к архаизмам. Автор, утверждая особое мастерство Айни в использовании прилагательных, считает, что употребление некоторых забытых прилагательных является необходимым. Автор подчеркивает, что в создании образов и характеристике своих героев и пероснажей писатель умело использует данный способ словообразования, что текст приобретает привлекательный характер и воздействующий эффект.

Ключевые слова: сложные прилагательные, существительное, прилагательное, основы глагола, мастерство писателя, способы словообразования, прямое и переносное значение, внешняя и внутренняя характеристика.

THE COMPLEX ADJECTIVES, DESCRIBING OF THE CHARACTER, THE INNER AND OUTER WORLD OF HEROES AND CHARACTERS IN THE ARTISTIC PROSE OF SADRIDDIN AINI

In this article, we discuss the features of the complex adjectives that denote the character, the inner and outer world of heroes and characters in the artistic and journalistic prose of Sadriddin Aini. The author of this article made an attempt to classify complex adjectives from the point of view of the morphological structure. In the above examples, the author also pays the special attention to the meanings of these words, relying on the words. The complex adjectives consist of two or more bases. Such complex words are formed with the support of word combinations or compositions. For example, одами гап+дӯст (talkative person), бачаи ҳунар+дӯст (talented boy), зани мушти+пар (weak woman), зани дев+сиришт (crazy woman) and etc. The author claims that the complex adjectives that characterize the character, inner and outer world of a person, give concrete information to the reader about each character, character. One of the features of using complex adjectives in prose writer is that Aini masterfully uses complex adjectives, clearly and clearly shows a portrait of her characters and characters. The author singles out two groups of complex adjectives that denote the character, inner and outer world of man: - complex adjectives, denoting the characteristics of a person in terms of clothing: сипоҳитагма, салласафед, etc.: - the writer, masterfully using complex adjectives, clearly and clearly shows the portrait of his characters and heroes. The complex adjectives in the article are formed mainly from nouns, adjectives and participles. The author analyzed such adjectives, which are not used today and refer to archaisms. The author, asserting S. Aini's special skills in using adjectives, believes that the revival of some adjectives is necessary. The author emphasizes that in creating images and characterizing his heroes and personage, the writer skillfully uses this method of word-formation, that the text acquires an attractive character and an increasing effect.

Key words: compound adjectives, noun, adjective, verb stem, writer's skill, word-formation methods, direct and portable meaning, external and internal characteristics.

Сведения об авторе: ***Низомова Санавбар Фахриевна*** - Таджикский национальный университет, докторант. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17. Тел.: **(+992) 93-515-40-29**

Information about the author: ***Nizamova Sanavbar Fakhrievna*** - Tajik National University, doctoral student. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. Tel.: **(+992) 93-515-40-29**

УДК: 43+491.550-3

РОЛЬ И ФУНКЦИИ ТЕРМИНОВ И ТЕРМИНОЛОГИИ В КОММУНИКАТИВНЫХ ПРОЦЕССАХ

Самиев З.

Таджикский национальный университет

В условиях НТР расширяются процессы обмена информацией, растет информационный поток научно-технических и управленческих документов; использование вычислительной техники в науке, технике, народном хозяйстве приводит к появлению и развитию нового типа коммуникации: «человек – информационная технология.

Под коммуникацией обычно понимается обмен информацией между социальными субъектами или материальными объектами, осуществляемый при помощи семиотической (знаковой) системы, в которой знак выступает как материальный носитель социальной информации. Коммуникация возможна не только между социальными субъектами - членами человеческого коллектива, но и, например, между человеком и современной электронно-вычислительной машиной, а также между различными техническими устройствами.

Все процессы социальной коммуникации (специально-профессионального общения), происходящие в мире, основываются, в конечном счете, на использовании естественного языка. Люди пользуются и другими средствами общения, например различными искусственными языками (знаки уличного движения, морской сигнализации, языки информационного поиска, программирования, музыкальный язык, язык танца), но все эти средства общения являются вторичными и вспомогательными по отношению к естественному языку.

Можно выделить следующие типы коммуникаций и, соответственно, обеспечивающих их семиотических систем:

1. Коммуникация «человек-человек» - обмен социальной информацией между людьми. Обеспечивающее средство - естественный язык. Синонимы - человеческая коммуникация, межчеловеческое общение. Рассматривая терминологические проблемы, целесообразно говорить о научном, техническом и учебном общении.
2. Коммуникация «человек - цифровая технология» - обмен информацией между человеком и машиной, машиной и человеком. Частный вид - общение «человек – информационная технология – человек». Обеспечивающие средства информационные языки и языки программирования, функции цифровой технологии на естественном языке, использующиеся в диалоговых системах.

Функции терминологий в этих коммуникациях различны. Анализ коммуникативных ситуаций позволяет выделить следующие функции:

1. В коммуникативных процессах «человек - человек»:

а) функцию номинации объектов и выражения специально- профессиональных понятий; можно говорить о функции фиксации знания в процессах научного, технического и учебного общения;

б) функцию классификации в рубрикаторах, классификаторах, библиотечно-библиографических указателях и других классификационных системах.

2. В коммуникативных процессах «человек - информационная технология»:

а) функцию номинации в информационных языках дескрипторного типа, где лексические единицы естественного языка – термины -используются при создании специфических терминов искусственных языков, обозначающих объекты профессиональной деятельности;

б) функцию классификации в информационных языках классификационного типа, где термины используются для распределения сведений информационных массивов;

в) функцию управления в информационно-управленческих системах, где термины естественного языка выступают в роли „команды" для электронно-вычислительной машины выполнить определенную операцию над данными.

Таким образом, наука и техника приобретает в последнее время все большую значимость в жизни общества. Отсюда профессиональному общению отводится решающая роль. Одновременно с обогащением человеческих знаний во всех сферах общественной жизни, постоянно растет объем фонда специальной лексики и мы часто сталкиваемся с трудностями взаимопонимания в общении, не только между неспециалистом и профессионалом, но и среди специалистов и экспертов разных, а иногда одной и той же профессиональной сфер. Следовательно, важно исследовать профессиональную лексику с точки зрения ее возникновения, установить точное ее содержание и сделать доступным широкой массе заинтересованных лиц. Подобное толкование содержания специальной лексики становится тем более важным, поскольку язык обладает ограниченным количеством номинативных средств для обозначения сотен тысяч уже существующих и постоянно разрастающихся понятий.

Указанные проблемы и трудности возникают при общении даже в рамках одного и того же языка. Они возрастают существенным образом в случае общения коммуникантов на разных языках. Подобная ситуация стала давно обыденной поскольку международное сотрудничество во всех сферах нашей жизни занимает все большее пространство.

В связи с этим возникают проблемы в переводческой деятельности. Постоянно увеличивается количество текстов, подлежащих переводу. Специальные словари не могут шагать в ногу и успевать за таким развитием не в количественном отношении. Перевод специального текста становится возможным только в том случае, если человек владеет

словарным фондом в соответствующей области знаний и ее терминологией. Отсюда переводчику часто приходится перед самим переводом вплотную познакомиться с терминологией соответствующего текста. Предварительная и подготовительная работа занимает много времени особенно в тех случаях, когда переводчик недостаточно знаком с соответствующей отраслью науки (или профессией), и еще больше, если он не научился работать с терминологией данной отрасли.

Это привело к возникновению профессии терминолога, который собирает фонд профессиональной лексики, систематизирует и обрабатывает ее с целью облегчения работы переводчика. Помимо этого, терминологи дают советы и рекомендации при разработке или обсуждении одноязычных терминологий, к примеру, в стандартизации и в делопроизводстве.

Сравнение терминологий в разных языках и развитие новых терминологий важны не только для языка-посредника: они играют во всех сферах передачи технологий большую роль.

При этом возникает две проблемы: во-первых, в различных языковых пространствах (ареалах) существует разница в состоянии научно-технического развития, во-вторых, отдельные языки не обладают в равной степени языковыми средствами передачи знаний; это становится очевидным, если, например, научные результаты из области высоких технологий, накопленные в немецкоязычных странах, необходимо передать арабоязычным странам.

Передача знаний в процессе профессионального общения на уровне исследователей и инженеров зачастую протекает все же без затруднений, поскольку они обладают достаточными языковыми знаниями. Однако, как только возникает необходимость использования знаний в производстве, то их перевод с одного языка на другой становится неизбежным. Если дело касается сферы производства или же определенной области науки, которые в данной стране еще не развиты или находятся в стадии развития, то должна быть создана необходимая терминология – не в последнюю очередь в интересах безопасности производства. Так, например, в норвежской нефтяной промышленности, как отмечают некоторые авторы, осознали важность функционально-пригодного средства общения и очень скоро разработали соответствующую терминологию на норвежском языке. Это было важно в плане языковой политики, поскольку оно укрепляет позицию такого «маленького языка», как норвежский, по отношению «большого языка», как английский, и предотвращает тем самым возможную потерю престижа норвежского языка [2, с.219].

Особенно сложным становится процесс передачи новой научной информации, если она напрямую более недоступна исследователю и специалисту из-за языковых причин. Такое явление возникает, к примеру, при необходимости изучения специальной литературы на японском языке. В этом случае исследователь зависит от переводчика, вернее, от переводчика-специалиста, т.е., «чтобы успешно пользоваться новой научной информацией, нужно преодолеть языковой барьер. Это может произойти без потери информации, только в том случае, если существуют или могут быть созданы соответствующие носители информации – термины. Подобный творческий процесс предполагает, чтобы специалист-переводчик владел основами знаний по терминологии и был знаком с методами терминологической работы».

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Суперанская А.В. Общая терминология: Вопросы теории / А.В.Суперанская и др. - М.: Наука, 1989. – 243 с.
2. Суперанская А.В. Общая теория имени собственного / А.В. Суперанская. - М.: Наука, 1973. – 366 с.
3. Суперанская А.В. Общая терминология: Терминологическая деятельность / А.В.Суперанская, Н.В.Подольская, Н.В. Васильева. – М., 1993. – 228 с.
4. Гринев С.В. Введение в терминоведение / С.В. Гринев. – М., 1993. – 309 с.
5. Балин Б.Н. Терминологические сокращения / Б.Н. Балин // Ученые записки Калининск. гос. ун-та, т. 72. Вып. 1. - Калинин, 1970.
6. Авербух К.Я. Средства специальной номинации и проблема их описания в словарях разных типов / К.Я. Авербух // Ивановская лексикографическая школа: традиции и инновации: Сб. науч. ст. - Иваново, 2011. - 250 с.
7. Арутюнова Н.Д. Типы языковых значений / Н.Д. Арутюнова. - М., 1987. - 338 с.
8. Беженарь Г.И. Структурно-семантическая характеристика эпонимных терминов во французской, русской и молдавской медицинской терминологии и их упорядочение / Г.И. Беженарь // Проблемы упорядочения медицинской терминологии: Тез. докл. всесоюз. науч. конф. по проблемам упорядочения и стандартизации мед. терминов. – М., 1990.

НАҚШ ВА ВАЗИФАҲОИ ИСТИЛОҲОТ ДАР РАВАНДҲОИ КОММУНИКАТИВӢ

Дар мақолаи мазкур таҳлили забоншиносии истилоҳоти соҳаи маориф, забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ пешниҳод мегардад. Истилоҳот дар ҳар як забон қабати махсуси таркиби луғавии онро ташкил дода, бо аломатҳои хосси якмаъноӣ, орӣ аз обуранг ва тобишҳои эҳсосӣ, маҳрум аз муродифот ва марбут ба ягон соҳаи илму фан аз гурӯҳҳои дигари лексикаи китобӣ: вожагони адабии китобӣ ва идорию коргузорӣ тафовут доранд. Зикр кардан бамаврид аст, ки баъзе аз хусусиятҳои ҷудогонаи онҳо дар як силсила асару мақолаҳои дигарон ба ҳадде мавриди пажӯҳиш қарор гирифтаанд. Дар ин самт муқоисаи истилоҳоти соҳаи маориф дар ду забони аз назари генеологӣ мутааллиқ ба оилаи забонҳои

ҳиндуаврупоӣ (тоҷикӣ ва олмонӣ) бахшида шудааст. Мақола ба баррасии ҷанбаъҳои назарии истилоҳот дар забонҳои олмонӣ ва тоҷикӣ бахшида шуда, муаллифи мақола масоили умуминазариявии истилоҳотро дар забоншиносии муосир мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Муаллиф бо тартиби муайян қолабҳои падид омадани истилоҳотро дар заминаи маводи дардастбуда ошкор намуда, сермаҳсул ва каммаҳсул будани онҳоро дар ҳар як забон муқаррар мекунад. Дар зербахшҳои мақола дар такя бо таснифоти А.В. Суперанская истилоҳоти ин соҳа, ки дар шакли калима (сода, сохта, мураккаб, ихтисораҳо), ибораҳо ва рамзҳо зуҳур кардаанд, таҳқиқ шуда, нақши калимасозӣ дар ин қабати луғат нишон дода мешавад.

Калидвожаҳо: лексика, семантика, эпоним, истилоҳ, забон, воҳиди забон, синонимия, мафҳум, ҳақиқат, омилҳои экстралингвистӣ, равандҳои забон.

РОЛЬ И ФУНКЦИИ ТЕРМИНОВ И ТЕРМИНОЛОГИИ В КОММУНИКАТИВНЫХ ПРОЦЕССАХ

В данной статье речь идет об эпонимных терминах сферы образования, изучение эпонимных терминов сферы образования постоянно привлекает пристальное внимание лингвистов, так как сравнение одного и того же языкового явления в разных языках позволяет более четко и наглядно вскрыть сущность изучаемого явления, обнаружить его специфику как в языковом, системном плане, так и в речевом, функциональном. При этом следует учесть, что наличие сходных элементов не является обязательном условием при сопоставительном изучении языков. Чем меньше сходных элементов, тем ярче выявляется самостоятельность каждого языка. До сих пор сопоставительное изучение языков велось, главным образом, в плане грамматическом. Это совершенно понятно и закономерно, поскольку сопоставление языковых явлений легче и правильнее провести в рамках более определенной, органичной устоявшимся сводом правил, нормативной по самой своей сути грамматики. Однако, в настоящее время, когда уже накопился определенный опыт сравнительного изучения грамматических категорий в разных языках, внимание языковедов все чаще обращается на самостоятельную подсистему языка-терминологию, в которой наглядно отражается степень развитости той или иной научной отрасли. Выбор в качестве рецензируемых терминов таджикского и немецкого языков обусловлен необходимостью составления более полного научного представления об особенностях терминологии, как неотъемлемой части языка, а также линвокультуры таджикского народа. Исследования таджикских образовательных терминов проводилось в сопоставлении с их немецкими эквивалентами, что обусловлено повышенным интересом к изучению немецкого языка в Таджикистане.

Ключевые слова: лексика, семантика, эпоним, термин, язык, языковая единица, синонимия, понятие, действительность, экстралингвистические факторы, лингвистические процессы.

ROLE AND FUNCTIONS OF TERMS AND TERMINOLOGY IN THE COMMUNICATION PROCESSES

In this article we are talking about eponymic terms of the sphere of education, the study of eponymic terms in the sphere of education constantly attracts the close attention of linguists, since the comparison of the same linguistic phenomenon in different languages makes it possible to reveal the essence of the phenomenon more clearly and visually, to reveal its specificity both in the linguistic, systemic and verbal, functional terms. It should be noted that the presence of similar elements is not a prerequisite for a comparative study of languages. The fewer similar elements, the more clearly the independence of each language is revealed. Up to now, comparative study of languages has been conducted, mainly, in terms of grammatical. This is perfectly understandable and natural, since it is easier and more correct to compare language phenomena in the framework of a more definite, organic, well-established set of rules, grammatical normative in its very essence. However, at the present time, when a certain experience of comparative study of grammatical categories in different languages has already accumulated, the attention of linguists is increasingly turning to an independent subsystem of language-terminology, which clearly reflects the degree of development of a particular scientific branch. The choice of the Tajik and German languages as peer-reviewed irrigation terms is due to the need for a more complete scientific understanding of the terminology as an integral part of the language, as well as the linguoculture of the Tajik people. Studies of Tajik educational terms were conducted in comparison with their German equivalents, which is due to the increased interest in studying the German language in Tajikistan.

Key words: vocabulary, semantics, eponym, a term language, a unit of language, synonymy, the concept, the reality, extra-linguistic factors, linguistic processes.

Сведения об авторе: ***Самиев З.*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры немецкого и французского языков. **Адрес:** 734025, Республика Таджикситан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 918-65-41-01**

Information about the author: ***Samiyev Z.*** - Tajik National University, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of German and French. **Address:** 734025, Republic of Tadzhiksitan, Dushanbe, Rudaki Ave, 17. Tel.: **(+992) 918-65-41-01**

УДК: 802.0-3+809.155.0-3:809.155.0

ХУСУСИЯТИ НИГОРИШИ КАЛИМАҲОИ МУРАККАБ ВА ТАРКИБИИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР ФАРҲАНГИ АНГЛИСӢ-ТОҶИКӢ

Сафарзода Рухангези Акбар
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Ҳар як забон хусусиятҳои хосси худро дорад, ки ҷанбаҳои гуногунро ба монанди сохтори грамматикӣ, таркиби луғавӣ ва системаи овозӣ ташкил медиҳанд. Ҳар яки ин ҷанбаҳои забон ба тадқиқоти мустақили назариявӣ ниёз доранд. Дар гузашта бештар

ҷанбаи грамматикии забон баррасӣ мегардид, вале бо мурури замон ҷанбаҳои дигари он, аз ҷумла таркиби луғавӣ ва системаи хосси овозҳо низ омӯхта мешаванд.

Ба ақидаи Генри Суит «калима – ҳадди ақали потенсиалии ҷумла мебошад», ки ин танҳо ҷанбаи синтаксисии калимаро шарҳ медиҳад. Ҷанбаи семантикии калимаро забоншиноси машҳури америкоӣ Э. Сепир чунин шарҳ медиҳад: «калима яке аз хурдтарин, вале мустақилтарин ҷузъҳои маънои ҷудогона мебошад, ки ҷумла ба он равона карда мешавад» [3, с.27].

Аз нуқтаи назари илми забоншиносии муқоисавӣ калима дар ҳар як забон сохтор, хусусият, маъно ва мафҳуми хосси худро дошта, инчунин монандиҳо низ байни забонҳои муқоисашаванда дида мешаванд.

Дар забонҳои олам калимасозӣ нақши калон ва дар байни дигар воситаҳои ғанисозии фонди луғавӣ калимасозӣ мавқеи хос дорад. Моҳияти калима ва хусусиятҳои фарқкунандаи он аз нигоҳи сохтор ва корбаст аҳамияти худро гум накардаанд. Гарчанде намудҳои асосии калимаҳои мураккаб аз тарафи грамматикони Ҳинди қадим муайян ва тавсиф шудаанд. Моделҳои алоҳидаи калимаҳои мураккаб дар забонҳои гуногун мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифта истодаанд ва оид ба калимасозӣ адабиёти илмӣ низ зиёд гашта истодааст.

Калимаҳои мураккаби забони англисиро олимони забоншинос ба монанди В.Д. Аракин [2, с.208], И.В. Арнолд [3, с.152], Е.Н. Бортничук, И.В. Василенко ва Л.П. Пастушенко [5, с.143], П.В. Сарев [13, с.7], А.И. Смирнитский [9, с.135-137] ва дигарон ба таври гуногун тасниф кардаанд.

Забонҳои англисиву тоҷикӣ ба гурӯҳи забонҳои ҳиндуаврупоӣ дохил мешаванд. Аз ин лиҳоз, миёни ин ду забон аз бисёр ҷанбаҳо фарқият ва умумиятҳо ба назар мерасанд. Дар забонҳои муқоисашаванда гурӯҳи калимаҳое мавҷуданд, ки қисман аз рӯйи сохтор, таркиби овозу оҳанг ва семантика ба ҳам шабеҳ ҳастанд. Ба монади: mother- модар, father-падар, brother-бародар, daughter-духтар, cow-гов ва ғайра. Вале дар забони англисӣ гурӯҳи калимаҳое мавҷуданд, ки нисбат ба калимаҳои забони тоҷикӣ аз рӯйи сохтор, семантика ва корбурд фарқ мекунанд.

Ҳадаф аз навиштани мақолаи мазкур таҳлил намудани тарзҳои инъикоси воҳидҳои луғавии мураккаби хосси забони англисӣ дар фарҳангҳои луғоти дузабонаи англисӣ ба тоҷикӣ мебошад.

Оид ба сарчашмаҳои луғатшиносии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар тадқиқоти махсуси олимони тоҷик маълумоти муфассал дарёфт кардан мумкин аст [7, с.10-16; 10, с. 208]. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф мо асосан ба фарҳанги дузабонаи англисӣ-тоҷикӣ «Standard English-Tajik Dictionary» (соли таълиф 2017), муаллиф А. Мамадназаров такя намудем.

Аз ин рӯ, сарчашмаи мисолҳое, ки дар мақола пешниҳод мегарданд, аз фарҳанги номбурда сарчашма мегиранд.

Ҳангоми мутолиа ва таҳлили фарҳанги мазкур намудҳо ва шумораи калимаҳои мураккаби забони англисӣ муайян карда шудаанд. Бояд тазаккур дод, ки сохтори воҳидҳои луғавии мавриди баррасии мо бештар ба забони англисӣ маҳсуб аст, бинобар ин, бо мақсади гузаронидани таҳлили мисолҳо аз рӯйи тартиби муайян гурӯҳҳои воҳидҳои луғавии мазкурро шартан калимаҳои мураккаби бо нимтире (дефис) сохташуда, калимаҳои мураккаби пайваст ва таркибӣ ном гузоштем. Инчунин, шумораи калимаҳои мураккабе, ки бо як нимтире, ду нимтире, се нимтире сохта шудаанд, калимаҳои мураккаби пайваст ва таркибӣ муайян гардида мансубияти онҳо ба ҳиссаи нутқ нишон дода шудаанд.

Баррасии тарзҳои инъикоси калимаҳои мураккаби забони англисӣ дар фарҳанги зикршуда аз рӯйи гурӯҳҳои зерин ба мақсад мувофиқ аст: калимаҳои мураккаб, ки бо нимтире сохта шудаанд, калимаҳои мураккаби пайваст ва воҳидҳои луғавии таркибӣ (ба монанди «carbon paper-коғази капир, back and filling-калавиш дудилагӣ»).

1. Калимаҳои мураккаби бо нимтире (дефис) сохташуда

Яке аз маъмултарин ва серистеъмолтарин гурӯҳи калимаҳои мураккаби хосси забони англисӣ гурӯҳи калимаҳои мураккаби бо нимтире сохташуда ба шумор мераванд. Дар аксарияти луғатҳои забони англисӣ шумораи зиёди калимаҳои мураккаби бо нимтире сохташударо мушоҳида кардан мумкин аст. Калимаҳои мураккаби бо нимтире сохташуда аз ду ва зиёда асоси калима, вандҳо, як ва зиёда нимтиреҳо сохта мешаванд. Ҳатто дар баъзе мавридҳо шакли ҷумларо ба худ мегиранд, ки бо нимтиреҳо ва бе нимтиреҳо сохта шудаанд ва ин намуд сохторро калима-ибораи мураккаби хосси забони англисӣ ҳисобидан мумкин аст: “If you try to give **an on-the-one-hand-or-the-other-hand answer,** only one of the hands tend to be quoted – Агар шумо **ҷавоби дутарафа** додан хоҳед, танҳо як ҷавоб қабул

карда мешавад” [6, с.47]. “Despite **turn-out-the-vote efforts** of both parties, the number of **stay-at-home voters** was again high – Сарфи назар аз **кӯшишҳои** ҳар ду тараф барои **овоздиҳӣ** шумораи **овоздиҳандагони дар хона монда** боз ҳам баландтар буданд”[6, с.41].

Калимаҳои мураккаб бо чанд хусусияти худ аз ибораҳо фарқ мекунанд. Аз ҷумла, фонология яке аз омилҳои асосии фарқгузорандаи байни калимаи мураккаб ва ибораҳо мебошад. Дар калимаи мураккаб як калима ба калимаи дигар ба воситаи аломати китобатӣ вобаста шудааст. Аз ин лиҳоз, зада нақши калон дорад. Мисол, дар калимаи goodman ['gudmæn]-соҳибхона зада дар калимаи якум афтидааст ва дар калимаи goodman [gudmæn]-марди хуб дар калимаи дуюм.

Калимаҳои мураккаби бо нимтире сохташудаи забони англисиро дар навбати худ боз ба зергурӯҳҳои зерин тақсим кардан мумкин аст: а) калимаҳои мураккаби бо як нимтире сохташуда, б) калимаҳои мураккаби бо ду нимтире сохташуда, в) калимаҳои мураккаби бо се нимтире сохташуда.

а) калимаҳои мураккаби бо як нимтире сохташуда

Ба ин гурӯҳ калимаҳое дохил мешаванд, ки аз ду решаи калима бо як нимтире сохта шудаанд. Шакли бо нимтире сохташудаи калимаи мураккаб маънои онро дорад, ки қисмҳои калимаи мураккаб дар алоҳидагӣ ҳанӯз калимаи мураккаб нестанд. Ин роҳи калимасозӣ дар забони англисӣ маъмул ва сермаҳсул аст.

Калимаҳои зерин мисол шуда метавонанд:

Fortune-teller ['fɔ:ʧən˛telə] n- фолбин, толеъбин; lodge-house ['lɔʤhaus] n- меҳмонхона; lily-livered ['lılılıved] a- тарсончак; crow’s-foot ['krouzfut] n- 1) танобҳои соябони киштӣ; 2) ожангҳои кунҷи чашм; crow’s-nest ['krouznest] n- 1) лонаи зоғ; 2) дидбонгоҳ (дар болои сутуни киштӣ) ва ғайра.

Қисме аз калимаҳои мураккаби забони англисӣ, ки дар фарҳангҳои дузабона, аз ҷумла дар фарҳанги забони англисӣ-тоҷикӣ инъикос ёфтаанд, баъзе калимаҳои мураккаби бо як нимтире сохташуда дарёфт карда шуданд, ки ғайр аз ду асоси калима, вандҳо ва як нимтире, инчунин аз як калимаи дигар иборат мебошанд. Ин намуд калимаҳоро ба гурӯҳи калима-ибораҳои атрибутивӣ дохил кардан мумкин аст, зеро аз рӯйи сохтор ва семантика монанди мисолҳои дар боло зикргардида ба ибора шабеҳанд. Дар раванди тарҷума аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ низ онҳо ҳамчун ибораи изофӣ тарҷума мешаванд, на дар шакли як калима. Мисол: cod-liver oil ['kɔdlivə'ɔil] n- равған**и** моҳӣ; cut-throat competition ['kʌtθrout˛kʌmpi'tiʃn] n-рақобат**и** шадид; full-time job [(ə)fultaimjɔb] n- кор**и** тамоми вақт, кор**и** пурра; non-stop system [nɔn 'stɔp 'sistəm] n- системаи мунтазами кори шабонарӯзӣ, асосӣ, штатӣ ва ғайра.

Тавре ки мебинем, ин намуди калимаҳои мураккаби забони англисӣ аз рӯйи сохтор баҳснок ҳастанд ва чунонки маълум гардид, дар забони тоҷикӣ ба ибора шабоҳат доранд. Бинобар ин, калимаҳои мураккаби бо нимтире сохташударо дар ин ҳолат ҷузъи ибора ҳисобидан шояд ба мақсад мувофиқ бошад. Ҳарчанд онҳоро воҳидҳои луғавии таркибӣ низ меноманд.

б) калимаҳои мураккаби бо ду нимтире сохташуда

Калимаҳои мураккаби бо ду нимтире сохташудаи забони англисӣ аз ду ва зиёда решаи калима, пайвандаку пешоянд ва баъзан артикл низ иборат буда, бо ду нимтире сохта мешаванд. Мисол: four-in-hand ['fɔ:rin'hænd] n- аробаи чораспа; general-in-Chief ['ʤenərəlin'ʧi:f] n- сарфармондеҳи кулл; good-for-nothing ['gudfə˛nʌθiŋ] n- 1.n бекоргард, 2.a нодаркор; pepper-and-salt ['pepərənd'sɔ:lt] n- 1. n матои пашмини холдор; 2. a сафед ва сиёҳ (мӯй); penny-a-liner ['peniə'lainə] n- нимчаадиби кироя; blind-man’s-buff ['blaindmænz'bʌf] n- чашмбандакбозӣ, бозии чашмбандак ва ғайра.

в) калимаҳои мураккаби бо се нимтире сохташуда

Ин навъ калимаҳои мураккаби забони англисӣ аз ду решаи калима, пайвандак, ҷонишин, ҳиссача, ҳатто як ҳарфу апостроф ва артикл сохта шудаанд. Мисол: head-in-the-sand ['hedinðі˛send] a- сардардег; hop-o’-my-thumb ['hɔpəmiθʌm] n- одами резаандом; will-o’-the-wisp ['wiləðwisp] n-маҷ.нақшаи ғайриамалӣ; Jack-o’-lantern ['ʤækə˛læntən] n- фонуси кадуӣ (дар ҷашнҳо даруни кадуро холӣ мекунанд ва дарунаш шамъ мегузоранд); Jack-of-all-trades [ʹ ʤækɔvɔ:ltreidz] 1. n- шахси боҳунар; 2. v 1) бо фашанг/домкрат бардоштан; rag-and-bone-man [˛rægənʹ boun˛mən] n- куҳнафурӯш ва ғайра.

2. Калимаҳои мураккаби пайваст

Ин гуна калимаҳои мураккаб калимаҳое мебошанд, ки ду решаи калима ва баъзан бо вандҳо якҷоя пайваст шуда, дар забони англисӣ як калимаи мураккаб месозанд. Шумораи

калимаҳои мураккаби пайваст низ монанди калимаҳои мураккаби бо як нимтире сохташуда нисбат ба дигар сохти калимаи мураккаб зиёд мебошанд. Мисол: stagedoor [ˈsteiʤdɔ:] n- дари ақиби саҳна; highwayman [ˈhaiweimən] n- роҳзан, дузд; footballer [ˈfutbɔ:lə] n- футболбоз; flatbottomed [ˈflætbɔtəmd] a- тагпаҳн; humpback [ˈhʌmpbæk] n- одами кӯзапушт ва ғайра.

Калимаи highwayman [ˈhaiweimən] n- роҳзан, дузд аз се калимаи сода сохта шудааст, яъне аз се калимаи сода, ки ҳар яки онҳо дар алоҳидагӣ тамоман мазмуни дигар доранд, як калимаи мураккаби мафҳуми том ва ба тарҷумаи решаҳои он вобаста набуда сохта шудааст. Мисол, high [hai] -баланд,бузург, аъзам; way [ˈwei]- роҳ, самт, тарз; man[mæn]- мард, одам. Агар тарҷумаи таҳтуллафзӣ намоем, он гоҳ тарҷума ин тавр шакл мегирад: high-баланд→way- роҳ, самт→man- мард, одам=баланд роҳ мард. Аммо агар калимаи мазкурро қисман таҳлил намоем, пас калимаи додашуда аз як калимаи мураккаб ва як калимаи сода сохта шудааст. Мисол, highway [ˈhʌiwei]- роҳи калон, шоҳроҳ; man[mæn]- мард, одам. Дар тарҷумаи байни калимаҳои highway- роҳи калон, шоҳроҳ ва highwayman- роҳзан, дузд монандӣ дида мешавад. Мисол, роҳзан, дузд ё худ дузди роҳи калон, дузди сари роҳ.

Калимаи footballer [ˈfutbɔ:lə] n- футболбоз низ калимаи мураккаби аз ду реша ва як пасванд таркиб ёфтааст. Мисол, foot [fut]n- по, пой, поча (калимаи сода); ball [bɔ:l] n-кура, тӯб (калимаи сода);–er [ə]-пасванди исмсоз. Калимаи ишорашуда аз калимаи football [ˈfutbɔ:ə] n- футбол гирифта шудааст ва худи ҳамин калима низ дар асл мураккаб мебошад: foot [fut]n- по, пой, поча (калиами сода); ball [bɔ:l] n-кура, тӯб (калимаи сода).

Калимаи flatbottomed [ˈflætbɔtəmd] a- тагпаҳн, тагвасеъ аз ду решаи калима ва пасванди –ed сохта шудааст. Мисол, flat [flæt]n-1) хона; 2) ҳамворӣ; bottom[ˈbɔtəm]n- таг, зер, бех (калимаи сода); -ed suff.- пасванди сифати феълии шахси II-юмсоз ё худ нишондиҳандаи замони гузаштаи феъл. Калимаи мазкурро чудогона ва бо нимтире низ навиштан мумкин аст: flatbottomed, flatbottomed, flat-bottomed. Тарҷумаи таҳтуллафзии калимаи зерин ба тарҷумаи маъноияш шабоҳат дорад. Мисол, flat- хона, ҳамворӣ→bottom [ˈbɔtəm]n- таг, зер, бех ё худ bottomed-чуқур, поён, таг=ҳамвории чуқур, сатҳи поёни тагдор; flatbottomed- тагпаҳн, тагвасеъ.

Дар забони англисӣ гурӯҳи калимаҳои мураккаб мавҷуданд, ки дар онҳо ду решаи калима бо ҳамсадо ё садонокҳои пайвасткунанда пайваст мешаванд. Ҳамсадои пайвасткунандаи ин намуд калимаҳои мураккаб -s- ва садонокҳои -i- ва -o- мебошанд. Айни замон чунин намуд калимаҳои мураккаб дар забони англисӣ кам вомехӯранд. Дар забони англисии қадим ин гуна калимаҳо нисбат ба забони англисии муосир бештар дар истифода қарор дошта буданд. Бештари калимаҳои ин зергурӯҳро калимаҳое ташкил медиҳанд, ки ҳарфи пайвасткунандаашон ҳамсадои -s- мебошад. Мисол: brake(s)man [ˈbreik(s)mən] n- тормозчӣ (роҳи оҳан), мутасаддии тормоз; handicraft [ˈhændikra:ft] n-1) ҳунар; 2) кори дастӣ; 3) санъаткорӣ; handicraftsman [ˈhændikra:ftmən] n- ҳунарманд, усто; Anglo-Saxon [ˈæŋləˈsæksən] n- 1) Англо-Саксон (қабилаҳои германӣ); 2) забони англосаксонҳо (англисии қадим); Indo-European [ˈindouˌjuərəˈpi:ən] a- ҳиндуаврупоӣ; gasometer [gæˈsɔmitə] n- дастгоҳи ченкунии газ, газҳисобкунак; pharmacology [fa:məˈkɔlәʤi] n- дорушиносӣ, фармакология (илми сохтану истифодаи доруҳо) ва ғайра.

Дар калимаи brake(s)man [ˈbreik(s)mən] n- тормозчӣ (роҳи оҳан), мутасаддии тормоз ду решаи калимаи сода бо ҳамсадои мобайнии -s- ба ҳам пайваст шуда, як калимаи мураккабро ташкил додаанд. Ҳар яке аз ин калимаҳо дар шакли чудогона маъноҳои алоҳидаи худро доранд ва дар якҷоягӣ маънои дигарро ифода кардаанд, ки қариб ба маъноҳои асл монанд ҳастанд. Мисол, калимаи brake [breik] дар алоҳидагӣ дорои чанд маъно мебошад ва дар ин калима маънои мувофиқи он интихоб шудааст, яъне тормоз; калимаи man [mæn] - одам, мард ва ҳамсадои -s- пайвасткунандаи ин ду калима мебошад, ки дар ин ҷо аз рӯйи семантика ва синтаксис соҳибиятро ифода кардааст. Яъне шахси назораткунандаи тормоз ё худ тормозчӣ, назоратчии тормоз (дар роҳи оҳан).

Дар калимаи handicraft [ˈhændikra:ft] n-1) ҳунар, дастоварзӣ, пеша; 2) кори дастӣ, фароварди ҳунар; 3) санъаткорӣ, ҳунаркорӣ, устокорӣ пайвасткунандаи ду калимаи сода садоноки пайвасткунандаи –i- мебошад. Вазифаи садоноки пайвасткунандаи -i- дар забони англисӣ аз пайваст кардани ду калима иборат буда, дар забони тоҷикӣ он нишондиҳандаи бандаки изофӣ аст. Мисол, тарҷумаи калимаи hand [hænd] n-даст; калимаи craft [kra:ft] n- маҳорат, санъат, забардастӣ, санъаткорӣ ва садоноки -i- ишоракунандаи чӣ гуна касбу

ҳунар будан тасвир шудааст. Яъне handi-дастӣ craft-касбу ҳунар ё худ handi craft=кори дастӣ, устокорӣ.

Дар калимаи handicraftsman [′ hændikra:ftmən] n- косиб, ҳунарманд, усто бошад, ду элементи пайвасткунанда дида мешавад. Дар ин ҷо аз се калимаи сода ва ду элементи пайвасткунанда -i- ва -s- як калимаи мураккаби маънои мустақилдошта ташаккул ёфтааст. Агар дар калимаи handicraft [′ hændikra:ft] ҳунари дастӣ дар назар дошта шуда бошад, пас дар калимаи handicraftsman [′ hændikra:ftmən] бо илова кардани калимаи man, ки дар ин ҷо аз ҷиҳати морфологӣ ба вазифаи исми ҷинс омадааст, ҳамчун шахси ҳунарманд, усто, забардаст ифода ёфтааст.

Калимаи Indo-European [′ indou˛juərə′ pi:ən] a- ҳиндуаврупоӣ ифодагари қабила, забон, миллат ва фарҳанги як қисмати муайяни одамон мебошад. Садоноки пайвасткунандаи мобайнии -o- ду решаи калимаи содаро тавассути нимтире ба ҳам пайваст намудааст. Дар ин ҷо пайвастшуда омадан ё робита доштан ва ё ин ки бо ҳам алоқаманд будани ду қавм, забон, фарҳанг ишора шудааст. Дар забони тоҷикӣ бошад, ҳангоми тарҷумаи калимаи мазкур садоноки мобайнии -o- аз рӯйи морфология ба вазифаи пайвандаки пайвасткунанда хизмат мерасонад. Мисол, Indo-ҳиндустони**ву**, European-аврупоӣ; Indo-ҳиндустони**ву**, Chinese-чинӣ/хитоӣ; Indo-ҳиндустони**ву**, Iranian-эронӣ. Вале дар калимаҳои Anglo-Saxon [′ æŋglə′ sæksən] ва Afro-Asian [æfrou′ eiʃn] садоноки пайвасткунандаи мобайнии -o- аз рӯйи сохтор дар шакли асл тарҷума шуда, аз рӯйи морфология вазифаи пайвандакро иҷро мекунад. Мисол, Anglo-Saxon [′ æŋglə′ sæksən]n- 1) Англо-Саксон (қабилаҳои германӣ); 2) забони англосаксонҳо (англисии қадим).

Калимаҳои gasometer [gæ′ sɔmitə] n- дастгоҳи ченкунии газ, газҳисобкунак ва pharmacology [˛fa:mə′ kɔləʤi] n- дорушиносӣ, фармакология (илми сохтану истифодаи доруҳо) ҳамчун калимаҳои мураккаби дар боло зикршуда таҳлил карда мешаванд, танҳо ҳангоми тарҷума аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ садоноки пайвасткунандаи мобайнии -o- аз рӯйи сохтор дар калимаи мураккаб мавқеашро гум карда, ду решаи калимаи содаро пайваст мекунад.

3. Воҳидҳои луғавии таркибӣ

Ин намуд калимаҳои мураккаби забони англисӣ аз ду ва зиёда решаи калима, вандҳо сохта шудаанд, ки ҷудогона навишта мешаванд. Мисол: carbonpaper [′ ka:bən˛ peipə] n- коғази капир, коғази карбон, коғази нусхабардорӣ; prison breaker [′ priznbreikə] n- зиндонии гуреза; drinking fountain [′ driŋkiŋ˛ fauntin] n- ҷойи обхӯрӣ; death’s head [′ deθshed] n- косахонаи сар (бо унвони нишонаи марг); back and filling [′ bækən′ filiŋ] n-калавиш, дудилагӣ ва ғайра.

Калимаи carbon paper [′ ka:bən˛ peipə] n- коғази капир, коғази карбон, коғази нусхабардорӣ аз ду решаи калимаи сода сохта шудааст, ки дар якҷоягӣ ба як калимаи мураккаб табдил ёфтаанд. Мисол, carbon [′ ka:bən] n- 1) хим. карбон; 2) ангишт, ангиштсанги тоза; 3) коғази карбон/нусхабардорӣ, капир; paper [′ peipə]n- коғаз.

Калимаи back and filling [′ bækən′ filiŋ] n- калавиш, дудилагӣ низ калимаи мураккаб ба ҳисоб меравад, чунки дар ин калима якҷо омадани ду решаи калима ва як пайвандак ба назар мерасад. Инчунин, калимаҳои мазкур дар алоҳидагӣ маънои дигар доранд ва дар якҷоягӣ тамоман маънои дигарро ба худ гирифтаанд. Мисол, back [bæk]n- ақиб, пушт; and [ænd] cj- ва (пайвандак); filling [′ filiŋ]n- 1) амали пур кардан, пуркунӣ (дандон ва ғ.); 2) амали бор кардан, боркунӣ; 3) хокрез; 4) тамға, пломба.

Дар калимаи death’s head [′ deθshed] n- косахонаи сар (бо унвони нишонаи марг) каме дигаргунӣ мушоҳида мешавад. Ин ҳам бошад бо апостроф навишта шудани решаи якуми калима аст. Дар асл аломати апостроф соҳибият ё шакли кӯтоҳкардашудаи феълро дар забони англисӣ мефаҳмонад. Мисол, Anvar’s bag - ҷузвдони Анвар (яъне соҳиби он Анвар аст); It’s summer now-ҳозир тобистон аст (it is=it’s – аст). Калимаи death [deθ] n- марг, аҷал ва муродифи инҳо тарҷума мешавад; ’ s соҳибиятро мефаҳмонад; head [hed]n- сар. Агар калимаи мазкурро ба таври таҳтуллафзӣ тарҷума намоем, он гоҳ тарҷума ин гуна шакл мегирад: death –марг →’s –аломати соҳибият→head- сар =сари марг.

Калимаи дигаре, ки ба ин гурӯҳ тааллуқ дорад prisonbreaker [′ priznbreikə] n- зиндонии гуреза мебошад. Дар ин калима ду решаи калима бо пасванди исмсози –er (дар дуюм решаи калима омадааст), якҷо шуда калимаи мураккабро ташкил додаанд. Мисол, prison[′ prizn] n- бандихона, зиндон, маҳбас; break [breik]1.n- шикаст; 2.a- шикастагӣ; 3.v- шикастан, пора кардан; -er suff.- пасванди исмсоз.

Ҳамин тариқ, таҳлилҳо нишон доданд, ки дар умум аз миёни зиёда аз 100 000 воҳидҳои гуногуни луғавӣ бештар аз 4 ҳазор ададро воҳиди луғавии мураккаб ташкил медиҳанд. Мувофиқи таҳлили сохторӣ аз ин шумора қисми зиёди калимаҳои мураккабро

калимаҳои бо як нимтире сохташуда ташкил медиҳанд. Онҳо ба 2846 адад мерасанд. Миқдори калимаҳои мураккаби бо ду нимтире сохташуда ба 83 адад баробар аст. Аз ин миқдор 12 ададро калимаҳои мураккаби бо се нимтире сохташуда ташкил медиҳанд. Аз миёни калимаҳои мураккаб 1243-тои онро калимаҳои мураккаби пайваст (калимаҳои мураккабе, ки ду ва зиёда решаи калима ба ҳам пайваст навишта шудаанд) фаро мегиранд, инчунин 27 адади онҳоро воҳидҳои луғавии таркибӣ (калимаҳои мураккабе, ки ду ва зиёда асоси калима, (баъзан бо вандҳо) якҷо, вале бепайвастшавӣ навишта шудаанд) ташкил медиҳанд. Ҳамчунин таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки калимаҳои мураккаби забони англисӣ ба тоҷикӣ дар шакли калимаҳои мураккаб, ибораҳо ва ба воситаи шарҳи маънӣ дар забони тоҷикӣ нишон дода шудаанд.

Хулоса, калимаҳои мураккаби забони англисӣ дар фарҳанги дузабонаи англисӣ-тоҷикӣ «Standard English-Tajik Dictionary» (соли таълиф 2017), муаллиф А. Мамадназаров аз рӯйи миқдор назаррас буда, аз нигоҳи шаклу сохтор ва семантика дар раванди тарҷума таъсирбахш мебошанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Азимова, М.Н. Структурно-семантические особенности сложных существительных в современном английском и таджикском языках / М.Н. Азимова // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. - Худжанд, 2012. - №1. - С. 166-179.
2. Аракин В.Д. Сравнительная типология английского и русского языков: учеб.пособие / В.Д. Аракин. –3-е изд. – М.: ФИЗМАТЛИТ, 2005. - 232 с.
3. Арнольд И.В. Лексикология современного английского языка. Учебное пособие / И.В. Арнольд. – М.: Изд-во лит-ры на иностр. яз., 1959. - 352 с.
4. Баракаева, Г.Б. Луғати мухтасари тоҷикӣ-англисӣ / Г.Б. Баракаева. –Душанбе: Университети давлатии Тоҷикистон, 1968. Қ. 1, 2. - 397 с.
5. Бортничук Е.Н. Словообразование в современном английском языке: учеб.пособие для ин-тов и фак. Иностр. яз / Е.Н. Бортничук, И.В. Василенко, Л.П. Пастушенко; под ред. Ю.А. Жлуктенко. – Киев: Вищ. школа: Изд-во при Киев. гос. ун-те, 1988. -261 с.
6. Бузаджи, Д.М. Техника перевода. Сборник упражнений по переводу с английского языка на русский язык. Грамматические аспекты перевода / Д.М. Бузаджи, А.С. Маганов. - М.: Р.Валент, 2007. - Часть I. – 208 с.
7. Мамадназаров А. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ / А. Мамадназаров. –Душанбе: ЭР-граф, 2017. – 1016 с.
8. Мюллер В. Англо-русский словарь / В. Мюллер. - М.: Русский язык, 1978. – 888 с.
9. Смирницкий А.И. Лексикология английского языка / А.И. Смирницкий.– М.: Омен: Моск.гос. ун-т им. М.В. Ломоносова. Филол. Фак, МГУ, 1998.- 259 с.
10. Турсунов Ф.М. Безэквивалентная лексика в переводе (на материале английского и таджикского языков): Монография / Ф.М. Турсунов. – Душанбе: Бебок, 2015. – 432 с.
11. Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ. Ҷ.1; зери таҳрири: С. Назарзода, Сангинов А. ва диг. –Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ, 2010. - 997 с.
12. Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ. Ҷ. 2; зери таҳрири: С. Назарзода, Сангинов А. ва диг. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ, 2010.- 1096 с.
13. Царев П.В. Сложные слова в английском языке. Учебное пособие / П.В. Царев. – М.: Из-дво МГУ, 1980. – 125 с.

НИГОРИШИ КАЛИМАҲОИ МУРАККАБИ АНГЛИСӢ ДАР ФАРҲАНГИ АНГЛИСӢ-ТОҶИКӢ

Мақолаи мазкур роҳҳои нигориши калимаҳои мураккаби забони англисиро дар фарҳанги дузабонаи англисӣ-тоҷикӣ «Standard English-Tajik Dictionary» (соли таълиф 2017), муаллиф А. Мамадназаров дар бар мегирад. Дар раванди таҳлил сохтор ва семантикаи калимаҳои мураккаби забони англисӣ, роҳҳои калимасозӣ ва тарзу усулҳои ифодаи калимаҳои мураккаби хосси забони англисӣ дар забони тоҷикӣ баррасӣ гардидааст. Инчунин муқоисаи тарҷумаи калимаҳои мураккаби забони англисӣ дар забони тоҷикӣ инъикос шудааст. Аз рӯйи сохтор калимаҳои мураккаби забони англисӣ хусусияти хосси худро доранд ва онҳоро ба гурӯҳҳои калимаҳои мураккаби бо нимтире сохташуда, пайваст ва таркибӣ тасниф кардан мумкин аст, ки дар навбати худ гурӯҳи якум ба зергурӯҳҳои бо як нимтире, ду нимтире ва се нимтире сохташуда ҷудо карда мешавад. Дар қисмати назариявии мақола оид ба таснифоти калимаҳои мураккаб дар забони англисӣ ва сарчашмаҳои луғатномаҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ маълумоти мухтасар оварда шудааст. Дар натиҷа калимаҳои мураккаби забони англисӣ, ки дар фарҳанги дузабонаи номбурда инъикос ёфтаанд, аз нигоҳи миқдор назаррас ва аз нигоҳи тарҷума муҳим ба ҳисоб мераванд. Дар байни дигар воситаҳои ғанисозии фонди луғавии забон калимасозӣ мавқеи хос дорад. Махсусан, дар раванди пешрафти босуръати техникаву технологияи навин миқдори калимаҳои соҳаҳои гуногун афзоиш ёфта, ба пайдоиш ва зиёд шудани миқдори калимаҳои мураккаб такони ҷиддӣ медиҳанд. Аз ин лиҳоз, таҳлили тарзҳои нигориши калимаҳои мураккаби хосси забони англисӣ дар фарҳангҳои дузабона бамаврид аст.

Калидвожаҳо: калимаҳои мураккаб, фарҳанги дузабона, нигориши луғат, сохтор, тарҷума, муқоиса, забони тоҷикӣ, забони англисӣ.

ОСОБЕННОСТИ ОТРАЖЕНИЯ АНГЛИЙСКИХ СЛОЖНЫХ И СОСТАВНЫХ СЛОВ В АНГЛО-ТАДЖИКСКОМ СЛОВАРЕ

В данной статье рассматриваются вопросы отражения сложных слов английского языка в двуязычном словаре «Standard English-Tajik Dictionary» (А. Мамадназаров). В процессе анализа рассмотрены способы словообразования в английском языке и способы их передачи в таджикском языке. В статье проведен структурно-семантический анализ сложных слов, а также отражено сопоставление переводов сложных слов английского языка на таджикский язык. По структуре сложные слова в английском языке имеют свою

специфику и они классифицируются на сложные слова с дефисом, слитные сложные слова и составные слова. В свою очередь, первую группу можно подразделить на сложные слова с одним дефисом, сложные слова с двумя дефисами и сложные слова с тремя дефисами. В теоретическом разделе статьи коротко сообщается о классификации сложных слов в английском языке и об английских и таджикских словарях. В результате, сложные слова английского язы, отраженные в упомянутом двуязычном словаре, довольно часто употребительны и занимают очень важное место в процессе перевода. Среди способов обогащения словарного состава языка, словообразование играет значительную роль. Особенно в процессе бурного развития техники и новейшей технологии количество слов разных сфер увеличивается и они способствуют появлению сложных слов и обогащению словарного состава. Таким образом, анализ отражения сложных слов в двуязычных словарях актуален.

Ключевые слова: сложные слова, двуязычный словарь, отражение словаря, структура, перевод, сравнение, таджикский язык, английский язык.

PECULIARITIES OF THE REPRESENTATION OF THE ENGLISH COMPOUND AND COMPOSITE WORDS IN THE ENGLISH-TAJIK DICTIONARY

This article deals with the representation of the compound words in the English language in the bilingual dictionary «Standard English-Tajik Dictionary» (A. Mamadnazarov). In the process of analysis, the ways of word formation in English and the ways of their translation from the original language to the target language have been considered. The structural-semantic analysis of the roots of the given compound words is given in the article. Also it represents the comparison of the translation of English compound words into Tajik language. By the structure, compound words in English have their own specifics and they are classified into compound words with a hyphen, linked compound words and composite words. The first group, in turn, can be divided into compound words with a hyphen, compound words with two hyphens and compound words with three hyphens. In the theoretical section of the article, brief information is given about the classification of the English compound words and about the sources of the English and Tajik dictionaries. As a result, the English compound words represented in the mentioned dictionary, are great in number and impact the translation process. Among the ways to enrich the vocabulary of the language, word formation plays a significant role. Especially in the light of technology development, the number of words in different spheres increases and contributes to the emergence and enrichment of compound words. Thus, the analysis of the representation of the English compound words in bilingual dictionaries is very important.

Key words: compound words, bilingual dictionary, dictionary representation, structure, translation, comparison, Tajik language, English language.

Сведения об авторе: ***Сафарзода Рухангези Акбар*** – Таджикский государственный институт языков имени С. Улугзода. докторант PhD кафедры сопоставительного языкознания и теории перевода, ассистент кафедры английской филологии. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул.Мухаммадиева 17/6.
E-mail: **ruhangezakbar@mail.ru**

Information about the author: ***Safarzoda Rukhangezi Akbar*** – Tajik State Institute of Languages named after S. Ulughzoda, PhD student in the Department of Comparative Linguistics and Translation Theory, assistant in the Department of English Philology. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev St.17/6.
E-mail: **ruhangezakbar@mail.ru**

УДК: 491.550-56:891.550-1:82

ИБОРАҲОИ РЕХТА БО ВОЖАИ ОБ ДАР ФАРҲАНГНОМАИ «БАҲОРИ АЧАМ»

Гулова З.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Об дар осор ва афкори андешамандони Шарқу Ғарб ҳамеша аз ҷойгоҳи вижае бархӯрдор будаву дар сохтори зиндагӣ ва бистари ҳастии башар нақши асосӣ доштааст ва бе тардид хилқату ҳаёти инсон низ ба он мадюн аст. Ҳамин аст, ки онро яке аз унсури аслии ҳаёт дониста, дар муқобили оташ қарор додаанд [8, с.29]. Гузаштагони форсу тоҷик ба қудусияти об бовар доштаанд, чун «яке аз куҳантарин ва баландтарин сурудаҳои Авесто ва яке аз намозҳои зардуштӣ ба ситоиши эзидбонуи обҳо Аноҳито бахшида шудааст [10].

Дар сарчашмаҳои исломӣ, хусусан Қуръони карим ва аҳодиси набавӣ об аз ҷойгоҳи волое бархӯрдор буда, ҳамчун муъҷизаи илоҳӣ, ки ҳаёти тамоми махлуқот ба он бастагӣ дорад, ситоиш шудааст. Аз ҷумла, дар Қуръони карим вожаи об [моъ] 63 бор омада, аз нишонаҳои гуногуни он дар замин, аз эҳёву сарсабзии табиат ва пайдоиши чарогоҳу киштзорҳо ва ғ. сухан рафтааст [2].

Ба таъкиди таърихнигорон ҳанӯз дар давраи Сомониён ҷиҳати таъмини раъият ба оби тозаи ошомиданӣ ва сероб намудани киштзорҳо Вазорати об таъсис ёфта будааст. «Девони кастабзуд [муарраби вожаи таркибии форсии костафзуд] бахше аз Девони об буд, ки хироҷи ҳамаи моликони об ва миқдори афзоиш ё коҳиши хироҷ ва тағйири исме ба исми дигарро сабт мекард. Хироҷи Марв бар хилофи дигар ҷойҳо на бар асоси тавлиди кишоварзӣ, балки ба миқдори обёрӣ бастагӣ дошт. Дар деҳаи Зарқ, дар якманзилии

[шашфарсангӣ] болои шаҳри Марв садди Марв қарор дошт, ки аз он ҷо оби Мурғоб тақсим мешуд” [5, с. 298-300].

Осори адабии гузаштагони форсу тоҷик низ саршор аз ашъору гуфтор ва нақлу ҳикоят дар бораи арзишу ҷойгоҳи об дар зиндагӣ мебошад. Аз ҷумла, дар ашъори саромади сухансароёни форсу тоҷик Одамушшуаро Рӯдакӣ чандин таъбирҳоеро хондан мумкин аст, ки бо вожаи об сохта шудаву ҳокӣ аз собиқаи корбурди васеи он дар забони форсии тоҷикӣ аст.

Маро зи мансаби таҳқиқи анбиёст насиб,
Чӣ об ҷӯям аз ҷӯйи хушки юнонӣ?! [Рӯдакӣ].

Фаришторо зи ҳаловат даҳон пуроб шавад,
Чу аз ҳарорати май дилбарам лабон лесад [Рӯдакӣ].

Бибурда наргиси ту оби ҷодуи Бобил,
Кушода гунчаи ту боби муъҷизи Мӯсо [Рӯдакӣ].

Метавон гуфт, ки ҷойгоҳи ҳаётии об имрӯз низ байни тоҷикон мавриди таваҷҷуҳ аст ва «тибқи арзёбиҳои байналмилалӣ, Тоҷикистон тайи ду даҳсолаи гузашта ташаббускори ҷаҳонии ҳалли масоили глобалӣ дар соҳаи об эътироф гардид» [9].

Чи тавре ишора шуд, дар осори гузаштаи суханварони форсу тоҷик таъбирҳои зиёде бо вожаи об корбурд шудаанд, ки имрӯз ҳамчун ибораҳои рехтаву фразелогизмҳо шинохта ва мавриди истифодаи хоссу ом мебошанд. Корбурди васеи вожаи об дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ, ки аз унсурҳои муҳимми забон ба шумор рафтаву ҳамчун масолеҳи дар тӯли қарнҳо рехтаву устуворгардидаи забон дар шакли қолабҳои тайёр ва бо маъниҳои пешакӣ маълум истифода бурда мешаванд [7, с.4] ва оинаи тамомнамои фарҳангу анъана ва русуми миллат талаққӣ мегарданд [6, с.98], бори дигар аз таваҷҷуҳи таърихии миллати тоҷик ба масъалаи об шаҳодат медиҳад.

Яке аз фарҳангномаҳое, ки дар фарогирӣ ва мондагор сохтани таъбирҳои фразеологӣ нақши умда дорад ва таърихи фарҳангнигорӣ ҳамчун қомуси ибораҳои рехта шинохта шудааст, «Баҳори Аҷам»-и Текчанд Баҳор унвон мешавад. Дар ин фарҳангнома 32 саҳифа танҳо ба моддаи об бахшида шуда, дар он зиёда аз 230 ибораи фразеологие, ки бо овардани вожаи об дар аввали он сохта шудааст, гирдоварӣ гаштааст. Бешак, агар ибораҳои фразеологие, ки вожаи об дар дигар моддаҳо, на дар аввал балки дар мобайн ва охир оварда шудааст, гирдоварӣ шавад, шумораш аз панҷсад мегузарад.

Ибораҳои рехтаи дар таркибашон вожаи об будаи «Баҳори Аҷам»-ро вобаста ба хусусиятҳои синтаксисияшон, ҳам ба гурӯҳи ибораҳои рехтаи изофӣ ва ҳам ба гурӯҳи ибораҳои рехтаи феълӣ метавон ҷудо намуд. Масалан, ибораҳои рехтаи оби ангур [3, с. 4], оби борик [3, с. 4], оби бақо [3, с. 9], оби пушт [3, с. 10], оби пайкон [3, с.10], оби ток [3, с. 10], оби ҷовидон [3, с. 11], оби ҷигар [3, с. 11], оби ҳаром [3, с. 11], оби ҳасрат [3, с. 11], оби ҳайвон ва оби ҳаёт [3, с. 12], оби ҳайвонгувор ва оби ҳайвонгуҳар [3, с. 12], оби харобот [3, с. 12], оби Хизр [3, с. 12], оби дил [3, с. 17], оби раз ва оби разон [3, с. 19], оби зиндагонӣ ва оби зиндагӣ [3, с. 20] ва ғ. ибораҳои рехтаи изофӣ ба шумор мераванд, дар ҳоле ки ибораҳои рехтаи об овардани матоъ [3, с. 2], об аз оташ баркашидан [3, с. 2], об аз пай рехтан [3, с. 3], об аз сар гузаштан [3, с. 3], об бо ресмон бастан [3, с. 4], об ба парвезан паймудан [3, с. 5], об ба ҷавоз кӯфтан [3, с. 5], об ба дасти касе рехтан [3, с. 5] ва об ба пойи касе рехтан [3, с. 5], об бар оташ рехтан ва об бар оташ задан [3, с. 6], обурӯ харидан [3, с. 20], об зери коҳ андохтан [3, с. 20], об кашидани захм [3, с. 25], об гардонидан [3, с. 25], об гирифтани хона [3, с. 26], об кушодани даҳон [3, с. 26], об нахӯрдан [3, с. 30], обе дар миён будан [3, с. 32], обӣ шудани муомила [3, с. 32] ва ғайра намунаи ибораҳои рехтаи феълӣ шуда метавонанд.

Таҳлилҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки дар фарҳанги «Баҳори Аҷам» ибораҳои рехтаи феълии аз вожаи об таркибёфта аз ибораҳои рехтаи изофии аз ҳамин вожа таркиб гашта ба маротиб бештар аст. Гузашта аз ин, бо таҳлили чунин ибораҳои рехта мешавад ин тавр хулосагирӣ намуд, ки қисмати ибораҳои рехтаи изофии он ба гунае дар маҳдудаи маъноӣ қарор доранд. Чунончи дар фарҳанг ин гуна ибораҳои рехта бештар ҳамчун ифодагари май ва оби ҳаёт оварда шудаанд, ки талмеҳ ба қиссаҳои қуръонӣ доранд ва шоирони зиёде низ онро дар зимни ашъори худ овардаанд. Аз ҷумла, Низомии Ганҷавӣ ишора ба оби ҳаёту қиссаи он гуфта:

Шигифте нашуд, к-оби ҳайвонгуҳар,
Кунад моҳии мурдаро ҷонвар.
Шигифт андар он моҳии мурда буд,
Ки бар чашмаи зиндагӣ раҳ намуд [3, с. 12].

Ибораҳои рехтаи оби ҳайвонгуҳар, моҳии мурда ва чашмаи зиндагии дар ин абёт зикршуда, ки бевосита ва ё бавосита ба масъалаи об алоқаманданд, талмеҳ аз оёти 61-63-и сураи Каҳф мебошанд [2, с. 301].

Ба фарқ аз ибораҳои рехтаи изофӣ вожаи об дар ибораҳои рехтаи феълӣ аз майдони васеи маъноӣ, хусусан, синонимия бархӯрдор аст. Масалан, дар фарҳангнома танҳо барои ифодаи ғайриимконпазир будани коре бо ибораҳои рехтаи дар таркиби худ вожаи об дошта чунин ибораҳое оварда шудааст: об аз оташ баркашидан [3, с. 2], об бо ресмон бастан [3, с.4], об ба ҷавоз кӯфтан [3, с. 5], об ба санг судан [3, с. 9], об ба ғербол паймудан [3, с. 9], об дар сабад кардан [3, с. 15], пас, дар бархе дигар ибораҳо ин вожа баёнгари макру фиреб аст: об ба зери касе сар додан ва об ба зери касе ҳиштан [3, с. 9]. Инчунин, ибораҳои рехтаи феълии об овардани матоъ: киноя аз қимати саҳл ва ройгон ёфтан [3, с. 2]; об аз ҷигар бахшидан: киноя аз ато ва бахшиш кардан [3, с. 3]; об аз сар гузаштан: киноя аз камоли нузули ҳаводис ва офот бувад [3, с. 3]; об аз гулӯ буридан: киноя аз фурӯ мондан аз об [3, с. 3]; об ба пойи касе рехтан: киноя аз навкарӣ ва хидматкорӣ кардан [3, с.5]; об ба даҳон омадан: киноя аз камоли рағбату шавқ бувад ба чизе [3, с. 6]; об ба чеҳра рехтан: киноя аз бедору ҳушёр сохтан [3, с. 6]; об ба рухи кор овардан: киноя аз равнақи рафта бозовардан [3, с. 8]; об бар лаб чакондан: бештар дар вақти эҳтизор бувад [3, с. 8]; об дар бода кардан: киноя аз дағалӣ ба кор бурдан [3, с. 14]; об зери коҳ андохтан: макру ҳила кардан [3, с. 20]; об надоштани маҷлис: киноя аз равнақу сафо надоштан [3, с. 30] ва амсоли инҳо аз корбурди васеи вожаи об дар таркиби ибораҳои рехтаи феълӣ дарак медиҳад ва бори дигар таъйид месозад, ки ибораҳои рехтаи феълӣ яке аз гурӯҳҳои сермаҳсули воҳидҳои фразеологии забони тоҷикиро ташкил медиҳанд [4, с. 139].

Ҳарчанд шумораи ибораҳои рехтаи бо вожаи об таркибёфта дар «Баҳори Аҷам» мавқеи хоссаро касб намуда бошад ҳам, вале таваҷҷуҳи мусанниф дар шарҳу баёни далолии онҳо аз шарҳу баёни далолии ибораҳои рехтаи дигар тафовуте надорад. Ҳамин аст, ки мусанниф дар баробари бархе аз ин ибораҳои рехтаи бо ин вожа овардашуда танҳо бо овардани вожаи маъруф иктифо варзидааст [1, с. 79], дар ҳоле ки дар бархе дигар барои равшан шудани маъно байтеро зикр намудаасту тамом:

Об аз манзил бурун рехтан: маъруф:

Шаб Калим аз дида меборад сиришк,
Рӯз аз манзил бурун мерезад об [Абутолиби Калим] [3, с. 4].

Об афтодан дар чизе: маъруф:

Чун офтоб сар зада ояд ба хонаҳо,
Монанди фарш дар ҳама манзил фитода об [Абутолиби Калим] [3, с. 4].

Вале дар бештари маврид мусанниф ҳар ибораи рехтаро шарҳ додаву мисолеро барои таъйиди шарҳи худ ёд овардааст. Масалан, дар шарҳи ибораҳои рехтаи зер таъйиди ин гуфторро метавон мушоҳида кард: об бо ресмон бастан: талоши амри муҳол кардан:

Ба тӯли фикр натвон ҷамъ кардан моли дунёро,
Чаро беҳуда бояд обро бо ресмон бастан [Мухлиси Кошӣ] [3, с. 4];

Об бар оина рехтан ва об бар оина задан: Дар Эрон расм аст, ки қафои шахсе, ки ба сафар меравад, чанд барги сабз ба оина гузошта, об бар он мерезанд ва инро шугуни зуд расидан ва ба саломат омадан мешуморанд:

Рафтию гиря ба ҳоли дили бирён кардам,
Об бар оина резанд қафои сафарӣ [Муҳсин Таъсир] [3, с. 6].

Дидаро тар кунам аз ашк чу рафтӣ зи барам,
Дар қафои сафарӣ об дар оина зананд [Низоми Дастғайб] [3, с. 6].

Кӯйи ту манзилгаҳ аст дар сафари ошно,
Бар рухи оина об аз пайи бегона рез [Туғро] [3, с. 6].

Нуктаи ҷолибе, ки дар корбурди вожаи об дар ибораҳои рехтаи феълии «Баҳори Аҷам» ба назар мерасад, ин истифодаи феъли хӯрдан бо вожаи об аст, дар ҳоле ки дар ҳеҷ намунае феълҳои нӯшидану ошомидан ба кор нарафтааст. Масалан, дар ибораҳои рехтаи феълии об аз оина хӯрдан [3, с. 2], об аз пас хӯрдан [3, с. 3], об аз қалам хӯрдан [3, с. 3], об аз як чашма хӯрдан [3, с. 4], об ба даҳон фурӯ хӯрдан [3, с. 6], об бе афсор хӯрдан ва об бе лаҷом хӯрдан [3, с. 9], об хӯрдан [3, с. 13], об хӯрдани дил [3, с. 13], об нахӯрдан [3, с. 30] ва ғайра феъли хӯрдан пурра ба маънои феълҳои нӯшидану ошомидан омадааст. Такя ба намунаҳои мазкур наметавон дигар ба таъбирҳои гуфтории об хӯрдану чой хӯрдан хатти бутлон кашид.

Ҷолибияти дигари корбурди вожаи об дар ибораҳои рехтае, ки дар «Баҳори Аҷам» оварда шудааст, ин таркиби пурраи чунин ибораҳо аз вожаҳои ноби тоҷикӣ мебошад, дар

ҳоле ки бинобар шумораи назарраси иқтибосоти арабӣ дар забони тоҷикӣ «дар гурӯҳҳои мухталифи сохтори ибораҳои фразеологӣ калимаҳои зиёди арабиро мушоҳида намудан мумкин аст» [4, с. 125]. Ба таъбири дигар, агар вожаҳои Хизр, ҳайвон ва ҳаётро, ки аз арабӣ иқтибос шудаанд, аз ибораҳои рехтаи вожаи обдошта сарфи назар намоем, шоҳиди он мегардем, ки ҳама вожаҳои дигари ин ибораҳо пурра тоҷикианд.

Хулоса, корбурди вожаи об дар таркиби ибораҳои рехта баёнгари таваҷҷуҳи миллати тоҷик ба об ва масоили марбут ба он дар дарозои таърих мебошад. Ибораҳои рехта бо вожаи об, аз як тараф, эҳтиром ва ҳусни таваҷҷуҳи тоҷиконро ба ин неъмати бебаҳо нишон дода, аз тарафи дигар, фарҳангу анъана ва русуми ин миллатро дар худ мондагор месозад.

А Д А Б И Ё Т

1. Гулова З. Фарҳанги «Баҳори Аҷам»-сарчашмаи муътамади ибораҳои рехтаи тоҷикӣ/ З.Гулова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (бахши илмҳои филологӣ). –Душанбе, 2018, №4. -С.77-80.
2. Қуръони карим. –Мадинаи мунаввара. - 604 с. [бо забони арабӣ]
3. Лола Текчанд Баҳор. Баҳори Аҷам: фарҳанги луғот, таркибот, киноёт ва амсоли форсӣ. Тасҳеҳи Козим Дузфулиён. Ҷ.1.-Теҳрон: Тилоя, 1393. -1469 с. [бо хати форсӣ]
4. Муслимов М. Воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷик бо унсурҳои луғавии арабӣ / М.Муслимов. – Душанбе, 2009. -188 с.
5. Муҳаммад Ризо Ноҷӣ. Таърих ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. Матбааи Амири кабир, -736 с. [бо хати форсӣ]
6. Махмудзаде Ш.Г. Фразеологические единици с компонентом «вода» в русском языке и способы их перевода на персидский язык // Филологические науки в России и за рубежом: материалы II междунар. науч. конф. [г. Санкт-Петербург, ноябрь2013 г.].- Санкт-Петербург: Реноме, 2013. –VI. -110 с.
7. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик / Ҳ.Маҷидов. - Душанбе, 1982. – 103 с.
8. Ҷалолиддин Султон Кошифӣ. Ҷойгоҳи об дар нақши барҷаста ва тендесияҳои Тоқи бӯстон. Маҷаллаи Ҷилваи ҳунар, 1391. -№ 8. -С.29-41. [бо хати форсӣ]
9. [Захираи электронӣ] http://prezident.tj/node/16771. (санаи истифода 09.03.2018)
10. [Захираи электронӣ] https://cgie.org.ir/fa/ article/142970. (санаи истифода 21.02.2018)

ИБОРАҲОИ РЕХТА БО ВОЖАИ ОБ ДАР ФАРҲАНГНОМАИ «БАҲОРИ АҶАМ»

Дар мақола корбурди вожаи об дар ибораҳои рехта, ки ҳамчун шоҳкориҳои забон муаррифӣ мегардад, дар баробари равону балеғ намудани калом боз дар тарсими рӯзгор ва анъаноти мардумӣ ва интиқоли он аз насл ба насл саҳми назаррасе мегузорад, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Корбурди вожаҳои гуногун дар таркиби ибораҳои рехта аз ҷойгоҳи онҳо дар назди мардум дарак медиҳад. Вожаи об аз ҷумлаи серистеъмолтарин вожаҳо дар таркиби ибораҳои рехтаи забони тоҷикӣ ба шумор меравад. Таҳлили вожаи об дар ибораҳои рехтаи фарҳангномаи «Баҳори Аҷам» нишон дод, ки танҳо дар зери моддаи об 230 ибораи рехта оварда шудааст. Аз нигоҳи оморӣ шумораи ибораҳои рехтаи феълӣ бо вожаи об дар қиёс ба ибораҳои рехтаи изофӣ бо ҳамин вожа ба маротиб бештар аст. Инчунин, доираи далолати маъноии ибораҳои рехтаи изофӣ бо вожаи об маҳдуд мебошад, дар ҳоле ки ибораҳои рехтаи феълӣ бо вожаи мазкур аз майдони васеи маъноӣ ва синонимияи фразеологӣ бархӯрдор мебошад. Дар мақола хусусияти фарққунандаи дигари ибораҳои рехта бо вожаи об дар фарҳангномаи «Баҳори Аҷам» мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Тибқи ин баррасӣ ин гуна ибораҳои рехта, хусусан навъи феълии он пурра аз калимаҳои ноби тоҷикӣ таркиб ёфтаанд.

Калидвожаҳо: об, ибораи рехта, «Баҳори Аҷам», фарҳанг, фарҳангнома.

ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИЕ ОБОРОТЫ С КОНЦЕПТОМ “ВОДА” В СЛОВАРЕ “БАХОРИ АДЖАМ”

В статье рассматривается использование концепта “вода” во фразеологических оборотах, выявляется роль этого слова в художественном наполнении текста, придании речи особой красоты и глубокого смысла, а также с его помощью, исследуется процесс описания переходящих из поколения в поколение особенностей быта и народных традиций. Использование различных слов в структуре фразеологических оборотов свидетельствует об их роли и значимости в языке народа. Концепт “вода” считается одним из наиболее частоприменяемых в структуре фразеологических оборотов таджикского языка. Анализ фразеологических оборотов в словаре “Бахори Аджам” показал, что только со словом вода в нем приведены 230 примеров фразеологических оборотов. С точки зрения статистики, количество глагольных фразеологических оборотов с концептом “вода”, в разы превышает использование этого же слова в изафетных фразеологических оборотах. Также семантическое поле изафетных фразеологических оборотов с концептом “вода” несколько уже, в то время, как глагольные фразеологические обороты с этим концептом сопровождаются широтой значения и фразелогической синонимии. В статье также исследованы и другие отличительные особенности фразеологических оборотов в словаре “Бахори Аджам, с концептом “вода”. Согласно данному исследованию, такие фразеологические обороты, в особенности их глаголные разновидности, целиком состоят из таджикских слов.

Ключевые слова: вода, фразеологические обороты, “Бахори Аджам”, словарь, фархангнаме.

PHRASEOLOGICAL EXPRESSIONS WITH THE CONCEPT «WATER» IN THE DICTIONARY «BAHORI ADJAM»

It is considered the using of concept «Water» in phraseological expressions in the article, it is revealed the role of this word in artistic completion text, licking the speech of basic beauty and deep meaning, it is researched the process description with its support of inheritable generation to generation of the basic domestic and national traditions. Using of various words in the structure of phraseological expressions witnesses about their roles and meanings in the people’s language. The concept of «Water» is considered the one of more often accepted in the structure of the phraseological

expressions of Tajik language. The analyses of phraseological expressions in the dictionary «Bahori Adjam» have shown that only with word “Water” where brought 230 examples of phraseological expressions. From the point of statistic view the number of verbal phraseological expressions with the concept «Water» extends of this word in the izafat phraseological expressions by times. It is also semantic field of izafat phraseological expressions with the concept «Water», it is already several, while the verbal/phraseological expressions with this concept are attended with wide meaning and phraseological synonyms. It is also researched other characteristics of phraseological expressions in the dictionary «Bahori Adjam» with the concept «Water» in the article. Due to this investigation such phraseological expressions particularly their verbal variations, actually there are from the Tajik words.

Key words: water, phraseological expressions «Bahori Adjam», dictionary, farhangname.

Сведения об авторе: ***Гулова Зубайда*** - Таджикский национальный университет, аспирант кафедры арабской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17. Тел.: **(+992) 919-80-70-00**

Information about the author: ***Gulova Zubaida*** - Tajik National University, graduate student of the Department of Arabic Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 919-80-70-00**

УДК: 491.71+491.550+42

СРЕДСТВА И СПОСОБЫ ВЫРАЖЕНИЯ СУБЪЕКТИВНОЙ МОДАЛЬНОСТИ В РУССКОМ, ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Шарипов Б.А.
Бохтарский государственный университет им. Н.Хусрава

Лексико-грамматические средства выражения субъективной модальности в разноструктурных языках передают отношения лица говорящего к сообщаемому, обозначают уверенность, неуверенность, согласие, несогласие, также дают экспрессивную оценку. Модальность в русском, таджикском и английском языках реализуется на грамматическом, лексическом, синтаксическом уровне и имеет разные способы выражения.

Как отметили, модальность выражается различными грамматическими и лексическими средствами, такими как категорией наклонения, модальными словами и словосочетаниями, модальными глаголами, частицами, вводными фразами, отдельными предложениями, фразеологизмами, порядком слов, междометиями, интонацией (восклицание, радость, сожаление, сомнение, удивление, уверенность, неуверенность, иронию и пр.) и др.

В выражении модальности речи важная роль принадлежит особой категории глагола - наклонениям. Наклонение можно считать основным грамматическим средством выражения модальности – изъявительного - с одной стороны, условно - желательного и побудительного - с другой.

С помощью категории наклонения в предложении выражаются отношения действия или состояния к реальной действительности, а именно: значения реальности действия, предположительности или побуждения к действию.

Общее значение сослагательного наклонения - значение предположения, гипотетичности действия. Формы сослагательного наклонения глагола обозначают желательное или возможное действие при каких-либо условиях или действие, в котором говорящий сомневается и только предполагает его.

Присущее форме сослагательного наклонения, субъективно-модальное значение предположительности проявляется, например, в таких предложениях: Мне хочется играть... Я сыграла бы теперь что-нибудь [13]; Без общего вашего согласия ты бы сюда не явился [2] А, быть может, год назад, ты бы здесь изведал, воин то, что наш изведал брат [9].

В таджикском языкознании исследователь В.С. Расторгуева даёт очень детальное описание системы таджикского глагола и отмечает основные модальные оттенки, выражаемые глагольными наклонениями. При помощи форм наклонения глагола «всякое действие представляется либо как имеющее место в действительности (в настоящем, прошедшем и будущем), либо как возможное в силу определённых обстоятельств или желательное, либо же, как действие, к которому говорящий побуждает другое лицо. При этом в каждом наклонении действие может утверждаться или отрицаться. Значения наклонений, так сказать, накладываются на значения утверждения или отрицания, которые, собственно говоря, тоже выражают отношение к действительности, но самого общего характера» [6, с.11, 35,56].

В грамматике современного таджикского литературного языка (в отличие от русского) выделяется 4 наклонения: изъявительное (сиғаи хабарӣ), повелительное (сиғаи амрӣ),

условно-желательное (сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ) и предположительное (сиғаи эҳтимолӣ) [3, с.130].

Как известно, «изъявительное наклонение представляет собой систему видовременных форм, объединённых общим значением подлинной реальности, несомненности выраженного в них действия» [7, с.34-40], то есть ему всегда присуща категория времени, тогда как формы условно-желательного и повелительного наклонений лишены временных значений.

«Модальность глагола изъявительного наклонения обычно зависит от того, каков характер связи между действием и его субъектом. Эта связь может быть реальной, возможной, желательной, необходимой и т.д.» [5, с.11].

В отличие от русского языка, в таджикском языке глагол имеет семь видовременных форм: простое прошедшее время, длительное прошедшее время, преждепрошедшее время, определенное прошедшее время, определенное настоящее время, будущее категорическое время, или, как его еще называют, литературное будущее время.

В таджикском языке, как и в русском, в отдельных случаях при определенном построении предложения или при наличии специфических модальных слов и частиц в предложении, в состав которого входит глагол, имеющий одну из форм изъявительного наклонения, может обозначать и некоторые иные модальные оттенки с отклонением от выражения подлинной реальности действия.

Например, модальные слова ***бале, инак, албатта*** в предложениях употребляются для выражения дополнительных оттенков модальности речи: ***Бале, ман ба гуфтахои шумо рози хастам. – Браво, я полностью согласен с вами. - Bravo, I'm fully agree with you*** (субъективно-модальное значение утверждения).

«Глаголы ***фикр кардан, фарз кардан (полагать-to believe), гап задан (говорить-to speak), фаньмидан (понимать-to realize)*** и др. могут уточнять, дополнять модальность последующего высказывания, по смыслу которых можно предположить, о чем будет идти речь» [4, с.18].

Например: ***Аммо, ман фикр мекунам, ки якчоя ин корро тезтар тамом мекунем. – Но, я думаю, что вместе мы быстрее завершим эту работу. - But, I (believe) think that together we will finish this work faster. Вай фахмид, ки ман хатман ба гусел карданаш меоям. - Она поняла, что я обязательно приеду её провожать. - She realized that I would necessarily come to see her off.***

Повелительное наклонение выражает волю говорящего, направленное к другому лицу побуждение к совершению действия, просьбу или приказание говорящего, которое в таджикском языке является единственным наклонением, не имеющим противопоставленных друг другу временных форм.

Глаголы в форме повелительного наклонения выражают не столько отношение действия к действительности, сколько волю говорящего, стремящегося видоизменить эту действительность. Повелительные глаголы произносятся в речи с особой повелительной интонацией, имеющей различные оттенки приказания, побуждения, просьбы и др. Следует отметить, что, в отличие от русского языка, в таджикском языке инфинитив в значении повелительного наклонения не употребляется.

Повеление и приказание всегда могут ориентироваться фактически только на будущее действие, хотя производится оно в какой-то определенный момент в настоящем. В таджикском языке повелительное наклонение выражается формой 2-го лица единственного и множественного числа: ***хон, хонед (читай, читайте-read).***

Следует отметить, что немаловажную роль в выражении субъективно-модального значения формой повелительного наклонения играет интонация и лексические ударения. В связи с этим следует отметить, что всевозможные смысловые оттенки мысли, выраженные в устной речи интонацией, невозможно передать в письменной речи только знаками препинания.

Формы повелительного наклонения выражают следующие оттенки волеизъявления:

Утешение - ***Хотирчам бошед, менависам*** [12, с.28]. - ***Будьте спокойны, напишу.- Be calm, I will write.***

Предупреждение – ***Дур-ми, наздик-ми, ба кафо нагарданд! – Далеко ли, близко ли, назад не возвращаться! Far or near, don't go back!***

Просьба, предложение - ***Шумо аз мева мархамат кунед. - Вы угощайтесь фруктами.- Help (Treat) yourself to fruits.***

Повеление - ***Тез бошед, азизам, зудтар нависед! - Торопитесь, дорогой мой, быстрей пишите! - Hurry up, my dear, write faster!*** и др.

Оттенки, выраженные формами повелительного наклонения в таджикском языке, зависят также от лексического значения глаголов. Например, М. Ибрагимова

подчёркивает: «Глаголы ***хоҳиш кардан (просить), талаб кардан (требовать), амр кардан ё фармон додан (приказывать), иҷозат додан (разрешить), фармудан (велеть), таклиф кардан (предлагать), даъват кардан (призывать), зори кардан (умолять)*** могут употребляться для уточнения модальности высказывания» [4, с.20].

Например: ***Декан хохиш кард: «Донишчуён, дар зали конфронс чамъ шавед!» - Декан попросил: «Студенты, соберитесь в зале для конференций!» - The dean asked: "Students, gather in the conference hall!***

Условно-сослагательное наклонение (сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ) отличается широтой и разнообразием выражаемых им модальных значений. В отличие от изъявительного, условно-сослагательное наклонение употребляется тогда, когда совершение действия связывается с желанием, возможностью, ожиданием, условием и т.д., то есть оно не является безусловным, несомненным.

В глаголах условно-сослагательного наклонения таджикского языка различаются четыре формы времени: настоящее-будущее время (аорист); прошедшее время; длительная или вневременная форма; настоящее определённое или продолжительное время. Эти временные формы сослагательного наклонения выражают повелевание, условность действия, уступительное значение.

а) настоящее-будущее время, или форма аориста, образуется от основы настоящего времени глагола и соответствующих личных глагольных окончаний. Оно выражает допущение, предположение о том, что может осуществиться что-то неожиданное (с аористом глагола ***рафтан (идти-to go)*** в 3-ем лице ед. числа).

Например: ***Агар вай равад, вай меоварад. – Если он пойдёт, то он принесёт. - If he goes, he will bring.***

Раваду, ин туҳфа ба вай маъкул нашавад. – Вдруг этот подарок ему не понравится.- Suddenly he wouldn't like this gift.

Значение предположения выражается также в сочетании глагола с модальными словами ***эҳтимол (вероятно)*** и ***шояд (должно быть): Эхтимол, вай имруз ба кор набарояд, чун ки бемор шудааст. – Возможно, он сегодня не выйдет на работу, так как заболел. –May be (Perhaps) he will not come to work today because he is sick.***

Значение желательности выражается в сочетании с модальным словом ***кошки (о, если бы – Oh, if): Кошки, ман хам ту барин олим мешудам. - О, если бы и я стал, как ты учёным! Oh, if I had become how you are a scientist!***

Модальное значение сомнения выражается в сочетании глагола со словами ***нахот, нахот ки (неужели-really): Наход ки ман нависам, вай ба ман ҷавоб надиҳад. – Неужели, если я напишу, то он мне может не ответить. Really, if I write, he can not answer me.***

б) прошедшее время условно-сослагательного наклонения образуется из деепричастия прошедшего времени основного глагола и аориста вспомогательного глагола ***будан: рафта бошам, дода боши, омада бошанд*** и т.п.

Например: ***Вай рафта бошад, меоварад – Если он поехал, то привезёт.- If he went, he will bring.***

Основное модальное значение прошедшего времени сослагательного наклонения такое же, как и у форм настояще-будущего времени, но только в аспекте прошедшего времени. «Сфера употребления их, однако, значительно уже» [10, с.40]. Например: а) при выражении предположения (о прошедшем действии); б) при недоуменном вопросе о возможности прошедшего действия в сочетании с модальной единицей ***мумкин (возможно, вероятно): Мумкин вай ба иньо хабар оварда бошад*** [11, с.10]. - ***Вероятно, им весточку доставил он. - Probably, he delivered the news;*** в) длительная, или вневременная форма образуется из деепричастия прошедшего времени основного глагола с приставкой ***ме-*** и вспомогательного глагола ***будан***, выступающего в форме аориста: ***мерафта бошам, медода боши, мехонда бошанд*** и т.д. Например: ***Вай мерафта бошад, ин китобьоро меоварад. – Если он поедет, то привезёт эти книги. - If he goes, he will bring these books;*** г) настоящее определенное время образуется из деепричастия прошедшего времени основного глагола и сослагательного наклонения вспомогательного глагола ***истодан*** в форме прошедшего времени: ***рафта истода боши, хонда истода бошад*** и т.д. и выражает выполнение действия при определённом условии. **Например:** ***Вай хонда истода бошад, халал нарасонед. – Если он читает книгу, не надо его тревожить. - If he reads a book, don't disturb him.***

Этой же глагольной формой может быть выражена предположительная модальность, которая обычно передаётся словами***: монанди, ба мисли (как будто, как бы, словно бы- as if).***

Например: ***У монанди шахсе, ки кадамхои худро мешуурда бошад, ба замин чашм духта мерафт. - Она шла, уставшись в землю, как будто считала свои шаги.- She was walking, staring at the ground, as if she was counting her steps.*** (значение предположения).

Модальные единицы таджикского языка ***эҳтимол, бояд, шояд, мабодо (вероятно, должно, возможно, как бы- probably, should, may be, perhaps, as if)*** наиболее употребительны в сочетании с глаголами сослагательного наклонения.

Предположительное наклонение, как отмечают В.С. Расторгуева и А.А. Керимова, «принадлежит к числу наиболее поздних таджикских глагольных новообразований. Формы, входящие в его состав, были узаконены в литературном языке лишь после 30-х годов нашего столетия» [7, с.132]. Этому наклонению нет соответствия в русском языке.

По своему модальному значению данное наклонение выражает в таджикском языке **предположение, сомнение, неуверенность**. В его систему входят три формы: предположительное прошедшее, предположительное настоящее-будущее и предположительное настоящее определенное.

Настоящее-будущее время предположительного наклонения образуется таким же способом плюс глагольная приставка -ме и выражает также значение предположения.

Например: ***Шумо ба маҷлис меомадагистед? [8, с.191]. - Вы, вероятно, придете на собрание? Are you likely (probably) to come to the meeting?***

Таким образом, как в русском, так и в таджикском языке субъективно-модальные значения выражаются различными формами глагольных наклонений в сочетании с модальными словами и частицами.

Модальные слова в лингвистике рассматриваются как особая лексико-грамматическая категория. Им присущи морфологические, синтаксические, семантические и стилистические признаки.

Как отмечает академик В.В. Виноградов, «возникновение и развитие модальных слов связано с утратой основного первоначального конкретного лексического значения, приобретением ими с течением времени разнообразных смысловых модальных оттенков: возможности, невозможности, сомнения, достоверности и др. Модальные единицы в речи занимают одно из специфических мест для выражения категории модальности» [1, с.87].

Модальные слова также выражают экспрессивно-эмоциональные оттенки значения (чувства, переживания, эмоции, экспрессию говорящего). Они относятся к модальным словам логического характера.

Например: - ***К сожалению*****, фрау Леноре не совсем здоровилось: она страдала мигренью.** ***Мутаассифона,*** **Фрау Лено на он қадар хуб буд: ӯ аз нимсара (дарди асабҳои нисфи сар) азоб мекашид.** ***Unfortunately,*** **Frau Lenore did not quite well: she suffered from migraines. -** ***К огорчению*****, я должен немедленно уехать**. ***Мутаассифона*** **ман бояд фавран ба роҳ бароям.** ***Unfortunately,*** **I have to leave immediately.**

В этих предложениях модальные слова *к сожалению, к огорчению* выражают сомнение автора высказывания, он не уверен в реальной действительности своего предположения.

Модальное значение убеждённости высказываниям придают фразеологические обороты ***по всей вероятности, по всей видимости***.

Например: - ***По всей вероятности,*** **он был удивлён таким поступком своего друга.** ***Дар ҳар сурат*****, ӯ аз чунин амале, ки дӯсташ мекард, ҳайрон буд.** ***Most likely*****, he was surprised by such an act of his friend. -** ***По всей видимости,*** **ожидается долгая и холодная зима, и не мешало бы заранее запастись дровами.** ***Аён аст,*** **ки зимистони дарозу хунук интизор аст, ва пешаки ҳезум ҷамовардан зарар намерасонад.** ***Apparently,*** **a long and cold winter is expected, and it would not hurt to stock up on firewood in advance.**

В этих предложениях автор высказывания выражает высокую степень достоверности предположения, основанную на конкретных знаниях ситуации, о которых идёт речь.

Как мы удостоверились из анализа текстов, вводно-модальные слова имеют множество оттенков субъективно-модальных значений: достоверность, возможность, невозможность, сомнение, предположение и т. д. Они отражают отношение автора высказывания к сообщаемой информации. Часто сам автор как бы следит за ситуацией со стороны, являясь, по существу, ее интерпретатором. То есть он выражает свое отношение, свой взгляд, свое мнение к высказываемой им речи.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Виноградов В.В. О категории модальности и модальных словах в русском языке / В.В. Виноградов // Исследования по русской грамматике: Избранные труды / под ред. Н.Ю. Шведова. – М.: Наука, 1975. – 560с.

2. Галкина-Федорук Е.М. Современный русский язык (лексикология, фонетика, морфология) / Е.М.Галкина-Федорук, К.В. Горшкова, А.Н. Шанский. - М., 1958.
3. Грамматикаи забони адабии хозираи тоҷик (барои мактабхои оли). – Душанбе: Дониш, 1985. - 385 с.
4. Ибрагимова М. Модальные слова и модальные частицы в таджикском и русском языках: дис. канд. филол. наук / М.Ибрагимова. – Душанбе, 1971.
5. Мошеев И.Б. Система форм изъявительного наклонения в русском и таджикском языках / И.Б. Мошеев. - Душанбе: Ирфон, 1977.
6. Расторгуева В.С. О формах конъюнктива (сослагательного наклонения) в современном таджикском литературном языке / В.С. Расторгуева. Очерки по грамматике таджикского языка, вып. 2. - Сталинабад: АН Тадж. ССР, 1953.
7. Расторгуева В.С. , Керимова А.А. Система таджикского глагола / В.С. Расторгуева, А.А. Керимова. -М.: Наука, 1964.
8. Сатым Улуг-Зода. «Обновленная земля» (Диёри Навобод). - Сталинабад: АН Тадж. ССР, 1947
9. Твардовский А. Т. и русская литература : [Сб. науч. работ, посвящ. 90-летию со дня рожд. А. Т. Твардовского]. Гос. ун-т, филол. фак.; науч. ред. В. М. Акаткин. - Воронеж: Полиграф, 2000. - 246 с.
10. Халилов А. Њиссачањо дар забони адабии хозираи тоҷик / А. Халилов. - Душанбе: Дониш, 1977.
11. Х. Карим. Дороги войны. –Уфа: Баш. Гос. издат, 1994. -56 с.
12. Ф. Муҳаммадиев. «Тири хокхӯрда», «Одамони куҳна». Повесть / Ф. Муҳаммадиев // Шарқи сурх. - 1962. - №3. - С.41-58.
13. Чехов Антон Павлович. «Степь»; «Палата №6»; «Именины»; «Бабье царство» / Чехов Антон Павлович // Полное собрание сочинений и писем в 30-ти томах. – Москва: Наука, 1985.

ВОСИТА ВА ТАРЗҲОИ БАЁНИ МОДАЛӢ-СУБЪЕКТИВӢ ДАР ЗАБОНҲОИ РУСӢ, ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақола, масъалаи восита ва тарзҳои баёни модалӣ-субъективӣ дар забонҳои гуногунсохторӣ дида мешавад. Қайд гардидааст, ки шартҳои субъективии забонҳои русӣ, тоҷикӣ ва англисӣ, ки дар сатҳи грамматикӣ, лексикӣ ва синтаксикӣ татбиқ мешаванд, роҳҳои истифодаи гуногун доранд. Ҳамин тариқ, чи тавре дар забони русӣ, ҳамонгуна дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, маънои субъективӣ-модалӣ бо шаклҳои мухталифи сиғаи феълӣ бо якҷоягии калима ва ҳиссачаҳои модалӣ ифода карда мешаванд. Таъкид карда шудааст, ки забоншиносӣ ҳамчун категорияи махсуси лексикӣ ва грамматикӣ ҳисобида шуда, дорои хусусиятҳои морфологӣ, синтаксисӣ, семантикӣ ва услубшиносӣ мебошад. Ба таври муфассал шарҳ дода мешавад, ки чӣ гуна гурӯҳи калимаҳо дар забони муосири тоҷикӣ тағйироти назаррас ба даст оварданд, ки онҳо аз рӯйи таркиби лексикӣ ва хусусиятҳои этимологӣ гуногунанд. Сабаби ин ҳолат он аст, ки ба шумораи зиёди баёни модалӣ на танҳо калимаҳо ва ҳиссачаҳо алоқаманданд, балки якчанд ибораҳое низ дохил мешаванд, ки бо унсурҳои ибтидоии функсионалӣ алоқаманданд. Бояд қайд кард, ки калимаҳои модалӣ танҳо яке аз воситаҳои ифодаи категорияҳои модалӣ дар гуфтор мебошанд. Онҳо ҳамчун қоида, дар якҷоягӣ бо дигар воситаҳо амал мекунанд. Аммо, мутаассифона, ин масъала дар илми забоншиносии тоҷик кам омӯхта шудааст. Хулоса, дар намунаҳое, ки аз ҷониби муаллиф оварда шудааст, албатта, на ҳамаи хусусиятҳои бойгонӣ, гуногунмаъногӣ ва эҳсосотӣ инъикос меёбанд, ки бо ифодаи калимаҳои модалӣ дар якҷоягӣ бо дигар воситаҳои забонӣ ифода мешаванд. Онҳо дорои доираи васеи маълумот мебошанд. Калимаҳои модалӣ дар забонҳои омӯхташуда, ҳам аз ҷиҳати сарчашма ва ҳам аз ҷиҳати маъно манфиати зиёди илмӣ ва амалӣ доранд. Онҳо фаъолона ҳам дар адабиёти бадеӣ ва ҳам дар забони маъмулии забонҳои русӣ, тоҷикӣ ва англисӣ фаъолона истифода мешаванд.

Калидвожаҳо: морфологӣ, синтаксисӣ, семантикӣ, хусусиятҳои стилистикӣ, адабиёти бадеӣ, ибораҳо, калимаҳои модалӣ, категорияи модалӣ, хусусияти этимологӣ, манфиатҳои амалӣ.

СРЕДСТВА И СПОСОБЫ ВЫРАЖЕНИЯ СУБЪЕКТИВНОЙ МОДАЛЬНОСТИ В РУССКОМ, ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В статье рассматривается вопрос о средства и способы выражения субъективной модальности в разноструктурных языках. Отмечается, что, субъективная модальность русского, таджикского и английского языков, которая реализуется на грамматическом, лексическом, синтаксическом уровне, имеет разные способы выражения. Таким образом, как в русском, так и в таджикском и английском языках субъективно-модальные значения выражаются различными формами глагольных наклонений в сочетании с модальными словами и частицами. Подчёркивается, что модальные слова в лингвистике рассматриваются как особая лексико-грамматическая категория. Им присущи морфологические, синтаксические, семантические и стилистические признаки. Подробно описывается, как группа модальных слов в современном таджикском языке претерпела существенные изменения, разнообразна по своему лексическому составу и этимологической характеристике. Данное обстоятельство связано с тем, что к числу модальных единиц относятся не только слова и частицы, но и некоторые словосочетания, функционально сближающиеся с вводными элементами. Следует отметить, что модальные слова являются лишь одним из средств выражения категории модальности в речи. Они выступают, как правило, в сочетании с другими средствами. Но, к сожалению, эта проблема в таджикском языкознании в целом остаётся ещё малоизученной. Делается вывод, что приведённые автором примеры, конечно, не могут отразить всего богатства и разнообразия значений и эмоциональных оттенков, выражаемых модальными словами совместно с интонацией и другими языковыми средствами. Они имеют очень обширный диапазон значений. Модальные слова в исследуемых языках, как по происхождению, так и по значению представляют большой научный и практический интерес. Они активно используются как в художественной литературе, так и в повседневной устной речи русского, таджикского и английского языков.

Ключевые слова: морфологические, синтаксические, семантические, стилистические признаки, художественная литература, словосочетания, модальные слова, категория модальности, этимологическая характеристика, практический интерес.

THE FACILITIES AND THE METHODS OF EXPRESSING SUBJECTIVE MODALITY IN THE RUSSIAN, TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

The article addresses the issue of the means and methods of expressing subjective modality in multi-structural languages. It is noted that, the subjective modality of the Russian, Tajik and English languages that is implemented at the grammatical, lexical, syntactic level has different ways of expression. Thus, in both Russian and Tajik and English, subjective-modal meanings are expressed by various forms of verbal moods in combination with modal words and particles. Underlined that modal words in linguistics are considered as a special lexical and grammatical category. They are characterized by morphological, syntactic, semantic and stylistic features. It describes in detail how the group of modal words in modern Tajik language has undergone significant changes, is diverse in its lexical composition and etymological characteristics. This circumstance is due to the fact that the number of modal units includes not only words and particles, but also some word combinations that functionally approach each other with introductory elements. It should be noted that modal words are only one of the means of expressing the category of modality in speech. They act, as a rule, in combination with other means. But, unfortunately, this problem in Tajik linguistics as a whole remains little studied. It is concluded that the examples given by the author, of course, cannot reflect all the wealth and diversity of meanings and emotional nuances expressed by modal words in conjunction with intonation and other language means. They have a very extensive range of values. Modal words in the studied languages, both by origin and by value, are of great scientific and practical interest. They are actively used both in fiction and in everyday oral speech of Russian, Tajik and English languages.

Key words: morphological, syntactic, semantic, stylistic features, fiction, phrases, modal words, category of modality, etymological characteristic, practical interest.

Сведения об авторе: ***Шарипов Бахром Абдуалиевич*** - Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, преподаватель кафедры практического курса английского языка. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, Курган-Тюбе, ул. Айни, 67. E-mail: **baxrom- Sharipov @bk.ru.** Тел.: **(+992) 935-44-37-53**

Information about the author: ***Sharipov Bakhrom Abdualievich*** - Bohtar State University named after N. Khusrava, teacher of the department of practical English language course. Address: Kurgan-Tube, 735140, Republic of Tajikistan, ul. Aini, 67. E-mail: **baxrom- Sharipov @ bk.ru.** Tel.: **(+992) 935-44-37-53**

УДК: 491.550+43+050 (575.3)

ХУСУСИЯТҲОИ СЕМАНТИКИИ КАЛИМАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ОЛМОНӢ

(дар асоси маводҳои ВАО «Минбари халқ» ва «Ҷумҳурият»)

Замонов З.И.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Имрӯз дар дунё ҳеҷ забоне ёфт намешавад, ки аз таъсири забонҳои дигар озод бошад. Миллатҳо ва мамлакатҳои мухталиф ҳамеша аз эҷод ва донишҳои ҳамдигар истифода кардаанд. Забони тоҷикӣ низ ба мисли дигар забонҳо аз ҳисоби иқтибосот захираи луғавии худро ғанӣ гардонидааст. Раванди иқтибосот дар тӯли ҳазорсолаҳо дар натиҷаи ҷангҳо, забткориҳо, равобити иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ ба вуҷуд омадаанд. Тибқи пажӯҳишҳои донишмандони риштаи забоншиносӣ аввалан иқтибосоти юнонию лотинӣ баъдан иқтибосоти олмонию фаронсавӣ ба фонди луғавии забони тоҷикӣ ворид гардиданд. Дар замони ҳозира, яъне замони глобализатсия, мафҳуми муошират байналмилалӣ бештар густариш ёфта истодааст. Дар шароити кунунӣ, ки мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ рӯз аз рӯз мустаҳкам гардида истодааст ва кишвари мо бо ин мамлакатҳо равобити дипломатӣ дорад, нақши забонҳои хориҷӣ бавижа русӣ, англисӣ, олмонӣ, фаронсавӣ муҳим арзёбӣ мешавад. Пас, барои омӯхтани фарҳанг ва истилоҳоти байналмилалӣ донишҷӯёни дохилию хориҷӣ, рӯзноманигорону тарҷумонҳоро зарур аст, ки ин ислоҳотро хуб аз худ намоянд донистани ин истилоҳот хело [2, с. 45-47].

Дар натиҷаи таҳаввулоти зиёди таърихи башарӣ истилоҳот аз дигар забонҳо ҳамчун иқтибос ба забонҳои дигар, ба фонди луғавии онҳо ворид шудааст. Истилоҳот объекти мустақили риштаи забоншиносӣ маҳсуб ёфта, мафҳуми истилоҳоти соҳаҳои гуногуни илм дар фарҳангҳои махсуси истилоҳотшиносӣ равшан инъикос меёбанд. Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи калимаҳои байналмилалие меравад, ки дар ҳаёти ҳаррӯзаи мо ба чашм мерасанд ва ҳамагон ба он калимаҳо шинос будаву ба таври васеъ аз онҳо истифода мебаранд. Калимаҳои байналмилалӣ чи дар забони тоҷикӣ ва чи дар забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла дар забони немисӣ низ, як маъноро ифода намуда асосан тарҷума намешаванд. Зеро сарчашмаи ин истилоҳот аз забонҳои лотинию юнонӣ ва фаронсавӣ гирифта шудааст. Ҳоло мо дар ин мақола ба якчанд мисол аз калимаҳои байналмилалие, ки дар суханронии Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,

муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки рӯзи 12-майи соли 2018 бо масъулини мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, намояндагони фаъоли соҳаҳои иҷтимоӣ, олимон, зиёиёни эҷодкор ва ходимони дин таъкид гардидааст, рӯ меоварем [5, с. 2-3]:

Амният - ин истилоҳ муродифи оромӣ, субот, осудагӣ мебошад. Ин вожа, яъне амният, дар қолаби ибораҳои изофӣ ва таркибии амнияти ҷаҳонӣ, амнияти минтақавӣ, амнияти байналмилалӣ, амнияти кишвар истилоҳоти дигари таркибиеро ба вуҷуд меорад, ки дар чорабиниҳо, конфронсҳо ва гуфтушунидҳои байналмилалӣ хеле баланд садо медиҳанд.

*Кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай дар масъалаи тақвияти ҳамкорӣ ҷиҳати таъмини **амнияти** чорабиниҳои байналмилалӣ ва лоиҳаҳои стратегии фаромиллӣ ба мувофиқа расиданд.*

Die Shanghaier Organisation fur zusammenarbeit (SCO) hat einen Konsens uber die Verbesserung der Sicherheit fur international Sicherheitsmassnahmen und Strategische Projekte erzielt.

*Бо назардошти он ки таъмини **амнияти** минтақаи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, бо вазъи Афғонистон робитаи бевосита дорад, мо ба ин масъала бетараф буда наметавонем ва талош мекунем, ки ба ҳамсояҳои худ- мардуми дӯсту бародари Афғонистон дар ҳама ҳолат дасти мадад дароз намоем.*

Angesichts der Tadsache, dass die Sicherheit der zentralasiatische Region, einschliesslich Tadschikistan, eine direkte Verbindung zu Afghanistan hat, konnen wir nicht neutral sein und versuchen den Afghanen zu helfen und unterstutzen.

Байналмилалӣ - (die Internationale) миёни миллатҳо, байни миллатҳо, байни халқҳо, байни давлатҳо. Ин вожа, ки ҳарду қисмаш аз калимаҳои арабӣ таркиб ёфтааст, бо ибораҳои таркибии равобити байналмилалӣ, конфронси байналмилалӣ, сиёсати байналмилалӣ, қонунҳои байналмилалӣ, саҳнаи байналмилалӣ, ҷомеаи байналмилалӣ, низоми байналмилалӣ, намоиши байналмилалӣ, фестивали байналмилалӣ, тиҷорати байналмилалӣ, обрӯи байналмилалӣ, суботи байналмилалӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ, форуми байналмилалӣ, муқаррароти байналмилалӣ, тиҷорати байналмилалӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, созмонҳои байналмилалӣ, назми байналмилалӣ ва ғ., яке аз серистеъмолтарин истилоҳ дар равобити байналмилалӣ мебошад ва дараҷаи истеъмолаш хеле васеъ аст [4, с. 155-157].

Бисту ҳаштуми майи соли равон дар Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита ба Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд, ки бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об- барои рушди устувор, солҳои 2018- 2028» аз 20 то 22 июни соли равон баргузор мегардад, брифинг доир шуд.

Am 28. Mai dieses Jahres wird das Aussenministerium der Republik Tadschikistan von 20. bis 22. eine international Konferenz auf hoher Ebene mit dem Titel «Wasser fur nachhaltige Entwicklung in den Jahren 2018-2028» veranstaltet.

*Ба сатҳи меъёрҳои **байналмилалӣ** расонидани соҳаҳои илму маориф тарбия кардани насли ояндасоз ва кадрҳои замонаи нав вазифаи имониву виҷдонии ҳар яки мо мебошад.*

Die Entwicklung von Wissenschaft und Bildung im international Bildungsbereich ist ein wesentlicher Bestandteil unserer neuen Generation und neuen Aufgabe des Glaubens in jedem von uns.

Терроризм - (Terrorismus) омили ваҳшат, даҳшатафканӣ, қатлу куштор. Ин истилоҳ бо ибораҳои таркибии терроризми байналмилалӣ, терроризми давлатӣ дар расонаҳои олам ва нишастҳои сатҳи олӣ хеле васеъ роиҷ аст.

*Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Конфронси байналмилалии сатҳи баланд дар мавзӯи Муқовимат бо **терроризм** ва ифротгароии хушунатомез, ки 4-уми майи соли 2018 дар шаҳри Душанбе доир гашт, иштирок ва суханронӣ намуд. Lider Emomali Pahmon hat bei der Eroffnungszeremonie der internationalen Hochraugigen Konferenz uber Terrorismus und Gewalt gegen Korruption, 4. Mai 2018 in Duschanbe teilgenomen und geredet.*

*Яке аз омилҳои торафт густариш пайдо кардани зуҳуроти **терроризм** ва ифротгароӣ васеъ истифода гардидани технологияҳои муосири иттилоотӣ мебошад.*

Einer der Faktoren von Fortgeschrittener Terrorismus, der sich Entwickelt hat, ist die umfassende Nutzung moderner Informationstechnologien [4, с. 1-2].

Радикал-(Radikale) ифротӣ, тундгаро, бунёдгаро. Ин истилоҳ, ки аслан зодаи асри XX мебошад, мафҳуми якравиро ифода мекунад.

Глобализатсия - (Globalisation) истилоҳоти мазкур буда, падидаи асри XX ба маънии калимаҳои ҷаҳонишавӣ, якҷояшавӣ, сиёсати ҷаҳонӣ истифода мегардад. Глобализатсияро мафҳуми ниҳоят нав номидан душвор мебошад. Аммо ҷаҳонишавӣ аз ин рӯйдод пештару

бештар ҳам вуҷуд дошт ва дар давоми даҳсолаҳо барои ҷомеаи башарӣ суол пайдо мегашт, ки акнун дар ҷаҳони мутамаддин ҳукмрониро кадом ғояву идеология ба дӯш гирифта метавонад. Ин савол ва ё ин проблема низ заминаи таърихӣ дошт ва оғози он ба солҳои шастуми асри XX мансуб дониста мешавад, ки он даврон сулҳи умум зери суолу хатар монда буд. Барои ҷомеаи имрӯзаи ҷаҳонӣ низ тақдири норӯшану дурнамои номаълуме дар пеш истодааст ва рӯзе мерасад, ки иштибоҳу нофаҳмиҳои ин рӯзгор дар саҳифаҳои таърих ба таври реалӣ сабт меёбанд. Садҳо дарду мушкилотро имрӯз чун масоили глобалӣ қабул кардаему садои мутантани онро танинандоз кардан мехоҳем. Ҷаҳонишавиро ҳамчун мафҳум чунин шарҳ додан мумкин аст, ки инсоният як ҷомеаи томи воҳидеро сохтан мехоҳад, ки як замоне онро ҷомеаи хаёлии асрҳои миёна меномиданд. Андешаи ҷаҳони воҳидро муҳаққиқи глобалист –А. Долиен як андоза рад намуда, онро дар шакли захираҳои инсоният дар ҳудуди давлатҳо меномад, аммо муҳаққиқи дигар Я. Тинберген трансформатсияи тамоми захираҳои оламро дар зери таъсири принсипи мероси умумии инсоният шарҳ медиҳад [7, с. 45-47].

*Стратегияи **глобалии** Созмони Милали Муттаҳид оид ба мубориза алайҳи терроризм ва конвенсияҳои зиддитеррористии он, қатъномаҳои шӯрои амният ва маҷмааи умумӣ бояд асоси муборизаи муштарак бо терроризму ифротгароиро ташкил намоянд.*

Die Globale Strategie der Vereinten Nationen zur Bekampfung des Terrorismus und ihrer Anti-terrorismus mussen die Generalversamlung des Sicherheitsrates, Anti-terrorismus und Extremismus Kooperation aufbauen.

Идея-(die Ideologie) - аз калимаи юнонӣ гирифта шуда маънояш Idea- мафҳум, ғоя, logos- таълимот мебошад. Идеология яке аз падидаҳоест, ки зуд-зуд маъно ва мазмуни худро тағйир медиҳад. Мафҳуми «Идеология»- ро муҳаққиқи франсуз Антуан Дестют де Траси дар охири асри XVII ба илм ворид намудааст, ки он маънои «илм дар бораи ғояҳо»-ро дошт. Идеология ин маҷмӯи ғояҳо ва назарияи сиёсӣ мебошад, ки онро ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои гуногуни ҷамъият дар фаъолияти худ ба сифати роҳнамо барои мустаҳкам намудан ва ё куллан тағйир додани муносибатҳои ҷамъиятӣ истифода мебаранд [8, с. 193-194]. *Ҳамкорӣ дар чорчӯбаи СҲШ дар мубориза бо тарғибу густариши идеологияи террористӣ дар интернет бояд дар маркази таваҷҷуҳи вижа бошад.*

Die Partnerschaft im Rahmen SCO bei der verbreitung der Ideologie des Terrorismus soll im Mittelpunkt eines Spetsialisten sein.

Имрӯзҳо кишварҳои бузурги олам дар ҳолати вазнинтарини ҷанги сард қарор гирифта, илм, иттилоот, иқтисодиёт, техникаву технология ва ҳатто динро ба василаи тарғибу ташвиқи манфиатҳои сиёсӣ ва гурӯҳиву минтақавӣ табдил додаанд.

Воридшавии калимаҳои интернатсионалӣ дар забони олмонӣ дар нимаи дуюми асри XX бисёртар ба чашм мерасад. Дар тӯли ним аср дар лексикаи забони немисӣ муваффақиятҳои назаррас чи дар соҳаи сиёсат ва чи иқтисодиёту маданият дида мешавад. Дар охирҳои асри XX ва аввалҳои асри XXI гузариши калимаҳои иқтибосӣ аз забони англисӣ ба забони немисӣ дида мешаванд, хусусан дар соҳаҳои технология ва инноватсия, тиб, адабиёт ва санъат, варзиш, телекоммуникатсия ва молия ба қайд гирифта шуданд. Воридшавии калимаҳои англисӣ боис ба он гардидааст, ки фонди луғавии забони немисӣ бой гардад ва ин раванд олимони соҳаи забоншиносиро водор месозад, ки таҳқиқотҳои илмиро дар ин самт бештар ба роҳ монанд. Зеро воридшавии калимаҳои аҷнабӣ ба фонди луғавии забон метавонад мавқеи забони адабиро танг созад. Иқтибос аз суханронии собиқ Президенти Олмон Йоганесса Рау:

«Ich bekomme immer wieder Briefe von Mitburgerinnen und Mitburgern, die sich sorgen daruber machen, ob unsere deutsche Sprache nicht immer mehr durch das Amerikanische verdrungt werde. Solche Sorgen pauschal als Deutschtumelei abzutun, halte ich fur falsch. Der Debrauch von Englisch, oder besser: Amerikanismen, in den Medien und in der Werbung hat in dem vergangenen Jahren noch einmal stark zugenommen. Manchmal ist das Witzig. Oft ist es albern und heufig dumm». (тоҷ.) «Ман доимо аз шаҳрвандони худ оиди дохилшавии калимаҳои англоамерикоӣ ба лексикаи забони немисӣ дохилшуда, ки онҳоро ба ташвиш овардааст, мактубҳои бешумор мегирам. Ман ташвиши инҳоро бардурӯғ меҳисобам. Истифодабарии калимаҳои англисӣ, беҳтараш америкоӣ, солҳои охир дар ВАО беҳад зиёд гашта истодааст. Баъзан вақт инро хандаовар, вале аксаран бемаънӣ ва беақлӣ меҳисобам» [9, с. 50-52].

Аз ин рӯ, ба хулосае омадан мумкин аст, ки солҳои охир тамоюли зиёдшавии калимаҳои интернатсионалӣ ба забони немисӣ рӯ ба афзоиш аст. Ин масъала дар сатҳи давлатӣ на фақат дар Олмон, балки дар Фаронса ва Лаҳистон низ ҳаллу фасл мешавад. Масъалаи нигаҳдории забони немисӣ ҳамчун забони давлатӣ дар Олмон солҳои охир яке аз масъалаҳои актуалӣ ба шумор меравад. Бинобар ин, соли 1997 профессор, забоншинос

В. Кремером дар шаҳри Дортмунди Олмон иттиҳодияи адабии «Забони немисӣ»-ро, ки дар он зиёда аз 14000 аъзо ба масъалаҳои омӯзиши забоншиносӣ сару кор доранд, ташкил намуд. Ҳоло ин иттиҳод яке аз калонтарин иттиҳодҳои илмии забони олмонӣ ба шумор рафта, барои рушду нумӯи илми забоншиносӣ саҳми худро мегузорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Арзуманов С.Д. Русско-таджикский словарь издательство Русский язык / С.Д. Арзуманов, Х.А. Ахрори, М. Бегбуди. – Москва, 1985. – 1279 с.
2. Абаренков В.П. Кратки политический словарь / В.П. Абаренков, А.Г. Аверкин. – Москва, 1987. – 509 с.
3. Бархурдаров С.Г. Проблемы языка, науки, техники. Логические, лингвистические и исторические аспекты терминологии / С.Г. Бархурдаров.– Москва: Наука, 1970. – 127 с.
4. Бахтиёр С. Тоҷикистон пешоҳанги мубориза алайҳи ифротгароӣ // Ҷумҳурият. -2018.- 21 май.- №99 (23 442). – С. 1-2.
5. Бахтовар Карим СҲШ: таваҷҷуҳи вижа ба таъмини амнияти лоиҳаҳои байналмилалии стратегӣ // Ҷумҳурият. - 2018. - 24 май. - № 103 (23 446). – С.3.
6. Виноградов В.В. Об основных типах фразеологических единиц в русском языке. Избранные труды. Лексикология и лексикография / В.В. Виноградов. - Москва, 1977. – 312 с.
7. Виноградов В.В. Толковый словарь русского языка / В.В. Виноградов, Г.О. Винокур. – Москва, 1938. – 1089 с.
8. Зокиров Г.Н. Сиёсатшиносӣ / Г.Н. Зокиров. – Душанбе: Эр-граф, 2010. - 519 с.
9. Лепинга А.А. Русско-немецкий словарь / А.А. Лепинга, Н.П. Страховой. – Москва, 1962. – 919 с.
10. Раҳмон Э. Мулоқот бо намояндагони ҷомеаи кишвар // Минбари халқ. - 2018. - 16 май. - № 20 (1156). - С.2-10.
11. Саидов Х.А. Особенности употребления дипломатической терминологии на практике в изучаемых языках / Х.А. Саидов // Вестник Таджикского национального университета. Серия филология. – 2013. – №4/3 (201). – С.14-21.

ХУСУСИЯТҲОИ СЕМАНТИКИИ КАЛИМАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ОЛМОНӢ

Мақолаи мазкур ба яке аз масоили муҳимми илми забоншиносӣ, яъне иқтибосот, бахшида шудааст. Иқтибосот ин воридшавии калима, ибора ва истилоҳоти аз дигар забонҳо воридшударо мегӯянд. Имрӯз ин раванд, яъне воридшавии иқтибосот аз дигар забонҳо, махсусан аз забонҳои лотинӣ, фаронсавӣ ва олмонӣ ба забони тоҷикӣ зиёд эҳсос мешавад. Истилоҳот объекти мустақили риштаи забоншиносӣ маҳсуб ёфта, мафҳуми истилоҳоти соҳаҳои гуногуни илм дар фарҳангҳои махсуси истилоҳотшиносӣ равшан инъикос меёбад. Дар замони ҳозира, яъне замони глобализатсия, мафҳуми муоширати байналмилалӣ бештар густариш ёфта истодааст. Дар шароити кунунӣ, ки мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ рӯз аз рӯз мустаҳкам гардида истодааст ва ҶТ бо ин кишварҳо равобити дӯстиву ҳамкорӣ дорад, нақши забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла забонҳои русӣ, англисӣ, олмонӣ, фаронсавӣ муҳим арзёбӣ мешавад. Аз ин рӯ, чи дар соҳаи иқтисодиёт, сиёсат, фарҳанг истилоҳоти байналмилалӣ ба таври васеъ ва бетағйири маъно истифода мегарданд. Дар мақола истилоҳоти байналмилалии дигар забонҳо, ки дар забони олмонӣ низ бо ҳамин маъно истифода мешаванд, дар забони тоҷикӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд ва якчанд истилоҳоти иқтибосӣ аз лиҳози луғавию маъноӣ ва пайдоишашон мавриди пажӯҳиши илмӣ қарор дода шуданд. Донишмандони риштаи забоншиносӣ ва пажӯҳишгарони моро месазад, ки ин иқтибосотро аз лиҳози этимологӣ, сохтори сарфу наҳвӣ ва луғавию маъноӣ ҳаматарафа пайгирӣ намоянд.

Калидвожаҳо: байналхалқӣ, терминология, лексикология, калима, термин, калимаҳои иқтибосӣ, сермаъногӣ, густариш, таҳаввулот, идеология, ҷаҳонишавӣ, равиш, сермаҳсул, забонҳои муқоисашаванда.

НЕКОТОРЫЕ СЕМАНТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ МЕЖДУНАРОДНЫХ ТЕРМИНОВ В ТАДЖИКСКОМ И НЕМЕЦКОМ ЯЗЫКАХ

Эта статья посвящена словообразованию международной терминологии в таджикском и немецком языках. Исследователь рассматривает различные способы словообразования международных терминов в сравниваемых языках. При анализе исследователь указывает на различные способы смысловых заимствований международных терминов. Одним из широких способов использования терминологии является то, что мы должны знать элементы словообразования. Как мы знаем, термины непродуктивны в разных областях, но способы словообразования делают их очень продуктивными. В современный период с влиянием факторов экономики, политики и общественного развития изучение названных полей становится важным вопросом. В сравниваемых языках международные термины имели много особенностей заемных слов. С точки зрения лингвистики, есть несколько причин: отражение именами новых событий, тенденции краткого выражения и стилистики. Исследователь рассматривает процессы заимствования слов в международных терминах, а также изучает международную терминологию на основе интерпретируемых книг и газет на таджикском и немецком языках.

Ключевые слова: терминология, лексикология, слова, термин, формированные, заимствованные слова, международный, семантика, идеология, глобализация, способ, продуктивный, сравниваемые языки.

SOME SEMANTIC FEATURES OF INTERNATIONAL TERMS IN TAJIK AND GERMAN LANGUAGES

This article is devoted to the word formation of international terminology in Tajik and German languages. The researcher investigates various ways of word formation of international terms in comparative languages. Analysis of the researcher considered the various ways of semantic borrowing of international terms. One of the broad ways to use terminology is that we need to know the elements of word formation. As we know, terms are unproductive in different areas or fields, but the word-formation methods make them very productive. In the modern period, with the influence of economic, political and social factors, the study of these fields becomes an important issue. One of the reasons of the borrowing of loan words in both languages in comes and leaves citizens

from within or outside our country or vice versa. The researcher in this article tries to show the relationship of languages and religion of two people from the point of view of comparative linguistic. In comparative languages, religious terms had many features of the loan word. The German language borrowed many religious terms from Islam, but the Tajik language did not occupy many religious terms from Christianity. From the point of view of linguistics, there are several reasons: the requirement of names for new events, the trends of short expression and stylistics. The researcher examined the processes of borrowing words and factors in religions, as he mentioned above, and also studies religious terminology at the heart of interpreted books in German and Tajik as the best work on time.

Key words : terminology, lexicology, word, term, word borrowing, international, semantics, ideology, globalization, way, productive, comparative languages.

Сведения об авторе: ***Замонов З.И.*** – Таджикский национальный университет, доцент общеуниверситетской кафедры немецкого и французского языков. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 919-55-86-80**

Information about the author: ***Zamonov Z.I.*** – Tajik National University, dotsent of the Department of Germany and French languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 919-55-86-80**

УДК: 491.550+891.550-1

СИБАВАЙҲ ДАР САРГАҲИ ЗАБОНШИНОСИИ АРАБУ АҶАМ

Исмонов К.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ба таъкиди донишмандон таърихи ташаккулу таҳаввули илми забоншиносии тоҷик, мисли адабиёту нақди он саҳифаҳои рангину пурҷило дорад. Ҳарчанд ки аз давраи қабл аз Ислом барои равшан сохтани саҳифаҳои ин таърих маводи зарурӣ дастрас нест, аммо дар асоси осори гуногуни динию фалсафӣ, ахлоқию адабӣ ва ҳуқуқию дафтардорӣ ва чанд фарҳангномаи боқимонда метавонем итминони комил дошта бошем, ки илми забоншиносии мо решаю бунёди амиқи таърихӣ доштааст» [7, с. 6; 13, с. 6]. Аз омӯзиши дастурнависӣ дар таърихи форсу тоҷик маълум мегардад, ки ҳанӯз пеш аз Ислом дар робита ба хусусиятҳои грамматикии форсии миёна дар фарҳангномаҳои давр ишораҳое мавҷуд ҳастанд. Чунончи «Фарҳанги ОИМ ЕВАК», ки 880 калима, воҳиди нутқ ва ҷумлаи авестоиро ба забони порсии миёна тафсир медиҳад ва тақрибан 1000 калимаи авестоиро дар бар мегирад [8, с. 132], як ҷо бо ташреҳи луғату истилоҳот масоили грамматикаи забони авестоиро низ фаро мегирад. Нигоранда мухтасари грамматикаи забони Авесторо дар мисоли чанде аз категорияҳои морфологии ҷинсият, шумора, ҳолат (падеж)-ҳо ва тасрифи феъл ба форсии миёна ташреҳ намудааст. Аз ин рӯ, ин фарҳангро метавон нахустин намуна аз таърихи дастурнависӣ дар суннати аҳди Сосонӣ номид [10, с. 62]. Дар асрҳои IX-X вақте мардуми форсу тоҷик ба гунае истиқлолияти сиёсӣ касб намуду давлатҳои нисбатан миллӣ ба майдон омад, таваҷҷуҳ ба забоншиносии форсии тоҷикӣ низ оғоз гардид ва бо таҳияи луғатномаҳо дар зимн ба сохтори грамматикии вожаву ибораҳо ишора шудааст. Аз таҳлилу баррасии истилоҳоту масоили грамматикии луғатномаҳои асримиёнагии форсии тоҷикӣ бармеояд, ки донишмандон афкори забоншиносии худро, чи дар тартиб додани луғатнома ва чи дар шарҳу тавзеҳи масоили грамматикӣ дар зимни он, дар зери таъсири луғатнигориву дастурнависии араб тадвин намудаанд. «Агар дар зинаи аввали шаклгирии илми забоншиносии тоҷик таъсири анъанаи забоншиносии Юнони қадиму Ҳинд дида шавад, пас аз истилои арабҳо он бештар дар асоси пайгирӣ аз усулу равиши забоншиносии араб пеш рафтааст. Ин равишу усул дар забоншиносии тоҷик то Инқилоби октябр идома меёбад» [13, с. 8].

Нуктаи ҷолиб дар таърихи забоншиносии араб ин аст, ки дар рушду такомули он, пеш аз ҳама, саҳми донишмандони форснажод назаррас мебошад ва ин нуктаро таърихнигорони араб ба таври вижа таъкид менамоянд. Чунончи соҳиби «Муқаддима» мегӯяд: «Аҷиб аст, ки бештари донишмандони исломӣ, чи дар улуми динӣ ва чи дар улуми ақлӣ, ба истиснои чанд нафари ангуштшумор, ҳама ғайриараб буданд, дар ҳоле ки миллат араб, соҳиби шариат араб ва Қуръони карим арабӣ аст... Сибавайҳ наҳвро аз Халил ибни Аҳмад фаро гирифту дар таснифу тартиби он пардохт ва онро комил намуду далелу шоҳиди зиёде овард ва дар ин илм «ал-Китоб»-и машҳури худро навишт» [1, с. 292-297].

Бешак забоншиносии араб ва забоншиносии классикии форсии тоҷикӣ мадюни талошҳои аввалин дастурнависи араб Сибавайҳ мебошад. Номи пурраи донишманди мазкур Амр ибни Усмон ибни Қанбар буда, ба Сибавайҳ шуҳрат ёфтааст. Сибавайҳ форсинажод буда, мавлои Ҳорис ибни Каъб буд. Ихтилофи нахусти донишмандон атрофи

зиндагиномаи Сибавайҳ аз баррасии калимаи «қанбар» шурӯъ мешавад, ки бархе онро бо замми қоф (қунабр) хондаанд, чунончи дар «Тоҷ-ул-арӯс» омадааст. Аммо Доруқтанӣ онро ба фатҳи қоф ва сукуни нун хондааст. Дар мавриди кунияи Сибавайҳ низ ихтилофи назар вуҷуд дорад. Бархе кунияи ӯро Абубишр, бархе Абулҳусайн ва бархе Абуусмон гуфтаанд, аммо назди ҳама мақбултар ҳамон кунияи Абубишр мебошад. [5, с. 68].

Сибавайҳ на ба ному кунияи худ, балки бо лақаби бесобиқааш шуҳратёр гаштааст, чунончи ҳанӯз аз қадим ӯро бо лақаби Сибавайҳ мешинохтанд ва ҳангоми овардани ривояте аз ӯ маҳз бо ҳамин лақаб аз ӯ ёд мекарданд.

Азбаски калимаи Сибавайҳ решаи форсӣ дорад, донишмандон бар маънои он равшанӣ андохта, гуфтаанд, ки лақаби мазкур аз ду калима: «себ» ва «вайҳ», ки ба маънои бӯй мебошад, таркиб ёфтааст. Чунончи Манучеҳрии Домғонӣ ба ин ишора карда мегӯяд:

Бо назми Ибни Румиву бо насри Асмаӣ,
Бо шарҳи Ибни Ҷинниву бо наҳви Себӯя [11, с. 7]

Аммо Абуабдуллоҳ ибни Тоҳири Аскарӣ ба он ақидааст, ки Сибавайҳ аз шумораи «сӣ»-и форсӣ ва «бӯй» таркиб ёфтааст, ки дар он сурат лақаби мазкур ба маънои «соҳиби сӣ бӯй» меояд [2, с. 4].

Вале вақте калимаи Амривайҳро дар «ал-Китоб» мехонем, бешак дар ҳайрат меафтем, зеро он аз ду калимае, таркиб ёфтааст, ки яке ба забони арабӣ тааллуқ дораду дигаре ба форсӣ. «Аммо дар мавриди Амривайҳ худи Сибавайҳ мегӯяд, ки он калимаи ғайриарабӣ ва навъе аз исмҳои аҷамӣ мебошад, зеро дар охири он чизеро пайваст кардаанд, ки дар исмҳои ғайриарабӣ пайваст намекунанд… Ва онро дар номуайянӣ мисли калимаи ғоқин дар ҳама маврид бо танвини максура меоранд» [3, с. 301]. Аз ин гуфтаи Сибавайҳ чунин хулоса карда мешавад, ки «вайҳ» пасванди форсиест, ки ба калимаи «вайҳ»-и арабӣ, ки бо истилоҳи исми феъл хонда мешавад, монандӣ дорад. Аз ин рӯ, ба он мисли калимаҳои баёнкунандаи овоз кор гирифта мешавад, ки ҳангоми накира будан танвин мегиранд, вале ҳангоми муайянӣ танвин аз онҳо бардошта мешавад. Шояд Арабу Аҷам ин пасвандро пас аз исмҳои хос барои зебову хушнаво шудани ном ва ё барои ташбеҳ намудан ба маънои он ном меовардаанд. Пас аз Сибавайҳ донишмандони зиёде лақаби мазкурро ба худ ниҳодаанд. Аз ҷумла, соҳиби «Буғят-ул-вуот» аз се наҳвие ном мебарад, ки бо лақаби Сибавайҳ шинохта шудаанд.

Дар мавриди дар Байзои Шероз таваллуд ва ба воя расидани Сибавайҳ дар сарчашмаҳо хилофи назаре нест, аммо роҷеъ ба замони таваллуди ӯ иттифоқи назаре вуҷуд надорад. Ҳамин аст, ки таърихнигорон дар мавриди дар чандсолагӣ падруди олам гуфтани ӯ андешаҳои гуногун манзур намудаанд. Аз ҷумла, Зубайдӣ таъкид мекунад, ки Сибавайҳ ҷаҳонро дар 33-солагӣ тарк намудааст, дар ҳоле ки Хатиб онро 32 ба қалам додааст. Вале Ёқути Ҳамавӣ дар 40-41-солагӣ гузаштани ӯро тарҷеҳ медиҳад ва инро далел меорад, ки Сибавайҳ аз Исо ибни Умар ривоят намудааст, дар ҳоле ки вафоти шогирд 31 сол баъд аз вафоти устод сурат гирифтааст. Пас, ҳангоми вафоти Исо ибни Умар мебояд Сибавайҳ ҳадди ақал беш аз даҳ сол дошта бошад, ки аз ӯ чизе ривоят карда тавонад. Ба ин тартиб, таваллуди Сибавайҳро метавон дар даҳаи чоруми асри дувуми ҳиҷрӣ унвон кард [9, с. 202; 12, с. 23-24].

Сибавайҳ бархилофи устодаш Халил ибни Аҳмад барои дақиқу амиқ аз худ кардани қонуниятҳои забони араб ба бодия ва водиҳои Ҳиҷозу Наҷд ба сафар набаромадааст, балки шавоҳиди «ал-Китоб»-ро аз суханвароне ёд намудааст, ки ба онҳо эътимод дошта. Ба ин нукта таъбирҳои Сибавайҳ дар зимни «ал-Китоб» далолат мекунад, ки гуфта: «аз арабҳо шунидам…», «аз арабҳо гирифтаам…», «аз арабҳо шунидаем…», «аз арабе, ки ба арабидонияш эътимод аст, шунидем…» [6, с. 85]. Баъди вафоти Халил ибни Аҳмад Сибавайҳ ба шаҳри Куфа рафта, бо забоншинос ал-Кисоӣ дар мавриди масъалаи занбӯрия мунозара намуда, пасон ба зодгоҳи худ баргашта, ба тадвини «ал-Китоб» мепардозад. Сибавайҳ мондагортарин ва ягона асари худ- «ал-Китоб»-ро баъди вафоти Халил ибн Аҳмад навиштааст. Зеро дар асараш номи ӯро бо калимаи *марҳум* пайваста ёдовар мешавад [16, с. 15].

Нуктаи ҷолиб дар зиндагиномаи Сибавайҳ, ки бештари муҳаққиқони гузаштаву имрӯз аз ишора ба он худдорӣ намудаанд, ин огоҳии ӯ аз забони форсӣ мебошад. Ба ин маъно, ки дар ҳеҷ асаре оид ба донандаи забони форсӣ будани ӯ ишора нашудааст, аммо донишманди муосири араб Алӣ Носифи Наҷдӣ такя ба рӯзгори Сибавайҳ ва он андешаҳое, ки дар робита ба забони форсӣ дар «ал-Китоб» оварда шудааст, ӯро ҳамчун донандаи забони форсӣ унвон менамояд [6, с. 89], хусусан, бобҳои «Андар баёни арабӣ намудани вожаҳои аҷамӣ» [4, с. 303] ва «Андар баёни итроди ибдол дар форсӣ» [4, с. 305] таъйиди гуфтаҳои боло мебошад.

Бояд эътироф намуд, ки ҳеҷ китобе дар грамматикаи араб дорои бартариҳо ва вижагиҳои «ал-Китоб», чи пеш аз ба майдон омадани он ва чи пас аз он набудааст, зеро асари мазкур ягона асари наҳвие мебошад, ки дар масоили он забоншиносони мактабҳои Басраву Куфа ихтилоф ва эътирозе надоранд, балки намояндагони ҳар ду мактаб онро чун сарчашмаи қоидаву усули грамматикаи араб пазируфтаанд. Сибавайҳ ҳарчанд асари худро ба таври ниҳоӣ нанавишта бошад ҳам, дар он муҳимтарин масъалаҳои наҳвӣ, сарфӣ, таҷвидӣ ва балоғии забони арабиро оварда, нахуст аз дидгоҳи устодону гузаштагон онҳоро ба баррасӣ кашида, сипас ба тарҷеҳу таълили онҳо пардохтааст. «Ал-Китоб» моломол аз таҳлилу хулосагирии масъалаҳо ва тасҳеҳ намудани онҳо бо равиши қиёс мебошад, ки ин Сибавайҳро ба мартабаи асосгузори усули фиқҳ, нақди адабӣ, балоғат ва таҷвид мерасонад, ҳадди ақал бо назардошти он ҳама таҳлилу баррасиҳои мантиқӣ-балоғӣ ҳеҷ набошад ӯро асосгузори илми балоғат шуморидан мумкин аст [6, с. 197].

«Ал-Китоб» танҳо баёнгари назарияҳои грамматикии мактаби забоншиносии Басра набуда, балки қоидаву таърифҳои бунёдии сарфу наҳви арабро фаро гирифтааст. Аз ин рӯ, забоншиносони Басра ва Куфа бе ҳеҷ мушкилие аз ин ганҷи бебаҳои илмӣ баҳраманд мегаштанд ва онро асос ва меҳвари назарияҳои забоншиносии худ қарор медоданд. Аз ҷумла асосгузори мактаби забоншиносии Куфа Кисоӣ дар назди Ахфаш «ал-Китоб»-ро аз бар намуда будааст ва ҷойи шакке нест, ки ин баъд аз вафоти Сибавайҳ сурат гирифтааст. Пас, забоншиносони дигари Куфа ҳеҷ набошад тавассути устоди худ Кисоӣ аз «ал-Китоб» мутаассир ва баҳравар шудаанд. Забоншиноси дигари Куфа Фаро вақте ҷаҳонро падруд гуфт, аз зери болишташ «ал-Китоб»-и Сибавайҳро (бо хатти худи Фаро) дарёфтанд, дар ҳоле ки Фаро дар зиддият ба мактаби забоншиносии Сибавайҳ таассуб меварзид, ҳатто дар ёдовар шудани номҳои эъроб ва номгузории ҳарфҳо хилофи Сибавайҳ гом мебардошт [2, с. 35].

Барои пай бурдани мо аз таъсири «ал-Китоб» дар забоншиносии баъдинаи араб ҳамин кофист, ки асарҳои наҳвӣ ва сарфии забоншиносони боризи араб, амсоли Мубаррид, Зуҷоҷӣ, Замахшарӣ, Ибни Ҳоҷиб, Ибни Молик, Ибни Ҳишом, Суютӣ ва дигаронро сафҳагардонӣ намоем. Зеро ҳеҷ асари наҳвӣ ва сарфие дар забони арабӣ ба назар намерасад, ки бо назарияҳои забоншиносии Сибавайҳ ороста нашуда бошад ва ҳеҷ забоншиносе дида намешавад, ки қоидаи овардаи худро бо суханони Сибавайҳ тарҷеҳ надода бошад. Ҳатто Абдулқодири Ҷурҷонӣ, ки ҳамчун асосгузори илми балоғат муаррифӣ шудааст, барои тарҷеҳ ва таъйиди сухани худ аз «ал-Китоб» истидлол намудааст. Ба таъбири Замахшарӣ «аз «ал-Китоб»-и Сибавайҳ ҳеҷ соҳибқаламе ва ҳеҷ суханваре бениёз буда наметавонад» [14, с. 230].

Гузашта аз ин, муфассирони каломи раббонӣ барои зоҳир намудани маонии оят аз «ал-Китоб» ба таври густурда истифода намудаанд, бавижа ин дар тафсирҳои дастурӣ-забонии Қуръони карим, ки бештар бо унвони Эъроби Қуръон хонда мешаванд, баръало ба назар мерасад.

Чи тавре дар аввал ёд шуд, ташаккули афкори забоншиносии классикии форсии тоҷикӣ ба забоншиносии араб робитаи ногусастанӣ дорад ва ба хато нарафтаем, агар пайдоишу ташаккули забоншиносии классикии форсии тоҷикиро дар заминаи забоншиносии арабӣ унвон намоем. Ба ин тартиб, забоншиносони гузаштаи форсу тоҷик мадюни андешаҳои забоншиносии Сибавайҳ буда, аз асари ҷовидонаи ӯ ба таври густарда истифода намудаанд. Шуҳрату ҷойгоҳи волои Сибавайҳро дар ақвол ва ашъори қаламкашони форсу тоҷик бараъло мушоҳида намудан мумкин аст. Аз ҷумла, Хоқонии Шарвонӣ мегӯяд:

Себӯя гуфт: ман ба маънии наҳв,
Як хато дар хитоб нашнидам».
Ман ба маънии сидқ мегӯям,
Ки зи як кас савоб нашнидам [11, с. 8].

Шамс Қайси Розӣ низ ҳангоми баёни зарурати шеърӣ аз Сибавайҳ ёд намуда, сухани ӯро, ки дар зербоби «Андар боби он чи дар шеър мумкин аст»[15, с. 223; 2, с. 26] айнан нақл намудааст, ки аз таъсирпазирии адибону забоншиносони форсу тоҷик аз андешаҳои Сибавайҳ шаҳодат медиҳад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдурраҳмон ибни Халдун. Муқаддима: дар таҳқиқу тавзеҳи Абдусалом аш-Шаддодӣ. Ҷ.5. –ад-Дор-ул-байзо, 2005. - 341 с. [бо забони арабӣ]
2. Абубишр Сибавайҳ. Ал-Китоб: таҳқиқ ва шарҳи Абдусалом Ҳорун. Ҷ.1. –ал-Қоҳира, 1999.-446 с. [бо забони арабӣ]
3. Абубишр Сибавайҳ. Ал-Китоб: таҳқиқ ва шарҳи Абдусалом Ҳорун. Ҷ.3. –ал-Қоҳира, 1999.-662 с. [бо забони арабӣ]

4. Абубишр Сибавайҳ. Ал-Китоб: таҳқиқ ва шарҳи Абдусалом Ҳорун. Ҷ.4. –ал-Қоҳира, 1999.- 494 с. [бо забони арабӣ]
5. Абуттайиб Аллуғавӣ. Маротибуннаҳвийин / А.Аллуғавӣ. - Ал-Қоҳира, 2003 м. - 87 с. [бо забони арабӣ]
6. Алӣ Носиф. Сибавайҳ имом-ун-нуҳот. – ал-Қоҳира, 1979. - 244 с. [бо забони арабӣ]
7. Донишномаи мухтасари таърихи афкори забоншиносии тоҷик. – Душанбе, 2017. - 320 с.
8. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои IX-X) / М.Н. Қосимова. Ҷ.1. Душанбе, 2012.-568 с.
9. Рыбалкин В.С. У истоков грамматической традиции: Сибавайхи и последователи / В.С. Рыбалкин // Схидний свит №2, 2011. -С. 201-217.
10. Саймиддинов Д. Вожашиносии забони форсии миёна / Д.Саймиддинов. – Душанбе, 2001. – 275 с.
11. Саҷодӣ З. Сибавайҳ дар мутуни форсӣ. – Теҳрон, 1353ҳ. Хирад ва кӯшиш. - С.7-14. [бо забони форсӣ]
12. Холид Абдукарим Ҷумъа. Шавоҳид-уш-шеър фи Китоби Сибавайҳ. Ад-Дор-уш-шарқия, 1989. - 551 с. [бо забони арабӣ]
13. Хоҷаев Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XVI / Д. Хоҷаев. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. - 344 с.
14. Ҷалолиддин Суютӣ. Буғят-ул-вуот фи табақот-ил-луғавийина ва-н-нуҳот. Таҳқиқи Абулфазл Иброҳим. Ҷ.2. – Матбаа Исо ал-Ҳалабӣ, 1965. - 601 с. [бо забони арабӣ]
15. Шамс Қайси Розӣ. Ал-Муъҷам фи маъоири ашъор-ил-аҷам: ба ҳиммати Муҳаммад Ризвонӣ. – Теҳрон: Маҷлис, 1314 ҳ.ш. - 360 с. [бо забони форсӣ]
16. Яқубов Т. Намояндагони шинохтаи мактабҳои забоншиносии араб / Т.Яқубов. – Душанбе, 2009. – 90 с.

СИБАВАЙҲ ДАР САРГАҲИ ЗАБОНШИНОСИИ АРАБУ АҶАМ

Дар мақола атрофи яке аз асосгузорони дастурнависӣ дар забони арабӣ-Сибавайҳ сухан рафтааст. Ҳарчанд Сибавайҳ аз табақаи шашуми забоншиносони араб бошад ҳам, мавсуф аз нахустин донишмандоне ба шумор меравад, ки дар робита ба грамматикаи араб аввалин китобро навиштааст. Мақола ишора ба он менамояд, ки афкори забоншиносии Сибавайҳ дар маҳдудаи мактаби забоншиносии Басра набуда, балки фаротар аз он дар саргаҳи забоншиносии Арабу Аҷам аст. Воқеан, ривоятҳои таърихӣ баёнгари онанд, ки бунёдгузорони мактаби забоншиносии Куфа Кисоӣ ва Фаро аз «ал-Китоб»-и Сибавайҳ баҳраи зиёд бурдаанд ва онро ҳамчун китоби рӯйимизии худ ҳамеша мавриди мутолиа қарор медодаанд. Дар мақола ин нукта таъкид шудааст, ки таъсири афкори забоншиносии Сибавайҳро дар дастурнависии гузаштаи донишмандони форсу тоҷик ба таври назаррас мушоҳида намудан мумкин аст. Аз ҷумла, корбурди густардаи истилоҳоти забоншиносии араб ва дар зимни дастурҳои гузаштаи форсии тоҷикӣ ёд шудани номи Сибавайҳ таъйиди ин гуфтор аст. Бо баррасиҳои дар ин мақола овардашуда маълум мегардад, ки шоирони классикии форсу тоҷик, ки бештарашон донандаи забону грамматикаи арабӣ будаанд, дар ашъори худ аз Сибавайҳ ва афкори забоншиносии ӯ ёд кардаанд.

Калидвожаҳо: Сибавайҳ, забоншиносии араб, забоншиносии форсу тоҷик, «ал-Китоб», асосгузори забоншиносии араб.

СИБАВАЙХ - ОСНОВОПОЛОЖНИК АРАБСКОГО И ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКОЗНАНИЯ

Статья посвящена жизни и творчеству Сибавайха – одного из основоположников арабского языкознания. Несмотря на то, что Сибавайх является представителем шестого поколения арабских языковедов, именно он первым написал подробный научный труд по арабской грамматике, признанный в последующем фундаментальным. По утверждению исследователей, Сибавайх является не только основоположником басрийской школы, но и других школ арабского языкознания, более того, Сибавайх, по праву, признан основоположником арабского и персидско-таджикского языкознания. Согласно утверждению современников, основоположники языковедческой школы Куфы – Кисаи и Фаро, а также многие другие языковеды широко использовали «ал-Китоб» как надёжный источник арабской грамматики. В статье показано значительное влияние языковедческих воззрений Сибавайха на труды персидско-таджикских ученых по грамматике. В частности, ученые в изложении и разъяснении правил персидско-таджикской грамматики всемерно опирались на научную терминологию «ал-Китоб»-а Сибавайха. Также показано, что многие классики персидско-таджикской литературы не только были глубокими знатоками арабской грамматики, но и с почтением упоминали Сибавайха и его воззрения.

Ключевые слова: Сибавайх, арабское языкознание, таджикское (персидское) языкознание, «ал-Китоб», основоположник арабского языкознания.

SIBAWAYH FOUNDER OF ARABIC AND PERSIAN-TAJIK LINGUISTICS

The article is devoted to the life and work of Sibawayh. Sibawayh is one of the founders of Arabic linguistics and he is the representative of the sixth generation of Arab linguists. Also, he was the first on writing a detailed scientific work on Arabic grammar, which was subsequently recognized as fundamental. Based on the researchers, Sibawayh is not only the founder of the Basra school but also other schools of Arabic linguistics. Sibawayh is recognized as the founder of Arabic and Persian-Tajik linguistics on the rights. According to the statement of contemporaries, the founders of Kufa's linguistic school - Kisai and Faro, as well as many other linguists widely had used "al-Kitab" as a reliable source of Arabic grammar. The article gives the significant influence of Sibawayh's linguistic point view on the works of Persian-Tajik scholars in grammar. In particular, scientists in the presentation and explanation of the rules of the Persian-Tajik grammar relied in every detail on the scientific terminology of "al-Kitab" of Sibawayh. Also, many classics of Persian-Tajik literature were not only profound experts in Arabic grammar but also with respect mentioned Sibawayh and his point views.

Key words: Sibawayh, Arabic linguistics, Tajik (Persian) linguistics, al-Kitab, the founder of Arabic linguistics.

Сведения об авторе: ***Исмонов К.*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры арабской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17.
Тел.: **(+992) 917-44-40-40**

Information about the author: ***Ismonov K.*** - Tajik National University, Candidate of Philology sciences, Associate Professor of Arabic Philology Department. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Tel.: **(+992) 917-44-40-40**

УДК: 491.550-3:491.71-3:42-3

ГРАММАТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ВОПРОСИТЕЛЬНЫХ И ВОЗВРАТНО-ОПРЕДЕЛИТЕЛЬНЫХ МЕСТОИМЕНИЙ В ТАДЖИКСКОМ, РУССКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Каримов А.Ф.
Таджикский государственный институт языков им. С.Улугзаде

Освоение иностранных языков предполагает правильную ориентировку в области грамматических расхождений и особенностей, то есть умение правильно выбрать и употребить грамматическую форму, присущую тому или иному языку. Правильная ориентировка в употреблении вопросительных и возвратно-определительных местоимений в рассматриваемых языках поможет избежать в дальнейшем употребление несвойственных форм в системе изучаемых языков (таджикского, русского и английского). Самым распространенным недостатком в устных и письменных высказываниях наряду с неправильным использованием различных частей речи является нарушение лексико-семантических особенностей местоимений, присущее той или иной группе языков. Цель данного исследования-путём сопоставительного анализа установить некоторые источники многозначности вопросительных и возвратно-определительных местоимений, таких как: **кӣ, киҳо, кто, who, чӣ, чиҳо, что, what, худ, хеш ва хештан, себе, self** в сопоставлении с русским и английским языками, которые, как известно, обладают большим грамматическим потенциалом в силу свойственных им вопросительности, возвратности, притяжательности, подчеркивания и эмфазы. Одним из основных источников расширения семантической ёмкости таджикского местоимения **худ, (себя),** (**self**) являются реализуемые возможности его потенциальной валентности, включая в этот перечень все притяжательные и возвратные местоимения английского и русского языков, которые будут рассматриваться на основе сравнительно-типологического исследования. В таджикском языке, согласно распространенный точке зрения, **худ, (себя),** (**self**) характеризуется как возвратное местоимение, но оно имеет и другие функции. Так, как отмечает М.А. Нахангова в своей диссертации «Местоимения в современном таджикском языке»: «Если это местоимение связано с субъектом и выступает в качестве прямого дополнения, маркирующего субъекта, то оно выполняет функцию возвратного местоимения.

Например: Талаба худро ярадор кард. Ученик ушибся.The school boy hurt himself.

Если **худ, (себя),** (**self**) оказывается в зависимой атрибутивной позиции, то эмфаза направлена и в этом случае на субъект, но **худ, (себя),** (**self**) приобретает функцию возвратно-притяжательного местоимения.

Например: Талаба муаллими худро бисёр ҳурмат мекунад. Ученик очень уважает своего учителя. The schoolboy respects his teacher very much.

Если же **худ, (себя),** (**self**) само имеет изафетное определение или оно подкреплено местоименной энклитикой, то эмфаза направлена на зависимое слово-определение, и **худ, (себя),** (**self**) выступает в качестве определительного местоимения.

Например: Талаба **худи** муаалимро бисёр ҳурмат мекунад. Ученик очень уважает **именно** учителя. **It is the teacher who** the schoolboy respects very much.

Об этой и других характерных особенностях местоимения **худ, (себя),** (**self**), среди таджикских и зарубежных ученых наблюдаются противоречия во взглядах. Так, например, Т. А. Барабаш отмечает «некоторые особенности употребления местоимений в современной разговорной английской речи» В ряде курсов грамматики, таких как Л.С. Бархударов, Д.А. Штелинг «Грамматика английского языка М, 1965», В. Hyish «Thestructureof the English Language; 1971 указывается, что в английской разговорной речи форма именительного падежа личного местоимения **i, я, ман** прочно сохраняется лишь в функции подлежащего простого предложения: I said it. Я сказал это. Ман инро гуфтам. Эту же форму рекомендуется употреблять в функции предикатива, если за ним следует придаточное в составе сложного эмфатического предложения: It was I who said it. Именно я сказал это. Худи ман инро гуфтам [1, с.89-90].

Касаясь данной проблемы, Н. Масъуми подчеркивает, что «в литературном таджикском языке употребление **худ**, **(себя),** (**self**) без подкрепления местоимениями с суффиксами - характерное явление. Это явление в языке Айни соблюдается как полный литературный стиль. Это не только прочно сохраняется лишь в описательном языке автора, но его также можно встретить в речи многих персонажей произведения «Марди судхур»: «Шумо ба тарафи худ меравед ва ман бо ин одаме, ки овардам, пулро бурда ба ҷое, ки худ меданам мегузорам» [5, с.90]. Вы идите своей дорогой, а я с тем человеком, которого привел, отнесу деньги и помогу в том месте, которое знаю.You go in the direction of yourself, and I with man who I took we carry many and put them the place where I know.

Автор отмечает, что, выступая в роли других членов предложения, особенно подлежащего, местоимение **худ, (себя),** (**self**) употребляется с суффиксами.

Например: Худ медонам-худам медонам [5, с.19]. Сам знаю. I know myself. Здесь хочется сказать, что трактовка автора о том, что, «выступая в роли других членов предложения, особенно подлежащего, местоимение **худ, (себя),** (**self**) употребляется с суффиксами», не всегда приемлемо, ибо нами удалось выявить случаи, когда местоимение **худ**, **(себя),** (**self**) без применения никаких суффиксов или изафета может выступать в роли подлежащего.

Например: Иброҳимҷон бо Иван-амак ва Каримҷон-ака саволомез нигоҳҳо меафканд, мехост сабаби димоғи сухтаи Аббосро аз онҳо бифаҳмад. Аммо онҳо **худ** дар тааҷҷуб буданд [7, с.78]. Иброгимджон вопросительно смотрел на дядю Ивана и Каримджона, пытаясь у них узнать причину веселого настроения Аббоса. Но они **сами** были удивлены. Ibrohim looked inquiring to Uncle Ivan and Karim it wanted him to know the reason Abbos's bad mood. But they themselves were surprised.

Қувваи Президент Эмомалӣ Раҳмон дар наздики бо мардумаш ва мустаҳкамии он пайвандҳоест, ки бо халқи хеш дорад, ки **худ** намояндаи он аст. (Раҳим Массов, академик, доктори илмҳои таърих) Величие Президента Эмомали Рахмона в его тесной связи со своим народом, и связь эта прочна в единении со своим народом, представителем которого является и он сам. The President Emomali Rahmonov's power is his direct treat with his people and it's stringently is keeping unifiers with his people and he himself is their representive.

В таджикском языке **худ, (себя),** (**self**) с суффиксами или без может выступать в роли подлежащего или местоимения. В зависимости от того, что обозначает местоимение с суффиксами, лицо иногда является дубликатом личного местоимения и позволяет, чтобы **худ**, **(себя),** (**self**) без существительного или личного местоимения самостоятельно выступало в роли подлежащего. В таких случаях **худ, (себя),** (**self**) с суффиксами или без в английском языке передается личными местоимениями или **self,** а в русском языке усилительными словами **именно** или **сам.** Например: Аз рафторам **худам** ҳам изо кашидам. (ҲакимКарим). **Сам** также стеснялся своего поведения. It was **I** (who) ashamed my behavior.**I myself** ashamed my behavior.

Исследуя этот вопрос в «Практическай грамматике английского языка», её авторы К.Н. Качалова и Е.Е. Израилевич справедливо указывают, что, «когда хотят сделать особое ударение на каком-нибудь члене предложения, его помещают в начале предложения между It was и that (who whom)». Если в предложении I met his sister in the park - Я встретил его сестру в парке - Ман хоҳари уро дар боғ вохӯрдам надо выделить подлежащее I, то есть подчеркнуть, что именно я, а никто другой, встретил его сестру в парке, то местоимение «i» ставится между it was и that (who) Например: It was I that (who) met his sister in the park. Именно (это) я встретил его сестру в парке. Худи ман хоҳари вайро дар боғ вохурдам. Если выделить дополнение his sister,-его сестру-хоҳари уро то есть подчеркнуть, что я встретил именно его сестру, а не кого-нибудь другого, то his sister ставится между it was и that (whom). Например: It was his sister that (whom) I met in the park. Худи хоҳари вайро ман дар боғ вохурдам. Если надо выделить обстоятельство места In the park-в парке-дар боғ, то есть подчеркнуть, что я встретил его сестру в парке, а не в другом месте, то in the park ставится между it was that. Например: It was in the park that I met his sister. Именно (это) в парке я встретил его сестру. Худи дар боғ ман хоҳари вайро вохурдам. При переводе этого оборота в русском языке часто используется слово **именно**, а в таджикском **худи, маҳз, шахсан** [3, с.361].

Грамматическое исследование в системе возвратных местоимений в сопоставляемых языках имеет весьма интересные особенности, в том числе и то, что вышеперечисленные способы могут наблюдаться во всех этих языках. Например: Ин воќеаро ба худи Гулнор гуфт. (Садриддин Айни).It was Gulnor that whom to told this story.Именно Гулнора сказала об этом событии.Талаба худи муаллимро бисёр ҳурмат мекунад. It was the teacher whom respects the people very much. Ученик очень уважает именно учителя.

В таджикском и русском языках, в отличие от английского языка, характерной особенностью местоимения **худ**, **(себя),** (**self**) можно отметить его притяжательное значение, которое относится ко всем трем лицам и в единственном, и во множественном числе, то есть без определенного грамматического лица. То есть если **худ, (себя),** (**self**) оказывается в зависимой атрибутивной позиции, то эмфаза направлена в этом случае на субъект, то **худ, (себя),** (**self**) приобретает функцию притяжательного местоимения: У қарзи худро дар назди ватан ичро кард. Он выполнил свой долг перед родиной. He performance his duty before the country. У мактубро ба модари худ дод. Он дал письмо своей маме.He gave the letter to his mother. Латиф ва Баҳром мактаби худро тамом карданд. Латиф и Баҳром закончили свою школу. Lafit and Bahrom left their school. Соли 1890 ман бо бародарам ба Бухоро барои таҳсил омадем.(С. Айни Ёддоштхо) В 1890 году я со своим братом приехал в Бухару, чтобы учиться.In 1890 I came in Buchoro with my brother so that study.

Анализ лингвистической литературы выявил, что исследование местоимения как самостоятельной части речи в семантико-стилистическом и историческом аспектах в таджикском языке проведено учеными более широко и углубленно. Большой вклад в этом плане внесли Сиёев Б., Бухаризаде А., М. Нахангова и многие другие. Особое внимание возвратно-определительным местоимениям уделено в исследованиях М. Нахангговой. Изучая все грамматические функции автор пишет: «С точки зрения значения и грамматических функций, **худ, (себя),** (**self**) и **хештан** противопоставляются местоимению **хеш** по двум признакам. **Худ** и **хештан** являются, во-первых, местоимениями–существительными и могут в предложении выступать в тех же синтаксических функциях, что и личные и лично-предметные местоимения, тогда как **хеш** в качестве местоимения выступает, как правило, только в функции пассисивного определения; во- вторых; **худ** и **хештан** совмещают в себе значения местоимений возвратных, указывающих на тождество с субъектом действия, обозначаемого предикатом со значением местоимений определительных, указывающих на то, что данное действие выполняется субъектом самостоятельно, без помощи других, и одновременно подчеркивающих или усиливающих содержание высказывания, а также со значением местоимений притяжательных, указывающих на принадлежность предмета одному из лиц речи (говорящему, адресату, 3-ему лицу).

Что же касается английского языка, то надо отметить, что возвратно-определительные местоимения образуются путем прибавления к притяжательным местоимениям **my, our, your** личных местоимений в объектном падеже **him, her, it, them** и неопределенному местоимению **one** окончания **self** (к местоимениям единственного числа) и selves (к местоимениям множественного числа):

Лицо

единственное число	*множественное число*
1-е **myself**	**ourselves**
2-е **yourself**	**yourselves**
3-е himself herself itself	**themselves**
Неопределенно-личная форма	**oneself**

Примечание: В отличие от личных местоимений второе лицо возвратных местоимений имеет отдельные формы для единственного числа **(yourself)** и множественного числа (**yourselves):** Например: Do not hurt **yourself,** peter! Не ушибитесь (не ушибись), Петр! Пётр худро ярадор накунӣ. Do not hurt **yourselves**, gentlemen! Не ушибитесь, господа! Ҷанобон худро ярадор накунед [4, с.72].

Функции возвратных местоимений в сопоставляемых языках не всегда совпадают с соответствующими предложениями. Следует запомнить, что русское местоимение **себя** и таджикское **худ** не всегда выражают свое значение в соответствующих таджикских или русских предложениях. Итак, между системами значений глаголов у этих языков наблюдаются характерные особенности, что служит причиной подобных расхождений в сопоставляемых языках, то есть некоторые глаголы в английском языке являются глаголом- связкой, а в русском и таджикском, наоборот, выступает как смысловые, что приводит к трудностями их выражения в данных языках. С точки зрения значения и грамматических функций английские глаголы **feel-чувствовать-ҳис кардан, behave-вести себя-рафтор кардан, appear-появлятся-пайдо шудан, look-похож-монанд** и тому подобное иногда могут в предложении выступать в роли глагола- связки, тогда как чувствовать, вести себя, появляться, выглядеть и так далее в соответствующих русских и таджикских предложениях, как правило, только выступают в роли смыслового или основного глагола, что часто путают учащиеся. Если **feel-чувствовать-ҳис**

кардан, behave-вести себя-рафтор кардан, appear-появлятся-пайдо шудан, look-похож-монанд и т. д. оказываются в зависимой позиции, то они выступают в функции составного именного сказуемого в английском языке, которые указывает на признак, состояние и свойства субъекта, но при переводе они передаются с учетом стилистических норм, средств и приемов языка, на который переводится. Например: She feels ill.Она чувствует себя плохо. Вай худро баъд ҳис мекунад. He behaves like a child. Он ведёт себя как ребенок.Вай мисли кӯдак рафтор мекунад. Вай худро чун кӯдак нишон медиҳад.

Из-за расхождения в значении глаголов в сопоставляемых языках в английском предложение She feels ill слова feel+ill является составным именным сказуемым, которое выражает состояние существительного, то есть подразумевается, что он больной. Однако при переводе на русский или таджикский языки придерживаются правил, приёмов и норм этих языков, что становится причиной появления возвратного местоимения в русском и таджикском языке, то есть от того, что эти глаголы в данных языках являются смысловыми, выражают не состояние, действие или свойства существительного, а, напротив, действие.

Что же касается второго предложения: He behaves like a child, он вёл себя как ребёнок, ӯ худро мисли кӯдак вонамуд кард, то следует подчёркнуть, что рассматриваемые характерные особенности в системе возвратных местоимений в английском языке, в учебнике «Практическая грамматика английского языка» К.Н. Качаловой, Е.Е. Израилевич, а также в популярном пособии по грамматике английского языка «A grammar of the English language» В.Л. Каушанской, Р.Л. Ковнер и других, в параграфе, посвященном этим формам глагола, говорится, что: «Возвратное местоимение **себя** после некоторых русских глаголов на английский язык не переводится. К таким глаголам относятся: чувствовать себя to feel, вести себя behave и некоторые другие». Однако там же описаны случаи употребления возвратных местоимений английского языка, которые нами приведены графически.

Хочется отметить, что проведенный нами грамматический анализ в системе вопросительных и возвратно-определительных местоимений в сопоставляемых языках, несомненно, свидетельствует о том, что эта трактовка не всегда приемлема, потому что эту же форму рекомендуется употреблять с частицей self, так как это зависит от их (to feel, behave) размещения в составе предложения или стиля работы писателя, ученого и многих других факторов.. Например: Мальчик плохо вел **себя** на уроке [2, с.633]. He felt himself clutched by the colla. (Hardy) The boy did not behave **himself** at the lesson. Он чувствовал себя как схваченный за горло.Писарбача дар рафти дарс дағалона рафтор намуд.Вай худро мисли аз гулуҳдоштагибарин ҳис мекард. I felt the better myself for having spent a good deal of my time abroad.(Eliot) Я чувствал себя лучше, оттого что долго прожил за границей.Ман худро аз он беҳ ҳис мекунам, ки муддати зиёде дар хорича. В английском языке следует отметить роль подлежащего в составе предложения. Если подлежащее в предложении выступает в качестве активного члена предложения, то оно указывает, что действие, выраженное глаголом-сказуемым, выполняется предметом, обозначенным подлежащим: зистам.

He felt satisfaction in helping them. Он чувствовал удовлетворение от того, что помог им. Вай қаноатманд аз он аст, ки ба онҳо кумак кард.

Если подлежащее выступает в роли пассивного подлежащего, то оно обычно не обозначает исполнителя действия, а скорее, продуцирует состояние носителя предикативного признака: He feels tired. Он чувствует себя усталым. Вай худро монда ҳис мекунад. He feels ill. Он плохо чувствует себя. Вай худро баъд ҳис мекунад.

Таким образом, значение **худ, себя, self** во многом зависит от его функций в предложении. Следует помнить, что русское возвратное местоимение **себя, (собой)** и таджикское слово **худ** соответствуют одной из возвратных форм местоимений **myself, yourself, himself, herself,** а другие-лишь в том случае, если перед ним по смыслу можно поставить местоимение сам: Он сердился на себя (самого себя). He was angry with himself. Вай нисбати худаш хашмгин буд. Я ничего не прошу для себя (самого себя). I ask nothing for myself. Ман барои худ ҳеҷ чизро намебахшам.

Следует также иметь в виду, что если перед местоимением **себя, (собой), худ** по смыслу нельзя поставить местоимение **сам,** то в английском языке употребляется не возвратное местоимение, а личное местоимение в объектном падеже.

Например: Я возьму вас с собой. I shall take you with me (а не: with myself). Ман шуморо бо худ мегирам. Она услышала шаги за собой.

She heard steps behind her. (а не: behindhimself) Вай аз пушти худ садои қадамзаниро ҳис кард. Он положил карту перед собой. He put the map before him (а не: before himself). Вай харитаро дар назди худ гузошт [3, с.74].

В сопоставляемых языках местоимения **худ, себя, self,** которые указывают на значение выделения, подчеркивания, высказывания, не менее активны, чем значения возвратности. Их можно опустить, даже не искажая смысла предложения в этих языках. Например: You do not believe that story yourself. You do not believe that story. Вы сами не верите в эту историю. Вы не верите в эту историю. Худи шумо низ ин қиссаро бовар намекунед. Шумо низ ин қиссаро бовар намекунед.

Необходимо обратить внимание на тот факт, что возвратные местоимения в сопоставляемых языках указывают на то, что действие выполняется субъектом самостоятельно, без помощи других лиц. Но в вышеприведенных предложениях местоимение выступает лишь в функции выделения и подчеркивания. И самый верный способ определения их функции заключается в том, что при исключении его (возвратного местоимения) из состава предложения, предложение теряет свое значение. Сравним: He cut himself- Он ушибся -Вай худро яродор кард. She saw herself in mirror-Она увидела себя в зеркале- Вай худро дар оина дид. They consider themselves very clever-Они считают себя очень умными-Онҳо худро ниҳоят доно мешуморанд.

Однако нельзя забывать, что часто, в случае отсутствия этого местоимения в английском предложении, невозможно его появление при переводе в соответствующем русском или таджикском предложениях.

Например: Can I carry your luggage for you? No thanks I can manage.

Могу я понести ваш багаж? Нет, спасибо, я **сам** справлюсь.

Ман метавонам бағоҷи шуморо барам? Не раҳмат ман **худам** уҳда мешавам. Can you to call up George for me? Why you do not it? Вы можете позвонить Джорджу вместо меня? Почему вы сами не сделаете это?

Шумо метавонед ба ҷойи ман ба Ҷорд тамос кунед? Чаро худатон тамос намекунед. A bit srartled Merser straightened up in his chair. Мерсер бо андаке ҳарос дар курсиаш худро рост кард. Мерсер, немного испуганный, вытянулся на стуле [7, с.288].

Для местоимения **худ, (себя), (self),** с точки зрения значения, семантики и грамматической функции подчеркивания, эмфазы, возвратности и притяжательности характерно то, что, в отличие от русского и английского языков, в таджикском языке оно способно утрачивать значение возвратности и притяжательности и более приближено к частицам, при этом являясь местоимениями с суффиксами третьего лица единственного числа. Например: Что ж такое местоимение? Ҷонишин худ**аш** чист? Или Худи ҷонишин чист? What is the pronoun? Несчастливцев. Что из этого, что я актёр? Всякий обязан делать, что умеет. (А. Островский, «Лес») Unhappennies. What's wrong with my being an actor? Every man should do things he is capable of. Худ**аш** чӣ гап, чӣ ман ҳунармандам? Ҳар кас муаззафаст, ки кори метавонистагиашро иҷро кунад.

Надо иметь в виду, что при переводе или же толковании русских риторических предложений в соответствующих таджикских предложениях, невозможно обойтись без присутствия возвратного местоимения. Например: Кто же не хочет своего счастья? Ё худ ки бахти худро намехоҳад. Who does not want his happiness? Для кого же мы работаем? Ё худ барои ки шуда мо кор мекунем? Whom do we work for?

Кто же не любит свою мать? Ё худ, ки модарашро нағз намебинад? Who does not like his mother?

В английском языке с возвратными местоимениями часто для большой выразительности употребляется предлог by; в таджикском и русском языках используются другие средства усиления, например, такие слова, как комилан, мутлақо, совершенно, абсолютно, только: He did it all by himself. Он сделал это совершенно самостоятельно. Вай ин амалро комилан худаш иҷро намуд [2, с.63].

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Барабашов, Т.А. О некоторых особенностях употребления местоимений в современной разговорной английской речи / Т.А. Барабашов // Иностранные языки в школе. - 1973. - №1. - С. 89-91.
2. Бонк, Н.А. Учебник английского языка / Н.А. Бонк, Г.К. Котий, Н.А. Лукьянов. - М.: Деконт, 2005. - 637 с.
3. Каушанская, В.Л. Грамматика английского языка. Пособие для студентов педагогических институтов / В.Л. Каушанская, Р.Л. Конвер, О.Н. Кожевникова, Е.В. Прокофьева [и др.]. - 7-е издю. - М.: Айрис пресс, 2014. – 384 с.
4. Качалова, К.Н. Практическая грамматика английского языка с упражнениями и ключами / К.Н. Качалова, Е.Е. Израилевич. - Спб.: Базис, Каро, 2006. - 608 с.
5. Маъсумӣ Н. Забон ва услуби Аҳмади Дониш / Н. Маъсумӣ. - Душанбе: Дониш, 1976. - 75 с.
6. Мошеев, И.Б. Сопоставительная типология русского и таджикского языков / И.Б. Мошеев. – Душанбе, 1990. – 229 с.
7. Ҷамшедов, Парвона. Сравнительная типология языков / Парвона Ҷамшедов. - Душанбе, 2012. - 305 с.

8. Abyy Lingvox 5- (электронный словарь)
9. English grammar in USA. - Cambridge University press. - 2004. - 390 c.

ТАҲЛИЛИ ГРАММАТИКИИ ҶОНИШИНҲОИ САВОЛӢ ВА НАФСӢ-ТАЪКИДӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ ВА АНГЛИСӢ

Мақолаи зерин таҳлили вижагиҳои хосси ҷонишинҳои саволӣ ва нафсӣ-таъкидиро дар забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар бар мегирад. Гузашта аз ин, ба воситаи таҳлили муқоисавӣ баъзе аз сарчашмаҳои бисёрмаъногии ҷонишинҳои саволӣ ва нафсӣ-таъкидӣ, яъне кӣ?, киҳо?, чӣ?, чиҳо?, худ, хеш ва хештан ошкор карда шудаанд, ки дорои имкониятҳои ғунҷоиши маънои саволӣ, соҳибӣ ва нафсӣ таъкидианд. Дар мақолаи мазкур ҳамаи он хатогиҳои маъмулие, ки дар нутқи гуфтугӯӣ ва хаттӣ мушоҳида мешаванд, дар иртибот бо дигар ҳиссаҳои нутқ асосан дар ҷанбаҳои грамматикӣ ва маъноӣ, асоснок карда шудаанд. Ҳама тадқиқу баррасиҳо дар самти шаклҳои грамматикии ин ё он забон дар ҷанбаи муқоисавии забонҳо сурат мегирад.

Калидвожаҳо: вижагиҳо, ҷонишинҳои саволӣ, ҷонишинҳои таъкидӣ, таҳлил, шаклҳои грамматикӣ, шаклҳои соҳибӣ, муқоиса, фарқият.

ГРАММАТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ВОПРОСИТЕЛЬНЫХ И ВОЗВРАТНО-ОПРЕДЕЛИТЕЛЬНЫХ МЕСТОИМЕНИЙ В ТАДЖИКСКОМ, РУССКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье подвергаются анализу характерные особенности вопросительных и возвратно-определительных местоимений в таджикском, русском и английском языках. Помимо того, путём сопоставительного анализа раскрываются некоторые особенности многозначности вопросительных и возвратно-определительных местоимений, таких как: кӣ, киҳо, кто, who, чӣ, чиҳо, что, what, худ, хеш ва хештан, себе, self, которые, как известно, обладают большим грамматическим потенциалом в силу свойственной им вопросительности, возвратности, притяжательности, подчеркивания и эмфазы. В статье раскрываются распространенные ошибки, допускаемые в устных и письменных высказываниях. Наряду с неправильным использованием различных частей речи также ошибочно употребляются разряды местоимений в данных языках. Все рассмотренные дифференциальные особенности касаются области грамматических форм, присущих тому или иному языку в сопоставительно-типологическом плане.

Ключевые слова: особенности, вопросительные местоимения, возвратное местоимение, анализ, грамматическая форма, притяжательная форма, сопоставление, эмфаза, дифференциация, подчеркивание.

GRAMMATIC ANALYSIS OF QUESTIONAL AND RETURN-DEFINITIVE DEFENSE IN TAJIK, RUSSIAN AND ENGLISH LANGUAGES

The article examines the feature of interrocative and reflexive pronouns in the tajik, russian and rnglish languages. In addition by comperative way were determined some source of polysemantics of interrogative and reflexive pronouns in comperative with russian and english, wich have big grammatical meaning potentional, wich specifics interrogative, reflexive, posessive and emphasize. There is based the most spreaded problems in oral and writing speech in alonf with others part of speechs which feature of considering languags. All considered specifics differentiation foces on grammar forms inherence analyse langueges.

Key words: feature, interrocative pronouns, reflexive pronouns, analyse, grammar forms, possessive pronouns, compare, emphasize.

Сведения об авторе: ***Каримов А.Ф.*** –Таджикский государственный институт языков им. С. Улугзода, старший преподаватель кафедры теории и практики перевода. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухамадиев,17/6. Тел.: **(+992) 904-20-21-40**

Information about the author: ***Karimov A.F.*** - Tajik State Institute of Languages named after S. Ulugzoda, Senior Lecturer at the Department of Theory and Practice of Translation. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Mukhamadiev 17/6. Tel: (+**992) 904-20-21-40**

УДК: 491.155

НАҚШИ КАЛКА ВА ГУСТАРИШИ МАЪНОӢ ДАР ОФАРИНИШИ ВОЖАҲО ВА МАФОҲИМИ ДИНИВУ МАЗҲАБИИ ЗАБОНИ ФОРСӢ

Муҳаббатов А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Раванди калка шудани вожаҳои бегона дар тӯли пайдоиш ва рушди забони форсии нави адабӣ ҳамеша ба мушоҳида мерасад. Тавре ки пажӯҳишгарон таъкид мекунанд, раванди мазкур аз даврони давлати Сомониён шурӯъ шуда, ҳанӯз ҳам идома дорад.

Агар пажӯҳишгарони хориҷии забони форсӣ ба раванди калка шудан аз муддатҳо пеш таваҷҷуҳ зоҳир карда бошанд, вале дар забоншиносии худи Эрон дар ин робита камтаваҷҷуҳӣ ба мушоҳида мерасад. Ахиран дар забоншиносии Эрон истилоҳе ба номи گرته برداری – gartebardāri ба кор бурда мешавад, ки ба маънии «калка» аст:

"گرته برداری نوع وامگیری زبانی است که در آن صورت ترکیبی یا اصطلاحات زبان دیگری تجزیه می شود و برای هر یک از کلمه های آن اصطلاح معادل قرار داده می شود و عبارت به زبان وام گیرنده ترجمه می شود" [18.1].

Тавре ки мебинем, ин таърифи калка комилан дуруст аст ва дар идома мисолҳое оварда мешавад, ки тариқи калка шудани вожаҳои бегона ба вуҷуд омадаанд:

"برای مثال زمانی که ""سیب زمینی (картошка) وارد ایران شد، واژه ای برای نامیدن آن وجود نداشت و برای نامیدن آن اصطلاح فرانسوی "Pome de terre" را به صورت واژه های تشکیل دهندهٔ آن (سیب و زمین) تجزیه کردند و عبارت "سیب زمینی"را به جای آن قرار دادند" [18.1].

Дар идома дар мақолаи мазкур таъкид мешавад, ки гартабардорӣ бисёр печидатар аз вомвожа аст ва:

"کمتر مورد توجه ادبیات و حتی زبان شناسان قرار گرفته است" [18.1].

Ба назари мо, ин натиҷагирӣ низ комилан дуруст нест.

Ба вуҷуд омадани таҳаввулот ва тағйироти сиёсӣ дар зиндагии иҷтимоӣ ва ҳаёти маишии мардумон бетаъсир наmemонад. Пирӯзии Инқилоби соли 1978, ки аҳдоф ва мақосиди комилан дигар дошт ва боис ба тасодуфан ба сари қудрат омадани рӯҳониён гардид, зиндагии миллионҳо нафарро дигаргун сохт.

Рӯҳониёни эронӣ пас аз он ки бо кумаки Ғарб тахтнишин шуданд, бо як рӯҳбаландӣ ва ифтихор аз вожаҳо ва таъбироти комилан арабӣ дар суханрониҳои худ истифода мекарданд, ки аз як сӯ, барои тӯдаҳои калони мардуми Эрон ноошно ва бегона буданд ва аз сӯйи дигар, хашми дӯстдорону дилбастагони забони форсӣ ва бавижа, мухолифини сиёсии низоми исломиро ба вуҷуд меоварданд. Бо таваҷҷуҳ ба ин, рӯҳониён дар забон ва рафтори худ таҷдиди назар намуда, иҷоза доданд, ки бисёре аз ин вожаҳо ва таъбироти арабӣ ба забони форсӣ баргардони таҳтуллафзӣ, яъне калка шаванд.

Аз ин ҷост, ки чунин як таъбири арабии ба ҳар мусалмон шариф ба мисли بسم الله الرحمان الرحیم комилан калка ба забони форсӣ шавад: به نام خداوند بخشایندهٔ مهربان . Бибинед, дар ин баргардон аз ҳеҷ як вожаи арабӣ истифода нашудааст.

Дигар аз калкаҳои машҳур ин таъбири арабии صلی الله علیه و آله, ки маъмулан пас аз зикри номи пайғамбар садо медиҳад, ба забони форсӣ чунин баргардон шудааст: درود خدا بر او و خاندان او باد [13, c.174].

Таъбири дигари маъруф дар миёни муслимин, ки пас аз зикри номи соири пайғамбарону асҳоб ва шахсиятҳои барҷастаи Ислом садо медод, ин таъбири علیه السلام аст, ки баъдан ба забони форсӣ баргардон шудааст:

"می گویند که حضرت عیسی علیه السلام مرده هارا زنده می کرد" [12, c. 174].

Ҳоло дар забони форсӣ чун «дуруди худой бар ӯ бод» баргардон шудааст:

"ابو موسی اشعری از پیامبر – **درود خدای بر او باد** – روایت می کنند که ..." [13, c.18].

Аз ҳамин як иқтибоси хурд дида мешавад, ки аз таъбири арабии صلی الله عنه رضی ва ба забони форсӣ чун «худой аз ӯ хушнуд бод» ва «дуруди Худой бар ӯ бод» ва ҳамин таъбир дар шакли ҷамъ, яъне رضی الله عنها баён гардад, ба маънии «Худой аз онон хушнуд бод» бозгардон шудааст, ки комилан форсӣ мебошанд:

از جابر بن عبد الله **خدای از آنان خشنود باد** – روایت شده ... [13, c.24].

Ё ба ҷумлаи зер таваҷҷуҳ кунед:

عبدالله بن عمر – **خدای از هردو خشنود باد** – **از فرستاده خدا** – **درود خدا بر او باد** – روایت گردیده است که ... [13, c.35]

Ҳамин ҷумла ба забони арабӣ чунин аст:

"من عبد الله بن عمر **رضی الله عنها** أن رسول الله – **صلی الله علیه و آله**"

Тавре ки дида мешавад, ҳамаи таъбироти динӣ аз арабӣ ба форсӣ гардонида шудаанд, ҳатто таъбири رسول الله, ки дар форсӣ чун калкаи ноқис, яъне «расули Худо» гуфта мешавад, дар ин ҷо калкаи комил шуда чун «фиристодаи Худо» истифода шудааст [12, с. 35].

Пас, метавон мутмаинан қазоват кард, ки калка дар имтидоди рушду такомули забони форсӣ нақши қобили мулоҳизаеро анҷом дода ва ҳоло ҳам дар ҳоли анҷом додан аст, дар оянда низ чун як василаи муҳимми рушду такомули забон боқӣ хоҳад монд.

Ба вуҷуд омадани мафоҳими диниву мазҳабӣ бар асари густариши маъноӣ дар забони форсӣ

Дар ин фасл кӯшиш ба харҷ дода мешавад, ки он вожаву ибораҳои маъмулии забон, ки бар асари густариши маъноӣ мафоҳим ва мазомини диниро ба худ касб кардаанд, мавриди баррасӣ қарор гиранд.

Дар низоми сиёсии Ҷумҳурии исломии Эрон вожаи раҳбар, ки форсӣ аст, болотарин мақом дар идораи умури кишвар фаҳмида мешавад, дар истифода аст. Агар қабл аз Инқилоби Исломӣ вожаи «роҳбар» чун:

رهبر – rahbar 1) руководитель; вождь; 2) предводитель [8, с.745] фаҳмида мешуд, аммо ба назар мерасад, ки чун «вождь» ва баъдан ба он вожа ё истилоҳи «лидер» изофа шудааст. Аз ин ҷост, ки дар низоми сиёсии кунунии Эрон «мақоми муаззами раҳбарӣ» ва «раҳбари муаззам» баёнкунандаи сатҳи олии раҳбарӣ дар он кишвар мебошад. Қароре, ки маълум

аст, дар аксари кишварҳо мақоми идораи сиёсии «Президент» ва ё «раиси ҷумҳур» доир ва фаъол аст, ки ифодакунандаи мақоми олии идораи сиёсии кишвар аст.

Вале дар Ҷумҳурии Исломии Эрон мақоми «раиси ҷумҳур», яъне «президент» хеле поинтар аз мақоми «раҳбарӣ» аст. Мо чанд намунае аз ин гуна истилоҳотро дар фаслҳои болоӣ мавриди таҳлил қарор дода будем.

Вожаи مرجع – marja’ ба маънии 1) шахсе, ки ба ӯ мурочиат карда мешавад; 2) шахси расмӣ; мақоми расмӣ дар истифода аст. Вале дар таркиб бо مرجع تقلید – marja’-ye taqlid маънии динӣ касб карда, дорои маънии «шахси рӯҳоние, ки шоистаи тақлид аст», мегардад.

Ин ҷо лозим ба ёдоварӣ аст, ки он вожаҳову ибораҳои маъмулии забони форсиро, ки бар асари густариши маъноӣ маънии диниву мазҳабӣ гирифтаанд, таъкид намоем. Дар забони имрӯзаи форсӣ истилоҳи بازپرس – bāzpors дар истеъмол аст, ки ба маънии «муфаттиш» дар забони имрӯзаи тоҷикӣ аст. Вале ин вожа дар таркиби روزبازپرس комилан маънии диниро гирифта, ба маънои «рӯзи қиёмат» истифода мегардад.

Маънии луғавии вожаи بازپسین – bāzpasin дар фарҳангҳо ба маънии «охир» омада, дар ибораи دم بازپسین ба маънии «нафаси охирин» таъбир шудааст. Аммо дар ибораи روز بازپسین, сирфан маънии динӣ гирифта, баёнгари «дубора зинда шудан», «рӯзи қиёмат» фаҳмида мешавад.

Ба ҳамин монанд вожаи بازخواست – bāzxāst дар танҳоӣ ба маънии «1. пурсиш, пурсуҷӯ, пурсуковии сабаби гуноҳ ё рафтори касе, таҳқиқ, тафтиш. 2. итоб, ҷазо» [10, с.228] чи дар забони форсӣ ва чи дар забони тоҷикӣ фаҳмида мешавад. Аммо дар шакли ибораи устувори روز بازخواست дар ҳарду забон ба маънии «рӯзи қиёмат, охират, рӯзи растохез» [10, с.228] ба кор бурда мешавад.

Ҳамчунин ду ибораи дигар: این جهان – in jahan ва آن جهان – ān jahān, ки ҳар ду форсианд, бар асари густариши маъноӣ комилан дорои маъноҳои нави ифодакунандаи мафоҳими динӣ шудаанд. Ибораи «ин ҷаҳон» ба маъноҳои ҷаҳони ҳастӣ, ҷаҳони фано ва ибораи «он ҷаҳон» ба маънои «ҷаҳони бақо» мавриди истифода қарор мегиранд.

Вожаи «دو گیتی» низ комилан форсиву тоҷикист, ки баёнкунандаи маънои динӣ буда, ҳамон маъноҳои «ин ҷаҳон»-у «он ҷаҳон»-ро дорад.

Дигар вожаи комилан форсии جهان آفرین – jahānāfarin низ мафҳуми динӣ ба худ касб карда, ба маънии офарандаи ҷаҳон, яъне Худо корбурди фаровон дорад. Айнан ба ҳамин монанд истилоҳи جان آفرین – jānāfarin, ки ба маъниҳои фавқ фаҳмида мешавад, ба гумони хеле қавӣ нахустин бор аз сӯйи Абулқосими Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» дар достони «Бежан ва Манижа» ба кор бурда шуда, дар ҳоли ҳозир дар забони форсӣ хеле бисёр истифода мегардад: به نام خداوند جان آفرین

Барои ифодаи як маънии диниву мазҳабӣ, ки дар анҷоми фароизи динӣ муҳим аст, ин истилоҳи جانماز – jānamāz аст, ки дар забони имрӯзаи тоҷикӣ тақрибан монанд ба форсӣ «ҷойнамоз» ба кор бурда мешавад, ки ҳар намозгузор медонад, ки он чист ё ба қавли Ю.А. Рубинчик «молитвенный коврик» [8, с.428].

Аз ҳамин вожаи форсии نماز – namāz, ки худро дар муқобили бисёре аз ҳаммаъноҳои арабиаш нигаҳ дошта, аз давраи бостон то ба рӯзҳои мо расидааст, чи дар забони форсӣ ва чи дар забони тоҷикӣ чанд мафҳуми дигари диниву мазҳабӣ сохта шудааст, ки бархе аз онҳо ба ин қароранд:

نماز آیات – namāze āyāt дар забони форсии имрӯза баёнкунандаи он аст, ки ин намоз пас аз ҳодисаҳои фавқулодаи табиӣ хонда мешавад. Албатта, дар ин ибораи мазкур ҷузъи дувум «оёт» арабӣ аст, вале ҷузъи асосӣ ҳамон «намоз»-и форсӣ аст. Аммо ибораҳои чун نماز بامداد – namāze bāmdād, نماز پیشین – namāz-e pišin, نماز شام – namāz-e šām, نماز خفتن – namāz-e xoftan, ки имрӯза дар забони тоҷикӣ ва иловатан نماز شام – namāz-e šām дар забони тоҷикӣ дар байни мардуми рӯҳонии тоҷикон ҳанӯз ҳам мавриди истифода қарор мегиранд, вале дар забони форсӣ мутародифот ва ё ҳаммаъноҳои арабии онҳо бештар дар истеъмоланд.

Масалан, ба ҷойи «намози бомдод» «намози субҳ», ба ҷойи «намози пешин» «намози зуҳр», ба ҷойи «намози шом» «намози мағриб», ба ҷойи «намози хуфтан» «намози ашо» истифода мегардад, ки аз нуфузи бештари забони арабӣ ба забони форсӣ дарак медиҳад, ки, хушбахтона, дар ин бахш забони тоҷикӣ худро аз чунин ифроту тафрит нигаҳ доштааст.

Ҳамин вожаи نماز – namāz, тавре ки дар фавқ зикр шуд, вожаи комилан форсиву тоҷикӣ мебошад ва худро аз ҳама он талотумҳову ҳуҷумҳо, тохту този аъроб то ба имрӯз нигаҳ доштааст, ба назари мо аз ҳуввияти миллати тоҷик ва фарзандони барӯманди он дар ҷиҳати нигаҳдошти ҳуввияти миллии худ шаҳодат медиҳанд:

نماز خواندن – namāz xāndan ва نماز گذاردن аз ҷумлаи он истилоҳоти диниву мазҳабии забони форсиву тоҷикӣ мебошанд, ки бавижа, «намоз», маншаъ аз даврони дини зардуштӣ

мегиранд, ки то ба рӯзҳои мо худро нигаҳ дошта расидаанд. Ҳатто вожаи نمازگاه ба маънии «масҷид»-и арабӣ сохта шудааст, ки, мутаассифона, корбурди зиёд надорад.

Дар ин росто баррасии ибораи омехтаи арабиву форсӣ, ки бар асари густариши маъноӣ маънои тамоман нав ва дар айни ҳол диниву мазҳабӣ касб кардааст, хеле ҷолиб ва дарак аз зарфиятҳои беинтиҳои забони форсӣ чиҳати рушду такомули таркиби луғавии худ медиҳад. Ин ибора ин аст: تبریک و تسلیت گفتن . Ҳамчунон ки медонем, вожаи «табрик» дар мавриди ҷашнҳо ва маъракаҳои шодиву сурур садо медиҳад, аммо вожаи «тасаллият» дар мавридҳои мотаму азо барои баёни ҳамдардӣ изҳор мешавад, вале ин ду вожаи мухолифмаъно дар ибораи تبریک و تسلیت گفتن ба маънои зер гуфта мешавад:

«Поздравлять и выражать соболезнование (по случаю гибели за веру, за правое, светое дело)» [8, с.791].

Агар ин ибора дар ғайри мавриди мазкур гуфта шавад, боиси нохушӣ ва нороҳатиҳои тарафи ғамдида мегардад.

Вожаи комилан форсии شادروان – šādravān, ки қаблан дар забон бо вожаҳои арабӣ ва омехтаи مرحوم – marhum ва خدارحمتی – xodārahmati ва як вожаи форсии خدابیامرز – xodābiyāmorz ифода мегардид, имрӯз дар забони форсӣ (ва ҳам тоҷикӣ) барои баёни мафоҳими фавқ мустаъмал аст. Лозим ба зикр аст, ки дар забони форсии имрӯза шакли дигари ин вожа, яъне вожа-истилоҳи شادروان ба шакли روان شاد низ сохта шуда, корбурди қобили чашмгиреро ба худ касб кардааст.

Дар забони форсии имрӯза бархе аз ибораҳои комилан форсӣ бар асари густариши маъноӣ маънӣ ва мафҳуми диниву мазҳабии худро гум карда, дорои маъниҳои маъмулии забон ё маҷозии он мегардад:

Ибораи به دیدار خدا شتافتن ба маънии «мурдан», ибораи زیر دین کسی رفتن ба маънии «уҳдадорӣ ба худ гирифтан назди касе»-ро баён мекунанд.

Дар забони форсӣ як вожа ё як истилоҳ ба номи خیبرگیر – xeybargir, ки як унвони халифа Алӣ аст, бар асари густариши маъноӣ маънӣ ва мафҳуми ғайридинии он дар шакли خیبرگیر نیست ба зарбулмасал табдил ёфта, маънои «ӯ Хайбаргир нест», ба маънии ҳазрати Алӣ нест, ки аз уҳдаи ҳар кори мушкил барояд ва фотеҳи Хайбар гардад, яке аз дигар таъбироти комилан форсӣ «جان به جهان آفرین سپردن» низ бар асари густариши маъноӣ ба маънии «мурдан» дар истифода аст.

Чунонки аз ибораҳои фавқ дида мешавад, ҳамаи онҳо бар асари густариши маъноӣ ва ба таври маҷозӣ маъно ва мафҳумҳои наверо ба худ касб мекунанд, ки дар намунаҳои мо ғолибан дорои мафоҳими диниву мазҳабӣ мегарданд. Масалан, هشتمین اختر تابناک آسمان – haštomin axtar-e tābnāk-e āsman, ки комилан аз вожаҳои форсӣ сохта шудааст, манзур ҳазрати Эмом Алӣ бинни Мусо ар-Ризо ҳаштумин эмоми аҳли ташаюъ мебошад:

"تقدیم به پیشگاه مقدس هشتمین اختر تابناک آسمان امامت..." [16, с.59].

А Д А Б И Ё Т

1. Бертельс Е.Э. История литературы и культуры Ирана / Е.Э. Бертельс. – М., Наука, 1960. -427 с.
2. Болдырев А.Н. Из истории развития персидского литературного языка / А.Н. Болдырев // Вопросы языкознании, 1955. -№5. -С. 83-89.
3. Додихудоев Р.Х. Таърихи забони тоҷикӣ / Р.Х. Додихудоев, Л.Г. Герценберг. – Душанбе: Маориф,1988. - 215 с.
4. Исследование по восточным языкам. – Душанбе: Дониш, 1988. -162 с.
5. Киселева Л.Н. Очерки по лексикологии языка дари / Л.Н. Киселева. – М., 1973. -150 с.
6. Муллочаев С.А. Военная лексика «Шахнаме» Абулькасима Фирдоуси. автореф... канд...дисс / С.А. Муллочаев. - Душанбе, 1980. - 24 с.
7. Пейсиков Л.С. Лексикология современного персидского языка / Л.С.Пейсиков. - М.: Изд. МГУ, 1975. - 203 с.
8. Персидско-русский словарь. - М., 1983. - Т. 2. - 864 с.
9. Умар Абду-р-рахман бин Хамад. Религия истины, Ислам. – Ташкент, 1993. - 62 с.
10. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2008. - 996 с.
11. بهار، محمدتقی، سبک شناسی یا تاریخ تطور نثر فارسی، تهران، 1381، ص. 499
12. ثمره ید الله. آموزش زبان فارسی دوره مقدماتی، تهران، 1338، ص. 288.
13. جلالی زاده، جلال، چراغ مصطوفی، احادیث برگزیدهٔ پیامبر اسلام (ص)، سنندج، 1377، ص 217.
14. سیم الدین اف، دادخدا، پژوهش های زبان شناسی، تهران، 1393، ص 23.
15. فاطمی نیا، سید عبد الله. فرجام عشق، تهران، 1368، ص 187.
16. مدرسی، سید محمد. دید گلهای حضرت امام علی بن موسی الرضا، قم، 1375، ص 79.
17. معتضدی، شمسی. امامت و رهبری از دیدگاه قرآن و روایات، تهران، 137، ص 47.
18. ویکی پدیا، دانشنامه آزاد.

НАҚШИ КАЛКА ВА ГУСТАРИШИ МАЪНОӢ ДАР ОФАРИНИШИ МАФОҲИМИ ДИНИВУ МАЗҲАБИИ ЗАБОНИ ФОРСӢ

Дар мақола сухан аз нақши калка ва густариши маъноӣ дар офариниши вожаҳову мафҳумҳои хавоси диниву мазҳабӣ доштаи забони форсӣ меравад. Дар ибтидо аз нақши калка дар офариниш ва пурғановат сохтани таркиби луғавии забони форсӣ ёдовар шуда, таъкид бар он мегардад, ки ҳанӯз амирони давлати Сомониён саъй мекарданд, ки осори илмиву бадеии дигар мардумон ба забони форсӣ (тоҷикӣ) тарҷума шаванд. Пажӯҳишгарони забони форсӣ оғози раванди калка шуданро маҳз ба ҳамин давра нисбат дода изофа мекунанд, ки раванди мазкур ҳанӯз ҳам дар забони форсӣ идома дорад. Агар забоншиносону пажӯҳишгарони хориҷии забони форсӣ аз муддатҳо пеш ба мавзӯи мазкур таваҷҷуҳ зоҳир карда бошанд, вале дар забоншиносии худи Эрон нисбат ба ин мавзӯъ, яъне калка, таваҷҷуҳи кам зоҳир шудааст. Ахиран дар забоншиносии Эрон истилоҳи گرته برداری мавриди истифода қарор гирифтааст, ки истилоҳи мазкур баёнкунандаи мафҳуми «калка» мебошад. Дар мақола роҷеъ ба ин фикру назарҳои донишмандони эронӣ андешаронӣ шуда ва бо мисолҳо тақвият бахшида шудаанд. Таҳлил ва баррасии калимот ва таъбироти диниву мазҳабии забони форсӣ нишон медиҳад, ки калка дар офариниши онҳо нақши қобили мулоҳизаеро ифо мекунад, ки дар мақола бо мисолу намунаҳои зиёде таҷассум ёфтаанд. Маълум аст, ки аз роҳи густариши маъноӣ вожаҳо ва иборoти зиёде ба вуҷуд омадаанд. Як вижагии чунин вожаҳо ва ибораҳо дар он аст, ки миёни маънии нави ба вуҷуд омада ва маънии аслии онҳо тавассути таҳлили маъноӣ метавон робитаи нозуки маъноиро пайдо кард. Дар ба вуҷуд омадани вожаҳову таъбироте, ки аз тариқи густариши маъноӣ сохта мешаванд, нақши маҷоз чашмгир аст. Дар мақола мисолу намунаҳои зиёде, ки аз ин роҳ ба вуҷуд омадаанд, хеле зиёд буда, мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Калидвожаҳо: калка, густариши маъноӣ, таркиби луғавӣ, вожагон, таҳлил, маҷоз, таъбироти динӣ.

РОЛЬ КАЛЬКИ И РАСШИРЕНИЯ СЕМАНТИКИ В ОБРАЗОВАНИИ СЛОВ И ВЫРАЖЕНИЙ РЕЛИГИОЗНОГО ХАРАКТЕРА

В статье анализированы роль кальки и расширение семантики в образовании слов и выражений религиозного характера персидского языка. Калькирование является одним из важных путей пополнения лексического состава языка. Процессы калькирования в современном персидском (таджикском) языке берут свое начало с эпохи Саманидского государства и продолжаются по настоящее время. Несмотря на то, что зарубежные исследователи персидского языка давно обратили внимание на процессы калькирования в персидском языке, в самом иранском языкознании эта тема остается все еще почти неизученной. Только недавно в иранском языкознании появился термин «gartebardāri», который обозначает «кальку». Поскольку данное явление в иранском языкознании считается новым, в статье этому вопросу уделено особое внимание. Анализ слов и выражений религиозного характера в персидском языке указывает на значительную роль калькирования в образовании данных слов. Известно, что путем расширения семантики образовалось значительное количество слов и выражений. Одной из важных особенностей таких образований является то, что при семантическом анализе можно найти тонкую связь между вновь образовавшимся словом и его первоначальной семантикой. Следует отметить, что в появлении новых слов и выражений путем расширения семантики, метафора играет важную роль.

Ключевые слова: калька, расширение семантики, лексический состав, лексика, анализ, метафора, религиозные выражения.

THE ROLE OF CALQUE AND EXPANSION OF SEMANTICS IN THE WORD-FORMATION AND EXPRESSIONS OF A RELIGIOUS NATURE

The article denotes to the role of tracing paper and expansion of semantics in the formation of words and expressions of the religious nature of the Persian language.Calque is one of the important ways of replenishing the lexical composition of the language. The processes of calque in the modern Persian (Tajik) language originate from the Samanid state era and continue to the present. The foreign scholars of the Persian language have long paid attention to the processes of calque in the Persian language, in the Iranian linguistics itself. Also, this topic is still unexplored. Only recently in Iranian linguistics appeared the term «gartebardāri», which means "calque". The article gives special attention to the issue of the phenomenon of the considered novel in Iranian linguistics. Analyzing of words and expressions of a religious nature in Persian indicates a significant role in the formation of these words. On expanding the semantics, a significant number of words and expressions were formed. One of the important features of such formations is that a subtle connection between the newly formed word and its original semantics in semantic analysis can find. It should be noted that the metaphor plays an important role in the emergence of new words and expressions through the expansion of semantics.

Key words: calque, expansion of semantics, lexical composition, lexis, analysis, metaphor, religious expressions.

Сведения об авторе: ***Мухаббатов Абулфазл*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры иранской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 935-55-16-57**

Information about the authors: ***Muhabbatov Abulfazl*** – Tajik National University, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor, Department of Iranian Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave, 17. Tel.: **(+992) 935-55-16-57**

УДК: 4:491.71:491.550

ОСНОВНЫЕ ИСТОЧНИКИ ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ МЕТЕОРОЛОГИЧЕСКОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ ТАДЖИКСКОГО И АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКОВ

Абдурасулов Н.А.
Бохтарский государственный университет им. Н.Хусрава

Метеорологическая лексикография занимает видное место в метеорологической терминологии как лексикографический инструментарий в языкознании. Задача метеорологической лексикографии - разработать метеорологические системы для составления словарей. Лексикографические системы позволяют формировать словарные статьи; хранить текстовую, визуальную и звуковую информацию; осуществлять обработку словарной информации (анализ, поиск, фильтрация, воспроизведение и т.д.).

В свое время Ф. де Соссюр обратил внимание на то обстоятельство, что «вне речи слова, имеющие между собой что-либо общее, ассоциируются в памяти так, что из них образуются группы, внутри которых обнаруживаются весьма разнообразные отношения» [121].

Эти отношения могут быть грамматическими, словообразовательными, этимологическими, семантическими, функционально-стилистическими и другими. Именно они и являются основой того, что в лингвистике называют «полем». Идея полевого структурирования лексики возникла у немецкого лингвиста Поста Трира. На теоретические воззрения И. Трира большое влияние оказала философская концепция В. фон Гумбольдта, который представлял язык как промежуточный мир духовного содержания, находящийся между человеком и внешним миром. Й. Трир создал теорию «понятийного поля» и «словесного поля», отражающего «национальный дух» народа и формирующего его «мировоззрение».

Такие ученые, как Л.Вейсберг, К.Ройнинг и др., изучали парадигматические поля, т.е. парадигматические отношения между лексическими единицами языка, другие (например, В.Порциг) - синтагматические поля, т.е. синтагматические отношения.Другие ученые изучали классы слов, связанных и парадигматическими, и синтагматическими отношениями, т.е. комбинированные (или комплексные) поля.

Основы семасиологии были заложены также в трудах А.А. Потебни и М.М. Покровского. Значителен вклад Л.В. Щербы в разработку семантического аспекта грамматики и лексикографии. В работах В.В. Виноградова подводится итог предшествующим разработкам семантического аспекта грамматических категорий, разрабатываются оригинальная типология лексических значений и теория форм слова, которые сыграли важную роль в развитии лексической и синтаксической семантики.

Основы структурной семантики, которая утверждала изучение системных связей языковых значений лексико-семантических парадигм и других типов семантических полей, были заложены М.М. Покровским, Р. Мейером, Ф. де Соссюром, Л. Ельмслевым, Й. Триром, В. Порцигом, Л. Теньером и их последователями.

Эта традиция исследования семантики осуществилась в направлении интерпретирующей семантики Н. Хомского, Д. Катца, Д. Федора, П. Постала как необходимый дополнительный компонент порождающей грамматики; теории порождающей семантики на основе генеративной лингвистики, принципы концептуальной семантики У. Чейфа и др.

Значительный вклад в развитие семантики внесли Ю. Д. Апресян, Ю.С. Степанов, В.А. Звегинцев, Р.А. Будагов, Ф.П. Филин, С.Д. Кацнельсон, А.А.Уфимцева, В.Г.Гак и др. Лингвистическая семантика разрабатывается в аспектах: лексическом (Д.Н. Шмелев, Ю. Д. Апресян, Л.А. Новиков и др.); словообразовательном (Е.С. Кубрякова, И.С. Улуханов, И.Р. Милославский, А.Н. Тихонов, О.П. Ермакова и др.); морфологическом (А.В. Бондарко, Т.В. Булыгина и др.); синтаксическом (Н.Ю. Шведова, В.А. Белошапкова, Н. Д. Арутюнова и др.); логическом и семиотическом (Ю.С. Степанов, В.З. Панфилов, В.М. Солнцев, Н.Д. Арутюнова, А.Т. Кривоносов и др.);коммуникативном (Г.В. Колшанский, Н.А. Слюсарева, И.А. Стернин и др.); психолингвистическом и нейрофизиологическом (А.А. Леонтьев, А.Р. Лурия, А.А. Залевская др.); социолингвистическом и страноведческом (Ю. Д. Дешериев, А.Д. Швейцер, В.Г. Костомаров, Е. М. Верещагин и др.); историко-этимологическом (О.Н. Трубачев, Н.И. Толстой и др.); интенсивно развивается синтаксическая и контекстная семантика. В центре внимания семантических исследований находятся закономерности семантических полей, теория и практика которых проникли в сопоставительно-типологические исследования.

Проблема классификации лексического состава языка всегда занимала важное место в

лингвистических исследованиях. По мнению Р.Мейера, задача семасиологии состоит в том, чтобы «установить принадлежность каждого слова к той или иной системе и выявить системообразующий, дифференцирующий фактор этой системы» [Мейер, с.107]

Полифункциональность лексических единиц, неуловимость переходов от одного лексического класса к другому, с одной стороны, и глубокая связь классификации слова с важнейшими задачами теории языка, с другой, - определяют актуальность проблемы классификации словарного состава языка в современном языкознании. Исследование лексического уровня языка проводится обычно в форме выявления лексических группировок разного типа и объема, а также в форме установления их отношений друг с другом.

Как известно, в лексике сосуществуют, взаимопроникая друг в друга, различные микросистемы.

Для их обозначения лингвисты используют множество терминов, например, **поле** (семантическое, лексико-семантическое, грамматико-лексическое, функциональное, функционально-семантическое), **группа** (лексико-семантическая, тематическая, предметно-семантическая, ономасиологическая, ассоциативная), **ряд** (синонимический), парадигма (лексико-семантическая, синтаксическая) и др.

Понятие поля в настоящей работе воспринимается как некая структурно семантическая категория, имеющая свойство инвариантности, объединяющая наиболее крупные семантически связанные части общей системы языка и подразделяющая на частные объединения (тематические, лексико-семантические группы, классы, ряды слов), раскрывающие иерархические отношения между составляющими его меньшими объединениями.

Исходным пунктом исследований семантических групп является совпадение в лексике рядов слов, по своему основному, семантическому содержанию. На этой основе выделяются и описываются семантические поля.

Согласно теории **Р.Мейера**, существует три типа семантических полей: 1) естественные (названия деревьев, животных, частей тела, чувственных восприятий и пр.), 2) искусственные (названия воинских чинов, составные части механизмов и пр.) и 3) полуискусственные (терминология охотников или рыбаков, этические понятия и пр.). Мейер,].

Как лексико-семантические группы трактуют языковые поля (хотя не все их так называют Л.Вейсгербер, Г. Ипсен, К.Ройнинг, Э.Оскар, О.Духачек, К.Хейзе, А.Уфимцева, В.И.Кодухов и многие другие. Наиболее глубоко теория ЛСГ разработана исследованиях Л.Вейсгербера, Ф.П.Филина и С.Д. Канцельсона.

Выдвигая концепцию словесных полей (Wortfelder), Л.Вейсгербер отмечает, что словесное поле живет как целое (alsGanzes), поэтому, чтобы понять значение отдельного компонента, надо представить все поле и найти в его структуре место этого компонента» [Вейсгербер, с. 108]. Он считает, что семантическое деление системы языка разделяется принципами, которые заложены в самом языке, в его семантической структуре, а не реальными отношениями в объективной действительности.

Каждый народ имеет свои принципы членения внешнего мира, свой взгляд на окружающую чувствительность, поэтому семантические системы разных языков не совпадают.

Поэтому необходимо искать принципы деления словарного состава на поля в самом языке [Вейсгербер, с. 23]

Почти во всех толковых словарях современного языка значение **состояния атмосферы (ясность, облачность, осадки, температура воздуха, влажность - шароити атмосфера (равшан, абрнок, борон, ҳарорат, нам-Stateoftheatmosphere (clarity, cloudiness, precipitation, airtemperature, humidity**и т.п.) в данном месте, в данное время фиксируется как основное у слова погода.

Метеорологическая лексика в таджикском и английском языках, обозначающая погодные явления, может группироваться следующим образом:

Метеорологическая лексика, характеризующая общее состояние погоды.

В таджикском языке в эту группу включаются слова, описывающие хорошую, солнечную погоду: **ясный – равшан -clear, ясно – возеҳ- clear, солнечный офтобӣ- sunny, солнечно-офтобӣ- sunny и т.д., например: Сегодня с утра ясно -Дар субҳ, равшан,- This morning it is clear;; Вчера было солнечно-Дирӯз он офтоб- буд;- It was sunny yesterday; плохую - ҳавои бад- Bad, пасмурную погоду ҳавои абрнок - cloudy weather: непогода – обу ҳавои бад bad weather,, ненастье - bad weather,, ненастный- rainy, ненастно cloudy, пасмурный –ҳавои тира- overcast,, пасмурно, серый- хокистарранг- gray, хмурый- дилтангкунанда - gloomy, и т.д.: Погода выдалась ненастная обу ҳаво боронӣ буд; - The weather was rainy;;** облачность: облачный, облачно и т.д.; переход от пасмурной или дождливой погоды к солнечной или наоборот: прояснеть, проясниться, прояснение и т.д

В английском языке в эту группу входят такие слова, как **ясный, солнечный, ясный, чистый, безоблачный-дурахшон, офтобӣ, равшан, пок, соф-Clear, sunny, clear, clean, cloudless; ясный и теплый; мягкий, ласковый (о погоде), пасмурный, хмурый, мрачный, темный, сумрачный (о погоде), пасмурный и холодный, пасмурный, сумрачный, ненастье и т.п.**

Ср Небо прояснилось после дождя; После дождя солнышко светит; небо покрылось тучами, видимо, будет дождь; В эти дни затяжные дожди; Сегодня замечательная погода: солнце, тепло, легкий ветерок и т.д.

Разнообразные отношения выявляются также между компонентами ЛСГ. ЛСГ может состоять из нескольких горизонтальных (радиальных) микросистем, образующих синонимические ряды по отношению к тому или иному ЛСВ слова - доминанты. Между членами горизонтальных рядов, как и между каждым из составляющих их элементов в соответствующем ЛСВ, преобладающим является отношение субституции. По вертикали элементы ЛСГ связаны отношениями коммутации. Особое место среди ЛСГ занимают микросистемы, состоящие в антонимических отношениях.

Тематические группы выделяются на основе внеязыковых отношений между составляющими ее элементами. Тематическая группа выделяется совокупностью материальных или идеальных денотатов, обозначаемых словесными знаками, чем и отличается от других типов объединения словесных знаков. С другой стороны, отношения между ее членами могут быть разнотипными, в зависимости от которых могут образовывать различные лексические подгруппы. Отношения между членами тематической группы могут полностью отсутствовать.

Таким образом, семантическая структура слова - довольно сложная сущность, состоящая из многих компонентов: предметно-понятийная отнесенность слова (или вещественное значение, предметное значение, концептуальное ядро), эмоционально-экспрессивная значимость, категориальная отнесенность и грамматическая оформленность слова, парадигматические, синтагматические отношения.

Л И Т Е РА Т У Р А

1. Ф. де Соссюр. Курс общей лингвистики (Пер. с фр.) / Ф. де Соссюр. КД Либроком, 1933. -272 с.
2. Щерба, Л.В. Очередные проблемы языкознания / Л.В. Щерба. // АН ССС», Т. IV, 1945.
3. Ахманова О.С. Словарь лингвистических терминов / О.С. Ахманова. - М.: Советская энциклопедия, 1966. – 607 с.
4. Володина М.Н. Термин как средство специальной информации / М.Н. Володина. - М.: Изд-во Моск. ун-та, 1996. - 74 с.
5. Шмелев, Д.Н. Проблемы семантического анализа лексики / Д.Н. Шмелев. – М.: Наука, 1973. - 280 с.

САРЧАШМАҲОИ АСОСИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ИСТИЛОҲОТИ МЕТЕОРОЛОГИИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақола муаллиф сарчашмаҳои асосии ташаккул ва рушди истилоҳоти метеорологии забонҳои тоҷикӣ ва англисиро мавриди баррасӣ қарор додааст. Истилоҳоти метеорологии забони тоҷикӣ аз рӯи пайдоиш ба гурӯҳҳо тақсим мешавад: истилоҳотҳое, ки дар асоси лексемаҳои аслӣ, истилоҳҳои иқтибосӣ, истилоҳҳои омехта ба миён омадаанд ва истилоҳҳо-калкаҳо ва нимкалкаҳо. Ҳамин тариқ, истилоҳи метеорологӣ, ки дорои нишонаҳои (морфологӣ, фонетикӣ, синтаксисӣ) калимаи забони тоҷикӣ мебошад, бо як қатор махсусиятҳое, ки ба забони тоҷикӣ хос нест, фарқ менамояд. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки истилоҳоти метеорологӣ бо забони миллӣ ҳамдигарро бурида мегузаранд: баъзан бо он мувофиқ меояд, баъзан аз ҳудудҳои он мебарояд. Аз рӯи ақидаи муаллиф, аз мавқеи лингвистӣ падидаҳои обуҳавоӣ бояд амиқ ва ботадриҷ таҳқиқ шаванд, масалан, дар доираи на танҳо лексикология ва семантика, инчунин фарҳанги забоншиносӣ, забонишиносии когнитивӣ ва ғайра. Дар ҳарду забон махсусан чунин усулҳои ташаккули истилоҳҳо ба монанди усулҳои синтаксисӣ, аффиксалӣ, калимабандӣ, семантикӣ ва иқтибос аз дигар забонҳо хеле сермаҳсул арзёбӣ гардидаанд.

Калидвожаҳо: истилоҳот, метеорологӣ, забони англисӣ, забони тоҷикӣ, лексика, калима, ибора, истилоҳот, забоншиносӣ.

ОСНОВНЫЕ ИСТОЧНИКИ ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ МЕТЕОРОЛОГИЧЕСКОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ ТАДЖИКСКОГО И АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКОВ

В статье автором рассматриваются основные источники формирования и развития метеорологической терминологии таджикского и английского языков. Метеорологическая терминология таджикского языка по происхождению классифицируется на группы: термины, образованные на базе исконных лексем, терминов заимствований, терминов смешанного происхождения, и термины-кальки и полукальки. Таким образом, метеорологический термин, обладающий признаками (морфологическими, фонетическими, синтаксическими) слова таджикского языка, отличается рядом особенностей, не свойственных таджикскому языку. Поэтому можно сказать, что метеорологическая терминология пересекается с национальным языком: частично совпадает с ним, а частично выходит за его пределы. По мнению автора, с лингвистических позиций погодные явления должны исследоваться более глубоко и детально, например, в рамках не только лексикологии и семантики, но и лингвокультурологии, когнитивной лингвистики и т.д.В обоих языках особенно продуктивны такие способы создания терминов, как синтаксический, аффиксальный, словосложение, семантический и заимствование из друг их языков.

Ключевые слова: термин, метеорологический, английский, таджикский язык, лексика, слово, словосочетание, терминология, языкознание.

THE MAIN SOURCES OF THE FORMATION AND DEVELOPMENT OF THE METEOROLOGICAL TERMINOLOGY OF THE TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

The author considers the main sources of the formation and development of the meteorological terminology of the Tajik and English languages. Meteorological terminology of the Tajik language is classified into groups according to origin: terms formed on the basis of primordial lexemes, borrowing terms, terms of mixed origin, and tracing-paper and polukalki terms. Thus, a meteorological term with features (morphological, phonetic, syntactic) words of the Tajik language is distinguished by a number of features not typical of the Tajik language. Therefore, it can be said that the meteorological terminology intersects with the national language: it partially coincides with it, and partially goes beyond it. According to the author, from a linguistic position, weather phenomena should be studied more deeply and in detail, for example, in the framework of not only lexicology and semantics, but also linguistic culturology, cognitive linguistics, etc. In both languages, such methods of creating syntactic, affixal, composition, semantic and borrowing from each other of their languages.

Key words: term, meteorological, English, Tajik language, vocabulary, word, phrase, terminology, linguistics.

Сведения об авторе: ***Абдурасулов Наимджон Ахмаджонович*** – Бохтарский государственный университет им. Н. Хусрава, преподаватель кафедры теории и методики преподавания иностранных языков. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, Курган-Тюбе, ул. Айни, 67. Тел.: **(+992) 93-158-44-92, 988-63-20-66**

Information about the author: ***Abdurasulov Naimjon Akhmadzhonovich*** - Bokhtar State University named after N.Husrav, teacher of the Department of Theory and Methods of Teaching Foreign Languages. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Kurgan-Tube, ul. Aini, 67. Tel.: **(+992) 93-158-44-92, 988-63-20-66**

УДК: 491.550+891.550-1+82

ТОБИШҲОИ МАЪНОИИ НОМҲОИ ЛИБОС ДАР “МАСНАВИИ МАЪНАВӢ”-И ҶАЛОЛИДДИНИ БАЛХӢ (дафтари аввал)

Ҳалимова С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ворид шудани фалсафаи тасаввуф ба адабиёти форсу тоҷик, шурӯъ аз асри XI, доираи мавзӯи асарҳоро густурдатар, маънии вожаю ибораҳоро зиёдтар кард ва шуҳрати оламгири адабиёти моро боз ҳам болотар бурд. Фалсафаи тасаввуф, маъниҳои ирфонӣ, рамзҳо ба асарҳо ҷолибият ва ҷаззобияти хосса бахшиданд, панду андарзи суфиён, шеваи нигориши онҳо мавриди назар ва омӯзишу таҳқиқоти аҳли илм қарор дорад. Вожагони маъмулии забон дар ин асарҳо маъниҳои наву тоза касб карданд ва ба истилоҳоти ирфонӣ табдил ёфтанд. “Маснавии маънавӣ”-и Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ намунаи олии таълимоти тасаввуфӣ буда, дар он вожагон тобишу маъниҳои хосси ирфонӣ доранд.

“Маснавии маънавӣ”-и Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ яке аз беҳтарин падидаи таърихи забони адабии мо ба шумор рафта, фарогири захираи бузурги луғавӣ аст. Баёни ақидаҳои ирфонӣ ва фалсафаи тасаввуф, панду андарз, истифодаи ҳикоятҳои мухталифи форсизабонон ва халқҳои дигар боиси инкишофи забони назм ва гуногунии луғату ибораҳои асар гардидааст.

Ҳикоятҳо мавзӯъҳои басо мухталифро дар бар гирифтаанд. Табиист, ки таркиби луғавии он ҳам доман густурдааст ва ниҳоят пурғановат гардидааст. Як қисми ин вожаю истилоҳот номҳои сару либос мебошад.

Маълум аст, ки аҳли тасаввуф парвои молу мулк накарда, ҷомаҳои одӣ ба бар мекарданд ва ҷавҳари маънавии шахс ва неъматҳои ишқи Илоҳиро аз ҷаҳони моддӣ авлотар медонистанд. “Аз он чӣ омад, яқин аст, ки ин сӯзу оташ ҳамон шавқи роҳи Ҳақ аст ва дар маърифат ва шинохти орифон ба ин восита аз ҷаҳони моддӣ ё ҳавзи тан раҳоӣ ёфта ба Ҳақ мепайвандад” [8, с. 235].

Номи ин ҷараён ва таълимоти фалсафӣ аз номи либоси онҳо гирифта шудааст. Доктор Саид Ҷаъфари Саҷҷодӣ дар “Фарҳанги истилоҳоту таъбироти ирфонӣ” маънии ирфонии калимаи сӯфро шарҳу эзоҳ додааст. Ӯ дар бораи ин вожа, пайдоиш, маъниҳои он ақидаҳои олимони гуногунро оварда чунин мегӯяд: “Сод – ишора ба сабру сидқу сафо. Вов – ба вирду вафо. Фо – фард аст ба фақру фано. Мураккаб аз ҳуруфи рамзӣ аст” [3, с. 27].

Абӯрайҳони Берунӣ мегӯяд, ки иштиқоқи арабӣ надорад.

Дар “Кашф-ул-маҳҷуб” вожаи **сӯфӣ** пашминапӯш гуфта шудааст. “Машҳуртарин ва саҳеҳтарин ақвол дар иштиқоқи калимаи сӯфӣ он аст, ки мансуб ба муносибати

пашминапӯшӣ, ки марсуми сӯфиён буда ва ин одат аз қадим миёни зоҳид ва фуқаро маълум будааст (Расули акрам ва саҳобаҳои ӯ, Исои Масеҳ пашмина мепӯшиданд). Интихоби либоси сӯф барои тарки зиннати дунё ва инсироф ба охират ва низ барои сармашқ додан ба толибони тариқ буд, ки тариқаи зуҳд ва тақашшуф ва фақру фаноат ва либоси ахлоқ будааст" [1, с. 36-37]. Сӯфиён низ ҳамин либосро интихоб карда ва ба ин муносибат ба лафзи суфӣ дар ислом шуҳрат ёфтанд:

Кӯҳи Тур аз нури Исо шуд ба рақс,
***Сӯфии** комил шуду раст ӯ зи нуқс [12].*
*Ту магар худ марди **сӯфӣ** нестӣ?*
Ҳастро аз нася хезад нестӣ [12, с. 19].

Дар дафтари аввали "Маснавии маънавӣ" калимаи маъмултарини ин соҳа вожаи **ҷома** аст. Маълум аст, ки дар забони адабиёти классикӣ **ҷома** ба маънии умумии **либос** истифода мешуд ва ин вожа дар "Маснавии маънавӣ" ба ҳамин маънӣ омадааст:

***Ҷома**ҳоят мебиҷӯям аз талаб,*
Гар намеёбам зи борон, эй аҷаб [12, с. 67].
***Ҷома**и садранг аз он хуми сафо,*
Содаву якранг гаштӣ чун сабо [12, с. 28].

Ва ҳамчунин ибораи рехтаи "**ҷома чок шудан**"-ро, ки ба маънии фиғону фарёд кардан, дардманди ишқ шудан, аз зӯрии ғаму андуҳ бетоқат шудан меояд, ба кор бурдааст:

*Ҳар киро **ҷома зи ишқе чок шуд**,*
Ӯ зи ҳирсу айб куллӣ пок шуд [12, с. 16].

Муҳаммад Истеъломӣ ин байтро чунин шарҳ додааст, ки ҳар касе дар роҳи ишқи илоҳӣ рафт, вай аз ин дунёи моддӣ мебурад ва ба маъниҳои индунёии муҳаббат бастан ҳам фаҳмидан мумкин аст. Ҳар кас ба ин чизҳо дил баст, худро фаромӯш кард ва аз ин худпарастӣ ва худбинӣ дур шудан аст. Яъне ин айбҳои ӯ нест мешавад ва ӯ пок мешавад [1, с. 336].

Дар байти дигар зарбулмасали "**ҷомаи ҳар касро ба қади ӯ пора кардан**" корбаст гардидааст:

Гуфт дорам ман карам, бар ҷойи ӯ
***Ҷомаи ҳар кас бурам болои ӯ** [12, с. 4].*

"**Ҷомаи ҳар касро ба қади ӯ пора кардан**" дар "Маснавии маънавӣ" ба ин маънӣ аст, ки ман дар ҷойи муносиб карам ва бузургворӣ дорам. Либоси ҳар касеро муносиби қомати ӯ мебурам ва бо ҳар касе ба муқтазои ҳолаш рафтор мекунам [1, с. 336].

Мавлавӣ ба калимаҳо маъниҳои тозаи ирфонӣ медиҳад. Вожаи **ҷома** дар байтҳои зерин ба маънии тан, зиндагии моддии индунёӣ аст: ҷонро аз тан бурун кун, раҳо кун то аз шавқи дидор баҳраёб шавӣ:

Нақшҳое, к-андар ин ҳаммомҳост,
Аз буруни ҷома кун, чун ҷомаҳост.
То бурунӣ ҷомаҳо биниву бас,
Ҷома берун кун, баро, эй ҳамнафас,
З-он ки бо ҷома дар он сӯ роҳ нест,
Тан зи ҷон, ҷома зи тан огоҳ нест [12, с. 86].

"Барои роҳ ёфтан ба саропардаи ҳақиқат бояд аз зиндагии тан ва алоқаи инҷаҳонӣ гузашт. Ҷонро аз қайди тан бояд озод кард, ҳамон тавр ки танро аз ҷома озод мекунем ва мешӯем [1, с. 336].

Ҷома ба маънии умумии либос имрӯз дар гуфтугӯ танг шудааст ва ба маънии як навъ либоси пахтанок [чапон] серистеъмол аст. Бо маънии аввалааш танҳо дар калимаи ҷомашӯйӣ боқӣ мондааст.

"**Ҷомашӯйӣ"** дар истилоҳи ирфонӣ – "тарди сифоти разила, рондан, дур кардан, шустан, пок шудан аз сифатҳои ношоиста аст" [3, с. 27] аст.

Офтобе баромад аз асрор,
***Ҷомашӯй кунем сӯфивор** [27].*

Вожаи дигар **хирқа** аст. Дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ" **хирқа** либоси дарвешон, либоси порча-порча, ямоқ, дарида, яъне "қуроқ" маънидод шудааст. Дар "Фарҳанги истилоҳоту таъбироти ирфонӣ"-и доктор Саидҷаъфари Саҷҷодӣ ин вожа чунин шарҳ дорад: "Хирқа ҷомаи халқон. Ҷомае, ки сӯфиён мепӯшанд... Сӯфиён дар ҳоли ғалабаи вуҷуд бехабар мегарданд ва ҷома хирқа мекунанд [3, с. 453].

"Хирқа роҳу равиш. Оне, ки воқеан дарвеш мешавад, Худо ӯро дарвеш мекунад. Роҳу равиши ӯро Парвардигор муайян мекунад ва барояш хирқа медӯзад, яъне сулуки роҳи Ҳақ бо кашиши Парвардигор таҳқиқ меёбад, на бо кӯшиши ту" [1, с. 241].

Ӯ намояд ҳам ба дилҳо хешро,

*Ӯ бидӯзад **хирқа**и дарвешро [12, с. 33].*

Муродифи дигари калимаи “хирқа” **далқ** аст. “Далқ – 1) либоси пашминаи дарвешон, хирқаи қаландарон; 2) либоси куҳна, жанда, пора-пора ва садямоқ [4, 317].

З-ин сухан гар нестӣ бегонае,
Далқу ашке гир дар вайронае [12, с. 57].

Муҳаммад Истеъломӣ “далқ”-ро ҷомаи хашан (як навъ гиёҳе, ки аз он ҷома мебофтанд) ва содаи дарвешон гуфтааст. Яъне, куҳнапӯш ва дорои зоҳири фақирона. Гурӯҳе аз дарвешони қаландар ин ҷинси хашанро барои ҷома ва хирқа ба кор бурдаанд [1, с. 214].

Номи либосҳои дигар низ дар асар корбаст шудааст. Вожаи **пероҳан** тоҷикӣ буда, курта, либоси таҳи якқабата аст [5, с. 51].

Парда бардору бараҳна гӯ сухан,
*Менахусбам бо санам дар **пироҳан** [12, с. 19].*

Хилъат калимаи арабӣ буда, ҷома, камарбанд ва дасторе аст, ки амирон ва подшоҳон ба касе мебахшидаанд [5, с. 478].

*Инак ин **хилъат** бигиру зарру сим,*
Чун биёӣ, хос бошиву надим [12, с. 20].

Пӯстин ҷомае, ки аз пӯсти ҳайвонот монанди рӯбоҳ, санҷоб, хаз, буз, гӯсфанд ва ғайра дӯхта мешавад [5, с. 106].

Ин-т хуршеде ниҳон дар заррае,
*Шери нар дар **пӯстини баррае** [12, с. 79].*

“**Пӯстин божгуна кардан**” (**чапа кардан/чапа пӯшидан**) ба маънии тағйироти ҳол кардан, сахт дар қаҳру ғазаб шудан, воҳиди устувори забонамон аст. Ин ибораи устувор дар “Маснавӣ” ба кор рафтааст:

***Пӯстинро божгуна гар кунад**,*
Кӯҳро аз беху аз бун барканад [12, с. 114].

Гилем – чакман, ҷомаи дурушти аз пашми буз ва гӯсфанд бофташуда [4, с. 263].

Баҳри кайке ту **гилем**еро масӯз... [12, с. 89].

“Аз баҳри кайк гилем (пӯстин) сӯхтан” ба маънии барои камбудии ночизе аз баҳри кори пуразрзише баромадан, имрӯз низ дар забон истифода мешавад.

Қабо як навъ либоси дарози пешкушодаи рӯйпӯши мардона [5, с. 660]:

Шишаи дилро чу нозук дидаам,
*Баҳри таскин бас **қабо** бидридаам [12, с. 493].*

Ридо – болопӯш, або, либосе, ки аз болои либосҳои дигар мепӯшанд, ҷома [5, с. 136].

Химор – парда, ҳиҷоб, фаранҷӣ. Чизе, ки занон бо он рӯйи худро пӯшанд [1, с. 325]:

Гуфт: *“Чӣ бар сар фикандӣ аз изор,*
*Гуфт: “Кардам он **ридо**и ту **химор**” [12, с. 67].*

2. Номи афзори сар ва рӯйпӯшҳо:

Кулоҳ – каллапӯш, телпак:

Хоҷа чун дидаш фитода ҳамчунин,
*Барҷаҳиду зад **кулаҳ**ро бар замин [12, с. 59].*

Имома – салла, дастор [4, с. 572]:

*Бар **имома**-в рӯйи ӯву мӯйи ӯ,*
Бар гиребону бару бозуи ӯ [12, с. 67].

Тоҷ – кулоҳи ҷавҳарнишон, ки шоҳон ба сар мегузоштанд, афсар [5, с. 375]:

Ҳар даме ӯро яке меъроҷи хос,
*Бар сари **тоҷ**аш ниҳад сад **тоҷи хос** [12, с. 56].*

“Мегӯяд: Марди Ҳақ ҳар лаҳза ба ҳузури Парвардигор меравад, зеро пайванди марди комил бо Худованд чунон аст, ки ҳар дам кафшу шуҳуде ба ӯ даст медиҳад ва розе аз розҳои ғайб бар дили ӯ мегушоянд ва ҳар як ин розгушоиҳо тоҷе бар тоҷҳои дигараш меафзояд [1, с.296]. Яъне тоҷи дуюм ба маънии мартаба, мақоми воло аст.

“**Ҳиҷоб//ҳиҷеб** – парда, ниқоб, рӯйпӯш; маҷозан монеа [5, с.749].

*Гуфт: “Эй буда **ҳиҷобам** аз Илоҳ,*
Эй маро ту роҳзан аз шоҳроҳ [12, с. 71].

“**Ҳиҷоб** дар истилоҳи сӯфиён ҳар чизе аст, ки соликро аз идроки ҳақиқат боздорад ва ҳатто ибодати бисёр” [1, с. 333]. Дар ин байт ҳиҷоб ба маънии монеа, чизе, ки ба дидани Ҳақ монеъ мешавад, омадааст.

“Рӯйбанд” ё “чашмбанд” ба маънии рӯйпӯш, дока ё бофтае аз думи асп, ки занон бо он рӯй мепӯшонанд [3, с. 536]; порчае, ки бо он рӯйро мепӯшонанд [3, 160]:

В-ар дарояд марҳаме дур аз газанд,
*Баркушоянд он сатирон **рӯйбанд** [12, с. 76].*

Ҳамчунин номи қисматҳои либос дар “Маснавӣ” дучор меояд: доман, гиребон, ҷайб//ҷеб.

Рав зи соя офтоберо биёб,
*Доман*и *шаҳ Шамси Табрезӣ битоб [12, с. 26].*

Доман қисми поёнии гирдогирди либос аст. Ибораи устувори “домани касеро гирифтан//тобидан” ба маънии мутоибат аз пайравии касе ё чизе, аз пайи касе, чизе рафтан аст. Дар ин байт ба маънии дуюм аст. Яъне роҳу равиши Шамси Табрезиро ихтиёр кун, аз пайи ӯ бирав, ҳамсони ӯ бош.

Ҷайб//ҷеб дар луғат ба маънии гиребон, кисае, ки дар поёни гиребон дӯхта мешавад, бағалкиса омадааст [5, с. 769]. Дар шеъри зерини шоир ба маънии гиребон аст:

Чашмбанд аст оташ аз баҳри ҳиҷеб,
*Раҳмат аст ин сар бароварда зи **ҷеб** [12, с. 35].*

Аммо дар байти дигар ба маънии доман аст. Покҷайб, яъне покдоман:

*Гуфт: “Баҳри он намуд, эй **покҷайб**!*
Чашми покатро Худо борони гайб” [12, с. 67].

3. Номи матоъҳо низ дар “Маснавӣ” дучор меояд: карбос, атлас, абрешим, қумош.

Он яке **карбос**ро дар об зад... [12, с. 94].

*Гуфт: “Хоҳам аз Ҳақ **абрешим**баҳо,*
К-ӯ ба некуӣ пазирад қалбҳо” [12, с. 690].

Абрешим – матое, ки аз пилла ҳосил мешавад, парниён, ҳарир [4, с. 30].

Абрешимбаҳо музди навозандагӣ буд [4, с. 31]. Дар қадим абрешими тобидаро ба ҷойи сим дар созҳо ба кор мебурданд. Музди навозандагиро аз Худо мехоҳам, ки ӯ ҳатто сиккаи қалбро (худи вуҷуди гумроҳро) ҳам мепазирад [1, с. 327]. Атлас матои абрешимист.

Ганҷи махфӣ буд, зи пуррӣ ҷӯш кард,
*Хокро султони **атлас**пӯш кард [12, с. 89].*

Дар ин байт ишора ба ҳадисе аз Қуръон аст. Парвардигор мегӯяд: “Ман ганҷи ниҳоне будам ва мехостам шинохта шавам. Халқро офаридам то маро бишносад. Дар ин байт аз ҷилваҳои дигари ин ганҷи махфӣ низ сухан мегӯяд. Зебоиҳои гулу гиёҳ ва мазоҳири дигари офариниш яке аз ҷилваҳои ин ганҷ аст [1, 371]. Яъне, Худованд аз ҷилваи ҷамоли пинҳонии худ ошкор мекунад. Рангҳое, ки дар табиат дар баҳор бо сад шукӯҳу ранг таҷаллӣ медиҳанд ва хокро мисли султони атласпӯш ба назар ҷилва медиҳанд, аз қудрати Илоҳист.

Қумош – газвори абрешимин, шоҳӣ [5, с. 705].

Чист дунё? Аз Худо гофил будан,
*Бе **қумош**у наҳдаву мизону зан [12, с. 40].*

4. Номи пешаву касби мансуб ба сару либос: гозур, саббоғ, дарзӣ.

Гозур – ҷомашӯй, либосшӯй, шустагар.

***Ҷомашӯйӣ кард** хоҳӣ, эй фалон,*
*Бӯ магардад дар маҳалли **гозурон** [12, с. 117].*
*Он ду ҳамбозони **гозур**ро бубин,*
Ҳаст дар зоҳир хилофӣ з-ону ин [12, с. 94].

Ин кор мисли шустани либос аст, ки барои он бояд ба маҳалли гозурон рафт [426].

“Дарзӣ – дӯзанда, ҷомадӯз, хайёт [4, с. 331].

Чунки ҷома чусту дӯзида шавад,
*Музҳири фарҳанги **дарзӣ** чун шавад?*

Ҳар пешае масрафе ё арзише дорад, ки набудан ё нухси чизе он масрафро, арзишро намоён месозад. Агар либос дӯхта шавад, касе намебинад, ки хайёт бо он чӣ мекунад [1, с. 389].

Саббоғ вожаи арабӣ буда, маъноях косиби рангрез, кабудгар, нилгар аст [5, с. 167]. Дар ин байти Мавлавӣ **саббоғ** ба маънии рангрези олам, Худованд аст. Яъне, мо масти боғ (дунёи рангоранг) нестем, балки масти Офаридгоре ҳастем, ки чунин боғро офарида.

Гуфт: Мо зоғем, ҳамчун зоғ на,
*Масти **саббоғ**ем, масти боғ на [12, с. 116].*

Агар ба он байтҳо ва ҳикояҳое, ки номҳои сару либос инъикос ёфтаанд, назар афканем, аз ҳамаи онҳо фалсафаи зиндагӣ, панду андарз бармеояд. Масалан, дар ҳамон ҳикояти аввал. Молу хилъат ба заргар боду нахват оварда ва ӯ аз зану фарзандон бурид. Молу хилват хунбаҳои ӯ буд, пай набурд ва ба коми марг фурӯ рафт:

Мард молу хилъати бисёр дид,
Ғарра шуд, аз шаҳру фарзандон бурид.
Аспи тозӣ барнишасту шод тохт,
Хунбаҳои хешро хилъат шинохт [12, с. 20].

Ё дар ҳикояи Аёз ва Султон Маҳмуди Ғазнавӣ. Вақте ки Аёз ба дарбори Султон Маҳмуди Ғазнавӣ омад, ба по чоруқ ва ба тан як курта дошт. Ба мартабаи баланд расид, соҳиби молу амволи зиёд гашт, вале он чоруқ ва куртаро нигоҳ медошт ва ҳар рӯз ба дидани он мерафт, то ки асли худро фаромӯш накунад ва гирифтори ғуруру нахват нагардад.

Ҳамин тавр, аз таҳлилу тадқиқи номҳои сару либос дар “Маснавии маънавӣ”-и Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ба натиҷаҳои зерин омадан мумкин аст:

1. “Маснавии маънавӣ”-и Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ падидаи беназири забонӣ буда, дар он захираи бузурги луғавӣ гирд омадааст. Таркиби луғавии он ниҳоят бой ва пурғановат аст.
2. Номҳои сару либос дар “Маснавӣ” ба таври фаровон корбаст гардида, эҳтиёҷоти гуногунро адо кардаанд. Ин вожаҳо ба маъниҳои аслӣ, маҷозӣ кор фармуда шудаанд. Инчунин, шоир доираи маъниҳои онҳоро васеъ намуда ба онҳо маъниҳои нави ирфонӣ медиҳад. Номҳои сару либос дар ин асар рамзҳои ирфониро ифода мекунанд.
3. Воҳидҳои устувори зиёде дар маснавии шоир дучор мешаванд, ки дар таркиби онҳо номҳои сару либос мавҷуданд. Ин воҳидҳои устувор ба маъниҳои маҷозӣ корбаст мегарданд ва дорои хусусияти баланди муассирианд. Дар асари Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ онҳо маънӣ ва мафҳумҳои ирфониро ифода кардаанд.
4. Аз байтҳо ва ҳикояҳое, ки дар онҳо номҳои сару либос инъикос гардидаанд, дорои фалсафаи зиндагӣ ва панду андарз мебошанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Муҳаммад Истеъломӣ. Маснавӣ. Ҷ.1. – Теҳрон: Зуввия, -445 с.
2. Джуразода Ш. Лексико-грамматические особенности «Маснавии маънави» Джалолуддина Руми. Монография. – Душанбе, 1998. -145 с.
3. Саидҷаъфари Саҷҷодӣ. Фарҳанги истилоҳоту таъбироти ирфонӣ. – Теҳрон: Таҳурӣ, 1379ҳ. -814 с.
2. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1. – М.: Сов.Энцикл., 1969. -951с.
3. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.2. – М.: Сов.Энцикл., 1969. - 947 с.
4. Ҳалимов С.Ҳ. Таърихи забони адабии тоҷик дар асрҳои XI-XII.Китоби дарсӣ / С. Ҳалимов. – Душанбе, 2002. - 94 с.
5. Шанский Н.М. Лексикология современного русского литературного языка. Учебник / Н.М. Шанский. – М.: Просвещение, 1972. -327 с.
6. 8.Шарифов Х. Айният ва шоиронагии сухани Мавлоно / Х. Шарифов // Сухан аз адабиёти миллӣ. – Душанбе, 2009.- С.231-254.
7. 9.Шаропов Н.А. Пути развития лексики современного таджикского литературного языка. Монография / Н.А. Шаропов. – Душанбе: Дониш, 1991. -136 с.
8. 10.Шарофов Н.О. Лексикаи касбу ҳунар – сарчашмаи терминологияи техникии тоҷик. Монография / Н.О.Шарофов, Т.Қ.Ҷӯраев. - Душанбе: Дониш, 1991. -92 с.
9. 11. Эдельман Д.И. Еще раз о взаимодействии языковых уровней в истории иранских языков / Д.И. Эдельман // ВЯ. - М.: Наука, 1995. - №4. - С.25-42.
10. 12. Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ. Маснавии Маънавӣ. – Теҳрон: Замон, 1379 ҳ. 2001м. -728 с.

ТОБИШҲОИ МАЪНОИИ НОМҲОИ ЛИБОС ДАР “МАСНАВИИ МАЪНАВӢ”-И ҶАЛОЛИДДИНИ БАЛХӢ (дафтари аввал)

Дар мақола гуфта мешавад, ки бо ворид шудани фалсафаи тасаввуф ба адабиёти форсу тоҷик, доираи маънии вожаю ибораҳои забонамон густурдатар гардид. Вожагони маъмулии забон, аз ҷумла номҳои сару либос дар “Маснавии маънавӣ”-и Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ маъниҳои наву тоза касб карданд ва ба истилоҳоти ирфонӣ табдил ёфтанд. Дар асар калимаҳо ба маъниҳои аслӣ, маҷозӣ ва ирфонӣ ба кор бурда шудаанд. Масалан, вожаи “ҷома” ба маънои либос, “**ҷомашӯйӣ**”– тарки сифоти разила, “**саббоғ**” – рангрези олам, Худо, “**ҳиҷоб**”– ба маънии монеа, чизе, ки ба дидани Ҳақ монеъ мешавад, “**тоҷ**” – мартаба, мақоми воло. Номҳои сару либос дар асар рамзҳои фалсафаи тасаввуфро ифода мекунанд. Номҳои сару либос ҳамчунин дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ дучор меоянд. Ин воҳидҳои фразеологӣ дар “Маснавии маънавӣ” мафҳумҳои сӯфиёнаро ифода мекунанд: “**пӯстин божгуна кардан**” (**чапа кардан/чапа пӯшидан**) – тағйироти ҳол кардан, , “**ҷома чок шудан**” – аз айб пок шудан, “**ҷомаи ҳар касро ба қади ӯ пора кардан**” – бо ҳар касе ба муқтазои ҳолаш рафтор кардан. Воҳидҳои устувор низ дар асар маънӣ ва мафҳумҳои тасаввуфиро ифода мекунанд.

Калидвожаҳо: вожаю истилоҳоти касбӣ, номҳои матоъ, сару либос, номи касб, истилоҳоти ирфонӣ.

СЕМАНТИЧЕСКИЕ ОТТЕНКИ НАИМЕНОВАНИЯ ОДЕЖДЫ В “МАСНАВИ МА’НАВИ” ДЖАЛОЛИДДИНА БАЛХИ (первая тетрадь)

В статье рассмотрена о специальная группа терминов, которые были употреблены в поэзии Джалалиддина Балхи и обозначают одежду и других близких к одежде понятия, создавая при этом своеобразное лексическое поле. Отмечается, что определенная группа терминов, которые означают понятия одежды одновременно стали употребляться в качестве суфийских терминов и общеизвестно, что в «Маснави Маънави» Джалолиддина Балхи широко использована суфийская терминология. Наименования одежды, головных уборов, ткани и название профессий в этом произведении употреблены в различные значениях, в том числе для обозначения суфийских понятий. Например, слово “**jāma**” в произведение использовано в значение одежды, “**jāmashuyi**” (стирка беля) – прекращение нежелательных качеств, “**sabbāgh**” (красильщик) –

красильщик мира, Бог, “**hijāb**” (хиджаб) – все, что мешает понять истину, “**tāj**” (корона) – высокий статус, высокое положение. Наименования одежды, головных уборов в произведении выражают символы суфийской философии. Названия одежды, головных уборов также встречаются в составе фразеологических единиц. Эти фразеологические единицы в “Маснави ма’нави” означают суфийские понятия: “**pustin bāzhguna kardan**” (**chapa kardan / chapa pushidan**) – изменить своё состояние, “**jāma chak shudan**” – очищаться, становиться невинным, “**jāmai har kasrā ba qadi u pāra kardan**” – относится к каждому смотря по его состоянию.

Ключевие слова: профессиональная лексика, наименование одежды, головных уборов, ткани и материалов рукоделия, профессия, суфийская терминология.

SEMANTIC SHADES OF CLOTHING NAMES IN "MASNAVI MA'NAVI" JALOLIDDINI BALHI (FIRST NOTEBOOK)

Article about a special group of terms that have been using in poetry Jalaliddin Balkhi and designated clothing and other related concepts for clothing, creating a kind of lexical field. It is noted that a specific group of terms that mean the concept of clothing began to be used at the same time as the Sufi terminology and it is well known that in the "Masnavi Ma'navi" Jaloliddin Balkhi widely used Sufism terminology. Clothing items and name of the profession which used in a variety of meanings, including the designation of Sufi concepts. Sufism terminology was included in the language of classical literature from the eleventh century. For example, the word "jāma" is used in the meaning of clothing, "jāmāshuyi" (washing of whiteness) - the termination of undesirable qualities, "sabbāgh" (kraselshchik) - the world's painter, God, "hijāb" (hijab) - all that prevents to understand the truth, "Tāj" (crown) - high status, high position. The names of clothes, headgear in the work express the symbols of Sufi philosophy. Names of clothes, hats are also found in the phraseological units. These phraseological units in the Masnavi ma'navi mean Sufi concepts: "pustin bāzhguna kardan" (chapa kardan / chapa pushidan) - change one's state, "jāmā chak shudan" - purify, become innocent, "jāmai har kasrā ba qadi u pāra kardan "- applies to everyone looking at his condition.

Key words: professional vocabulary, clothing items, hats, materials, profession, Sufi terminology.

Сведения об авторе: ***Халимова С.*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры истории языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **safargul_68@mail.ru**

Information about the author: ***Halimova S.*** – Tajik National University, dotsent at the Department of Language History and the typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **Safargul_68@mail.ru**

УДК: 811.111

ПРЕДЛОГ *ТО* АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА И *БА* ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА, ВЫРАЖАЮЩИЕ ЛОКАЛЬНЫЕ ЗНАЧЕНИЯ

Мирзажанова М.К.
Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики

Предлоги в английском языке являются служебной частью речи, и как следствие, не могут употребляться самостоятельно и изменяться. Предлоги не считаются членами предложения. Хотя они традиционно и считаются отдельной частью речи, часто предлоги очень близки по своему значению к наречиям и союзам [1, с. 16]. Предлоги в английском языке могут быть разделены на: предлоги места, предлоги времени, предлоги направления и т.д. Предлоги – это слова, которые связывают компоненты предложения. Предлоги места - on, upon, in, at, inside, outside, above, below. Предлоги места - over, under, beneath, underneath, by, near, close to, across along, a/round, against, on top of, at the bottom of, in front of, beside, next to, within, beyond, between, among, amid, before.

Предлог *to* английского языка является древнейшим предлогом, первоначально указывал направление движение безотносительно к факту достижение цели. В несколько более поздних литературных памятниках ***to*** уже указывает и достижение цели. Этот момент имел большое значение для развития лексической структуры ***to***. Возникло значение передачи вещи без перемещения, передвижения самого человека (понятия «адресата» действия), откуда развилось самое важное современное грамматическое значение: *дать, вручить, подарить, сделать кому-л.* Важно учесть, что английский предлог ***to*** очень часто определяет направление, адресацию действия в целом и используется в таджикском языке со значением предлога ***ба*** и также там, где в русском предлога просто нет (соответстствие дательному падежу русского языка). *Martin gave his book to Mary Smith [с.23]. Мартин передал свою книгу Мэри Смит. Мартин китобашро **ба** Мэри Смит дод. [kent 63.] Martin sent a love letter to Mary Smith [kent 63.]. Мартин отправил любовное письмо Мэри Смит. Мартин ба Мэри Смит мактуби ошиқона фиристод.*

Употребление *to* с существительном в дательном падеже встречается в ранней английской литературе (чаще, чем употребление его с творительным). По мере утраты флексией дательного падежа своей семантической нагрузки, to приобретал возрастающую важность и вскоре стал обязательным и всеобщим указателем отношений этого падежа. Со среднеанглийского периода to сделался общепризнанным и основным указателем косвенного объекта действия, «адресата»[4, с. 36]. В современном языке пространственное значение to (движение) представляется слабосвязанным с отношениями, оставшимся от дательного падежа, и другими отвлеченными отношениями. *They rounded to the houseback and set off up the sloping path [2, с.54]. Они приблизились к дому и отправились по наклонной тропе. Brain was already over and halfway up to the the railway, then jumping from one steel rail to anothter [2, с.77]. Брейн уже был и на полпути к железной дороге, а затем прыгал с одного стального рельса на другую. Rising, he went to the room where Doctor Bramwell was waiting for him [5, с.23]. Поднявшись, он подошел к комнате, где его ожидал доктор Брамуэлл.*

Также в английском языке *to* очень часто сопровождает глагол движения, такие как go, come, drive, return и.т.д:

It was clear that he wanted to leave the Samar Island as soon as possible. Было ясно, что он хотел как можно скорее покинуть остров Самар. Vasco raised his hand to take off his mask [5, с.45.]. Васко поднял руку, чтобы снять маску. He had come to deliver a massage, and a box -he had a box under his arm- and to see his family [5, с.53]. Он пришел, чтобы передать послание, и коробку -у него была коробка под мышкой- а также увидеть свою семью.

Таджикский предлог ***ба*** в локальным значении обозначает место, к которому направлено действие. «В зависимости от значения глагола и имени направление действия приобретает различные формы оттенки» [6, с.11]. Итак, предлог ***ба*** указывает на;

1. Направления действия к месту и к месту нахождения предмета. Например: *Дигаронашон таппончаҳоро **ба** даст гирифта **ба** боло, **ба** хонаи бое, ки коркунони банк онҷо буда **ба** ҳисобу китоб машгулӣ доштанд, баромаданд. Другие, взяв в руки револьверы, поднялись наверх - к дому богача, у которого сидели и занимались подсчётами работники банка. Ӯ рӯзона **ба** идораи кон рафта, аз онҷо бо димоғи сухта баргашта буд [7,23]. Днём он пошёл в управление прииска и вернулся оттуда без настроения. Маро **ба** Душанбе фиристоданд. Меня послали в Душанбе.*

2. Предлог ***ба*** используется для выражения значений требования, просьбы, желания и т.д...

*Ҳар ки аз он таом ва шароб хураду нушад, бо ҳамин худро рақиби паҳлавон эълон карда ӯро **ба** майдони мубориза мехонд* [7, с. 23]. - *Каждый, отведав явства и выпив вина, объявлял себя соперником богатыря и вызывал его на битву. Суратҳоро **ба** деворҳо овез!* [7, с. 35]. - *Развесь картины по стенам!*

3. Предлог ***ба*** используется для указания направления действия во внутрь предмета:

*Бо падару писар салому алеку пурсупос намуда **ба** меҳмонхона даромаданд. - Поздоровавшись с отцом и сыном, они вошли в гостиницу.*

*Ман **ба** мактаб даромадам.* [7, с. 37]. - ***Я** вошёл в школу. Рӯзи дуюм, пагоҳии барвақт худи Насимамак ба ҳавлии мо мошин гирифта омад. На второй день рано утром дядя Насим сам пришёл к нам во двор, взяв машину.*

4. Предлог ***ба*** употребляется для пребывания в каком-либо состоянии:

*Баъд **ба** чоҳи чуқуре ва тираву торе фуру рафт* [7, с. 53]. *Затем он провалился в глубокий и тёмный колодец.* Поскольку имена существительные в таджикском языке не имеют грамматических форм для выражения различных отношений и связи между словами, связь между ними осуществляется, в основном, синтаксическими средствами. К таким средствам относятся и предлоги. Известно, что в современном таджикском языке способ выражения грамматических значений при помощи падежных форм сменился новой системой предложных оборотов, предлоги приобрели большое значение.

Таким образом, предлоги выполняют функции выражения основных отношений между членами предложения и компонентами словосочетаний. Имея определенное лексическое значение, вторичные (отыменные) предлоги в таджикском языке раскрывают и уточняют характер этих отношений. Следовательно, предлоги выполняют не только связывающую формально-грамматическую роль, но и семантическую, в связи с тем, что они сохранили связь с именами, от которых они произошли.

Другой исследователь предлогов таджикского и английского языков в сопоставительном плане основное свое внимание уделяет глаголам, с которыми чаще всего употребляются составные предлоги, как, наример, *рафтан, омадан, баргаштан, давидан* и др. и соответствиям таджикских пространственных глаголов английским при названных предлогах.

Действительно, общее значение отыменного предлога с локальным значением без основного предмета определяется всем смыслом предложения и лексическим значением глагола.

Роль предлога не исчерпывается формальной синтаксической функцией указывания, какое слово грамматически подчинено другому. Очень велика семантическая роль предлога, сообщающего отдельному словосочетанию, а через него часто и всему предложению свое значение, которое конкретизирует и обобщает отношения знаменательных слов между собою [3, с.54]. Несмотря на все богатство глагольной и именной лексики в составе глагольных словосочетаний, удается выделить конкретные отношения, выражаемые с помощью предлогов. Каждый предлог обладает достаточной семантической самостоятельностью, но это не мешает ему быть элементом системы. Значение конкретного предлога можно мыслить как сложную систему, где абстрактное значение предлога уточняется за счет семантических элементов контекста, в котором фиксируется области применимости предлога.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Аксененко Б.Н. Предлоги английского языка; ред. Е.И. Аничков / Б.Н. Аксененко. - М.: Изд-во лит.на иностр.яз., 1956. - 320 с.
2. Allan Sillitoe. Key to the door // «Прогресс». - Москва, 1968. - 466 с.
3. Бондаренко В.С. Пространственные отношения, выражаемые с помощью предлогов / В.С. Бондаренко // Учен.зап. Моск.пед.ин-та им.В.П.Потёмкина. - М., 1954. - Т.33. - Вып. 3.
4. Бурханова Г. Сопоставительный анализ составных предлогов с пространственным значением в английском и таджикском языках / Г. Бурханова. - Душанбе, 2005. - 63 с
5. Kent L. He went with Magellan / L.Kent. - Москва, Просвещение, 1984. - 142 с.
6. Неменова З.Л. Таджикские предлоги / З.Л. Неменова. - Сталинабад: Акад. наук Тадж. ССР, 1954.
7. Ҳаким Карим. Одам дар халта. - Душанбе: Адиб, 2005. - 89 с.

ПЕШОЯНДИ *ТО*-И ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ВА ПЕШОЯНДИ *БА*-И ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, КИ МАЪНОИ МАВҲУМИ МАКОНРО ИФОДА МЕКУНАНД

Пешояндҳо дар забони англисӣ қисми ёридиҳандаи ҳиссаи нутқ мебошанд ва чун натиҷа наметавонанд мустақилона истеъмол шаванд ва тағйир ёбанд. Ба тамоми бойигарии луғати феълӣ ва номӣ дар таркиби ибораҳои феълӣ нигоҳ накарда, метавон муносибатҳои аниқро чудо кард, ки бо ёрии пешояндҳо меёбанд. Ҳар як пешоянд дорои мустақилияти кофии семантикӣ мебошад, ки ин ба чузъи система будани он халал намерасонад. Маънии пешоянди аниқро метавон ҳамчун системаи мураккаб арзёбӣ намуд, ки дар он маънии мавҳуми пешоянд аз ҳисоби қисматҳои семантикии матн аниқ карда мешавад, ки дар он соҳаҳои истифодабарии пешоянд ба қайд гирифта мешаванд, пешояндҳо функсияи ифодаи муносибатҳои асосиро байни аъзоёни чумла ва қисматҳои ибораҳо ичро менамоянд. Маънии муайяни луғавӣ дошта, пешояндҳои исмӣ дар забони тоҷикӣ характери ин муносибатҳоро ошкор ва муайян менамоянд. Бинобар ин, пешояндҳо на танҳо нақши расмӣ – грамматикӣ , инчунин семантикиро ичро менамоянд, ки дар алоқа бо ин онҳо алоқаро бо номҳое, ки аз онҳо ба миён омадаанд, нигоҳ доштаанд. Дар мақолаи мазкур мафҳуми пешояндҳои забонҳои англисӣ *то* ва тоҷикӣ *ба,* ки маконро ифода мекунанд, муҳокима мешавад. Функсияҳои пешояндҳое, ки муносибатҳои асосӣ байни аъзоёни ҷумларо ифода мекунанд, баррасӣ мешаванд. Дар пояи маънии фазо ва ҳаракат маъниҳои сершумори якхелаи мавҳум ба миён омадаанд, ки алоқаро бо калимаҳои аслии аниқ аз даст надодаанд.

Калидвожаҳо: алоқа, пешоянд, маҳдуд, муносибат, маънӣ, ибтидоӣ, нуқта, амал.

ПРЕДЛОГИ *ТО* АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА И *БА* ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА, ВЫРАЖАЮЩИЕ ЛОКАЛЬНЫЕ ЗНАЧЕНИЯ

Предлоги в английском языке являются служебной частью речи, и как следствие, не могут употребляться самостоятельно и изменяться. Несмотря на все богатство глагольной и именной лексики в составе глагольных словосочетаний, удается выделить конкретные отношения, выражаемые с помощью предлогов. Каждый предлог обладает достаточной семантической самостоятельностью, но это не мешает ему быть элементом системы. Значение конкретного предлога можно мыслить как сложную систему, где абстрактное значение предлога уточняется за счет семантических элементов контекста, в котором фиксируются области применимости предлога, предлоги выполняют функции выражения основных отношений между членами предложения и компонентами словосочетаний. Имея определенное лексическое значение, вторичные (отыменные) предлоги в таджикском языке раскрывают и уточняют характер этих отношений. Следовательно, предлоги выполняют не только связывающую формально-грамматическую роль, но и семантическую, в связи с тем, что они сохранили связь с именами, от которых они произошли. В статье рассматриваются значения предлогов английского *to* и таджикского ба, которые выражают локальные значения. Рассматриваются функции предлогов, выполняющие выражение основных отношений между членами предложения и компонентами словосочетаний. На базе значения пространства и движения возникли многочисленные, в общем однородные отвлеченные значения, которые не утратили очевидной связи с исконным конкретным.

Ключевые слова: связь, предлог, локальные, отношения, значение, исходный, пункт, действие.

PREPOSITIONS *TO* THE ENGLISH AND *BA* THE TAJIK LANGUAGES EXPRESSING LOCAL MEANINGS

Prepositions in English are the service part of speech and, as a result, cannot be used independently and change. Despite all the richness of the verbal and nominal vocabulary in the composition of verbal phrases, it is possible to identify

specific relationships expressed using prepositions. Each preposition has sufficient semantic independence, but this does not prevent it from being an element of the system. The meaning of a particular preposition can be thought of as a complex system, where the abstract meaning of the preposition is specified by the semantic elements of the context in which the region of applicability of the preposition is fixed. The prepositions fulfill the functions of expressing the basic relations between the members of the sentence and the components of the phrases. Having a certain lexical meaning, the secondary (utymennye) prepositions in the Tajik language reveal and clarify the nature of these relations. Consequently, the prepositions perform not only a binding formal grammatical role, but also a semantic one, due to the fact that they have retained a link with the names from which they originated. The article discusses the meaning of the prepositions English to and Tajik ba which express local meanings. The functions of prepositions that express the basic relations between the members of a sentence and the components of word combinations are considered. On the basis of the value of space and movement, numerous, generally homogeneous abstract values arose that have not lost their obvious connection with the primordial concrete.

Key words: express, relationship, preposition, local, meaning, point, initial, point, action.

Сведения об авторе: ***Мирзажанова М.К.*** **-** Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, кандидат .филологических наук, доцент заведующая кафедрой английского языка. **Адрес:** 735700 Таджикистан, г.Худжанд 17-микрорайон дом 1. **E-mail: malika0778@mail.ru**

Information about the author: ***Mirzajanova M.K.*** **-** Tajik State University of Law, Business and Politics, candidate of Philological Sciences Associate Professor, Head of the English Language Department. **Address:** 735700 Tajikistan, city Khujand 17- micro district building 1. E-mail: **malika0778@mail.ru**

УДК: 491.550-56

СОХТИ ҶУЗЪИ НОМИИ ФЕЪЛҲОИ ТАРКИБӢ

(дар асоси осори Сотим Улуғзода)

Кенҷаева О.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Вобаста аз он ки ҷузъи номии феълҳои таркибии номӣ (минбаъд – ФТН) бо ҳиссаҳои номии нутқ (исм, сифат, шумора) зарф ва нидою калимаҳои тақлидӣ, инчунин таркибҳои пешояндор ифода меёбанд, мо онҳоро аз ҷиҳати сохт ба *сода, сохта, мураккаб* [1, с. 106]*, омехта, таркибӣ ва чида* ҷудо кардем [2, с. 54].

Ташаккулёбии феълҳо, аз ҷумла ФТН дар давраҳои хеле қадим оғоз ёфтааст. Забоншиноси машҳури тоҷик шодравон Додихудо Саймиддинов раванди мазкурро ба забони форсии миёна нисбат додааст [4, с. 206].

Дар осори устод Сотим Улуғзода мо ФТН-и гурӯҳҳои дар боло зикршударо пайдо кардем. Аз ҷумла:

Ҷузъи сода. Калимаҳои содае, ки ҳамчун ҷузъи номии ФТН истифода гардидаанд, танҳо аз реша иборатанд. Дар китобҳои нависанда чунин ФТН-ҳо, ки ҷузъи номиашон исми сода буда ҷузъи феълиашон *кардан* аст, ба назар расиданд: *арз кардан, адо кардан, азм кардан, амр кардан, амал кардан, асир кардан, айб кардан, бас кардан, бор кардан, васф кардан, гила кардан, гӯш кардан, гун кардан, дуо кардан, зам кардан, иҷро кардан, лат кардан, нав кардан, ҳал кардан, эътал кардан* ва ғ.

Ризо ба замин ***нигоҳ кард*** [5, с. 37];

Рӯзи дигар баъд аз пешин Ризо дар хонаи Восеъ ***ҳозир гардид*** [5, с. 37];

Нақл мекарданд*, ки Музаффархон ба атрофиёни худ гуфтааст* [5, с. 4];

Дарвоқеъ, амир мансабдорони мамлакаташро ***нагз мешинохт*** [5, с. 4];

Амалдор миқдори хироҷи ҳар кадомашонро ***эълом намуд*** [5, с. 43]*; Норинҷиён* ***гавго бардоштанд*** [5, с. 43].

Ҷузъи сохта. Калимаҳои сохтае, ки ҷузъи номии ФТН шудаанд, дар баробари реша боз пешванд, ё пасванд, ё ҳардуи онро доранд. Сотим Улуғзода чунин ФТН-ҳоро, ки ҷузъи номиашон исми сохта аст, моҳирона корбаст намудааст: *алоқаманд кардан, бозӣ кардан, вохӯрӣ кардан, вогузор кардан, гунаҳгор кардан, дигаргун кардан, зиндагӣ кардан, некӣ кардан, пушаймонӣ кардан, расидагӣ кардан, хостгорӣ кардан, шӯхӣ кардан, беҳурматӣ кардан* ва ғ.

Чӣ ***девонагӣ мекунӣ****, Ризо? Восеъ ҳайрон шуд* [5, с. 37];

Ӯ дар ҳамон деҳа ***зиндагӣ мекард*** [5, с. 13];

Гандуми дунбули дар хокистар пухта хеле ***бомаза мешавад*** [5, с. 13] ;

Як *одами обрӯмандро* ***беобрӯ кардан*** *чӣ лозим?* [5, с. 22];

Онҳо ҳам бо ҷавон ***вохӯрӣ карданд*** [5, с. 301].

Ҷузъи мураккаб. Калимаҳои мураккаб аз ду ё зиёда решаҳо иборат мебошанд: *захмдор шудан*, *решакан кардан, миннатдор шудан* ва ғ. Роҳи дигари мураккабшавии калимаҳои таркиби ФТН пайваст шудани решаҳо ба воситаи миёнвандҳои ***о*** ва ***у*** мебошад: *нимтаъзим кардан, нимтабассум кардан, нимпӯш кардан, пешкаш кардан, покнавис кардан, рӯбардор кардан, рӯйхат кардан, хайрбод кардан* ва ғ.:

*Дар ҷанги Курск дуяшон **захмдор шуда** ба як госпитал ғалтиданд* [6, с. 11];

*-Чаро гӯзапояро бо трактор **решаков намекунетон*** ? [6, с. 23];

*-То умр боқист, сипосгузори ҷаноби олӣ ҳастам,- **нимтаъзим кард** шоир* [9, с. 61];

*-Мо хостем бо шоири шаҳри Хуросон дидор бикунем,-бо лаҳни нармтар ва ҳатто **нимтабассум карда** гуфт ноиб* [9, с. 77];

*Меҳмони олиҷоҳ бархоста бо мизбон **хайрбод кард*** [9, с. 61];

*Дар чашмони зан аломати дилсӯзиро мушоҳида намуда, дар дилаш аз ӯ **миннатдор шуд*** [6, с. 28];

*Бо ҷавонон **хайрухуш кард*** [6, с. 8];

*Онҳо ба ҳурмати вай аз стулҳошон **нимхез шуданд*** [6, с. 8].

Ҷузъи омехта. Калимаҳои омехтаи ҷузъи номии ФТН аз ду реша ва пасвандҳои калимасоз (асосан пасванди ***-ӣ***) сохта мешаванд: *нигоҳубин кардан, пурсупос кардан, шоҳмотбозӣ кардан, худдорӣ кардан, ҳозирҷавобӣ кардан, роҳзанӣ кардан, нусхабардорӣ кардан, нардбозӣ кардан, кишоварзӣ кардан, бемордорӣ кардан* ва ғ.

*Восеъ **сахтгирӣ накард*** [5, с. 31];

*Ҳамин писарбача ва духтарбачагон хурдсол буданд ва дар кӯҳҳо ва адирҳо, ҷангалҳо ва боғҳо **гиёҳчинӣ мекарданд*** [5, с. 13].

*Колхози онҳо дар болои кӯҳ, заминашон кам, бисёр аъзоёнашон ба шаҳрҳо ё ба колхозҳои пахтакор омада **мардикорӣ мекунанд*** [6, с. 21];

*Назир-паҳлавон бо Оллоёр **шамшерзанӣ мекард** - ӯро зада аз асп ғалтонд* [5, с. 292];

*Ҳар кадоми мо ҳам **камбудӣ дорем*** [6, с. 8].

Ҷузъи таркибӣ. Калимаҳои таркибии ҷузъи номии ФТН аз ду ё зиёда вожаҳо иборат буда, ба воситаи бандаки изофии ***–и*** ва пайвандаки пайвасткунандаи ***-у*** сохта мешаванд: *нахӯд**и** пеши қошуқ шудан*, *гул**и** сар**и** сабад шудан, хеш**у** табор шудан, нон**у** намак гардидан, сулҳ**у** оштӣ кардан, ҷанг**у** ҷидол кардан, даст**у** по гум кардан, пурс**у** посух кардан* ва ғ.

*…Ҳоло ранги зард, рухсораи чӯкида, ришу мӯйсари сафедчашудаву дарҳампечида ва зоҳиран дер боз **обу шонанадидаи** ӯро мушоҳида карда, дилаш ба ӯ месӯхт* [9, с. 73];

*Дертар ...падару модари Нуралӣ дар макони нав **хонаю ҷой сохта** тинҷ шуда гирифтанд* [6, с. 10];

*Амирқул бандҳои алафи хушкидаро ба кунҷи боғ кашонда истода буд, саросема шуд, **даст по гум кард*** [5, с. 116].

*Дертар баъд аз он ки падару модари Нуралӣ дар макони нав **хонаю ҷой сохта** тинҷ шуда гирифтанд* [6, с. 10];

*Нуралӣ ба ҳисобчӣ ҳам як ним соат аз корубори колхоз **саволу ҷавоб кард*** [6, с. 26].

Исмҳои таркибии ҷузъи номӣ аз такрори бевоситаи исм низ ташкил меёбанд (*даст-даст кардан, порча-порча кардан, пора-пора шудан, рӯ ба рӯ шудан* ва ғ.). Мисол:

*... Вай бошад, аз **рӯ ба рӯ шудан** бо душман, аз захми тиру теғ сахт метарсид* [8, с. 109];

*... Аз тарафи рости ӯрду аспон **тапар-тапар карданд*** [8, с. 108];

*Дар часпочаспӣ куртаи Наниманча **пора-пора шуд*** [8, с. 116].

Чидашавии ҷузъҳои номӣ.

Мисолҳои аз асарҳои С.Улуғзода таҳлилкардаамон нишон медиҳанд, ки, дар ҳақиқат, ҷузъҳои номии ФТН чида шуда, ба воситаи як феъли ёвар ташаккул меёбанд, ки ин гуна феълҳоро шодравон Саиди Ҳалимиён *феълҳои таркиби ҳамёвар* номидааст [10, с. 27].

*Мардумони фақир бошанд, аз "ошнои ҳаким" гардидани ҳамдеҳаашон хурсанд шуда, умед мекарданд, ки акнун ҳар гоҳ агар аз ваҷҳе ба ҳаким арзу дод баранд, шоир назди ӯ бароянд **додхоҳӣ ва хоҳишгарӣ хоҳад кард*** [9, с. 65];

*Ӯ Мирзоакрамбойро аз чидани андози иловагӣ **манъ ва** аз мансаби амлокдорӣ **бекор кард*** [5, с. 4].

*Намуди Тайсафун Фирдавсиро **мутаассир ва маҳзун кард*** [9, с. 81];

*Мутарҷимон акнун дар кори худ аз луғатҳо… истифода намуда, китобҳоро аз юнонӣ… бо машварати ҳамдигар тарҷима мекарданд, ...**покнавис ва нусхабардорӣ менамуданд*** [7, с. 33].

Мисолҳое, ки аз эҷодиёти Сотим Улуғзода ба мо дастрас гардиданд, равшан месозанд, ки ҷузъҳои номии ФТН аз ҷиҳати сохт ба гурӯҳҳои муайяни болозикр ҷудо мешаванд. Суханвари забардаст ҳамаи гурӯҳҳои ҷузъи номии ФТН-ро корбаст намудааст.

Ҳамин тариқ:

1. Дар осори нависанда ФТН-и ҷузъи номиашон *сода, сохта, мураккаб, омехта, таркибӣ ва чида* фаровон ба назар мерасанд.

2. Таносуби ФТН-и ҷузъи номиашон сода, сохта, мураккаб, омехта, таркибӣ ва чида баробар аст.

3. Баъзе ФТН-ро метавон ҳамчун маҳсули эҷоди адиб арзёбӣ намуд (масалан, *додхоҳӣ ва хоҳишгарӣ кардан, мутаассир ва маҳзун кардан, покнавис ва нусхабардорӣ намудан* ва ғ.).

4. Бояд тазаккур дод, ки дар эҷодиёти нависанда баъзан пайвандакҳои *ҳам, ки* ва феъли модалии *бояд* дар таркиби ҷузъҳои ФТН ҷойгир шудаанд ва мо ин гуна мисолҳоро мушоҳида кардем:

Вай ҳар чӣ қадар ***талафот ҳам диҳад****, боз кам намешуд* [8, с. 112];

Вақти омадани амир ***наздик ки мешуд****, мардумон ба тарсу ҳарос меафтоданд* [7, с. 71].

5. Дар осори адиб байни ҷузъҳои ФТН баъзан калимаю ибораҳое меоянд, ки вазифаи муайянкунанда, пуркунанда ва ҳолро иҷро мекунанд:

а) муайянкунанда:

Охунд…ба сараш ***мушти бозарбае хӯрд*** [9, с. 30];

Аз шунидани ин сухан …Виркан як ***такони сахт хӯрд*** [8, с. 124];

Дуяшон аз нав ***вохӯрии багалкаш карданд*** [9, с. 16];

б) пуркунанда:

Сидқу ихлос *ва* ***муҳаббате****, ки* ***ба шумо дорам****, аз воқеа огоҳ кардани шуморо ба худ воҷиб донистам* [9, с. 22];

Акнун туро мефиристам, то ки ту он кишварро ***тасхир ва ба мамлакати мо мулҳақ гардонӣ*** [8, с. 64];

в) ҳолшарҳкунанда:

Малика …ва боз як нафар марди дарборӣ ***дохили чодари амир шуданд*** [8, с. 98].

6. Баррасии мисолҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки **ҷузъҳои** ФТН метавонанд аз ҳамдигар дур воқеъ шаванд**:**

Магар ***ҳуҷуми*** *ноҳақ ва қатлу горате, ки ду сол аз ин муқаддам салафи ту Убайдуллоҳ дар кишвари мо* ***кард,*** *басанда набуд*? [8, с. 92];

…Онҳо ***боиси*** *ихтилоли имон ва залолати он* ***мешаванд*** [9, с. 20].

7. Забоншиноси варзидаи тоҷик Баҳриддин Камолиддинов ишора кардааст: “Имконоти васеи таркибсозӣ ва бо ёрии феълҳо сохта шудани миқдори зиёди воҳидҳои фразеологии феълӣ, муродифоти феълҳои содаю таркибӣ ба он мусоидат мекунад, ки матлаб бо роҳҳои гуногун дақиқ ва мукаммал ифода карда шавад. Вале барои ин нигоранда бояд шакл ва сохту таркиб, маъноҳои грамматикии феълро хуб донад ва аз имконоти услубии он огоҳӣ дошта бошад” [3, с.67]. Корбурди эҷодкоронаи ҷузъи номии ФТН дар осори устод Сотим Улуғзода аз он шаҳодат медиҳад, ки нависанда аз нозукиҳои тарзи истифодабарии феълҳо, аз ҷумла ФТН ба хубӣ огоҳ буда, дар сохтану офаридани феълҳои нав ба нави таркибӣ тавассути истифода бурдани сохти гуногуни исмҳо маҳорати баланд зоҳир намудааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ. 1. Фонетика ва морфология // Акад.фанҳои РСС Тоҷикистон. Ин-ти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ. – Душанбе: Дониш, 1985. - 355 с.
2. Искандарова Ф. Учебник таджикского языка для стран СНГ / Ф. Искандарова, С.Хашимов. – Душанбе, 2014. – 352 с.
3. Камолиддинов Б. Сухан аз баҳри дигарон гӯянд (Нуқсонҳои забони аҳли матбуоти тоҷик) / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Интернюс Тоҷикистон, 2001. – 171 с.
4. Саймиддинов Д. Вожашиносии забони форсии миёна / Д. Саймиддинов. – Душанбе, 2001. – 310 с.
5. Улуғзода Сотим. Восеъ. – Душанбе: Маориф, 2003. – 134 с.
6. Улуғзода Сотим. Навобод. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 430 с.
7. Улуғзода Сотим. Пири ҳакимони Машриқзамин. –Душанбе: Маориф, 1980. – 195 с.
8. Улуғзода Сотим. Ривояти суғдӣ (осори мунтахаб). –Душанбе: Адиб, 2012. -200 с.
9. Улуғзода Сотим. Фирдавсӣ. Роман. –Душанбе: Адиб, 1991. – 256 с.
10. Ҳалимов С. Феъл. Куниш / С. Ҳалимов. –Душанбе, 2008. – 109 с.

СОХТИ ҶУЗЪИ НОМИИ ФЕЪЛҲОИ ТАРКИБӢ

(дар асоси осори Сотим Улуғзода)

Дар мақолаи мазкур муаллиф сохти ҷузъи номии феълҳои таркибии забони тоҷикиро таҳлил намудааст. Муаллифи мақола ҷузъи номии феълҳои мазкурро ба сода, сохта, мураккаб, таркибӣ, омехта ва

чида ҷудо карда, аз эҷодиёти нависандаи машҳури тоҷик Сотим Улуғзода мисолҳо овардааст. Сохти ҷузъи номии феълҳои таркибии номиро тасниф карда, муаллиф ба чунин хулосае меояд, ки ҳамаи намудҳои сохтории ҷузъи номӣ дар ташаккулёбии феълҳои таркибии номӣ саҳмгузор ҳастанд. Бо мисолҳо аз асарҳои нависандаи мумтози тоҷик Сотим Улуғзода муаллиф исбот мекунад, ки ҷузъи номии сода, сохта, мураккаб, таркибӣ, омехта ва чида дар феълҳои таркибии номии асарҳои нависанда фаъолона мавриди корбурд қарор ёфтанд. Дар эҷодиёти нависанда баъзан пайвандакҳои *ҳам, ки* ва феъли модалии *бояд* дар таркиби ҷузъҳои феълҳои таркибии номӣ ҷойгир шудаанд ва ин гуна мисолҳо мушоҳида гардиданд. Инчунин, ҷузъҳои феълҳои таркибии номӣ аз ҳамдигар баъзан дур воқеъ шудаанд. Баъзан нависанда дар байни ҷузъҳои феълҳои таркибии номӣ калима ва ибораҳоеро овардааст, ки ба вазифаи муайянкунанда, пуркунанда ва ҳол меоянд. Истифодаи моҳиронаи хусусиятҳои сохтории ҷузъи номии феълҳои таркибии номӣ дар эҷодиёти устод Сотим Улуғзода аз он дарак медиҳад, ки ба асарҳои адиб услуби махсуси нигориш ва серобурангии забон мансуб аст. Фикри мазкурро муаллифи мақола бо мисолҳо аз асарҳои гуногуни нависанда тақвият медиҳад, ки ин нуқтаи назар ва хулосаҳои муаллифро боз ҳам боэътимод мегардонад. Дар анҷоми мақола натиҷагириҳои илмии муаллиф баён гардидаанд.

Калидвожаҳо: сода, сохта, мураккаб, таркибӣ, омехта, чида, пешвандҳо, пасвандҳо, реша, феълҳои таркибии номӣ, ҷузъи номӣ.

СТРУКТУРА ИМЕННОГО КОМПОНЕНТА СОСТАВНЫХ ГЛАГОЛОВ

(в произведениях устода Сотима Улугзаде**)**

В статье автор анализирует структуру именного компонента составных именных глаголов таджикского языка. Автор статьи условно разделяет именной компонент составных именных глаголов на простые, производные, сложные, составные, смешанные и однородные по своей структуре группы и подкрепляет свои доводы примерами из творчества известного таджикского писателя Сотима Улугзаде. Классифицируя структуру именного компонента составных именных глаголов, автор статьи приходит к такому выводу, что в их формировании важную роль играют словообразовательные форманты, такие как аффиксация. На примерах из произведений С.Улугзаде автор устанавливает, что такие виды строения именного компонента составных именных глаголов, как производные, сложные, смешанные и составные употребляются достаточно активно. В творчестве писателя иногда союзы *ҳам, ки* и модальный глагол *бояд* встречаются в составе составных именных глаголов, примеры чего автором также приводятся в статье. Кроме того, компоненты составных именных глаголов могут находиться вдали друг от друга. Порой писателем между компонентами глагола вставляются слова и словосочетания, которые выполняют функции определения, дополнения и обстоятельства. Мастерское применение структурных особенностей именного компонента составных именных глаголов в творчестве устода Сотима Улугзаде свидетельствует о том, что произведениям писателя присущи особенный стиль и красочность языка. Эту мысль автор статьи подкрепляет примерами из различных произведений писателя, что придает достоверность его точке зрения. В заключении статьи приведены выводы и научные заключения автора.

Ключевые слова: простые, производные, сложные, составные, смешанные, однородные, префиксы, суффиксы, корень, составные именные глаголы, именной компонент.

STRUCTURE OF THE NOMINAL COMPONENT OF COMPOUND VERBS

(in the works of Ustad Sotim Ulugzodf)

In the article the author analyzes the structure of the nominal component of the composite nominal verbs of the Tajik language. The author of the article conditional shares nominal component of a compound nominal verbs into simple, derivative, complex, compound, mixed, and homogeneous in their structure of the group and reinforces his arguments with examples from the works of the famous Tajik writer Sotim Ulugzoda. Classifying the structure of the nominal component of the composite nominal verbs, the author concludes that word-forming formants, such as affixation, play an important role in their formation. For example, from the works of S. Ulugzoda the author establishes that such types of structure of the nominal component of a compound nominal verbs, such as derivatives, complex, compound mixed and used quite actively, with simple structure nominal components are used relatively rarely in the part of the compound nominal verbs in the works of the writer. Sometimes a writer between the components of the verb are inserted the words and phrases that perform the function of determining, additions and circumstances. Masterful use of structural features of the nominal component of a compound nominal verbs in the works of ustod Sotim Ulugzoda suggests that the works of the writer's inherent style and beauty of language. This idea is supported by the author's examples from different writers, which gives credibility to his point of view. The article concludes with the author's con clusions and scientific conclusions.

Key words: simple, derivatives, complex, compound, mixed, homogeneous, prefixes, suffixes, root, compound nominal verbs, nominal component.

Сведение об авторе: ***Кенджаева Озодамох*** – Кулябский государстенный университет им. А. Рудаки, аспирант. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул. С. Сафарова, 16. Тел.: **(+ 992) 918-18-91-75**

Information about the author: ***Kendzhaeva Ozodamoh*** - Kulyab State University named after A. Rudaki, a graduate student. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, ul. S. Safarova 16. Tel.: **(+992) 918-18-91-75**

УДК: 491.71

СОСТАВ ВРЕМЕННЫХ ПРЕДЛОГОВ В СОПОСТАВЛЯЕМЫХ ЯЗЫКАХ

(таджикский, русский и английский языки)

Абдувохидова М.А.
Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики

В целом в исследуемом нами ФСП временности общие семантические временные отношения могут соответствовать какому-либо моменту, периоду времени, предшествовать ему или следовать за ним. Эти три вида ориентации во времени активно устанавливаются с помощью различных предлогов. В то же время следует отметить, что семантико-синтаксические отношения временности, устанавливаемые предлогами при организации временных конструкций, весьма разнообразны.

Прежде всего, общесемантические отношения устанавливают следующую классификацию временных предлогов в зависимости от соответствующих выражаемых предлогами таджикского, русского и английского языков временных значений:

I группа: *about, around, at, on, under, within, for, during, over, through, throughout, in the course of, outside – в, на, в течение, внутри, под, во время, о, в пределах, вокруг, через, сквозь, по – ба, дар, ба болои, ба рӯи, дар мудати, дар дохили, ба зери, дар вақти, бар, дар атрофи, аз, бо, дар атрофи, дар назди;*

II группа: *before, till (until), by, beyond – впереди, до, пока, до тех пор пока (не, у, при, около, возле, рядом с), близко, перед – дар пеш, то, ҳоло, то он ҳолате ки (не, на, дар назди, бо, дар атрофи, дар паҳлӯи, дар пеши) наздик, дар рӯ ба рӯи;*

III группа: *after, on (upon), since – из, с, вслед за, после, на, начиная с – аз, дар, аз паси, баъд, ба, ба рӯи, сар карда;*

IV группа: *between, from … to – между, от, из, с др. – дар байни, назар, ба, аз.*

Последняя группа предлогов подразумевает указание как на *предшествующий*, так и на последующий периоды времени.

Наличие ряда предлогов в каждой группе связано, с одной стороны, с сообщаемыми фактами, и, с другой, с уточнением характера устанавливаемого временного отношения. В результате перечисленные предлоги оказываются определенным образом сгруппированными на основе ряда противопоставлений, образуя тем самым систему.

Предлоги *about, at, on, in, under, within, for, during, over, through, throughout, in the course of, outside – в, в течение, во время, за время (дар, дар мудати, дар тӯли, дар вақти…)* в составе обстоятельств времени указывают на отнесенность того, о чем говорится в предложении, к периоду времени, о котором сообщает обстоятельство.

At about midnight he joined the small group of sentries on the platform. – Было около полуночи, когда он собрал группу охранников – Вақте, ки вай гурӯҳҳи посбононро ҷамъ мекард, қарибии нисфи шаб буд; For the first time in many days he felt happy – Впервые он себя в течение множества дней почувствовал счастливым. – Дар муддати якчанд рӯзҳо, вай худро якумин бор хушбахт ҳис кард [7, с. 168].

При обозначении ограниченного периода времени (какой-либо час или другой период, связанный с определенными часами), обстоятельство вводится предлогам *at – в: at five o'clock, at sundown, at dawn, at tea-time– в пять часов, при заходе солнца, при восходе солнца, за чаепитием и так далее – дар соати панҷ, дар вақти даромадани офтоб, дар вақти баромадани офтоб, дар вақти чойнӯшӣ ва ҳоказо. At mealtimes Andrew caught her unguardedly fixing him with an inquiring, suspicious stare. – За едой Андрею раскрыл свой* вопросительный и осуждающий взгляд. – Дар вақти таом ба Андрей нигоҳи саволомез ва таънаомези худро ошкор кард [3, с. 221].

С обстоятельствами, указывающими на более длительный период времени, а именно с указаниями дня и даты, используется предлог *on– в, за время, в течение, в срок до – дар, дар вақти, дар мудати, дар мӯҳлати: on Sunday, on the first of May, on a holiday, on the eve– в воскресенье, в воскресный день, в первые дни мая, во время отпуска, накануне –якшанбе, рӯзи якшанбе, рӯзи якуми май, дар вақти рухсатӣ, дар арафаи* и так далее.

Указания еще на более длительные периоды времени – неделя, месяц, год, век – ҳафта, моҳ, сол, аср – сопровождаются предлогом *in*, которому в русском языке соответствуют предлоги *в, в течение: in the second week of January, in January, in 1970, in the 20th century – в течение второй недели января; в январе, в 1970 году; в XX веке – дар давоми дуюм ҳафтаи моҳи январ, дар моҳи январ, дар соли 1970, дар асри бистум.*

Таким образом, противопоставление по линии продолжительности периода времени, о котором сообщает обстоятельство, объединяет предлоги *at, on, in – в, в течение – дар, дар рафти, муддати.*

В пределах той же группы этим трем предлогам противостоят другие, объединяемые на другой основе, а именно: предлоги *during, in the course of, over, through, through out– в течение, в продолжение, во время, свыше, в направление – дар муддати, дар давоми, дар вақти, зиёда аз, ба самти.* Хотя в случае употребления этих предлогов соотнесенность с периодом времени та же самая, количественная характеристика продолжительности этого периода значения не имеет. Важно то, что все эти предлоги употребляются тогда, когда продолжительность действий, явлений, о которых говорится в предложении, полностью совпадает с продолжительностью периода времени, о котором сообщает обстоятельство. Например: *to work on Sunday* означает *работать в воскресенье – дар рӯзи якшанбе кор кардан,* то есть обычно какую-то часть дня, а *to work during Sunday– работать в воскресенье,* то есть в продолжение всего дня в течение (хотя, может быть, и с перерывами) *– в течение, во время* и др. Указание на период времени в самой общей форме содержит предлог: *during those 20 minutes, 20 hours, during the two years they stayed there– в течение 20 минут, 20 часов, в продолжение двух лет они остались там – дар муддати 20 дақиқа, 20 соат, дар давоми ду сол онҳо дар онҷо монданд* и так далее.

9. Паёмбахши сулҳу ваҳдат // Омӯзгор. – 2017. – 9 ноября. – № 45.
10. Davies E. The most powerful punches and kicks of all time/ E.Davies. [Электронный ресурс] URL: http://www.bbc.com/earth/story/20170605-the-most-powerful-punches-and-kicks-of-all-time (дата обращения: 06.06.2017 г.)
11. Edwards L. Southampton's players looked complacent arrogant and / L.Edwards [Электронный ресурс] URL: https://www.telegraph.co.uk/football/2018/03/11/southamptons-players-looked-complacent-arrogant-disinterested/ (дата обращения: 11.03.2018 г.)
12. Khan A. If two eyes are good, four were even better for this lizard species / A.Khan [Электронный ресурс] URL: http://www.latimes.com/science/sciencenow/la-sci-sn-four-eyed-lizard-20180402-story.html (дата обращения: 03.04.2018 г.)
13. Lamb J. Circus fun? Handsome cats, beautiful poetry and more / J.Lamb. [Электронный ресурс] URL: http: //www. inforum.com/entertainment/4427067-circus-fun-handsome-cats-beautiful-poetry-and-more-april-5-2018 (дата обращения: 05.04 2018 г.)

14. McCann K. John Mc Dannel channels Justin Trudeau by referring to “fisherpeople’’ instead of fishermen / K. McCann [Электронный ресурс] URL: https://www.telegraph.co.uk/news/2018/03/11/john-mcdonnell-channels-justin-trudeau-referring-fisherpeople/ (дата обращения: 11.03.2018 г.)
15. Ralph V. Vacant lots, empty homes and dying orchards on bullet train route attract squatters, vandals and thieves / V.Ralph [Электронный ресурс]. URL: http: // www. latimes. Com / local / california /la-me-bullet-land-problems-20180204-htmlstory.html (дата обращения: 04.02.2018 г.)
16. Skripal S. Police chief leads praise for officer poisoned in Russian spy attack / S.Skripal [Электронный ресурс]. URL: https://www.theguardian.com/uk-news/2018/mar/08/russian-spy-condition-of-police-officer-who-helped-sergei-skripal-improves (дата обращения: 08.03.2018 г.)
17. Stockly E. Wednesday’s TV highlights; Law and Order; on NBC / E.Stockly [Электронный ресурс] URL: http://www.latimes.com/entertainment/tv/showtracker/la-et-st-wednesdays-tv-highlights-law-order-svu-on-nbc-20140506-story.html (дата обращения: 06.05.2014 г.)
18. Varney J. Jordan Peterson’s refusal to kowtow to modern to modern liberal pieties makes him a star and a marked man / J.Varney [Электронный ресурс] URL:https://www.washingtontimes.com/news/2018/mar/26/jordan-peterson-clinical-psychologist-and-scholar-/ (дата обращения: 26.03.2018 г.)

СИНОНИМҲО ДАР САРЛАВҲАҲОИ МАТБУОТИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Мақолаи мазкур ба мавқеи муродифот дар сарлавҳаҳои рӯзномаҳои англо-америкоӣ ва тоҷикӣ бахшида шудааст. Бо ин мақсад дар мақола якчанд сарлавҳаҳое мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд, ки синонимҳои таркиби онҳо аз рӯйи хусусияти морфологӣ ба исмҳо ва сифатҳо мансубият доранд. Маълум аст, ки синонимҳо калимаҳое мебошанд, ки аз ҷиҳати маъно ба ҳамдигар баробар ва ё наздиканд. Дар забонҳо мавҷудияти синонимҳои мутлақ ҳодисаи нодир аст. Онҳо имкон медиҳанд, ки дар як матн аз такрори ноҷо худдорӣ карда шавад. Дар забони англисӣ ба мисли дигар забонҳо синонимҳо хеле зиёданд. Маълум мешавад, ки онҳо баъд аз Англияро забт кардани норманиҳо ба вуҷуд омадаанд. Синонимҳоро бештар дар адабиёти бадеӣ истифода мебаранд. Онҳо дар сарлавҳаҳои рӯзномаҳо низ дучор меоянд. Истифодаи онҳо дар сарлавҳа чандон сермаҳсул набошад ҳам, мақсади журналистро дақиқ ва рангин ифода мекунанд. Калимаҳои синонимӣ дар сарлавҳаҳо бо мақсади дақиқ ифода кардани матлаб ва пурра кардани маънои ҳамдигар кор фармуда шудаанд. Дар сарлавҳаҳои рӯзномаҳои тоҷикӣ муродифҳо ҷуфт ва пайиҳам истифода шудаанд.

Калидвожаҳо: синоним, забони тоҷикӣ, забони англисӣ, сарлавҳа, сифат, исм, хусусиятҳои услубӣ, семантика, хусусиятҳои фарқкунанда.

СИНОНИМЫ В ЗАГОЛОВКАХ ТАДЖИКСКОЙ И АНГЛИЙСКОЙ ПЕЧАТИ

Данная статья посвящена заголовкам англо-американских и таджикских газет. В статье проанализировано несколько примеров заголовков, которые в своем составе имеют синонимы, принадлежащие по своей морфологической соотнесенности к существительным и прилагательным. Как известно, синонимы – это слова, тождественные или близкие по значению. В языке точные синонимы встречаются очень редко. Они позволяют избегать повтора слов в одном и том же контексте. В английском языке очень много синонимов. Оказывается, что эти синонимы в английском языке возникли после Норманнского завоевания Англии. Синонимы в обилии используют в художественной литературе, однако встречаются и в газетных заголовках. В заголовках синонимы встречаются не так часто, но они своеобразно и отчетливо выражают мысль журналиста. Синонимичные слова в заголовке выполняют роль уточняющего, дополняющего значение компонента. В таджикских заголовках они часто употребляются парами или последовательно.

Ключевые слова: синоним, таджикский язык, английский язык, заголовок, прилагательные, существительные, стилистические особенности, семантика, отличительные признаки.

SYNONYMS IN THE HEADINGS OF THE TAJIK AND ENGLISH PRESSES

This article focuses on the headlines of the Anglo-American and Tajik newspapers. The article analyzed several examples of the title, which in its composition have synonyms belonging in their morphological correlation to nouns and adjectives. As you know, synonyms are words identical or similar in meaning. In the language of the exact synonyms are very rare. They allow you to avoid repeating words in the same context. There are a lot of synonyms in English. It turns out that these synonyms in English arose after the Norman Conquest of England. Synonyms are abundantly used in fiction, but they are also found in newspaper headlines. In the headlines, synonyms are not as common, but they express the thought of the journalist in a peculiar and distinct way. Synonymous words in the title serve as a clarifying, complementary meaning component. In Tajik headlines, they are often used in pairs or sequentially.

Key words: synonym, Tajik language, English, title, adjectives, nouns, stylistic features, semantics, distinctive signs.

Сведения об авторе: ***Абдуллоева Мехрангез Масруровна*** – Таджикский национальный университет, аспирант общеуниверситетской кафедры английского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **a_mehrangez90@mail.ru.** Тел.: **(+992) 988-06-86-01**

Information about the author: ***Abdulloeva Mehrangez Masrurovna*** – Tajik National University, postgraduate student of the Department of English language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
E-mail: **a_mehrangez90@mail.ru**. Tel.: **(+992) 988-06-86-01**

А Д А Б И Ё Т Ш И Н О С Ӣ
Л И Т Е Р А Т У Р О В Е Д Е Н И Е

УДК: 891.550:82

МИРЗОДА ИШҚӢ – ШОИРИ ИНҚИЛОБӢ ВА НАВПАРДОЗ

Хоҷамуродов О.
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Мирзода Ишқӣ аз шоирони навпардозу муборизи давраи ахири аҳди Машрутаи Эрон ба шумор меравад, ки бо вуҷуди умри кӯтоҳаш, ба қавли худаш, дар “инқилоби адабиёти Эрон” нақши боризе гузоштааст.

Чун то ба имрӯз дар Тоҷикистон доир ба рӯзгору осори ин шоири муборизу шӯридадил матлаби муфассале ба чоп нарасидааст, зурур аст, қабл аз барраси осори ӯ, мурруре ба зиндагиномаи кӯтоҳаш намоем.

Сайидризо Мирзодаи Ишқӣ фарзанди Сайидабулқосими Курдистонӣ дар 12 ҷамодулохири соли 1312 ҳ.қ. (13.11.1894 м.) дар Ҳамадон ба дунё омадааст. Саводи ибтидоиро дар он шаҳр фаро мегирад, сипас дар литсейҳои “Улфат” ва “Алянс”-и Теҳрон ба таҳсил мепардозад. Дар Теҳрон забони франсавиро ба хубӣ меомӯзад ва ҳангоми дар литсеи “Алянс” хонданаш назди як бозургони франсавӣ ба ҳайси мутарҷим машғули хидмат мешавад. Аз ин ҷост, ки баъд аз синни 17 солагӣ таҳсилро раҳо мекунад ва ба Ҳамадон омада, вориди фаъолияти иҷтимоӣ мегардад. Соли 1333 ҳ.қ. (1914 м.) дар Ҳамадон ба нашри рӯзномае ба номи “Номаи Ишқӣ” мепардозад, аммо баъди нашри чанд шумора фаъолияташ қатъ мегардад. Дар оғози Ҷанги ҷаҳони аввал Ишқӣ ҳамроҳи як гурӯҳ мардони сиёсӣ, ки дар ин ҷанг ҳаводори Олмон буданд, ба Истамбули Туркия муҳоҷират мекунад. Ҳангоми иқомат дар Истамбул ба ҳайси шунавандаи озод дар мадрасаи Султонӣ ва Дорулфунуни он ба таҳсил машғул мешавад. Маҳз дар ҳамон даврон нахустин операи манзумро дар адабиёти форсӣ зери унвони “Растохези шаҳриёрони Эрон” ва шеъри “Наврӯзнома”-робо қофиябандии тоза эҷод мекунад.

Мирзода Ишқӣ чор сол баъд, дубора ба Ҳамадон бармегардад, аммо дере нагузашта озими Теҳрон мешаваду ба ҷамъи рӯшанфикрони тарафдори ҳизби сотсиалистии Эрон мепайвандад.

Дар Теҳрон пурра фаъолияташро ба муборизаи сиёсӣ мебахшад ва неши қаламаш бештар сӯйи нахуствазири вақти Эрон Вусуқуддавла, ки қарордоди манхуси Эрону Англияро ба имзо расонда буд, равона мегардад. Ишқӣ ин қарордодро “муомилаи фурӯши Эрон ба Инглистон” номида, дар яке аз шеърҳояш соли 1919, ки ба ин мавзӯъ ихтисос дода шудааст, чунин мегӯяд:

Вой аз ин меҳмон, ки по дар хона нанҳода ҳанӯз
Соҳибони хонаро аз хона берун мекунад!?
Достони мушу гурба, аҳди мову ингилис
Мушро гар гурба баргирад, раҳо чун мекунад?...
Он хиёнатҳо, ки бо Эрон вазирон мекунанд!
Борҳо бадтар ба ман, ин сифла гардун мекунад [1, с. 470-71].

Ба замми ин шеър, суханрониҳои тунду мақолоти оташини Ишқӣ бар зидди “Қарордод” боис шуд, ки Вусуқуддавла амри дастгирӣ ва зиндонии ӯро диҳад.

Ишқӣ чанд муддат дар маҳбаси шаҳрбонии Теҳрон зиндонӣ мешавад ва аз он ҷо ба накуҳиши Вусуқуддавла қасида мегӯяд, ки дар он омадааст:

...Вусуқи давлату динро, зи ман гӯ ин мазоминро
Ки барчин зи абрӯвон чинро, ҷабин пурчин магардонаш.
Нигаҳдории ин кишвар агар н-ояд зи дасти ту
Чаро бо дасти худ бидҳӣ, ба дасти Ингилистонаш...[1, с. 483].

Баъд аз раҳоӣ аз зиндон ба таври ошкоро ба муборизаи сиёсӣ мепардозад ва дар матбуоти даврӣ мақолаҳо ва шеърҳои интиқодиву ҳаҷвӣ бар зидди вузарову вукалои хатокору хиёнаткор ба чоп мерасонад. Дар ҳамин айём аст, ки манзумаи маъруфи «Кафани сиёҳ»-ро эҷод мекунад ва соли 1921 рӯзномаи сиёсии «Қарни бистум»-ро таъсис медиҳад.

Соли 1302 ҳ.ш. (1923м) Ишқӣ дар давраи нахуст вазирии Мушируддавла Пирниё чанд муддат раиси шаҳрдории Исфаҳон таъйин мешавад ва пас аз суқути ҳукумати Мушируддавла дубора ба Теҳрон бармегардад.

Дар соли 1924 баъд аз ба нахуст вазирӣ расидани Ризохон Сардорсипаҳ масъалаи ҷумҳурӣ сари забонҳо меафтад.

Мирзода Ишқӣ бо вуҷуди он ки тарафдори низоми ҷумҳурӣ буд, бо як равшанбинӣ дарк мекунад, ки «зери ин коса, нимкосае ҳаст». Ризохон бо ин тарҳи ҷумҳурихоҳӣ, ки тарроҳаш аҷнабист, мехоҳад ба салтанат бирасад.

Ӯ дар мақолаи пурсарусадояш «Ҷумҳурии қуллобӣ» ин дасисакориҳои кишвари Ингилистонро зикр мекунад. Дар ҳамон сол рӯзномаи ҳаҷвӣ-карикатурии хеш "Қарни бистум"-ро дубора ба нашр мерасонад. Дар шумораи аввали он чанд карикатура ва шеъру мақола дар ҳаҷву мазоқи ҷумҳурӣ ва ҷумҳурихоҳон дарҷ мекунад. Дар ин навиштаҳо ба таври ошкоро изҳор дошта мешавад, ки ин бозиҳо бо тарҳи англисҳо ба роҳ андохта шудааст. Бавижа, дар манзумаи, "Ҷумҳурисавор", ки саршор аз кинояҳост, парда аз чеҳраи ҷумҳурибозон бардошта шудааст. Матлаби асосии ин шумора, ки боиси кушта шудани Ишқӣ гаштааст, карикатурае, бо номи"Мазҳари ҷумҳурӣ" чоп шудааст. Дар он карикатура марди мусаллаҳи ғазаболуд тасвир шудааст, ки дар дасти росташ туфангу дар дасти чапаш ҳамёни пул дораду сояи аҷнабӣ болои сараш намоён аст ва рӯзномаҳои тарафдори ҷумҳурӣ ба шакли сагу хару мушу чуғд атрофи ӯро гирифтаанд. Дар зер аз номи ҳар яке таснифи тамаллуқомез ба чоп расида буд.

Рӯзнома фавран баста шуд ва нусхаҳои ин шумора тавассути шаҳрбонӣ ҷамъоварӣ гардид.

Бомдоди рӯзи дигар Ишқӣ дар назди хонааш аз тарафисе нафар шахси ношинос, ки гӯё аз ҳамшаҳриҳои шоир буданд, парронда мешавад ва дар бемористони шаҳрбонии Теҳрон ҷон медиҳад.

Рӯзи дафни ин шоири шаҳиди озодихоҳ ҳазорҳо одамони касбу кори гуногун ба ташеи ҷанозааш ҷамъ меоянд.

Ин рӯзро Маликушшуаро Баҳор чунин ёдовар шудааст: "Бозорҳо баста шуд, ҳамаи мардум роҳ афтоданд... Истиқболи торихии беназире, ки аз ҷанозаи ӯ ба амал омад дар торихи ҳеҷ шоири миллӣ собиқа надорад ва нолаҳои миллат аз зану мард дар азои ҳеҷ адибу нависандае ба қадре, ки дар азои Ишқӣ баланд шуд, баланд парвоз набудааст" [1, с. 26-27].

Ишқии ҷавон шаҳид шуд, ҳангоми марг ба 31 қадам гузошта буд. Тавре ки М. Баҳор зикр карда, ӯро мардум бо эҳтироми беандоза зиёд ба хок супориданд ва дар лавҳи санги мазораш навиштаанд:

Дар маслахи ишқ ҷуз накуро накушанд.
Логарсифатони зиштхӯро накушанд.
Гар ошиқи содиқӣ зи куштан магурез
Мурдор бувад, ҳар он ки ӯро накушанд.

Ин шоири ватанпарасту инқилобӣ бо вуҷуди умри кӯтоҳи хеш аз худ осори на он қадар зиёд, аммо арзишманде дар назму наср боқӣ гузоштааст.

Бояд ёдовар шуд, вижагии эҷодиёти Мирзода Ишқӣ дар он аст, ки ӯ ҳеҷ гоҳ ба хотири шоир ё нависанда шудан шеъру манзумаву намоишнома ва мақолаву достон эҷод накардааст. Балки ҳадафи Ишқӣ аз гуфтани шеъру намоишномаву мақолоти интиқодӣ-сиёсӣ барангехтани эҳсоси ватанхоҳиву миллӣ, мубориза бар зидди ноадолатиҳову зулму истибдод будааст.

Осори бадеӣ ва публитсистии шоир, тавре ки зикр шуд,зиёд нестанд ва онҳоро метавон ба се даста ҷудо намуд.

Дар дастаи аввал мақолаву хитобаҳои публитсистии шоирро метавон шомил намуд, ки ҷанбаҳои иҷтимоӣ-интиқодӣ, адабӣ ва ҳаҷвӣ дошта, дар рӯзномаҳои даврӣ ва аксаран даррӯзномаи таъсискардаи хеш "Қарни бистум" ба чоп расидаанд.

Дар дастаи дувум намоишномаҳои манзуму мансури шоир, ки қарори зайланд:

а) намоишномаи манзуми "Растохези шаҳриёрони Эрон", ки нахустин операи форсӣ ба шумор рафта, тавре ки зикр шуд, Ишқӣ онро дар Истанбул эҷод кардааст. Опера аз 100 байт иборат буда, шоир баъд аз вайронаҳои пойтахти Эрони бостон, ки дар намоишнома дар Мадоин як-як ба саҳна омада аз шукӯҳу азамати замонашон ёд мекунанд ва ба аҳволи риққатбори Эрони имрӯз афсӯс мехӯранд, эҷод кардааст. Ин опера чандин бор солҳои мутамодӣ аз тарафи ҳунармандони эронӣ ба саҳна гузошта шудааст.

б) намоишномаҳои мансур: "Ҷамшеди ноком", "Ҳалвоулфуқаро», «Қурбоналии кошӣ ё бачаи гадо», ки мазҳакаи интиқодӣ-ахлоқӣ ба шумор меравад.

Дар дастаи сеюми он ашъори шоир шомил мешаванд, ки миқдоран зиёд нестанд. Ин шеърҳо дар жанрҳои маснавӣ, қитъа, қасида, ғазал, дубайтӣ, рубоӣ ва ба истилоҳи худи Ишқӣ "ашъори ҷадид" эҷод шудаанд.

Осори Мирзода Ишқӣ ҳангоми дар ҳаёт буданаш асосан дар рӯзномаҳову нашрияҳои даврӣ ва рӯзномаҳое, ки худаш интишор медод, чоп шудаанд. Пас аз марги шоир, Акбари Салимӣ мудири маҷаллаи "Гулҳои рангоранг" бори нахуст мунтахаби ашъорашро соли 1306 ҳ. ш. (1928 м.) ба чоп расонид. Сипас бо пешгуфтори муфассал онро ба шакли девони комил зери унвони "Куллиёти мусаввари Ишқӣ" солҳои 1308 ҳ. ш. , 1324 ҳ. ш. ва соли 1331 ҳ. ш. (1953м.) нашр кардааст. Баъдан осори комили Ишқӣдар тадвини донишманди пуркор Сайидҳодии Ҳойирӣ, зери унвони "Куллиёти Мирзода Ишқӣ " ба нашр мерасад. Бартарии ин куллиёти шоир аз нашрҳои пешина дар он аст, ки дар баробари гирдоварии ҳамаи осори манзуму мансури Ишқӣ, ҳамчунин ашъори ба сӯгвории шоир ва мақолоти таҳқиқӣ ва ёддоштҳое, ки перомуни эҷодиёти ӯ гуфта шуданд, ҳамроҳи осори шоир дар як ҷилд ҷой дода шудаанд.

Мавриди истифодаи мо чопи дувуми он аст, ки соли 1375 ҳ. ш. (1998) мунташир шудааст.

Дар бораи мақоми осори халлоқона ва маҳорати шоирии Мирзода Ишқӣ дар адабиёти форсӣ аз тарафи муҳаққиқин назарҳо мухталиф аст. Гурӯҳе ӯро аз ибтикорони "бутшикан" дар адабиёти Эрон ва аз пешвоёни шоистаи "сабки нав" медонанд [1, с. 154] ва бархе муътақид бар онанд, ки Ишқӣ низ мисли Орифи Қазвинӣ дорои донишу мояи миллии зиёде нест ва аз адабиёти классикии форсӣ иҳотаи амиқ надорад. М. Баҳор дар "Маснавиимустазод"-аш, ки дар ҷавоб ба Сармад гуфтааст, Орифу Ишқиро шоирони авом номидааст:

Буд Эраҷ пайрави Қоиммақом,
Карда аз ӯ сабку лафзу фикр вом.
Орифу Ишқӣ авом [2, с. 837].

Аз назари Рашид Ёсимӣ: "Ишқӣ маълумоти кофи дар адабиёт надошт ва худ низ амдан аз мутолиаи осори фусаҳои қадим худдорӣ мекард, вале дар гуфтори ӯ мазомини нав бисёр аст" [3, с. 72].

Қаблан ёдрас шудем, ки ҳадафи аслии Ишқӣ аз гуфтани шеър баёни ақоиди иҷтимоӣ-сиёсӣ ва таборузи эҳсоси ватанпарастиву миллии хеш будааст. Аз ин рӯ, ҳар ду ақида дар мавриди Ишқии шоир дуруст аст. Чунки истеъдоду қариҳои фавқулоддае, ки дошт матолиби иҷтимоӣ ва таърихиро зуд дарк мекарду дар ҷомаи назм ироа медошт. Аммо Маликушшуаро Баҳор, ки аз дӯстони Мирзода Ишқӣ буда, дар бораи истеъдодишоириаш бетарафона чунин гуфтааст:

"Дар тасвири саҳнаҳои таърихӣ ва адабиёти васфӣ тавоноии камназире дорад. Авотиф ва таъсироти худро аз авзои замон ва назари худро дар сиёсату эҳсос ва дарёфти хешро аз ишқу манозири табиат бо шӯру завқ ва содагиву самимияту устодии комил метавонад намоиш диҳад. Ашъори ӯ сар то по пур аст аз эътирозу исён дар баробари беадолатии иҷтимоӣ ва алоқаву дилсӯзӣ ба ҳоли бенавоён ва бухсу кинаи шадид ба ағниё ва сарватмандон" [4, с. 367].

Ин иқтибоси тӯлонӣ ба ин хотир оварда шуд, ки агарчи М. Баҳор дар ҷавоб ба шоир Сармад аз Ишқӣ ба ҳайси шоири авом ном бурдааст, аммо дар мақолоти ба эҷодиёти Ишқӣ ихтисос додааш, истеъдоди фитрии ӯро сутуда дар оянда шоири тавоно шудани ӯро беғаразона таъкид кардааст.

Албатта, шоирони аҳди Машрута, аз қабили Ашрафиддини Гелонӣ, Орифи Қазвонӣ, Фаррухии Яздӣ ва Ишқӣ мисли М. Баҳор, Эраҷ Мирзо, Адибулмамолик Фараҳонӣ (Амирӣ) Алӣ Акбари Деҳхудо таҳсилоти амиқи адабӣ надоштанд ва ҳаводиси замона онҳоро ҳамчун шоирони муборизи худҷӯш ба арсаи адабиёт овард. Аммо чун истеъдоду қариҳаи фитрӣ, ки доштанд, ашъори иҷтимоии дархӯри замон гуфтанд.

Чуноне ки зикр шуд, Ишқӣ дар ҳама қолабҳои мутадовили назми суннатӣ шеър гуфтааст. Ва дар маҷмӯъ кӯшидааст, то усулу қавоиди суннатии шеъри классикиро ҳаддалимкон риоя намояд.

Навпардозиҳои Ишқӣ тибқи андешаи худаш ва осори муҳаққиқони адабиёти Эрон асосан дар шеърҳои "Наврӯзнома", "Кафани сиёҳ", "Эҳтиёҷ", "Барги бод бурда", манзумаи "Идеол" ё "Се таблуи Марям" ва операи "Растохези шаҳриёрони Эрон" ба мушоҳида мерасад.

Аввалин кӯшишҳои Мирзода Ишқӣ дар роҳи навоварӣ дар чакомаи "Наврӯзнома"-аш, ки дар Истамбул гуфта шуда, ба назар мерасад. Шоир дар ин манзумааш пешгуфторе навиштааст, зери унвони "Равиши тозаи ман дар нигориш", ки ба таври фишурда маромии хешро аз ин иқдомаш равшан месозад. Аз ҷумла, дар бораи ба вуҷуд омадани як таҳаввули ногузир дар шикастани қуюду муқаррароти шеъри суннатӣ ишора карда мегӯяд: "Ба ақидаи ман: ҳар чиро ҳарчанд хубу марғуб тасаввур кунем, боз метавон онро аз ҳолате, ки дорад хубтару марғубтар намуд. Адабиёти порсӣ ҳарчанд беш аз андоза

қобили ситоиш будаву ҳаст, боз метавонем беш аз пеш ба сутудагӣ ва писандидагии он биафзоем” [1, с. 414].

Манзури Ишқӣ аз навпардозӣ табдил додани сабку услуби шеъри порсӣ ба услуби мағрибзамин нест. Ӯ бо он адибоне мухолиф аст, ки мехоҳанд асолати адабиёти порсиро аз байн бибаранд. Аз ин рӯ, таъкид медорад, ки он чи онҳо ба номи навпардозӣ эҷод мекунанд, “фақат қолаби он аз порсӣ аст, вагарна тамоман рӯҳу суханони мағрибзаминӣ дар он дамида шудааст. Ин худ боис мешавад, ки ба куллӣ асолати адабиёти порсиро салб карда ва дар оянда оҳанги адабиёти Эронро раҳини удабои Урупо бидоранд” [1, с. 415].

Шоир дуруст андеша меронад, ки зарурати тахаввули навсозии адабиёти куҳани форсӣ ногузираст, аммо дар ин ҷода бисёр мӯҳтотона амал карда шавад, то асодати миллӣ ва рӯҳи адабиёти ҷаҳоншумули форсӣ халалдор нагардад. Тавре ки таъкид медорад: ”Андоми услуби адабиёти Эрон чунончи фартут шуда ва муҳтоҷ ба тағйир аст, ҳамоно муносиби он аст, ки аз қумоши тозаи дастнахӯрдае дархӯри андомаш ҷома орост, на куҳнапӯши ҷомаи адабиёти соири аквомаш кард” [1, с. 415]

Воқеан, ин андешаи Мирзода Ишқиро маромномаи адабиёти нави форсӣ номидан мумкин аст.

Агар Ишқӣ баъд аз баргашташ аз Туркияи Усмонӣ ба муборизоти сиёсӣ ва иҷтимоӣ намепайвасту мисли Нимо Юшиҷ ба бозсозии шеъри форсӣ, ки ҳамқадами замон бошад, машғул мешуд, шеъру адаби қарни XX Эрон бурди калоне мекард.

Гузашта аз ин, бояд ёдрас шуд, ки нахустин бор манзумаи“Афсона”-и Нимо Юшиҷро Мирзода Ишқӣ дар рӯзномаи “Қарни бист”-и хеш ба чоп расонида, аз ӯ ташвиқ кардааст.

Чакомаи “Наврӯзнома”-ро Ишқи дар қолаби мусаммати мусаддас гуфта, аммо ба таври истисно як дафъа дар банде ба ҷойи шаш мисраъ (ба тақозои мазмун) бист мисраъ овардааст.

Навоварии шоир дар ин манзума дар қофиябандии он аст. Дар ин манзума шоир вожаҳои “гуноҳ” (.....) ва “қадаҳ” (.....) мехоҳамро бо ҳам ва “рӯзӣ”- ю “омӯзӣ”- ро бо ҳам қофия бастааст. Ин ибтикори хешро Ишқӣ мутаккӣ бар он медонад, ки “тасдиқу ташхиси тавозуни қавофӣ бар уҳдаи гӯш аст” [1, с. 416]. Аз ин рӯ, ҳангоми хондан вожаҳои “гунаҳ”- у “қадаҳ” дар гӯш ҳамоҳанг мерасанд. Бо ин иқдомаш суннатшиканӣ мекунад ва дар сохтани қофия ҳамоҳангӣ ва гӯшнавозии калимаҳоро муҳим медонад. Имрӯз дар шеъри тоҷик бо тағйири алифбои арабиасос ба алифбои овозии кириллӣ чунин тарзи қофиябандӣ як амрӣ табиӣ шуда, касе шоиронеро, ки “ҳаёт” (бо “те”) ва “нишот” (бо “то”)-ро ба ҳам қофия бастааст, ба бесаводӣ айбдор намекунад.

Дар миёни ашъори навҷӯии Мирзода Ишқӣ манзумаи “Идеол ё се таблои Марям”-аш ҳам аз нигоҳи сохтор ва ҳам аз лиҳози дарунмояву ғояи он яке аз беҳтарин осори халлоқонаи шоир маҳсуб мешавад.

Зеро ин манзума аз ҳайси интихоби жанру сабки нақливу ривоятӣ ва тарзи баёну асолати мазмун мунҳасир ба фард аст. Ишқӣ бархилофи суннати манзумасароии классикӣ, ки аксаран достонҳо дар жанри маснавӣ гуфта мешуданд, даст кашида, ривояти достонро дар шакли **мусаммат** гуфта ва баҳри **муҷтасро,** ки дар достонсароии форсӣ бесобиқааст, ихтиёр кардааст. Ба ҳамагон маълум аст, ки дар қолаби мусаммат достонсароӣ ба маротиб мушкилтар аз маснавист.

Ақидае мавҷуд аст, ки Ишқӣ гӯё дар эҷодӣ “Идеол” аз сабки навини Нимо Юшиҷ, бавижа аз сабки манзумаи “Афсона”- и ӯ таъсирпазир будааст [5, с. 333]. Ин ақида ҳеҷ асосе надорад, зеро Ишқӣ дар сабку сиёқи худ мустақилу мубтакир аст. Услуберо, ки дар эҷоди “Идеол” интихоб кардааст, дар баъзе ашъори қаблии ӯ, масалан дар “Кафани сиёҳ” ва ё дар либреттои “Растохези шаҳриёрони Эрон”, ки замони дар Истамбул буданаш таълиф кардааст, дида мешавад.

Сониян, манзумаи “Идеол ё се таблу” аз ҷиҳати сохтор ва мазмуни ғоявӣ аз манзумаҳои суннатии классикӣ ва ҳам аз манзумаи “Афсона”- и Нимо билкул фарқ мекунад. Зеро дар ин достон ғояҳои иҷтимоӣ-сиёсии Ишқӣ ироа шудааст.

Қаҳрамони марказии достон марди эронии меҳанпарастест, ки дар ҷунбишҳои Инқилоби Машрута ду фарзанди худро аз даст дода ва занаш аз ин ғам ғуссармарг шудааст. Ягона духтараш Марям, ки ба василаи ҷавони ашрофзодаӣ теҳронӣ гумроҳу бадбахт гардидааст, ба хӯрдани тарёк худкушӣ кардааст ва ӯ акнун худро танҳову бекас ва орзуҳои инқилобии хешро барбод рафта мебинад.

Сохтори манзума аз се қисм ё ба қавли худи шоир се тоблу (тасвир) иборат буда, дар ду таблои аввал ҷанбаи тасвири романтикӣ тасаллут дорад. Дар тасвир ё таблуи аввал шаби ағфоли Марями зебо ба дасти як ҷавони олуфтаи теҳронӣ тарсим гардидааст. Тоблуи дуюм тарсими ҳузновари рӯзи марги Марям ва тоблуи сеюм саргузашти падари

Марямро дар бар мегирад, ки ба ровии достон нақл мекунаду дарвоқеъ, таърихчаи мухтасари Инқилоби Машрута ва натиҷаи талхи он аст.

Тавре ки ёдрас шудем, Ишқӣ дар ду тоблуи аввал саҳнаҳои зиндаву зебои як шаби маҳтобии баҳори доманакӯҳи Теҳрон ва як рӯзи ғамноки фасли хазонро хело шоирона тарсим кардааст, ки ба леймотиви достон робитаи бевосита дорад.

Барои бурҳони гуфтаҳо, аз ҳар як тоблу ду бандӣ мисол меорем:

Ба расми пӯшиши дӯшизагони Шимронӣ,
Зи ҳайси ҷома на шаҳрӣ буду на деҳқонӣ.
Бар ӯ тамоми мазоён ҳусн арзонӣ,
Шабеҳтар ба фаришта аст то ба инсонӣ
Мураддадам, ки бештар бувад ё ки ҳурулайн.
Ба рӯйи сабза, лаби ҷӯ нишаста оҳиста,
Назири шохи гуле рӯйи сабзаҳо раста.
Шуд он фаришта дар ин сабзазор гулдаста,
Гул арчи бувад, шуд сабзазор низ ороста.
Ҳам-ӯ зи сабзаву ҳам сабза ёфт з-ӯ тазйин [1, с. 370-71].

Аз таблои дувум ду порча мисол меорем, ки фазои ривоятро барои қабули як фоҷиа омода мекунад:

Ду моҳ рафта зи пойизу баргҳо ҳама зард,
Фазои Шамрон аз боди меҳргон пур гард.
Ҳавои Дарбанд аз қурби моҳи озар сард,
Пас аз ҷавонӣ, пирӣ бувад чӣ бояд кард?
Баҳори сабз ба пойизи зард шуд мунҷар...
Шуои камасари офтоб афсурда,
Гиёҳҳо ҳамагӣ хушку зарду пажмурда,
Тамоми мурғон сар зери болҳо бурда,
Бисоти ҳусни табиат, ҳама ба ҳам хӯрда
Ба сони байрақи ғам сарв оядам ба назар [1, с. 373].

Дар таблуи охир авзои иҷтимоӣ–сиёсии Эрони поении даврони салтанати Қоҷор аз забони падари Марям, ки як машрутахоҳ буду орзуҳои хешро таҳаққуқ наёфта дид, баён шудааст.

Билохира, дар фарҷоми манзумашоир аз забонипадари Марям идеали хешро, ки иборат аз як инқилоби хунин дар кишвар барои сарнагунии низоми сармоядорист, чунин иброз медорад:

Марост мадди назар, мақсаде ки мастураш
Мудом дора мусозам бар ту мазкураш,
Ҳамин, ки хост бигӯяд, ки чист манзураш,
Бигашт мунқалиб, он сон ду чашми пурнураш,
Ки инқилоб кунад як қушуни хашмогин [1, с. 393].

Ба иртиботи мисраи панҷум бояд хотирнишон сохт, ки дар нашри “мунтахабот”-и Ишқӣ, ки соли 1307 ҳ. ш. (1928 м.) дар Теҳрон ба чоп расидааст, ин мисраъ чунин омадааст:

“Ки инқилоб намояд чу чашмҳои Ленин” [6, с. 87]

Дар ин манзума ғояҳои иҷтимоӣ-сиёсии худи Мирзода Ишқии инқилобиест, ки аз забони қаҳрамонаш пирмарди машрутахоҳ иброз доштааст, ироа гардидааст.

Аз нигоҳи корбурди вожагон ва сабки баён Ишқӣ ба мароми хеш содиқ монда, саъй кардааст, то забони манзумааш сода ва забони гуфторӣ ба мафкураи як марди деҳқон наздиктар бошад”.

Чун маҷоли мақола имкони онро намедиҳад, ки ба баррасии муфассалисохториву ғоявии ин манзума бипардозем, дар ин ҷо ба ҳамин нукта ишорат мекунем, ки манзумаи “Идеал” авҷи ҳунари халлоқонаи Мирзода Ишқӣ буда, маҳз дар ин манзума маҳорати шоирии ӯ сайқал ёфта ва агар аҷал амон медод, яке аз чеҳраҳои барҷастаи адабиёти мутараққӣ ва навини Эрон мегардид.

Дар ин бора худи марҳум Ишқӣ чӣ ишораи хубе карда буд.

Ман тозе шоирам, сухан ин сон сурудаам,
Вой ар-ки куҳнакор шавам дар суханварӣ.
Шояд ҳамин қариҳа дар оянда оварад,
Алвоҳ ҳамчу гуфтаи Саъдиву Анварӣ [1, с.155].

Бо вуҷуди ин, Мирзода Ишқӣ аз шоирони инқилобӣ ва навҷӯйи чоряки аввали қарни ХХ Эрон маҳсуб мешавад.

А Д А Б И Ё Т
1. Куллиёти мусаввари Мирзода Ишқӣ; ба кӯшиши Сайидҳодии Ҳойирӣ. –Теҳрон: Чопи дувум 1375 ҳ. ш. - 740 с.
2. Муҳаммадтақӣ Маликушшуаро Баҳор. Девони ашъор. -Теҳрон: Илм, 1381 ҳ. ш. -1200 с.
3. Ғуломризо Рашид Ёсинӣ. Адабиёти муосири Эрон. -Теҳрон.1316 ҳ.ш. -130 с.
4. Маликушшуаро Баҳор. Рӯзномаи "Қонун". 1346 ҳ. қ. Иқтибос аз китоби Яҳё Оринпур. Аз Сабо то Нимо. Ҷ.2. Теҳрон.1350 ҳ. ш. -С.366 -367.
5. Қайсари Аминпур. Суннату навоварӣ дар шеъри муосир. –Теҳрон: Чопи сеюм. 1386 ҳ. ш. -370 с.
6. Ишқӣ. Мирзода. Мунтахобот. –Теҳрон, 1306 ҳ.ш. -220 с.

МИРЗОДА ИШҚӢ – ШОИРИ ИНҚИЛОБӢ ВА НАВПАРДОЗ

Дар ин мақола зимни ироаи зиндагинома ва фаолияти адабӣ- сиёсии Мирзода Ишқӣ (1894-1924) – шоири шаҳиди роҳи озодӣ, ашъори сиёсӣ- иҷтимоии ба сабки ҷадид эҷодкардаи ӯ мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст. Бавижа, шеъри "Наврӯзнома" ва манзумаи иҷтимоӣ- сиёсии "Идеол ё се таблои Марям", ки яке аз шоҳкорҳои пеш аз марги Ишқӣ маҳсуб мешавад, аз нигоҳи сохтору дарунмоя, жанру сабку забон баррасӣ гардида, талошҳои шоир дар эҷоди сабки ҷадид дар шеъри форсӣ нишон дода шудааст. Ин навпардозиҳои Ишқӣ заминае барои ба миён омадани ҷараёни "шеъри нав"- и форсӣ гардидааст.

Калидвожаҳо: Мирзода Ишқӣ, адабиёти аҳди Машрута, дарунмоя, сабки ҷадид, "шеъри нав".

МИРЗАДЕ ЭШКИ - РЕВОЛЮЦИОННЫЙ ПОЭТ И НОВАТОР

Мирзаде Эшки (1894-1924), известный революционный поэт второго этапа литературного периода Машруты (Конституционной революции) Ирана, своим поэтическим наследием занимает определенное место в совершенствовании и развитии революционной поэзии персидской литературы первой четверти XX века. В данной статье через призму социально- политической деятельности Мирзаде Эшки рассматриваются социально-политические стихи поэта, написанные в новом стиле, особенно стихотворение «Наврузнаме» и поэма «Идеал», с целью выявления новаторского стремления в создании нового стиля в персидской поэзии.

Ключевые слова: Эшки, литература периода Машруты, новый стиль, поэма «Идеал».

MIRZADEH ESHKI IS A REVOLUTIONARY POET AND INNOVATOR

Mirzadeh Eshki (1894-1924) is a well-known revolutionary poet of the second stage of the literary period of the Iranian Mashruta (Constitutional Revolution), his poetic heritage occupies a certain place in the perfection and development of the revolutionary poetry of Persian literature of the first quarter of the 20th century. In this article, MirzadehEshki's social and political activities are considered in the new socio-political poems written in a new style, especially the poem "Navruznamt" and the poem "Ideal" in order to reveal an innovative desire to create a new style in Persian poetry.

Key words: Eshki, literature of the period Marshruta, new style, poem "Ideal".

Сведения об авторе: ***Ходжамуродов Олимджон*** – Технологический университет Таджикистана, доктор ф. н., профессор кафедры гуманитарных наук. **Адрес:** 734061, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Карабаева 63/3

Information about the author: ***Khodjamurodov Olimjon*** - Technological University of Tajikistan, doctor of philological sciences, professor of the humanities department. **Address:** 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Karabaeva 63/3

УДК: 891.550:82

ЯК НУСХАИ ДАСТНАВИСИ ҚАДИМИ ДЕВОНИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ ВА АҲАМИЯТИ ОН

Мақсудов Б.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

I-Муқаддима. Девони Шайх Камоли Хуҷандӣ тайи замони тӯлонӣ шуруъ аз замони зиндагиаш то охири қарни XIX аз тарафи котибони гуногун дар мавзеъҳои гуногун ба теъдоди хеле бисёр нусхабардорӣ шудааст ва ҷолиб он аст, ки яке дигареро батамом такрор накардааст. Яъне ҳар нусхаи мавҷуд арзиши гуногуни текстологиро доро мебошад. Матншиносони зиёде ҳини барои чоп омода намудани девони ин шоир аз нусхаҳои мутанаввеъи девони ӯ истифода кардаанд ва ҳар яке нусхаеро ба замони зиндагӣ ва фаъолияти адабии шоир қариб таъйин карда, ҳамон нусха ва чанде аз нусахи дигарро заминаи кори худ қарор додаанд.

I-1- Баёни масъала. Суолҳои асосие, ки дар ин мақола матраҳ мешаванд аз ин қароранд, ки оё қадимтарин нусхаи дастнависи девони Камоли Хуҷандӣ дар воқеъ вуҷуд дорад? Агар ҳаст дар кучо маҳфуз аст? Оё касе онро тавсиф кардааст? Он ҳоизи чӣ гуна арзишҳост? ...

I-2-Пешинаи таҳқиқ. Нахустин касе, ки дар бораи мавҷудияти қадимтарин нусхаи хаттии девони Камоли Хуҷандӣ иттилоъ додааст, оқои Аҳмад Гулчини Маъонӣ мебошад.

Ӯ дар феҳристи кутуби хаттии китобхонаи Остони Қудси Разавӣ дар бораи таҳти шумораи 4739 маҳфуз будани як нусхаи қадимтарини девони Камоли Хуҷандӣ иттилои мухтасаре дарҷ намудааст ва он ин аст: “*Девони Камоли Хуҷандӣ нусхаи нафису мумтоз, ки дар ҳаёти шоир танзим гардида ва ҷомеи девон дебочаи муфассале бар он нигоштааст, ки дар нусхаҳои дигар дида нашуда. Мутаассифона, огоз ва анҷоми дебоча аз аввали ғазалиёт ва охири нусха афтодааст* [10, с. 497].

Инҷониб низ дар китоби хеш, ки ба зиндагонӣ ва осори Шайх Камол ихтисос додаам, роҷеъ ба ин нусха дар заминаи иттилои донишманди мавсуф ба аҳли таҳқиқ хабар додаам [11, с. 71]. Аммо дар замони шӯравӣ ба он дастрасӣ ёфтан имкон надошт. Савумин касе, ки роҷеъ ба нусхаи мазкур изҳори назар кардааст, донишманди фақиди тоҷик Абдулманнони Насриддин мебошад. Ӯ дар мақолааш “Нақду тасҳеҳи осори Шайх Камоли Хуҷандӣ”, ки дар он тавсифи баъзе аз нусхаҳои дастнависи девони Камол ҳам оварда шудааст, роҷеъ ба нусхаи мавриди назар низ қадре муфассалтар мулоҳизоти худро баён доштааст [13, с. 267-268]. Ҳамчунин, адабиётшиноси зиндаёд Аълохон Афсаҳзод дар китобаш “Камоли Хуҷандӣ – устоди ғазал” хабар дода, ки бо кӯмаку мусоидати дӯстони эрониаш копияи ин нусхаро аз Китобхонаи Остони Қудс гирифтааст. Аммо аз он ҳеч истифода накарда ва роҷеъ ба мухтассоти он хабаре ҳам дарҷ накардааст [1, с. 12]. Банда ҳангоми сафаре, ки моҳи феврали соли 2015 ба Машҳад доштам, аз он нусха ёдам омад ва он бо ёрию мусоидати Нормуҳаммади Саидзода, ки аз тоҷикони муқими Машҳад аст ва дар Родиюи “Садои Хуросон” кор мекунад, рӯйи як диски компютерӣ оварда шуд. Он дискро Тоҷиддини Султонӣ – донишёри Донишгоҳи давлатии Хуҷанд, ки бо ман ҳамроҳ буд, соҳиб шуд ва копияи онро ӯ ба флеши ман андохт. Аммо вақте ба Душанбе баргаштам, он нусхаи дар флешбуда бидуни диск хонда нашуд. Вақте ки бори дигар мақолаи фавқуззикри устод Абдулманнони Насриддинро мутолиа кардам, маълумам шуд, ки як копияи нусхаи мавриди назарро замоне устоди мазкур аз дӯсташон оқои доктор Акбари Эронӣ дастрас намуда, назди худ ҳифз кардаанд. Банда он нусхаро аз доктори илми филология Фахриддин Абдулманнонӣ – писари устод дархост намудам ва эшон бо меҳрубонӣ ва кушодарӯйӣ онро бароям вогузор намуданд. Сарсабзию тавфиқ ҳамеша ёрашон бод!

Гуфтани он ҳам бамоҷост, ки нусхашиносони маъруфи эронӣ Аҳмад Гулчини Маонӣ ва Аҳмади Мунзавӣ дар феҳристҳои таҳиянамудаи худ санаи китобати ин нусхаро 800 ҳичрӣ таъйин кардаанд [10, с. 497; 12, с. 2498], ки баробар бо 1397-1398 м. аст. Ва бадеҳист, ки дар ин таърих Камоли Хуҷандӣ ҳанӯз зинда буд.

І-3-Зарурати таҳқиқ дар он дониста мешавад, ки гарчи тайи 60 соли ахир девони Камоли Хуҷандӣ борҳо дар Эрон, Русия ва Тоҷикистон чоп шудааст, вале то ҳол нусхаи қадимтарини девони Шайх Камоли Хуҷандӣ ба сурати саҳеҳ бар мабнои далелҳои муътамад дарёфт ва муаррифӣ ношуда боқӣ мондааст. Аҳамияти таҳқиқ дар он аст, ки барои аввалин бор тавассути ин мақола дараҷаи қидмат ва аз нигоҳи нусхашиносию матншиносӣ арзишманд будани нусхаи Остони Қудс ҳамаҷониба ба субут расонида мешавад.

ІІ. Баҳс ва баррасӣ. Ин ҷо мо бар иловаи мушоҳидоти устод Абдулманнони Насриддин баъзе мулоҳизоти мустақими худро, ки аз ошноӣ бо нусхаи қаламии девони Камоли Хуҷандӣ, ки ба шумораи 4739 дар китобхонаи Остони Қудси Разавии Машҳад нигаҳдорӣ мешавад, иброз медорем.

ІІ-1. Дар ҳақиқат, мумтозии девон дар доштани дебочаи мансур ба забони форсӣ аст. Матни дебоча нокомил буда, аввалу охири ин куҳнакитоб афтодааст, биноан номи котиб ва санаи дақиқи китобати нусха барои ҳамеша аз даст рафтааст. Ҳаҷми матни мавҷуди дебоча ҳамагӣ шаш сафҳа аст ва дар он роҷеъ ба мақоми азиме, ки Шайх Камол дар Табрез дошт ва ҳамчунин роҷеъ ба санаи ба Сарой рафтани ӯ ва таърихи бозгашти ӯ ба Табрез бо обу тоби ҳар чӣ тамомтар баён шуда ва ба Шайх Камол саломатӣ ва тӯли умр талабида шудааст.

Дебочаро мазмун ин аст, ки Камол бар асари фитнаву ошӯби воқеъшуда дар Табрез (ҳуҷуму тороҷи Тӯқтомиш дар назар аст) моҳи зулқаъдаи соли 787 ҳ. (декабри 1385м.) ба Сарой кӯч баст ва хоссу оми Озарбойҷон ғариқи дарёи фироқ гаштанд. Дар соли 798ҳ. (1396 м.) ӯ ба Табрез мурочиат кард ва ба расми қоидаи пешин саҷҷодаи иршод густарид ва боиси фараҳмандии фузалои он шаҳр гашт [2, в.12 б].

Иттилои мазкур дар бораи гуфтаҳои боло маъхази дасти аввал буда, бори дигар дар Сарой ба муддати 11 сол иқомат кардани Камолро тасдиқ мекунад. Фақат ҳукм бар он душвор аст, ки ин дебочаро худи котиб таълиф намуда ва ё ӯ аз рӯйи нусхаи мавҷудаи дигаре рӯнавис кардааст.

II-2. Оқои Эраҷи Гулисурхӣ ҳангоми чопи девони шоир нусхаи асос қарордодаашро, ки ба шумораи 266 маҳфуз дар китобхонаи Донишкадаи Шаҳид Мутаҳҳарӣ мебошад ва он ба хатти Алии Домғонӣ китобат шудааст, муаррифӣ намуда, оғози китобати онро 798/1395-1396 ва анҷомашро 821/ 1418 таъйин кардааст [5, с. 37]. Қадимтарин будани нусхаи мазкур аз рӯйи доштани ҳамон дебочаи таълифшуда дар замони ҳаёти шоир қазоват шудааст. Акси матни он дебочаро оқои Эраҷи Гулисурхӣ дар сафаҳоти аввали нусхаи чопии худ овардааст ва аз мутолиаи он маълум шуд, ки охири он мавҷуд аст ва мазмуни он бо матни дебочаи нусхаи Остони Қудс мувофиқат дорад, бо ин тафовут ки варақҳои нахустини он назар ба нусхаи Остони Қудс афтодагии бештар дорад. Ҳамчунин, дар матни дебочаи нусхаи Машҳад калимаву таркибҳои муродифӣ бештаранд ва бар илова баъзе ҷумлаву абёти арабӣ дида мешавад, ки дар дебочаи нусхаи Домғонӣ нест. Аз рӯйи ин ҳолот метавон ҳукм кард, ки муҳтавои матни дебочаи ҳар ду нусха метавонанд якдигарро такмил кунанд. Барои намуна зикр мекунем, ки дар в.6 а ва 6 б нусхаи Остони Қудс вақоеи дубора ба Табрез муроҷиат намудани Камол ва аз он хурсандиҳо кардани аҳли фазли он шаҳр баён шуда ва дар ҳамин ҷо матн қатъ шудааст. Идомаи матни дебочаро дар нусхаи Алии Домғонӣ мехонем:

“Пас, муридони мухлис ва муътақидони мутахассис он ғурари фавоиди собиқа бо дурари қалоиди лоҳиқа ҷамъ гардониданд ва он кавокиби савоқибро, ки чун банотуннаъш мутафарриқ буданд бар шаъни Сурайё, дар силки интизом кашиданд. Ва он дурари шоҳвор, ки чун қатароти амтори найсонӣ ба ақтори олам расида буд, садафе омода сохтанд ва он маҷмӯъро “Тарҷумону-л-ҳол ли асҳоби-л-Камол” ном ниҳоданд. Эзади субҳонаҳу ва азза шаънуҳу ҳазрати вилоятпаноҳиро бар мафрақи аҳли ислом мухалладу мустадом дорад ва хотири файёзи дурбини эшонро, ки бариди ҳазрати иззат ва сафири олами ғайбу шаҳодат ва ҷоми ҷаҳоннамои мулку малакут ва маҳбати асрори зилҷалоли ва-л-ҷабарут, аз шавоиби шакку шубҳат сиёнат кунод...” [5, с. 44-45].

Бояд арз шавад, ки вуҷуди ҳамин дебоча ва мазмуни он оқои Гулисурхиро бар он водошта, ки вақти оғози китобати онро ба дасти Алии Домғонӣ наздик ба замони муроҷиати Камол ба Табрез ҳадс бизанад. Аммо барои мо ҳақиқати мусаллам он аст, ки дар ин нусха санаи китобат (акси онро мавсуф овардааст) 821ҳ. сабт шудааст [5, с. 47]. Пас, пурсида мешавад, ки оё метавонад китобати як девон аз ҷониби котиби ҳирфавие чун Алии Домғонӣ 23 сол давом ёбад? Ҳақиқати воқеъ шудани ин амр, албатта, зери суол меравад. Аз ҳамин ҷо фарзияи тақаддуми замонӣ доштани нусхаи Остони Қудс, ки мавриди назари мост, нисбат ба нусхаи Алии Домғонӣ пеш меояд.

II-3. Барои таъйиди фарзияи мазкур он ҳам далел шуда метавонад, ки котиби нусхаи Остони Қудс шурӯъ аз варақи 55 б ба ҷойи «айзан лаҳу» борҳо ҷо-ҷо «ва лаҳу тоба сароҳу», «ва айзан тоба масвоҳу», «ва лаҳу нуввира марқадаҳу», «ва лаҳу тоба мазҷааҳу» ва «ва лаҳу қаддаса сирраҳу» навиштааст. Ин гуна суханон дар ҳаққи шахсони даргузашта гуфта мешаванд. Аз ин воқеият чунин фаҳмида мешавад, ки котиб пас аз китобати аз панҷ як ҳиссаи нусха хабари марги шоирро шунидаву аз таъсири он чунин амал кардааст. Аммо ин гуна манзара дар нусхаи Алии Домғонӣ ба назар намерасад, зеро агар чунин мебуд, оқои Гулисурхӣ ба ин мушаххасаи муҳимми нусхаи зери дасти худ ҳатман ишорае мекард. Ҷузъиёти баёншуда эҳтимоли наздик ба яқинеро маълум мекунад, ки котиби нусхаи Остони Қудс пас аз чанд моҳи реҳлати Камол кори китобатро ба охир расонидааст. Албатта, аз ин ҷо арзишу эътибори нусхаи мазкур бештар маълум мешавад.

II-4. Мушаххасоти матни нусхаи Остони Қудс бар иловаи чизҳое, ки устод Абдулманнони Насриддин навиштаанд, аз инҳо иборатанд:

– Дар саросари нусха нуқтаи ҳарфҳо ҳатман аз ҳам ҷудо ва нисбат ба он ҳолате, ки дар матнҳои замонҳои баъдӣ мебинем, қадре дуртар аз ҳам гузошта шудаанд.

–Ҳарфи «гоф» ҳама ҷо «коф», «чим» дар шакли «ҷим» аст; ҳарфи «син» бисёр вақтҳо зераш се нуқта дорад ва ҳарфи «шин» низ на ҳамеша бо нуқат мебошад. Аксаран ба ҷойи «пе» ҳарфи «бе» ва гоҳе баръакс сабт аст, гоҳе ҳарфи “дол” болояш нуқта дорад. Ҳар ҷо калимаи «каҷ» омада, котиб бидуни истисно «каж» навиштааст. Назар ба нишондоди донишмандони таърихи забон сабаби чунин сурат гирифтани китобати калимаи ахируззикр дар он аст, ки дар лаҳҷаҳои шимолу ғарбии забони форсӣ бо таъсири забони портӣ аз қадим овози «же» истеҳком дошт. Азбаски маҳалли китобати нусхаи мавриди назар Озарбойҷон буда ва дар ҳудуди ғарби Эрон ҷойгир аст, котиб шеваи талаффуз ва навишти бостонро ҳифз кардааст. Ҳолатҳои баршумурдашуда, албатта, намоёнгари воқеан қадимӣ будани нусха мебошанд.

– Котиб гоҳе пайвандаки пайвасткунандаро, ки муқаррараn, бо ҳарфи «вов» бояд ифода шавад, дар байни калимаҳои тамомшуда бо ҳарфи сомит нагузоштааст. Хонанда фақат аз рӯйи мантиқ метавонад онро барқарор намояд.

–Дар ибораҳои навъи «аз ӯ», «дар ӯ», «бар ӯ» барои ифодаи ҷонишини шахси сеюми танҳо бо сабти ҳарфи «вов» басанда кардааст, яъне пеш аз «вов» ҳарфи «алиф»-ро нагузоштааст. Ибораҳое, аз қабили «муҷиб аст», «гуноҳ аст», «равшан аст», «ширин аст» ва ғайра бидуни ҳарфи «алиф» ба ҳам пайваста шудаанд.

–Аҳёнан (ду ё се бор) ҷойи мисраъҳои абёт иваз шудаанд, ки ин ҳолат аз бедиққатии котиб ё ҳамчун амри тасодуф рух додааст.

–Котиб дар раванди кораш, агар дида, ки калимае аз қаламаш афтод, онро рӯ ба рӯйи мисраи марбута дар ҳошия навиштааст.

–Дар матни нусха ғазалҳои зерин дар ҷойҳои гуногун такроран китобат шудаанд: «Аз пеши ман он шӯх чу таъҷилкунон рафт»; «Дарди ман гӯед бо ёрон, ки дармон ёфт нест»; «Даромад аз дари арбоби хирқа ногаҳ дӯст»; «Аз лабаш ҳар гаҳ, ки хоҳам бӯса, дашномам диҳад»; «Эй хатти ту сабзии хони бало»; «Эй зи ғамат дил ба ҷафо мубтало».

–Аҳёнан котиб ҷойи калимае ё мисраеро, ки хонда натавониста, холӣ гузоштааст ва чунин рафтори ӯ аз эҳсоси масъулият ва амонатдорияш дарак медиҳад. Ангор ӯ хоста, ки пас аз анҷоми китобати девон онро бозхонӣ намуда, холигиҳоро дар муқоиса бо соири нусах такмил намояд. Аммо маълум мешавад, ки ӯ як чунин кореро анҷом надодааст. Бинобар ин, шакли нусха бетағйир боқӣ мондааст.

–Дар матни девон ғалатҳои фоҳиши носих, аз қабили ба маънои байт тамоман ночаспон омадани баъзе калимаҳо, аз қабили «Лаби шакарлабу бодомчашми мушкинхол» (аслан, «лаб» неву «бут» аст); «Бе лабат гар шуд лаболаб гавҳари ашкам равост» (аслан, «соғари чашмам»); «Ба зери по чу шукуфтӣ дилам, бурид зи ҷон» (аслаш «чу шикастӣ») ва ғайра ба чашм мерасанд, ки онҳоро дар қиёс бо нусахи дигар осон ислоҳ метавон кард.

–Носих ҳамеша, шояд бо мақсади сарфаи вақти худ ва соҳати коғаз, радифи ғазалро як бор дар матлаъ сабт карда, дар байтҳои баъдӣ аз сабти он сарфи назар кардааст.

–Девон аз рӯйи алифбои таҳаҷҷӣ мураттаб шудааст ва мутобиқан тазаккуроти «ҳарф-ул-алиф», «ҳарф-ул-бо», «ҳарф-ут-то» ва ғайра то ҳарфи «йо» ҳамчун сарҳалқа сабт шудааст. Аз муоинаи матни девон маълум мешавад, ки носих дар кори худ ҳарфи оғозини ғазалҳоро дар дохили ҳар ҳалқа ба эътибор гирифтааст, вале ба ҳамин равиш комилан содиқ намондааст, баъзе ноҷӯриҳо, яъне пасу пеш овардани ғазалҳо ҳаст. Ҷойи гуфтани он ҳам ҳаст, ки чунин амал дар замони котиб айб шуморида намешуд.

–Фарқи ин нусха аз нусахи дигар боз дар он аст, ки ба ҳарфҳои «нун» (ں) ва «ҳои ҳавваз» (ہ)ҳеч ғазал надорад. Дидани чунин ҳол касро ба хулосае меорад, ки авроқи ғазалҳои марбути ҳуруфи мазкур аз девон афтодаанд. Аз ҷумла, устоди фақид Абдулманнони Насриддин низ натиҷа гирифтаанд, ки “баъзе авроқи нусха аз мобайн афтодааст” [13, с.268]. Аммо дар асл ин тавр набудааст. Таҳқиқи ин масъала чизи дигареро маълум мекунад. Ба назари мо, котиби нусха (дар в.200 а) бо китобати чор байти ғазали «Шабе ногаҳ даромад аз дар он дилдори маҳрӯям», ки рӯйи варақ тамом шудааст, корро қатъ намуда, ба тафреҳ ё умури ғайре машғул шудааст. Дар ҳамин муддат як миқдор ғазалҳои дигари ба ҳарфи «шин» ва соири ҳуруф сурудаи Камол ба дасташ расидаанд. Ва дар мавқеи нишастан ба идомаи кор, эҳтимол котиб китобати ғазалҳои бахши «ҳарфи мим»-ро баохиррасида пиндошта, дар рикобаи (дар кунҷи ҳошияи зерини) ҳамон сафҳа калимаи «дило»-ро сабт намудааст ва аз пушти он сафҳа ғазалҳои тозарасидаро навиштан гирифтааст. Воқеан ҳам ғазали аввали ҳамин қисмат бо лафзи «дило» оғоз меёбад:

Дило, насими саодат вазид, ҳозир бош!
Расид мужда, ки дилбар расид, ҳозир бош! [200 б].

Бояд гӯем, ки рикобаи мазкур ҷаълӣ нест, бо хатти соири матни нусха мутобиқат дорад. Ҳамин тартиб, чандин ғазал ба ҳарфи «шин», «вов» ва «алиф» китобат шудааст. Баъдан, дар вараки 207а аз васати сафҳа дар дохили ҷадвал «ҳарф-ул-йо» сабт намуда, ҳамаи ғазалҳои ба ин ҳарф доштаашро овардааст. Қисмати «Ғазалиёт»-и нусха бо ғазали «Чӣ муҷиб аст, ки ҳеч илтифоти мо накунӣ,-Тараҳҳуме ба ғарибони бенаво накунӣ» ба охир расидааст ва бахши «Фи-л-муқаттаъот» на аз сафҳаи нав, балки дар ҳамин сафҳа, аз поёни ғазали охирин шурӯъ мешавад.

Бо ин ҳама гуфтанием, ки матни қисмати ғазалиёти ин нусхаи девони Камол авроқи афтода надорад. Шакли аввали саҳҳофишудааш ҳамин гуна будааст, ки ҳаст. Тавре

болотар ҳам ишора рафт, котиб нусхаи фароҳамовардаашро бозхонӣ накардааст ва дар натиҷа чунин беназмиҳо ислоҳношуда боқӣ мондаанд.

II-5. Тавре аз мулоҳизоти боло бармеояд, нусхаи Остони Қудси Разавӣ дар ҳоли ҳозир нусхаи марбут ба замони фаъолияти шоирии Шайх Камоли Хуҷандӣ ва муътамад мебошад. Устоди зиндаёд Абдулманнони Насриддин низ бар ин нусха арҷи махсус қоил шуда, таъкид бар он доштаанд, ки истифодаи он дар тасҳеҳу нашри тозаи девони шоир аҳли таҳқиқро барои ироаи матни ба асл наздик кумаки фаровон хоҳад кард [13, с. 268]. Нусха ҳовии 2 қасида, 745 ғазал (аз онҳо якеаш мустазод), 86 қитъа ва 11 рубоӣ мебошад. Ҳаҷми нусха 247 варақ, андозааш 22х13 см., матни рӯйи ҳар сафҳа 13-14 сатрӣ аст. Коғазаш нахӯдӣ, ановин заррин, ҷадвалҳо бо мураккаботи лоҷувард, шингарф ва зангор аст.

Тавре ки фавқан ишора рафт, нусхаи мазкур дар таҳия ва нашри ҳеч кадом матни илмӣ-интиқодӣ ва оммавии девони шоир то ҳол истифода нашудааст (бори аввал он аз тарафи мо ҳини таҳияи нашри оммавии девони Камол дар силсилаи “Ахтарони адаб” ба чоп омода гардид ва он дар соли 2015 тавассути нашриёти “Адиб” ба табъ расид) [9].

Чунонки ба он ишора рафт, дар нусхаи Остони Қудс тартиби ҷойгиршавии ғазалҳо махлут аст, биноан онҳоро аз нав ҷо ба ҷо кардан имкон дорад. Ногуфта нагузорем, ки тартиби ҷойгирии абёти аксари ғазалҳо дар ин нусха аз соири нусах фарқ мекунад. Аммо бо назардошти қидмати нусха ҳангоми нашри девони Камол сохтори ғазалҳои ҳамин нусхаро ҳифз намудан беҳтар аст. Мумтозии ин нусха нисбат ба соири нусахи девони Камол боз дар он аст, ки аксари ғазалҳо ҳафтбайтианд. Маълум аст, ки худи шоир ба ҳафтбайтӣ будани ғазалҳояш бисёр таъкид кардааст. Чунончи: “Маро ҳаст аксар ғазал ҳафт байт...” [6, с. 420]; “Ҳафтбайт омад ғазалҳои Камол...” [6, с. 421]; “Пора созанд аҳли маънӣ ҷомаҳо бар тан, Камол,-Гар бихонад ҳафт байти ту ғазалхоне дуруст” [6, с. 54]; “Гуфтаҳои ту, ки бо он задаӣ сикка, Камол,-Ҳафт-ҳафт аст, вале чун зари холис даҳ-даҳ” [6, с. 364]. Барои матншиносии ғазалҳои Камол ин нукта бисёр муҳим аст. Дар нусхаи мазкур баъзе ғазалҳо панҷбайтианд, вале дар дигар нусхаҳо баъзеи онҳо шашбайтӣ мебошанд ва дар чунин ҳолат ғазали нусхаи Машҳадро қабул намудан авлост, зеро Камол ба ғазалҳои панҷбайтӣ доштанаш низ ишораҳои сареҳ дорад: “Камол, ин панҷ байт он “Панҷ ганҷ” аст,-Ки монда ёдгоре аз Низомӣ”[4, Ҷ.2, с.472].

II-6. Дар бисёр мавридҳо бартарии нусхаи мо аз соири нусах, ҳатто аз нусхаи мавриди истифодаи оқои Эраҷи Гулисурхӣ ошкор аст. Инро дар мисоли як байт нишон додан мумкин аст. Чунончи, дар нусхаи чопии оқои Азизи Давлатободӣ шакли он чунин аст:

Гуфтӣ: Аз сар гузарад дар ҳаваси ёр Камол,
Сар чӣ бошад, зи сари ҷону ҷаҳон ҳам гузарад [6, с.136].

Дар нусхаи чопии оқои Шедфар:

Гуфтӣ: Аз сар гузарад дар талаби дӯст Камол,
Сар чӣ бошад, зи сару ҷону ҷаҳон ҳам гузарад [3, с.349].

Дар нусхаи чопии устодон Ш.Ҳусейнзода ва С.Асадуллоев:

Гуфтӣ: Аз сар бигузар дар талаби дӯст, Камол,
Сар чӣ бошад, зи сари ҷону ҷаҳон ҳам гузарад [4, Ҷ. 1, с.341].

Дар нусхаи чопии оқои Гулисурхӣ:

Гуфтӣ: Аз сар гузарад дар ҳаваси ёр Камол.
Сар чӣ бошад, зи сару ҷону ҷаҳон ҳам гузарад [5, с. 427].

Дар ҳар ду нусхаи чопи Хуҷанд:

Гуфтӣ: Аз сар гузарад дар талаби дӯст Камол,
Сар чӣ бошад, зи сару ҷону ҷаҳон ҳам гузарад [7, с.208; 8, с.426].

Тавре аён аст, дар ҳамаи нусхаҳои фавқуззикр ё дар ҳар ду мисраъ ё дар мисраи дуюм таъқидоти лафзӣ дида мешавад. Дар нусхаи Давлатободӣ ва Гулисурхӣ «ҳаваси ёр» маъниаш сабук аст. Ба ҷойи он, чӣ тавре ки дар баъзе нусах мебинем, «талаби дӯст» маънои комили ирфонӣ дорад, зеро солик нисбат ба ёр ё дӯст ҳавас надорад, балки ҳамеша дар талаби ӯст. Дар мисраи дуюми намунаҳои фавқ «сар», ки дар аввали мисраъ омадааст, бо «ҷон» маънои муродифӣ дорад. Яъне, дар як мисраъ омадани ду мафҳуми ҳаммаъно лутфе надорад. Дар мисраи дуюми нусхаи Гулисурхӣ ва чопи Хуҷанд, ки «зи сару ҷону ҷаҳон» омадааст, тамоман хароб аст. Чӣ гуна мешудааст, ки шахси як бор аз баҳри сар баромада бори дигар аз сару ҷонаш бигзарад? Шакли комилан дурусти он дар нусхаи Остони Қудс сабт аст:

Гуфтӣ: Аз сар гузарад дар талаби дӯст Камол,
Сар чӣ бошад, зи сари ҳар ду ҷаҳон ҳам гузарад [2,в.93 б].

Далели боз ҳам гӯётари сабқати замонии нусхаи Остони Қудс аз нусхаи Гулисурхӣ вуҷуди ҳолати зайл аст. Дар ҳамаи нусхаҳо, аз ҷумла дар нусхаи Гулисурхӣ чунин байте ҳаст:

“Эй ки гуфтӣ, бибарам қиссаи худро ба табиб,
*Мабар ин дард, ки корам зи мудово бигузашт” [*5, с. 247].

Ҳамин байтро дар нусхаи мо мехонем:

“Эй ки гуфтӣ: Бибарам қиссаи ту пеши табиб,
*Биҳил ин кор, ки ранҷам зи мудово бигузашт” [*2, в.36 б].

Дар нусхаи Гулисурхӣ таносуби мисраъҳо вайрон аст, зеро «қисса» ба мухотаб нисбат пайдо кардааст, на ба шахсияти ғиноӣ. Боз шоир гуфтан дорад, ки масъаларо пеши табиб мабар, ки дарди маро илоҷ нест. Байти нусхаи мо чунин парешгуфторӣ надорад ва асолати худро ҳифз кардааст.

Дар нусхаи Гулисурхӣ байтеро дар шакли зер мебинем, ки дар маъно лутфи Камолона нест:

“Бигӯй бо магасони лаб, эй шакаргуфтор,
*Ки нозук аст рухи ман, аз он тараф мапаред” [*5, с. 429].

Шакли саҳеҳи он дар нусхаи мо дида мешавад ва он ин аст:

“Бигӯй бо магасон, эй лаби шакаргуфтор,
*Ки нозук аст рухи ёр, аз он тараф мапаред” [*в.91 б].

Аз ҳамин ҷо худ равшан мешавад, ки кадоме аз ин нусхаҳо саҳеҳтар аст. Тааҷҷубовар ин, ки байти мазкур дар нусхаҳои Давлатободӣ [6, с. 207], Шедфар [3, с. 351], устодон Ҳусейнзодаву Асадуллоев [4, Ҷ. 1, с. 343] ва ҳамчунин дар ҳар ду чопи Хуҷанд [7, с. 209; 8, с. 428] шакли зайлро дорад:

“Бигӯй бо магасони лаби шакаргуфтор,
Ки нозук аст рухи ёр, аз он тараф мапаред”.

Дар зерварақи матнҳои интиқодии девон вобаста ба чунин вазъ аз ҳолати соири нусхаҳои дастнавис зикре нарафтааст. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар ҳамаи нусахи дастнавис (ба ғайр аз нусхаи мо) байт шакли дигаре надорад.

Дар ҳамаи нусхаҳо, аз ҷумла дар нусхаи Давлатободӣ [6, с. 15] ва Гулисурхӣ [5, с. 189] байте чунин шакл дорад:

Чун муроди дӯст ҷон афшондан аст аз дӯстон,
Зудтар дарёб, ҷони ман, ризои дӯстро.

Шакли дурусти он фақат дар нусхаи мо чунин омадааст:

Чун муроди дӯст ҷон афшондан аст аз баҳри дӯст,
Зудтар дарёб, ҷони ман, ризои дӯстро [2, в.19 б].

Таваҷҷуҳ шавад ба байти дигар, ки дар аксари нусхаҳо [6, с. 201; 4, Ҷ. 2, с. 5; ...] чунин сабт аст:

“Бод гарде, ки зи хоки раҳаш овард ба чашм,
Чашм доред, ки куҳли басаре меояд”.

Ҳолати булаҷабтари ин байтро дар нусхаи чопи аввали Хуҷанд мебинем:

“Бод гарде, ки зи хоки раҳаш овард ба чашм,
Чашм доред, ки аҳзони басаре меояд” [7, с. 301].

Дар мисраи дуюм, ҳам маъно хароб асту ҳам вазн. Дар чопи дуюмаш [8, с. 626] «аҳзон»-ро ба «куҳл» ислоҳ кардаанд.

Ҳамин байт дар нусхаи мо:

“Бод ҳар гард, ки меорад аз он хоки қадам,
Чашм доред, ки куҳли басаре меояд” [2, в.126 а].

Саломат ва фасоҳату латофати байти нусхаи мо дар қиёс бо соири нусах ошкору ҳувайдост.

Як мисоли дигар меорем. Дар нусхаҳои Давлатободӣ [6, с. 132], Шедфар [3, с. 458] ва Гулисурхӣ [5, с. 542]:

З-он миён нест нишонею сухан нест дар он,
Сухан он ҷост касеро, ки даҳоне дорад.

Дар нусхаи Ш.Ҳусейнзода ва С.Асадуллоев [4/1, с.470] ва ҳар ду чопи Хуҷанд [7, с. 278; 8, с. 578]:

З-он миён нест нишоневу сухан ҳаст дар он,
Сухан он ҷост касеро, ки даҳоне дорад.

Дар назари аввал чунин ба назар мерасад, ки шакли ҳар ду байт дуруст аст. Нодурустии онҳо дар қиёс бо нусхаи мо қобили фаҳм мегардад:

З-он даҳан нест нишону сухане нест дар он,
Сухан он ҷост касеро, ки даҳоне дорад [2, в.104 б].

Дар ин шакл байт комилан дуруст аст. Фақат ҳаминро мегӯему мегузарем, ки дар он маънии дақиқи ирфонӣ нуҳуфтааст.

Дар ҳамаи нусхаҳое, ки мо муқоиса кардем, байти зайл чунин сабт шудааст:

Қимати банда чӣ донад, ки ба сад ҷони азиз
Ҳам насими сари як мӯйи ту бифрӯхта бод!

Дар ислоҳи ин байт нусхаи мо кумак мерасонад. Дар он чунин омадааст:

Қимати банда чӣ донад, ки ба сад ҷони азиз
Ҳам ба сими сари як мӯйи ту бифрӯхта бод! [2,в.106 б].

Дар ҳамаи нусхаҳо ба шумули нусхаи Гулисурхӣ ва ҳар ду чопи Хуҷанд байте чунин омадааст:

Саводи чашми ман аз гиря шуд тару абтар,
Кунун муҳаррири ашкам ҳамебарад ба баёз.

Фақат дар нусхаи мо аст, ки ба ҷойи «тару абтар» «чу сафҳа сафед» сабт шудааст [2, в.165а] ва дар саҳеҳии он шакке нест.

Дар ҳар ду нусхаи чопи Хуҷанд [7, с. 197; 8, с. 402] ғазале аз чопи оқои Карамӣ оварда шудааст, ки дар баъзе мисраъҳои он ғалатҳо ҳаст. Ду байти онро дар зер меорем:

Имшаб он моҳи дилафрӯз ба меҳмони кӣ буд?
Хатти ӯ сабзии лабҳои намакдони кӣ буд?...
Сӯхтам аз ғаму дардаш нашуд ин нукта ҳанӯз,
Ки шаб он шамъи шакарлаб ба гулистони кӣ буд?

Сурати саҳеҳи он дар нусхаи мо омадааст:

Имшаб он моҳи дилафрӯз ба меҳмони кӣ буд?
Хатти ӯ сабзии дилҳо, намаки хони кӣ буд?...
Сӯхтам аз ғаму дардаш нашуд ин нукта ҳанӯз,
Ки шаб он шамъи шакарлаб ба шабистони кӣ буд? [2,в.143 а].

Як нуктаи бас ҷолиби дигар ин, ки матни як байти машҳури Камол дар нусхаҳои дастнавису чопӣ гуна-гуна сабт шудааст. Чунончи, дар нусхаи Давлатободӣ:

Дар лутфи табъ Саъдии Шерозӣ, эй Камол,
Бовар намекунанд, ки гӯйӣ, хуҷандиям [6, с.303].

Дар шакли боло лафзи «Шерозӣ»-ро бо задаи «о» бихонем, маъно равшан мешавад. Дар нусхаи Шедфар [3, с. 719] низ ҳамин тавр аст.

Дар нусхаи устодон Ш.Ҳусейнзодаву С.Асадуллоев ба сурати зайл аст, ки он ҳам лутфи Камолона дорад:

Бо лутфи табъ мардуми Шероз аз Камол
Бовар намекунанд, ки гӯяд, хуҷандиям [4, Ҷ.2,с.196].

Дар нусхаи Гулисурхӣ бо костии вазн ва ихлоли маънӣ омадааст:

Дар лутфи табъ Саъдии Шерозӣ, Камол,
Бовар намекунанд, ки гӯйӣ хуҷандиям [5, с. 739].

Дар чопи аввали Хуҷанд чунин шакл дорад:

Бо лутфи табъ мардуми Шероз, эй Камол,
Бовар намекунанд, ки гӯӣ, Хуҷандиям [7, с. 406].

Дар чопи дуюми Хуҷанд чунин омадааст, ки саҳеҳ нест:

Бо лутфи табъ мардуми Шероз аз Камол,
Бовар намекунанд, ки гӯӣ, Хуҷандиям [8, с. 854].

Дар нусхаи мо маънии байт хеле равшану возеҳ аст:

Дар лутфи табъ Саъдии Шерозиӣ, Камол,
Бовар намекунанд, ки гӯйӣ, хуҷандиям [в.184 б].

III. Натиҷагирӣ. Аз ин мулоҳизаҳо, ки бо далелҳои мушаххас баён кардем, ба чунин натаҷа расидан мумкин аст, ки аз ҳама қадимтарин нусхаи дастнависи девони Шайх Камоли Хуҷандӣ, ки дар замони дар қайди ҳаёт будани ин шоир китобати он шурӯъ шудааст ва муддате баъд аз даргузашти ӯ истинсохи он ба итмом расида, ҳамин нусха, яъне нусхаи шумораи 4739 китобхонаи Остони Қудси Разавии Машҳад мебошад. Ҷолибияти дигари ин нусха дар он аст, ки он дар макони будубоши асосии Камол, яъне шаҳри Табрез китобат шудааст. Воқеияти чунин ҳол низ бар дурустӣ ва эътимоднок будани матни нусхаи мазкур метавонад коргар бошад. Рӯйи ин гуфтаҳо ҳукми саҳеҳу сареҳ чунин аст, ки нусхаи Остони Қудс ҳангоми таҳияи муҷаддади матни илмӣ-интиқодии девони Шайх Камоли Хуҷандӣ ҳамчун нусхаи қадими муътамад (архетип) метавонад мавриди истифода қарор бигирад.

А Д А Б И Ё Т

1. Афсаҳзод, Аълохон. Камоли Хуҷандӣ – устоди ғазал. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 289 с.
2. Камоли Хуҷандӣ. Девон. Нусхаи дастнависи китобхонаи Остони Қудси Разавии Машҳад. – Шумораи 4739. – 247 в.
3. Камоли Хуҷандӣ Девон. Дар 2 муҷаллад ва 4 китоб, матни илмӣ-интиқодӣ; ба тасҳеҳи К.Шедфар. Чопи аввал. –Маскав: Дониш, 1975. – 1160 с.
4. Камоли Хуҷандӣ. Девон. Дар 2 муҷаллад, матни илмӣ-интиқодӣ; ба тасҳеҳи Ш.Ҳусейнзода ва С.Асадуллоев. Чопи аввал. –Душанбе: Ирфон, 1986. Ҷ.1. -512 с; 1987. Ҷ. 2. -552 с.
5. Камоли Хуҷандӣ. Девон. Дар 2 муҷаллад; ба эҳтимоми Эраҷи Гулисурхӣ. Чопи аввал. –Теҳрон: Суруш. – 654 с.
6. Камоли Хуҷандӣ. Девон: ба тасҳеҳи Азизи Давлатободӣ. Чопи аввал. - Теҳрон: Интишороти вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ, 1375 ҳ.ш. – 480 с.
7. Камоли Хуҷандӣ. Девон; таҳия ва тасҳеҳи А.Суруш ва С.Саидов. Чопи аввал. - Хуҷанд: Андеша, 2011. – 631 с.
8. Камоли Хуҷандӣ. Девон; таҳия ва тасҳеҳи А.Суруш. Чопи дуввум. - Хуҷанд: Хуросон, 2015. – 824 с.
9. Камоли Хуҷандӣ. Девон; бо муқаддима, таҳия ва тасҳеҳи Б.Мақсудов. Чопи аввал. - Душанбе: Адиб, 2015. – 480 с.
10. Маъонӣ, Аҳмад Гулчин. Феҳристи кутуби хаттии китобхонаи Остони Қудси Разавӣ. Ҷилди 7 (1). – Машҳад: Чопхонаи Тӯс, 1346 ҳ.ш. – 562 с.
11. Мақсудов, Б. Рӯзгор ва осори Камоли Хуҷандӣ. / Б.Мақсудов. - Душанбе: Сино, 1994. Чопи аввал. – 168 с.
12. Мунзавӣ Аҳмад. Феҳристи нусхаҳои хаттии форсӣ. Дар 6 ҷилд. - Ҷилди 3. - Теҳрон: Муассисаи фарҳанги минтақаӣ, 1350 ҳ.ш. – С. 2151-2531.
13. Насриддин Абдулманнон. Нақду тасҳеҳи осори Шайх Камоли Хуҷандӣ // Матншиносии осори адабӣ. – Хуҷанд: Ношир. 2009. – С. 260-282.

ЯК НУСХАИ ДАСТНАВИСИ ҚАДИМИ ДЕВОНИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ ВА АҲАМИЯТИ ОН

Мақолаи ҳозир қадимтарин нусхаи дастнависи девони Шайх Камоли Хуҷандӣ - шоири орифи ғазалсарои қарни ҳашти ҳичриро (ваф. 803/1400-1401), ки таҳти шумораи 4739 дар китобхонаи Остони Қудси Разавии Машҳад нигаҳдорӣ мешавад, баррасӣ мекунад. Зарурати таҳқиқ дар он дониста мешавад, ки масъалаи таъйин намудани нусхаи қадимтарини девони Шайх Камоли Хуҷандӣ то ҳол ҳалношуда боқӣ мондааст. Аҳамияти таҳқиқ дар он аст, ки барои аввалин бор тавассути ин мақола дарачаи қидмат ва аз нигоҳи нусхашиносӣ, палеографӣ ва матншиносӣ арзишманд будани нусхаи Остони Қудс бо далелҳои муътамад ба субут расонида мешавад. Аз дастёбӣ ба ин нусха ва таҳқиқи муқоисавии (татбиқии) он бо нусахи хаттии қадиму муътабари то ин вақт маълуми шоир муаллифи мақола чунин натиҷа гирифт, ки нусхаи Машҳад нисбат ба ҳамаи нусхаҳои девони Камоли Хуҷандӣ қадимитар мебошад. Китобати ин нусха дар моҳҳои ахири зиндагии шоир аз ҷониби котиби номаълуме дар макони асосии иқомати ӯ (Табрез) шурӯъ гардида, пас аз даргузашти шоир ба анҷом расидааст. Ин нусха сарфи назар аз баъзе иштибоҳоти котиб, ки ҳангоми истинсох содир намудааст, нусхаи боэътимод, баарзиш, камғалат ва дорои мухтассоти китобати мунҳасир ба фард буда, ба асли сухани шоир наздик мебошад. Он 247 барга дорад ва ҳовии 2 қасида, 745 ғазал, 85 қитъа ва 11 рубоӣ аст. Муаллифи мақола бо овардани далелҳои маҳкам имтиёзи нусхаи мазкурро бар соири нусах, ҳатто нусхаи шумораи 266 китобхонаи Донишкадаи шаҳид Мутаҳҳарӣ ба хатти Алии Домғонӣ (ки онро марҳум Эраҷи Гулисурхӣ дар вақташ ҳини чопи замонавии девони Камол протограф ҳисобида буд), нишон додааст. Бо вуҷуди чунин бартариҳо, нусхаи мазкур то ба имрӯз аз назари камолшиносон ба дур мондааст ва ҳангоми таҳия ва нашри гуногуни матни девони шоир, ки дар Табрез (1337 ва 1375ҳ.ш.), Маскав (1975 м.), Душанбе (1983-1985; 1986-1987 м....), Теҳрон (1372; 1374... ҳ.ш.), Хуҷанд (2011; 2015 м.) борҳо сурат гирифтааст, аз он сарфи назар шудааст. Аз ин рӯ, нусхаи мазкур дар камолшиносӣ бозёфти тозаест.

Калидвожаҳо: Камол, девон, нусхаи қадим, Остони Қудс, муқоиса, бозёфт.

ОБ ОДНОЙ УНИКАЛЬНОЙ РУКОПИСИ ДИВАНА КАМОЛА ХУДЖАНДИ И ЕЕ ЗНАЧЕНИИ

В предлагаемой статье рассматривается предположительно древнейшая рукопись дивана стихов поэта-лирика XIV века Шейха Камола Худжанди (ум. в 1400-1401 г.), которая хранится под инв. № 4739 в библиотеке Остан-е Кудсс-е Разави в Мешхеде. Актуальность этой статьи заключается в том, что до сегодняшнего дня остается открытым вопрос об определении древнейшего списка дивана Камола Худжанди. Научная значимость предмета исследования видится в том, что впервые в предлагаемой статье определяется степень уникальности этого списка и убедительными доводами доказывается ее кодикологические и текстологические достоинства. Доступ к этой рукописи и ее сравнительное изучение с другими, до сих пор считавшимися достоверными списками дивана Камола Худжанди, привели автора статьи к такому заключению, что мешхедская рукопись является самым древним списком дивана поэта. Переписывание или, скорее всего, составления данного сборника началось в конце жизни Камола со стороны неизвестного переписчика в Тебрезе и завершилось вскоре после кончины поэта. Этот список, невзирая на некоторые погрешности, допущенные переписчиком, является наиболее достоверным, ценным, мало ошибочным и с индивидуальными особенностями переписывания. Поэтому стихотворения данного списка можно считать самыми близкими к истинным словам поэта. Список имеет 247 листов и содержит 2 касыды, 745 газелей, 85 кит'а, и 11 рубаи. К сожалению, этот список, несмотря на свое превосходство, до сих пор оставался незатронутым и не использованным при различных изданиях дивана поэта, которые осуществлены в Тебрезе (1958), Москве (1975), Душанбе (1983-1985;1986-1987), Тегеране (1993;1994;1996…), Худжанде (2011; 2015). С учетом вышесказанных и других доводов автора, приведенных в статье, данный список в камоловедении является ценной находкой.

Ключевые слова: Камол, диван, древний список, Остан Кудс, сравнение, находки.

ABOUT A UNIQUE MANUSCRIPT OF KAMOLI KHUJANDI AND ITS SIGNIFICANCE

In this article the ancient manuscript of supposedly the oldest divan of poetry of lyrical poet of XIV century Sheikh Kamoli Khujandi (died in 1400-1401) has been considered, which is stored under the inventory number 4739 in Austan Qudss-e Razavi Library in Mashhad. The relevance of this article lays in the fact that up to this day an issue of determining the copy of ancient Kamol Khugandi's divan remains to be opened. The scientific importance of the research subject is seen in the fact that for the first time in the given article the degree of uniqueness of this copy determined and by convincing arguments its codicological and textual merits is proved. The access to this manuscript and its comparative study with the other copy of Kamoli Khujandi's divan still believed to be accurate led the author of the article to the following conclusion that the oldest manuscript in Mashhad was considered to be the most ancient copy of the poet's divan. Rewriting or probably compiling of this collection began at the end of Kamol's life by an unknown copyist in Tabriz, and ended shortly after the death of the poet. This copy, in spite of some errors committed by the copyist, is the most authentic, precious and less erroneous copy with the individual characteristics of rewriting. Therefore, the poems of this copy can be considered the closest to the true words of the poet. The copy has 247 sheets and contains 2 qasidas, 745 gazelles, 85 kit'as and 11 rubbayes. Unfortunately, this copy, despite its advantages, still remained untouched, and was not used in the various editions of the poet's divan, which had been implemented in Tabriz (1958), Moscow (1975), Dushanbe (1984-1985; 1986-1987), Tehran (1993; 1994; 1996 ...), Khujand (2011; 2015), taking into account aforesaid and other reasons cited in the article by the author this copy is a valuable find in Kamol's research.

Key words: Kamol, divan, ancient copy, Austan Qudss, the comparison, find.

Сведения об авторе: ***Максудов Бадриддин*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры истории таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **Maksudov-56@mail.ru**. Тел.: **(+992) 919-13-98-19**

Information about the author: ***Maksudov Badriddin*** - Tajik National University, Doctor of Philology, Professor of the Department of History of Tajik Literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **Maksudov-56@mail.ru.** Tel.: **(+992) 919-13-98-19**

УДК: 891.550-1: 82

СОХТОР ВА МУҲТАВОИ "РАВЗАТ-УШ-ШУҲАДО"-И ҲУСАЙН ВОИЗИ КОШИФӢ

Абдуқодирзода Саидмукаррам
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Камолиддин Ҳусайн ибни Алӣ Кошифии Сабзавории Байҳақии Воиз машҳур ба Мулло Ҳусайни Кошифӣ (соли таваллудаш: тақрибан 1420-вафоташ: 1505) аз ҷумлаи донишмандони соҳибноме маҳсуб мешавад, ки дар таърихи илму адаби форсии тоҷикӣ мақоми шоистаеро касб кардаанд. Вай донишманди пуркор ва огоҳ аз равишҳои маърифатии калом дар урфи порсию арабӣ буда, аз худ ба пасояндагон таснифоту таълифоти фаровони мондагор ба мерос гузоштааст. Доираи мавзӯоти мундариҷ дар асарҳои ӯ бениҳоят густарда буда, дар он миён яке аз шохаҳои муҳимтаринашро асарҳои динӣ дар бар мегирад. Ба қалами ин донишманди шаҳир ба ғайр аз се китоби тафсир [7; 4; 5], ки мавзӯи баҳси ҷудогонаанд, дар мавзӯъҳои гуногуни мазмуни динидошта асарҳои зиёде, ба мисли "ар-Рисолат-ул-алийя фӣ-л-аҳодис-ин-набавийя" (дар илми ҳадис), "Усули нақшбандия" (дар зикри ақоиди силсилаи нақшбандия ва нашри андешаҳои онҳо),"Марсад-ал-асно фӣ истихроҷ асмо-ил-ҳусно", "Туҳфат-ус-салавот", "Фазл-ус-салот алан-Набӣ (с)", расоил дар адвору адъия ва ғайра нигошта шудаанд, ки ҳар кадом қимати илмию адабии вижаеро молик ҳастанд. Аз ин ҷиҳат, кулли асарҳои мазкур ба сурати ҷудогона қобили баррасӣ ва муаррифӣ мебошанд. Дар он миён яке аз китобҳои машҳури Ҳусайн Воизи Кошифӣ "Равзат-уш-шуҳадо" [8] мебошад, ки дар идома ба баррасии он пардохта мешавад.

Китоби "Равзат-уш-шуҳадо"-ро Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар соли 908 ҳиҷрӣ, мутобиқ ба 1502-1503 мелодӣ дар Табрез ва ба номи Мирзо Муршидиддин Абдуллоҳ, набераи духтарии Султон Ҳусайн Мирзои Бойқаро навиштааст [2, с. 525]. Таърихи мазкур аз поёни умри муаллиф дарак медиҳад ва аз ин ҷо маълум мешавад, ки он ҳосили охирин солҳои зиндагии муаллиф мебошад. Дар хусуси дар авохири умри худ таълиф кардани китоби мазкур худи Кошифӣ дар асар ба таври возеҳ хабар додааст [8, с. 354].

Бинобар он ки муҳтавои "Равзат-уш-шуҳадо" ба воқеаҳои Карбало ва "мусибати аҳли байт" низ ихтисос дорад, ин китоб дар миёни аҳли ташайюъ аз маъруфияти зиёде бархурдор мебошад. Маъруфияти асари мазкур дар миёни аҳли ташайюъ, бахусус, ба воқеаи таърихии ҳамчун идеологияи асосии давлатӣ қабул гардидани мазҳаби ташайюъ дар аҳди Сафавиён бастагӣ дорад. Аз ҳамин мабдаи таърихӣ ба баъд, ки оғози он аз

давраи ба арсаи сиёсат қадам мондани Сафавиён шурӯъ мешавад, китоби мазкур бештар мавриди истифодаи аҳли ташайюъ қарор гирифтааст.

Аз китоби “Равзат-уш-шуҳадо” нусхаҳои хаттӣ ва чопии мутааддиде боқӣ мондааст, ки бесабаб нест. Он борҳо дар асрҳои миёна нусханависӣ, баъд аз пайдо шудани санъати чоп нашру бознашр ва таҷдиди чоп гардида, ба забонҳои дигар, аз ҷумла ба забони туркии усмонӣ, ҳам тарҷума шудааст. Дар миёни нусхаҳои чопии сершумори асар, ки то кунун сурат гирифтааст, маъруфтарин ва роиҷтаринаш нусхае маҳсуб мешавад, ки ба тасҳеҳи Муҳаммади Рамазонӣ ва Шаъронӣ мутааллиқ аст. Мо дар баррасиамон аз ин нашр истифода кардаем, вале мавриди назар дар муаррифии асар нусхаи хаттие мебошад, ки таҳти рақами 144 дар махзани нусахи хаттии китобхонаи Абдурраҳмони Ҷомии Маркази фарҳангии ба номи профессор Шарифҷон Ҳусейнзодаи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон нигаҳдорӣ мешавад [9].

Муҳаққиқони зиёде перомуни “Равзат-уш-шуҳадо” аз дидгоҳҳои гуногун баррасиҳо ва таҳқиқ анҷом дода, баъзеҳо ба матолиби он бо назари интиқодӣ ҳам нигаристаанд. Масалан, Расули Ҷаъфариён оид ба ин китоб бо номи “Мулло Ҳусайни Кошифӣ ва китоби “Равзат-уш-шуҳадо” [8] баррасӣ ва накде анҷом дода, дар баробари андешаҳои интиқодии худ назарҳои дигаронро ҳам, ки перомуни баъзе матолиби китоби мавриди назар ва “далелҳои ноустувораш” тардидҳое карда, интиқод кардаанд, дарҷ кардааст.

Бино ба қавли Забеҳуллоҳи Сафо, ба ин китоб аҳли ташайюъ ба андозае таваҷҷуҳ доранд, ки номи яке аз машҳуртарин маросимҳои мазҳабии худро аз унвони ҳамин китоби Кошифӣ гирифтаанд. Дар ин бора донишманди мазкур чунин гуфтааст: “Маҷлисҳои равзахонӣ, ки... дар шумори маросими мукаррари шиён даромада, номи худро аз китоби маъруфи Камолиддин Ҳусайн ибни Алии Кошифии Сабзаворӣ (м. 910 ҳ.) “Равзат-уш-шуҳадо” гирифтааст” [3, с. 87].

Мувофиқи маълумоти Ҷаъфариён Расул, аз китоби “Равзат-уш-шуҳадо” нусхаи манзуме ҳам мавҷуд аст, ки аз ҷониби Ҳусайн Нидоии Яздӣ дар ду ҳазор байт ба назм дароварда шудааст. Яздӣ ин кори худро бист сол пас аз таълифи китоб аз ҷониби Кошифӣ анҷом додааст. Ин кори Яздӣ ибтикори ҷадиди худи вай набуда, аз суннати роиҷ дар замони зиндагии муаллифи асари мавриди назар бармеояд. Ба ин маънӣ, ки дар рӯзгори Ҳусайн Воизи Кошифӣ касоне будаанд, ки баъд аз хатми маҷлиси ваъзи ӯ суханони дар ҳамон ҷаласа гуфтаашро ба назм дароварда, дар охири ҳамон нишаст қироат мекардаанд.

Китоби “Равзат-уш-шуҳадо”, чунонки дар фавқ ишора шуд, ба забонҳои дигар ҳам тарҷума шудааст. Масалан, онро шоири зуллисонайн (порсисаро ва туркигӯй)-и асри XVI Муҳаммад ибни Сулаймони Бағдодӣ мутахаллис ба Фузулӣ ба забони туркӣ тарҷума карда, “Ҳадиқат-ус-суъадо” номидааст. Бори дигар ҳамин китобро ба забони туркӣ Ҷомии Қайсарӣ тарҷума кардааст [3, с. 676; 3, с. 88]. Тарҷумаи Фузулӣ ҳамроҳ бо афзудагиҳо ва ислоҳот анҷом шудааст. Ривояти манзуми туркии асар бо номи “Шуҳадонома” маъруф аст. Тарҷумаи “Равзат-уш-шуҳадо” ба забонҳои даканӣ ва урду ҳам мавҷуд аст.

“Равзат-уш-шуҳадо” аз даҳ боб ва хотима иборат аст. Бобҳои асар, тибқи нусхаи хаттии мавриди назар, чунин унвонгузорӣ шудаанд: Боби аввал “Дар ибтилои баъзе аз анбиё, алайҳимуссалом”. 2. Боби дуюм “Дар баёни ҷафои Қурайш бо ҳазрати Рисолатпаноҳ (с), шаҳодати Ҳамза ва Ҷаъфари Тайёр”. 3. Боби сеюм “Дар вафоти ҳазрати Саййидулмурсалин (с)”. 4. Боби чаҳорум “Дар ҳолати ҳазрати Фотима, аз вақти валодат то замони шаҳодат. 5. Боби панҷум “Дар ахбори Муртазо Алӣ, аз замони валодат то замони шаҳодат”. 6. Боби шашум “Дар баёни фазоили имом Ҳасан ва валодату шаҳодат”. 7. Боби ҳафтум “Дар баёни маноқиби имом Ҳусайн ва баъзе аз аҳволи вай”. 8. Боби ҳаштум “Дар баёни шаҳодати Муслим ибни Ақил ибни Абитолиб ва шаҳодати ду фарзанди ӯст”. 9. Боби нуҳум “Дар баёни расидани имом Ҳусайн ба Карбало ва муҳориба намудан бо аъдо ва шаҳодати он ҳазрат ва авлоду акрабо ва сойири шуҳадо, ризвонуллоҳи алайҳим аҷмаъин”. 10. Боби даҳум “Дар вақоее, ки баъд аз ҳарби Карбало ба аҳли байт воқеъ шуда ва уқуботи мухолифон, ки мубошири ҳарб шудаанд”. Хотимаи асар “Дар зикри авлоди сибтайн ва силсилаи насаби баъзе аз эшон” аст.

Аз муаррифии бобҳои асар маълум мешавад, ки муаллиф дар фаслбандии асари худ муқаддимаро ба сурати ҷудогона ба назар нагирифтааст, вале то бахши муаррифии бобҳои асар аз варақи 1Б то 6Б матолибе дарҷ шудаанд, ки ба ҳукми муқаддимаи гуфторанд, аз ин ҷиҳат онҳоро метавон ҳамчун муқаддимаи “Равзат-уш-шуҳадо” муаррифӣ кард. Аз матолиби дарҷшуда дар ин ҷо ба таври возеҳ оид ба мақсади таълифи асар огоҳӣ пайдо кардан мумкин аст. Маълум мешавад, ки Ҳусайн Воиз ин асари худро ба сурати ҷомеъ бо мақсади ба қалам овардани мусибатҳое навиштааст, ки дар тӯли таърих ба сари пайғамбарон омадааст. Аз ин ҷост, ки пеш аз баёни матлаб аз мусибатҳои зерин ёд

кардааст: фиреби Одаму Ҳавво аз ҷониби иблис, саргузашти ҳазрати Нуҳ, ба оташ андохтани ҳазрати Иброҳим, қурбонӣ сохтани Исмоил Забиҳуллоҳ, гиряи ҳазрати Яъқуб дар байтулаҳзон, балияи Юсуф дар чоҳу зиндон, шугуни Мӯсои калим, дарди кирмони Айюби сақим, арраи шикофанда бар фарқи Закариёи мазлум ва теғи заҳробдода бар ҳалқи Яҳёи маъсум, алами дандони мубораки сарвари анбиё, ҷигари пораи Ҳамзаи сайидушшуҳадо, меҳнати аҳли байти рисолат ва мусибати хонадони исмат, сиришки дардолуди Фотимаи Заҳро, фарқи хунолудаи Алии Муртазо, лаби заҳрчашидаи Ҳасани Муҷтабо, шаҳидии ҳазрати имом Ҳусайн дар дашти Карбало ва дигар аҳволи балокашони ин уммату меҳнатрасидагони олиҳиммат, ки ҳама ба ҷони ғамандӯхта дар конуни ғаму алам сар то по сӯхтаанд. Ғарази аслии муаллиф аз ёдоварии мусибатҳои мазкур ин аст, то таъкид бикунад, ки ғаму андуҳ ҳамеша ба афроди наздик ба Худованд расидааст. Сухани Ҳусайн Воиз ба ин маънӣ чунин ифода шудааст: “Ба дурустӣ, ки Худой таъоло қавмеро дӯст дорад, ки лашкари балову андуҳро бар эшон гуморад ва муқаррар аст, ки меҳнат ба андозаи муҳаббат бувад ва бало ба миқдори вало нозил шавад, гуфтаанд:

Ҳар киро завқи муҳаббат бештар,
Синааш аз захми меҳнат рештар” [9,в. 3А-3Б].

Аз матолиби мастур дар бахшҳои дигари “Равзат-уш-шуҳадо” бармеояд, муаллиф дар оғози китоб ба таври мухтасар таърихи анбиёро оварда, баъд зикри зиндагии Пайғамбар (с) ва ҷафоҳои аз қабилаи Қурайш нисбати эшон расидаро карда, дар навбати сеюм ба баёни бастагони он ҳазрат (с), фазилатҳои имом Ҳасану маноқиби имом Ҳусайн ва дигар вақоеъ пардохтааст. Бахши аслии асар, ки муфассал аст, ба баёни воқеаи Карбало ва оқибатҳои он марбут мебошад.

“Равзат-уш-шуҳадо”-ро муаллиф бо дархости Сайид Мирзо ном шахс навиштааст, ки бесабаб нест. Аз равиши суханони Кошифӣ дар асар маълум мешавад, ки дар мавзӯи ин китоб пеш аз ӯ ҳам таълифот мавҷуд будаанд, ба мисли “Мақтал-уш-шуҳадо”-и муаллифе бо тахаллуси Осӣ [8, с. 35] ва ғайра, вале чунин китобҳо, ба қавли Кошифӣ, аз ҷомеият барӣ буда, матолибашон пароканда будааст. Чунонки ӯ мегӯяд, “ҳар китобе, ки дар ин боб навиштаанд, агарчи ба зевари ҳикояти шуҳадо ҳолест, аммо аз симати ҷомеияти фазоили сибтайн ва тафосили аҳволи эшон холист” [8, с. 12]. Ҳамин вазъ сабаб шудааст, то Сайид Мирзо ба Ҳусайн Воизи Кошифӣ дастур бидиҳад, ки “ба таълифи нусхае ҷомеъ, ки ҳолоти аҳли бало, аз анбиёву асфиёву шуҳадо ва соири арбоби ибтило ва аҳволи оли Або бар сабили тавзеҳу тафсил дар вай мастуру мазкур бувад, иштиғол намояд" [8, с. 13].

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар таълифи “Равзат-уш-шуҳадо” аз китобҳои қабл аз вай навишташуда фаровон истифода кардааст. Бо асомии баъзе асарҳои мавриди истифода қарордодааш худи муаллифи китоб дар зимни гуфторҳои ҷудогона ишора карда ва баъзе муҳаққиқон ҳам ба сарчашмашиносии асар пардохта, манобееро зикр кардаанд, ки Кошифӣ аз онҳо истифода кардааст. Аз ҷумла, муҳаққиқ Ҷаъфариён феҳриствор чиҳилу панҷ номгӯй манобеу маохиз ва асомии донишмандони соҳибкитоберо, ба монанди Имом Разии Бухорӣ, Ибни Исҳоқ, Шайх Авҳадӣ, Имом Тирмизӣ, Ибни Ямин ва дигарон баршуморидааст, ки Кошифӣ дар таълифи хеш аз он манобеъ суд ҷуста ва ё матолибе ё нукотеро аз андешаҳои ашхоси зикршуда интихоб кардааст [1, с. 29-32]. Инчунин, ҳолатҳои зиёде ҳам ба назар мерасанд, ки ба китобҳои таворих, тафосир, кутуби муътабара ба таври куллӣ, амсоли таркибҳои “дар баъзе таворих мазкур аст, ки...”, “дар баъзе аз тафосир омада”, “дар баъзе аз кутуби муътабара мазкур аст, ки...” ва ғайра ёд шудааст. Маълум мешавад, ки манобеъ ва маохизи мавриди истифодаи Кошифӣ дар таълифи мавриди назар аз шумораи дар фавқ оварда ҳам зиёд мебошад.

Тафовути таълифи Кошифӣ аз дигар асарҳои аз нигоҳи мазмуну мундариҷа ҳамгун, шакли таълиф ва тариқи тарҳи мавзӯъ аз ҷониби ӯ аз суханони зерини худи муаллиф ба таври равшан маълум мегардад: “Ва дар ағлаби расоил, ки достони ин мақтал марқум шуда, тафсили ин муборизону кайфияти муборизоти эшон мазкур нест ва ба муҷарради номею шеъре иктифо кардаанд ва ин камина тафаҳҳусу тасаффуҳи бисёр карда, то тафосили он воқеаро ба тариқи хайрулкалом дар ин авроқ эрод намуда ва рақазии ҳар муборизеро, ки мехонда, чун порсизабононро аз он фоидае несту сарриштаи сухан ба сабаби он инқитоъ меёбад, ин ҷо наёварда, магар ҷое, ки зарурат бошад ва ашъоре, ки тарҷумаи он рақазҳо аз гуфтори қудамо буду муносиби азҳони латифаи аҳли ин замон намебуд, он низ мунтавӣ шуд, ило он чи эроди он бефоида набошад” [8, с. 177].

Чунонки аз ин иқтибос бармеояд, Ҳусайн Воиз дар тарҳи мабоҳиси марбут ба мавзӯъ дар қиёс ба муаллифони пеш аз хеш муносибати дигаргуна карда, ба масъалаҳо аз нигоҳи

таҳқиқӣ нигариста, порсизабононро мухотаби асосии худ қарор додааст. Нуктаи дигар ин, ки Кошифӣ аз миёни анбуҳи маълумоти мавҷуд заруртарини онҳоро интихоб кардааст.

Аз зикри ашъори арабӣ парҳез кардани муаллиф ба ҳамин матлаби охир ишора дорад, ки тавзеҳи он ба қалами худи муаллиф ба ин қарор аст: “Ва чун дар мабдаи таълифи ин авроқ муқаррар шуда, ки мутасаддии эроди абёти арабӣ нагардад, магар он чи зикри он зарурат бувад, чи, истимоъи он дар аснои ахбори форсизабон сабаби таваззуъи замир мебошад” [8, с. 11].

Нуктаи муҳимме, ки аз ин гуфтор бармеояд, ба назари мо, чунин аст, ки Кошифӣ бо мақсади дар маҷлиси ваъз истифода кардани матолиби китоби мазкур огоҳона порсизабононро мухотаби худ қарор додааст. Бо ҳамин мақсад аст, ки дар ҳолатҳои зарурӣ муаллиф рақазҳои арабиро ба форсӣ тарҷума карда ва ё аз тарҷумаи дигаре, ки дар матн бо зикри “азизе” мушаххас мешавад, гирифтааст. Ягона мутарҷими рақазҳо, ки дар матн аз вай ёд мешавад, Абулмафохири Розӣ мебошад.

Китоби “Равзат-уш-шуҳадо” танҳо аз лиҳози мавзӯъ дорои аҳамият нест, ин асар аз назари адабӣ ҳам қимати баланд дорад. Омилҳое, ки ҷиҳати адабии китоби мазкурро ба намоиш мегузоранд, насри шевою гиро ва дар ниҳояти фасоҳату балоғат иброз кардани матолиб мебошад. Дар охири ҳаёти муаллиф навишта шудани асар чунин маънӣ дорад, ки дар иншои он нависанда аз таҷрибаи ғании нависандагӣ ва маҳорати дар тӯли ҳаёт касбкардааш ба хубӣ истифода кардааст.

Кошифӣ дар навиштани ин асар аз тариқи баёни қиссанависони асримиёнагӣ истифода карда, ривояти таърихӣ ва ҳамосиро ҳам муроот кардааст, ки онро метавон сабки қиссаӣ-таърихӣ-ҳамосӣ номид. Чунин тарзи сухан барои мардум фаҳмо буда, аз ин роҳ ба самъи оммаи халқ расонидани матлаб осонтар даст медиҳад.

Дар маҷмӯъ, китоби “Равзат-уш-шуҳадо”-и Ҳусайн Воизи Кошифиро набояд ҳамчун асари холиси динӣ, балки ба сифати асари адабӣ ва дар қолаби романҳои таърихии асримиёнагӣ навишташуда бояд шинохту муаррифӣ кард. Муаллифи асари мазкур воқеаҳои маълуму машҳури таърихиро дар қолаби насри бадеӣ ва бо коркардҳои бадеӣ матраҳ кардааст. Аз ҳамин нуқтаи назар ва ҷиҳоти дигари марбут ба шеваи ривоятии баён ин асар ба китобҳои “Абӯмуслимнома”, “Ҳамзанома” ва дигар асарҳои ҳамгуни онҳо монандӣ дорад. Ҳамин равиши нависандагии Кошифиро дар китоби дигари ӯ, ки дар бораи Ҳотами Тоӣ навишта шудаасту бо номҳои достони “Ҳотами Той”, “Рисолаи Ҳотамия” ва “Қасас ва осори Ҳотами Той” [6] маълум мебошад, мушоҳида кардан мумкин аст.

А Д А Б И Ё Т

1. جعفریان، رسول. ملا حسین واعظ کاشفی و کتاب روضة الشهدا / رسول جعفریان // آیینهٔ پژوهش. – مرداد و شهریور1374. – شمارهٔ 33. – صص. 20-38.
2. صفا، ذبیح الله. تاریخ ادبیات در ایران / دبیح الله صفا. – چاپ هشتم. – جلد چارم. – تهران: فردوس، 1378. – 780 ص.
3. قرآن مجید مترجم مع تفسیر حسینی : ترجمه از حضرت شاه ولی الله محدث دهلوی، تفسیر از حضرت ملا حسین الواعظ الکاشفی. – کراچی – لاهور: تاج کمپنی لمیطد، 1373. – 1394 صح.
4. قرآن مجید مترجم مع تفسیر حسینی : ترجمه از حضرت شاه ولی الله محدث دهلوی، تفسیر از حضرت ملا حسین الواعظ الکاشفی. – کراچی – لاهور: تاج کمپنی لمیطد، 1373. – 1384 صح.
5. کاشفی سبزواری، حسین. رسالهٔ حاتمیه / حسین کاشفی سبزواری ؛ به کوشش سیّد محمد رضا جلالی نایینی. – تهران: مهر، 1320.
6. واعظ کاشفی، ملا حسین. مواهب علیّه / ملا حسین واعظ کاشفی ؛ به تصحیح آقای جلال نایینی، تهران، 1317 هجری شمسی.
7. واعظ کاشفی، ملا حسین. روضة الشهدا / ملا حسین واعظ کاشفی ؛ به تصحیح و حواشی مرحوم شیخ ابوالحسن شعرانی. – تهران: انتشارات کتاب فروشی اسلامیه، 1371.
8. واعظ کاشفی، ملا حسین. روضة الشهدا / ملا حسین واعظ کاشفی ؛ نسخ خطی شمارهٔ 144 محفوظ در کتاب خانهٔ عبدالرحمان جامی مرکز فرهنگی به نام پرافیسسار شریف جان حسین زادهٔ فکلتهٔ فلالاگیهٔ دانشگاه ملی ناجیکستان. –348 ورق.

СОХТОР ВА МУҲТАВОИ “РАВЗАТ-УШ-ШУҲАДО”-И ҲУСАЙН ВОИЗИ КОШИФӢ

Камолиддин Ҳусайн ибни Алӣ Кошифии Сабзавории Байҳақии Воиз машҳур ба Мулло Ҳусайни Кошифӣ (соли таваллудаш: тақрибан 1420-вафоташ: 1505) аз ҷумлаи донишмандони соҳибноме маҳсуб мешавад, ки дар таърихи илму адаби форсии тоҷикӣ мақоми шоистаеро касб кардаанд. Вай донишманди пуркор ва огоҳ аз равишҳои маърифатии калом дар урфи порсию арабӣ буда, аз худ ба пасояндагон таснифоту таълифоти фаровони мондагор ба мерос гузоштааст. Доираи мавзӯоти мундариҷ дар асарҳои ӯ бениҳоят густарда буда, дар он миён яке аз шохаҳои муҳимтаринашро асарҳои динӣ дар бар мегиранд. Ба қалами ин донишманди шаҳир ба ғайр аз се китоби тафсир, ки машҳуранд, дар мавзӯъҳои гуногуни мазмуни динидошта асарҳои зиёде, ба мисли “ар-Рисолат-ул-алийя фӣ-л-аҳодис-ин-набавийя” (дар илми ҳадис), “Усули нақшбандия” (дар зикри ақоиди силсилаи нақшбандия ва нашри андешаҳои онҳо),“Марсад-ал-асно фӣ истихроҷ асмо-ил-ҳусно”, “Туҳфат-ус-салавот”, “Фазл-ус-салот алан-Набӣ (с)” ва ғайра нигошта шудаанд, ки ҳар кадом қимати илмию адабии вижаеро молик ҳастанд. Аз ин ҷиҳат, кулли асарҳои мазкур ба сурати ҷудогона қобили баррасӣ ва муаррифӣ мебошанд. Дар он миён яке аз китобҳои машҳури Ҳусайн Воизи Кошифӣ “Равзат-уш-шуҳадо” мебошад, ки муаллиф дар ин мақола ба баррасии он аз назари сохтор ва муҳтаво пардохтааст. “Равзат-уш-шуҳадо”-и Ҳусайн Воизи Кошифиро набояд ҳамчун асари холиси динӣ,

балки ба сифати асари адабӣ ва дар қолаби романҳои таърихии асримиёнагӣ навишташуда мебояд шинохту муаррифӣ кард.

Калидвожаҳо: Ҳусайн Воизи Кошифӣ, мероси адабӣ, таснифоту таълифоти динӣ, “Равзат-уш-шуҳадо”, сохтор, муҳтаво, тарзи сухан.

СТРУКТУРА И СОДЕРЖАНИЕ “РАВЗАТ-УШ-ШУХАДО” ХУСАЙНА ВОИЗА КОШИФИ

Камолиддин Хусайн ибни Али Кошифи Сабзавори Байхаки Воиз известный как Мулло Хусайн Кошиф (год рождения: около1420 - год смерти: 1505) является одним из известных литераторов, который занимает достойное место в истории персидско-таджикской науки и литературы. Он был отличным знатоком теологии, персидско-арабских обычаев и оставил огромное наследие произведений и сочинений. Круг тем, который охватывает его наследие, очень обширный и один из его важнейших ветвей занимают религиозные произведения. Его перу кроме трех комментариев к Корану, которые очень популярны, приналежит огромное количество книг религиозного содержания таких как “ар-Рисолат-ул-алийя фи-л-аҳходис-ин-набавийя”, “Усули накшбандия”, “Марсад-ал-асно фи истихродж асмо-ил-хусно”, “Тухфат-ус-салавот”, “Фазл-ус-салот алан-Наби (с)” и т.д., которые имеют важное научно-художественное значение. Поэтому, каждое из этих произведений заслуживает отдельного рассмотрения и представления. Одним из известных произведений Хусайна Воиза Кошифи является “Равзат-уш-шухадо”, и автор статьи подверг изучению и рассмотрению его структуру и содержание. “Равзат-уш-шухадо” Хусайна Воиза Кошифи нужно расссмотреть не только как цельное религиозное произведение, а как литературное произведение, написанное в форме исторического средневекового романа.

Ключевые слова: Хусайн Воиз Кошифи, литературное наследие, религиозные произведения, “Равзат-уш-шухадо”, структура, содержание, образ речи.

STRUCTURE AND CONTENT OF “RAVZAT-USH-SHUHADO” HUSIN KOISHIF

Kamoliddin Husayn ibni Ali Koshifi Sabzavori Bayahaki Voiz known as Mullo Husayn Kosif (year of birth: about 1420 - year of death: 1505) is one of the famous writers who takes a worthy place in the history of Persian-Tajik science and literature. He was a great connoisseur of theology, Persian-Arab customs and left a great legacy of works and writings. The range of topics that covers his legacy is very extensive and one of its most important branches is occupied by religious works. His pen, apart from three comments on the Quran, which are very popular, contains a huge number of religious books such as “ar-Risolat-ul-aliyya fi-l-akhodis-in-nabawiya”, “Usul nashbandiya”, “Marsad-al-asno fi istihrodzh asmo-il-husno”, “Tukhfat-us-salavot”,“Fazl-us-salot alan-Nabi (c)”, etc., which have important scientific and artistic value. Therefore, each of these works deserves separate consideration and presentation. One of the famous works of Husayn Voiz Kosifi is “Ravzat-ush-shukhado”, and the author of the article has studied and examined its structure and content. “Ravzat-ush-shukhado” by Husayn Voiz Kosifi should be considered not only as an integral religious work, but as a literary work written in the form of a historical medieval novel.

Key words: Husayn Voiz Kosofi, literary heritage, religious works, “Ravzat-ush-shukhado”, structure, content, way of speaking.

Сведения об авторе: ***Абдукодирзода Саидмукаррам*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент, докторант кафедры истории таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17. Тел.: **(+992) 988-31-50-50**

Information about the author: ***Abdukodirzoda Saidmukarram*** - Tajik National University, candidate of philological sciences, associate professor, doctoral candidate of the department of history of Tajik literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. Tel.: **(+992) 988-31-50-50**

УДК: 891.550 (09)

ГУЛБАДАНБЕГИМ ВА МЕРОСИ ИЛМИВУ АДАБИИ Ӯ

Пӯлотов Н.Н.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров

Тӯли даврони таърихӣ дар Шибҳи қораи Ҳинд на танҳо уламо ва удабои ҷудогонае, ки аксаран мардон буданд, балки занҳо низ тавассути неруи хирад ва тафаккури созандаи хеш ба офаридани осори ҷовидона ва дастовардҳои бузурги илмиву адабӣ, таърихӣ мушарраф гардида, саҳфаи таърихномаи тамаддуни башарро муҷаллал сохта, дар ҷодаи бунёдгузории фарҳангу маданият, таҳкими оини давлатдорӣ ва ривоҷи суннатҳои кишвардорӣ нақши муассир гузоштаанд, ки маҳсули андешаву афкорашон то имрӯз ормонҳои мардумиро ифода карда меояд.

Дар миёни ин донишмандон **Гулбаданбегим**, зан-муаррихи барҷаста, нависандаи маъруфи асримиёна, адабиётшинос, духтари хурдии асосгузори империяи “Темуриёни Ҳинд” – Заҳируддин Муҳаммад Бобур (1483-1530) буд, ки барои таҳкиму тақвияти ин хонадон саҳми арзанда гузоштааст, мақоми бузург ва барҷаста дорад.

Вай аз машҳуртарин занони суханвари асри XVI буда, дар таълифи осори таърихӣ маҳорати беназир доштааст. Малика Гулбаданбегим хоҳари Абӯносир Муҳаммад Ҳиндал (1519-1551), хоҳари Ҳумоюнподшоҳ (1508-1556) ва аммаи императори намоёни

“Темуриёни Ҳинд”- Ҷалолиддин Акбарподшоҳ (1556-1605) буда, ягона зан-муаррихи асримиёнаи Осиёи Марказӣ маҳсуб меёбад.

Доир ба масъалаи ҷараёни зиндагии Гулбаданбегим асосан ба ду навъ сарчашма такя бояд намуд.

Маъхази аввалин ва асосие, ки дар ҳалли баъзе тарафҳои норавшани ҳаёти Гулбаданбегим ва вазъи иҷтимоию сиёсии даврони Темуриёни Ҳинд мадад мерасонад, мероси адабии худи ин зани фозила буда, сарчашмаи дигар ахбори муаллифони тазокир ва кутуби адабӣ-таърихӣ, ки аз асри XVI инҷониб ба майдон омадаанд, ба шумор меравад.

Гулбаданбегим соли 1522/23 дар Кобул ба дунё омада, модари ӯ Дилдор Ага-бегум (Дилдор Агача), духтари Султон Муҳаммад Мирзо маҳсуб меёфт.

Баъди вафоти падараш дар зери тарбияи бародараш Ҳумоюн ҳамчун зани хуштахлоқ ва бофазлу ҳикам дар миёни хоссу ом обрӯю эътибори зиёд пайдо намуда, дар андак вақт ба сифати духтари соҳибфазлу донишманд ва хушзавқу боиффат шуҳрат пайдо менамояд. Дар синни 17-солагӣ ба Амир-ал-Умар Хизрхоҷахон (1520-1559), фарзанди дуюми Туғлуқтемур Айманхоҷахон шоҳзода Алур Мирзо (1524-1529) ба шавҳар баромада, баъди фавти ӯ бо даъвати императори ояндаи сулолаи «Темуриёни Ҳинд»-Ҷалолиддин Акбарподшоҳ аз соли 1597 боқии умри хешро дар Агра гузаронидааст.

Аз рӯйи маълумоти «Ҳумоюннома» ӯ соҳиби фарзанд будааст. Ҷойе дар ин китоб чунин қайд шуда, ки «… *ҳазрати подшоҳ гоҳ-гоҳе ба дидани «Боги норанҷ» мерафтанд… ва писари ман Саодатёр дар он рӯзҳо бемор буд, бинобар он, ман натавонистам рафт*» [4, с. 92].

Бо хоҳиши Акбарподшоҳ солҳои 1585-1587 ёддоштҳои худро дар бораи падар ва бародараш–падари Акбар, муборизаҳои ӯро бо Комрон Мирзо навиштааст.

Ӯ ин хоҳиши Акбарро рад накарда, ёддоштҳои худро бо номи **«Аҳволи Ҳумоюнподшоҳ ҷамъкардаи Гулбадан-бегим бинти Бобурподшоҳ, аммаи Акбарподшоҳ»** ҳамчун мавод барои асари Абулфазли Алломӣ «Акбарнома» менависад, ки дар оянда бо номи ***«Ҳумоюннома»*** машҳур гардидааст.

Худи ӯ дар бораи ҷамъ намудани ҳолоти Муҳаммад Ҳумоюн менависад, ки «Ҳукм шуда буд, ки он чӣ аз воқеаи фирдавсмаконӣ (Бобурподшоҳ-Н.П.) ва ҳазрати ҷаннатошёнӣ (Ҳумоюнподшоҳ-Н.П.) медониста бошам, бинависам» [4, с. 2].

Муаллифи китоби «Тазкираи Ҳумоюн ва Акбар» Боязид Султон Байот низ дар ин маврид зикр намудааст, ки «...чун Ҷалолиддин Муҳаммад Акбарподшоҳ фармуда буданд, ки аз бандаҳои даргоҳ ҳар якеро, ки салиқаи таърих бошад нависанд, балки аз айёми салтанати ҳазрати ҷаннатошёнӣ Ҳумоюнподшоҳ агар касеро дар хотир чизе монда бошад, дарҷ намояд» [3].

«Ҳумоюннома» дар таҳқиқи таърих, адабиёт ва фарҳанги замони Бобур ва Ҳумоюн аз манобеи басо муҳим маҳсуб ёфта, Гулбаданбегим ахбори пурқиматеро аз он даврон дар ин китоб овардааст.

Гулбадан ин асарро бо забони содаи форсӣ иншо карда, он чизе ки дар хотир дошт, навиштааст. Дар ин маврид мегӯяд: «Вақте ки ҳазрати Фирдавсмаконӣ аз дорулбақо ба дорулфано хиромиданд (с.1530-Н.П.), ин ҳақир 8-сола буд ва баёни воқеа шояд камтарак ба хотир монда буд. Бинобар ҳукми подшоҳӣ он чӣ шунида ва ба хотир буд, навишта мешавад» [4, с.2].

Гулбаданбегим баробари нависанда ва муаррих будан, шоира ҳам маҳсуб ёфта, бо забони форсӣ ва туркӣ ашъор эҷод кардааст, лек ғайр аз чанд абёти пароканда, ягон шеъри ӯ то замони мо дар шакли пурра омада нарасидааст.

Масалан, барои фавти бародараш Мирзо Ҳиндал (соли 1551) абётеро овардааст;

Эй дарего, эй дарего, эй дарег,
Офтобам шуд ниҳон дар зери мег [4, с. 94].

Ёддошти ӯ солҳои гуногун гум шуда, давоми қарнҳо номаълум буд ва ҳатто роҷеъ ба он дар асарҳои адибон, он суханвароне, ки аҳди Акбарро ситоиш намудаанд, кам маълумот пайдо кардан мумкин аст.

Нусхаи қадимаи ин асар дар китобхонаи Британияи Кабир нигаҳдорӣ мешавад, ки онро полковники инглис Г.В.Гамилтон зимни хидмат дарёфт кардааст. Осори пайдонамудаи муҳаққиқ дар ҳолати на он қадар хуб қарор дошта, бисёр суҳуфи он дорои нуқс буда, чанд сарлавҳаҳои ин асар дар шакли пурра вуҷуд надошт. Ин асар соли 1868 баъди фавти полковник Г.В.Гамилтон аз тарафи ҳамсари ӯ ба музейи Британияи Кабир супорида мешавад. Имрӯзҳо дастнависе аз ин асар ба шумораи Or. №166 дар китобхонаи музейи Британияи Кабир маҳфуз аст.

Нахустин касе, ки ба асари Гулбадан таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, сарчашмаи форсӣ ва туркиро истифода бурда, аҳли илмро ба он ҷалб кардааст, ин мусташриқи

инглис, мутарҷим ва таҳиякунандаи «Ҳумоюннома» **Аннет Сюзанна Беверидж** (1842-1929) буд.

Мавсуф соли 1898 дар яке аз китобхонаҳои Британияи Кабир бо дастнависи «Ҳумоюннома» ошно гардида, дар бораи он маълумот интишор кард. Солҳои 1901-1902 ин асар аз тарафи ӯ ба забони инглисӣ тарҷума карда мешавад. **Аннет Акрейд** (насаби духтарӣ) соли 1872 ба Калкатта омада, бо яке аз муҳаққиқони шинохта, ки дар чопу тасҳеҳи асари адиб ва муаррихи аҳди Акбаршоҳ, Абулфазли Алломӣ - «Акбарнома» кори бисёр судмандеро анҷом додааст, ховаршиноси англис Генри Беверидж (1837-1929) издивоҷ намуда, барои омӯзиши асарҳои аҳди Темуриёни Ҳинд саҳм гузоштааст [8].

Соли 2001 дар Ҳиндустон аз рӯйи тарҷумаи А.С.Беверидж китоби ***«Ҳумоюннома»*** мураттаб карда мешавад. Прадаш Чатто Паджей «Ҳумоюннома»-ро ба забони бангалӣ соли 2006 тарҷума кардааст.

Ҳамзамон, ин асар соли 1959 дар Тошканд ба забони ӯзбекӣ низ бо саъю эътимоди С. А. Азимҷонова тарҷума шуда, дар Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Узбекистон таҳти рақами ПЯ-10232 маҳфуз аст.

Ховаршиноси англис Аннет Беверидж роҷеъ ба ёддоштҳои хоҳари Ҳумоюн – Гулбадан пажӯҳишҳои зиёдро анҷом дода, ӯро бо муҳаббат «Маликаи гулҳо” (Принцесса Розбуд) зикр намудааст.

Малика Гулбаданбегим соли 1603 дар Агра вафот карда, дар «Боғи Бобур»-и Кобул, ки хокҷои хонаводаи Темуриёни Ҳинд ба шумор меравад, дафн карда шудааст.

Муаллифи китоби «Акбарнома» Абулфазли Алломӣ охирини лаҳзаи ҳаёти ӯ ва вазнин будани аҳволи саломатиашро чунин баён кардааст: «Душанбе 6-уми моҳи рамазони соли 1011 ҳ. / 1603 милодӣ рӯ дар ниқоби адам кашид. Ҳаштоду ду сол дар ин ҷаҳони нопойдор эзиди ризо фароҳам оварда.

…Маликаи рӯзгор Маряммаконӣ (Ҳамидабону-модари Акбарподшоҳ-Н.П.) ҳангоми ғулботи умроти мавт бар болини эшон ҳозир шуда, ҳарчанд **«бегим»** гуфтанд, посух наёфтанд. Чун аз дарбоз якдигарро меҳромез хитоб мефармуданд, мартабаи дигар бо он хитобу ном барҳонданд. Дида бар рӯйи мубораки эшон во карда, бо ин мисраи ҷонгудоз лаб кушуданд:

Мисраъ:

Ман зор бимурдам, умрат бодо арзонӣ» *[2, с. 817].*

Вазир ва донишманди маъруфи аҳди Акбаршоҳ-Абулфазли Алломӣ нисбати ин шахсияти хеле равшани фарҳангии замонаш таъкид карда гуфтааст, ки «*…достони ҳусни ақидат ва ихлоси шоҳзодаро бо обу тоб навишта буданд*» [2, с. 817].

Маводи китобро аз рӯйи нақли муаллиф чунин дастабандӣ намудан мумкин аст:

1. **Шарҳи мухтасари баёни зиндагиномаи Заҳируддин Бобур Мирзо ва давраи ӯ.** Дар ин бахш мундариҷаи достони «Ҳумоюннома» аз воқеаномаи ҳазрати Бобур оғоз гардида, муаллиф дар бахши нахуст аз тавлиду дар 12-солагӣ ба маснади волои ҳукумати Фарғона нишастани Заҳируддин Муҳаммад Бобур Мирзо, муроҷиати ӯ ҷиҳати кумак талабидан аз ҳокими Тошканд - тағои худ Султон Маҳмуд ибни Юнусхон, фатҳҳои Самарқанд, равона шудан ба Бадахшону Хуросон, баъди шикаст хӯрдан аз лашкари шайбонӣ кумак талабидан аз Ҳусейн Мирзо Бойқаро, ба Кобулу Ҳинду азимат кардан ва тавлиди 18 фарзандони Бобур (4, с. 8), хосса Ҳумоюн дар қалъаи Арки Кобул нақлҳо оварда, зикр намудааст, ки «дар аввали ин ҷузв аз воқеаи ҳазрати бодшоҳ-бобоям навишта мешавад…» [4, с. 3].

Муаллиф дар асар, пеш аз ҳама моҷарои Заҳируддин Бобурро то истилои Ҳиндустон инъикос намуда, дар аввал аз номувофиқии бародарони Бобур-Ҷаҳонгир Мирзо, Носир Мирзо ва мухолифини умарои муғул сухан ронда, ба ҷониби Бадахшон раҳсипор шуда, ба Ҳинд лашкар кашидан, фатҳи Лоҳур ва Сарҳинд, дар Понипат бар лашкари Сикандари Лудӣ ғолиб омадани Бобур ва ҷулуси ӯ дар тахти Деҳлӣ, заифӣ ва шиддати бемории Бобур, васияти Бобур пеш аз вафот (с. 1530) оид ба тақсими ҳудудҳои кишвар дар байни писаронаш, ба Ҳумоюн Ҳиндустону ба фарзандони хурдиаш Панҷоб, Кобул ва Қандаҳорро мавриди баҳс қарор додааст.

2. **Шарҳу тафсири рухдодҳои даврони Ҳумоюн ва набардҳои ӯ, тавлиди Акбаршоҳ.**

Ин қисми китоб оид ба авзои сиёсии даврони аввали шоҳии Ҳумоюн ва рухдодҳои он замон, амсоли ба тахт нишастани Ҳумоюн, зиёрат намудани модару хоҳарон, ташрифи Мирзо Ҳиндал ба назди шоҳ, хонадоршавии Ҳумоюн ва таваллуди духтари ӯ - Ақиқабегим, вафоти модари Ҳумоюн, тӯйи хонадоршавии Мирзо Ҳиндал ва шарҳи он, доир ба тақсими савбаҳо, мутаваҷҷеҳи шоҳ ба музофотҳои Ҳинд, мубориза бо Шерхони Афғон, сафар ба Хуросон, бо эъзозу икром истиқболи Ҳумоюн аз тарафи шоҳ Таҳмос, сайри Ҳумоюншоҳ ба Ироқ ва шикори ӯ дар манотиқи ин кишвар, бемории Мирзо

Комрон ва заифии ӯ, хонадоршавӣ ба духтари шоири эронӣ Мирбобо Дӯсти Торимӣ - Ҳамидабонубегим, тавлиди шоҳзода Ҷалолиддин Муҳаммад Акбар ва хатнасурии ӯ, фатҳи қалъаҳо аз тарафи Ҳумоюн, фирори Мирзо Комрон ва хиёнати амирон, шикастҳои Ҳумоюн дар набардҳо ва ба Бадахшон равона шудани ӯ, дар ҷанги Қарабоғ шикасти Мирзо Комрон ва аз золимӣ ва бераҳмии ӯ дар минтақаи Харбор шаҳид шудани бародараш Мирзо Ҳиндал, бо исрори зиёди умаро мил кашидан ба чашми Мирзо Комрон маълумотҳои муфид медиҳад [4].

Новобаста аз ин, ёддошти хурди Гулбаданбегим ҳуҷҷати муҳим барои муаррихон, адибон, забоншиносон маҳсуб меёбад.

Ин асар бо забони бисёр фасеҳи тоҷикӣ навишта шуда, дар он иқтибосҳои туркӣ-чағатоӣ ва ҳиндӣ низ ба назар расида, донишҳои гуногуни адабӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҷуғрофӣ ва таърихи ҳукумати Ҳумоюн шомил буда, муаллиф дар ин китоб зимни баёни воқеоти дар минтақа рухдода аз лавҳаҳои гуногуни зиндагии хонадони Темуриёни Ҳинд иттилооти ҷолиб фароҳам кардааст.

Гулбаданбегим дар ин асар, пас аз гузориши кӯтоҳ аз вазъияти ҷуғрофиёи Афғонистону Ҳинд, дар бораи сокинони ин сарзамини бостонӣ, бахусус, ҳиндувон сухан ронда, дар хусуси пайдоиши аввалин давлати Темурӣ дар Ҳиндустон, ҷараёни ба вуҷуд омадани ин давлат, усули давлатдории поягузорони сулолаи Темуриёни Ҳинд, пояи донишу малакаи сиёсии Бобур ва Ҳумоюнро мунъакис намудааст.

Номҳои ҷуғрофӣ дар ин асар хеле зиёд буда, зикри як қатор шаҳрҳои Ҳиндустону Афғонистон ва боғҳои дилкушою зебоманзари он мавриди истифода қарор гирифтааст.

Як тарзи ҷумлабандии асари Гулбаданбегим дар он муҷассам мегардад, ки зимни баёни матолиб бо ибораҳои эҳтиромӣ, амсоли «бобои ман, ин ҳақир, ҳазрати подшоҳ....» гӯён муроҷиат намуда, таркибҳои арабӣ, амсоли «алҳамдуллоҳ, субҳоноллоҳ, иншооллоҳ, наузубиллоҳ, худоё, ҳақ субҳона» ва ғайраро истифода бурдааст, ки ин ҳолотро мо дар дигар асарҳои таърихии муаррихони аҳди Темуриёни Ҳинд мушоҳида карда метавонем.

Муаллифи асар зимни муроҷиат нисбати хеш дар бисёр ҳолатҳо бо ибораи ***“ҳақир”*** ифодаи матлабро баён кардааст, ки маънои луғавии он калима дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» - “назарногир, беқадр, хурд, залил ва хор” омадааст [7, с.741].

Масалан, *“... ва ин ҳақирро дар он асно он қадар хушҳолӣ рӯй намуд, ки мазиде бар он мутасаввир набошад”* [4, с. 17] ё ин ки, *“... ин ҳақир ҳамроҳи ҳамшираҳо мулозимати он ҳазрат.... кардам”* [4, с. 21].

Барои ифодаи матлаб Гулбаданбегим дар «Ҳумоюннома» аз исмҳои ифодакунандаи унвон, мартаба, дараҷа, насаб, лақаб низ баҳрабардорӣ кардааст, ки он роҳҳои ифодаи эҳтиром маҳсуб шуда, ба ин гурӯҳ калима ва ибораҳои зеринро шомил кардан мумкин аст, амсоли «офаридагор, ҳазрат, шайх, хоҷа, мавлоно, ғозӣ» ва ғ.

Калимаи дигаре, ки бештар дар радифи ин калимот истифода мешавад ва эҳтироми муаллифро ифода мекунад ин ***«ҳазрат»*** аст. Аҳли фазл на танҳо паёмбарон, балки шахсони офаридгори баландмартабаро низ «ҳазрат» мегуфтанд, ки ин ифодаи эҳтиромро мо зимни муроҷиати Гулбаданбегим ба бобояш ва бародараш Ҳумоюншоҳ ва супоридани вазифаю туҳфа ба аркони давлат мушоҳида карда метавонем [4, с.12, 25, 35,72].

Истифода бурдани зарбулмасалу мақолҳо ба асари Гулбадан обуранги хосси бадеӣ бахшида, тавассути масоили гуногуни иҷтимоию ахлоқӣ иброз мешавад. Аз тарафи муаллиф дар асар интихоб карда шудани зарбулмасалу мақол ва дар мавқеъҳои мувофиқ бо мақсадҳои муайян кор фармудани онҳо, аз нуктасанҷию маҳорати баланди нависандагии ин зани донишманд гувоҳӣ медиҳад, ки он барои собит намудани ин ё он масоили иҷтимоӣ, авзои сиёсӣ оварда шудааст, амсоли «чашм интизор дар роҳ, дасти ман ба домани ӯ, ду мағз дар як пӯсти бодом, ҳақ ба ҳақдор бирасад» ва ғ. [4, 52, 53, 69, 71].

«Ҳумоюннома» асари пурбаҳои адабӣ ва таърихӣ буда, барои омӯзишу донистани тарзи зиндагии мардумони қарни XVI Ҳиндустон ва Афғонистон яке аз манобеи гаронбаҳо маҳсуб ёфта, иттилооти судманде аз одобу ташкилоти идорӣ, низомӣ, девонӣ, дарборӣ ва шароити иҷтимоӣ ва фарҳангии ин даврон ба даст медиҳад.

Дар маҷмӯъ, «Ҳумоюннома» дар радифи дигар асарҳои пуразиши таърихӣ, ҳамчун намунаи зебову комили забони форсӣ дар қарни XVI аҳамияти хосси забоншиносии луғавӣ дорад. Дар натиҷаи муносибатҳои ҳасанаи миллатҳо ва тиҷорату сафар ва равобити кишварҳо дар ин китоб садҳо калимаву таркиботи форсӣ ва иқтибосӣ, истилоҳоти гуногун маҳфуз мондаанд, ки барои такмили таърихи забон ва илмҳои марбутаи забоншиносӣ сарчашмаи беназир маҳсуб меёбад.

Ҳамчунин, усули ҷумлабандӣ, сохтани ибораҳо, истифодаи муродифот дар ин асар шоистаи омӯзиш буда, муаллиф аз захираи луғавии забон фаровон истифода бурда, тавассути ин калимаву ибораҳо калимаҳои нав сохтааст, ки муаррихон, забоншиносон ва

пажӯҳишгарон метавонанд аз он суде бардоранд, ки баррасии онҳо мавзӯи баҳси алоҳидаро талаб менамояд.

А Д А Б И Ё Т

1. Азимджанова С.А. Государство Бабура в Кабуле и Индии. Ответственный редактор; К.З.Ашрафян / С.А. Азимджанова.–М.: Наука, 1977. - 175 с.
2. Алломӣ, Абулфазл ибни Мубораки Ногурӣ. Акбарнома; ба тасҳеҳи Мавлавӣ оғо Аҳмад Алӣ ва Мавлавӣ Абдураҳим. Ҷилди севум - Калкатта: Анҷумани Осиёгии Бангола, 1886. - 844 с.
3. Боязид Султон Байот. Тазкираи Ҳумоюн ва Акбар. Ҷ.1. - Теҳрон, 1362 ш., 446 с.
4. 4.Гулбаданбегим. Аҳволи Ҳумоюнподшоҳ. Ҳумоюннома. Тарҷума ва тасҳеҳи Аннет Сюзанна Беверидж. - Лондон, 1902. - 331 с.
5. Донишномаи адаби форсӣ. Адаби форсӣ дар Шибҳи қора. Ҳинд, Покистон, Бангладеш Ҷ.4, бахши I: ба сарпарасти Ҳасани Анӯша. - Теҳрон, 1380. - 921 с.
6. История Востока. Т.III. Восток на рубеже средневековья и нового времени. XVI-XVII вв. (главная редколлегия под председательством Р.Б.Рыбакова). – Москва: Восточная литература РАН, 2000. - 696 с.
7. Фарҳанги забони тоҷикӣ. - Москва: Советская энциклопедия, 1969. Ҷ.2. - 949 с.
8. [Захираи электронӣ] https: // en.n.wikipedia. org/ wiki / Gulbadan-Begum. 21.08.2016.

ГУЛБАДАНБЕГИМ ВА МЕРОСИ ИЛМИВУ АДАБИИ Ӯ

Мақола ба баррасии «Ҳумоюннома»-и Гулбаданбегим - зан-муаррих ва адиби форсизабони садаи XVI-и Шибҳи қораи Ҳинд, нависандаи маъруфи асримиёна, адабиётшинос, духтари хурдии асосгузори империяи “Темуриёни Ҳинд” – Заҳируддин Муҳаммад Бобур (1483-1530) бахшида шудааст. Малика Гулбаданбегим яке аз чеҳраҳои тобони адабиёти форсизабони Ҳиндустон ва машҳуртарин занони суханвари асри XVI буда, хоҳари Ҳумоюнподшоҳ (1508-1556) ва аммаи императори намоёни “Темуриёни Ҳинд”-Ҷалолиддин Акбарподшоҳ (1556-1605) маҳсуб ёфта, бо эҷодиёти осори таърихӣ барои таҳкиму тақвияти ин хонадон саҳми назаррас гузоштааст. Гуфта мешавад, ки Гулбаданбегим бо хоҳиши Акбарподшоҳ ёддоштҳои худро дар бораи падар ва бародараш бо номи «Аҳволи Ҳумоюнподшоҳ ҷамъкардаи Гулбадан-бегим бинти Бобурподшоҳ, аммаи Акбарподшоҳ» ҳамчун мавод барои асари Абулфазли Алломӣ «Акбарнома» навиштааст, ки дар оянда бо номи «Ҳумоюннома» машҳур мегардад. Зикр мешавад, ки ахбори Гулбаданбегим барои омӯзишу донистани тарзи зиндагии мардумони қарни XVI Ҳиндустон ва Афғонистон яке аз манобеи гаронбаҳо маҳсуб ёфта, иттилооти судманде аз одобу ташкилоти идорӣ, низомӣ, девонӣ, дарборӣ ва шароити иҷтимоӣ ва фарҳангии ин даврон ба даст медиҳад. Гулбаданбегим бо эҷоди «Ҳумоюннома» дар ривоҷи насри форсӣ дар Ҳинд саҳми муносиб гузоштааст.

Калидвожаҳо: Гулбаданбегим**,** зан-муаррих, авзои сиёсӣ, салтанати хонадони темурӣ, мусташриқи инглис, воқеаномаи ҳазрати Бобур, донишу малакаи сиёсӣ, ёддоштҳо.

ГУЛБАДАН-БЕГИМ И ЕГО НАУЧНО-ЛИТЕРАТУРНОЕ НАСЛЕДСТВО

Статья посвящена рассмотрению «Хумаюн-наме» Гулбадан-бегим, монументального труда основательницы династии тимуридов, младшей дочери Захируддина Мухаммада Бабура (1483-1530), известной писательницы средневековья, женщины - историка Индии XVI века. Принцесса Гулбадан-бегим-одна из самых влиятельных персидских историков в Индии и самая знаменитая женщина XVI века, сестра падишаха Хумаюна (1508-1556), и тетя известного императора династии тимуридов Индии – Джалолддина Акбаршаха (1556-1605), внесла значительный вклад в укрепление этой династии. Гулбадан-бегим по просьбе своего племянника, императора Акбара, написала на персидском языке воспоминания о своём отце и брате Хумаюне под названим «Положение императора Хумаюна в заметках Гулбадан-бегим, дочери императора Бабура и тети Акбаршаха», как материал для книги Абу-л Фазла Аллами «Акбар-наме», которая в будущем стала известна как «Хумаюн-наме». Сообщается, что новости Гулбадан-бегим являются ценным источником информации для изучения жизни народов Индии и Афганистана XVI века и руководящих органов, военных, диванов, социальных и культурных условий того периода. Своим произведением Гулбадан-бегим внесла огромный вклад в развитие персидской прозы в Индии.

Ключевые слова: Гулбадан-бегим, женщина-историк, политическая ситуация, правление династии тимуридов, английский востоковед, происшествие превосходительство Бабура, политические навыки познания, воспоминание.

GULBADAN-BEGIM AND HER SCIENTIFIC AND LITERARY HERITAGE

The article is devoted to the consideration of Gulbadan-Begim’s "Humayun-name", a monumental work of the founder of the Timurid dynasty, the youngest daughter of Zahiruddin Muhammad Babur (1483-1530), a famous medieval writer, a woman historian of India of the XVI century. Princess Gulbadan-Begim is one of the most influential Persian historians of India, and the most famous woman of the XVI century, the sister of Sultan Humayun (1508-1556), and aunt of the famous emperor of the Timurid dynasty of India – Jalaluddin Akbarsh (1556-1605), who made a significant contribution to the strengthening of the dynasty. Gulbadan-Begim at the request of her nephew, the Emperor Akbar, written in Persian memories about his father and brother Humayun, entitled "the Position of Emperor Humayun in the notes Gulbadan-Begim, daughter of the Emperor Babur and aunt Akbarsha" as the material for the book of Abu-l Fazl Allami "Akbar-name", which later became known as the "Humayun-name". It is reported that Gulbadan-Begim news is a valuable source of information for studying the life of the peoples of India and Afghanistan of the XVI century and information from the governing bodies, military, sofas, social and cultural conditions of that period. Gulbadan-Begim's work made a huge contribution to the development of Persian prose in India.

Key words: Gulbadan-Begim, a female historian, political situation, rule of the Timurid dynasty, English orientalist, the incident Excellency Babur, political cognition skills, memory.

Сведения об авторе: ***Пулатов Назирджон Набиджонович*** - Худжандский государственный университет им. Б.Г. Гафурова, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикской классической литературы. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлянбекова 1. E-mail: **pulotovnn 1973@ mail. ru**

Information about the author: ***Pulatov Nazirdjoh Nabidjonovich*** - Khujand State University named after B.G. Gafurova, Candidate of philological Sciences, associate Professor of the Department of Tajik Classic Literature. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, pr. Mavlyanbekova 1. E-mail: **pulotovnn 1973@ mail. ru**

УДК: 891.550-1:82

ҒАЗАЛИЁТИ САЪДӢ ВА АНВОИ ОНҲО АЗ НИГОҲИ МАЗМУНУ МУНДАРИҶА

Абдулманнонзода Муҳаммадсиддиқ
Донишгоҳи давлатии Данғара

Адабиёти асри XII форсу тоҷик як давраи мушкилро паси сар мегузорад. Тағйирёбӣ ва дигаргуншавии арзишҳои иҷтимоӣ тафаккуру андешаи бисёре аз аҳли суханро аз маҷрои якнавохтӣ берун овардааст. Тадриҷан адабиёту ҳунар ҷанбаъҳои асили худро дарёфта, онро дар фазои нави иҷтимоӣ парвариш хоҳад кард. Аммо дар чунин давраи ҳассос хатари боло гирифтани осори тунукмоя ва нуфузи он ба ҷомеа бештар хоҳад шуд. Аз ин сабаб, эҳсоси масъулият ва ҳушмандиву дақиқсанҷии бештар лозим аст.

Таҷрибаи деринаи адабӣ талқин месозад, ки бояд аҳли сухан роҳҳои ҳифзи адабиёти асилро ҷустуҷӯ кунанд, бунмояҳои ҳунарии онро устувор бисозанд ва бар он рӯҳи тоза бидаманд. Дар садаи дувоздаҳум рӯҳи тозае ба адабиёти форсӣ- тоҷикӣ дамида шуд, ки он ирфон буд ва ҳамин рӯҳи ирфонӣ пайкари онро бо зеварҳои дилфиреб оро дод.

Дар ин ҷо қаҳрамони мо Шайх Саъдист, ки бо эҷодиёти гаронмояву ғании худ дар таърихи адабиёт ба аҳли дард дармон шуд, зеро ӯ дар эҷодиёташ ҷаҳонро, ҷаҳони зиндаро тасвир кардааст. Агар мақсад аз меҳнати адабӣ нафъи омма бошад, ҳар сухани ӯ дурри ноёб- як гавҳар ва ҳар байташ як хазина аст.

Устод Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ суханвари беназирест, ки дар тӯли садсолаҳо муҳаққиқону донишмандони соҳибназар ва сухансароёни покизагуҳар дар ситоишу васфи ӯ тавсифоти беҳтаринро дареғ надоштаанд ва фазилатҳои ин шоири нодирро таъкид кардаанд. Аз ҷумла, Муҳаммадалии Фурӯғӣ мегӯяд, ки “Эрон агар фарзанди дигаре ба ҷуз Саъдӣ напарварда бошад, танҳо ин яке барои ҷовидон кардани номи эрониён бас бувад” [1, с. 720]. Вале бо ин ҳама, ҳаққи ӯ, чунонки бояд, адо нашудааст. Зеро Саъдӣ падари жанри ғазали форсӣ- тоҷикист. Чунончи, фароҳам сохтани ҳамаи тавсифоту таърифот барои ифодаи бузургии падар кофӣ нест. Дар баёни азамати падари ғазали форсӣ-тоҷикӣ ё паёмбари ғазал суханҳое волотар аз тавсифоти маъмулӣ лозим мебошад.

Саъдии Шерозӣ, бе тардид, бузургтарин шоире аст, ки баъд аз Фирдавсӣ осмони адаби форсиро ба нури тобандаи хеш рӯшан сохт ва он рӯшанӣ чунон аст, ки баъд аз гузашти ҳафт қарн ҳам, таъсири он то ҳанӯз коста нагардидааст, балки дурахши рӯзафзун дорад. Забони фасеҳи ӯ забони дил ва ишқу муҳаббати ӯ худ нишонае аз ганҷи тамомиёр аст.

Саъдӣ шоири ҷаҳондида, ҷаҳонгарду солики сарзаминҳои дуру ғариб буд. Аз подшоҳон ҳикоёт шунида, рӯзгорро бо онон ба мадоро мегузаронид. Сӯфиёну саховатмандонро нек мешинохт ва гоҳ атояшонро ба ликояшон мебахшид. Бо ошиқон, паҳлавонону муддаиён, шуюху сӯфиён ва риндон ба ҷабру ихтиёр ҳамнишин мешуду хомии рӯзгори ҷавониро бо таҷрибаву сафарҳои кардааш ба пухтагии даврони пирӣ пайванд мекард. Сафарҳои Саъдӣ танҳо ҷустуҷӯву талаби дониш ва огоҳӣ аз русуму фарҳангҳои муҳталиф набуд, балки сафар барои ӯ таҷрибаи маънавие низ ба шумор меомад. Ҳосил аз ин сафарҳо барои шоир, илова бар тиҷорати маънавию дунявӣ, анбуҳе аз ривоёт, қиссаҳо ва мушоҳидот буд, ки реша дар воқеияти зиндагии ӯ дошт. Чунонки ҳар ҳикоёти “Гулистон” панҷарае рӯ ба зиндагӣ мекушояд ва, гӯё, ҳар ибораташ аз паси ҳазорон таҷриба ва озмоиш ба шевае яқин баён мешавад. Ва ин ҳама ҳосили дунёе аз таҷрибаи амалист. Шояд яке аз муҳимтарин ҳодисаҳои дилнишини эҷодиёти Саъдӣ дар миёни омму хос ин аёниву воқеӣ будани онҳост, ки бо лаҳни шевову баёни ҳунармандонааш бар ҳар хонандае таъсире амиқ бар ҷой мегузоранд.

Осори Саъдӣ бо андешаву чакидаҳо ва тааммулоти ирфониву иҷтимоиашон бисёр тарбиятгар мебошанд, зеро ҷанбаи ахлоқӣ ва эстетикиву маънавии онҳо дар сатҳи бисёр баланд қарор доранд. Аз ҳамин рӯ, ҳеҷ вақт шукӯҳу дурахши худро аз даст нахоҳанд дод.

Шеъри Саъдӣ истеҳкоми баён ва зарофати гуфтор аст. Забони Саъдӣ дар айни камолу бартарӣ мутавозеу хошеъ аст ва ба ҳамин далел дили ҳар соҳибдилеро мерабояд ва дар гӯшаи хотири ҳар касе ҷое барои худаш боз мекунад.

Дар эҷоди ғазал ӯ бемислу монанд аст. Шайх Саъдии Шерозӣ аз ҷумлаи бузургтарин ғазалсароёни адабиёти классикии форсу тоҷик аст, ки ғазал дар эҷодиёташ мавқеи махсус дорад. Ӯ бо ғазалҳои гаронбаҳои хеш дар ҳама давру замон мардумро ба ҳаяҷон оварда, ғазалро дар зеботарин ва мавзунтарин либос ороста, ин навъи шеърро ба ҳадди камол расонидааст. Ӯ таҷриба ва анъанаҳои гузаштагони худро эҷодкорона такмил дода, зеботарин ва комилтарин намунаи ғазалро офаридааст ва дар осмони ғазалсароии асри XIII ҳамчун ситораи дурахшон эътироф гардидааст. Саъдӣ бо суханони сӯзнокаш ба қавли Шиблии Нуъмонӣ, «оташ дар тамоми Эрон барангехт» [8, с. 190].

Ҳунари волои шоирии Саъдӣ, пеш аз ҳама, дар ғазалиёти вай ҷилои хосса дорад. Ғазали Саъдӣ нуқтаи авҷи ваҳдати камоли баён ва латофати гуфтор аст, ки дар гирди меҳвари асосии худ- мавзӯи ишқ, давр мезанад.

Саъдӣ дар таърихи ғазалсароӣ кашфиёти бузурге кардааст. Яке аз онҳо ин аст, ки ӯ мавзӯи ишқи воқеиро ба образ даровард ва маонии дилписанди эстетикии марбут бар мавзӯи ишқро, ки то аҳди ӯ касе дар ғазал истифода накарда буд, ташаккул дод. Дигар ин ки Саъдӣ дар ғазал ташбеҳу истиора, тамсил ва дигар воситаи тасвири бадеиро бо маҳорати ба худ хос мавриди истифода қарор дод, ки то замони ӯ ба ин ҳад набуд. Ва муҳимтар аз ҳама, Саъдӣ дар ғазалиёти худ ҷанбаи тарбиявиро ворид кард, ки вуҷуди бисёр ғазалҳои пур аз панду андарз таҳти ин гуфтаҳоянд.

Ҳамчунин, одоби ишқварзӣ ва ахлоқи инсониро Саъдӣ дар имтизоҷ қарор дод ва бо ҳамин ҷанбаи иҷтимоии ғазалро вусъати тоза бахшид. Яке аз хусусияти чашмраси ғазалиёти Саъдӣ ҳамин иҷтимоиёти вай аст, ки доираи мавзӯоти он бисёр фароху беҳудуд аст. Дар ғазалиёт шоир, ҳатто, ба ҷузъитарин мавзӯоти иҷтимоӣ, ки онҳоро то ҷое метавон берун аз одобу муҳассаноти шеър дар таърих гуфт, рӯ овардааст. Вале ин муҳокимаҳои Саъдӣ, агарчи баргашти ҷузъиву ночиз менамоянд, бас иҷтимоиянд ва ҷанбаи тарбиявӣ-иҷтимоӣ ва эстетикии онҳо бисёр бузурганд.Чунончи:

Тани одамӣ шариф аст ба ҷони одамият,
На ҳамин либоси зебост нишони одамият [10, с. 240]!

Саъдӣ бо ғазали навини худ на танҳо сухани ишқро ба дилу эҳсос ва ҷаҳони тахайюлоти ошиқон ҳамдаму ҳамнафас гардонида, муаммоҳо ва суолҳои ишқиву ошиқонаро ҷавобҳои дилпазиру андешамандона гуфтааст, ҳамчунин барои пешбарандагони сухани ишқу симокори дунёи зебоӣ роҳи озодиву истиқлоли ҳақиқии ҷамъиятиро нишон додааст.

Саъдӣ ба қолаби ғазали пешиниён ва муосирони давр неруи тоза бахшида, онро хушоянд ва дилпазир гардонидааст. Вазнҳое, ки шоир дар ғазал ихтиёр кардааст, аксаран, ба оҳангҳои мусиқӣ мувофиқ меоянд. Ҳамин буд, ки ғазалҳои Саъдӣ то ҳанӯз ҳам дар маҷлисҳои ваҷду самоъ, дар қиёс бо ашъори дигарон, бештар суруда мешаванд ва мақбули хотирҳо мегарданд. Ӯ авзои ботинӣ ва ҳолати рӯҳии ошиқонро дар вазъиятҳои гуногун хуб эҳсос мекунад ва муҳимтар аз ҳама ин аст, ки Саъдӣ бо сухан айнан ифода кардани ҳолот ва эҳсосоти мазкурро дорад.

Бесабаб ҳам нест, ки бисёр донишмандони гузаштаи шеъру адаб дар асарҳояшон ӯро устоди ғазал, булбули ширинсухан, офтоби осмони шеър номидаанд. Масалан, шоири дарборӣ Маҷди Ҳамгар, ки бо Саъдӣ дар як замон умр ба сар бурдааст, Саъдиро чунин тавсиф мекунад:

Аз Саъдии машҳурсухан шеъри равон ҷӯй,
К-ӯ каъбаи фазл асту дилаш чашмаи Замзам [9, с. 34].

Шеъраш ба дидори аввал сода ва самимӣ ва бетакаллуф ҷилва мекунад. Равону зулол аст ва бе ҳеҷ тамҳиду муқаддимае, барқарориву иртибот бо дигаронро ҷустуҷӯ мекунад. Фахр намефурӯшад ва такаббур намеварзад, балки дасти дӯстиву иродат ба сӯямон дароз мекунад ва салом медиҳад. Аммо, чун пардаи эҳсосро ба канор мезанему аз сари ақлу тааммул бар ашъораш таваҷҷуҳ менамоем, дармеёбем, ки шаффофияти забон дар шеъри ӯ саҳлу сода имкони вуҷуд наёфтааст, балки сайқали асосии шеъри вай кӯшиши мудовим дар арсаи забон ва истифода аз тамомии аносире, ки таолии шеърро доман мезананд, ба осори ӯ чунин равонии сеҳрофарин бахшидааст.

Тавфиқи Саъдиву иксири шеъри ӯ дар он нуҳуфтааст, ки дар эҷодиёти вай саноеъи лафзӣ ва баёнӣ бо ҳолоти эҳсоси даруниаш дар табиитарин ҳолат омезиш ёфтааст. Вале Саъдӣ мабдаъгар ва оғозгари ин роҳ нест, балки аз устодону комилони чунин сабке дар

шеър аст. Пеш аз Саъдӣ ғазали форсӣ дар кураи талоши шоироне ҳамчун Фаррухӣ, Саноӣ, Ҳоқонӣ, Анварӣ ва Аттор гудохта шуда буд, аммо Саъдӣ онро чунон обдидаву баланд суруд, ки пеш аз ӯ касе ба ин ҳад ғазалро насуруда буд. Вижагиҳои сабкии забони шеъри Саъдӣ ва ҳар шоири дигареро танҳо бо тааммул ва тафаккур дар ашъорашон метавон кашф карду омӯхт ва ба кор бурд. Агарчи осори ҳунарӣ бар асоси усули собит ва мушаххас падид намеояд, то ҳангоми ниёз ба осори ҷадид битвон руҷуъ кард.

Яке аз хусусияти ғазали Саъди он аст, ки таъсир дар баробари ишқ, ҳамчунин зебоиро мепарварад. Ӯ васфкунандаи беназири ишқ ва ҳусну зебоӣ буд. Шиблии Нуъмонӣ дар «Шеър-ул-аҷам» овардааст, ки «ишқ ва муҳаббат ҷузъи ғаризаи инсон аст ва, бинобар ин, ҳар куҷо инсон аст, ишқ ва муҳаббат ҳам ҳаст» [8, с.68]. Гӯё Шиблӣ сухани мазбурро аз ин сухани Саъдӣ гирифта бошад:

Ишқ дар олам набудӣ, гар набудӣ рӯйи зебо,
В-ар на гул будӣ, нахондӣ булбуле бар шохсоре [10, с. 230].

Ӯ шоире буд комилан мустақил ва дар кори эҷоди адабӣ истиқлоли куллӣ дошт. Бинобар ин, пойбанди иродаи дигарон набудааст. Вай дар назмаш, пеш аз ҳама, инсон, ишқ ва ҳусну зебоии одамиятро ситоиш кардааст. Вай ин зебоии инсониятро таҷаллии нури илоҳӣ донистааст:

Ба маҷмаае, ки дароянд шоҳидони ду олам,
Назар ба сӯйи ту дорам, гуломи рӯйи ту бошам.
Ба хобгоҳи адам, гар ҳазор сол бихуспам,
Зи хоб оқибат огаҳ ба бӯйи мӯйи ту бошам.
Ҳадиси равза нагӯям, гули биҳишт набӯям,
Ҷамоли ҳур наҷӯям, давон ба сӯйи ту бошам.
Майи биҳишт нанӯшам зи дасти соқии Ризвон,
Маро ба бода чӣ ҳоҷат, ки масти рӯйи ту бошам [1, с. 273].

Аз рӯйи таълимоташ Саъдиро метавон шомили мактаби ҷамол ва ирфонашро вачдиву ошиқона донист, зеро дар ирфони ӯ ҳусну ишқ ва ахлоқ мавқеи аввалиндараҷа дорад. Дар ирфони Саъдӣ ишқ баракати илоҳӣ ва маншаи ҳамаи зебоиҳову некиҳо шинохта шудааст. Ишқ аст, ки ошиқро аз ҳудуди зоҳирӣ мебарорад ва ба сарманзили мақсуд мерасонад. Аз нигоҳи Саъдӣ, инсони комил ошиқест, ки бо ишқи фарогир ба маъшуқи ҳақиқӣ пайвандад ва ба маърифати розҳои ӯ муваффақ гардад, то ҷое ки Ҳақ дар қалби ӯ зуҳур ва таҷаллӣ бикунад.

Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ дар тамоми даврони эҷодиёти хеш, ба таълифи ашъори пурғановат пардохта, ғазалҳои зиёдеро барои тарбияи наслҳои ҳамаи даврон аз худ боқӣ гузоштааст. Аз ин рӯ, қисмати бузурги эҷодиёти ӯро ғазал ташкил медиҳад. Миқдори умуми ғазалҳои Саъдиро ба 700 адад, ҳаҷмӣ онҳоро ҳудуди 7000 байт донистаанд.

Ӯ дар як ғазалиёти худ, пеш аз ҳама, шӯру шавқи ҷавонӣ, сӯзу гудоз, нозу ниёз, васлу ҳиҷрон, лутфу қаҳри дилдодагон, лаззатбахшии ишқу ҷилваҳои ҳусн, хубии рафиқ, зиштии рақиб ва нишоту хуррамиҳои ҳаётро таҷассум менамояд.

Ғазалиёти Саъдӣ ба чаҳор бахш: “Ғазалиёти қадим”, “Таййибот”, “Бадоеъ” ва “Хавотим” тақсимбандӣ шудаанд. Ба назар чунин мерасад, ки “Ғазалиёти қадим” дар даврони ҷавонӣ, “Таййибот”-у “Бадоеъ” дар даврони пухтагӣ ва авҷи шоирии Саъдӣ суруда шудаанд. “Хавотим” марбут ба даврони пирии шоир аст. Ҷавҳари ғазалиёти Саъдиро ишқ ташкил медиҳад, аммо ин ишқ дар “Ғазалиёти қадим” ишқи заминӣ ва дар “Хавотим” ишқи ирфонӣ аст. Дар баъзе аз ғазалҳои “Хавотим” ахлоқ ва зуҳд ғалаба мекунад. Ин дугонагӣ дар ғазалҳои Саъдӣ таваҷҷуҳи муҳаққиқони бисёреро ба худ ҷалб кардааст. Ба назар чунин мерасад, ки яке аз муҳимтарин далели ин дугонагӣ он аст, ки Саъдӣ ишқро амалан аз заминӣ ба ирфонӣ ба таври табиӣ тай кардааст. Аз ин лиҳоз, дар даврони пирӣ дар иртибот бар ин мавзӯъ эҳсоси камбудӣ намекунад. Муҳаққиқи эронӣ Наврӯзи Ҷаҳонбахш ба ин назар аст, ки «ин тақсимбандӣ ба эҳтимол қариб ба яқин аз худи Саъдӣ аст» [7, с. 171]. Зеро ӯ дар ғазалиёташ ба «Таййибот» ва «Бадоеъ» чунин ишора кардааст:

Он чӣ рафтор асту қомат в-он чи гуфтору қиёмат,
Чанд хоҳӣ гуфт Саъдӣ “Тайибот” охир надорад [7, с. 672].

Гар “Бадоеъ”-и Саъдӣ набошад андар бор,
Пеши аҳлу қаробат чӣ армуғон орӣ [7, с. 672].

Агар “Ғазалиёти қадим”-ро марбут ба даврони ҷавонӣ ё навҷавонӣ ва “Хавотим”-ро марбут ба даврони пирии Саъдӣ бидонем, пас “Таййибот” ва “Бадоеъ”, ки зеботарин

ғазалиёти Саъдиро фаро гирифтаанд, дар авҷи пухтагӣ ва тавоноии шоир суруда шудаанд. Дар маҷмӯъ, чунин бардоште аз ғазалиёт дур аз ҳақиқат нест. “Таййибот” ва “Бадоеъ” монанди “Ғазалиёти қадим” саршор аз ҳаяҷон ва шӯри ҷавонист.

Ин зиддият дар ғазал, диққати ҳар саъдишиносеро ба худ ҷалб кардааст. Абдулҳусайни Зарринкӯб менависад: “Саъдӣ як шоирест, ки дунёро аз диди ишқ менигарад. Бо як муаллими ахлоқе, ки инсонро дар масири такомули ахлоқӣ дунбол мекунаду ҳамхонааст... Ишқи маҷозии Саъдӣ тараққӣ меёбад ва дар ниҳоят ранг ва бӯйи дигар мегирад. Баъдан, ин ишқи зоҳирӣ то ҳадде таолӣ мешаваду ва ошиқ дар вуҷуди Саъдӣ ҷойи худро ба ориф вомегузорад” [4, с. 263].

Муҳаммадалии Фурӯғӣ низ муътақид аст, ки “ишқи ӯ аз махлуқ оғоз мешавад, аммо саранҷом ба Холиқ мерасад, шеъри ӯ шеъри ғиноӣ аст [10, с. 16].

Дар мавриди ғазалиёти Саъдӣ муҳаққиқони бузург изҳори назар кардаанд ва ҳар кадоме аз муҳаққиқон низ далоили қонеъкунандае аз ғазалиёти Саъдӣ ироа кардаанд. Муҳаммадалии Фурӯғӣ муътақид аст: “Ҳеҷ касе олами ишқро на монанди Саъдӣ дарк карда, на ба забон овардааст» [10, с. 160]. Ба назари мо, далели ин ҳама ихтилоф аз он ҷост, ки бисёре аз муҳаққиқон ғазалҳои Саъдиро маҳсули як замон донистаанд. Дар ҳоле ки ғазалҳои ӯ маҳсули тамоми умр, аз ҷавонӣ то пирӣ, аст.

Чунонки гуфта шуд, нуқтаи қобили таваҷҷуҳ дар зиндагӣ ва осори Саъдӣ таваҷҷуҳи назари ӯ ба ишқи заминӣ аст. Доруюши Сабур низ муътақид аст, ки “ин имтиёзоти вижа дар ғазали Саъдӣ, ҳама марбут ба ишқи маҳсус ва қобили ламси маҷозӣ ва заминӣ аст... Оё, агар Саъдӣ чунин диди ғаноӣ ва ошиқона надошт ва ишқро намешинохт ва гирифтори он набуд, боз суханаш ба ин ширинӣ ва дилпазирӣ шакл мегирифт?” [3, с. 376].

Сируси Шамисо монанди дигарон низ ҳамин ақидаро дорад: «Ашъори Саъдӣ монанди ҳар шоири бузурги дигар дорои мушаххаси бовардошта аст… Масалан, аксари ғазалиёти Саъдӣ тавре ба назар мерасад, ки ӯ аз ҳақиқат сухан меронад ва маъшуқи махсусеро дар назар дорад» [12, с. 89].

Вуҷуди чунин ишқе, ҳатто агар хаёл ҳам бошад, дар ба такомул расидани шахсияти Саъдӣ нақши асосӣ доштааст. Ӯ дар амал ва ё дар хаёл бо маъшуқаи заминӣ пардохта ва аз он баҳраманд шудааст. Лиҳозо, дар даврони баъд аз ин бобат чандон ҳасрати айёми гузаштаро намехӯрад. Зеро аз ин ҳис камбудӣ эҳсос намекунад, шахсияти ҷисмонию ғаризии Саъдӣ рушди табиӣ доштааст ва дар даврони ҷавонӣ озодона аз ғароизи худ ҳарф мезанад. Саъдӣ дар бисёре аз ғазалҳояш аз умқи ҷон ва дил дам аз маъшуқи ҳақиқӣ мезанад, вагарна дар акси ин сухани ӯ он қадар ҳам таъсирбахш намешуд. Ӯ ба дурустӣ мегӯяд:

Хурӯшам аз тафи сина аст нола аз сари дард,
На чун дигар суханон, к-аз сари маҷоз ояд [9, с.514].

Ин ғароиз ба унвони ақидаҳое дар анбони фикр ва ҳофизаи Саъдӣ андӯхта нашудааст, ки дар давраҳои пирӣ гоҳу бегоҳ, хоста ва нохоста, бар забони ӯ ҷорӣ шуд, балки дар замони худ пирӯзӣ карда, баъдан хотима ёфтаанд ва ҷойи худро ба ишқи илоҳӣ додаанд. Ба ҳамин далел, дар даврони пирӣ Саъдӣ дар ғазалҳояш бештар аз ирфон ва ахлоқиёт ё ишқи рӯҳонӣ ва маънавӣ дам мезанад. Агар дар давронӣ пирӣ абёт ё ғазалҳои ошиқонае ҳам месароид, ҳам он шӯру ҳаяҷони ғазалиёти қадимро надорад. Наврӯзӣ Ҷаҳонбахш муътақид ба он аст: “Хавотим” агарчи аз назари илмӣ ва фаннӣ ҳеҷ нуқсе надорад, аммо як чиз кам дорад, аз он шӯру ҳол ва ҳаяҷони ҷавонӣ дар онҳо хабаре нест. Монанди селоб хурӯшон аз кӯҳ сарозер шудааст, ки ба дашти ҳамвор расида, ҷӯшу хурӯши худро канор ниҳода ва ором гирифта бошад” [7, с.158] .

Муҳаммадалии Фурӯғӣ мегӯяд, ки “ишқи заминӣ давом нахоҳад дошт ва саранҷом рӯ ба заифӣ хоҳад гузошт” [10, с. 112]. Аммо, муҳаққиқи мазбур дар мавриди ишқи маҷозӣ ё воқеӣ гуфтааст бо он чи Саъдӣ дар “Таййибот” мегӯяд, фарқи назаррас дорад:

Куҳан шуд ҳама касро ба рӯзгори иродат,
Магар маро, ки ҳамон ишқи аввал асту зиёдат [11, с.427].

Чунонки аз байти мазкур бармеояд, Саъдӣ дар айёми пирӣ аз ҷавонии хеш меболад ва онро ба некӣ ёд мекунад.

Ончуноне, ки зикр кардем, “Ғазалиёти қадим” марбут ба даврони ҷавонии Саъдӣ ва мубтанӣ бар ишқи заминии вай аст ва “Хавотим” марбут ба даврони пирии ӯ ва бештар ба ишқи рӯҳонӣ ё ирфонии вай тааллуқ дорад ва дарбаргирандаи ахлоқиёт ва зуҳду парҳезкории шоир аст ва тақрибан аз шӯру ҳаяҷоноти ҷавонӣ холӣ аст.

Шайх Саъдӣ дар ғазалҳои ошиқонааш ба ошиқу маъшуқ панду андарз дода, ошиқро ба меҳру муҳаббат, сабру садоқат ва якдигарфаҳмӣ даъват кардааст. Панду ахлоқро шоир дар ғазалҳои ошиқонааш бисёр овардааст, то хонанда аз он ибрат бигирад. Ишқе, ки

Саъдӣ нисбат ба маъшуқ овардааст, на аз рӯйи ҳавову ҳавас, балки аз рӯйи сидқу сафо ва меҳру муҳаббат аст, нисбат ба ошиқ. Мавзӯи ғазалиёти шайх Саъдӣ бо ин анҷом намепазирад. Ӯ дар баёни мавзӯи ишқи худ ба як қатор масъалаҳои ҳаётӣ дахл намуда, доираи мавзӯи ғазалро хеле васеъ гардонидааст. Ин ҳама на бо суханони бетаъсири хушку холӣ, балки дар ниҳояти зебоӣ ва бо роҳи тасвироти бадеии шоирона ифода карда шудаанд.

Дар анҷом он чи дар мавзӯи ғазалиёти Саъдӣ гуфта шуд, метавон гуфт, ки ин, аз як сӯ, шоири дилсӯхта дар ишқи илоҳӣ ғӯтавар гашта ҷӯёи маърифати Ҳақ будааст, аз сӯйи дигар, чунончи аз ғазалиёти овони ҷавонии ӯ бармеояд, тараннумгари ишқи воқеӣ ва маҷозӣ аст ва ишқи маҷозиро ҳам бисёр арҷ мениҳад ва онро заррае аз таҷаллиёти ишқи увло ё маънавӣ мепиндорад.

Ғазалиёти шоир сар то по ишқ аст, ишқе, ки дӯстиву муҳаббати инсонҳоро зиёд мекунад. Ӯ бо роҳи нав дар ғазалҳояш ишқу ахлоқро имтизоқ дод, то одаму одамиятро тарбият кунад ва ҳадафи шоир ҳам ҳамин буд, ки дар либоси ғазалҳои ошиқонаву орифона панду ахлоқро ҷой диҳад, то ки мардуми ғамдидаву ғамзадаи Шероз, ки аз дасти муғул ба дод омада буд, каме ҳам бошад, дарду ғами худро фаромӯш бикунад ва бо ин роҳ онҳоро дилбардорӣ карду сатҳи маънавиёти онҳоро баланд бардошт.

Албатта, то Саъдӣ ғазалҳои ошиқона буд, аммо он ҷаззобияте, ки Саъдӣ дар сурудани ғазалҳояш ба буруз овардааст дар дигарон пайдо кардан ғайриимконанд. То Саъдӣ ғазалсароёни дигар маъшуқаро васфу мадҳ кардаанд. Саъдӣ бошад, дар ғазал сӯзу дарди ошиқонаро ворид кард. Ин дигаргунӣ ва ҷаззобият буд, ки ӯро сарояндаи ишқ, афсаҳулмутакаллимин ва паёмбари ғазал номидаанд.

Ин равиши ғазалсароии Саъдӣ, ҷойгоҳи заъфи дар сурудани ашъори ичтимоӣ низ то ҷое баррасӣ мешавад, зеро ахлоқиву ҳикматӣ кардани ғазал ин худ ворид шудан бар афкори ичтимоӣ аст. Агарчи қабл аз Саъдӣ Ҳаким Саноӣ дар сурудани ғазалиёти ҳикматӣ саҳми босазое гузорида буд ва мавзӯи ҳикмату ахлоқро дар жанри мазкур ҷилои нав бахшида буд, дар ин маврид Саъдӣ пештозтар аст, зеро ӯ тавонист дар ғазалиёти хеш афкори воқеиро, ки матлаи худро малмусу воқеият меорад, бозгӯ кунад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулманнони Насриддин. Куллиёти осор. Дар ҳафт муҷаллад. Ҷидди ҳафтум. - Хуҷанд: Ношир, 2013. - 764 с.
2. Ғуломирзо, Маҳмудӣ. Ишқи илоҳӣ дар ғазалиёти Саъдӣ. Бахши савум. – Теҳрон, 2392ҳ.- 720 с.
3. Дориюши Сабур. Офоқи ғазали форсӣ. Чопи дувум. - Теҳрон: Гуфтор,1388. - 180 с.
4. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Ҳадиси хуши Саъдӣ. - Теҳрон: Сухан, 1379 ҳ. - 370 с.
5. Маликзод, Анзура. Аз ғазали Рӯдакӣ то шеъри нимоӣ. - Душанбе: Ирфон, 2010. - 230 с.
6. Мусулмоқулов, Раҳим. Назарияи адабиёт. - Душанбе: Маориф, 1990. - 334 с.
7. Наврӯзӣ, Муътаман. Чӣ касе ғазалиёти Саъдиро ба чаҳор даста тақсимбандӣ намуда ва ба чӣ иллат // Бӯстони адаб.Даврӣ аввали шумораи дувум. – Шероз, 1388ҳ. - 250 с.
8. Нӯъмонӣ, Шиблӣ. Шеър-ул-аҷам. Ҷ. 5. - Теҳрон: Меҳр, 2337 ҳ. - 190 с.
9. Садрӣ, Кишоварз. Мактаби Саъдӣ. - Теҳрон: Ковиён.1338ҳ. - 138 с.
10. Саъдӣ, Муслиҳиддин. Куллиёт. Чопи ҳаштум; ба тасҳеҳи Муҳаммадаллии Фурӯғӣ.- Теҳрон: Амири Кабир,1349ҳ. - 450 с.
11. Саъдии Шерозӣ. Ғазалиёт. Ахтарони адаб. - Душанбе: Адиб, 2014. - 480 с.
12. Шамисо, Сирус. Сайри ғазал дар шеъри Форсӣ. Чопи саввум. - Теҳрон: Фирдавс, 1380ҳ. - 185 с.

ҒАЗАЛИЁТИ САЪДӢ ВА АНВОИ ОНҲО АЗ НИГОҲИ МАЗМУНУ МУНДАРИҶА

Мақолаи мазкур ба ғазалиёти Саъдӣ ва анвои онҳо аз нигоҳи мазмуну мундариҷа Адабиёти асри XII форсу тоҷик як давраи мушкилро паси сар мегузорад. Тағйирёбӣ ва дигаргуншавии арзишҳои ичтимоӣ тафаккуру андешаи бисёре аз аҳли суханро аз маҷрои якнавохтӣ берун овардааст. Саъдӣ шоири ҷаҳондида, ҷаҳонгарду солики сарзаминҳои дуру ғариб буд. Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ дар тамоми даврони эҷодиёти хеш, ба таълифи ашъори пурғановат пардохта, ғазалҳои зиёдеро барои тарбияи наслҳои ҳамаи даврон аз худ боқӣ гузоштааст. Аз ин рӯ, қисмати бузурги эҷодиёти ӯро ғазал ташкил медиҳад. Миқдори умуми ғазалҳои Саъдиро ба 700 адад, ҳаҷмӣ онҳоро ҳудуди 7000 байт донистаанд. Шайх Саъдӣ дар ғазалҳои ошиқонааш ба ошиқу маъшуқ панду андарз дода, ошиқро ба меҳру муҳаббат, сабру садоқат ва якдигарфаҳмӣ даъват кардааст. Панду ахлоқро шоир дар ғазалҳои ошиқонааш бисёр овардааст, то хонанда аз он ибрат бигирад. Саъдӣ дар таърихи ғазалсароӣ кашфиёти бузурге кардааст. Яке аз онҳо ин аст, ки ӯ мавзӯи ишқи воқеиро ба образ даровард ва маонии дилписанди эстетикии марбут бар мавзӯи ишқро, ки то аҳди ӯ касе дар ғазал истифода накарда буд, ташаккул дод. Саъдӣ дар ғазалиёти худ ҷанбаи тарбиявиро ворид кард, ки вуҷуди бисёр ғазалҳои пур аз панду андарз таҳти ин гуфтаҳоянд. Ин ҳама на бо суханони бетаъсири хушку холӣ, балки дар ниҳояти зебоӣ ва бо роҳи тасвироти бадеии шоирона ифода карда шудаанд.

Калидвожаҳо: Саъдии Шерозӣ, ғазалиёти Саъдӣ, тарбияи наслҳо, ғазалҳои ошиқона, мавзӯи ғазалиёти шайх Саъдӣ, тасвироти бадеии шоирона.

ГАЗЕЛИ СААДИ И ЕГО ВИДЫ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ТЕМАТИКИ И СОДЕРЖАНИЯ

Данная статья посвящена изучению газелей Саади с точки зрения тематики и содержания. Персидско-таджикская литература XII века пережила очень трудный момент в своем развитии. Изменения и преобразования социальных ценностей изменили взгляды и мышление очень многих представителей литературы и после затяжного падения происходит очередной расцвет классической литературы. Саади - яркий его пример. Он оставил после себя огромное поэтическое наследие. Сочинил многочисленные газели, которые служат делу воспитания всех поколений. Общее числе его газелей составляет 700, а по объёму составляют 7000 бейтов. Нужно отметить, что Его творчество является высшим достижением всей средневековой персидско-таджикской поэзии. Его газели являются изящным образцом газели. Каждое его сочинение содержит законченную мысль и имеет самостоятельное значение, насыщено восточной мудростью и изяществом. В поисках истины Саади прошел не одну сотню километров, чтобы отыскать истину. Его творчество, отблеск этого поиска, и взор ее нахождения. Основной заслугой Саади видится то, что в своей газели он сумел соединить дидактику суфийской газели с красотой и образностью любовной газели. Каждый бейт в ней можно прочитать как в любовном, так и в философско-дидактическом ключе.

Ключевые слова: Саади Ширази, газели Саади, воспитание поколений, любовные газели, тематика газелей Саади, поэтическое художественнное представление.

SAADI'S GAZELS AND ITS KINDS FROM THE POINT OF VIEW OF SUBJECTS AND CONTENTS

This article is devoted to the study of gazelles Saadi in terms of topics and content. The Persian-Tajik literature of the XII century experienced a very difficult moment in its development. Changes and transformations of social values have changed the views and thinking of very many representatives of literature, and after a protracted fall, the next heyday of classical literature occurs. Saadi is a vivid example of him. He left behind a huge poetic legacy. He wrote numerous ghazals that serve the cause of education of all generations. The total number of its gazelles is 700, and in terms of volume it is 7,000 bayts. It should be noted that His work is the highest achievement of all medieval Persian-Tajik poetry. His gazelles are an elegant example of gazelles. Each of his works contains a complete thought and has an independent meaning, saturated with Eastern wisdom and grace. In search of truth, Saadi traveled more than one hundred kilometers to find the truth. His work, the reflection of this search, and the look of its finding. The main merit of Saadi is that in his gazelle he managed to combine the didactics of a Sufi gazelle with the beauty and imagery of a love gazelle. Each beit in it can be read both in love and in the philosophical and didactic key.

Key words: Saadi Shirazi, ghazals of Saadi, education of generations, love ghazals, themes of ghazals of Saadi, poetic artistic presentation.

Сведения об авторе: ***Абдулманнонзода Мухаммадсиддик*** - Дангаринский государственный университет, соискатель кафедры таджикского языка и литературы. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Дангара, ул. Шарифова, 3. Тел.: **(+992) 985-29-74-74**

Information about the author: ***Abdulmannonzoda Muhammadsdiddik*** - Dangara State University, applicant for the Tajik language and literature department. Address: 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, ul. Sharifova, 3.
Tel.: **(+992) 985-29-74-74**

УДК: 821.111-312.7

БАРРАСИИ ҚИЁСИИ ОБРАЗИ СИНДУХТ ДАР «ШОҲНОМА» -И АБУЛҚОСИМИ ФИРДАВСӢ ВА МЕҲИНБОНУ ДАР «ХУСРАВ ВА ШИРИН»-И НИЗОМИИ ГАНҶАВӢ

Ашурова Н.Ҷ.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ

Мавзӯи ҷойгоҳи зан дар ҷомеа, аз ҷумла дар умури давлатдорӣ, аз ҷумлаи мавзӯъҳое мебошад, ки дар таърихи фарҳангу адаб собиқаи дерина дошта, на танҳо дар адабиёти ҳазорсолаи форсу тоҷик, балки дар адабиёти ҷаҳонӣ ва ба таври куллӣ, аз назари ҷомеашиносӣ дар муносиботи байниҳамдигарии одамон дар сайёра аз оғози пайдо шудани худандешӣ ва худнигарӣ дар тафаккури башарият ба миён гузошта шудааст. Аз назари ҷомеашиносии адабӣ мавзӯи ҷойгоҳ ва ҳувияти зан дар ҷомеаи башарӣ, аз ҷумла дар миёни ҷомеаҳои шарқӣ, бештар дар асарҳои мутафаккирони маорифпарвар ба миён гузошта шудааст, ки мавзӯи баҳси ҷомеашиносӣ мебошад. Манзури мо тасвири мавзӯъ аз ҷониби адибон мебошад, ки дар мисоли эҷодиёти ду шоири ҳаким: Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ ва Ҳаким Низомии Ганҷавӣ баррасӣ мегардад.

Сиёсатмандону давлатдорон ва дингустарону озодипарастон дар ҳар давру замон ҳар кадоме ба таври худ хостаанд, ин масъалаи зиндагисоз, яъне ҷойгоҳи занро дар ҷомеа муайян созанд. Ҳатто дар ду асри охир, ки хаёли андешамандон ба кашфиёти сайёраҳои дар дуриҳои ба дарозои ҳазорсола роҳ қарордошта нигаронида шудааст, ҳанӯз ҳам дар аксарияти кишварҳои машриқзамин мавзӯи ҷойгоҳ, мақому мартаба, ҳатто озодии занон, баробарҳуқуқии зану мард, тарзи пӯшидани либосу сатр, хушунат бар занон ва монанди

он мавриди баҳсу мунозира қарор дорад. Мушоҳида ва гуфтугӯҳо шоҳиди онанд, ки масъалаи мазкур моҳияти ҷаҳонӣ дошта, ба проблемаҳои гендерӣ дар замони муосир мубаддал гардидааст.

Лозим ба таъкид аст, ки Ҳаким Фирдавсӣ дар муқобили идеологияи арабҳо, ки бо фарҳанги бодияпаймоии худ мақоми занро дар ҷомеа поён шуморида, ӯро хонанишину хидматгори мард сохта буданд, бартарияти фарҳанги волои ориёиро устувор бар пояи баробарии зану мард тавсиф кардааст. Дар ин маврид дарёфти донишманди варзидаи Эрон Ғуломризои Инсофпур хеле гӯёст: «Эрониён, ки аз дертарин рӯзгор ба усули ахлоқӣ муътақид буда ва бино ба дастури паёмбари бостонии худ аз андешаи нек, гуфтору кирдори нек пайравӣ мекарданд ва ҳатто бо милали ғайриэронӣ рафторе бо адлу инсоф доштанд ва додгариву озодманишӣ ва меҳрубониву ҷавонмардиву бахшандагиро бузургтарин фазилати инсон мешумурданд, бадеҳист, ки бо занон ҳам бар мабнои ин усул ба адлу инсоф рафтор мекарданд ва ҳуқуқу мақоми эшонро чи дар миёни афроди хонавода ва чи дар иҷтимоъ ончунонки сазовори шахсияти инсонӣ ва фазоили ахлоқиву маънавии худашон буд, гиромӣ ва муҳтарам медоштанд» [4, с.3].

Ҳаким Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»- и безаволи хеш, пеш аз ҳама, занони порсову ғамгусор ва сухандону ройзанро ситоиш намуда, онҳоро чун ганҷи бебаҳо дониста ва гоҳе ҷойгоҳи занро аз подшоҳ болотар гузоштааст:

Зи покиву аз порсоии зан,
Ки ҳам ғамгусор асту ҳам ройзан,
Бад-ӯ гуфт: Ройи ту, эй шерзан,
Дурахшон кунад дудаву анҷуман.
Агар порсо бошаду ройзан,
Яке ганҷ бошад пароканда зан.
Ҳаме гуфт ҳар кас, ки ин покзан,
Чи некӯ сухан гуфт бар анҷуман.
Ту гуфтӣ, ки гуфтораш аз дафтар аст,
Зи дониш ба Ҷомосб, ӯ бартар аст.
Гаронмоя занро ба даргоҳ хонд,
Ба нома варо афсари моҳ хонд [8, с.337].

Низомии Ганҷавӣ, ки дар офаридани симои зани бохираду андешаманд пайрави Ҳаким Фирдавсӣ мебошад, ӯ низ пиромуни ҷасорат, покдоманиву вафодорӣ, ҳушмандӣ ва ибтикормандиаш дар умури давлатдорӣ достонҳо сурудааст.

Ҳадафи мо аз ин нигориш таҳлили қиёсии намоди занони дар корҳои давлатдорӣ ибтикорманде, чун Синдухт ва Меҳинбону мебошад, ки дар ду шоҳасари адабиёти классикии форсу тоҷик: «Шоҳнома»-и Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ [8; 9; 10] ва «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ [3; 4] инъикос шудаанд.

Аз таърих маълум аст, ки дар низоми давлатдории Эрони бостон зан чун дар кишварҳои пешрафтаи замони ҳозира ҷойгоҳи баланде надоштааст ва онҳо аксар имкон надоштаанд, то озодона ба мартабаҳои баланди сарварӣ бирасанд ва ин ҳақиқат дар «Шоҳнома» низ ба чашм мехӯрад ва мартабаву ҷоҳу ҷалол асосан насиби мардон будааст. Ҳамзамон, набояд аз назар дур дошт, ки Ҳаким Фирдавсӣ ҳангоми инъикоси хронологии ба тахт нишастани шоҳон якчанд фасли мухтасари шоҳкории худро ба подшоҳии давлатбонувоне, ба сони Ҳумой, Бӯрондухт, Озармдухт ва чанд байтеро ба Динок бахшидааст, ки онҳо бар тахти каёнӣ нишаста буданд.

Мебояд гуфт, ки бар тахт нишастани Бӯрондухт ва Озармдухт намоёнгари он аст, ки гузаштагони дури мо нисбат ба дигар мардумони ҷаҳон додхоҳу фарҳангпарвар ва ҷомеаи он замон то андозае пешрафта будааст, зеро занон низ дар ҳукуматронӣ шарики мардон буда, дар ҳаллу фасли муаммоҳои давлатдорӣ саҳмгузорӣ доштанд.

Аз шаҳбонувони дар боло ёдоваршуда шаҳбону Ҳумойро метавон намуна оварда, ки Фирдавсӣ ӯро беш аз падараш додгустару некрой хондааст ва, бино бар тасвири шоир, дар замони ҳукмронии ин бону кишвар ободу хуррам мегардад:

Дигар духтаре дошт номаш Ҳумой,
Ҳунарманд, бодонишу некрой.
Ба рою ба дод аз падар баргузашт,
Ҳама гетӣ аз додаш обод гашт.
Нахустин, ки дайҳим бар сар ниҳод,
Ҷаҳонро ба доду деҳиш мужда дод [10, с.43-45].

Новобаста аз он ки дар «Шоҳнома» шоҳон ғолибан аз мардҳо мебошанд, ба ҳангоми тасвири умури давлатдорӣ, Ҳакими Тӯс ба бозтоби чеҳраи зан дар амри густариши доду хирадварзӣ, дифоъ аз арзишҳои меҳанпарастӣ аҳамияти вижа додааст.

Бояд гуфт, ки аксари занони «Шоҳнома» аз фарзонагону хирадгароён буда, ёвару машваратгари шавҳарони хеш, ки бештар подшоҳонанд, будаанд.

Яке аз чеҳраҳои тобноки номаи бостон Синдухт – шаҳбонуи Кобулистон, ҳамсари Меҳробшоҳ аз зумраи занони ҳушманду ботадбир, иродатманд, меҳрубону ғамхору чорасоз, бовафову ҳушманд мебошад, ки бо доноиву ройзании худ печидагиҳои муносибат бо давлатҳои ҳамсояро, ҳамчун фиристодаи шоҳ, гиреҳкушоӣ мекунад. Ҳамин вижагии сифати Синдухт нақши ӯро аз симоҳои дигари шоҳкори бузург дар бартарӣ намоён месозад [1, с. 116].

Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ оварда шудааст, ки шоҳи Эрон – Манучеҳр пас аз огоҳ шудан аз ишқварзии Золи Зар – писари Соми Наримон ва духтари шоҳи Кобул – Рудоба, ки аз авлод тозитабор буд, чунин пайванди «нӯш бо неш»-ро хатар ба ояндаи кишвар дониста, амр мекунад, ки Сом бо лашкари анбуҳ ба Кобулшаҳр ҳамла бурда, онро бисӯзонад. Шоҳи Кобулистон – Меҳроб пас аз шунидани ин хабар қасд ба ҷони духтараш мекунад ва илоҷи мушкилиро дар нобуд кардани фарзандаш мебинад ва аз он пушаймон низ аст, ки бо шеваи духтардории ниёкони арабаш нарафта, духтарро пас аз таваллуд ба куштан надодааст. Синдухт ҳамчун модари мушфиқ мефаҳмад, ки ба ҷони духтараш марг таҳдид мекунад, бинобар ин, чораи аз ин гиреҳ растанро меҷӯяд. Синдухт шоҳро вомедорад, то ӯро аз ҷониби худ барои гуфтугӯ бо Сом сафир кунад:

Бад-ӯ гуфт Синдухт, к-«Эй, сарфароз,
Бувад, к-ат ба хунам наёяд ниёз,
Маро рафт бояд ҳаме пеши Сом,
Кашидан мар ин теғро аз ниём» [10, с. 332].

Синдухт худро бо зару нуқраи шоҳӣ ороста, бо туҳфаҳои зиёде ба назди Сом меравад, ки дар ин кор ҷасорат ва хирадмандии зани эронитабор ба намоиш гузошта шудааст. Синдухт бо ин рафтори оқилонаи худ дили Сомро нарм карда, хешро ҳамчун фиристодаи шоҳ пешниҳод намуд:

Яке тарки румӣ ба сар барниҳод,
Яке бора зер андараш ҳамчу бод.
Биёвард гурозон ба даргоҳи Сом,
На овоз доду на баргуфт ном.
Ба корогаҳон гуфт, к-«Аз ногаҳон,
Бигӯед бо паҳлавони ҷаҳон,
Ки омад фиристодаи кобулӣ,
Ба назди сипаҳбад яли зобулӣ.
Зи Меҳроби гурд оварида паём,
Ба назди сипаҳбад ҷаҳонгир Сом».
Фуруд омад аз асп Синдухту рафт,
Ба пеши сипаҳбад хиромид тафт.
Заминро бибӯсиду кард офарин,
Абар шоҳу бар паҳлавони замин.
Нисору парастандаву аспу пил,
Рада бар кашида зи дар то ду мил.
Якояк ҳаме пеши Сом оварид,
Сари паҳлавон хира шуд, к-он бидид... [8, с. 334].

Сом дар нигоҳи нахуст ба фиристодазан бо ҳавобаландӣ менигарад:

Зи ҷое куҷо моя чандин бувад,
Фиристодани зан чӣ оин бувад? [8, с. 335].

Вале Синдухт бо туҳфаҳои гаронбаҳо ва суханони оқилона ба дили Сом роҳ пайдо кард. Ҳангоми пазироӣ Синдухт бо дасти канизони хубрӯй ба паҳлавон май таоруф карда, ҳамчун зани хирадманду ботадбир ба баён намудани сифатҳои неки ӯ мепардозад.

Симои Синдухт дар ин ҷо ҳамчун як зани боандешаву нуктабин дар лаҳзае тасвир ёфтааст, ки ӯ, ба хотири пешгирӣ аз хунрезиҳо байни ду лашкар, ҷасурона назди Сом шитофта, бо меҳрубониву чарбзабонӣ ва баёни далелҳои мантиқӣ хатари ҷангро бартараф месозад. Ӯ далели мантиқие меоварад, ки шояд Меҳроб гунаҳкор бошад, вале мардумони Кобулистон айбдор нестанд, бинобар ин, барои гуноҳи як кас набояд кишвар хоктӯдаву

мардумонашро ба куштан дод. Ӯ пай бурда буд, ки Сом ба кишвари Кобул на барои сайр, балки барои валангору тороҷ кардани он хоҳад омад.

Синдухт дар ҷавоби талаби Сом, ба маънии аз куҷову кӣ будани худ ва духтараш – Рудоба, барои осебе нарасондан ба онҳо аз Сом эҳтиёткорона замонат мехоҳад. Пас аз гирифтани ваъдаи қатъӣ, одоби муносибатҳои инсонӣ ва ҳусни тафоҳумро ба ҷо оварда, аз авлоди Заҳҳоку шаҳбону будани худ ва духтари ӯ будани Рӯдобаро арз намуда, мехоҳад ба раъйи Сом дарбиравад. Ин аст, ки мегӯяд:

Кунун омадам, то ҳавои ту чист?
Ба Кобул туро душману дӯст кист?...
Дили бегуноҳони Кобул масӯз,
К-аз ин тирагӣ андар ояд ба рӯз [8, с. 338].

Бояд гуфт, ки дар баъзе мавридҳо дар ҳалли масъалаҳои сиёсӣ ва умури давлатдорӣ бо зан машварат намудан ва аз ӯ маслиҳат гирифтанро Фирдавсӣ на ҳама вақт мепазирад. Вай баҳра аз машваратро дар ройзании мардони корозмуда ва соҳибхирад мебинад. Аммо дар мавриди Синдухт метавон гуфт, дар ҳолатҳои истисно, ҳангоме ки мардон дар роҳи ҳалли қазия ба мушкилӣ дучор меоянд, зан монанди сафири пуртадбир вориди арсаи сиёсат шуда, чорагари ҳаллу фасли муаммоҳо мегардад.

Соми ҷаҳонпаҳлавон низ дар назди рою тадбир ва зебоиву суханороии Синдухт қоил шуда, талоши ӯро дар роҳи хушбахтсозии фарзандаш мусбат арзёбӣ менамояд.

Образи Синдухтро Холиқ Мирзозода дар китоби «Таърихи адабиёти тоҷик» мавриди таҳлил қарор дода, чунин натиҷагирӣ кардааст: «Синдухт ҳамчун зани ватандӯсту оқилаи ғамхори бахти фарзанд ва шавҳару кишвари худ бо роҳи муносибатҳои дипломатӣ пеши роҳи ҷангро гирифта, душманро ба дӯст мубаддал карда, ба ватан баргашт, осоиштагии халқу кишвар ва бахти фарзандашу шавҳарро ба даст оварда, шоду хурсанд ба ватан расид» [7, с. 421].

Дар ин маврид пажӯҳишгари тоҷик Ҷонон Бобокалонова чунин андешаронӣ дорад: «Фирдавсӣ дар шахсияти Синдухт муҷассамаи безаволи устуворӣ ва тавоноӣ ва амалу бамақсадрасии занро эътироф намудааст. Ҳакими Тӯс тавассути ҷасорати ин зани чорасозу тадбирҷӯ ба масъалаи созиш додани байни шоҳони сарзаминҳои гуногун рӯ овард ва ин масъаларо ба заминаи асосӣ ва ягонаи достон пайваст намуд» [2, с. 54].

Низомии Ганҷавӣ низ дар «Хамса» дар намоди чанде аз бонувони ҳушманду хирадманд, додварзу додгустар ҷойгоҳи занро дар замони гуногуни давлатдории эронитаборон равшану возеҳ бозтоб намудааст. Намунаи равшани ин гуфтаҳо симои Меҳинбону – маликаи сарзамини Арман мебошад, ки дар достони «Хусрав ва Ширин»-и Низомии Ганҷавӣ ҳамчун подшоҳи пуриқтидор ва одилу додгустар, бо ганҷҳои фаровон қаламдод шудааст.

Нахустин ҳамгуние, ки байни Синдухт ва Меҳинбону ба чашм меафтад, ин аз табори шоҳон, табақаи ашрофзодагон будани ҳар ду бону мебошад. Яке аз авлоди Заҳҳок, ҳамсари Кобулшоҳ – Меҳроб ва дигаре аз насли шоҳон ва худ шоҳи сарзамини Арман мебошад.

Шоир аз забони надими шоҳ Хусрав бо чунин суханҳо Шамироро, ки лақабаш Меҳинбонуст, аз насли шоҳони сарзамини Арман хондааст:

Зане фармондеҳ аст аз насли шоҳон,
Шуда ҷӯши сипоҳаш то Сипоҳон.
Ҳама иқлими Аррон то ба Арман
Муқаррар гашта бар фармони он зан.
Надорад ҳеҷ марзе бе хироҷе,
Ҳама дорад, магар тахтею тоҷе.
Ҳазораш қалъа бар кӯҳи баланд аст,
Хазинашро Худо донад, ки чанд аст?
Зи ҷинси чорпо чандон, ки хоҳӣ,
Ба афзунӣ фузун аз мурғу моҳӣ.
Надорад шӯю дорад комронӣ,
Ба шодӣ мегузорад зиндагонӣ.
Зи мардон бештар дорад сутургӣ,
Меҳинбону-ш хонанд аз бузургӣ.
Шамиро ном дорад он ҷаҳонгир,
Шамироро Меҳинбону-ст тафсир [5, с. 170].

Дар сатрҳои боло Меҳинбону ҳамчун шахсияти сиёсӣ, тавоно ва дар иродатмандиву матонат аз мардон болотар бозтоб мегардад.

Гумон меравад, аз табори шоҳон нишон додани Ширинро Низомии Ганҷавӣ ба он хотир намоён кардааст, ки аз замонҳои фаротаърихӣ дар кишварҳои Шарқу Ғарб намояндагони хонадони подшоҳӣ ҳамсарони ояндаи худро аз хонадони шоҳӣ ва ашрофзодагон интихоб карданро шарти муҳим медонистанд. Дар акси ҳол байни хонадони шоҳӣ ва ашрофзодагон метавонист, як норизоият ба миён ояд. Ҳамин буд, ки ғолибан шаҳбону аз табори шоҳону ашрофзодагон интихоб мешуд. Пайдост, ки дар интихоби ҳамсар шоҳону шоҳзодагон соҳибихтиёр набуданд ва аз роҳи муҳаббат ҳамсаргузинӣ хосси шоҳу шоҳзодагон набуд.

Дар фасли ба замони шоҳии Хусрави Парвиз бахшидаи Ҳаким Фирдавсӣ мехонем, ки бинобар ихтилофи сахт ва изҳори норизоияти диндорону ашрофзодагони дарбор, Хусрав наметавонад ба дилдодаи хеш Ширин, ки аз нигоҳи мавқеи иҷтимоӣ дар сатҳи паст қарор дошта, аз хонадони шоҳӣ дур буд, алоқаманд гардида, дар қадами нахуст наметавонад, аз ин боис ӯро ҳамчун завҷаи худ бипазирад. Дилдодагон – Хусрав ва Ширини «Шоҳнома» танҳо пас аз тадбирҷӯӣ ва чорасозӣ, ба монанди овардани ташти хун назди мубадону меҳтарони кишвар ва пас аз пок намудану лабрези набиду май ва мушку гулоб кардани он ташт ва дубора ба бузургон нишон додан ва ҳикмат бардоштани эшон аз ин амали шоҳ, ба никоҳи шоҳ Хусрав бо Ширин розигӣ доданашон, тавонистанд ба мақсад бирасанд. Аммо дар достони «Хусрав ва Ширин»-и Низомӣ, баръакс, Ширин аз насаби баланд, ҳамчун додарзодаи маликаи сарзамини Арман – Меҳинбону тасвир ёфтаст.

Дар боло ишора шуд, ки Синдухт ба ҳангоми рафтан ба даргоҳи Сом як қатор талаботи оини ташрифот ба даргоҳи шоҳонро ба ҷо меоварад. Аз ҷумла, бо либоси вижа ва аспсавор ба даргоҳ омадан, бо хушзабонӣ ва нармӣ суханорӯӣ кардан, бо худ овардани туҳфаҳои зиёд, бо лутфу чарбзабонӣ ба меҳмонӣ даъват намудан, ки ин ҳама мақому манзалати Синдухтро ба намоиш гузошта, мояи пазируфтани ӯ ҳамчун фиристодаи кишвари дигар мегардад.

Ҷолиб он аст, ки Сом Синдухтро дар тамоми рӯзҳои дар Зобулистон будан, ҳамчун ҳамтои худ, бо риояи ҳама одобу русуми пазироии шоҳон пазироӣ мекунад. Синдухт низ, дар мавриди худ, паҳлавонро ба кишвараш даъват мекунад ва ҳангоми гусели ӯ «Сом ба ҳамон андоза, ки Синдухт пешкаш оварда буд, ба ӯ хоставу ганҷ дод ва бо эъзози комил назди шӯяш, подшоҳи Кобул бозаш фиристод» [4, с. 37].

Симоҳои занони офаридаи Низомӣ дар «Панҷ ганҷ» низ аҷиб, ҷолиб, омӯзандаву хосса буда, имрӯз низ арзишҳои худро гум накардаанд ва дар оини давлатдорӣ, пазироии шоистаи меҳмон, одоби муошират, ба манфиати ҷомеа зиндагӣ карда тавонистан расову коро мебошанд. Меҳинбону сарвари як кишвар мебошад, ки аз фазилати баланду ақли расои зан ва тавоноии ӯ дар ҳукуматдорӣ далолат мекунад. Меҳинбону дар достон чун ҳукмроне тасвир шудааст, ки аз тамоми фазилатҳои ба намояндаи табақаи ашрофзодагон хос баҳравар буда, дар ҷараёни бозтоби паҳлуҳои гуногуни симои ӯ вижагиҳое, ба сони бархӯрдорӣ аз илму дониш, равшанбаёнӣ, чирамандӣ ба ҳунарҳои аспсаворӣ, тирандозӣ, шамшерзанӣ ва риояи тамоми одобу русуми шоҳон бо бадеияти баланд бознамоён гаштааст.

Ин сифатҳои Меҳинбону нақши ӯро аз симоҳои дигари достон дар бартарӣ ба тасвир меоварад. Дар фасли «Расидани Хусрав ба Арман назди Меҳинбону» оварда шудааст, ки Меҳинбону пас аз шунидани хабари омадани шоҳзодаи Эрон, Хусрави Парвиз ба кишвараш омодагиҳо дида, «ба хидмат кардани шоҳона», баҳри пазироии шоистаи меҳмон шитоб мекунад:

Меҳинбону чу з-ин ҳолат хабар ёфт,
Ба хидмат кардани шоҳона биштофт.
Ба истиқболи шоҳ оварда парвоз,
Сипоҳе сохта бо баргу бо соз.
Гиромӣ нузлҳои хусравона
Фиристод аз адаб сӯйи хизона.
Зи дебову ғулому гавҳару ганҷ
Дабиронро қалам дар хат шуд аз ранҷ.
Фуруд омад ба даргоҳи ҷаҳондор,
Ҷаҳондораш навозиш кард бисёр.
Ба зери тахти шаҳ курсӣ нишонданд,
Нишаст ӯву дигар қавм истоданд [3, с. 203].

Пас аз меҳрубонию суханҳои нек шунидан аз шоҳзода Меҳинбону суханро аз таърифу тавсифи Хусрав оғоз мекунад ва сипас ба ӯ ҳадяҳо пешкаш мекунад:

Меҳинбону чу дид он дилнавозӣ,
Зи хидмат дод худро сарфарозӣ.
Нафас бикшод чун боди саҳаргоҳ,
Фурӯ хонд офаринҳо дархури шоҳ.
Бад-он толеъ, ки пуштошро қавӣ кард,
Паноҳаш боргоҳи хусравӣ кард.
Яке ҳафта ба навбатгоҳи Хусрав
Равон мекард ҳар дам туҳфаи нав [3, с. 203].

Меҳинбону Хусравро дар сатҳи баланд меҳмондорӣ карда, ҳама одобу русуми пазироии шоҳонро риоя мекунад. Тавсифи пазироии меҳмонони сатҳи олӣ аз ҷониби Меҳинбону расму оини пазироии расмии сарварони давлатҳоро дар замони мо мемонад.

Ҷолиб аст, ки шоири бузург дар тасвири ҳар ду намод, чи Синдухт ва чи Меҳинбону сифатҳои ба ашрофзодагон ва маликаҳо хоссро моҳирона бозгӯ намудааст. Чунончи, рисолати бомуваффақияти фиристода, пазироӣ ва меҳмоннавозӣ бар пояи олии шоҳӣ, равшанбаёнӣ ва хушсуханӣ ба мушоҳида мерасад. Сифатҳои ба ашрофзодагон хос на танҳо дар кирдору гуфтори ҳар ду шаҳбонувон ба мушоҳида мерасад, онҳо ҳамзамон кӯшиш мекунанд, ин сифатҳоро дар сиришти насли ояндаи худ низ тарбият кунанд. Ҳарчанд Меҳинбону модари Ширин набуд, аммо ӯро модарвор, чун вориси тахту тоҷи оянда тарбият карда, ба воя мерасонад.

Аз таърих огоҳӣ дорем, ки хонаводаи шоҳӣ ва ашрофзодагон барои таълиму тарбияи насли ҷавони меросбарони тахти шоҳӣ диққати ниҳоят ҷиддӣ медоданд. Барои ин устодон, донишмандон ва ҳунармандони варзида сафарбар мешуданд. Ҳатто дар бораи тарзи идора кардани давлат ва тарбияти хонаводаи шоҳӣ китобҳо, сиёсатномаҳо эҷод мешуданд. Ҳамчун анъана дар замони Сосониён адабиёте, ки ба ҳокимону шоҳон бахшида шуда, дар бораи усулҳои идора кардани давлат маълумот диҳад, хеле зиёд буд. Чунончи, «Тоҷномак», «Гоҳномак», «Корномаки Ардешери Бобакон», «Ёдгори Зарирон», «Чатрангномак», «Ганҷи шойгон»-и Бузургмеҳр писари Бахтакон, «Матагдани ҳазар датестан», «Худойномак» ва ғайра [11, с. 68-72; 12, с. 74].

Дар замони бостон китоби «Пешинаконнамак» низ мавҷуд аст, ки он дар бораи бобоён мебошад. Дар «Сиёсатнома»-и Низомулмулк, ки дар асри XI таълиф гардидааст, аз ин китоб нақлҳо оварда шудааст. Дар қиссаи «Хусрави Каватану ретаке», ки мазмунаш аз «Пешинаконнамак» гирифта шудааст, сухан дар бораи ҷавоне меравад аз рӯйи илм, дин, мусиқӣ, бозиҳо, санъати саворӣ, шикор ва хаттотӣ тарбия ёфта, аз подшоҳон талаб мекунад, ки ӯро имтиҳон кунанд [7, с. 86].

Ҳамин тавр, ба сурати куллӣ аз мабоҳиси мазкур метавон натиҷагирӣ кард, ки саромадони адабиёти классикии форсу тоҷик Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ ва Ҳаким Низомии Ганҷавӣ дар тасвири симоҳои Синдухт ва Меҳинбону ба масъалаҳое таваҷҷуҳ кардаанд, ки дар амали қаҳрамонон ҳам ҳамгуниҳои зиёдеро метавон мушоҳида кард ва ҳамзамон як силсила дигаргуниҳое дар ин ду намод вуҷуд доранд, ки ҳар кадоме аз онҳо бо мақсади муайяни эҷодӣ офарида шудаанд.

Абулқосими Фирдавсӣ ва Низомии Ганҷавӣ дар осори пурбаҳои худ ҷойгоҳи занро на танҳо дар меҳрпарварӣ, бунёди хонавода, тарбияи фарзандон ва муҳайё сохтани шароити мусоид ба шавҳарону фарзандон бозтоб намудаанд, балки онҳоро, дар мисоли образҳои Синдухт ва Меҳинбону, ҳамчун давлатбонувони бохирад, гиреҳкушоёни муаммоҳои подшоҳиву давлатдорӣ ба тасвир овардаанд.

Ҳаким Фирдавсӣ ва Низомии Ганҷавӣ бо роҳи бознамоён сохтани хислати ҳамида, рафтору кирдори шоиста ва гуфтори нағзи Рудоба ва Ширин муносибати хуби фарзандро нисбат ба падару модар ба намоиш гузоштаанд, ки то замони мо арзишҳои адабӣ, тарбиявӣ ва зебоишинохтии худро гум накардаанд. Синдухт ва Меҳинбону ҳамчун модар ба дастпарварони худ – Рудоба ва Ширин на танҳо фазилату хирадмандӣ, росткорию ростқавлӣ, инчунин, покниҳодиву поксиришторо низ меомӯзонданд. Ишқи онҳо пок, беолоиш ва самимиву бидуни ҳавову ҳавас аст. Онҳо дар баъзе мавридҳо ҳатто дар фазилатҳои давлатдорӣ аз мардон ҳам хушзеҳну матинирода мебошанд. Онҳо метавонанд, бо хирадмандӣ ва чарбгуфторӣ пеши роҳи муноқишаву ҷангҳоро гиранд.

А Д А Б И Ё Т

1. Ашурова, Н. Муқаддимаи зуҳури Рустам (Ҷустор дар сохтор ва хусусиятҳои ғоявию бадеии достони «Зол ва Рудоба»-и Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ). Рисолаи илмию тадқиқотӣ / Н. Ашурова. – Душанбе: Сино, 2014. – 140 с.
2. Бобокалонова, Ҷ. Нақши занон дар номаи шоҳон / Ҷ. Бобокалонова. – Душанбе: Адиб, 1998. – 163 с.
3. Ганҷавӣ, Низомӣ. Куллиёт. Хусраву Ширин; ба чоп ҳозиркунанда ва муаллифи сарсухан З. Аҳрорӣ. – Душанбе: Ирфон, 1983. – Ҷ. 1. – 460 с.
4. Инсофпур, Ғуломризо. Ҳуқуқу мақоми занон дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. –Теҳрон, 1368.
5. Низомии Ганҷавӣ. Хамса: Махзан-ул-асрор, Хусраву Ширин. – Душанбе: Адиб, 2012. – 480 с.
6. Маҷмӯаи мақолоти Кунгураи байналмилалии бузургдошти нӯҳумин садаи таваллуди Низомии Ганҷавӣ. Донишгоҳи Табрез, 1368.
7. Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби 1 (1). – Душанбе: Маориф, 1989. – 487 с.
8. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома; таҳияи К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – Ҷ. 1. – 480 с.
9. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома; бар асоси нусхаи нуҳҷилдаи чопи Маскав. – Теҳрон: Овардгоҳи ҳунару андеша, 1393. Ҷ. 3. – 324 с.
10. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома; таҳияи К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ. – Душанбе: Адиб, 2009. – Ҷ. 7. – 480 с.
11. Шарифзода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик (аз аҳди қадим то оғози асри XIII). Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе: ҶДММ “ТоРус”, 2017. – 416 с.
12. Шарифзода, Х. “Шоҳнома” ва шеъри замони Фирдавсӣ. – Душанбе, 2014. – 400 с.
13. Шарифзода, Х. Достонҳои бузурги “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ. – Душанбе, 2018. – 400 с.

БАРРАСИИ ҚИЁСИИ ОБРАЗИ СИНДУХТ ДАР «ШОҲНОМА» -И АБУЛҚОСИМИ ФИРДАВСӢ ВА МЕҲИНБОНУ ДАР «ХУСРАВ ВА ШИРИН»-И НИЗОМИИ ГАНҶАВӢ

Ҷойгоҳи зан дар ҷомеа аз ҷумлаи мавзӯъҳое маҳсуб мешавад, ки нигариш ба он дар таърихи илму адаби форсу тоҷик таърихи дерина дошта, дар паҳнои адабиёти ҳазорсолаи форсу тоҷик тасвири образи занон нақши ногустарданӣ дорад. Аз назари ҷомеашиносӣ ин мавзӯъ дар муносиботи байниҳамдигарии одамон дар сайёра аз оғози пайдо шудани худандешӣ ва худнигарӣ дар тафаккури башарият ба миён гузошта шудааст. Ҷойгоҳ ва ҳувияти зан дар ҷомеаи башарӣ, аз ҷумла дар миёни ҷомеаҳои шаркӣ, бештар дар асарҳои мутафаккирони маорифпарвар ба миён гузошта шудааст, ки мавзӯи баҳси ҷомеашиносӣ мебошад. Гузашта аз ин, масъалаи мазкур моҳияти ҷаҳонӣ дошта, ба проблемаҳои гендерӣ дар замони муосир мубаддал гардидааст. Дар ин мақола манзури муаллиф тасвири мавзӯъ аз ҷониби адибон мебошад, ки дар мисоли эҷодиёти ду шоири ҳаким: Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ ва Ҳаким Низомии Ганҷавӣ баррасӣ гардидааст. Ба сурати мушаххас дар мақола образи Синдухт дар «Шоҳнома» ва Меҳинбону дар «Хусрав ва Ширин» таҳқиқи қиёсӣ шудааст. Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ ва Ҳаким Низомии Ганҷавӣ дар тасвири симоҳои Синдухт ва Меҳинбону ба масъалаҳое таваҷҷуҳ кардаанд, ки дар амали қаҳрамонон ҳам ҳамгуниҳои зиёдеро метавон мушоҳида кард ва ҳамзамон як силсила дигаргуниҳое дар ин ду намод вуҷуд доранд, ки ҳар кадоме аз онҳо бо мақсади муайяни эҷодӣ офарида шудаанд. Ҳар ду шоир дар осори пурбаҳои худ ҷойгоҳи занро на танҳо дар меҳрпарварӣ, бунёди хонавода, тарбияи фарзандон ва муҳайё сохтани шароити мусоид ба шавҳарону фарзандон бозтоб намудаанд, балки онҳоро, дар мисоли образҳои Синдухт ва Меҳинбону, ҳамчун давлатбонувони бохирад, гиреҳкушоёни муаммоҳои подшоҳиву давлатдорӣ ба риштаи тасвир кашида, рафтору кирдори шоиста ва гуфтори нағзу муносибати хуби занонро ба намоиш гузоштаанд, ки то замони мо арзишҳои адабӣ, тарбиявӣ ва зебоишиносӣ худро гум накардаанд.

Калидвожаҳо: Фирдавсӣ, Низомӣ, «Шоҳнома», «Хусрав ва Ширин», Синдухт, Меҳинбону, образ, қиёс, зебоишиносӣ.

СРАВНЕНИЕ ОБРАЗА СИНДУХТ В "ШАХНАМЕ" АБУЛЬКАСЫМА ФИРДОУСИ И МЕХИН-БАНУ (ШЕМИРА) В "ХОСРОВЕ И ШИРИН" НИЗАМИ ГЯНДЖЕВИ

Определение роли женщины в персидско-таджикской литературе имеет раннюю историю и в наше время является неотъемлемой частью тысячелетней литературы персов и таджиков. С точки зрения обществоведения, эта тема связана с отношениями между людьми, появилась со времени начала их самопознания. Анализ значения и влияние женщины в обществе, в частности в восточном обществе, больше всего наблюдается в творчестве высокообразованных мыслителей, и составляет одну из тем споров в обществоведении. Следовательно, данная тема носит всемирный характер и сейчас представляет собой глобальную гендерную проблему. В данной статье цель автора заключается в отображении этой темы с литературной стороны, как это сделано двумя великими поэтами: Хакимом Абулькасымом Фирдоуси и Хакимом Низами Гянджеви. В статье в сопоставительном плане рассматриваются образы Синдухт в поэме "Шахнаме" и Мехин-Бану в поэме "Хосров и Ширин". Хаким Абулькасым Фирдоуси и Хаким Низами Гянджеви в образах Синдухт и Мехин-Бану отобразили много общих и различных черт между ними, так как каждый из них осуществляет определенную творческую работу. Оба поэта в своих драгоценных произведениях показали женщину не только как любящую хранительницу очага, создательницу семьи, воспитывающую и обеспечивающую детей и мужа, но и на примере образов Синдухт и Мехин- Бану, отображает рассудительных правительниц, с высоким воспитанием, способностью развязывать политические узлы, их превосходство в красоте, литературе и воспитании, что бесспорно не утрачено до нынешнего времени.

Ключевые слова: Фирдоуси, Низами, «Шахнаме», «Хосров и Ширин», Синдухт, Мехин-Бану (Шемира), образ, сравнение, эстетическое.

THE SAME COMPARISON IMAGE SINDOKHT IN THE "SHAHNAMEH" OF FERDOWSI ABULKASIM AND MACHIN-BAN (SAMIRA) IN "KHOSROV AND WIDTH" OF NIZAMI GANJAVI

The role of women in Persian-Tajik science and literature has an early history and is now an integral part of the thousand-year literature of the Persians and Tajiks. From the point of view of social science, this topic between human relations has appeared in the world since the time of self-knowledge. The importance and influence of women in human

society, also in Eastern society, is most evident in highly educated thinkers, which is a topic of debate in social science. Consequently, the topic is global and has now become a global gender issue. In this article, the author's goal is to display this theme from the literary side, as two great poets did: Hakim Abulkasim Firdousi and Hakim Nizami Ganjavi in their works. At precise vision article way Sindokht in "Shahnameh" and Mihin-Banu in "Khosrov and Shirin" are the same comparison. Hakim Abulqasim Ferdowsi and Hakim Nizami Ganjavi in the face Sindokht and Machin-ban has displayed many differences and several similarities between them that each of them carries some creative work. Both poets in their precious works showed a woman not only as a loving, the Creator of the family, raising and providing for children and husband, but also in the example of images of Sindukht and Mehin - Banu, as judicious rulers, with high education, the ability to untie political knots, superiority in beauty, literature and education, which undoubtedly these skills have not been lost until today.

Key words: Ferdowsi, Nizami, "Shahname", "Khosrov and Shirin", Sindokht, Machin-ban (Semira), image comparison, aesthetic.

Сведения об авторе: ***Ашурова Нодира Джумаевна*** - Кулябский государственный университет им. А.Рудаки, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикской литературы филологического факультета. **Адрес:** 735340, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул. С.Сафарова 16. E-mail: **Shokhnoma@mail.ru**

Information about the author: ***Ashurova Nodira Jumaevna*** - Kulob State University nemed after Abuabdullah Rudaki, Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of Tajik Literature of the Philological Faculty. **Address:** 735340, Republic of Tajikistan, Kulyab city, Str. S.Safarov 16. E-mail: **Shokhnoma@mail.ru**

УДК: 891.550:82

АХБОРИ МАРБУТ БА ФАРЗАНДОНИ ҲОТАМ ДАР «РАВЗАТ-УС-САФО»-И МИРХОНД

Туманов Н.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Аз мутолиаи сарчашмаҳои таърихии форси аҳди исломӣ маълум мегардид, ки дар онҳо маъмулан дар робита бо воқеоти солҳои нуҳум ва даҳуми ҳичрати Пайғамбари ислом (с.а.с) дар бораи ҳодисаи фатҳи қабилаи Тай аз тарафи лашкари мусулмонон ва асир афтодани духтари Ҳотам – Саффона, озод шудани ӯ бо шафоати Пайғамбари ислом (с.а.с), бо ташвиқи Саффона мусулмон шудани бародари ӯ – Адий ибни Ҳотам ва ба қатори саҳобагону муборизони ислом даромадани вай баён карда шудааст. Чунончи, дар осоре аз қабили «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Ҳуҷвирӣ, «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус, «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт»-и Муҳаммад Авфӣ, «Гулистон»-и Саъдӣ, «Баҳористон»-и Ҷомӣ, «Ахлоқи Муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воиз, «Ҳазору як шаб», «Насиҳат-ул-мулук»-и Муҳаммади Ғаззолӣ ва амсоли онҳо нақлу бозгӯии ривоёти марбут ба ҷуду саховати Ҳотам дар иртибот ба ҷузъиёти афсонавии зиндагии шахсӣ ва хонаводагии ӯ баён гардида бошад, дар таълифоти муаллифони осори ҷомеи таърихии форсӣ чун «Ҷомеъ-ут-таворих»-и Рашидаддин Фазлуллоҳ, «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд, «Ҳабиб-ус-сияр»-и Хондамир, «Таърихи гузида»-и Ҳамдуллоҳи Муставфӣ ва дигарон ба тасвири баъзе воқеоти зиндагии фарзандони Ҳотам дар солҳои нуҳум ва даҳуми ҳичрати Пайғамбари ислом (солҳои 631-632 милодӣ) таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Дар ин навишта мехоҳем, дар бораи сабабҳои таваҷҷуҳи муаллифони сарчашмаҳои таърихии форсӣ ба воқеаҳои марбут ба асорати духтари Ҳотам ва ислом овардани писари ӯ таваққуф намоем. Тасвири ин воқеаҳо, ки аз «Сират-ун-набавия»-и Ибни Ҳишом, «Китоб-ул-ағонӣ»-и Абулфараҷи Исфаҳонӣ, «Муруҷ-уз-заҳаб»-и Масъудӣ, «ал-Мустатраф»-и Абишиҳӣ, «аш-Шеър ва-ш-шуаро»-и Ибни Қутайба, «Таърих-ул-русул ва-л-мулук»-и Табарӣ, «Комил-ут-таърих»-и Ибни Асир ва дигар сарчашмаҳои арабӣ сарчашма мегирад [3, с.621], [5, с.117], дар осори таърихии форсӣ дар асрҳои XIII-XV низ инъикос ёфтааст. Бояд гуфт, ки ахбори «Ҳабиб-ус-сияр», «Ҷомеъ-ут-таворих» ва «Таърихи гузида», дар бораи воқеаи марбут ба духтари Ҳотам ва ислом овардани ӯ хеле мухтасар буда, аз ҳаҷми як саҳифа беш нест. Вале ахбори яке аз ҷомеътарин осори таърихии форсии таълифшуда дар аҳди Темуриён «Равзат-ус-сафо»-и Мирхондшоҳи Ҳиравӣ нисбат ба дигар маъхазҳо муфассал буда, ба маълумоти «Таърихи Табарӣ» ва «Комил-ут-таърих» наздик аст ва сурати ривояти нисбатан комилро дар бораи воқеаи мазкур ба худ гирифтааст. Тафовути ахбори Мирхонд аз Муҳаммад Ҷарири Табарӣ дар он аст, ки дар ахбори Табарӣ вариантҳои мавҷудаи ривоёт аз қавли ровиёни гуногун, ки аз ҳам фарқ мекунанд, зикр шудааст. Аз ҷумла, дар яке аз вариантҳо, ки Табарӣ аз қавли Ибод ибни Ҳубайш нақл мекунад, ба дасти лашкари ислом на хоҳари Адий ибни Ҳотам, балки аммаи ӯ асир меафтад ва бо шафоати Пайғамбари ислом (с.а.с) аз асорат халосӣ меёбад. Дар варианти дигар, ки Табарӣ аз қавли Шайбон ибни Саъди

Тойӣ нақл мекунад, қаҳрамони асосӣ хоҳари Адий ибни Ҳотам аст, на аммаи ӯ [5, с.117]. Шояд ба сабаби он ки дар аксари кулли сарчашмаҳои таърихии аҳди исломӣ қаҳрамони воқеаи ҳуҷуми лашкари ислом ба қабилаи Тай ва моҷароҳои дар ин воқеа рӯйдода духтари Ҳотам – Саффона аст ва ин вариант машҳур ва мақбул аст, муаллифи «Равзат-ус-сафо» танҳо ба варианти мазкур такя кардааст.

Ба хотири он ки нақли Мирхонд дар «Равзат-ус-сафо» шакли ривояти муфассалро дорад ва моҳияту мақсади муаррихонро аз зикри ин воқеа равшан карда метавонад, мо лозим донистем, ки матни комили онро иқтибос намоем. Мирхонд дар боби «Зикри воқеаи соли нуҳуми ҳичрат ва зикри ғазваи Табук» дар фасли «Ҷанги Тай ва ислом овардани Адий ибни Ҳотам» менависад:

«Ва аз ҷумлаи вақоеи ин сол яке он ки ҳазрати Хайруланом Алӣ ибни Абитолиб (а)-ро бо сад савор ба қабилаи Бани Тай фиристод, то бутхонаи «Фулс»-ро, ки дар диёри эшон буд, хароб созад. Ва асҳоб дар рикоби ҷаноби вилоятмаоб рӯй ба роҳ оварданд ва баъд аз таййи масофат сабоҳӣ бехабар ба қабилаи Тай расида, даст ба ғорату тороҷ баровардand ва бутхонаро кандаву сӯхта, ғанимати бисёр аз бардаву шутур ба дасти аҳли ислом афтод ва раъсу раиси қавм Адий ибни Ҳотам бинобар камоли иштиҳор, ки аз таърифу тавсиф мустағнист, фирор намуда, ба вилояти Шом рафт.

Ва Амирамуъминин Алӣ (а) баъд аз фароз хумси ғаноимро бар асҳоби нусратинтисоб қисмат намуд ва духтари Ҳотамро, ки зане бомалоҳат буд, дохили қисмат нагардонида, ба Мадина овард ва ӯро дар сарое, ки ҷиҳати нузул ва муҳофизати сабоё муҳайё буд, ҷой доданд.

Рӯзе ҳазрати муқаддаси набавӣ (с.а.с) ба масҷид мерафт, бинти Ҳотам аз хона берун омада ва бар сари роҳи он сарвар истода, гуфт: Ё расулаллоҳ (с) ҳалака-л-волиду ва ғоба-л-воқиду фаамъин алаййа манналоҳу алайка (Падарам ҳалок шуд, парасторам (бародарам-Т.Н.) ғоиб шуд. Акнун бар ман бубахшой, то Худованд, бар ту бубахшояд). Расулуллоҳ (с.а.с) фармуд, ки: Воқиди ту кист? Ҷавоб дод, ки: Бародарам Адий. Фармуд: Он гурезандае аз Худо ва расул аст. Ин сухан фармуд ва ба мақсад шитофт. Чун рӯзи дигар шуд, боз духтари Ҳотам дар ҳини убури он Ҳазрат (с.а.с) илтимоси худро мукаррар карда, ҳамон ҷавоб шунид. Ва дар рӯзи сеюм бар дари он сарой мегузашт, духтари Ҳотам бо вуҷуди яъсу навмедӣ бархоста маъруз дошт, ки: Ё расулаллоҳ (с.а.с), духтари раъсу раиси қабилаи хешам, падарам ба дори уқбо нақл намуда ва бародарам ба диёри Шом гурехта, бар ман миннат неҳ ва маро озод фармой, то Ҳақ азза ва ало бар ту миннат ниҳад. Дар ин навбат мултамаси он заифа мабзул афтода, қарор бар он ёфт, ки бо тоифае аз ошноёни ӯ, ки ба Мадина оянд, он ҳазрат ӯро бо эшон гусел намояд.

Баъд аз чанд рӯз ҷамъе аз қабилаи Тай ба Мадина омаданд. Духтари Ҳотам ин суратро маърузи рои ҳумоюни Пайғамбар (с.а.с) гардонид. Он ҳазрат (с.а.с) ӯро ба либоси каромат мулаббас гардонид ва ба анвои отифоту эҳсон сарафроз сохт ва рухсат дод, ки бо он ҷамоат ба ҳар ҷо, ки хоҳад равад. Ва духтари Ҳотам муқзиюлмаром ба мулоқоти бародар шитофт ва рӯйи таваҷҷуҳ ба диёри Шом ниҳод ва баъд аз таййи манозил чун ба он билод расид, Адий ибни Ҳотамро дид, ба сунуфи итоб ӯро муотиб гардонида, кайфияти воқеаро тақрир кард.

Ва Адий дар боби мулоқоти ҳазрати хотамипаноҳ (с) бо хоҳар машварат намуда ва хоҳар ҷавоб дод, ки: Муҳаммад (с.а.с) ё пайғамбар аст ё подшоҳ ва бар ҳар тақдир аз мулозимат ва мулоқоти ӯ чора нест. Бинобар ин, Адий рӯйи таваҷҷуҳ ба ҷониби Мадина ниҳод. Он меҳтари қабилаи Тай баъд аз қатъи манозил ва таййи мароҳил чун ба мақсад расид, дар замоне, ки ҳазрати муқаддаси набавӣ (с) дар масҷид буд, даромад. Ҳазрат пурсид, ки: Чӣ касӣ? Ҷавоб дод, ки: Адий ибни Ҳотами Тай. Ва бинобар он ки масҷид мақарри аҳли ширк нест, он хазрат бархост ва ба ҷониби манзили муқаддас равон шуд ва Адий мувофиқат намуда, дар роҳ зане солхӯрдаи оҷиз пеш омад ва сухане, ки дошт, маърузи рои ҳумоюни расулуллоҳ (с) гардонид ва пайғамбар замоне мумтадд биистод ва бо он заифа такаллум намуда, ҳоҷати ӯро баровард. Адий чун ин хулқи азим аз ҳазрати хотамуланбиё (с) мушоҳида кард, бо худ гуфт, ки: Ин сифат боре аз сифати анбиё ва русул аст.

Чун расулуллоҳ (с.а.с) аз инҷоҳи матлуби он заифа бозпардохта ба ҷониби манзили ақдас равон шуда, ба хона даромада ва содае аз адим, ки онро ба лифи хурмо оганда буданд, бардошт ва ба ҷиҳати ҷулуси Адий ба замин афканда фармуд: Бар ин мавзеъ биншин. Адий аввал имтиноъ намуда ва бинобар муболиға ва илҳоҳи расулуллоҳ (с) бар он ҷо биншаст ва он мухотаб ба хитоби лавлоқ бар рӯйи хок қарор гирифт. Адий бо худ гуфт: Ин амр низ аз одати мулук ва салотин нест, балки аз маҳосини шиями анбиё ва мурсалин аст.

Баъд аз ҷулус ҳазрати рисолат (с.а.с) фармуд, ки: Эй Адий, ту фалон мазҳаб ва миллат доштӣ ва фалон кор мекардӣ, ки дар мазҳабу миллати ту ҷоиз набуд. Аз ин сухан бар Адий равшан гашт, ки он сарвар пайғамбар аст мурсал. Он гоҳ фармуд, ки:

-Эй Адий, шояд, ки монеи ту аз қабули миллати ислом қиллати истеъдод ва касрати эҳтиёҷи мусулмонон бошад. Ба Худо савганд, ки анқариб мол дар миёни эшон ба масобае бисёр гардад, ки ҳеҷ кас наёбанд, ки бар қабул иқдом намояд.

Ва мешояд, ки монеи қабули ту мар ин динро бисёрии душманон ва қиллати арбоби миллат бошад. Ба Худо савганд, ки агар ҳаёте мумтадд ва умре дароз ёбӣ, бубинӣ, ки аҳли ислом бисёр шаванд ва аъдои миллат қиллат пазиранд, ба мартабае, ки зане аз Қодисия бар шутур нишаста танҳо ба тавофи Каъба ояд ва аз ҳеҷ кас хоиф набошад, магар аз Худои азза ва ало ва аз расули ӯ.

Ва мешояд, ки монеъ бошад туро аз даромадан дар ин дин он ки мушоҳида мекунӣ, ки амри ҳукумат ва салтанат бо аъдои ин миллат аст. Ба Худо савганд, ки зуд бошад, ки ба самъи ту расад, ки қасрҳои абяз аз арзи Бобил ба дасти мусулмонон мафтӯҳ гардад.

Аз Адий манқул аст, ки: Чун расулуллоҳ (с.а.с) ин суханон бар забони муъҷазбаён гардонид, маро ба ислом даъват фармуд ва ман ба ҳуляи имон мутаҳҳалло гаштам. Баъд аз нақли он ҳазрат ду воқеа аз он вақоеъ, ки ба ман тақрир фармуда буд, мушоҳида кардам. Яке фатҳи қасрҳо ва дигаре рафтани зан танҳо ба Макка. Ва шак надорам, ки он воқеаи дигар низ самати зуҳур хоҳад ёфт. Бар азкиё пӯшида намонад, ки истисъоди Адий ба пойбӯси ҳазрати набавӣ (с) дар соли даҳум аз ҳиҷрат воқеъ шуд, аммо то калом аз низом наяфтад, килки баён дар ин мақом ба таҳрири он пардохт» [4, с.1560-1563].

Чунонки маълум мегардад, воқеаи ҷанги лашкари ислом бо қабилаи Тай ва ғалабаи муслимин, фирори Адий ибни Ҳотам ба Шом ва ба дасти лашкари ислом асир афтодани хоҳари ӯ Саффона, ба туфайли шуҳрати падари худ, Ҳотами Той дар ҷуду сахо бо шафоати Пайғамбари Худо (с.а.с) аз асорат раҳо ёфтан ва ба Шом назди бародар рафтани Саффона ва бо ташвиқи ӯ ислом овардани бародараш Адий ибни Ҳотам ва ба қатори яке аз саҳобагон ва размандагони ислом даромадани вай дар «Ҳабиб-ус-сияр»-и Хондамир низ шакли мураттаб ва муфассал пайдо кардааст. Танҳо дар нақли Мирхонд шумораи лашкариёни ислом бо сардории Алӣ ибни Абитолиб иборат аз сад нафар асту дар «Ҳабиб-ус-сияр» ва дигар маъхазҳо яксаду панҷоҳ нафар. Ҳамчунин дар «Равзат-ус-сафо» ва манобеи дигари таърихии форсӣ зикре аз номи духтари Ҳотам (Саффона) нарафтааст.

Ба андешаи мо сабаби таваҷҷуҳи муаррихони асрҳои XIII-XV -ро ба воқеоти асир афтодани духтари Ҳотам ва ислом овардани писари ӯ дар тақозои замон ва тарзи андешаву орои муаллифин ва муҳимтар аз ҳама дар аҳамияти тарғибӣ-ташвиқӣ ва ахлоқии ин ҳодиса барои ислому мусулмонон бояд ҷуст. Ҳамчунин решаҳои онро дар аҳамияти ҷуду саховат дар таълимоти ислом ва фазилатҳои ахлоқии пайғамбари ислом бояд ҷустуҷӯ кард.

Ҳамчунин бояд дар назар дошт, ки дар ҳамаи замонҳо бузургзодагон ва фарзандони шахсиятҳои шуҳратманд новобаста аз арзанда ё ноарзанда буданашон мавриди таваҷҷуҳ ва қадршиносӣ қарор дошта, дар бораи онҳо дар миёни мардум нақлу ривоёт ба вуҷуд меомад. Аз ин хотир, истифода аз мақому нуфузи онҳо дар ҳар ҷомеа барои таъсир расонидан ба афкори омма аҳамияти таблиғотӣ дошта метавонист.

Ҳотам ат-Тойӣ сардори қабила ва соҳиби сарвати фаровон буд, вале дар байни ақвоми араб ва атрофи он на бо сарвату бузургии иҷтимоӣ, балки бо саховатмандӣ ва ҷавонмардиву шуҷоати бемисли худ шуҳратёр гардида буд. Аз ин хотир, вақте ки духтари Ҳотам дар қатори бутпарастони қабилаи Тай ба дасти лашкари ислом асир афтод, Пайғамбари Худо (с.а.с) ӯро низ барои он аз бандагӣ озод кард, ки парастори вай - бародараш-Адий аз ислому аз Худо гурехта дар Шом паноҳ бурдааст, балки сабабҳое дошт, ки аз фаросату дурандешӣ ва фазилатҳои ахлоқии сарвари дину давлати нахустини исломӣ бармеомад.

Аввалан, Пайғамбари ислом (с.а.с) аз он хотир духтари Ҳотамро аз асорат озод намуд, ки падараш дар ҷуду саховат дар миёни мардум шуҳрат дошт. Расули Худо (с.а.с) ба ин васила мехост, ки аз як тараф, фазилати инсондӯстӣ ошкор шавад ва аз тарафи дигар, ҷуду сахо чун фазилати ахлоқӣ дар миёни мардум тарғибу ташвиқ карда шавад.

Сониян, бо озод гардидани як нафар зан дар чашми вай моҳияти инсондӯстӣ ва адолатпарварии ислому Пайғамбари он (с.а.с) ошкор гардид ва ин ҳодиса боиси имон овардани бародараш ва ҳамқавмони дигараш шуд.

Ба замми ин, чунин иқдомоти Пайғамбари ислом (с.а.с) дар давроне ба вуқӯъ пайваст, ки ҳанӯз дину давлати нав зуҳур карда қудрати зиёд надошта ва дар гирду атроф душманони зиёде аз худиву бегона ба вай таҳдид мекарданд, табиист, аҳамият ва арзиши муҳимми ташвиқӣ ва тарғиботӣ барои ҷалби таваҷҷуҳи мардум ба сӯйи ислому муслимин

буда метавонист. Далели аҳамияти тарғиботии чунин иқдоми Пайғамбари ислом ҷумлаи охирини муаллифи «Таърихи гузида» буда метавонад, ки дар хабари кӯтоҳи зайл омадааст:

«Дигар (Пайғамбари ислом-Н.Т) Амиралмуъминин Алӣ алайҳиссаломро ба фатҳи қабилаи Тай фиристод. Адий ибни Ҳотам аз ӯ бигрехт. Муртазо Алӣ (а) хоҳарашро асир кард ва пеши Пайғамбар (с) овард. Пайғамбар (с) он занро ҳурмат дошт ва ба пеши бародараш фиристод. Бар ин сабаб Адий ва аксари аҳли Тай мусулмон шуданд» [2, с.153].

Аз ин хотир, метавон гуфт, ки агар сабаби таваҷҷуҳи муаллифони осори таърихии мутааххир ба моҷарои ба дасти лашкари ислом асир афтодани духтари Ҳотам ва ба ислом гаравидани писари ӯ арзишҳои таблиғотӣ ва ахлоқии он бошад, аз тарафи дигар, аз идомаи шуҳрати Ҳотам ат-Тойӣ дар ҷуду саховат ва олиҳиммативу ҷавонмардӣ ва арзиши ин сифат дар ҷомеаҳои инсонӣ дарак медиҳад.

А Д А Б И Ё Т

1. Китоб-ул-ағонӣ: Аллафаҳу Абулфараҷ ал-Исбаҳонӣ. Алӣ ибн ал-Ҳусайн ибн Муҳаммад ал-Қурашӣ; табъат комила, муқаррара маъаҳо фаҳорис ҷомиъа. Баишроф ва таҳқиқ Иброҳим ал-Абёрӣ. Ал-Муҷалладу-т-тосиъ ашар. – Бейрут: Матобиъу муассасат дору-ш-шаъб ли-с-саҳофа ва-т-тибоъа ва-н-нашр, 1390 ҳ. – 1970 м. - Ҷ.19. - 6589-7221.
2. Таърихи гузида: таълифи Ҳамдуллоҳ ибни Абибакр ибни Аҳмад ибни Насри Муставфии Қазвинӣ; бо муқобилаи чандин нусха ба замимаи фаҳорис ва ҳавошӣ ба эҳтимоми Абдулҳусайни Навоӣ. – Теҳрон: Амир Кабир, 1387 ҳ. Ш. – 816 с. + фаҳорис – 73 с.
3. Таърихи комил. Таълифи Иззуддин Ибни Кассир. Тарҷума аз арабӣ ба форсӣ ба қалами доктор Сайид Муҳаммадҳусайни Рӯҳонӣ. Ҷилди севум. Чопи севум. – Теҳрон: Асотир, 1385 ҳ.ш. – 1565 с.
4. Таърихи «Равзат-ус-сафо фи сирати-л-анбиё ва-л-хулафо». Таълифи Муҳаммад ибни Хондшоҳ ва таҳшияи Ҷамшеди Каёнфар. Ҷилди дувум, бахши дувум. – Теҳрон: Асотир, 1380 ҳ.ш. – 1481 с.
5. Таърихи Табарӣ. Таъриху-р-русул ва-л-мулук. Таълифи Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ. Ҷилди чаҳорум. Чопи панҷум. Тарҷумаи Абулқосими Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.ш. – 1238 с.

АХБОРИ МАРБУТ БА ФАРЗАНДОНИ ҲОТАМ ДАР «РАВЗАТ-УС-САФО»-И МИРХОНД

Дар ҳамаи замонҳо бузургзодагон ва фарзандони шахсиятҳои шуҳратманд новобаста аз арзанда ё ноарзанда буданашон мавриди таваҷҷуҳ ва қадршиносӣ қарор дошта, дар бораи онҳо дар миёни мардум нақлу ривоёт ба вуҷуд меомад. Ҳотам ат-Тойӣ сардори қабила ва соҳиби сарвати фаровон буд, вале дар байни ақвоми араб ва атрофи он на бо сарвату бузургии иҷтимоӣ, балки бо саховатмандӣ ва ҷавонмардиву шуҷоати бемисли худ шуҳратёр гардида буд. Ҳотам ат-Тойӣ сардори қабила ва соҳиби сарвати фаровон буд, вале дар байни ақвоми араб ва атрофи он на бо сарвату бузургии иҷтимоӣ, балки бо саховатмандӣ ва ҷавонмардиву шуҷоати бемисли худ шуҳратёр гардида буд. Аз ин хотир, вақте ки духтари Ҳотам дар қатори бутпарастони қабилаи Тай ба дасти лашкари ислом асир афтод, Пайғамбари Худо (с.а.с) ӯро низ барои он аз бандагӣ озод кард, ки парастори вай - бародараш-Адий аз ислому аз Худо гурехта дар Шом паноҳ бурдааст, балки сабабҳое дошт, ки аз фаросату дурандешӣ ва фазилатҳои ахлоқии сарвари дину давлати нахустини исломӣ бармеомад. Дар мақола маълумоти маъхазҳои адабӣ-таърихии форсӣ дар бораи қисмати фарзандони шоир ва саховатпешаи маъруфи араб – Ҳотам ат-Тойӣ баъди вафоти ӯ таҳлилу баррасӣ гардидааст. Муаллифи мақола бо такя ба ахбори таърихномаи муътабари аҳди Темуриён – «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд, нишон медиҳад, ки духтари Ҳотами Тойӣ – Саффона ва писари ӯ – Адий ибни Ҳотам дар давраи Пайғамбари ислом мусулмон шуда ва кори падари худро дар саховату шуҷоат идома додаанд.

Калидвожаҳо: маълумот, таърихнома, Ҳотам, фарзандон, аҳди Темуриён, Пайғамбари ислом, Саффона, Адий ибни Ҳотам, саховат, шуҷоат.

СВЕДЕНИЯ О ПОТОМКАХ ХАТИМА В «ХАБИБ АС-СИЯРЕ» ХОНДАМИРА

Великодушие, доброта и щедрость человеческой души всегда высоко ценились в любом народе. Хатим был правителем племени и состоятельным человеком, который обладал несметным богатством, но среди арабского племени стал исзвестным не своим богатством и социальным положением, а благодаря своей щедрости и гостеприимству. Поэтому, когда задержали дочь Хатама в числе идолопоклонников племени Тая, Пророк Ислама (С) освободил ее от рабства не потому что ее опекун – Брат Адий убежал от Ислама и Бога в Шом, наоборот этот жест свидетельствует о проницательности, предусмотрительности и добродетельности религиозного и государственного деятеля первого исламского государства. В статье подвергаются анализу сведения персидских литературно-исторических источников о судьбе потомков известного арабского поэта и дородетеля – Хатима ат-Тайи после его смерти. Автор статьи опираясь на сведения достоверной хроники эпохи Темуридов – «Хабиб ас-Сияра» Мирхонда показывает, что дочь Хатима – Саффана и его сын – Адий ибни Хатим приняли ислам при жизни Пророка Мухаммада и подолжили дела своего отца щедростью и доблестью.

Ключевые слова: Сведения, хроника, Хатим, потомки, эпоха Тимуридов, Пророк ислама, Саффана, Адий ибн Хатим, щедрость, доблесть.

INFORMATION ABOUT KATIMA'S OFFSETS IN KHABIB AS-SIYAR OF KHONDAMIR

The generosity, kindness and generosity of the human soul have always been highly valued in any nation. Hatim was the ruler of a tribe and a wealthy man who possessed incalculable wealth, but among the Arab tribe he became known not because of his wealth and social position, but because of his generosity and hospitality. Therefore, when the daughter of Hatam was detained among the idol worshipers of the Tai tribe, the Prophet of Islam (S) freed her from slavery not because her guardian - Brother Adiy escaped from Islam and God in Shom, on the contrary, this gesture reveals insight, forethought and goodness of religious and state leader of the first Islamic state. The article analyzes the information of Persian literary and historical sources about the fate of the descendants of the famous Arab poet and grandparent - Hatim al-Tayi after his

death. The author of the article, based on the reliable chronicles of the Temurid epoch “Habib al-Siyar” Mirkhond, shows that Hatim’s daughter Saffana and his son Adiy ibni Hatim accepted Islam during the life of the Prophet Muhammad and extended their father’s deeds with generosity and valor.

Key words: information, chronicle, Khatim, descendants, Timurid epoch, Prophet of Islam, Saffan, Adiy ibn Hatim, generosity, valor.

Сведения об авторе: ***Туманов Н.*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры арабской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17.
E-mail: **nasimjontumanov@gmail.com.** Тел.: **(+992) 911-10-10-15**

Information about the author: ***Tumanov N.*** - Tajik National University, graduate student of the Department of Arabic Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **nasimjontumanov@gmail.com.** Tel.: **(+992) 911-10-10-15**

УДК: 82-3

ЧЕҲРАИ ЗАН ДАР НАХУСТИН ПОВЕСТИ СОРБОН

Наҷотова Х.
Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии АИ ҶТ

Сорбон нависандаи бомаҳоратест, ки навъҳои гуногуни адабиро дар марҳилаҳои муайян эҷод кардааст. Нависанда аз ҳикоянависӣ шурӯъ карда, баъд ба навиштани повесту романҳо мепардозад, ки дар ин марҳилаҳо маҳорати нависандагии Сорбон такмил меёбад.

«Занги аввал» нахустин қиссаи Сорбон аст, ки дар соли 1970 навишта шудааст. Метавон гуфт, ки дар адабиёти муосири тоҷик баъд аз Ҷ. Икромӣ нависандае, ки ба саргузашти занон, чеҳраву шахсияти воқеӣ, хусусан зани деҳот таваҷҷуҳ намудааст, маҳз нависанда Сорбон мебошад.

Ҳамида, чеҳраи марказии қиссааст (айни замон жанри повест қисса ном бурда мешавад ва минбаъд қиссаи марказӣ ёдовар мешавад – Х.Н), ки зери андешарониҳои хеш саргузашт ва ҳодисаву воқеаҳои аз сар гузаронидаи худро ба хотир меорад. Адабиётшинос Маъруф Раҷабӣ дар мақолае таҳти унвони «Мавзӯи зан дар қиссаҳои Сорбон» (дар маҷмӯаи «Ба фикри ман») баъзе андешаҳои хешро дар бораичеҳраи Ҳамида ва хислату характери ӯ иброз намудааст, ки ба баъзеи онҳо мо розӣ шуда наметавонем ва зимни таҳлил ба ин масъала ишора хоҳем кард.

Сорбон нависандаи вуқӯъгӯй мебошад, чунонки дар замони шӯравӣ гуфта мешуд, реалист. Агар ба тамоми асарҳои эҷодкардаи нависанда таваҷҷуҳ намоед, пай хоҳед бурд, ки асарҳояш «асоси воқеӣ» доранд ва рафтору гуфтори қаҳрамонҳояш, аз он ҷумла образи занон, табиӣ ва хотирмон тасвир шудаанд.

Дар қиссаи «Занги аввал» мавзӯи саргузашти зани деҳот мавзӯи асосӣ мебошад, ки зимни андешарониҳо, хотираҳо ва таҳлилҳои амиқи образи марказии қисса – Ҳамида, қаламдод шудааст. Ҳамида дар ибтидо рӯзҳои наҳси ба дунё омадаашро ба хотир меорад, ки дар ёдва интизории падару бародар мегузаштанд, вале бо вуҷуди он аз талхии рӯзгор ва ҳодисаҳои дар зиндагӣ ба вуқӯъ пайвастааш «зиндагиро ширин» медонад. Нависанда тавонистааст, ки дид, андешарониҳо ва дарду алами Ҳамидаи худрсолро дарк кунад, олами ботинии духтари хурди деҳотиро амиқу равшан тасвир намояд. Хусусан, аввалин нишонаҳои сар задани ҳиссиёти муҳаббат дар байни Ҳамида ва писари аммааш – Аҳрор, дигаргун шудани ҳолату авзоъ ва фикру рафтори онҳоро нависанда аз забони Ҳамида табиӣва самимона ба тасвир овардааст: «Ҳамон вақт фаҳмидам, ки зиндагӣ бояд аз ҳурмату эҳтиром иборат бошад. Орзу мекардам, ки мардум хеле ором ва бо мулоҳиза ба ҳам сухан гӯянд, мағал накунанд, зеро дар хомӯшиву оромӣ маънии гапро кас хубтар мефаҳмад ва ҷавоби мувофиқе ёфта метавонад. Ҳис мекардам, ки дар сукути шабҳо ва субҳдам овози булбулу парандаҳо ва ё суруде ба гӯш хеле форам ва маънидор мерасад ва дар байни ин сурудҳо овозе ба гӯш расад, ҳаловаташ гум мешавад» [3, с. 29]. Дилбастагии Ҳамида ба кабӯтарҳо як андоза ӯро аз воқеияти зиндагӣ ва душвориҳои он таскин мебахшад, ҳатто орзӯи танҳо некиро пеша кардани мардум барои Ҳамида шабеҳи беозории кабӯтарҳо аст. Дуруст аст, ки Ҳамида дар солҳои босмачигарӣ ва баъди ҷанг дар зиндагӣ ҷабру ҷафои зиёде мекашад ва дар ҳама ҳолат сабру мулоҳизакорӣ, ахлоқи ҳамида ва поксириштиро дар худ нигоҳ медорад. Дар чеҳраи ӯ нависанда тамоми хислатҳои занони одии деҳотии меҳнатдӯсту покдоман, пуртоқату самимӣ ва дорои ахлоқи ҳамидаи инсониро инъикос намудааст.

Адабиётшинос М. Раҷабӣ қайд мекунад, ки Ҳамидаи «Занги аввал» мубориз набуд... Равшан аст, ки аз атрофиён ҷабру ҷафо кашидани қаҳрамон дар солҳои бесомонии ҷанг ва чанд соли пас аз ҷанг ба тасвир омадааст. Лекин Ҳамида аз ягон имконоти иҷтимоии сохти шӯравӣ дар муборизаи зидди нобакорон на фақат истифода намекунад, балки дар ин хусус ягон фикре ҳам надорад [3, с. 46]. Ба ин ақидаи адабиётшинос мо розӣ шуда наметавонем, зеро дар симои Ҳамида нависанда зани одии деҳотиро ба тасвир овардааст, ки воқеан ахлоқи покиза ва сифатҳои неки инсониро доро мебошад ва ба мубориза барнахостани ӯ бар зидди нобакорон на ба «маҳдудияти назари иҷтимоӣ»-аш алоқаманд аст, балки ба хулқу атвор, яъне характер ва табиати вай, ки воқеан ҳам содалавҳона, вале самимӣ мебошад, вобастагӣ дорад. Дигар ин ки Ҳамида дар зиндагӣ ба воқеа ва талхиҳои зиёде гирифтор мешавад ва ба шаҳр омадани ӯ на ба мақсади халосӣ ёфтан аз муҳити носозгор, балки ҷустани роҳи нави зиндагӣ буда, дар ин маврид даст кашидан аз ҷойи иқомату ёру дӯстон як навъ эътироз баён кардан ба нобасомониҳои зиндагӣ ба шумор меравад. Аз ин ҷиҳат метавон гуфт, ки нависанда дар симои Ҳамида дар баробари он ки ба зани раис буданаш нигоҳ накарда, ба кори ҷамъиятӣ машғул мешавад ва дар давраи ҷанг бо меҳнатдӯстии худ ва тарбия намудани ҷавонон саҳми арзандаи худро мегузорад, тамоми хислатҳои ҳамидаи зани деҳотиро фардӣ кунонидааст.

Муҳаққиқ Қаюмова Д. дар рисолаи номзадии худ зикр мекунад, ки «повести «Занги аввал» хусусияти шарҳиҳолӣ низ дорад ва нависанда дар зимни он ба лаҳзаҳои зиндагии хеш ишора мекунад»[1, с.122]. Бинобар ин метавон хулоса кард, ки нависанда симои Ҳамидаро ҳамон тавре ки ҳаст, ба тасвир оварда, хотираи неки ӯро ҳамчун арзи сипос нигоҳ доштанӣ шудааст. Ба ин маънӣ Караматуллоҳи Шукруллоҳӣ дар китоби «Нависандае, ки ба касе монанд нест» ишора кардааст, ки «дар ин қисса воқеият ривоят намешавад ва мо фосилаеро бо он ҳис намекунем, балки нависанда воқеиятро ҳамон гуна ки воқеан ҳаст, дар назар меоварад ва ба мо менамояд» [4, с. 84].

Дар қисса олами ботинии Ҳамида дар зимни фикру андешарониҳои ӯ равшан намудор мешавад: «Ман модар нашуда будам, вале ба қадри модар мерасидам. Рафтори модарам ба ман зиндагӣ омӯхта буд, маро насиҳат мекард ва дар зиндагӣ ҳама чиз шуданаш мегуфт ...» [3, с. 64]. Эҳтироми модар, гӯш додан ба насиҳатҳои ӯ барои Ҳамида дарси ибрат буд, ки аз ҳар як сухани модар ӯ панду таҷрибаи зиндагӣ меомӯхт.Аз ҷумла, модараш мегӯяд: «Хурсандӣ сад ман борро мебардорад, вале хафагӣ сад ман бар сарат мезанад» [3, с. 64]. Нависанда тавонистааст, ки дар симои Ҳамида олами зани воқеан ҳам дилшикастаю пурғам ва талхкомро зимни воқеаву ҳодисаҳо ва рӯйдодҳои бесарусомон воқеӣ қаламдод намояд.

Дар қисса чеҳраи якчанд занон ба тасвир омадаст, ки яке аз дигаре бо хулқу атвор ва хислат ба ҳамзид буда, аз ҳам тафовут доранд. Образҳои Гулсум, Салима, Ҳабиба, Манзура, донишҷӯён Ҳокима ва Гулӣ дар қисса яке бештар ва дигаре аз онҳо танҳо зимни ягон воқеа ё ки дар мавриде тасвир ва ёдовар шудаанд. Масалан, Гулсум зани хона буд ва дар вақти зарурат бо ҷасорат ва нотарсона аз шавҳари худ Собир-амак дар суд ба тарафдории Ҳамида шоҳидӣ медиҳад. Ба ҷасорати ин зан Ҳамида ҳам дар ҳайрат афтода буд, зеро Собир аз ҷумлаи мардони бадҷаҳл ва бераҳм буд ва метавонист барои ин рафтори зан ӯро ҷазои сахте диҳад. Ба ин нигоҳ накарда, Гулсум ҳақиқати ҳолро рупӯш накард, балки асли ҳодиса ва воқеиятро иброз намуд. Салима бошад дар қисса ҳамчун зане амал мекунад, ки боиси вайронии зиндагонии Ҳамида ва ҷудо шудани ӯ аз шавҳараш гардидааст. Бо вуҷуди он назари Ҳамида ба ин зан на ҳамчун рақиб, балки ҳамчун занест, ки шавҳараш Комил ба ӯ таваҷҷуҳ намудааст. Ҳамида дар хусуси Салима чунин андеша дорад: «Салима дили васеъ дошт, дар хонаи танг ҷой мегирифт, вале ба дили ман дунё тангӣ мекард» [3, с. 67]. Одатан занон дар зиндагӣ баҳри бахту саодат ва нигоҳдории хонадони худ бо ҳар роҳ мубориза бурда, ба таври худ нисбат ба рақиби худ зиддият нишон доданӣ мешаванд. Вале Ҳамида бо сабаби он ки худро дар назди шавҳараш «гунаҳгор» мешуморид, зеро ки фарзанд надошт ва аз тарафи дигар, ҳисси бадбинӣ ва нафрати зани тағояш, ки дар ҳар мавриди муносиб ба ӯ дармеафтод, боиси ба шаҳр фирор кардани ӯ мегардад. Ҳамида нисбат ба Комил – шавҳари худ эҳтиром ва ақидаи мусбат дошт, ки он зери андешарониҳо ва таҳлилҳои зиндагонии хеш равшан ҳувайдост: «Комил барин марди вазнину ҳалим, ки бевафоӣ кард, аз дигарон чӣ гила? Гила ҳам не.... шояд ҳамин хел чизҳо зарурате дошта бошад. Аз мансаб, вазифа. Не! Инҳо сабаб шуда наметавонанд. Комил чизи дигар мехост. Шумо инро аз ман хубтар мефаҳмед. Ман ҳам мехостам, ки ӯ фарзанд дошта бошад...» [3, с.19]. Чунин мисолҳо дар қисса зиёданд, ки Ҳамида аз тақдир ва аз ҷабру ҷафои зиндагӣ ба танг омада, касеро гунаҳгор карданӣ ҳам нест, балки бо маҷрои зиндагӣ ҳаёти худро идома доданӣ мешавад ва барои азият надодани дигарон ба шаҳр меравад.

Нависанда дар шаҳр воқеаву саргузашти Ҳамидаро ба тасвир оварда, муҳити дигар ва симоҳои дигари қиссаро ба тасвир кашидааст. Шаҳр он ҷоест, ки ғайр аз мардуми муқимӣ, аз ҳар гӯшаву канори давлат ба он бо зарурате меоянду мераванд ё ин ки он ҷо мемонанд. Аз ин ҷиҳат, дар шаҳр Ҳамида бо шахсоне вомехӯрад, ки ба ҳаёти ӯ таъсири ҳам мусбат доштанду ва ҳам манфӣ. Масалан, дар қисса Манзура занест, ки дорои рафтору кирдори нопок буда, дар баробари рафторҳои ношояму бадахлоқонааш ба Ҳамида некӣ мекунад. Ин зани айшдӯсту пулпараст, ки ба ҳамин роҳ Ҳамидаро низ бурданӣ мешавад, дар охир аз кирдору рафторҳои ношоями худ пушаймон шуда, ба роҳи дурусти зиндагонӣ рӯ меорад. Дар муқоиса ин ду зани аз ҷиҳати хулқу атвор бо ҳам зид, яке деҳотӣ ва дигаре шаҳрӣ, бо тарбияи муҳит ва олами маънавии худ аз ҳам фарқ мекунанд.

Ҳамин тариқ, нависанда зимни тасвири образ ва саргузашти занон дар қиссаи «Занги аввал» кӯшидааст, хусусиятҳои равонӣ ва ахлоқии онҳоро ба таври воқеӣ тасвир намояд. Тарзи зиндагии занони деҳотӣ дар солҳои ҷанг ва шаҳриро дар солҳои баъди он нависанда дар ҷараёни нобасомониҳои зиндагии онҳо ба тасвир кашида, фарқи муҳити маънавию ахлоқии онҳоро зимни воқеаву ҳодисаҳо нишон доданӣ шудааст. Хулосаи образи марказии қисса Ҳамида аз таҷрибаи зиндагии худ ба воситаи хотираҳо ва таҳлилҳояш ба зуҳур омадааст. Саргузашти ин зани ҷафокашида ва талхии рӯзгор насибгашта, образи воқеии бештари занони он даврро дар худ таҷассум намудааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Қаюмова Д. Хусусиятҳои жанрию услубии ҳикоя ва повестҳои Сорбон / Д. Қаюмова. – Хуҷанд: Хуросон, 2017. – 232 с.
2. Раҷабӣ М. Бафикриман. – Душанбе: Деваштич, 2003. – 211с.
3. Сорбон. Куллиёт. Ҷилди I. – Душанбе: Эҷод, 2009. – 488 с.
4. Шукруллоҳӣ К. Нависандае, ки ба кассе монанд нест. – Душанбе: Балоғат, 2016. – 248 с.
5. Шукуров, М. Насри реалистӣ ва таҳаввули шуури эстетикӣ / М. Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1987. – 452 с.

ЧЕҲРАИ ЗАН ДАР НАХУСТИН ҚИССАИ СОРБОН

Дар мақола чеҳраи зан дар нахустин қиссаи Сорбон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Сорбон дар қисса ба тасвири воқеаҳои солҳои сиву панҷоҳи асри XX таваҷҷуҳ намуда, ҳаёти воқеии зан, маънавиёту ахлоқи ӯро тасвир менамояд. Тавассути хотираҳои Ҳамида нависанда ҷабру ҷафо ва солҳои душвори замонро нишон додааст, ки зери пиндорҳои зиёди ҳаётӣ ва таҷрибаи зиндагии ӯ ба тасвир омадааст. Воқеан ҳам, баъд аз Инқилоби Октябр зан дорои ҳуқуқҳои зиёде гардид, вале раванди дар амал татбиқ шудани он замони муайянеро тақозо мекард, зеро назари маҳдуду пасти нисбати занон мавҷудбудаи он давр имкон намедод, ки зан аз озодӣ ва ҳуқуқҳои воқеии худ ба таври комил истифода барад. Дигар шудани рӯҳияву тафаккури зан вақҳи таърихӣ дорад ва Сорбон дар саргузашти як зани одии деҳотӣ, ки танҳо тарбияи модарро гирифта буду эҳтироми ӯро пос медошт ва бо панду насиҳати ӯ дар ҷабру ҷафоҳои зиндагӣ сабру таҳаммул мекард, воқеияти замонро инъикос намудааст. Дар тасвири чеҳраи зан нависанда дар қиссаи нахустини худ аз тахайюлоти бадеӣ даст кашида, воқеиятро он чуноне ки ҳаст қаламдод намуда, маҳдудияти назарии замонро ба ин васила нишон додааст.

Калидвожаҳо: саргузашт, зан, нобасомонӣ, модар, ҷараён, пиндор, таҷриба.

ОБЛИК ЖЕНЩИНЫ В ПЕРВОЙ ПОВЕСТИ СОРБОНА

В статье рассматривается облик женщины в первой повести Сорбона. В повести Сорбон, обращая внимание на событии тридцатых и пятидесятых годов XX века, описывает реальную жизнь женщины, ее духовность и нравственность. Посредством воспоминаний Хамиды писатель показывает несправедливость, страдания и трудные послевоенные годы, которые изображены во многих ее воспоминаниях и жизненном опыте. Действительно, после Октябрьской революции женщина приобрела многие права, но сам процесс реализации их на деле требовал определенного времени, так как существующийузкий и низкий взгляд в отношении женщин в тот период не позволял женщинам использовать свои права и свободу должным образом. Изменение душевного состояния и мышления женщин имеет историческую основу, и Сорбон отражает реальные жизненные события на примере судьбы деревенской женщины, которая воспитывалась только матерью и относилась с уважением к ее советам, терпела жизненные трудности и неурядицы. Писатель в своей повести отказывается от художественного воображения и реально описывает события такими, какими они являются.

Ключевые слова: судьба, женщина, беспорядок, мать, процесс, раздумье, опыт.

THE FACE OF WOMEN IN THE FIRST TALE OF SORBON

The article discusses the appearance of a woman in the first Sorbon story. In the story Sorbon paying attention to the events of the thirties and fifties of the twentieth century describes the real life of a woman, her spirituality and morality. Through the memories of Hamidah, the writer shows injustice, suffering and difficult post-war years, which is depicted in her many memories and life experiences. Indeed, after the October Revolution, a woman acquired many rights, but the implementation process itself required a certain amount of time, since the existing narrow and low view of women at that time did not allow women to use their rights and freedom properly. The change in the state of mind and the thinking of women has a historical basis and the Sorbon reflects real life events by the example of the fate of a village woman who was brought up only by her mother and respected her

advice, suffered life difficulties and disorders. The writer in his story refuses the artistic imagination and really describes the events as they are, thus showing the timelessness of the place.

Key words: fate, woman, disorder, mother, process, meditation, experience.

Сведения об авторе: ***Наджотова Хотима*** - Институт языка и литературы им. А.Рудаки АН РТ, аспирант. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 21

Information about the author: ***Nadzhotova Khotima*** - Institute of Language and Literature. A. Rudaki AS RT, graduate student. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 21

УДК: 8т1

ХУСУСИЯТҲОИ «САД МАЙДОН»-И ХОҶА АБДУЛЛОҲИ АНСОРӢ

Шарипова М.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров

Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дар соли 448 ҳ./1053 м. оғоз ба таснифи ин асар фармудааст ва ин таърих марбут ба давраест, ки ба сабаби меҳнати ашоъира шайх дар Ҳирот нуфузу қудрати бисёр ва бемуоризе доштааст. Ин асар бисту ҳафт сол қабл аз «Манозил-ус-соирин» таълиф гардидааст. Дарвоқеъ, аз ҳазор мақом, ки байни инсон ва Худо ҳаст, роҳ ба сад майдон мерасад, ки шайх дар ин рисола аз онҳо сухан мегӯяд. Дар тақсими ин манозил ва майдонҳо низ ҳамон гуна, ки баъдҳо дар «Манозил-ус-соирин» дида мешуд, навъи такаллуфи адибона ва олимона худнамоӣ мекунад. Асар зимни тадрис ва таълим ба шогирдон баён гардидааст ва яке аз шогирдони Шайхулислом Абдуллоҳи Ансорӣ номи ҷузъҳои дарсиро бо номи «Тароҷими маҷолиси эътиқод» ҷамъоварӣ ва танзим намудааст. Таълифи ин китоб муқаддам бар китоби «Манозил-ус-соирин» аст ва ҳар ду дар заминаи манзилҳои соирон ва соликони роҳи Ҳақ аст.

Қайд кардан лозим аст, ки муаллифони осори сӯфиёна ва ирфонӣ то замони Шайх барои мароҳили сайру сулук маротибу манозили муайян ва маъдуде зикр накарда буданд. Шайх ин маротибро нахуст дар «Сад майдон» ва баъдтар онро дар «Сад манзил» мураттаб ва муайян кард. Гарчи китоби «Манозил-ус-соирин» дар давраи пухтагии Шайх имло шудааст ва шарҳи Абдурраззоқ Кошонӣ ба маҳбубияту шуҳрати он афзудааст, аммо китоби «Сад майдон» ба забони ширини форсӣ таълиф ёфта, дар ниҳояти эҷоз аст.

Ин ду асар дар 51 мавзеъ муттаҳид ва дар 49 матлаб мухталиф ҳастанд. Пайдост, ки «Сад майдон» барои мубтадиёни тариқи тасаввуф ва «Манозил-ус-соирин» барои мунтаҳиён танзиму таълиф шудааст.

Дар ҳақиқат, бо итминон метавон гуфт, ки тафсири Қуръони маҷид «Кашф-ул-асрор ва уддат-ул-аброр» - Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ реша ва моя аз ин ду китоб гирифтааст.

Серж Боркюэй дар мақолаи худ «Роҷеъ ба маънии рағбат ва рағосат» асари «Сад майдон» - и Хоҷа Абдуллоҳи Ансориро мавриди баррасӣ қарор додааст. Ин мақола дар ҷилди ҳафтуми маҷмӯаи асарҳои Серж Боркюэй соли 1963 дар Коҳира ба чоп расидааст. Ин асар ба забони арабӣ дар Лондон ба саъю эҳтимоми ин мусташриқи фаронсавӣ рӯйи чопро дидааст.

Он чи муаррифи масоили мутакаллимон ва махсусан намояндаи ройи Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дар боби ташбеҳ ва таҷсим аст, рисолаест ба номи **«Китоб-ул-арбаъин фи-с-сифот» ё «Китоб-ул-арбаин фӣ далоил-ут-тавҳид».** Китоб маҷмӯае аз аҳодиси набавист, ки дар тайи абвоби мухталиф муштамил аст бар ақоид ва орои шайх дар исботи сифати Худо ва ин ки Худованд шайъ ва шахс аст, нафс дорад, дар осмону бар арш ангушт дорад, одамро бо дасти хеш халқ кардааст, садақаи муъминонро бо дасти хеш дарёфт мекунад, каломаш ҳам ғайримахлуқ аст ва аз баҳсу тааммуқ дар сифатҳои вай бояд худдорӣ кард. Ин рисола ҷанбаи таҷсимӣ (тааммуқ дар сифот) ва тафаккури каломи ӯро, ки эътиқод ба мазҳаби имом Ҳанбал низ муқтазии он ҳаст, нишон медиҳад ва ба назар меояд, ки шайх онро андаке баъд аз соли 456 ҳ., ки авҷи даврони даргирӣ бо мутакаллимон аст, таҳрир карда бошад» [5, с.70].

Дар ин асар чиҳил ҳадиси набавӣ дар бораи сифоти Худованд оварда шудааст. Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ бар ин ақида будааст, ки дар фаҳми маънои каломи Аллоҳ ва аҳодиси набавӣ аз таърифоти аҳли бидъат, чи ашъариён ва чи муътазила бояд эътироз кард, зеро ишон бо хаёлоти ақлии хеш каломи муқаддасро маънии дигар додаанд. Бинобар ин, ашъариён ва муътазилиён аз иршод ва тадриси Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ

озурда буданд. Чунонки дар китоби «Нафаҳот-ул-унс»- и Абдурраҳмони Ҷомӣ меояд, баъди панҷ сол аз ин бар зидди Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ назди султони сулолаи Салоҷиқа ва вазири сиёсатмадори он Низомулмулк шикоят намуданд. Азбаски худи сулолаи Салҷуқиён ва Низомулмулк ҷонибдори муътазилиён буданд, бинобар ин, ақоиди Шайх Ансориро маҳкум намуда, нисбати ӯ чораҳои ҷазодиҳиро раво мебинанд ва ӯро борҳо зиндонӣ мекунанд [4, с. 3].

Тарзу шеваи Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ бар бисёре аз бузургон пас аз худ таъсир гузоштааст. Барои намуна аз «Тафсири Ҳиравӣ» метавон ёд кард, ки хулосаи он дар «Кашф-ул-асрор ва уддат-ул-аброр» мушоҳида карда мешавад. Майбудӣ гузашта аз шариат ба он чӣ назди Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ таъбир ба тариқату ҳақиқат мешуда, низ назар доштааст. Дар бисёре аз ҷойҳои «Кашф-ул-асрор» аз Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ба алқоб: «пири тариқат, олами тариқат, пири тариқату ҷамоли аҳли ҳақиқат шайхулислом Ансорӣ» ёд шуда ва суханонаш нақл гардидааст [15, с.15].

Бо ин ки Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дар замони ҳаёти хеш шуҳрат дошта, вале аҷиб аст, ки Аттор дар «Тазкират-ул-авлиё», ҷуз маводи маъдуди ба ӯ ва шарҳи ҳолаш напардохта ва боби ҷудогонае аз китоби худро ба ӯ ихтисос надодааст. Ин дар ҳоле аст, ки аз мазҳаби Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, суханони ӯ ва ҳатто аз устоди ӯ бинни Аммор [1, с. 6] сухан гуфта ва ҳатто аз ӯ бо унвони «Пири Ҳарӣ» [1, с. 658] ёд кардааст. Дар миёни осори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ «Сад майдон» ва вижагиҳои сабки он камтар мавриди таваҷҷуҳ ва нақду баррасии пажӯҳишгарон қарор гирифтааст. Бо таваҷҷуҳ ба зарурати шинохти бештаре аз ин асар дар маҳфилҳои илмӣ ва донишгоҳӣ дар ин мақола нигаронида бо мутолеаи дақиқи «Сад майдон» ба таҳқиқи хусусиятҳои сабки ин асар пардохтаем.

Сухани пири Ҳирот оганда аз шару шӯри ошиқона аст, чанд гоҳе порае иборат аз ранҷишу мавзунии ӯ чун ғазали шӯрангез дар дил асар мегузорад: имони ин таассуротро метавон дар вижагиҳои мунҳасир ба фардии ӯ донист. Зеро, ки ӯ «Донишманди мутаассибе набуд, балки як нафар олиму сӯфӣ, муҳаққиқу мутамаккин буд, ки сайъи садру тозарӯйӣ ва латофати сухану баёнаш дилкашӣ дошта, ки муосирон ва ҳатто мухолифони ӯ ҳам онро меписандиданд» [1, с. 41]. Барои намуна бо таъмил дар муноҷоти зер метавон дарёфт, ки чӣ гуна лафзу маънӣ дар суханони Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дар ҳам танида шудаанд:

«Илоҳо, азизу саргардонам, на он чӣ дорам донам ва на он чӣ донам дорам.

Илоҳӣ, агар бар дар кунӣ равост, маҳҷур макун ва агар ба дӯзах фиристӣ ризост, аз худ дур макун.

Илоҳӣ, ҳар киро хоҳӣ бар андозӣ, бо дарвешон дар андозӣ.

Илоҳӣ, тоат фармудӣ ва тавфиқ боздоштӣ ва аз маъсият манъ кардӣ, бар он доштӣ, эй дар хашм зуд оштӣ, охир маро дар фироқ бигузоштӣ.

Дил ва дӯст ёфтан подшоҳӣ аст, бедил ва дӯст зистан гумроҳӣ аст» [1, с. 70].

Ибтикори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ насру назми форсиро дар ҳам омехта ва насри худро бо фасоҳату балоғати тавон бо мулоҳами орифона дилнишин сохт. Ӯ бо ибтикори хеш шеваву сабки ҷадиде дар забони форсӣ эҷод кард [15, с. 186]. Насри фасеҳи ӯ дар адабиёти форсу тоҷик махсус ва аз дигарон мумтоз аст. Навиштаҳои мусаҷҷаи ӯ ҳамроҳ бо эъҷози ҳунармандонааш қобили эътиност. Ин шеваро Саъдӣ дар «Гулистон» ба авҷи камоли хеш расонд. Маъруфтарин навиштаҳои Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ муноҷоти ширину дилнишини ӯ бо насри мусаҷҷаъ аст, ки то қарни панҷуми ҳичрӣ дар забони форсӣ сабки сода ва муассир собиқ надоштааст. Бештар шуҳрати Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ба сабаби «Муноҷотнома»-и ӯст, ки онҳоро ба насри мусаҷҷаъ ва равони форсӣ нигоштааст. Насри ӯ дар ҷазба ва ирфон аст ва метавон онро шеъри мансур хонд [3,ҷ.2, с.240].

А Д А Б И Ё Т

1. Ансорӣ, Абдуллоҳ. Муноҷот ва рубоиёт; бо кӯшиш ва эҳтимоми Меҳдии Муиниён.- Теҳрон: Ганҷина, 1370. -120 с.
2. Аттор, Фаридуддин. Тазкират-ул-авлиё; бо муқаддимаи Муҳаммади Қазвинӣ. - Теҳрон, 1336. - 300 с.
3. Баҳор, Муҳаммадтақӣ. Сабкшиносӣ. - Ҷ.2. - Теҳрон, 1373.- 432с.
4. Бертельс Е.А. Избранные труды. Суфизм и суфийская литература / Е.А. Бертельс. – М.: Наука. Главная редакция восточной литературы, 1965. - 524 с.
5. Боркюэй, Серж. Пири Ҳирот; тарҷумаи Равонии Фарҳодӣ / Боркюэй, Серж. – Кобул, 1978. – 420 с.
6. Фурӯзонфар, Бадеъуззамон. Аҳодиси «Маснавӣ». -Теҳрон: Амири Кабир, 1370. - 274 с.
7. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Арзиши мероси сӯфия. -Теҳрон: Ориё, 1344. - 270 с.
8. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон. - Душанбе: Ирфон, 1992. - 396 с.
9. Мусулмонқулов Р. Сафъ ва сайри таърихии он дар насри форсу тоҷик / Р. Мусулмонқулов. - Душанбе: Ирфон, 1970. – 220 с.

10. Маҷмӯаи расоили форсии Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ; бо тасҳеҳу муқобалаи се нусха ва муқаддимаву фаҳориси Муҳаммадсарвари Мавлоӣ. - Ҷ.1. -Теҳрон: Тӯс, 1377. - 427 с.
11. Олимов К. Ҷаҳонбинии Абдуллоҳи Ансорӣ / К.Олимов. - Душанбе: Дониш, 1991. – 160 с.
12. Расоили ҷомеъи орифи қарни V Хоҷа Абдуллоҳи Ансории Ҳиравӣ; ба эҳтимоми Хоҷа Султонҳусайни Гунободӣ. - Теҳрон, 1398. – 460 с.
13. Салимов Н. Марҳалаҳои услубӣ ва таҳаввули анвоъи наср дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои IX-XIII) / Н.Салимов. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2002. - 398 с.
14. Сафо, Забеҳулло. Таърихи адабиёт дар Эрон ва дар қаламрави забони порсӣ. -Теҳрон: Амири Кабир, 1373. Ҷ.2. - 1128 с.
15. Хатибӣ Ҳусайн. Татаввури наср дар адабиёт. Фанни наср дар адаби порсӣ. - Теҳрон: Интишороти Заввор, 1375. – 637 с.
16. Ҳодизода Р. Тасаввуф дар адабиёти форсу тоҷик. – Душанбе; Адиб, 1999. – 188 с.

ХУСУСИЯТҲОИ «САД МАЙДОН»-И ХОҶА АБДУЛЛОҲИ АНСОРӢ

Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дар таърихи адабиёт ва фарҳанги форсу тоҷик на танҳо барои парвози баланди андешаи ирфонӣ саҳми чашмгир гузошт, балки дар густариши сабку услуби насри классикӣ бо таълифи рисолаҳои арзишманди ирфонӣ мақоми арҷмандеро соҳиб шуд. Хосса, дар радифи ташаккули номанигорӣ ва иншои тарассул ба эҷоди навъи ҷадиди номаҳо-номаҳои орифона ё муноҷотномаҳо роҳ кушод. Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ андешаҳои орифона, афкори ахлоқиву иҷтимоӣ, ақоиди пешқадам ва эҳсосоти баланди худро дар осораш бо сабки гуворову шевои худ имло намудааст. Хидмати муҳимми Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ба мактаби ирфонии Хуросон ин шуд, ки манозили тариқат ва мақомоти сулуки ирфониро мудавван сохт ва дар дараҷабандии мақомот тартиби тозае оварад. Ӯ шариат ва тариқатро дар роҳи дарёфтани ҳақиқат ба ҳамдигар ёвар шумурда, мекӯшид, ки тасаввуфро бо исломи расмӣ оштӣ бидиҳад.

Калидвожаҳо: Ансорӣ, устод, «Сад майдон», сабк, поэтика, тасаввуф, адабиёт.

ОСОБЕННОСТИ «СТА ПОЛЕЙ» («САД МАЙДОН») ХОДЖА АБДУЛЛОХА АНСОРИ

Творчество Ходжи Абдуллы Ансари занимает особое место в истории общественно-философской мысли Востока. Ансори относится к числу крупных представителей суфизма, а также литературной и общественной мысли таджикского и иранского народов. Его наследие оказало существенное влияние на развитие суфизма. Он сыграл огромную роль в развитии мистических и социальных идей персоязычных народов. Знакомство с его творчеством свидетельствует о том, что он именно его социально-этические взгляды сыграли огромную роль в развитии суфизма. Все его творчество посвящено разработке и соответствии теоретических и практических принципов суфизма и они свидетельствуют о том, что он был свободолюбивой, гордой, справедливой и гуманистической личностью и его гуманистические идеи прослеживаются и в его мистических произведениях.

Ключевые слова: Ансори, устод, «Сто полей» («Сад майдон»), стиль, поэтика, суффизм, литература.

FEATURES OF "STA FIELD" ("GARDEN MAYDON") KHODJA ABDULLOHA ANSORI

The work of Khoja Abdullah Ansari occupies a special place in the history of social and philosophical thought of the East. Ansori is one of the major representatives of Sufism, as well as the literary and social thought of the Tajik and Iranian peoples. His legacy had a significant impact on the development of Sufism. He played a huge role in the development of the mystical and social ideas of Persian-speaking peoples. Acquaintance with his work shows that it was his social and ethical views that played a huge role in the development of Sufism. All his work is devoted to the development and conformity of the theoretical and practical principles of Sufism and they show that he was a freedom-loving, proud, fair and humanistic person and his humanistic ideas can be traced in his mystical works.

Key words: Ansori, ustod, “Hundred Fields” (“Garden Maidon”), style, poetics, sufism, literature.

Сведения об авторе: ***Шарипова Мутабар*** **–** Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова, кандидат филологических наук, доцент. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлянбекова 1. E-mail: **mutabar-1977@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-782-14-45**

Information about the author: ***Sharipova Mutabar*** - Khujand State University named after B.Gafurova, candidate of philological sciences, associate professor. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlyanbekova Ave. 1. E-mail: **mutabar-1977@mail.ru.** Tel.: **(+992) 92-782-14-45**

УДК: 891.550:82

ЗИНДАГИНОМАИ САНОӢ

Юлдошева М.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров

Дар асрҳои XI-XII, баъди ба сари ҳокимият омадани Газнавиён дар доираҳои адабии Газнин ва Лоҳур як зумра суханварони бисёр боистеъдод ба майдони адабиёт омаданд, ки машҳуртарини онҳо маликушшуарои дарбори Газнавиён Абулқосим Ҳасан ибни Аҳмади Унсурӣ (970-1141), Абулҳасан ибни Ҷулуг Фаррухии Систонӣ (ваф. 1038), Манучехрии Домгонӣ (ваф. 1041), Масъуди Саъди Салмон (1046-1122), Абулфараҷи Рунӣ ва ғайра мебошанд. Умуман, «аз руйи гуфтаи таърихнависон дар доираи адабии Ғазна 400 шоири

дарбор будааст» [67, с. 45], ки ин шумораи андак нест ва он ба инкишофи минбаъдаи адабиёти форс-тоҷик бетаъсир набудааст. Бояд гуфт, ки дар бораи ҳаёти илмиву адабии доираи адабии Газна ва умуман Газнавиён мақолаҳои зиёди илмӣ-тадқиқотӣ ва рисолаҳои пажӯҳишӣ навиштаву ба нашр расидаанд.

Дар радифи суханварони зикршуда Абулмаҷд Маҷдуд ибни Одам, мутахаллис ба Саноӣ ва нисбаи Ғазнавӣ низ, мақому мартабаи хос дошта, яке аз намояндагони барҷастаи адабиёти форс-тоҷики доираи адабии Ғазна ба шумор меравад. Бояд гуфт, ки Саноии Ғазнавӣ дар ҷавониаш шуҳрат пайдо карда, аввалин мулоҳизарониву андешаҳо дар бораи ашъораш ҳанӯз дар замони дар қайди ҳаёт будани шоир баён гардида будаанд [1, с.29-31]. Сарчашмаҳои адабӣ-таърихӣ ва тазкирахои муосири Саноии Ғазнавӣ ва сарчашмаҳои зиёди минбаъда дар радифи дигар суханварони номии адабиёти форс-тоҷик аз ӯ ёд карда, дараҷаи баланди истеъдоди шоирӣ, фазлу камоли вайро руйи авроқ овардаанд ва алоқамандона ба ин баъзе лахзаҳои ҷудогонаи ҳаёти сипаришуда ва сафарҳои тӯлониашро, берун аз зодгоҳу баргаштан ба диёр, баъзан бо такрорҳо сабт кардаанд.

Ҳаким Саноии Ғазнавӣ зиндагии аҷибу шигифтангез ба сар бурдааст, ки метавонад, барои бисёрии инсонҳо намунаи ибрат ва пайравӣ қарор бигирад. Соли таваллуди ӯ дақиқан маълум нест. Дар баъзе сарчашмаҳо соли 437 ҳичрӣ (1047-48 мелодӣ) ҳамчун соли ба дунё омадани ӯ зикр шудааст. Аммо Мударриси Разавӣ дар натиҷаи таҳқиқоти амиқ ба ин натиҷа расидааст, ки дар байни солҳои 463-473 ҳичрӣ (1071-1081 мелодӣ) дар шаҳри Ғазнин ба дунё омадааст. Шоир дар ашъораш ишорате ба зодгоҳи худ дорад:

Гарчи мавлид маро зи Ғазнин аст,
Нақши шеърам аз нақши Мочин аст.

Шодмон бош аз ману аз худ, ки андар назму наср,
Н-аз Хуросон чун туе зодаст, н-аз Ғазнин чу ман.

Баъди касби илму дониш, маҳорат дар шеъру шоирӣ ба дарбори подшоҳони ғазнавӣ пайваст. Саноӣ монанди дигар шоирони маддоҳ ба хушомад ва саногӯии шоҳону вазирон машғул гардид. Ашъоре дар мадҳи Султон Масъуди савум, Баҳромшоҳи Ғазнавӣ ва амирону вазирони ин хонадон ба қалам овард.

Саноӣ дар шаҳрҳои гуногуни Хуросон ҳамчун Балх, Ҳирот, Сарахс, Нишопур мусофират анҷом дод. Дар замоне ки муқими Балх буд, дар ҷаҳони фикрии Саноӣ тағйироти аҷиби тақдирсоз рух дод. Ин тағйиротро устод Ғуломхусайн Юсуфӣ “валодате дигар” номидааст [10, с.137]. Яъне, Саноӣ андар ҷисми худ аз нав таваллуд шуд, таваллуде равонӣ ва маънавӣ, ки ӯро аз дунёи мадҳу ситоиш, тамаллуқу чоплусӣ ва ҳавоҳои нафсонӣ ба олами зуҳду порҳезгорӣ, бетамаллуқиву озодагӣ ва ахлоқу насиҳат раҳнамоӣ кард.

Саноӣ ихтиёри сафари Маккаи мукаррама кард, ба зиёрати ҳарамайн мушарраф гардид, дар мусофират ба ҳалқаи суҳбати арбоби ирфон пайваст ва баъди бозгашт дар ҳамин маслак пойдору устувор боқӣ монд.

Тағйири ҳоли Саноӣ ба сисолагии ӯ мувофиқ омад, чунончи худ дар “ҳадиқа” гуфтааст:

Гарчи дар ғафлат андар ин сӣ сол,
Дафтари ман сиёҳ кард хаёл.
Ин суханҳо зи котиби чапу рост,
Узри сесадҳазорсола бихост.

Баъд аз тағйири ҳол бештари умри Саноӣ дар Сарахс гузаштааст ва аз ҳимояти Сайфуддин ибни Мансури Сарахсӣ – қозиюлқуззоти Хуросон барҳӯрдорӣ доштааст. Дар ҳамин айём ба шаҳрҳои дигари Мовароуннаҳру Хуросон низ сафар мекард. Муддатеро ҳам дар ҳавзаи дарсу иршоди Хоҷа Юсуфи Ҳамадонӣ ба сар бурдааст.

Тақрибан солҳои 1123-1124 ба зодгоҳи худ Ғазнин баргашта, бо хоҳиши яке аз дӯстони худ бо номи Аҳмад ибни Масъуди Теша девони ашъорашро ҷамъоварӣ ва танзим кардааст ва муқаддимаи ҷолибе ҳам бар он навиштааст.

Дар ин айём Баҳромшоҳи Ғазнавӣ ӯро ба дарбор мехонад, то аз Саноӣ қадршиносӣ кунад ва ӯро ба сафи муқаррабони худ ҳамроҳ намояд. Саноӣ номае ба Баҳромшоҳ навишта эҳтироми ӯро ба ҷой овард, аммо хидмати дарборро рад кард. Дар он номи ин шеърро низ навишта буд:

Дарвеш наям, агарчи кам мекӯшам,
Девона наям, агарчи гум шуд ҳушам.
Гар бебаргӣ ба марг молад гӯшам,
Озодиро ба бандагӣ нафрӯшам.

Саноӣ дар Ғазна муҳимтарин маснавии худ “Ҳадиқат-ул-ҳақиқат”-ро ба поён расонид. Аз рӯйи ахбори баъзе сарчашмаҳо баъди як соли анҷоми “Ҳадиқат-ул-ҳақиқат” Саноӣ ба ҷаҳони ҷовидона сафар кардааст. Аммо устод Мударриси Разавӣ бо далелҳои қобили таваҷҷуҳ соли вафоти Саноиро 535 ҳичрӣ (мутобиқ ба 1140-41 мелодӣ) муайян кардааст. Мақбарааш дар Ғазнин то имрӯз пайваста зиёратгоҳи хоссу ом мебошад.

Осори Саноӣ. Ҳаким Саноӣ аз суханварони пурмаҳсули охири асри XI ва нимаи аввали асри XII мебошад. Ба қалами ӯ осори зерин навишта шудаанд:

1. Девони ашъор, ки шомили қасоид, ғазалиёт, муқаттаот, рубоиёт ва таркиббанду тарҷеот мебошанд.
2. Маснавии “Ҳадиқату-л-ҳақиқат”, ки ҳамчунин бо номҳои “Илоҳинома” ва “Фахринома” низ шинохта шудааст, ки бузургтарин маснавии ирфонии Саноӣ мебошад.
3. Маснавии “Тариқ-ул-таҳқиқ”, ки монанди “Ҳадиқат-ул-ҳақиқат” дар баҳри хафиф назм шудааст ва дорои 873 байт мебошад. Маснавии ирфонист ва бо байтҳои зерин оғоз ёфтааст:

Ибтидои сухан ба номи худост,
Он ки бемислу шибҳу беҳамтост.
Холиқ-ул-халқу боис-ул-амвот,
Олим-ул-ғайбу сомеъ-ул-асвот.

Ин маснавӣ соли 1134 ба риштаи назм кашида шудааст. Охирон, баъзе адабиётшиносон дар нисбати он ба қалами Саноӣ изҳори шубҳа кардаанд.

4. Маснавии “Сайр-ул-ибод”. Ин асар низ дар баҳри хафиф аст ва ба номи Сайфулҳақ Муҳаммад ибни Мансури Сарахсӣ назм шудааст, ки теъдоди абёташро 779 байт муайян кардаанд. Мазмуни ин маснавӣ ба “Мазҳакаи илоҳӣ”-и Донте шабоҳат дорад, аз ҳамин сабаб ҳам Р.Николсон Саноиро “пешкисвати эронии Данте” номидааст.
5. Маснавии “Корномаи Балх” ё “Мутоибанома”, ки дар баҳри хафиф назм шудааст ва ҳамагӣ 491 байт дорад. Ин маснавӣ, чунонки аз номаш маълум аст, дар баёни аҳволи аҳли Балх, хосса аҳли девон ва шоирону муншиён мебошад, ки шоир онҳоро сутудааст ё бо ҳазлу мутоиба аз эшон ёд кардааст.
6. Маснавии «Таҳримат-ул-қалам». Аз маснавиёти бисёр кӯтоҳи Саноӣ мебошад, ки 100 байт дорад. Манзумаест дар васфи қалам ва баъзе масъалаҳои ирфонӣ.
7. Номаҳои Саноӣ. Маҷмӯаест иборат аз номаҳои Саноӣ ба дӯстон ва арбоби давлат, ки намунаи хуби насри номанигорӣ мебошад. Соли 1984 дар Теҳрон бо саъю эҳтимоми Назир Аҳмад зери унвони “Макотиби Саноӣ” ба табъ расидааст.

Асарҳои номбаршуда мусалламан ба қалами Саноии Ғазнавӣ навишта шудаанд, аммо боз осори дигаре ба номи Ҳакими Ғазнавӣ оварда мешавад, ки дар боби мансуб будани онҳо ба ин суханвар ҷойи тардид ҳаст. Агарчи баъзеи онҳо дар китоби “Маснавиҳои Ҳаким Саноӣ” бо эҳтимоми Мударриси Разавӣ чоп шудаанд, тадқиқоти сабкшиносон ва нусхашиносон бар он натиҷа оварда, ки мансубияти онҳо ба қалами Саноӣ пазируфтанӣ нест. Ба ин гурӯҳ маснавиҳои “Ақлнома”, “Ишқнома”, “Саноиобод” дохил мешаванд, ки аз рӯйи вежагиҳои сабкӣ зоҳиран дар асрҳои XIV-XV навишта шудаанд.

Ҳамчунин, ба қалами Саноӣ маснавиҳои “Ғарибнома”, “Зод-ус-соликин” ва “Беҳрӯзу Баҳром”-ро нсибат додаанд, ки ҷумлагӣ дар баҳри хафиф навишта шудаанд ва аслан моли шоирони дигар мебошанд. Чунончи, маснавии “Беҳрӯзу Баҳром” дар асл ба қалами шоири маъруфи асри XV ва аввали асри XVI Камолиддин Биноӣ тааллуқ дорад, ки бо номи “Боғи Ирам” низ шинохта шудааст.

Мақом ва ҷойгоҳи шоирии Саноӣ. Осори Саноии Ғазнавӣ давраи наверо дар таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ оғоз бахшид, ки ба густариши мазмунҳои ирфонӣ дар шеър иртибот дорад. Ин наҳзати адабӣ ба муҳимтарин таҳаввулоти сифатии ҳунари шоирӣ оид гардида, назми форсиро аз инҳисори дарбор берун оварда ва дар миёни гурӯҳҳои зиёди ҷомеа маҳбубу матлуб гардонид. Саноӣ бо ишқу огоҳӣ ин маслакро пайгирӣ кардааст, чунончи худ дар “Ҳадиқат-ул-ҳақиқат” фармудааст:

Кас нагуфт инчунин сухан ба ҷаҳон,
В-ар касе гуфт, гӯ, биёру бихон.
З-ин намат ҳар чи дар ҷаҳон сухан аст,
Гар яке, гар ҳазор они ман аст.
Чун зи Қуръон гузаштаму з-ахбор,
Нест касро аз ин намат гуфтор.

Саноӣ аз бунёдгузорони қасоиду қитъаҳои ахлоқӣ мебошад. Ин шоири тавоно бо халлоқияти табъи худ муваффақ шуд, қасидаҳои ахлоқию ирфониро ҷойнишини қасидаҳои мадҳӣ бисозад. Бояд дар назар дошт, ки пештар аз Саноӣ ин равишро дар қасоиди Носири Хусрав метавон мушоҳида кард, бо он тафовут, ки қасидаҳои Носири

Хусрав ҷанбаи фалсафию каломӣ доштанд, аммо қасоиди Саноӣ бо ҷанбаи иҷтимоиву тарбиявӣ бештар нуфузу интишор пайдо карданд. Ин вежагӣ дар осори Саноӣ аз маҳдудаи қасида берун омад ва дар анвои дигари шеър низ мавзӯи меҳварӣ баргузида шуд.

Бисёре аз ашъори дар мавзӯоти ахлоқӣ ба назм овардаи Саноӣ то имрӯз дар сари забонҳо ҷорӣ ҳастанд. Чунончи:

Бо ҳама халқи ҷаҳон гарчи аз он
Бештар гумраҳу камтар бараҳанд.
Ту чунон зӣ, ки бимирӣ, бираҳӣ,
На чунон зӣ, ки бимирӣ, бираҳанд.

Ё худ дар парҳез аз шаробхорагӣ чунин гуфтааст:

Накунад оқил мастӣ, нахӯрад доно май,
Наниҳад мардуми ҳушёр сӯйи мастӣ пой.
Гар кунӣ бахшиш, гӯянд, ки май кард на ӯ
В-ар кунӣ арбада, гӯянд, ки ӯ кард на май.

Дар мавриди фирефта шудан ба қабули омма ва мағрур гаштан аз он, ки мардум ӯро писандидаанд, Саноӣ нукоте пандомӯз гуфтааст:

Аз пайи радду қабули ом худро хар масоз
З-он ки набвад кори омӣ ҷуз харӣ ё хархарӣ.
Говро доранд бовар дар худоӣ омиён,
Нӯҳро бовар надоранд аз пайи пайғамбарӣ.

Яъне бо ишороте ба гӯсолаи сомирӣ ва гумроҳ шудани қавми Мӯсо ва талмеҳе ба достони Нӯҳ матлабро равшан кардааст.

Дар мавриди даъват ба сабру шикебоӣ ва бурдборӣ байтҳои зерини Саноӣ шуҳрат доранд:

Ҳафтаҳо бояд, ки то як пунбадона з-офтоб
Шоҳидеро ҳулла гардад, ё шаҳидеро кафан.
Солҳо бояд, ки то як санги аслӣ з-офтоб
Лаъл гардад дар бадахшон ё ақиқ андар Яман.
Моҳҳо бояд, ки то як мушти пашм аз пушти меш
Сӯфиеро хирқа гардад ё ҳимореро расан.
Соати бисёр мебояд кашидан интизор,
То ки дар ҷавфи садаф борон шавад дурри Адан.
Қарнҳо бояд, ки то як кӯдаке аз лутфи табъ,
Олиме гӯё шавад ё фозиле соҳибсухан.

Панду насоеҳи ашъори Саноӣ андарзгӯии хушк нест, балки пайваста бозёфтҳои ҳунарӣ ва мушоҳидаи дақиқӣ шоирона мебошад. Масалан, дар қитъаи зерин бузургтар аз асл воқеъ гаштани сояи ашёро ҳакимона баррасӣ ва натиҷабардорӣ кардааст:

Чун ту шудӣ пир баландӣ маҷӯй,
К-он ки зи ту зод баланд он шавад.
Рӯз набинӣ, ки ба поён расад,
Сояи ҳар чиз дучандон шавад.

Саноӣ дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ ҷозибаҳои ирфониро дар пайванди қавӣ бо ҳикмату ахлоқ, нигоҳу таҳлили шоирона ворид кард. Ҳамин ҷиҳатҳои ҷолиб буд, ки дар замони зиндагии шоир ашъораш дар саросари қаламрави забону адабиёти форсӣ интишор ёфт ва маҳбубият пайдо кард.

А Д А Б И Ё Т

1. Девони Ҳаким Абулмаҷд Маҷдуд ибни Одам Саноии Ғазнавӣ; бо муқаддима ва ҳавошиву феҳрист, ба саъю эҳтимоми Мударриси Разавӣ, -Теҳрон, 1354.
2. Саноии Ғазнавӣ, «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат ва шариат-ул-тариқат»; тасҳеҳу таҳшияи Мударриси Разавӣ, -Теҳрон, 1377.
3. Муҳаммадризо Шафеъии Кадканӣ. Тозиёнаҳои сулук, нақду таҳлили чанд қасида аз Ҳаким Саноӣ. -Теҳрон, 1372.
4. Муҳаммадризо Шофеъии Кадканӣ. Дар иқлими рӯшноӣ. -Теҳрон, 1373.
5. Халилуллоҳ Халилӣ. Аҳволу осори Ҳаким Саноии Ғазнавӣ. -Кобул, 1365.
6. Алиасгари Башир. Сайре дар мулки Саноӣ. -Кобул, 1356.
7. Бадеъ-уз-замон Фурӯзонфар. Сухан ва суханварон. -Теҳрон, 1369. -С.254-308.
8. Ғуломҳусайн Юсуфӣ. Чашмаи равшан. -Теҳрон, 1369. -С.127-138.
9. Олимов К. Мировоззрение Санои / К. Олимов. -Душанбе. 1473.
10. Ҳаким Саноӣ. Осори мунтахаб. - Душанбе: Адиб, 1993. - 395 с.

ЗИНДАГИНОМАИ САНОӢ

Мақола оид ба зиндагиномаи Саноии Ғазнавӣ ва мероси адабии вай таҳия шудааст. Дар он муаллиф андешаҳои донишмандонро оид ба зиндагии Саноӣ ва сайри таърихӣ ба мероси адабии ин орифи бузурги

қарни XII ба ҳам овардааст. Осори Саноии Ғазнавӣ давраи наверо дар таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ оғоз бахшид, ки ба густариши мазмунҳои ирфонӣ дар шеър иртибот дорад. Панду насоеҳи ашъори Саноӣ андарзгӯии хушк нест, балки пайваста бозёфтҳои ҳунарӣ ва мушоҳидаи дақиқӣ шоирона мебошад. Саноӣ дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ ҷозибаҳои ирфониро дар пайванди қавӣ бо ҳикмату ахлоқ, нигоҳу таҳлили шоирона ворид кард. Ҳамин ҷиҳатҳои ҷолиб буд, ки дар замони зиндагии шоир ашъораш дар саросари қалламрави забону адабиёти форсӣ интишор ёфт ва маҳбубият пайдо кард.

Калидвожаҳо: Саноии Ғазнавӣ, шеър, адабиёти тоҷик, зиндагинома, осор.

ЖИЗНЕОПИСАНИЕСАНОИ

В данной статье рассмотрены жизнь и литературное наследие Санои. Автор делает исторический экскурс в жизнь Санои и историческое наследие этого великолепного поэта. Санои начал новую эпоху в истории литературы на персидском языке, которая связана с развитием поэзии и суфизмом. В статье дается полное описание жизни Санои Газнави, включая его службу при дворе Газневидов, путешествия и скитания за пределами Газавиды, описание жизни и установление года смерти на основе неопровержимых и достоверных источников. Подобное изыскание по восстановлению картины жизни Санои проводится впервые.

Ключевые слова: Санои Газнави, поэзия, таджикская литература, жизнь, произведения.

SANOI`S PERSONAL DETAILS

The article under consideration dwells on Sanoi`s personal details and literary legacy. The author of the article makes a historical insight concerning Sanoi`s life and historical heritage belonging to the great poet. It is underscored that Sanoi began the new Epoch in the history of the Persian literature, which is tied with the development of poetry and Sufism. Designing on the premise of profound facts and reliable sources, the author of the article presents complete depiction of Sanoi Ghaznavi`s life, including his service for Ghaznavids court, travelling and wanderings outside Gazavids, the life expectancy and the year of his death. In a nutshell, the author asserts that the relevant exploration dealing with reestablishment of the picture of Sanoi's life is being carried out for the first time.

Key words: Sanoii Ghaznavi, poetry, Tajik literature, life, literary productions.

Сведения об авторе: ***Юлдошева Мухайё*** - Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова, соискатель кафедры таджикского языка и литературы. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлянбекова 1

Information about the author: ***Yuldosheva Muahyo*** - Khudzhand State University named after B. Gafurov, applicant for the Tajik Language and Literature Department. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlyanbekova Ave. 1

УДК: 891:550

ЗАМОНИ БАДЕӢ ВА БОЗТОБИ ОН ДАР ҲИКОЯҲОИ ҶИЛОНИ БОНУ

Амиршоева М.П.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Давраи истиқлолталабӣ ва касби озодӣ дар нимаи дуюми қарни XX дар радифи дигар риштаҳои иҷтимоӣ тағйироти сифатиеро дар адабиёт ба зуҳур расонид. Насли тозае аз нависандагону шоирон вориди майдони эҷод гардиданд, ки ба таври куллӣ маҷрои адабиётро иваз намуданд.

Яке аз чунин нависандагон Ҷилони Бону мебошад, ки дар адабиёти муосир бештар бо ҳикояҳояш шуҳрат пайдо намудааст. Ҳикояҳои адиба фарогири вижагиҳои зиёде мебошанд. Дар ин мақола мо бар онем, ки дар атрофи яке аз унсурҳои ҳикояҳои ӯ изҳори ақида намоем.

Ҳангоми арзёбии ҳикояҳои Ҷ. Бону масъалае, ки зиёд ҷалби диққат менамояд, мавзӯи замон ва бозтоби он аст. Гап дар ин аст, ки ҳар асари бадеӣ, чи хурду чи бузург, бар пояи силсилаи воқеаву рӯйдодҳо, ҳузури ошкору пинҳони қаҳрамонон ба вуҷуд меояд. Мусаллам аст, он ҷо ки воқеа аст, қаҳрамон ҳаст, замон ҳам ҳузур дорад. Бо ин мақсад дида баромадани мавзӯи ёдшуда дар ҳикояҳои нависанда зарурӣ ба назар мерасад, чун замон мисли дигар унсурҳои асарсоз, бозтоби васеу қобили мулоҳизаро талаб мекунад. Сурати махсуси он дар асар боиси муваффақияту пазирандагии асар мегардад.

Албатта, категорияи замон дар адабиётшиносӣ мавзӯи тоза нест ва муҳаққиқон атрофи он зиёд баҳсҳо намудаанд. Дар ин замина таҳқиқоти муҳаққиқони маъруф Лихачев Д.С., Бахтин М.М., Дордин А., Аскин Ф. ва дигарон қобили мулоҳизаанд.

Аҳамияти замон ва махсусан замони бадеӣ дар бозтоби симои бадеии инсон, нишон додани масири таҳаввулу камоли хулқу атвори он ниҳоят бузург аст. Дар як асари бадеӣ ҳар як лаҳзаи бадеӣ таҳлил мегардад, тамоми лаҳзаҳои рӯзгори қаҳрамон силсилавор таҳқиқ мешавад. Дараҷаи бозтоби зиндагии фардии як қаҳрамон метавонад нишондиҳандаи камолу пухтагии асар ва дар маҷмӯъ гувоҳи ҳунару истеъдоди муаллифи он бошад.

Замон ҷойгоҳест, ки дар имтидоди он воқеаҳо ба зуҳур мерасанд, рушду камол меёбанд, ривоят мешаванд. Аз ин роҳ пайванди миёни инсону иҷтимоъ, ҷаҳони ботину зоҳири қаҳрамону нависанда сурат мепазирад.

Инъикоси замони муайяни қаҳрамони асари бадеӣ аз як сӯ, ҷаҳонбинии фалсафиву зебошинохтии асарро ба масоили умдаи ҷомеа ва падид овардани ҳастии ҳақиқии рӯзгори мардум муайян менамояд ва аз ҷониби дигар, муносиботи нависандаро дар бознигарии ҳақиқати иҷтимоӣ, таҷассуми сарнавишти таърихии як миллат ва мазмуни таърихии замон намоён месозад.

Замони бадеӣ нахуст бори баёну зуҳури замони қаҳрамон ва холиқи асарро ба дӯш дорад ва масири онҳоро дар қаламрави сужаи асар таъйин менамояд ва ҳамзамон бо унсури дигари замон, ки аз он ҳамчун замони равонӣ (психологӣ) метавон ёд намуд, гиреҳ мехӯрад. Тавассути замони равонӣ ҷаҳони ботинии қаҳрамону муаллифи асар падид меояд. Воқеият ин аст, ки инсон дар зиндагии иҷтимоӣ ва фардии худ ҳаргиз аз ҳолатҳои равонӣ ҷудо нест. Маҷмӯи ҳамин ҳолатҳост, ки зиндагии инсонро шаклу сурат мебахшанд. Нависанда замони равониро ҳамчун бахше аз замони бадеӣ дар бозгушоӣ ва бозтоби ҷанбаҳои гуногуни зиндагиву аъмоли қаҳрамонон истифода мекунад. Шахсияти қаҳрамонон бо баракати ҳамин замони равонӣ дар як асар муҷассам гардидаву маърифат мешаванд. Имконоту зарфияти ин забон ба гунаест, ки дар як фосилаи кӯтоҳ ҳунарманд бо истифода аз он қодир аст як даврони муайяни таърихиро ошкор созад ва ба риштаи тасвир бикашад.

Ба ақидаи бархе аз муҳаққиқон «замони психологӣ дар кушоиши савияи персонаж вақтро ниҳоят амиқ тақсимбандӣ менамояд ва таҳарруки воқеаҳои асари бадеиро ба диалектикаи инкишофи таърихӣ наздик менамояд. Ин замон ҳар як лаҳзаро дар равони персонаж баробар ба қимати зиндагии ӯ мутобиқ мекунонад. Замони психологӣ, инчунин дар муддати чанд соат ё чанд рӯзе тамоми ҳаёти қаҳрамонро бо дақиқаҳои арзишманди рӯзгори вай падидор мегардонад ва тавассути ҳофизаи таърихӣ, хотираҳои худи қаҳрамон, нақли ровӣ, руҷӯи муаллиф ва услуби баргардиш робитаи силсиладори даврҳо, наслҳо ва одамонро дохили сужет мураттаб месозад» [8, с. 49].

Қабл аз он ки шебу фарози ин мавзӯъро дар осори Ҷ. Бону мавриди баррасӣ қарор диҳем, лозим медонем аз як дидгоҳи донишманди маъруфи рус Лихачев Д. С. нақли қавл намоем. Мавсуф зимни таҳлилу арзёбии мавзӯи иртиботи замону макон холиқи як асарро ҳамзамон офаридгори замону макони хос медонад ва менависад: «Нависанда дар асари худ фазои муайянеро месозад, ки дар марзи он амалиёт сурат мегирад. Имкон дорад, ки фазо васеу густурда бошад, ё ки фушурда шуда дар ҳадди як утоқ қарор гирад, аз сӯйи дигар, метавонад воқеӣ бошад (мисли солномаҳо дар романи таърихӣ) ё ки тахайюлӣ бошад (монанди афсонаҳо). Нависанда дар офаридаи худ ҳамчунин метавонад эҷодгари замон бошад, замоне ки дар ҷараёни он амалиёти асар сурат мепазирад. Асар шояд фарогири садсолаҳо ва ё як соат бошад. Замон дар асар метавонад зудгузар ё оҳистагузар бошад. Шояд парокандаву бурида ё доимӣ ҷилва намояд, бо суръат саршори падидаҳо гардад, ё ин ки бо кундиву беҳавсалагӣ ҷараён ёфта, гоҳо «хушку холӣ» боқӣ монад. Ба нудрат моломоли ҳодисаҳо бошад» [5, с. 76].

Бо назардошти гуфтаҳои болоӣ ҳикояи «Дузд» («لئیرا»)-и нависандаро мавриди омӯзишу арзёбӣ қарор медиҳем.

Ҳикояи «Дузд» миёни осори Ҷ. Бону ҷойгоҳи хос дорад. Ин ҳикояро метавон яке аз шоҳкорҳои насри муосири урду номид. Мавзӯи ҳикоя тасвири хонаводае аз табақаи сарватманд ва шеваи муносибату бархӯрди онҳо, андешаву нигоҳи онҳо ба мардуми табақаи поёинӣ, мебошад.

Дар ҳикоя муколамаву гуфтугузорҳо миёни қаҳрамонҳо кам аст. Тамоми ҳаводису рухдодҳо, масъалаҳои марбут ба мавзӯи ҳикоя аз нигоҳи як қаҳрамони хурдсол бо номи Шамӣ ривоят мешавад. Шамӣ аз хонаводаи доро аст. Зери андешаву тафаккури падару модари сарватмандаш бузург шудааст. Ахлоқу рафтору кирдораш ҳам бар асоси диду назари онҳо шакл гирифтааст. Нахустин нуктае, ки дар масири андешаи ӯ, шеваи талаққиаш аз мазоҳири зиндагӣ ва масоили ҳастӣ зуд эҳсос мегардад, барҷастагӣ пайдо менамояд, риояти фосила, ҳадду марз аз мардуми табақаи поёни аст.

Шамӣ ҳарчанд зиндагиро ба таври комил назистааст, вале эҳсос мекунад, ки ӯву хонаводааш мақоми болову шоиста доранд. Аслан ин ҷаҳон мутааллиқ ба онҳову барои онҳо офарида шудааст. Ҳама дар қиёс ба онҳо мақоми паст доранд ва бояд дар хидмати онҳо бошанд. Мардуми табақаи поён барои онҳо дузду ландаҳуру муфтхӯр ба шумор меоянд. Онҳоро бояд ҳамеша таҳқир кунӣ, дашном диҳӣ, лату кӯб кунӣ, то ки буданашонро эҳсос кунанд. Ҳамзамон бо ин гоҳо таҳлилу барандоз намудани мазҳари зиндагии хонавода, шеваи бархӯрди модар ба олами перомуну атрофиён зеҳни ӯро ба сӯйи

дигар мекашонад, ба натиҷаҳои дигаргунае мерасад, ки шояд барои волидайнаш матлубу пазируфтанӣ нест.

Нуктаи дигаре, ки зикраш муносиб аст, қазовату натиҷагирии лозимро дар чаҳорчӯби замони равонӣ, ки кӯтоҳ ва фарогири мақтаи муайяни замон аст, анҷом медиҳад. Ҷумлаи нахустини ҳикояро: «Рошан ҳама чизи муҳимму лозимии дунёро ба мо ҳадя намуда буд» [12, с. 34с], -ро метавон хулосаи паёму ҳадафи ҳикоя ҳисоб намуд. Тамоми ҷумлаҳо ва матлабҳо, ки баъд аз он меоянд, гӯё як навъ шарҳу тафсири бадеии ҳамон ҷумлаанд.

Барои дарку тасаввури дақиқтари ин мавзӯъ зарур аст, як порчаи дигар нақл шавад, ки пурсишгуна матлабест, ки пас аз мушоҳидаву таҳлили ҷараёни ҳастии хонавода дар зеҳни ровӣ ба зуҳур расидааст: «Шумо фикр кунед. То чӣ андоза шоиставу зебо, нишотовар аст, вақте касе чунин меандешад, ки мо соҳиби ин олам ҳастем. Чунин ба назар мерасад, ки касе бар пойҳо занҷири шодиву хурсандиро баста бошад. Модар бо давлату савлати худ менозаду мефахрад» [12, с. 34].

Рошан духтари хидматгори хонавода Малинбӣ мебошад ва дар радифи модар хидмати ин хонаводаи сарватмандро ба ҷо меорад. Бештар машғули хидмати Шамӣ аст. Тамоми эҳсосоти худро ровӣ нисбати Рошан дар ҳамон ҷумлаи нахустин зеҳнан изҳор медорад.

Дар идомаи достон назари ровӣ нисбати Рошан ва модараш тағйир меёбад. Ровӣ худ иқрор мекунад, «Рошан ҳар чизи муҳим ва зебои дунёро ба ман медод ва ман бошам нисбати ӯ шарм доштам» [12, с. 35].

Шамӣ ҳатто чанд дафъа саъю талош мекард, то Рошан ва модарашро аз хона пеш кунад, вале муваффақ намешавад. Зеро онҳо тӯлӣ 15 соли хидматгорӣ ба қавли ровӣ «дасту пойи хона шуда буданд».

Гоҳо миёни андешаҳои ровӣ перомуни Рошан, ки ҳамсинну соли ӯст, нуқтаҳои зидду нақиз дида мешаванд. Агар дар оғози ҳикоя ӯ сарчашмаи шодиву хушбахтии худро аз вуҷуди Рошан медонад, баъзан ӯро « баднамуд, фарбеҳ, зишт ва ноуҳдабаро» мехонад. Аз мурури хатти сайри андешаи ровӣ равшан мегардад, ки Рошан дар хонаи онҳо ҳеҷ ҳуқуқе надорад. Ҳатто иҷозаи ба айвон ва ошхона даромаданро надорад. Ба қавли ровӣ «баъд аз хӯрок хӯрдани ҳама Миланбӣ хӯрокҳои пасмондаро ба лаълии ӯ мегузошт. Устухонҳои гӯшт, порае нон, пӯчоқи банана. Ӯ ҳамаи ин чизҳоро болаззат мехӯрд» [12, с.35].

Қобили зикр аст, ки воқеияти зиндагии табақаи доро, тасаввуроту дарки он аз ҷаҳони перомун, аз шахсияту мавқеияти табақаи поёнӣ дар ҳикоя дар ниҳояти воқеияту реалистона тасвир гардидааст. Хонанда мебинад, ки чи гуна ҳисси болову беҳтар будан нисбат ба мардуми нодору камбизоат дар ниҳоди фарзандони табақаи боло аз хурдӣ реша медавонаду бузург мешавад. Ҳиссе, ки саршори нафрату бадбинӣ, ночизшуморӣ аст.

Намунаи чунин ҳиссу даркеро мо дар зеҳнияти Шамии хурдсол равшан мебинем. Шамӣ нисбат ба Рошан, ки тамоми корҳои ӯро анҷом медиҳад, нафрату бадбинии беандоза дорад. Бо дағаливу номеҳрубонӣ бо ӯ рафтор мекунад, вале дар иваз эҳтирому ҳурмат мебинад. Бо аниқ гардидани хатти фикрии ровӣ симои воқеии табақаи доро, назару дидгоҳашон нисбати олами перомун боз мешавад. Табақаи поёнӣ барои онҳо «зоти паст», дузд аст, ки ба он намешавад бовару эътимод кард. Ба ин андеша нигоҳ кунем: «Рошан то дари даҳлез омада истад. Зеро ба ӯ ба дарун даромадан мумкин набуд, кӣ медонад, боз ягон чизро надуздад. Ба ин гуна зотҳои паст бовар кардан лозим нест» [12, с.36].

Ошноӣ бо дунёи аҷиби андешаи қаҳрамони хурдсол суолеро эҷод мекунад, ки чунин шеваи фикрроиву натиҷагирӣ нисбати одамон аз куҷо маншаъ мегирад? Хушбахтона, хеле зуд мо посухро дар матни ҳикоя пайдо мекунем. Ин хонавода аст, ки чунин тафаккуреро шаклу сурат медиҳад. Қаҳрамони беноми ҳикоя, модари Шамӣ, ки ҳатто бо забони ҳиндӣ гап заданро барои худ ор медонад ва ҳамеша бо англисӣ суҳбат мекунад, зимни мулоқот бо рафиқонаш дар бораи хизматгорон чунин мегӯяд: «дар ин кулбаҳо зиндагӣ карда, ҳама дузд мешаванд. Қатъи назар аз ин ҷо, кӣ аз хидматгорони имрӯз беҳтар аст» [12, с.37].

Муҳити хонаводагӣ чунин фароҳам шуда, дурусттараш ба гунае сохта шуда, ки аъзои он ба ҷуз худ, худхоҳӣ чизи каси дигареро қабул надоранд. Дар зеҳни онҳо чунин тасаввуре шакл мегирад, ки ҳама чизи дунё барои онҳо ва мутааллиқ ба онҳост. Дидани шайъе дар дасти табақаи поёни ҷомеа дар онҳо эҳсоси бади нафрату бадбинӣ эҷод мекунад. Исботи онро мо дар пораи зерин мушоҳида мекунем. Шамӣ рӯзе аз мактаб бармегардад ва дар назди хонаашон Рошанро мебинад, ки бо як дугонаи худ аз хок хона сохта ва аз навдачаҳо дар атрофаш боғчае ҳам бунёд кардааст. Дидани ин манзара дар вуҷуди Шамӣ ҳисси бухлу ҳасадро бедор мекунад. Барои ӯ қобили дарк нест, ки чунин

хонаи зебо чигуна метавонад моли Рошан бошад. Шамӣ ривоят мекунад: «Ман бо поям хоначаи сохтаи онҳоро зада шикастам. Ин қадар хонаи зебо аз они Рошан бошад, ман ин суханро гуфта наметавонистам. Рошан тарсид, дастони хоколудашро афшурда, сарашро хам кард ва мисли гунаҳкорон рост меистод. Чашмонаш пур аз ашк буданд. Аз шикастани ин хонаи зебо ман ҳам каме ғамгин шудам» [12, с. 38].

Такрори чунин манзараҳое дар зеҳни эшон чунин фикреро шакл медиҳад, ки дар атрофи ӯ ҳама чиз хонаву гулу дарахту ашёи дигар моли Шамӣ ва хонаводаи ӯст. Шамӣ ба ин бовари содалавҳонаи Рошан ба тамасхур механдад: «Рӯзи дигар ман дар утоқам вазифаи хонагиро тайёр мекардам, ки Рошан ба тиреза баромада гуфт: «Хонуми Шамӣ тезтар биёед. Як писарбачае дар кӯчаи Шумо рафта истодааст». Ман хеле хандидам ин беақл хаёл мекунад, ки ҳамаи кӯчаҳо низ аз они мо ҳаст» [12, с. 38].

Чи тавре ки дар боло қайд намудем, сужаи ҳикоя чунин шакл гирифта, ки бо гузашт аз як пора ба пораи дигари он ҷузъиёти характеру хулқу атвори қаҳрамонон боз мегардад, гӯшаҳои ношинохтаи хусусиятҳои ахлоқиву зеҳнияти онҳо маърифат мешавад, ҳамчунон гоҳ-гоҳе фикрҳо мутаззоданд.

Ровӣ зимни баёни мавзӯъ, тамошои барномаҳои телевизионӣ ба нуқтаи зерине ишорат мекунад, ки он ҳам ба характеру дунёи ботинии табақаи болоӣ иртибот мегирад: «Якчанд маротиба падарам ба модарам гуфтанд, ки берун бисёр хунук аст, бигзор Рошан ба хона даромада тамошо кунад. Лекин модарам гумон мекунад, ки одамони камбағал хунук намехӯранд, ҳатто бе либоси ғафс ҳам гаштан мегиранд» [12, с.39].

Дар қиёс бо он ки зикр шуд, дар пораи зерин содагиву ақибафтодагии зеҳнии Рошан нишон дода мешавад. Шамӣ рӯзе ба Рошан фаҳмонда медиҳад, ки хона даромада либосҳои ӯро дарзмол кунад. Ин амр мояи тааҷҷуби ӯ мегардад, зеро вай ҳаргиз иҷозати хона даромадан надошт. Вақте хона медарояд таҳайюри ӯ зиёдтар мешавад: Ҳолати ӯ дар матн чунин омадааст: «мисли девона ӯ ба чор тарафи утоқ нигоҳ мекард», «чаро ҳуҷраи Шумо гарм нест», ин шамоли хунук аз куҷо омада истодааст. Вай ба шифт нигарист, ки он ҷо кондетсионер насб шуда буд. Ман дари хонаро пӯшида онро дармегирондам то ҳаво салқин шавад. Ман ба ӯ вазифаи кондетсионерро фаҳмонда додам.

- Хуб, -гӯед, ки шамоли хунук ҳам дар итоати Шумост.- бо тааҷҷуб гуфт ӯ» [12, с.39].

Чунин бардошти Рошан аз вазъияти нав зеҳни Шамиро ба сӯйи модараш мутаваҷҷеҳ месозад. Зеро фазосози хонаи ӯст.

Шамӣ ҳар қадар ки амиқтар дар атрофи шахсияти модараш меандешад, ҳамон қадар ба вусъату ҳаҷми қудрату неруи ӯ, андозаи худхоҳиву ғурури ӯ даст меёбад, муносибати ӯро бо падараш қиёс менамояд ва хулосаҳои аҷиб мегирад. Пеши Шамӣ модар як чеҳраи қаҳҳору хашмгинест, ки «аз ӯ ҳама метарсанд, зеро ӯ ҳатто қудрати манъ кардани гулҳои шукуфтаистодаро ва шамоли вазидаистодаро дошт, ин ҳама аз он рӯзе ба ман маълум шуда буд, ки модараш ба ман фармон дода буд, ки шуҳрати ӯ, аллакай, аз мамлакат берун баромада буд» [12, с. 39].

Шамӣ дар атрофи зиндагии падараш меандешад. Вазъи коргоҳӣ ва хонаводагии ӯро қиёс мекунад ва бар асоси гуфтаҳои Рошан натиҷаи яқин ҳосил мекунад: «вай дар корхонааш мисли ситораҳои осмон медурахшад. Лекин дар хона аз тарси модараш, ҳатто қудрати сухан рондан ҳам надорад.

Ҳаққу ҳуқуқи сухан рондан, фикр баён кардан ва ҳатто хурсандӣ карданаш ҳам аз модарам вобастагӣ дорад. Рошан рост мегӯяд, ки тамоми чизи дунё аз они модарам аст» [12, с. 41].

Тазоҳур, шуҳратталабӣ, шукӯҳу ҷалол, пулу молхоҳӣ сифоти барҷастаи ҳар як хонаводаи дорост. Баргузории ҷашнҳои бошукӯҳ бо ширкати ҳунармандони машҳур, базму зиёфатҳо хосси хонаводаест, ки Шамӣ дар он зиндагӣ мекунад. Дар ҳикоя зимни рухдоди зиндагии хонаводагӣ мо ба чунин саҳнаҳо дучор мешавем.

Иттифоқан дар як чунин нишасте, ки бо ширкати санъаткори машҳур Холид баргузор мегардад, Холид ба Шамӣ ошиқ мешавад ва пас аз он он шаб тез-тез ба хонаи Шамишон меояд. Ин ба модар хуш намеояд, зеро ӯ аз табақаи поён аст. Дар ин замина гуфтугӯи модару духтар ҷолиб аст: «Одамон дар бораи туву Холид ҳар гуна чанд гапчаҳо мебофанд, ки ин ба ман маъқул нест»-гуфт модар бо ғазаб.

«Лекин ба ман маъқул аст, модар! Ман мехостам ба модарам гӯям, ки Холид мафтуни ман аст, пас чаро мо аз одамон тарсем? Лекин Рошан рост мегӯяд, ки гузаштани вақт ҳам дар ихтиёри модари ман аст. Бод ба ишораи ӯ мевазад» [12, с.41].

Шамӣ ғарқ дар афкори сардаргуми хеш зимни барандоз намудани масири хонаводагӣ ҳар натиҷаву иқдомеро бо афкори гуна-гунаи Рошан қиёс мекунад ва оқибат ба султони яккатоз будани модар тан медиҳад, то ин ки пешомади дигаре ба вуқуъ мепайвандад, ки авзоъро комилан тағйир медиҳад.

Марди занмурдае, ки соҳиби чор фарзанд аст, мехоҳад Рошанро ба занӣ гирад. Ба гуфти мардум ӯ дузд аст ва таҳдид мекунад, ки агар Рошанро ба ӯ надиҳанд ӯро ба зурӣ мебарад. Инро шунида модари Шамӣ мегӯяд: «Ба муҳлати дах сол он дуздро ба зиндон мепартоем… ёрдамчии инспектор имрӯз ба клуб меояд…» [12, с. 42].

Ба ин нигоҳ накарда марди ошиқ ҳар рӯз назди дарвоза роҳи Рошанро поида менишинад.

Рӯзи дигар Шамӣ Рошанро дар ҳоли гиря кардан мебинаду сабаб мепурсад, Рошан мегӯяд: «Ман метарсам Шамӣ-хонум. –Метарсӣ? Аз чӣ. Ман имрӯз бори аввал бо Рошан ин тавр суҳбат мекардам. –Ӯ мегӯяд, Шумо медонед ӯ чӣ мегӯяд? –Вай мегӯяд, ки ман аз хӯҷаини Шумо наметарсам. Рошан инро гуфта ба ларза даромад. Мисли ин ки интизор буд ман ӯро мезанам. Лекин ин зарбаи Ҷамол (марди занмурда-А. М.) даҳони маро баст.

Ҳикояи «Дузд» дар ҳамин ҷо ба поёни матлуби худ мерасад ва қазовату натиҷагириро ба дӯши мухотабон мегузорад. Вале ба андешаи мо ҷойи зуҳури паёму ҳадафи нависанда маҳз дар ҳамин нукта нуҳуфтааст.

«Дузд» унвони ҳикоя аст, вале тавре ки дида мешавад, дар матни ҳикоя мо ба ягон рухдоде, ки шабоҳате ба амали дуздӣ дошта бошад, намебинем. Танҳо тасаввуру дарки берунаи табақаи болоист, ки дар симои мардуми одиву нодор дузду бадзот, пасту разилро мебинанд. Вале дар асл дузди воқеӣ худи онҳо ҳастанд. Онҳоянд, ки шодию нишотро, рифоҳи зеҳниву моддиро аз мардум медузданд. Эҳсоси ширини даврони кӯдакиро аз фарзандони мардум мерабоянд. Эҳсоси одам будан, инсонвар зиндагӣ карданро аз инсонҳо салб мекунанд. Ба гумони мо ин аст паёми аслии нависанда дар зеҳнияти Шамӣ ва дар бистари замони психологӣ бозтоби бадеӣ пайдо мекунад.

А Д А Б И Ё Т

1. Бахтин, М.М. Автор и герой в эстетической деятельности / М.М. Бахтин, Проблема отношения автора к герою. -М., 1979. – 424 с.
2. Бродов, В.В. Индийская философия нового времени / В.В. Бродов. - М., 1967.-286 с.
3. Глебов. Н. Литература урду / Н.Глебов, А.Сухачев. -М.,1967. -230 с.
4. Литература Востока новейшее время. -М.: МГУ, 1977. -526 с.
5. Лихачёв. Д. С. Внутренный мир художественного прозведение / Д.С.Лихачёв. Вопросы литературы, 1968. -№8. -74-84 с.
6. Раджабов, Х. Становление и развитие современного рассказа хинди / Х. Раджабов. – Душанбе: Пайк, 1998. –176 с.
7. Рачабов, Ҳ. Адабиёти ҳиндӣ дар давраи нав / Ҳ. Рачабов. – Душанбе: Эр-граф, 2017. – 495 с.
8. Рачабов, Ҳ. Адибони муосири ҳиндӣ / Ҳ. Рачабов. – Душанбе, 2014. – 127 с.
9. Раҳмонов А. Маърифати замон / А.Раҳмонов. - Душанбе: Адиб, 1995. – 111 с.
10. Современная восточная новелла. -М.: Наука, 1969 -239 с.
11. Челышев Е.П. Современная индиская литература / Е.П. Челышев. –М., 1981.- 352 с.
12. انور عصیم- افسانہ اور رد افسانہ-/عصیم انور، ال المد سرور-.-علیگرھ-1977-.-179ص-
13. جیلانی بانو-بات پھولوں کی-/بانو جیلانی-.-دھلی-، 2001-.-120ص-.-34

ЗАМОНИ БАДЕӢ ВА БОЗТОБИ ОН ДАР ҲИКОЯҲОИ ҶИЛОНИ БОНУ

Давраи истиқлолталабӣ ва касби озодӣ дар нимаи дуюми қарни XX дар радифи дигар риштаҳои иҷтимоӣ тағйироти сифатиеро дар адабиёт ба зуҳур расонид. Насли тозае аз нависандагону шоирон вориди майдони эҷод гардиданд, ки ба таври куллӣ маҷрои адабиётро иваз намуданд. Яке аз чунин нависандагон Ҷилони Бону мебошад, ки дар адабиёти муосир бештар бо ҳикояҳояш шуҳрат пайдо намудааст. Ҳикояҳои адиба фарогири вижагиҳои зиёде мебошанд. Дар ин мақола мо бар онем, ки дар атрофи яке аз унсурҳои ҳикояҳои ӯ изҳори ақида намоем. Ҳикояи «Дузд» миёни осори Ҷ. Бону ҷойгоҳи хос дорад. Ин ҳикояро метавон яке аз шоҳкорҳои насри муосири урду номид. Мавзӯи ҳикоя тасвири хонаводае аз табақаи сарватманд ва шеваи муносибату бархӯрди онҳо ба мардуми табақаи поёнӣ, андешаву нигоҳи онҳо бар ҷаҳону перомуни он мебошад. «Дузд» унвони ҳикоя аст, вале тавре ки дида мешавад, дар матни ҳикоя мо ба ягон рухдоде, ки шабоҳате ба амали дуздӣ дошта бошад, намебинем. Танҳо тасаввуру дарки берунаи табақаи болоист, ки дар симои мардуми одиву нодор дузду бадзот, пасту разилро мебинанд. Вале дар асл, дузди воқеӣ худи онҳо ҳастанд. Онҳоянд, ки шодию нишотро, рифоҳи зеҳниву моддиро аз мардум медузданд. Эҳсоси ширини даврони кӯдакиро аз фарзандони мардум мерабоянд. Эҳсоси одам будан, инсонвор зиндагӣ карданро аз инсонҳо салб мекунанд. Ба гумони мо ин аст паёми аслии нависанда дар зеҳнияти қаҳрамони ҳикоя – Шамӣ, ки дар бистари замони психологӣ бозтоби бадеӣ пайдо мекунад.

Калидвожаҳо: Ҳиндустон, ҳикоя, осори насрӣ, нависанда, адабиёт, урду, ҷамъият, ваъи иҷтимоӣ, психология, рамз, халқ.

ХУДОЖЕСТВЕННОЕ ОПИСАНИЕ В РАССКАЗАХ ДЖИЛОНИ БОНУ

Во второй половине XX в. после завоевания независимости в литературах Индии произошли коренные изменения, как и в других общественных отраслях. Новое поколение прозаиков и поэтов взошли на литературную арену и полностью изменили задачу литературы. Рассказы одного из прозаиков современной литературы урду Индии – Джилани Бону отличаются своей особенностью. В данной статье обращается внимание на первоэлемент ее прозы на примере рассказа «Вор», занимающего особое место в творчестве Джилони Бону. Данный рассказ можно рассматривать как шедевр художественной литературы урду. В данном рассказе описывается жизнь семьи – представителей высшего сословия и их отношение к людям из низшего класса современного общества Индии, их помыслы и взгляды на мир и жизнь. «Вор» - символическое название рассказа. В нем даже нет ни малейшего

намека на подобие такого действия, как воровство. Это всего лишь грязные помыслы представителей высшего сословия о простом и неимущем народе, который они презирают. На самом деле, настоящие воры они и есть. Это они воруют веселье и спокойствие, умственное и материальное благо народа. Они отнимают радость детства у бедного народа. Они лишают людей права быть человеком и жить по - человечески. Мы считаем, что именно на этот аспект обращает внимание автор посредством главной героини данного рассказа Шами, находящейся в психологическом состоянии.

Ключквые слова: Индия, рассказ, прозаик, писатель, литература, урду, общество, социальное положение, психология, символ, народ.

THE ARTISTIC DESCRIPTION IN STORIES Of JEELONI BONU

In second half XX century after an independence gain inliteratures of India have occurred basic changes as in other public branches. The new generation of prose writers and poets have ascended to the world of literature and have reversed a literature problem. Stories of one of prose writers of the modern literature urdu india – Jeelani to the check differs the feature. In given article the attention on primitive element its prose on an example of the story “the Thief”, a taking special place on creativity in Jeeloni to the check is paid. The givin story can be correlated as a masterpiece in fiction urdu. In the given story life to a family – representatives of the higher estate and their relation to people from a poor class modern societies of India, both thoughts and a sight at the world and lfe is described. “Thief” the symbolical name of the story. In it evenis not present thes slightest hint on similarity of such action on larceny. It is all, dirty thoughts of representatives of the higher estate about the simple and deprived people which despise. On itself business, the present thieves and they are. They steal it cheerful and calmness, intellectual and people material benefit. They take awau pleasure of action from the poorpeople. They deprive of people to be the person and to live humanly. We consider, what exactly pays attention to thes aspect the author by means of the main heroine of the given story of Shami beof the given story of Shami being ing in a psychological condition.

Key words: India, description, psychological, symbolical, story, people, societies, material benefit, literature problem, writer, poet

Сведения об авторе: ***Амиршоева М.П.*** - Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры индийской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17.
Тел.: **(+992) 919-94-29-90**

Information about the author: ***Amirshoeva Manzura*** - Tajik National University, Teacher of the Department of Indian Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 919-94-29-90**

УДК:891.550.09+891.550.092

ПИРОМУНИ ОФАРИНИШИ ПЕРСОНАЖ ДАР РОМАНИ «ҲАЙҶО» МАСЪАЛАИ ПАРАЛИПСИС

Аҳмадзода Ф.Ф.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Персонаж муҳимтарин унсури созандаи асари бадеист. Бидуни таваҷҷуҳ ба барҷаста будан ва ё набудани мавқеи персонаж дар хатти сужет мувозинати зоҳирӣ ва ботинии он бо муҳтаво ва ҳадафи асар ниҳоят муҳим буда, дараҷаи муваффақияти нависандаро дар баёни ғояи мавриди назараш нишон медиҳад. “Марҳилаи ҳозираи инкишофи насри тоҷик (ки аз нимаи солҳои 50 оғоз ёфтааст), имкон медиҳад, ки дар бораи амиқ рафтани санъати инсоншиносӣ ва таҳқиқу таҳлил дар тасвири инсон сухан ронем” [4, с.61]. Аз ин рӯ, ба мақсади ошноӣ бо раванди офариниши персонаж ва низоммандиҳои марбут ба он, дар заминаи романи пурсарусадои «Ҳайҷо» (2015), ки зоидаи зеҳни ковишгари нависандаи бузурги халқи тоҷик Ӯрун Кӯҳзод аст, як баррасии калидӣ анҷом хоҳем дод. Дар зимн, ба як мабҳаси ҷолиби тоза ишора хоҳем кард, ки дар робита бо персонаж дар назарияи “Гуфтумони ривоӣ”-и Жерар Женетт матраҳ шудааст.

Азбаски романи «Ҳайҷо» обишхӯри таърихиву фарҳангӣ дорад ва ҳаводиси беш аз сад сол дар он инъикос ёфта, мавриди таҳлил қарор гирифтааст, мутаносибан теъдоди зиёди персонаж – бештар аз 200 чеҳраҳои марказӣ, канорӣ ва лаҳзаӣ дар сохтори ривоии он дида мешаванд. Аз ҷумлаи персонажҳои марказӣ, ки намояндагони чаҳор насли як хонадон ҳастанд, Дилмурод мавқеи меҳварӣ дорад, зеро аз саҳифаҳои аввал то охири асар ҳузури мунфаил ва аҳёнан фаъоли ӯ қобили мушоҳида аст. Бақия персонажҳои марказӣ ва канорӣ, ки мутаносибан дар маҳдудаи замонӣ ва фазои амалиёти фарохтар ё маҳдудтар қарор доранд, дарсади камтар аз кулли чеҳраҳои романро ташкил медиҳанд. Ҷолиб аст, ки дар сохтори роман персонажҳои лаҳзаӣ ҷойгоҳи муҳимтаринро ишғол мекунанд. Тадовум ва таҳаввули силсилавии хатти сужетро ҳузури фаъоли чеҳраҳои лаҳзаӣ таъмин менамояд, ки баррасии ҷузъии ин мавзӯъ берун аз доираи аҳдофи ҳозир аст.

Барои муайян кардани ҷойгоҳи персонаж дар сохтори ривоӣ ва навъи муносибати байни нависандаву чеҳраҳои роман ба лаҳзаҳои асосии раванди офариниши шахсияти

бадеӣ дар асари мазкур бояд таваҷҷуҳ кард. Ҷамеи назарияпардозони адабиёт ироаи мушаххасоти зоҳирӣ ва ботиниро аз усули ҳатмии офариниши персонаж донистаанд [3, с.145; 6, с.131-132; 7, с.112-114]. Зеро муаррифии чеҳраҳои асари бадеӣ робитаи байни хонанда ва матнро тақвият дода, таваҷҷуҳи мухотабро ба таҳаввули сужет ҷалб менамояд. Бояд гуфт, ки дар «Ҳайҷо» ба ҷуз ном ва аҳёнан насаб мушаххасоти зоҳирии ҳеҷ кадом аз персонажҳо дода нашудааст. Хонанда ҳангоми мутолиа тасвири мутааййине аз шахсият дар зеҳни худ дошта наметавонад. Ҳатто ягона чеҳраи меҳварӣ – Дилмурод низ аз ин қоидаи ҳоким бар асар истисно нест. Албатта, портрети ботинии персонажҳо ба таври ғайримустақим оварда шудааст. Яъне, аз рафтор, гуфтор ва ақидаҳои шахсияти бадеӣ хонанда метавонад то ҳадде аз олами ботинии ӯ пай барад, барои мисол, монологи ботинӣ, ки “насрро ба роҳи таҳлили амиқу ҳартарафаи психологӣ дохил мекунад” [9, с.50], василаи дигарест барои раҳ ёфтан ба замири персонажҳо. Вале персонажҳои лаҳзаӣ, ки ҳузурашон дар асар мутадовим нест, портрети ботинӣ низ надоранд, зеро маҳдудаи танги фаъолияти онҳо дар саҳнаи марбути асар имкони бурузи хусусиятҳои ботиниро наметавонад фароҳам оварад.

Ба ягона аломати зоҳирии персонаж дар роман, яъне ном ва низоми номгузорӣ бояд диққати бештар дод. Вақте нависанда барои персонаж ном ё лақаб интихоб менамояд, умдатан ба таври огоҳона саъй мекунад, ки он ном буъде аз шахсияти қаҳрамонашро муаррифӣ созад. Чунин равиш дар «Ҳайҷо» дида мешавад, аммо дар саросари роман роиҷ нест. Барҷастатарин намунаи истифода аз ин равишро дар номгузории як қатор образҳои мусбат мушоҳида кардан мумкин аст. Масалан, номи 15 нафар персонаж бо қисмати таркибии «Мурод» омадааст [2, с.3, 6, 12, 23, 74, 78, 143, 153, 163, 175, 229, 235]. Ҳамаи ин Муродҳо дар як ҷанбаи мушаххаси хислат – рӯҳияи табаддулгаро ва навҷӯ умумият доранд. Дар баробари ин, равиши низомманди номгузорӣ, гурӯҳе аз чеҳраҳои роман бидуни зикри ном омадаанд. Мисли Амир, Шоир, Вазир, Қозӣ ва дигарон. Албатта, ин навъи унвондиҳӣ ба шахсият низ ҷолиб аст, аммо дар кулли роман се Амир, чор Шоир, чанд Вазиру Қозӣ ҳузур доранд ва вақҳи тафриқае барои онҳо аз тарафи нависанда нишон дода нашудааст.

Нуктаи муҳимми дигар дар доираи мабҳаси номгузорӣ он аст, ки дар баъзе маворид нависанда ба истифодаи дурусти номи персонаж таваҷҷуҳи зиёд накардааст. Мисол, ҳамон як шахсият ҷойе Абдукарим Додхоҳ ва ҷойи дигар Абдураҳим Додхоҳ зикр шудааст, дақиқтараш дар давоми як саҳифа [2, с.26]. Мушкили дигаре дар номгузории силсилаи хонадони персонажи меҳварӣ вуҷуд дорад, ки муайян кардани нисбати намояндагони хонадонро ба ҳам ниҳоят душвор намудааст. Аз мутолиаи мӯшикофона маълум гашт, ки персонажи меҳварӣ – Дилмурод писари Муродгул ва Муродгул духтари Азизмурод ва Азизмурод писари Рӯзимурод аст (Бо ин шаҷара дар саҳ. 235-уми роман метавон то ҷойе ошно шуд). Вале дар роман [2, с.270, 275] персонаж Муродгул Рӯзимуродовна зикр шудааст, ки мантиқан бояд Азизмуродовна мешуд, чун падараш Азизмурод аст [2, с.235], Рӯзимурод бошад, бобои ӯст. Ҳамчунин Дилмурод, ки писари Муродгул ва набераи духтарии Азизмурод аст, дар саҳифаи 175 Дилмуроди Азизмурод омадааст; дар саҳифаи 285 Дилмурод Каримов. Аз рӯйи анъанаи роиҷ баид аст, ки Дилмурод насаби модариашро бигирад, аз ин рӯ, ин масъала низ ҷойи ҳал дорад.

Хулласи калом, ба хотири шабоҳати номи персонажҳо барқарор кардани ҷараёни дурусти сужет, ки ҷаҳишҳои замонӣ дорад, барои хонанда ниҳоят душвор шудааст. Шояд ҳамин масъала боиси сардаргумии худи нависанда шуда, мавориди болоро ба бор оварда бошад. Ба саҳнаи амал овардани теъдоди зиёди шахсият ва танзими рафтору гуфтори онҳо дар тавозун бо меҳвари ғоявии асар аз қисматҳои мушкилтарини раванди офариниш мебошад. Яке аз мавридҳои танқузи ақидатии шахсиятро метавон дар саҳифаҳои 21 ва 47-уми «Ҳайҷо» мушоҳида намуд, ки, албатта, ба таври нохудогоҳ аз қалам даррафтааст.

Ишораи дигаре, ки барои муайян кардани ҷойгоҳи персонаж дар низоми сохтори ривоии роман метавонад муассир бошад, иборат аст аз номушаххас мондани тақдири шахсиятҳои марказӣ. Дар робита бо ин масъала метавон тақдири персонажи меҳварӣ – Дилмуродро мисол овард. Дар саҳифаи 411-уми роман дар ҷараёни ҳаводис ӯро гум мекунем ва аз рӯйи таҳаввули воқеаҳо ҳам ҳадс задани анҷоми кори ӯ муяссар намешавад. Ҳамчунин, яке аз Амирон ногаҳон аз қатори шахсиятҳо меуфтад. Албатта, фарди огоҳ аз таърих аз марҷаъҳои фароматнӣ оқибати кори амирро дармеёбад, вале дар ҳар сурат қавонини офариниши асари бадеӣ тақозо мекунад, ки аз чунин масъала фурӯгузорӣ нашавад.

Мабҳаси мазкур дар назарияи нарратологияи Женетт [8, с.426] ҳамчун *паралипсис* [10, с.70] қайд шудааст. Тибқи тавзеҳе, ки худи назарияпардоз аз ин мафҳум ироа медиҳад, яъне “аз канори унсуре рад шудан, нодида гирифтани персонаж ё воқеае дар асар, амдан ё

ба таври нохудогоҳ зикр накардани мавриди хоссе” [1, с.87] масъалаи номуайян мондани тақдири персонажҳои роман дақиқан марбут ба ҳамин ҳолат аст. Дар осори мунсаҷим тақрибан ҳеч гоҳ бо ин ҳолат мувоҷеҳ намешавем, аммо дар “Ҳайҷо” мисоли паралипсис ниҳоят зиёд аст. Масалан, тақдири бародарони Муродгул низ номаълум мемонад, ҳарчанд дар саҳифаҳои 233-235 зикри онҳо рафтаву қиссаи зиндагиашон гӯё шурӯъ шудааст. Албатта, дар мавриди персонажҳои лаҳзаӣ аслан татбиқи ин масъала дар назар ҳам гирифта намешавад, вагарна саросари роман паралипсис буд. Дар ҳар сурат, ҳадси мо бар ин аст, ки ҳолати мазкур ношӣ аз сабки нигориши асар мебошад ва бештари ин маворид амдан аз тарафи нависанда фурӯ гузошта шудааст, то бо ручӯъ ба ҷузъиёт моҳияти аслии афкорашро дар назари хонанда камранг накарда бошад.

Аз мавориди боло, ки ба таври иҷмолӣ ташреҳ ёфт, то ҳадде бо низоми офариниш ва хусусиятҳои ҷолиби диққати персонажҳои «Ҳайҷо» ошноӣ пайдо кардем. Бо истифода аз ин баррасии мухтасар, дар муайян кардани ҷойгоҳи персонаж дар сохтори ривоӣ метавон ба як қатор натоиҷи калидӣ даст ёфт:

1. Набудани портрети зоҳирии персонажҳо боис мешавад, ки диққати хонанда ба шахсият маътуф нашуда, танҳо силсилаи воқеаҳоро дунбол намояд. Пас нависанда ҳадафмандона аз ироаи портретҳои зоҳирӣ ва дар ағлаби ҳолатҳо мушаххасоти ботинӣ даст кашидааст, то асолати воқеа ва моҷароро дар асар ҳифз намояд. Яъне ба хонанда имкон намедиҳад, ки бо персонаж унс гирифта ба ӯ дил бандад ва саргузашташро пайгирӣ намуда, аз идеяи меҳварии асар дур монад. Аз ҷониби дигар, “ҷузъиёти воқеа аз воҳидҳои барҷастаи намоишгари сабки адиб аст” [6, с.226-227], пас адами ҷузъиёт низ сабк шуда метавонад.
2. Масъалаи номҳои мухталиф гирифтани як персонаж низ ношӣ аз мавриди қаблӣ бояд бошад, ки худи нависанда ба асолати воқеа таваҷҷуҳ намуда, тадқиқи изофии шахсияти персонажҳоро лозим надонистааст.
3. Шояд аз ҳамин сабаб бошад масъалаи номушаххас мондани тақдири персонажҳо. Яъне, боз ҳам тарҷеҳи асолати воқеа бар шахсияти персонаж. Ба ибораи дигар, даст кашидан аз ҷузъиёти ғайризарурӣ ба хотири барҷаста нишон додани куллиёти дорои аҳамияти хос.
4. Азбаски дарунмояи роман дар қолаби тасвири тадовуми замон ва тасалсули воқеаву ҳодисаҳо ироа шудааст, дар саросари он адами тамомият, набудани нуқтаи фарҷом маҳсус аст. Аз ин рӯ, номуайян мондани тақдири персонажҳоро метавон мутаассир аз рӯҳияи ояндамеҳвар донист. Вале имкони ибрози ақидаҳои гуногун дар ин бобат вуҷуд дорад.

Дар ҷамъбасти мабҳас бояд қайд кард, ки персонаж дар «Ҳайҷо» мавқеи мунфаил дорад ва тамоми мавориди боло ба ҳамин нукта ишора менамоянд. Нависанда то ҳадди имкон персонажро аз меҳвари сужет дур карда, ҷойгоҳи марказиро ба ташаккули воқеа ихтисос додааст. Ба навъе, ки гардонандаи сужет воқеа мебошад, на персонаж. Ин равиши тоза дар насрнависӣ бисёр ҷолиб ва ба муҳтавои роман муносиб уфтодааст. Муҳтавои «Ҳайҷо» хусусияти фардӣ надорад, он дар шахси персонажҳои сершумори лаҳзаӣ рӯҳияи умумӣ, хусусиятҳои умумии миллии халқи тоҷикро нишон медиҳад. Нависанда дар ин иқдоми навҷӯёна бо равише, ки ба кор бурдааст, воқеан муваффақ мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Женетт Ж. Фигуры. Монография / Ж. Женетт. –М.: Издательство имени Сабашниковых, 1998. – 944 с.
2. Кӯҳзод Ӯ. Ҳайҷо. Роман. – Душанбе: Адиб, 2015. – 414 с.
3. Мусулмониён Р. Назарияи адабиёт. Монография / Р. Мусулмониён. -Душанбе: Маориф, 1990. – 334 с.
4. Набиев А. Тасвири олами ботинии инсон, нависанда ва замон. Монография / А. Набиев. – Душанбе: Адиб, 1987. – 160 с.
5. Саидов С. Сабкшиносӣ. Монография / С. Саидов. – Душанбе: Адиб, 2012. – 255 с.
6. Томашевский Б.В. Теория литературы. Монография / Б.В. Томашевский. –М.: Аспект пресс, 1999. – 334 с.
7. Хализев В.Е. Теория литературы. Монография / В.Е. Хализев. –М.: Высшая школа, 1999. – 398 с.
8. Шамисо С. Нақди адабӣ. Монография / С. Шамисо. – Теҳрон: Митро, 1388, Чопи севум. – 475 с.
9. Шукуров М. Диди эстетикии халқ ва насри реалистӣ. Монография / М. Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 121 с.
10. Prince G. A Dictionary of Narratology. Monograph / G. Prince. – Lincoln & London: University of Nebraska Press, 2003. – 126 pp.

ПИРОМУНИ ОФАРИНИШИ ПЕРСОНАЖ ДАР РОМАНИ «ҲАЙҶО» МАСЪАЛАИ ПАРАЛИПСИС

Мақолаи ҳозир дар хусуси вижагиҳои офариниши персонаж дар романи “Ҳайҷо”-и Ӯрун Кӯҳзод баҳс менамояд. Мутолиаи таҳлилии роман нишон дод, ки теъдоди зиёди персонажҳо, бештар аз 200 нафар дар саҳнаҳои мухталифи он фаъолият менамоянд. Аммо ағлаби ин персонажҳо лаҳзаӣ ё канорӣ буда, барояшон портрети зоҳирӣ ва ботинӣ ироа дода намешавад. Дар баъзе маворид аз хилоли вақоеъ метавон ба хислату характери бархе персонажҳо пай бурд, вале ин дар саросари роман роиҷ нест. Дар таҳлиле, ки аз раванди

офариниши персонаж дар “Ҳайҷо” пешниҳод кардаем, таъсири сабки фардии нависанда ба хубӣ дида мешавад. Махсусан, ҳангоми офаридани персонажҳои лаҳзаӣ, ки пурра аз зеҳни куллигарои нависанда хабар медиҳанд. Ҳамчунин, дар рафти таҳлил мушаххас шуд, ки дар офаридани бархе персонажҳои лаҳзаӣ ва ҳатто асосӣ заррае саҳлангорӣ рафтааст, чун шиносоӣ ва дунбол кардани онҳо дар тӯли роман барои хонанда ниҳоят мушкил аст ва ин мушкилӣ ношист аз ироаи печидаи маълумот роҷеъ ба шахсиятҳои асар. Мабҳаси дигаре низ дар мақола матраҳ шудааст, зери унвони масъалаи паралипсис дар романи “Ҳайҷо”. Паралипсис яке аз омӯзаҳои назарияи нарратология буда, фурӯ гузоштан, фаромӯш кардан ва ё амдан наовардани маълумотеро дар матни ривоӣ ифода мекунад. Ҷолиб аст, ки ин гуна маворид дар “Ҳайҷо” зиёд дида мешавад. Ин метавонад нишонаи фаромӯшхотирии ноогоҳонаи нависанда ва ё баръакс ҷойгузории огоҳонае бошад ба хотири камранг нишон додани нақши персонаж дар хатти сюжет. Дар ҳар сурат, омӯзиши ҳамаҷонибаи паралипсис дар “Ҳайҷо” метавонад ба як қатор мушкилоти сабки фардӣ равшанӣ андозад.

Калидвожаҳо: офариниши персонаж, паралипсис, нарратология, “Ҳайҷо”, Кӯҳзод, сабки фардӣ, персонажҳои лаҳзаӣ.

О СОЗДАНИИ ПЕРСОНАЖЕЙ В РОМАНЕ “ХАЙДЖО”. ПРОБЛЕМА ПАРАЛИПСИСА

Данная статья рассматривает особенности создания персонажей в романе «Хайджо» Уруна Кухзода. Аналитическое чтение романа указало, что в произведении действует более чем 200 персонажей. Но надо заметить, что большинство из них - это эпизодические персонажи, которые регулярно заменяют друг друга. Естественно, при такой форме произведения внешний и внутренний портрет персонажу не дается. Можно лишь догадываться о характере личности путем анализа его действий или мыслей. Но и этот способ работает далеко не для всех персонажей. В создании каждого персонажа хорошо чувствуется личный стиль писателя, его торопливость. Особенно об этом говорит серия эпизодических персонажей. Помимо всего этого, в статье изучены проблемы паралипсиса, т.е. опущения каких-нибудь фактов или повествовательных единиц из сюжета произведения. Вопрос паралипсиса рассмотрен в основном в трудах Женетта. Хотя ученый уделяет этой проблеме мало внимания, это никак не влияет на ее значимость. Как ни странно, в «Хайджо» паралипсис встречается очень часто. Изучив особенности этой категории, можно сказать, что писатель намеренно опускает некоторые факты из сюжета. Например, судьба главного героя. Но также существует ряд несознательных пропусков, которые как кажется, остались незамеченными, даже самым писателем.

Ключевые слова: создание персонажа, паралипсис, нарратология, «Хайджо», Кухзод, личный стиль, эпизодические персонажи.

ABOUT CREATION OF CHARACTERS IN THE NOVEL "HAYJO". THE PROBLEM OF PARALIPSIS

This article examines the features of character creation in the novel "Hayjo" by Urun Kuhzod. Analytical reading of the novel indicated that the work has more than 200 characters. But it should be noted that most of them are episodic characters that regularly replace each other. Naturally, in this situation the external and internal portrait is not given to the character. One can only guess the character’s of the individual behavior by analyzing his actions or thoughts. But this method does not work for all the characters. In the creation of each character, the personal style of the writer, his haste is well felt. Especially it can be seen on series of episodic characters. In addition to all this, in the article we study the problems of paralipsis, i.e. the omission of some facts or narrative units from the plot of the work. The question of the paralipsis is considered mainly in the writings of Genette. Although the scientist pays little attention to this problem, this does not affect its significance in any way. Strangely enough, in the "Hayjo" paralipsis occurs very often. Having studied the features of this category, it can be said that the writer intentionally omits some facts from the plot. For example, the fate of the main character. But there are also a number of unconscious passages that seem to have gone unnoticed even by the writer himself.

Key words: character creation, paralipsis, narratology, "Hayjo", Kuhzod, personal style, episodic characters.

Сведения об авторе: ***Ахмадзода Фаррухаи Фурузонфар*** – Таджикский национальный университет, докторант PhD кафедры теории и новейшей персидско-таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **ahmadzade.ff@gmail.com.** Тел.: **(+992) 985-97-79-88**

Information about the author: ***Ahmadzoda Farrukhai Furuzonfar*** - Tajik National University, Doctoral PhD of the department of Theory and modern Persian and Tajik literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. E-mail: **ahmadzade.ff@gmail.com.** Tel.: **(+992) 985-97-79-88**

УДК: 891. 550

ШЕВАҲОИ БАЁН ВА САБКИ НИГОРИШИ НОМАҲОИ РАШИДАДДИНИ ВАТВОТ

Гадозода М.Д.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Барои муайян кардани шеваҳои баён ва сабки нигориш дар номаҳои Рашидаддини Ватвот мо аз равиши махсус истифода мекунем, ки тариқи он чунин аст: аввал, ду матни номаро, ки яке аз бахши султониёт ва дигаре аз қисми ихвониёт аст, интихоб ва нақл мекунем, сонӣ, матни ҳар ду номаро дар якҷоягӣ аз се сатҳ: забонӣ, фикрӣ ва адабӣ баррасӣ мекунем.

Матни номаи аввал чунин аст:

“Номаи аввал аз худованд, малики аъзам, Хоразмшоҳи мозӣ, қаддаса-л-Лоҳу рӯҳаҳу, нависад ба мағлиси аълои худойгони банӣ Одам Абулҳарс Санҷар ибни Маликшоҳ, анора-л-Лоҳу бурҳонаҳу, дар таҳнияти берун омадани ӯ аз миёни лашкари Ғуз:

Зиндагонии худованди олам, султони банӣ Одам, фармондеҳи Шарқу Ғарб дар подшоҳию қудрат ва ҷаҳондорию нусрат дароз бод ҳазорон сол, авлиё мансур ва аъдо мақҳур ва саъодот ҳосилу каромот мутавосил ва Эзид таъоло ҳофизу носиру муъин.

Аз он рӯзи фаррух, ки Худой, азза ва ҷалла, эъломи давлати хонадони мубораки Салҷуқро, ло зола маъмуро муаммаран, барафрохт ва маҳолиди малики Шарқу Ғарб дар қабзаи ҷалолати эшон ниҳод ва раоёро, ки вадоеъи ӯянд, ҷаллат қудратуҳу, ба дасти адлу отифати эшон супурд, ҳар соат оламро ороиш тозатар будааст ва оламиёнро осоиш беандоза. Хосса, дар аҳди ҳумоюни худованди оламӣ, аъла-л-Лоҳу шаънаҳу ва азҳара бурҳонаҳу, ки муддати шасту анд сол халоиқ дар риёзи айшу лаззат маҳом доштанд ва дар зулоли амну роҳат рӯзгор гузошта, то бад-он дараҷа, ки ҳашаму раъият масти неъмат шуданду мағрури давлат гаштанд ва пиндоштанд, ки ниҳоди олам худ чунин аст, ки ҳаргиз вафои ӯро тағайюру сафои ӯро такаддур набошад. Ва ин саҳифа дар навишта буданду аз ин латифа ғофил гашта, ки ҳар чӣ дар олами имдод ромиш асту асбоби оромиш, ҳама аз баракоти адлу маёмини мулки Худованди олам, халада-л-Лоҳу мулкату, аст.

Чун ҳол чунин бувад, Худои азза ва ҷалла рӯзе чанд аз ҷиҳати танбеҳи ғофилон худованди оламро аз миёни ҳашаму раъият берун бурд ва дар мавотини зарару мавоқифи хатар ба фазли хеш нигоҳ дошт, то бе ҷоҳи ӯ ҳам ҳашаму ҳам раъият диданд аз навоиби олам он чи диданд ва кашиданд аз масоиби гетӣ он чи кашиданд ва андозаи ҳоли хеш дониста. Ва, алалҳақиқат, шинохтанд, ки маншаи ҳамаи саодот ва мабдаи ҳамаи каромот зоти мубораки худованди олам, халада-л-Лоҳу мулкаҳу, аст. Ва эшон бе сояи давлати худованди олам, халада-л-Лоҳу мулкаҳу, рамаеанд ҳар чӣ муҳмалтар ва галаеанд ҳар чӣ муъталтар.

Пас Худои азза ва ҷалла баъд аз он ки қудрат намуда буд, раҳмат намуд ва худованди оламро, аъаза-л-Лоҳу ансораҳу ва зоъафа иқтидораҳу, ба ҳарами ҷалол ва қасри иқболи хеш боз расонид ва атрофу акнофи оламро ба анвори маъдалату осори марҳамати ӯ ояти нав арзонӣ дошт. Ва мақсуд аз ин таъбияҳои Илоҳӣ он буд, то халоиқ ҳаққи ин давлат беҳтар бидонанд ва шукри ин неъмат бавоҷибтар гузоранд.

Дар ҷумла, имрӯз оламу оламиёнро аввалин рӯзи давлату охирон рӯзи меҳнат аст ва баъд аз ин худованди оламро, халада-л-Лоҳу мулкаҳу, футӯҳи мутародиф хоҳад буд ва саодоти мутазоъаф. Ва ҳаргиз мисли ин чашми захм то домани қиёмат нахоҳад афтод. Эзад таъоло, азза ва ҷалла, худованди оламро боқӣ дорад ва ҳеч макрӯҳе ба ҷаниботи давлату арасоти мамлакат ӯро мадиҳод, ба ҳаққи Муҳаммад ва олиҳи.

Банда аз ҷиҳати ин муҳим, ки Худованди азза ва ҷалла бе миннати халоиқ кифоят гардонид, бо ҷумла ҳашам ба Хуросон омадааст ва ба ҳудуди Нисо маҳом карда. Акнун чун мақсуди оламиён ба ҳусул пайваст ва хавотири ҷаҳониён фориғ шуда, бандаро фармон чист? Ба хидмат шитобад ё бозгардад, ё дар хиттаи Хуросон муқим бошад? Чунонки мисоли аъло, наффаза-л-Лоҳу фӣ-ш-Шарқи ва-л-Ғарби бад-ӯ расад, ҳар фармон, ки содир гардад, банда инқиёду имтисол хоҳад намуд ва дар мутобиату абудият ба ақси-л-ғояти-л-имкони хоҳад расид, иншоа-л-Лоҳу таъоло” [3, с. 6-7].

Матни номаи дувум аз бахши ихвониёт чунин аст:

“Ба хоҷа имом Адиб Собир, адома-л-Лоҳу фазлаҳу, нависад.

Ҳоло Шиҳобуддини Собиру, ал-лазӣ
Амма-л-афозила куллаҳум иҳсонуҳу.
Ҳува фӣ фунуни-л-фазли асбақу форисин,
Азҳабат риҷолан ъиндаҳу фурсонуҳу.
Фа-н-насру минҳу оятун саҳбонаҳ
Ва-н-назму минҳу ъоиду Ҳассонуҳу.
Қатарат бимантиқиҳи-л-ъулуму, кааннаҳу
Дурару-р-рабиъи юфизуҳу найсонуҳу...

Маъоҳиди лаззоту мавориди роҳоти аҷал, имоми олам Шаҳобиддин аз навоиби замон ва шавоиби ҳадасон маҳфузу маҳруз бод.

Агар хидматгор дар ин муддатҳои мутатовил ва шиддатҳои мутакомил, ки гузашт, қадам бар бисоти инбисот нанҳодасту хидматҳо назман ва насран нафиристода, онро бар ихтилоли аҳд ва инҳилоли иқд ҳамл нафармояд, чи равзаи маваддат ҳамчунон тоза асту имдоди муҳаббат беандоза. Аммо дар ин аём фитрат мавониъи лойиҳ будааст ва иъзор возеҳ. Ва дар ин вақт, ки роёти мансури худованд, малики муаззам, Хоразмшоҳи олами одил, муайяди музаффари мансур, аъазза-л-Лоҳу ансораҳу ва зоъаф иқтидораҳу, ба хиттаи

Омуя расид, бузургзода, наҷиб-ул-аффозил, ваҳидуззамон алайюн, адома-л-Лоҳу ъиззаҳу, ба хидмати боргоҳи маймун, ло зола маҳфузан би-л-юмни, шитофт ва саодати тақаббули аномили муборак дарёфт ва дар қасидаи ғаррое, ло, бал ду харидаи узро: яке аз ароиси хотири падар ва яке аз нафоиси наводири писар арза кард ва маҷлиси мубораки худовандӣ, маликӣ муаззами, аззамаҳу-л-Лоҳу, он ҳар ду қасидаро ба самъи ризо истимоъ фармуд ва ҳозирон дар истиъодату истеҳсон муболиғат намуданд, ҳарчанд Рӯдакиро зеҳу аҳсанта хатост. Ва подшоҳи ислом силае ҳаннӣ ва ҷоизае саннӣ бар суннати қадиму одати карим фармуд ва ташрифе, ки хидматкорро аз он абкори афкори азиз арзонӣ дошта буд, хонда гашт ва бар он ҳусни матолеъ ва лутфи мақотеъ офаринҳо карда шуд ва ба қадри тоқат ду қитъа гуфта афтод, чунонки фармояд дид. Валокин айна-с-суҳо мина-л-бадри-з-зоҳири ва ва-л-ҳасӣ мина-д-дурри-л-фохири.

Қитъаи тозӣ ин аст, ки дар садри ин хидмат аст ва қитъаи порсӣ ин аст:

Шаҳобиддин, сипеҳри фазл Собир,
Фазоил ҳаст зотатро ба фармон.
Хирад бо ҷони ту ҷустаст васлат,
Ҳунар бо табъи ту бастаст паймон.
Шиори туст иззи аҳли дониш,
Ҷавори туст ҳирзи аҳли имон.
Туро дар назм луъбатҳои Озар,
Туро дар наср ҳикматҳои Луқмон...

Агар дар лафз халале ёфта шавад ё дар маънӣ залале, онро ислоҳ фармояд, чи миннати он бас бузург хоҳад буд.

Қудваи амосилу саййиди афозил Яъқуб ибни Сияр ибна-л-Ҷанди, адома-л-Лоҳу ҷамолаҳу, ки соҳиби девони иншои Хоразм, ҳамоҳа-л-Лоҳу аст, низ қитъае ба тозӣ фармуд дар мадҳи Шаҳобиддин, адома-л-Лоҳу фазлаҳу, ва риояти “син” илтизом кард ва дар назми он қитъа қасаби сабақ аз ҳамгинон рабуд ва ин карометро, ки арзонӣ дошт, воситаи иқди мафохири хеш бояд шинохт ва бад-ин бузургӣ сар ба абнои рӯзгор бибояд афрохт ва саййиду-л-афозили, адома-л-Лоҳу ҷамолаҳу, бо он ки аз аъёни давлат ва аркони ҳазрати Хоразм аст, дар анвои фазоилу ақсоми улум ва аснофи одоб ягона аст, ки ҳаргиз дасти афлок чун ӯ туҳфае нахоҳад дод ва модари айём чун ӯ фарзанде нахоҳад зод, сонаҳу-л-Лоҳу мин айни-л-камоли ва касоҳу мадориъа-л-ъиззи ва-л-иқболи. Ва қитъаи ӯ ин аст:

Фахират риҷолу-л-фазли минка бифорисин,
Исбаҳат риҷолал ъиндаҳу фурсонуҳу.
Ҳаявону ъилми-н-назми куллу ахӣ ҳиҷо,
Фиҳи-л-баёну ва Собиру инсонуҳу.
Ан-назму ваҷҳу тарфуҳу тарсиъуҳу,
Фиҳи ва сиҳру баёниҳи инсонуҳу...

Хидматкор пеш аз иттифоқи илтиқои мунтазири ишороти карим ва мактуботи азиз хоҳад буд, то ҳар чӣ мурод бошад, дар итмоми он амал табба лиман ҳабба ба ҷой орад ва ҳеҷ дақиқае аз дақоиқи хидматкорӣ фурӯ нагузорад.

Эзад таъоло он маҷлиси сомиро боқӣ дорад ва ба ҳамаи мақосиду матолибу ағрозу омол бирасонад” [3, с. 57-61].

Дар шеъри охири нома 14 байт ихтисор карда шуд, бо матни комили он дар матни аслӣ шинос шудан мумкин аст.

Ба баррасӣ шурӯъ мекунем:

1. **Сатҳи забонӣ**. Масъалаҳои алоқаманд ба сатҳи забонӣ дар номаҳои мавриди назар, бинобар матни мансур будани маводи баррасӣ, дар сатҳи луғавӣ ва ҷумлабандӣ баррасӣ мешаванд.

Дар сатҳи луғавӣ, ки ба он сабкшиносии вожаҳо ҳам гуфта мешавад [1, с. 116], ба масъалаҳои зерин таваҷҷуҳ мешавад: дуъоҳо дар таркиби бахшҳои гуногуни нома, вожаҳо ва таркиботи порсӣ, калимаҳо ва таркибҳои арабӣ, луғатҳои бегона, истилоҳот, мутародифот, низоми дастурии феъл ва таркиботи марбут ба он, маконҳо, ҷамъбандиҳо, нукоти дигар. Аз ин ҷиҳат дар номаҳои мавриди назар мухтассоти зерин басомади назаррас доранд, ки ҳар кадом ба тартиби зикршуда баррасӣ гардида, дар охири мабҳас натиҷагирии ҷомеъ ба амал меояд. Ҳангоми навиштани воҳидҳои забонӣ аввал аз номаи аввал зикр гардида, баъд аз гузоштани аломати нуқта вергул (;) аз номаи дуюм нақл мегардад. Дар вақти натиҷагириҳо, чунонки зикр шуд, ҳар ду нома дар якҷоягӣ баррасӣ мешавад.

Таҳлили сабкшинохтӣ ва таъйини басомади воҳидҳои забонӣ:

Дуъоҳо дар таркиби бахшҳои гуногуни нома, ки баъд аз зикри номи одамон ва маконҳои муҳим истифода шудаанд: Қаддаса-л-Лоҳу рӯҳаҳу (пас аз исми Хоразмшоҳ),

анора-л-Лоҳу бурҳонаҳу (баъд аз номи Санҷар ибни Маликшоҳ), ло зола маъмуро муаммаран (баъд аз зикри давлати хонадони мубораки Салҷуқ), аъла-л-Лоҳу шаънаҳу ва азҳара бурҳонаҳу ва халада-л-Лоҳу мулкату (чаҳор бор истифода шудааст), аъаза-л-Лоҳу ансораҳу ва зоъафа иқтидораҳу (пас аз ибораҳои "худованди оламӣ" ва "худованди олам", ки дар ҳама мавридҳо манзур подшоҳи хонадони Салҷуқ аст, ки мухотаби нома мебошад), наффаза-л-Лоҳу фӣ-ш-Шарқи ва-л-Ғарби (баъд аз ибораи "мисоли аъло", ки фармони подшоҳ дар назар аст); адома-л-Лоҳу фазлаҳу (баъд аз зикри номи Адиб Собир), аъазза-л-Лоҳу ансораҳу ва зоъаф иқтидораҳу (Хоразмшоҳ), наҷиб-ул-аффозил, ваҳидуззамон алайюн, адома-л-Лоҳу ъиззаҳу (бузургзода), ло зола маҳфузан би-л-юмни (боргоҳи маймун), аззамаҳу-л-Лоҳу мубораки (худовандӣ, маликӣ, муаззамӣ), адома-л-Лоҳу ҷамолаҳу ва сонаҳу-л-Лоҳу мин айни-л-камоли ва касоҳу мадориъа-л-ъиззи ва-л-иқболи (дар бораи яке аз аъёни давлат ва аркони ҳазрати Хоразм).

Вожаҳо ва таркиботи порсӣ: Худованд, Эзад, лашкар, сол, рӯз, фаррух, эшон, ороиш, тоза, ромиш, оромиш, хеш, гетӣ, рама, гала, банда; танҳодаст, беандоза, бузургзода...

Калимаҳо ва таркибҳои арабӣ: мозӣ, қудрат, раҳмат, таъбия, муътал, мутародиф, мутазоъаф, мамлакат, ақси-л-ғояти-л-имкони; ихтилол, инҳилол, иқд, равза, маваддат, имдод, муҳаббат, мутатовил, мутакомил, истиъодат, истеҳсон, бисоти инбисот, фитрат, мавониъи лойиҳ, тақаббули аномили муборак, қудваи амосилу саййиди афозил...

Луғатҳои бегона (ғайр аз порсию тозӣ): Мушоҳида нашуд.

Истилоҳот: ҳашам, раъият, фармон (ҳар фармон, ки содир гардад), мисоли аъло; аъёни давлат, аркони ҳазрати Хоразм, қасидаи ғарро, ароиси хотир, нафоиси наводир (қасидаи ғаррое, ло, бал ду харидаи узро: яке аз ароиси хотири падар ва яке аз нафоиси наводири писар арза кард), сила, ҷоиза, абкори афкор, ҳусни матолеъ, лутфи мақотеъ, қитъа, халали лафзӣ ва залали маънӣ (Агар дар лафз халале ёфта шавад ё дар маънӣ залале, онро ислоҳ фармояд, чи миннати он бас бузург хоҳад буд), илтизом ва қасаби сабақ (...низ қитъае ба тозӣ фармуд... ва риояти "син" илтизом кард ва дар назми он қитъа қасаби сабақ аз ҳамгинон рабуд...).

Мутародифот: Худованд – Эзад – Худо, худовандӣ – худованди олам – малик (ба маънии подшоҳ), подшоҳӣ – ҷаҳондорӣ, олам – ҷаҳон – гетӣ; худованд – малики муаззам – Хоразмшоҳ.

Низоми дастурии феъл ва таркиботи марбут ба он: барафрохт, дониста (андозаи ҳоли хеш дониста), бидонанд, гузоранд (халоиқ ҳаққи ин давлат беҳтар бидонанд ва шукри ин неъмат бавоҷибтар гузоранд), мадиҳод, инқиёд, имтисол; расид, шитофт, дарёфт, гуфта афтод, фармояд дид (...ба қадри тоқат ду қитъа гуфта афтод, чунонки фармояд дид), бояд шинохт, бибояд афрохт...

Маконҳо: хиттаи Хуросон, Нисо; хиттаи Омуя, Хоразм.

Ҷамъбандиҳо: ҳазорон, ҷаҳониён, таъбияҳо, оламиён, авлиё, аъдо, саодот, каромот, вадоеъ, мақолид, халоиқ, мавотин, навоиб, масоиб, ҷанибот, арасот, хавотир; муддатҳо, шиддатҳо, мактубот, мақосид, матолиб, ағроз, омол...

Нукоти дигар: шасту анд, худованди оламӣ; назман ва насран, табба лиман ҳабба.

Ҳамин тавр, басомади унсурҳои забонии дар боло овардашуда ва баррасиҳои сабкшинохтии дар замина анҷомшударо ба таври ҷомеъ ба назар гирем, натиҷаҳои зерин ҳосил мешавад:

1. Нахустин вижагии муҳимме, ки дар сатҳи забонӣ ҳамчун мухтассоти аслии сабксоз дар муросилот, умуман ва номаҳои Ватвот, хусусан, мушоҳида мешавад, овардани дуъоҳо дар таркиби бахшҳои гуногуни нома, баъд аз зикри номи одамон ва маконҳои муҳим мебошад, ки бо мақсади таҷлилу эҳтиром оварда мешаванд. Чунин дуъоҳо дар номаҳои Ватвот дар қолабҳои таркиб ва ҷумлаҳои дуъоӣ оварда шудаанд, ба мисли намунаҳои дар боло овардаамон, ки дар ҳар ду нома истифода шудаанд.

2. Басомади зиёди навъи мазкури дуъоҳо дар таркиби ҷумлаи воҳид ҳам қобили ташхис аст, ки як намуна меоварем: "Қудваи амосилу саййиди афозил Яъқуб ибни Сияр ибна-л-Ҷанди, адома-л-Лоҳу ҷамолаҳу, ки соҳиби девони иншои Хоразм, ҳамоҳа-л-Лоҳу аст, низ қитъае ба тозӣ фармуд дар мадҳи Шаҳобиддин, адома-л-Лоҳу фазлаҳу, ва риояти "син" илтизом кард..., ки ҳаргиз дасти афлок чун ӯ туҳфае нахоҳад дод ва модари айём чун ӯфарзанде нахоҳад зод, сонаҳу-л-Лоҳу мин айни-л-камоли ва касоҳу мадориъа-л-ъиззи ва-л-иқболи. Ва қитъаи ӯ ин аст..." [3, с. 59].

3. Вожа ва таркиботи порсие, ки дар ду номаи Ватвот истифода шудаанд, аз қисми машҳурот буда, нависанда дар истифодаи алфози порсӣ такя ба захираи луғавии забон дорад. Худаш ҳеч калимаи наве насохтааст ва чунин андешаро ҳам надоштааст.

4. Калимаҳо ва таркиботи арабие, ки дар номаҳои Ватвот истифода шудаанд, баъзеашон дар забон ҳазмшуда ва баъзеи дигарашон нодир мебошанд. Агар масъаларо

дар маҷмӯъ ба ҳисоб бигирем, истифодаи калимаю таркибҳое, ки мо ба басомади онҳо дар боло ишора кардем, дар насри номанигории асримиёнагӣ маъмул будаанд. Аммо нуктаи муҳим ин аст, ки Ватвот арабиро дар порсӣ бисёр муносиб омезиш додааст.

5. Рашидаддини Ватвот, ба сурати куллӣ, дар истифодаи калимаҳои порсӣ ё арабӣ назари муайянеро пайравӣ намекунад, дар ин хусус диди фарох дорад, ки аз мутолиаи васеаш дар заминаи адабиёт ва фарҳанги ҳар ду забон бармеояд. Вай номаҳояшро мувофиқи расми нигориши маъмул дар замонааш оғоз карда, дар интихоби калима ва пайванди мантиқии онҳо дар таркиби ҷумла диққати асосӣ медиҳад.

6. Луғатҳое, ки дар ду номаи мавриди назар истифода шудаанд, аз захираи луғавии забонҳои порсию арабӣ гирифта шудаанд. Унсурҳои забонии хориҷ аз ин ду забон мушоҳида нашуд.

7. Чунонки қаблан ҳам ишора карда будем, дар номаҳои Ватвот ба истилоҳоти фаровон дучор мешавем. Дар ин маврид таъкид мекунем, ки корбурди фаровони истилоҳоти илмҳои гуногун дар номаҳои Ватвот аз ҷумлаи мухтассоти асосии сабксоз маҳсуб мешавад.

8. Истилоҳоте, ки дар номаҳои мазкур истифода шудаанд, мафҳумҳои девонӣ ва адабӣ мебошанд. Навъи аввали истилоҳот, ки дар номаи аввал истифода шудаанд, бинобар он ки нома ба навъи худ номаи расмӣ мебошад, аз тақозои мавзӯи он ҳам бармеояд. Чун номаи дуюм моҳияти адабӣ дошта, мухотаби он ҳам шоире тавоно буда, дар он сухан перомуни шеъру шоирӣ сурат гирифтааст, истифодаи истилоҳоти адабӣ ногузир мебошад.

9. Муродифҳо асосан дар мавриди зикри номҳои сифоти Худованд, калимаҳои марбут ба подшоҳ ва ҷаҳон истифода шудаанд, ки бесабаб нест. Чунки дар номаҳои мавриди назар мафҳумҳои мазкур серистифода буда, дар навбати худ, воҳидҳои калидии гуфтор ҳам ҳисобида мешаванд.

10. Дар низоми дастурии феъл гуногунрангиҳое мушоҳида мешавад, ки аз имконоти ду забон: порсӣ ва арабӣ бармеояд. Маълум мешавад, ки Ватвот ба ҷиҳати ғановати дастурии феъл ва зебоии охири гуфтор диққати бештар медиҳад. Масалан, ба оҳанги калом ва мантиқи гуфтор таъсир кардани феълҳои интихобкардаи Ватвотро дар истифодаи феълҳои “гардонид”, “омадааст”, “мақом карда” дар таркиби ин ҷумла мушоҳида кардан мумкин аст: “Банда аз ҷиҳати ин муҳим, ки худованди азза ва ҷалла бе миннати халоиқ кифоят гардонид, бо ҷумла ҳашам ба Хуросон омадааст ва ба ҳудуди Нисо мақом карда”.

11. Таркибҳои феълии “гуфта афтод”, “фармояд дид”, “бояд шинохт”, “бибояд афрохт” аз мухтассоти маҳалли порсии моваруннаҳрии роиҷ дар ҳамон замон буда, ки адиб онҳоро истифода кардааст.

12. Маконҳо ҳамонҳое ҳастанд, ки ба воқеаҳои дар номаҳо ёдшуда ва маконҳои ҳузури соҳиби нома ва худи нависанда алоқаманд ҳастанд.

13. Дар номаҳои Ватвот ба ҳар ду тариқи ҷамъбандӣ: ҳам порсӣ ва ҳам арабӣ дучор мешавем, лекин нависанда дар ҷамъбандӣ бештар ба тариқи ҷамъбандии арабӣ майл дорад. Чунонки дар ҷумлаи зерин возеҳ аст: “...бо он ки аз аъёни давлат ва аркони ҳазрати Хоразм аст, дар анвои фазоилу ақсоми улум ва аснофи одоб ягона аст, ки ҳаргиз дасти афлок чун ӯ туҳфае нахоҳад дод ва модари айём чун ӯ фарзанде нахоҳад зод...”.

14. Ҷамъбандиҳои арабӣ дар каломи Ватвот дар муқоиса ба дигар воситаҳои забонӣ ва мухтассоти сатҳи забонӣ аз басомади хеле зиёд бархӯрдоранд. Калимаҳои арабӣ ҳам ба сиғаи арабӣ (саодот, каромот, хавотир) ва ҳам бо пасвандҳои ҷамъбандии порсӣ (таъбияҳо, оламиён) ҷамъбандӣ шудаанд. Калимаҳои порсӣ, ба мисли “ҳазор” бо суффикси ҷамъбандии ҳамин забон ҷамъбандӣ шудаанд: “ҳазорон”.

Дар **соҳати ҷумлабандӣ**, бино ба мушоҳида ва баррасии мо, мухтассоти зерин махсуси сабки баёни Ватвот ҳастанд:

1. Ҳамаи ҷумлаҳои таркиби матни ҳар ду номаи мавриди назар солим буда, мувофиқи қоидаҳои ҷумлабандии забони порсӣ сохта шудаанд. Ин хусусият, ба сурати куллӣ, дар ҳамаи дигар номаҳои адиб ҳам аз ҷумлаи мухтассоти аслии сабксоз ба ҳисоб меояд. Дар ин бора Туйсирконӣ мушоҳидаи ҷолибе дорад, ки масъаларо дуруст ба мушоҳида гирифта, чунин гуфтааст: “Тартиби ҷумлабандии иборатҳои муншаоти Рашид бисёр муназзам ва бар тибқи қоидаи забони форсӣ аст; тақдиму таъхир дар аҷзои ҷумлаву муътаризаҳои нораво ва ҷумлаҳои тӯлонӣ дар он камтар дида мешавад...” [3, с. 103].

2. Пайванди мантиқии калима, таркиб ва ибораҳо бо риояти таносуби калом дар ҷумла. Масалан, дар ҷумлаи зерин ҳамаи унсурҳои забонӣ дар ҷойи худ қарор гирифтаанд: “Аз он рӯзи фаррух, ки Худои азза ва ҷалла эъломи давлати хонадони мубораки Салҷукро, ло зола маъмуро муаммаран, барафрохт ва мақолиди малики Шарқу

Ғарб дар қабзаи ҷалолати эшон ниҳод ва раоёро, ки вадоеъи ӯянд, ҷаллат қудратуҳу, ба дасти адлу отифати эшон супурд, ҳар соат оламро ороиш тозатар будааст ва оламиёнро осоиш беандоза”.

3. Шоиронагии калом. Мушоҳидаи ҷолиби дигар дар низоми наҳвии каломи Ватвот оҳанги шоиронагии калом мебошад, ки бо роҳҳои гуногун ифода шудааст. Аз ҷумла, ба қисми охири ҷумлаи болоӣ диққат кунем: ҳар соат оламро ороиш тозатар будааст ва оламиёнро осоиш беандоза, мушоҳида мешавад, ки барои ҳосил шудани гуногунрангӣ, оҳангнокӣ ва ҳусни таъкид дар калом (ба мисли гунае аз задаи мантиқӣ) дараҷаи сифатро дар ду шакл: а) бо пасванди “-тар” (тозатар) ва б) бо имконоти дохилии калима (беандоза) зикр карда, ба ин восита ба ҷумла оҳанг ва ҳусни дигар зам кардааст. Ба ин масъала дар баррасии сатҳи адабии номаҳо ҳам таваҷҷуҳ мешавад.

4. Диққат ба оҳангнокии ҷумлаҳо ва фасоҳати калом дар низоми пайванди калимаҳо дар ҷумла. Масалан, аз ҳамин нигоҳ ба ин ҷумла менигарем: “Эзад таъоло он маҷлиси сомиро боқӣ дорад ва ба ҳамаи мақосиду матолибу ағрозу омол бирасонад”.

5. Аз нигоҳи сохтори наҳвӣ ҷумлаҳои номаи аввал ҳама дароз ҳастанд, ки аксар аз навъи ҷумлаҳои мураккаби беш аз дуҷузъа ва сертаркиб ҳастанд. Дар номаи дуюм ҷумлаҳои сода ва кӯтоҳ ба нудрат, танҳо дар се ҳолат ба назар расид, ки ду маврид барои рабти калом, ба мисли ҷумлае, ки дар оғоз ба воситаи он зикри мухотаб шудааст ва ин ҷумла, ки барои пайванди калом омада: “Ва қитъаи ӯ ин аст.”. Ҷумлаи сеюм ҷумлаи дуъоия мебошад, ки он ҳам ба мухотаб нигаронида шудааст.

Чунонки мушоҳида мешавад, дар ин ҷумла истифодаи калимаҳо ва унсурҳои ёрирасони порсӣ (Эзад, он, ро, дорад, ва, ба, ҳамаи, бирасонад) ва арабӣ (таъоло, маҷлис, сомӣ, боқӣ, мақосид, матолиб, ағроз, омол) ба ҳам мусовӣ ҳастанд, ки ҳодисаи нодир мебошад. Нуктаи дигар ин ки такрори муназзами садоноки “о” ба ҷумла оҳанги махсус бахшидааст, ки ба ин ҷиҳат боз баъдтар бармегардем.

2. **Сатҳи фикрӣ**. Дар сатҳи фикрӣ ба масъалаҳое диққат дода мешавад, ки ба муҳтавои матни номаҳо ва диди нависанда алоқамандӣ доранд.

Муҳимтарин вижагии сабкӣ дар ин сатҳ зикр шудани исми фиристанда ва гирандаи нома мебошад, ки дар ҳар ду нома риоят шудааст. Соҳиби нома дар мактуби аввал ёд мешавад, ки Хоразмшоҳ аст, аммо дар мавриди номаи дуюм, ки ҷузъи номаҳои дӯстона аст, муаллифи аслии нома худи нависанда мебошад, ки бо калимаи охир (“нависад”) ҳам мушаххас мешавад. Мухотаб дар ҳар ду нома зикр мешавад, ки яке Санҷар ибни Маликшоҳ ва дигаре Адиб Собир аст.

Хусусияти мазкур ба сурати умумӣ дар кулли муросилоти расмию хусусӣ сидқ дорад, ки аксар риоят мешавад. Истисно дар ин маврид дар номаҳое мушоҳида мешавад, ки онҳо дар коргоҳи нависандагии Ватвот хосияти қолабӣ доранд. Бо намунаи чунин номаҳо дар баҳсҳои қаблӣ шинос шуда будем.

Зикри ғарази аслӣ дар нома ҳам аз ҷумлаи мухтассоти сабксоз аст, ки дар муросилоти расмӣ ба навъе ҳукми куллиро касб карда буд. Мақсади асосӣ дар номаи аввал бевосита баъд аз зикри исми мухотаб ба таври равшан навишта шудааст: “дар таҳнияти берун омадани ӯ аз миёни лашкари Ғуз”. Ғарази нигоштани номаи дуюм баъд аз бахши дуъо омадааст, ки бо тавзеҳ ҳамроҳ буда, сабаби дер нома навиштану маҳсули қалами худро ба мухотаб нафиристодани муаллиф дар муддати муайян таъкид шудааст.

Дигар хусусият дар сатҳи фикрӣ овардани ҷумлаи дуъоие мебошад, ки дар сохтори номаҳои расмӣ риояти он ҳатмӣ мебошад. Чунин ҷумла дар номаи аввал мувофиқи тартиби умумии номаҳои девонӣ омадааст: “Зиндагонии худованди олам, султони банӣ Одам, фармондеҳи Шарқу Ғарб дар подшоҳию қудрат ва ҷаҳондорию нусрат дароз бод ҳазорон сол, авлиё мансур ва аъдо мақҳур ва саодот ҳосилу каромот мутавосил ва Эзид таъоло ҳофизу носиру муъин”.

Ин шакл қолаби муайян буда, дар дигар номаҳо камтар тағйир меёбад ва ҳар матлаб, ки дигаргун шавад, аз иваз кардани ҷойи алфоз ва ё овардани калимаву таркибҳои нав иборат аст, ки худ хусусияте ҷудогона мебошад.

Ҷумлаи дуъоия дар номаи дуюм бевосита баъд аз порчаи шеърие ба забони арабӣ оварда шудааст, ки ба ҳукми эпиграф омада ва ба асли матлаб пайванди бевосита дорад. Ҷумла ин аст: “Маъоҳиди лаззоту мавориди роҳоти аҷал, имоми олам Шаҳобиддин аз навоиби замон ва шавоиби ҳадасон маҳфузу маҳруз бод”.

Мухтассоти фикрии дигар дар таҳрири матни асосии нома шинохта мешавад, ки ба тариқи баёни мудаллали андеша иртибот дорад. Нависанда дар ҳар ду нома барои асоснок кардани гуфтаҳояш аз воситаҳои гуногун истифода мебарад. Масалан, дар номаи аввал ба матолибе, амсоли ба мисли ситоиши қудрати давлати тарафи нома, зикри адлу инсофи подшоҳи он сарзамин, ниҳоди тағйирпазир доштани оламу одам, зарурати ҳукми подшоҳ

бар раият, ба қудрату раҳмати Худованд бастагӣ доштани корҳои олам ва охирин ранҷ будани гирифтории подшоҳу баъд аз ин кушода шудани роҳи футӯҳот таъкид мешавад.

Нуктаи ҷолиб дар ин масъала эроди ҳикмате мебошад, ки тавассути он гирифтории подшоҳ асоснок карда мешавад. Ҳикмат чунин аст: “Ва мақсуд аз ин таъбияҳои илоҳӣ он буд, то халоиқ ҳаққи ин давлат беҳтар бидонанд ва шукри ин неъмат бавоҷибтар гузоранд”.

Муҳтавои асосӣ дар матни номаи дуюм шомили андешаҳои зерин мебошад: таъкиди ҳанӯз боқӣ будани равзаи маваддат, яъне дӯстию рафоқат, наздик шудани масофаи қурб, ки ба ҳаракати подшоҳ тобеъ аст, яъне нависанда озод нест, вақти вай ба амри подшоҳ бастагӣ дорад, фиристодани ашъор ба назди мухотаб, ки қаблан писанди маҷлиси муборак гардида ва ба воситаи он сила дарёфт шуда буд, ирсоли як қитъаи арабӣ, ки дар садри мактуб омада буд ва қитъаи дигар, ки баъд аз андешаҳои мазкур навишта шудааст, дархости ислоҳи ғалатҳои мавҷуд дар матни ашъор. Ин ҷо матлаби аввал ба охир мерасад. Баъд аз матни шеър матлаби дигар шурӯъ мешавад, ки он аз ситоиши соҳиби девони иншои Хоразм, дар ситоиши мухотаб қитъае ба забони арабӣ сурудани ӯ, ки дар он “риояти “син” илтизом” карда ва фиристодани ҳамон шеър иборат аст. Матни қитъаи мазкур оварда мешавад.

Яке дигар аз мухтассоти фикрӣ арзи омодагии соҳибони нома ба амру супориши мухотаб мебошад, ки бо ҷумлаҳои зерин ифода шудаанд:

Номаи аввал: “Акнун чун мақсуди оламиён ба ҳусул пайваст ва хавотири ҷаҳониён фориғ шуда, бандаро фармон чист? Ба хидмат шитобад ё бозгардад, ё дар хиттаи Хуросон муқим бошад? Чунонки мисоли аъло, наффаза-л-Лоҳу фӣ-ш-Шарқи ва-л-Ғарби бад-ӯ расад, ҳар фармон, ки содир гардад, банда инқиёду имтисол хоҳад намуд ва дар мутобиату убудият ба ақси-л-ғояти-л-имкони хоҳад расид”.

Номаи дуюм: “Хидматкор пеш аз иттифоқи илтиқои мунтазири ишороти карим ва мактуботи азиз хоҳад буд, то ҳар чӣ мурод бошад, дар итмоми он амал табба лиман ҳабба ба ҷой орад ва ҳеҷ дақиқае аз дақоиқи хидматкорӣ фурӯ нагузорад”.

Аз муҳтавои ҷумлаҳои мазкур маълум мешавад, ки мухотабони ҳар ду нома дар муқоиса ба соҳибони нома шахсони аз нигоҳи мақоми иҷтимоӣ ва касбӣ баландмартаба ҳастанд.

Ниҳоят, охирин мухтассоти фикрӣ овардани ҷумлаи дуъоия дар охири нома мебошад, ки танҳо дар номаи дӯстона ҳукми ҳатмиро дорад. Номаи аввал чунин ҷумларо надорад, аммо ҷумлаи дуъоияи номаи дуюм ин аст: “Эзад таъоло он маҷлиси сомиро боқӣ дород ва ба ҳамаи мақосиду матолибу ағрозу омол бирасонод”.

Бо ҳамин ҷумла нома ба охир мерасад. Номаи аввал бо ҷумлаи шартии “Ин шоа-л-Лоҳу таъоло” ба охир мерасад.

3. **Сатҳи адабӣ**. Дар ин сатҳ ба масъалаҳои алоқаманд ба илмҳои баёну бадеъ, “инҳирофҳои ҳунарӣ ва халлоқияти адабӣ дар забон” [6, с. 117] таваҷҷуҳ мешавад.

Равиши барраси мо чунин сурат гирифт, ки аввал мухтассоти дар алоқамандӣ ба мабоҳиси мазкур дар ҳар ду нома шинохташавандаро аз матни номаҳо ҷудо карда, баъд аз он аз рӯйи чигунагии басомад ҳар кадомро ба тартибе, ки дар зер меояд, дастабандӣ карда, нукоти заруриро дар идомаи ҳар кадом қайд кардем. Дар натиҷа, чунин воқеият ҳосил шуд:

Саҷъ: “авлиё мансур ва аъдо мақҳур ва саодот ҳосилу каромот мутавосил”, “ҳофизу носиру муъин”, “неъмат – давлат”, “ромиш – оромиш”, “зарар – хатар”, “навоиб – масоиб”, “кашиданд – шинохтанд”, “рамаеанд ҳар чӣ муҳмалтар ва галаеанд ҳар чӣ муъталтар”; “маъоҳиди лаззоту мавориди роҳот”, “навоиби замон ва шавоиби ҳадасон маҳфузу маҳруз”; “абкори афкор”, “луъбат – ҳикмат”.

Агар намунаҳои мазкурро мувофиқи назарияи табақабандии саҷъ ба навъҳо бисанҷем, маълум мешавад, ки дар ҳар ду номаи мавриди назар ҳар се навъи маъмули саҷъ: саҷъи мутавозӣ, саҷъи мутараф, саҷъи мутавозин истифода шудааст. Масалан, дар намунаҳои боло миёни калимаҳои “авлиё” ва “аъдо” саҷъи мутарраф (калимаҳои саҷъ фақат аз назари ҳарфи охир яксонанд), миёни калимаҳои “мансур” – “мақҳур” ва “саодот” – “каромот” саҷъи мутавозӣ (калимаҳои саҷъ ҳам аз назари вазн ва ҳам аз нигоҳи ҳарфи охир яксонанд), дар мисоли вожаҳои “ҳофиз”, “носир” ва “муъин” саҷъи мутавозин (калимаҳои саҷъ фақат аз назари вазн ба ҳам монанд ҳастанд) мавҷуд мебошад.

Саҷъҳои таркиби номаҳои баррасишавандаро аз назари мавқеъ ва ҷойи истифодаашон дар таркиби калимаву ибора ва таркибҳои ҷудогона ҳам табақабандӣ кардан мумкин аст, ки дар натиҷа ҳолатҳои зерин мушаххас мешавад:

1. Саҷъ дар миёни калимаҳо: “ороиш – осоиш”, “лаззат – роҳат”, “саҳифа – латифа”, “қудрат – раҳмат”, “ҷалол – иқбол”, “давлат – неъмат”; “маваддат – муҳаббат”, “тоза – беандоза, “қасида – харида”, “ғарро – узро”.

2. Саҷъ дар таркиби ибораҳо: “худованди олам, султони банӣ Одам”, “анвори маъдалату осори марҳамат”, “аввалин рӯзи давлату охирон рӯзи меҳнат”; “муддатҳои мутатовил ва шиддатҳои мутакомил”, “бисоти инбисот”, “ихтилоли аҳд ва инҳилоли иқд” “ароиси хотири падар – нафоиси наводири писар”.

3. Саҷъҳои ҷуфтистеъмол: “подшоҳию қудрат ва ҷаҳондорию нусрат”, “вафои ӯро тағайюру сафои ӯро такаддур”, “маншаи ҳамаи саодот ва мабдаи ҳамаи каромот”, “атрофу акноф”, “инқиёду имтисол”; “суннати қадиму одати карим”, “ҳусни матолеъу лутфи мақотеъ”.

Мувозана: “мавотин – мавоқиф”, “мутародиф – мутазоъаф”; “муайяд – музаффар”, “назм – наср”, “тан – дил”, “лутфи ту – табъи ту”, “илм – расм”, “Ҳайдар –Усмон”.

Тарсеъ: “шуданд – гаштанд”, “оламиён – ҷаҳониён”, “ҳаннӣ – саннӣ”; “шиор – ҷавор”, “ҷустаст – бастаст”, “матрӯҳ – маҷрӯҳ”.

Дар байти зерин, ки ҷузъи таркибии номаи дуюм мебошад, истифодаи хуби санъати тарсеъ мушоҳида мешавад:

Ҳама авқоти ту бодо ба роҳат,
Ҳама аҳволи ту бодо ба сомон.

Дар номаҳои мавриди назар ҳолатҳои дигари ҳунармандона истифода шудани санъатҳои адабии мазкур ҳам ба назар мерасанд. Чунончи, дар таркиби “мавотини зарару мавоқифи хатар” мувозана ва саҷъ ба ҳам оварда шудаанд. Дар ин мисол миёни калимаҳои “мавотин” ва “мавоқиф” мувозана ва дар мисоли “зарар” ва “хатар” саҷъи мутавозӣ иттифоқ афтодааст.

Муболиға: “...ҳар ду қасидаро ба самъи ризо истимоъ фармуд ва ҳозирон дар истиъодату истеҳсон муболиғат намуданд, ҳарчанд Рӯдакиро зеҳу аҳсанта хатост...”. Сурудаи хешро аз шеъри Рӯдакӣ тафзил додан?

Ирсоли масал: “Зира ба Кирмон фиристодан”, ки дар байти зерин истифода шудааст:

Фиристоданд ба наздики ту ашъор
Фиристодан бувад зира ба кирмон.

Талмеҳ: Ишораи талмеҳӣ ба шахсиятҳои Мӯсо, Фиръавн, Ҳорун, Ҳомон дар ин байт, ки номҳои мазкур миёни ҳам муносибати таззодӣ ҳам доранд:

Ҳамеша то чу Мӯсо нест Фиръавн,
Ҳамеша то чу Ҳорун нест Ҳомон.

Истиора: “дасти афлок”, “модари айём”.

Такрор. Моҳияти номаи аввал нависандаро водор кардааст, ки лафзи “Худои азза ва ҷалла”- ро дар як нома панҷ маротиба такрор кунад, ки танҳо дар ду мавриди он Худованди азза ва ҷалла ва Эзад таъоло, азза ва ҷалла, овардааст. Ҳамин лафз чанд мавриди дигар ҳам дар таркиби ибораҳои “худованди оламӣ” ва “худованди олам” истифода шудааст, ки манзур подшоҳи соҳибқудрат аст.

Воҷоробӣ. Такрори садоноки “о” дар таркиби ин ҷумла, ки он қаблан ҳам дар таъйини соҳати забонӣ иқтибос шуда буд: “Эзад таъоло он маҷлиси сомиро боқӣ дорад ва ба ҳамаи мақосиду матолибу ағрозу омол бирасонад”. Ё худ, такрори ҳамин садонок дар таркиби ҷумлаи зерин: “Ташрифе, ки хидматкорро аз он абкори афкори азиз арзонӣ дошта буд, хонда гашт ва бар он ҳусни матолеъ ва лутфи мақотеъ офаринҳо карда шуд ва ба қадри тоқат ду қитъа гуфта афтод, чунонки фармояд дид”.

Дараҷаи басомади мухтассоти воҳидҳои баёнию бадеӣ ва мухтассоти дигари мазкур аз рӯйи тартиби дар боло зикршуда муайян мегардад. Ҳар воҳиде, ки дар садри воҳиди дигар қарор мегирад, дар қиёс ба ҳамон вижагӣ аз басомади болое бархӯрдор аст. Басомади аз ҳама зиёд ва мухтассоти такроршаванда муҳимтарин вижагии сабкии сухани Ватвотро ташкил медиҳанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Нарзиқул, М. Баррасии равишҳои сабкшиносии шеъри форсӣ // Ҷойгоҳи сухан. – Д.: Адиб, 2006. – 224 с.
2. Нарзиқул, М. Таърих ва назарияи номангорӣ. – Душанбе: Сино, 2009. – 140 с.
3. رشید وطواط، محمد بن محمد. نامه های رشیدالدین وطواط با مقدمه ای در بارهٔ شرح حال و نقد آثار رشیدالدین و خاتمه ای در تعرفهٔ رجالی که نام ایشان در آثار رشید آمده است / محمد بن محمد رشید وطواط، به قلم قاسم تویسرکانی. – تهران: دانشگاه تهران، مؤسسهٔ انتشارات و چاپ، 1383، 262 + ن.
4. رشید وطواط، محمد بن محمد. حدایق السحر فی دقایق الشعر / محمد بن محمد رشید وطواط ؛ با مقدمه و تعلیقات عباس اقبال آشتیانی. – تهران، 1308. – 150 صح.
5. وطواط، رشیدالدین، منشآت تازی رشید وطواط، به کوشش محمد فهمی، مصر، 1315. 220 c.
6. وطواط، رشیدالدین. مجموعهٔ رسائل رشیدالدین الوطواط / رشیدالدین وطواط ؛ به اهتمام محمد افندی فهمی، 2 جلد، چاپ دوم. – قاهره: مکتبهٔ الاداب، 1358.356 c.
7. وطواط رشید ، محمد بن محمد. دیوان / محمد بن محمد رشید وطواط ؛ با تصحیح و مقدمه سعید نفیسی. – تهران: شاهاباد، 1338. – 784 صح

ШЕВАҲОИ БАЁН ВА САБКИ НИГОРИШИ НОМАҲОИ РАШИДАДДИНИ ВАТВОТ

Ба миён гузоштани масъалаи сабки нигориш ва шеваҳои баён дар жанри нома ба монанди дигар осори адабии ҳунарӣ метавонад дар се сатҳ: забонӣ, фикрӣ ва адабӣ ба миён гузошта шавад, ки мо масъаларо аз ҳамин равиш пайгирӣ мекунем, вале тариқи сухан дар номанигорӣ, дар маҷмӯъ, аз дигар равишҳои баён фарқиятҳои ба худ хоссе дорад, ки ҳатман онҳоро бояд ба ҳисоб гирифт. Дар ҳақиқат, агар муҳимтарин мухтассоти сабки мутарассилонро бо равиши сухани Рашидаддини Ватвот муқоиса кунем, падидаҳои сабки мутарассилон дар номаҳои нависанда ошкор аст. Вай ҳам ба монанди дигар мутарассилон тавонистааст, ба хубӣ “малоҳати лафзи арабиро” бо “дақоиқи пухтаи порсӣ” чунон тахмир диҳад, ки сухане нишонрас ва аз нигоҳи фасоҳату балоғат расо ва пухтаро ба хонандагон пешниҳод намояд. Аз ин рӯ, номаҳои Рашидаддини Ватвотро метавон ҳам дар доираи мабоҳиси сабкшиносии умумӣ ва ҳам фардӣ баррасӣ кард. Аз он ҷо ки мақсади аслии мо дар ин фасл мушаххас кардани шеваҳои баён ва сабки нигориш дар номаҳои Ватвот мебошад, аз равиши ҷусторҳои махсуси сабкшиносӣ аз нигоҳи забон, фикр ва адабиёт истифода мешавад. Ҳамин тавр, аз мабоҳиси дар мақола баёншуда, ки дар асоси ду номаи мушаххаси Ватвот ва дар сурати зарурӣ қиёси баъзе матолиби матраҳшуда бо дигар номаҳои адиб сурат гирифтааст, бармеояд, ки дар номаҳо шеваи баён ва сабки нигориши махсус ба худи мусаннифи номаҳо дар ҳар се сатҳи масъалаи таҷзия ва таҳлили сабкшиносии мутун ба лиҳози забон, фикр ва адабиёт мушоҳида мешавад, ки бо мухтассоти асоси ҳар кадоми онҳо дар мақола ҷудогона мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Калидвожаҳо: Рашидаддини Ватвот**,** сабк, жанр, нома, забонӣ, фикрӣ, адабӣ, мутарассилон, мусаннифф.

ПРИЕМЫ ВЫРАЖЕНИЯ И СТИЛЬ НАПИСАНИЯ ПИСЕМ РАШИДАДДИНА ВАТВАТА

Надо учитывать проблему стиля и приемы выражения в жанре письма в качестве литературной работы на трех уровнях: языковой уровень, уровень мышления и литературный уровень, и мы исследуем данный вопрос таким способом, но стиль на писания писем, в общем имеет особие отличия, по сравнению с другими методами выражения. На самом деле, если мы будем сравнивать особенности стиля других авторов писем с приемами Рашидуддина Ватвата, можно увидеть особенности стиля других авторов в письмах данного автора. Он, подобно другим авторам письма, смог очень хорошо смешать "красноречие арабского языка" со "зрелыми тонкостями персидского языка" и предложить читателям целенаправленное, совершенное и зрелое слово, с точки зрения яркости и зрелости словотворчества. Таким образом, письма Рашидаддина Ватвота можно исследовать и в кругу общих стилистических проблем и индивидуальных. Поскольку наша основная цель в этой статье это указать приемы выражения и стиль выражения в письмах Ватвата, используя специальные методы поиска рассуждений о на уровне языка, мысли и литературы. Итак, из рассуждений, указанных в статье, которые касаются двух точных писем Ватвата и в сравнении некоторых предложенных сведений, получается, что в письмах приемы выражения и особый стиль письма наблюдается у самого автора писем на всех трех уровнях проблемы полного синтеза и анализа стилей, учитывая язык, мысль и литературу, отдельно рассматривая основные особенности каждого из них в статье.

Ключевые слова: Рашидаддин Ватвот, способ, жанр, письмо, языковой, умственный, литературный, письмописец, составитель.

THE METHODS OF EXPRESSION AND STYLE OF SCRIPTURE LETTERS RASHIDADDIN VATVOT

It is necessary to take into account the problem of style and methods of expression in the genre of writing as a literary work in three levels: the language level, the level of thinking and literary level, and we pursue this issue in this way, but the style of words in writing, in General, has a special difference compared to other methods of expression. In fact, if we compare the peculiarities of the style of other authors of letters Residualintensity techniques, we can obviously observe the style of other authors in the letters of this author. He, like other authors of the letter, was able to very well mix the "eloquence of the Arabic language" with the "Mature subtleties of the Persian language" and offer readers a purposeful, perfect and Mature word in terms of brightness and maturity of word creation. Thus, letters Researchinnovation can be examined and in a circle the General stylistic debates and in the individualSince our main goal in this part is to specify the methods of expression and style of expression in the letters of Vatvat, using special methods of searching for discussions of style on the part of language, thought and literature.So, from the discussions mentioned in the article, which is placed on the basis of two exact letters of Vatvat and in the important outline of the comparison of some of the proposed information , it turns out that in the letters the methods of expression and a special style of writing is observed in the author of the letters in all three levels of the problem of complete synthesis and analysis of styles taking into account the language, thought and literature, separately considering the main features of each of them in the article.

Key words: Rashidaddin Vatvat, method, genre, writing, language, mental, literary.

Сведения об авторе: ***Гадозода М.Д.*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры истории таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17.
Телефон: **(+992) 934-46-10-45**

Information about the author: ***Gadozoda M.D.*** - Tajik National University, post-graduate student of the department of the history of Tajik literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17.
Tel.: **(+992) 934-46-10-45**

УДК:821.512.145

НАЗАРЕ БА ЗИНДАГИНОМАИ ТОЛИБИ ОМУЛӢ ВА ЗАБОНИ ОСОРИ Ӯ

Мухторов З., Абдуев Э.
Донишгоҳи давлатии Данғара

Ин ҷаҳон, ки олами ҳастиро дар бар мегирад, дар оғӯши пурмеҳру домани паҳнои худ бисёр чеҳраҳои равшану нуронӣ ва гавҳарони арзишмандро баҳри зебоии худ тарбия кардаву баҳравар аз онҳо гардидааст ва аз онҳо осору нақшаҳоеро дар худ боқӣ гузоштааст, ки бо онҳо дар ифтихор аст. Олами ҳастӣ, дарвоқеъ, зебост, зеро бӯстонҳои гуногуну рангинро дар худ бино кардааст, ки он яке бо сарсабзию таровати худ заминро зиннат мебахшад ва самаротеро бо лаззатбориҳо пешкаш карда, аҳли заминро хушнуд мегардонад. Он дигаре қалбу, басорату, машомати инсониятро бо намоиши ҷилваҳои дилфиребу накҳати худ мутаваҷҷеҳ намуда, ғубори хастагӣ мерабояд ва он савмӣ бӯстони маърифат аст, ки бо чароғи рӯшноиҳояш тамоми торикиҳоро аз вуҷуди одамият мезудояд ва ба хурӯҷ мебарорад, пастиву баландиҳои рӯзгорро ҳамвор месозад. Афкорро ба бедорӣ водор карда, дар вуҷуди одамӣ маънавиятро ба хазина месупорад. Ин бӯстон нахлҳоеро дар иҳота гирифта парвариш мекунад ва ба самар мерасонад, ки ҳосили онҳо асрҳо зоҳиру ботини насли инсонро музайян медорад. Ин гуна нахлҳои маънавӣ, ҳамон хирадмандоне ҳастанд, ки чароғи рӯзгоранду аз равшании худ бериё чаҳонро рӯшноӣ бахшида, покии ӯро таъмин месозанд ва боиси зебоии ӯ мебошанд ва ҳақиқат он аст, ки маърифат худ рӯшноии беинтиҳост. Ҳар он кас, ки соҳибмаърифату аҳли хирад бошад, аввалин касест, ки бо дарди дигарон дардманд асту дар хушии онҳо лабханд мезанад. Ин шамъҳои ҷаҳоноро на танҳо боиси фахру мубоҳоти мардуми зодгоҳ ё мавзее, ки онҳо чашм ба дунё во кардаанд, ҳастанд, балки ҳамчун ситораҳои тобноку дурахшандаи асрҳо, дар осмони бекарони забон ва адаби форсию форсизабонон медурахшанд ва ба дили миллати тоҷдорони чаҳон умедҳо фароҳам месозанд ва пайваста бо ганҷҳои саршори худ дар ҳидояти онҳоянд.

Рӯдакии соҳибкалом, Фирдавсии ширинбаён, Ҳофизи бузургвори Шероз, Шайх Муслиҳидин Саъдии мумтоз, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Шайх Аттори Валӣ, Умари Хайём, Абдулқодир Бедили соҳибмақом, Убайди Зоконӣ, Носири Хисрави Қабодиёнӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Камоли Хуҷандии бостонӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Сайидои Насафӣ ва садҳои дигар, ҳамон ситорагони тобноке ҳастанд, ки пардаи осмони шеъру адаб, маърифату маънавият бо онҳо рангин аст.

Он яке дар миёни ин мунавварфитратон намояндаи қарни XI ҳичрӣ маликушшуаро Муҳаммад Толиби Омулӣ низ маҳсуб аст. Маликушшуаро Муҳаммад Толиби Абдуллоҳи Омулӣ яке аз шоирони соҳибкаромату барҷастаи қарни ёздаҳуми ҳичрӣ ва аз аркони арбааи сабки ҳиндӣ ва бо фарҳанги волою зиндагиномаи аҷибаш миёни мардуми Мозандарони сарзамини Эрон машҳуру маъруф аст. Ӯ дар соли 987 хичрӣ дар шаҳристони Омул дида ба ҷаҳон кушодааст. Аз мазмуни абёте, ки аз аёми ҷавонии Толиб суруда шудааанду мавҷуданд, нишондиҳандаи он дарёфт карда мешавад, ки дар ҳамон даврон ҳатто ғайр аз фанни адабу тафсир, аз ҷумла ҳандаса (геометрия), мантиқ (логика), ҳайъат (астраномия) ва хушнависиро низ аз худ карда аст.

Омадааст, ки ҳафт илмро қабл аз бистсолагияш ба хубӣ омӯхтааст, ки бо ин гуна лаёқат метавон мояи ибрати рӯзгориён дар ҳама давру замон буд:

По бар дувумин пояи авҷи ашаротам,
В-ин, ки адади фаннам аз алъоф зиёд аст.
Бар ҳандасаю мантиқию ҳикмату ҳайъат,
Дастест маро, к-ашяди байзозии бод аст.

Тавре ки аз ин сурудаҳои худи Муҳаммад Толиб бармеояд, ӯ то ҳудуди соли 1007 ҳичрӣ дувумин пояи авҷи ашаротро, ки зикр намудааст, тай кардааст. Дувумин пояи авҷи ашарот, зиндагии байни даҳсолагӣ ва бистсолагӣ аст. Зеро ашара аз адади даҳ берун меояд, вақте ба адади бист бирасем ашарот, аллакай, авҷ гирифтааст. Ва дигар пояи авҷи ашарот маҳсуб намешавад ва бо чунин мафҳум баён ҳам карда намешавад.

Бинобар ҳамаи ин, агар гӯш ба қавли Муҳаммад Орифи Шерозӣ бидиҳем, ки дар қавлаш тардиде ҳам нест, зеро ӯ дӯст ва ҳамсуҳбати Толиб буда, ки гуфтааст: «Толиб дар соли 1010-ҳичрии қамарӣ дар синни нуздаҳсолагӣ буд [1, с.19].

Агарчи дар таворих ва тазкираҳо номи падарашро зикр накардаанд, вале дар поёни нусхаи хаттие, ки чаҳор сол пеш аз даргузаштанаш навишта шудаю дарёфт шудааст, номи худаш Муҳаммад ва номи падараш Абдулло омадааст.

Саргузашти Муҳаммад Толиби Омулӣ басо ва бисёр ҷолиб аст. Ин саргузашт шарҳи ҳоли як шоири ҷавонест, ки дар асари шикаст дар ишқ, аз Ватани хеш овора гардида ва дар кишвари дигаре, ба олитарин мақомоти сиёсӣ ва адабӣ мерасад ва дар авҷи шуҳрат ва маъруфият ва шукуҳи ҷалол дар ҷавонӣ аз дунё мегузарад.

Боиси мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтану дар назарҳо наздикӣ ёфтан, дар афкор ғунҷоиш ёфтану эҳё шудани ҳисси кунҷковӣ ва далолати то ба охир омӯхтани зиндагинома ва эҷодиёти дилкаши Толиб, агар лоиқи изҳори ақида ҳастам бигӯям, дар он аст, ки атрофи зиндагию амалкардҳои ӯ саргузаштҳо, ривоятҳои гуногун, шабаҳот, ифтироқҳову ҳатто афсонаҳо басо зиёданд. Барои мисол:

Онам, ки замирам ба сафо субҳнажод аст,
Чун боди масеҳам нафасе покниҳод аст.
Фахр-уш- шуъаро Толиби шодобзамирам,
К-овозаи нутқам гуҳари гӯшибилод аст.

Толиб баробари ба дунё омаданаш хотири аҳли оилаеро шод намудааст, ки ҳамагӣ аҳли донишу маърифат буданд. Гувоҳи ин матлаб илова бар худи ӯ ва мазмуни бисёре аз назмҳои хоҳараш Ситтинисобегим мебошад, ки дар Ҳинд бо лақаби Садруннисоӣ шарафёб шуда буд. Ҳамагӣ ибтидо аз волидайн то узви сафи поёнии оила, побастаи фарҳангу маърифат буданд ва кӯшиш бар он равона карда буданд, то аз тадрису илми замони хеш баҳравар бошанд.

Чун синну соли Толиб дар мувофиқа бо давру замони онвақта ба марра мебарояд, ӯро ба мактаб месупоранд. Ӯ бо иштиёқу завқи боло улуми роиҷи замонашро фаро мегирад. Баъд аз чанде дар ҳамон мактаб бо духтаре бо номи Зуҳрои Зарнигор ошиқ мешавад, аммо дар ишқ шикаст мехӯрад.

Толиб баъд аз шикасташ дар ишқ дар ҷустуҷӯи касе, ки битавонад дарди дилашро марҳаме бигзорад, ба сӯйи хоҳари дилбандаш, ки дар Кошон иқомат мекард, рӯ овард. Шоири дилсӯхта, ки дар ватанаш бо бемеҳриҳо рӯ ба рӯ шуд, азми тарки диёр кард. Аз Кошон ба Исфаҳон ва аз он ҷо ба Машҳад ва Қандаҳор ва охиран рӯ ба Ҳиндустон овард. Дар соли 1017 ҳиҷрӣ барои ҳамешагӣ тарки Ватан намуд.

Ба қавли Зарринкӯб он замон азбас орифону шоҳони Ҳинд шеъру адабро дӯстдор буданд, Ҳиндустон «Сарзамини фурсатҳои тиллоӣ» барои шоирон ва ҳунармандон буд [2, с.21].

Толиби Омулӣ дар солҳои 987/991/996 дар яке аз рустоҳои Омул дида ба дунё кушод ва аз солҳои 1035/1036/1040 дори фониро видоъ гуфт. Толиб дар девони худ бо тахаллуси «Толибо» ва «Ошуб» ба сурудани шеър пардохт. Устод Забеҳуллоҳ Сафо бидуни шиор ба таърихи таваллуд чунин менависад: «Толиб соҳиби Девон буда, дар соли 1028 мартабаи маликушшоирӣ ёфт ва баъд аз он дар камоли иззат зист. То ҳафт-ҳашт соли дигар пас аз муддате ба ранҷурии ихтилол гирифтор шуда, соли 1035 ё 1036 ҳиҷрӣ даргузашт [3, с.335].

Соиби Табрезӣ, ки аз шаъну шуҳрати Толиб бохабар буд, бо ифтихор аз ӯ чунин ёдовар шудааст:

Ба тарзи тоза, қасам ёд мекунам Толиб,
Ки ҷойи Толиби Омул дар Исфаҳон пайдост [4, с.186].

Дар олами шеъру адаби форсу тоҷик Муҳаммад Толиби Абдуллоҳи Омулӣ осори намоёне боқӣ гузоштааст, ки маҷмӯаи ашъори эшон ба гуфтаи Тоҳирии Шаҳҳоб 22988 байт шеър дар қолабҳои қасида, таркиббанд, тарҷеъбанд, маснавӣ, қитъа, ғазал, рубоӣ ва муфрадот мебошад.

Аз он ҷое, дар анвои шеър устод ва аз тарафе улуми замонашро хуб медонист, соли 1028 ба мартабаи маликушуароии дарбори Ҳинд сарфароз гардид. Ба ҳама сурат, ӯ яке аз шоирони машҳури садаи ёздаҳуми ҳиҷрӣ дар сабки ҳиндӣ мебошад. Ибтидо дар шеър Ошуб тахаллус мекард, баъдан тахаллусашро ба Толиб тағйир дод.

Умрҳо рафту сабо аз торикиҳои сухан,
Гул зи хоки Толиби Омул ба доман мебарад [4, с.9].

А Д А Б И Ё Т

1. Гударзӣ Фаромарзӣ. Шарҳи зиндагии Толиби Омулӣ. –Теҳрон, 1390. – 460 с.
2. Абдулҳусейн Заринкӯб. Сарзамини фурсатҳои тиллоӣ. – Теҳрон, 1364. – 120 с.
3. Забиҳуллоҳ Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон. –Теҳрон, Фирдавс, 1384. –335 с.
4. Табрезӣ Соиб. Куллиёт. – Душанбе, 1986. – 186 с.

5. Нодалӣ Фалоҳ, Толиби Омулӣ. Аз воқеият то афсона. Аз маҷмуаи мақолоти ҳамоиши байналмилалӣ дар Омул. – Теҳрон, 1390. – 459 с.
6. Омулӣ Толиб. Фурӯғи Бастомӣ. Ғазалиёт. - Душанбе: Адиб, 1993. – 575 с.

НАЗАРЕ БА ЗИНДАГИНОМАИ ТОЛИБИ ОМУЛӢ ВА ЗАБОНИ ОСОРИ Ӯ

Толиби Омулӣ ҳамчун яке аз ситорагони тобнок дар олами шеъру адаби классикии форсу тоҷик аз худ осори намоёну дурахшанда ба мерос гузоштааст ва ҳамчун як заминагузори навовариҳо дар фазои назми классикӣ шинохта шудааст. Сарчашмаҳои ҳаётӣ ва фаъолиятҳои эҷодиву мазмуни назмҳои пурташвиқу ташбеҳаш шаҳодат бар он дорад, ки дар ибтидои фаъолияти эҷодияш ӯ ба номи “Ошуб” низ маъруф будааст. То синни бистсолагӣ (ашарот), ки дар ҳолнома ба зикр рафтааст, аллакай, донандаи ҳафт илми замонаш будааст ва бо маҳорати эҷодияш дар он айём муҷиби ифтихор дар Шарқ будааст. Дар Ҳиндустон натоиҷи самароте, ки дар олами эҷод муяссараш гардид, ӯро ба унвони фахрии «Маликушшуаро»- ӣ расонид, ки дар мазмун «Шоҳи шоирон»-ро дар бар мегирад. Аз ҷониби олимони шеъру адаб ҳамчун Абдулҳусайни Зарринкӯб, Забеҳуллоҳ Сафо, Соиби Табрезӣ ва бисёри дигарон бо мушаррафоти баланд ба тазаккур рафтааст. Дар ин навиштаҷот ҳамчунин дар бораи фалсафаи ҳаёти ба сарбурдаву рӯзгори пасисаркардаи шоири бузург, ки тамоми ҳаёташро дар таҳкими шеъру адабиёти форсу тоҷик ва маънавиёти рӯҳу ботини миллат сарф кардааст, андешаҳо ҷой доранд.

Калидвожаҳо: гулистон, ҳастӣ, маърифат, хирадмандӣ, маънавият, ақлу заковат, назм, муҳаббат, шикаст, мусофир, хайрхоҳ, хизмати шоён, мутафаккир, олам, ганҷ.

О ЖИЗНИ И ЯЗЫКЕ ПОЭЗИИ ТОЛИБИ ОМУЛИ

Толиб Омули признан одной из сияющих в пространстве таджикско- персидской поэзии звёзд. Он оставил значимые следы в классической литературе, новатор, ищущий новшество в мире поэзии. По источникам его жизнеописания видно, что он был известен и под именем «Ошуб» (Мятеж) в начале своей творческой жизни. До двадцати лет своей жизни, он знал уже семь наук своего времени и своим творческим мастерством славился на Востоке. Именно в Индии получил он звание «Маликушшуаро», что означает Царь поэтов. Учёные Абулхусайн Заринкуб, Забехуллох Сафо, Табрези Соиб и многие другие дали ему достойную оценку. В статье представлена философия жизни великого поэта, вся жизнь которого была связана с литературой и духовными ценностями.

Ключевые слова: цветник, бытие, просвещение, мудрость, духовность, интеллект, поэзия, любовь, поражение, странник, доброжелатель, заслуга, мыслитель, свет, клад.

ABOUT THE LIFE AND LANGUAGE OF POETRY TOLIBI OMUL

Tolib Omuli is recognized as one of the stars shining in the space of Tajik-Persian poetry, which left significant traces in classical literature, an innovator who seeks innovation in the world of poetry. According to his sources of biography, it is clear that he was also known by the name “Oshub” (Revolt) at the beginning of his creative life. Up to twenty years of his life, he already knew the seven sciences of his time and he was famous for his creative skills in the East. It was in India that he became famous for the title “Malikushshuaro”, which means the King of Poets. From the side of scientists like Abulhusine Zarinkub, Zabehulloh Safo, Tabrezi Soib and many others he received a worthy evaluation. The article presents the philosophy of the life of the great poet, whose whole life was connected with literature and spiritual values.

Key words: flower bed, being, enlightenment, wisdom, spirituality, intellect, poetry, love, defeat, wanderer, well-wisher, merit, thinker, light, treasure.

Сведения об авторах: ***Мухторов З.*** - Дангаринский государственный университет, доктор филологических наук, профессор. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Хатлонская область, Дангаринский район, ул. Шарифова, 3
Абдуев Э. - Дангаринский государственный университет, ассистент. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Хатлонская область, Дангаринский район, ул. Шарифова, 3

Information about the authors: ***Mukhtorov Z.*** - Dangara State University, doctor of philological sciences, professor. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Dangara district, Sharifova str., 3
Abduev E. - Dangara State University, Assistant Chair. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Dangara district, Sharifov str. 3

УДК: 821.161.1

ШЕВАИ БАЁНИ ҚИСССА АНДАР ҚИССА ДАР НАСРИ ТАМСИЛӢ

(дар мисоли «Ҳазору як шаб»)

Нозимова Г.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Шеваи баёни қисса андар қисса дар адабиёти машриқзамин суннати устувору пешинаи тӯлонӣ дорад, ки заминаи пайдоиши онро Ҳиндустон мешуморанд. Аз он ҷо, ки баромади таърихии он марбути забони куҳнаи санскрит аст. Аммо дар иртибот ба як нуктаи муҳим, ки тарҳи достонҳои забони паҳлавиро дар бар мегирад, таҳаввули шеваи баёни қисса андар қисса дар аҳди Ҳахоманишиён низ беназир буд ва гузашта аз ин, агар ба сайри таърихии пайдоиш ва такомули қиссаву достонсароӣ дар адабиёт назар афканем,

аввалин намунаҳои зуҳури онро дар дигар халқиятҳо низ пайдо кардан мумкин аст. Чунки адабиёт ҳамқадами мардум аст ва ҳар куҷо, ки инсоният камол меёбад ҳамроҳи ӯ адабиёт низ дар такомул аст.

Қонуниятҳои пойдори адабиёти тамсилии паҳлавӣ аз бурузи шеваи баёни қисса андар қисса дар адабиёти паҳлавӣ бо пайдо шудани қиссаҳои "Ҳазор афсон", "Синдбоднома", "Калила ва Димна" ва "Тӯтинома" аз худ дарак медиҳад, ҳарчанд теъдоде аз намунаи чунин осор, аз қабили «Калила ва Димна» ва «Тӯтинома» асли ҳиндӣ доранд. Истифодаи фаровони шеваи баёни қисса андар қиссаро баъдан дар адабиёти баъд аз исломӣ дар китобҳои "Марзбоннома", "Бахтиёрнома", "Ҳафт пайкар" ва интишори китобҳои "Калила ва Димна", "Синдбоднома" ва "Тӯтинома" метавон ба таври фаровон мушоҳида намуд, ки бо баёни андешаҳои пандуахлоқӣ ва ҳикмату фалсафа адабиёти моро ғанӣ намудаанд. Дар баробари ин, як қатор осори ирфонӣ низ бо ҳамин шеваи баён рӯйи кор омадаанд, ки маъруфтарини онҳо "Маснавӣ"-и Ҷалолиддини Балхӣ ва маснавиҳои "Мантиқ-ут-тайр", "Мусибатнома" ва "Илоҳинома"-и Аттори Нишопурӣ мебошанд. Аммо услуби баёни қисса андар қисса дар ҳар яке аз ин асарҳо ба таври мухталиф арзёбӣ мегардад ва шеваи баёни қисса андар қисса дар осори ҳиндӣ бо он тафовут дорад, ки қиссаҳои фаръӣ аз дохили қиссаи аслӣ берун меояд. Яъне достони аслӣ бо ровӣ пайванд буда, қиссаҳои фаръӣ низ мутаносибан бо вай гиреҳхӯрда мебошад. Чуноне ки устод Худоӣ Шарифзода мефармоянд: "Китобҳои "Ҳазор афсон", "Калила ва Димна" ва "Синдбоднома" як ҳикоят ё достони аслӣ доранд ва дигар ҳикоят бар мабнои тақозои сюжет ва ҷузъиёти он силсила ва занҷирбандӣ мешаванд. Ин тарзи сохтори асари адабии ҳунариро қисса андар қисса, ҳикоят андар ҳикоят ё муносиби навъи ҳикояти марказӣ унвонгузорӣ кардаанд" [9, с.227].

Таъбири қисса асосан афсона, ҳикоят, ривоят, саргузашт, яъне шарҳи ҳол аст ва дар адабиёти тоисломии Эрон собиқаи тӯлонӣ дорад: «Аввалин касоне, ки ба таснифи афсона пардохтаанд ва онро ба сурати китоб дароварда ва дар хазоини худ нигаҳдорӣ кардаанд ва баъзе аз онҳоро аз забони ҳайвонот нақл намудаанд, эрониёни қадим буданд» [2, с.285]. Усулан шеваи баёни қисса андар қисса дар адабиёти бостон аз қиссагӯйиву қиссапардозӣ сарчашма гирифта, бештар барои қувва бахшидани ақоиди ахлоқию иҷтимоӣ эҷод мешуданд. Намунаи маъмули чунин осор дар адабиёти бостонии мардуми эронитабор "Ҳазор афсон" ба шумор меравад, ки аз нахустин китобҳои таълифшуда дар ин боб аст.

Китоби «Ҳазор афсон» сарчашмаи аслии китоби «Ҳазору як шаб» буда, дар адабиёти араб бо номи "Алф лайла ва лайла" маълум аст ва аввалин маъхази таърихӣ, ки дар бораи "Алф лайла ва лайла" дар он маълумот додааст, "Муруҷ-уз-заҳаб"-и Масъудӣ мебошад: "Ин ахбор аз қабили китобҳое аст, ки аз форсӣ ва ҳиндӣ ва румӣ нақл ва тарҷума шуда ва тартиби таълифи он чун китоби "Ҳазор афсон", яъне ҳазор "хурофа" аст, ки "хурофа"-ро ба форсӣ афсон гӯянд. Имрӯз мардум ин китобро "Алф лайла ва лайла", яъне "Ҳазору як шаб" гӯянд, ки ҳикояти подшоҳ, вазир, духтари вазир ва канизи духтар аст, ки Шаҳрзод ва Динорзод ном доранд" [2, с. 287].

Тибқи маълумоти Ибни Надим: "Сабаби таълифаш ин буд, ки яке аз подшоҳон, агар зане мегирифт, пас аз як шаб, ки бо ӯ наздики менамуд, вайро ба қатл мерасонид ва духтаре аз шоҳзодагон ба номи Шаҳрзод гирифт, ки бисёр хирадманд ва боҳуш буд ва ҳамин, ки ӯро ба даст овард, он духтар забон ба гуфтани афсонае боз карда ва суханро то поёни шаб расонид, барои ин ки подшоҳ ӯро барои дувумин шаб нигоҳ дорад ва боқии афсонаро аз вай бишнавад. Ҳазор шаб ба ҳамин гуна сипарӣ шуд ва дар ин миёна подшоҳ бо вай ҳамхобагӣ дошт. Ва ҳамин ки Худованд писаре ба вай ато кард, ӯ кӯдаки худро нишон дода ва подшоҳро аз афсунгарии худ огоҳ сохт. Подшоҳ хирадмандияшро писандида ва ӯро нигоҳ дошт ва зани қаҳрамоне ба номи Динорзод, ки ҳамеша бо подшоҳ буд дар он корҳо бо духтар рӯйи мувофиқат нишон дода буд.

Ва чунин гӯянд, ки ин китоб барои Лаҳмонӣ - духтари Баҳман таълиф гардида ва қиссаи дигаре ҳам дар ин бора нақл кардаанд" [3, с. 560]. Яъне, агар имрӯз "Ҳазору як шаб"-ро дастабандӣ кардан хоҳем, баъди таҳрирҳои зиёди он, ки то имрӯз анҷом шудааст, як қатор масоили дигарро низ дар бар мегирад, ки аз мавзӯи баҳси мо дур мемонад ва аммо ин ки аз нахустин китобҳои таълифшудаи афсонаҳои эронист, дақиқан пазируфта шудааст, ки услуби нигоришаш қисса андар қисса аст. Бисёре аз муҳаққиқон ин китобро аз байн рафта гуфтаанд. Аз сайри таърихии ин асар, бино ба маълумоти Ибни Надим дар «Ал Феҳрист» бармеояд, ки ин китоб муштамил бар ҳазор шаб ва камтар аз дусад афсона будааст ва дар мавриди мутарҷими он чизе нагуфтааст. Аммо Абулқосим Абдулазизи Бағдодии Наҳвӣ, ки дар асри IX, қабл аз Ибни Надим ба сар бурдааст, «Ҳазор афсон»-ро аз китобҳои тарҷумакардаи Ибни Муқаффаъ меҳисобад. Пас метавон гуфт, ки то истилои араб ин китоб арзи вуҷуд доштааст. Баъдан адиби маъруфи араб Ҷаҳшиёрӣ дар асри X

дар ҷамъ овардани ҳазор афсона, аз афсонаҳои арабӣ, эронӣ ва румӣ азм гирифта, дар маҷмӯъ ба ҷамъ овардани 480 афсона муваффақ мегардад ва таълифу тадвини афсонаҳо баъд аз Ҷаҳшиёрӣ низ дар миёни иддаи васеи адибони арабизабон идома ёфта, «Ҳазору як шаб» маҳсули кори онҳо мебошад, ки баъди тарҷумаҳои зиёд дар адабиёт шуҳрати ҷаҳонӣ мегирад [5, с. 100].

"Ҳазору як шаб" аз куҳантарин китоби адабиест, ки таърихи ҷамъоварии он шебу фарозҳои зиёдеро дар бар мегирад ва дар ҳар куҷое, ки ба тарҷумаву интишори вай даст задаанд, аз фарҳанги мардуми хеш чизе дар вай зам намуданд. Шояд ҳамин таъсирпазирӣ бошад, ки дар баъзе аз қиссаҳои он ба ноҷурӣ рӯ ба рӯ мешавем.

"Ҳазору як шаб" аз ҷозибтарин қиссаҳои бостон буда, дар шӯру шавқи мардум аз қадим ҷо гирифтааст. Бо эҳёи ҳар фасли тоза ва зуҳури ҳар як шахсияти нав қиссаҳои ҷолибе, ки аз забони ровии он Шаҳрзод гуфта мешаванд, дар банду басти услуби қиссапардозии он мувофиқат мекунанд ва дар баъзе мавридҳо, бо овардани қисса андар қисса худи Шаҳрзод гиреҳи ҳодисаҳоро ба дасти дигар ровӣ месупорад, ки дар натиҷа онҳо ҳам ҳамчу ровӣ дар ҷараёни ин қиссапардозиҳо иштирок мекунанд. Аз дигар вижагиҳое, ки дар зуҳури қисса андар қисса дар "Ҳазору як шаб" хабар медиҳад, доштани қиссаи аслӣ мебошад ва бар мабнои он қиссаҳои дигаре дар дохили вай оварда мешаванд. Рӯйкарди қиссаҳои нав дар дохили қиссаҳо, ки яке аз пушти дигаре баромад мекунад, шавқу шитоби даррафтан ба жарфтарин паҳнои қиссаро дорад ва гӯё гӯяндаи он розеро бо ин шева дар миён гузоштан мехоҳад. Шеваи баёни қисса андар қисса ишорае ба интиҳо надоштани он аст. Ҳар қиссае метавонад моро ба қиссаи дигар бирасонад ва чунин ба назар мерасад, ки ин қиссаҳои ба ҳам пайваста то беинтиҳо идома меёбанд. Аз ҷониби дигар, шеваи қисса андар қисса, як навъи фосилагузорӣ мебошад, ки хонандаро ба фикр кардану ҳушмандӣ водор мекунад. Бо ҳама донишу заковатмандӣ, лаҳзае мешавад, ки шунавандаи он худро дар олами дигар дармеёбад. Мухтассоти шеваи баёни қисса андар қисса низ дар он зоҳир мегардад, ки ҷанбаи ҳунарии он пурра ошкор мегардад. Яъне ба ин маънӣ, ки ба василаи қиссаи аслӣ мо маҷмӯае аз қиссаҳои парешонро ба ҳам меорем ва чи тавре дар боло зикр намудем, пайванди ногусастании шеваи баёни қисса андар қисса бо ривояти ровӣ, ки аз қиссаи аслӣ сарчашма гирифта, дар атрофи он мечархад, сурат мегирад. Барои мисол метавонем, ҳикояи "Бозаргон ва ифрит"-ро биёрем [10, с. 16]:

"Бозаргони ботаҷрибаро сафаре пеш омад. Рӯзе дар байни роҳ барои истироҳат дар зери дарахте нишаст ва донаи хурмояшро рӯйи замин партофт. Ногоҳ ифрите пайдо шуд ва гуфт: донаҳои хурмое, ки ту ба замин афкандӣ бачаи маро кушт ва аз ту қасос гирифтан омадам. Бозаргон як сол муҳлат хост ва чун ваъдаи омадан даррасид, ӯ ба ҷойи таъйиншуда бозгашт. Се пир омаданд ва аз бозаргон иллати дар макони ифритиён нишастану оби чашм рехтанашро ҷӯё шуданд. Ҳангоме ки ифрит омад, онҳо аз вай хостанд, то ба қиссаашон гӯш диҳад ва агар писандид аз хуни бозаргон дарбигзарад. Ифритро аз ҳикоёташон хуш омад ва бозаргонро накушт". Ровии ин ҳикоят Шаҳрзод аст ва ривоятшунав Шаҳриёр, аммо бо пайдо шудани наҷотдиҳандагони бозаргон, ки се пир аст ва қиссаҳо дар миён меоранд, қиссагӯӣ бар дӯши онҳо гузошта мешавад ва ривоятшунав ҳам бо тағйирёбии ровӣ дигар мешавад, яъне ин ҷо ривоятшунав ифрит аст. Қиссаҳои дарунии он бошад, чи тавре ки гуфтем, аз забони се пир оварда мешавад, ба таври зайл: "пир зане дошт, ки бачадор намешуд. Вай канизе гирифт ва соҳиби писаре гашт. Он гоҳ сафаре барояш пеш омад. Дар ғайби пир занаш бо сеҳр канизу писарро тилисм карда, ба сурати гову гӯсола дармеорад. Пир вақте бармегардад, занаш ба ӯ мегӯяд, каниз мурд ва писар гурехт. Иди Қурбон пир қасд кард, говеро барои мурдагонаш қурбонӣ кунад. Вай надониста зани худ (гов)-ро ба дасти шӯбон қурбонӣ кард. Пас аз он пир гӯсолаеро барои қурбонӣ хост, вале дилаш ба ҳоли ҳайвон сӯхт ва ӯро раҳо кард. Шӯбон гӯсоларо ба хонааш бурд ва духтараш дарёфт, ки ин гӯсола ҳамон писари пир аст. Пир аз духтари шӯбон хоҳиш кард, то аз тилисм варо раҳо кунад. Духтар ин корро анҷом дод ва зани ҷодугарро ба шакли ғазол даровард, сипас бо писар издивоҷ кард"[10].

Яъне қиссае, ки аз забони се пир ривоят мешавад, бо қиссаи аввал алоқамандии ногусастание доранд, ки ҳамин дарҳампечидагиҳо ҷозибаи қувватбахше барои ривояти қассаҳои дигар муҳайё месозанд. Агар дар ҳикояи якум пир сафари дуру дарози ӯ бошад, дар ҳикояи пири дувум, сафари бародаронаш пеш гузошта мешавад: "Пир ду бародар дошт ва вақте падараш вафот мекунад, бародарон мероси падарро тақсим мекунанд. Ду бародар ба сафар рафтанд ва пир бошад дар хуҷра бо додугирифт пардохт. Пас аз як соли мусофират бародарон тиҳидаст ба хона баргаштанд. Пир ба онҳо сармоя дод ва ҳамроҳашон ба сафар баромад. Дар миёни роҳ пир бо хоҳиши духтаре бо вай издивоҷ мекунад. Бародарон ба пир ҳасодат карда, ӯро ҳамроҳи занаш ба дарё фиганданд. Ногоҳ духтар ба ифрите табдил шуд ва парвозкунон пирро наҷот дод ва ба хонааш расонд. Аммо

бародарони ҳасудашро дар тилисми хеш дароварда ба саг табдил дод" [10, с. 19-20]. Ба ҳамин минвол, ҳикояи савум пир шуруъ мегардад, ки чунин аст: "Марде зане дошт. Рӯзе сафаре барояш пеш омад. Вақти баргашт аз сафар мутаваҷҷеҳ шуд, ки занаш ба ӯ хиёнат кардааст. Зан мардро тилисм кард ва ба шакли саг даровард ва ӯро аз хона пеш кард. Саг дар пайи қассобе ба хонаи вай рафт. Духтари қасоб баробари дидани саг дарёфт, ки ӯ дар тилисм афтодааст. Духтар пирро аз тилисм раҳо карда, ба ӯ сеҳри зани худро табдил кардан ба харро меомӯзад, ки дар натиҷа пир низ ин амалро анҷом медиҳад [10, с. 21-22]".

Ин ҳикоя аз қадимтарин ҳикоёти мардуми эронитабор аст, ки аз рӯйи моҳияти мавзӯӣ ва хусусиёташ аслитар ба назар менамояд. Яъне, аз муҳтавои ин қиссаи ривоятнамудаи Шаҳрзод ва қиссаҳои дохили он метавон чунин натиҷагирӣ намуд, ки шеваи баёни қисса андар қисса бо вазифаҳои хосси худ ба адабиёт ворид шудааст ва аввалин аҳдофе, ки гӯяндаи ин қиссаҳо дар пеш дорад, тавҷеҳу тавзеҳи матлаби пандуахлоқӣ аст. Дар зимни овардани қиссаҳои фаръӣ, яъне қиссаҳои дарунӣ таъкид бар мақсаднокии муроди гӯянда аз ин қисса аст.

Дигар аз вижагиҳое, ки дар шеваи баёни қисса андар қисса дар "Ҳазору як шаб" метавон ба он такя намуд, назарияи Теадоров аст, ки мегӯяд: "дарунагирӣ, мобайн аслитарин вижагии ривоят аст; зеро ривоят ба шакли дарунгирӣ ривояти ривоят аст. Вақте достоне достони дигареро ривоят мекунад, достони аввал ҳам ба мазмуни аслии худ мерасад ва ҳам дар айни ҳол дар ин тасвир худро мунъакис мекунад. Ривояти дарунаӣ ҳам тасвири он ривояти баланду муҷаррадест, ки тамоми ривоёт, танҳо аҷзои кӯчаке аз онанд ва ҳам тасвири ривояти дарунаест, ки билфосила қабл аз он қарор дорад. Ривояти ривоят сарнавишти ҳамаи ривоятест, ки ба шеваи дарунагирӣ нақл мешавад" [8].

Ҳамин тавр шеваи баёни қисса андар қисса дар китоби "Ҳазору як шаб" нишон медиҳад, ки:

1. Чунин тарзи баён ҳанӯз аз замони Ҳахоманишиён дар миёни мардуми эронитабор вуҷуд доштааст.
2. Достони «Ҳазору як шаб» дорои хатти ягонаи сужа мебошад, ки қиссаҳоро ба ҳам пайванд мекунад.
3. Шаҳрзод ҳамчу ровӣ дар маркази тамоми моҷароҳо қарор дошта, дар ҷараёни иваз шудани мавзӯъ риштаи васлро ҳамеша идора мекунад.
4. Қиссаҳои фаръии дарунқиссаҳо имконият медиҳанд, равобити мустаҳкам миёни қиссаи аслӣ нигоҳ дошта шавад.
5. Мақсаднок баён намудани қиссаву достонҳои "Ҳазору як шаб"-ро шеваи баёни қисса андар қисса таъмин менамояд.

А Д А Б И Ё Т

1. Герхардт, М. Искусство повествования. Литературное исследование "1001 ночи" / М. Герхардт.– М., 1984. -456 с.
2. Зоҳидов Н. Насри арабизабони адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои VIII-IX / Н.Зоҳидов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2004. – 402 с.
3. Муҳаммад ибн Исҳоқ Ибн ан – Надим. Ал-Феҳрист. Тарҷумаи Муҳаммадризо Таҷаддуд. – Теҳрон, 1383. – 855 с.
4. Муҳаммад Содиқи Басирӣ. Ҷилваи афсонаҳои кӯҳани эронӣ дар адабиёти арабӣ // Нашрияи донишгоҳи адабиёт ва улуми инсонии Донишгоҳи шаҳиди боҳунари Кирмон. Шумораи 21, зимистони 1371.
5. Нозимова Г.С. Пайдоиш ва таҳаввули тамсил дар адабиёти форсу тоҷик (асри Х ва нимаи аввали асри XI) / Г.С. Нозимова. - Душанбе: ДМТ, 2016. - 212 с.
6. Рипка, Ян ва дигарон. Таърихи адабиёти Эрон (аз даврони бостон то Қоҷория). – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1371. – 646 с.
7. Тафаззулӣ, Аҳмад. Таърихи адабиёти Эрон пеш аз ислом. – Теҳрон: Сухан, 1378. – 452 с.
8. Тодоров Ц. Введение в фантастическую литературу / Ц.Тодоров. – М.: Дом интеллект. Книги, 1999. – 143 с.
9. Худоӣ Шарифзода. "Шоҳнома" ва шеъри замони Фирдавсӣ. - Душанбе, 2014. - 400 с.
10. Ҳазору як шаб. Кит.1. - Душанбе: Адиб, 1992. - 272 с.
11. Эструп И. Исследование о "1001 ночи", ее составе, возникновении и развитии / И.Эструп. - М., 1904.– 117 с.

ШЕВАИ БАЁНИ ҚИССА АНДАР ҚИССА ДАР НАСРИ ТАМСИЛӢ

(дар мисоли «Ҳазору як шаб»)

Дар ин мақола баррасии шеваи баёни қисса андар қисса дар адабиёти машриқзамин мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар адабиёти қуруни вустоӣ чунин шеваи баён суннатҳои устувору таърихи тӯлонӣ дорад. Таърихи баромади он марбут ба забони қадимаи санскрит мебошад, аз ин ҷо сарзамини интишори онро Ҳиндустон меҳисобанд. Аммо дар иртибот ба як нуктаи муҳим, ки тарҳи достонҳои забони паҳлавиро дар бар мегирад, таҳаввули шеваи баёни қисса андар қисса дар аҳди Сосониҳо беназир буд. Дар мисоли китоби "Ҳазору як шаб" мехоҳем инро собит намоем. Китоби «Ҳазору як шаб», «Ҳазор хурофа» ва ё «Ҳазор афсон», асли паҳлавӣ дошта, аз нахустин китобҳои таълифшудаи афсонаҳои эронист, ки услуби нигоришаш қисса андар қисса аст. Бисёре аз муҳаққиқон ин китобро аз байн рафта гуфтаанд. Аз сайри таърихии ин асар, бино

ба маълумоти Ибни Надим дар «Ал-Феҳрист» бармеояд, ки ин китоб муштамил бар ҳазор шаб ва камтар аз дусад афсона будааст ва дар мавриди мутарҷими он чизе нагуфтааст. Аммо Абулқосим Абдулазизи Бағдодии Наҳвӣ, ки дар асри IX, қабл аз Ибни Надим ба сар бурдааст, «Ҳазор афсон»-ро аз китобҳои тарҷумакардаи Ибни Муқаффаъ меҳисобад. Пас метавон гуфт, ки то истилои араб ин китоб арзи вуҷуд доштааст. Баъдан адиби маъруфи араб Ҷаҳшиёрӣ дар асри X бо азми ҷамъ овардани ҳазор афсона, аз афсонаҳои арабӣ, эронӣ ва румӣ пардохта, дар маҷмӯъ ба ҷамъ овардани 480 афсона муваффақ мегардад ва таълифу тадвини афсонаҳо баъд аз Ҷаҳшиёрӣ низ дар миёни иддаи васеи адибони арабизабон идома ёфта, «Ҳазору як шаб» маҳсули кори онҳо мебошад, ки баъди тарҷумаҳои зиёд дар адабиёт шуҳрати ҷаҳонӣ мегирад.

Калидвожаҳо: шева, баён, қисса андар қисса, Ҳазору як шаб, қуруни вусто, ривоят.

СТИЛЬ ИЗЛОЖЕНИЯ «СКАЗКА В СКАЗКАХ» В ЛИТЕРАТУРНЫХ ПРИТЧАХ

(на примере "Тысячи и одной ночи")

В этой статье рассматривается стиль изложения «сказка в сказках» в восточной литературе. Этот стиль изложения имеет непоколебимые традиции и продолжительное прошлое в средневековой литературе. Исторической основой его возникновения считается Индия, так как его происхождение связано с древним санскритом. Однако в связи с одним моментом, который охватывает основание среднеперсидских легенд, развитие стиля изложении «сказка в сказках» в период Сасанидов было бесподобно. И на примере книги «Тысяча и одна ночь» мы хотим доказать это. Книга «Тысяча и одна ночь», «Тысяча хурофа», или «Тысяча сказок» - одна из первоначально сочинявшихся книг - иранские сказки - имеющие пехлевийскую основу, форма изложения которой является «сказка в сказке». Многие исследователи считают эту книгу потерянной. С помощью исторического обозрения следуя указаниям Ибн Надима в «Ал Фехристе» становится понятно, что эта книга, содержавщая тысячу ночей и имеющая менее чем двести сказок, и про ее переводчика ничего не сказано. Впрочем, Абулькасым Абдулазиз Багдади Нахви, который жил в IX веке, ранее Ибн Надима, считает книгу «Тысяча сказок» одной из переведенных книг Ибн Мукаффа'. Таким образом, можно сказать, что еще до завоевания арабов эта книга существовала. После известный арабский писатель Джахшияри в X веке с намерением собрать тысячу сказок из арабских, иранских и римских сказок собирает лишь 480 сказок. Также составление сказок продолжалось и после Джахшияри известными арабскими писателями. «Тысяча и одна ночь» считается результатом их труда, и своими многочисленными переводами получила мировую известность.

Ключевые слова: стиль, изложения, сказка в сказках, Тысяча и одна ночь, среднеперсидская легенда.

STYLE OF A STATEMENT THE FAIRY TALE IN FAIRY TALES IN LITERARY PARABLES

(on an example "Thousand and one night")

In it to article style of a statement the fairy tale in fairy tales in east literature is considered. This style of a statement has unshakable traditions and the long past in medieval to literature. Historical a basis emergence India as her origins proceeded from classic sanskrity language is considered its. However in connection with one subtle aspect which covers the basis srednepersidsky legends style development a statement the fairy tale in fairy tales during the period Sasanidov was matchless. And on an example we want to prove the book "Thousand and One Nights" it. The book "one Thousand and one Nights", "juropa Thousand" or "Thousand tales", from the original books socialwise Iranian tales, the existing Pahlavi Foundation, which form the narrative essay is a tale within a tale. Many researchers consider this book lost. With a historical review of this work, therefore, Ibn Nadim's instructions in "al-Fehrist" to assume that this book contained thousands of nights and available less than two hundred tales and about her translator did not bring anything. however, Abulkasim Abdulaziz Baghdadi nahvi, who lived in the IX century, earlier Ibn Nadim, said the book "Thousands of tales" from translated books Ibn Mukaffa'. Thus, we can say that before the conquest of the Arabs, this book existed. After known Arab writer Jahshiari in the X century with the intention to gather thousands of fairy tales from the Arab, Iranian and Roman tales sobiraet lisch 480 tales. Also a compilation of tales continued after Jahshiari snatem Arab writers. "Thousand and one nights" is considered to be the result of their work, which numerous translations have gained world-wide fame.

Key words: style, statements, the fairy tale in fairy tales, Thousand and one night, srednepersidsky, a legend.

Сведения об авторе: ***Нозимова Гулрухсор Саидисломовна*** - Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры история таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17. E-mail: **Gulrukhsor_78@list.ru**

Information about the author: ***Nozimova Gulrukhsor Saidislomovna*** - Tajik national university, candidate philology of science, lecturer department tajik literature history. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Ave. 17. E-mail: **Gulrukhsor_78@list.ru**

УДК: 891.550-1:82

ТАҲАВВУЛГАРОИҲОИ ГУЛНАЗАР ДАР ЖАНРИ ДУБАЙТӢ

Равшани Ҳамроҳ

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Пас аз ғазалу рубоӣ таҳаввулгароии устод Гулназар дар жанри дубайтӣ сурат гирифтааст. Табьи шоиронаи ӯ ба ин жанрҳо созгор омадааст ва аз ҷавонӣ то имрӯз онҳоро тарк накардааст. Чуноне ки худ ишора мекунад:

“Дубайтӣ, меҳри ту дар магзи дилҳост,

Ба ҳар давру замон қадри ту болост.
Ҷу ширин аст умри кӯтаҳи мо,
Ду байти кӯтаҳи ту ҳам гуворост” [1, с. 493].

Дубайтӣ аз нуқтаи назари қофиябандӣ ба рубоӣ шабоҳат дорад. Ҳам рубоӣ ва ҳам дубайтӣ дар баҳри Ҳазаҷ эҷод мешаванд, аммо шохаҳои онҳо тамоман аз ҳамдигар фарқ мекунанд. “Мисраъҳои дубайтӣ ҳамеша бо мафоӣлун оғоз меёбад, ҳеҷ гоҳ вай бо ҳиҷои дароз сар намешавад. Рубоӣ бошад, баръакс, асло бо ҳиҷои кӯтоҳ оғоз намеёбад” [1, с.162].

Дар адабиёти классикӣ аз тарафи шоирон сурудани дубайтӣ хеле кам ба назар мерасад. Беҳтарин дубайтиҳо ба қалами Бобо Тоҳири Ҳамадонӣ мутааллиқанд. Бисёре аз дубайтиҳои ӯ бо содабаёнӣ ва мусиқии вожаҳову ҳусни отифа миёни мардум забонзад шудаанд.

Метавонем аз ҳофизаи худ даҳҳо дубайтиҳои ӯро ин ҷо иқтибос орам, аммо ҳадафи мо ин нест.

Дар адабиёти нимаи аввали қарни бист машъали дубайтисароиро Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ фурӯзон кард. Ӯ дар дубайтиҳои худ тавонист, ки масоили умдаи фалсафиро низ матраҳ кунад. Қабл аз ӯ дубайтиҳо асосан дар мавзӯи ишқ иҷтимоӣ суруда мешуданд, ки мо чунин таҳаввулгароиро дар дубайтиҳои шоири дигаре сароғ надорем. Иқбол дарунмояи дубайтиро дигаргун карда ва тавонист, ки дар ин зарфи танг ҳунармандона маъниҳои бузургеро бигунҷонад. Кори дигаре, ки ӯ кард, навоварӣ дар сохти қофиябандии дубайтӣ буд. Тибқи анъана тарзи қофиябандии дубайтӣ чун рубоӣ а а б а (рубоии хасӣ) ва а а а а (рубоии тарона) буд. Аммо Иқбол ин қолабро шикаста қофиябандии дубайтиро дар чунин шакл тағйир дод: а б в б. Чӣ зарурат пеш омад, ки Иқбол ин қолабро шикаст? Албатта, зарурати озодонатар ифода намудани муҳтаво. Зеро Иқбол намехост, ки мазмунро ба хотири шакли суннатӣ қурбон кунад. Силсилаи дубайтиҳояш дар “Лолаи Тур” ва “Армуғони Ҳиҷоз” фароҳам омадаанд. Мисоле аз дубайтиҳои дар шакли анъанавӣ сурудаи ӯ:

Қабои зиндагонӣ чок то кай?
Ҷу мӯрон ошён дар хок то кай?
Ба парвоз ову шоҳинӣ биёмӯз,
Талоши дона дар хошок то кай? [2, с. 173].

Намунае аз дубайтиҳои шаклан таҳаввулпазируфтаи Иқбол:

Саҳар мегуфт булбул боғбонро:
“Дар ин гил ҷуз ниҳоли ғам нагирад,
Ба пирӣ мерасад хори биёбон,
Вале гул чун ҷавон гардад, бимирад” [2, с. 145].

Дар эҷодиёти шоирони солҳои 1930-1960-и тоҷик жанри дубайтӣ хеле кам ба назар мерасад. Дар он айём танҳо Абулқосим Лоҳутӣ ба миқдори на чандон зиёд дубайтиҳои ҷолиб сурудааст, ки аксари онҳо ғиноиянд. Бо вазни дубайтӣ (мафоӣлун/мафоӣлун/фаӯлун) шеърҳои алоҳида эҷод шуда буданд, аммо ин жанр дар зоти худ зери чангу ғубори фаромӯшӣ мехобид. Шоири зиндаёд Лоиқ Шералӣ солҳои 70-ум зимоми онро ба даст гирифта, ба ин пири ба назъи ҷон афтода умри дубора бахшид. Дар ин бора Гулназар аз сари инсоф чунин навиштааст: “Ҳарчи ҳам бошад, Лоиқ бо нируи табъи офаранда, лутфи сухан ва илҳоми саршораш чароғи дудзадаи рубоиву дубайтиро аз нав мунаввар сохт ва роҳи ошиқони ин ду навъи адабиро равшан гардонд” [3, с. 52].

Баъд аз Лоиқ дубайтиву рубоисароӣ ба ҳукми анъана даромад. Пайравони Лоиқ ба хулоса омаданд, ки дар қолаби ин анвои адабӣ метавон ҳама гуна дарду армонҳо ва ҳиссиёту тафаккури шоиронаро баён намуд. Шоирони зиёде дубайтиву рубоӣ гуфтаанд, аҳёнан муваффақ ҳам шудаанд, аммо дарди умумигӯӣ дар ин анвои адабӣ мисли ғазал ба домани андешаҳои онҳо сахт часпид ва имрӯз низ домани андешаҳояшонро ба осонӣ сар намедиҳад.

Соли 1978 маҷмӯаи дубайтиҳои устод Лоиқ “Резаборон” ба нашр расид ва сафи ҳаводорони ин навъи адабӣ хеле афзуд. Вазни сабук ва равони дубайтӣ баъзе шоиронро ба гуфтани шеърҳои яклухт низ такон дод, ки бо ҳамин вазн эҷод шудаанд. Шеъри “Деҳқон”-и Бозор Собир аз ҳамин гуна ашъор аст. Лоиқ баъдан “Давоми “Резаборон”-и худро эҷод кард.

Гулназар ҳам чун Лоиқ дар сурудани дубайтӣ сермаҳсул аст. Дар китобҳои ӯ “Табхола” (1992) ва “Шакарнам” (2006) дубайтиҳои дар солҳои гуногун эҷодкардааш фароҳам омадаанд. Доктор Алиасғари Шеърдӯст дар ин бора чунин ибрози андеша намудааст: “Худи Гулназар дар роҳи тавсеаи доираи корбурди дубайтӣ дар шеъри имрӯзи Тоҷикистон гомҳои асосӣ бардоштааст” [6, с. 159].

Дубайтиҳои Гулназар аз ҳар лиҳоз аз дубайтиҳои Бобо Тоҳири Ҳамадониву Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ ва Абулқосим Лоҳутиву Лоиқ Шералӣ мутафовитанд. Агар онҳоро паҳлуи ҳам гузоред, ба ҳамдигар омезиш намеёбанд. Дубайтиҳои Бобо Тоҳир бо рӯҳи орифонаву ошиқонаи қарнҳои миёна ва гоҳо бо лаҳҷаю шеваи хосси мардуми қаламрави ӯ эҷод шудаанд, ки аз ҳофизаи худ намуна меорам:

Касе, ки ошиқ аст, аз ҷон натарсад,
Зи банди кундаву зиндон натарсад.
Дили ошиқ мисоли гурги гушна,
Ки гург аз ҳай-ҳайи чӯпон натарсад.

Ё ин ки:

Та, ки нӯшам наӣ, нешам чироӣ?
Та, ки ёрам наӣ, пешам чироӣ?
Та, ки марҳам наӣ реши диламро,
Намакпоши дили решам чироӣ?

Дубайтиҳои сурудаи Муҳаммад Иқбол бештар тобишҳои фалсафию иҷтимоӣ доранд:

Худо он миллатеро сарварӣ дод,
Ки тақдираш ба дасти хеш бинвишт.
Ба он миллат сарукоре надорад,
Ки деҳқонаш барои дигарон кишт.

Дубайтиҳои Иқбол фарогири рӯҳияи ибтидои қарни бист аст. Дар онҳо масоили бархӯрди фарҳангҳо ва зиддиятҳои иҷтимоӣ бештар матраҳ шудаанд. Дубайтиҳои дар солҳои сиюм сурудаи Лоҳутӣ нисбатан нафистару латифтаранд ва мавзӯи аксари онҳо ишқи заминӣ буда, ба дубайтиҳои мардумӣ бештар шабеҳанд. Ӯ силсилаи дубайтиҳои худро “Дилнома” номидааст:

Магар шеру паланги, эй дил, эй дил!
Ба мо доим ба ҷангӣ, эй дил эй дил!
Агар дастам расад, хунат бирезам,
Бубинам, то чӣ рангӣ, эй дил, эй дил.

Дубайтиҳои Лоиқ ва Гулназар аз ҷиҳати фарогирии мавзӯъҳо бо ҳам қаробат доранд, аммо бо тарзи ифода ва услуби баёну корбурди имкониятҳои забон аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Масалан, дар мавзӯи модар. Аз Лоиқ:

Сафои бомдоди ман ту будӣ,
Сириштии ман, ниҳоди ман ту будӣ.
Аё модар, ба он сон бесаводӣ
Нахустин устоди ман ту будӣ.

Аз Гулназар:

Аё модар, чу ҳастӣ маҳрами дил,
Шунав афсонаи бешу ками дил.
Дами марги ту будам тифли бегам,
Кунун бо гӯри ту гӯям гами дил.

Лоиқ дубайтии худро замоне сурудааст, ки модараш дар қайди ҳаёт будааст, аммо дубайтии Гулназар пас аз вафоти модараш эҷод шудааст. Лоиқ модарашро чун устоди нахустинаш эътироф мекунад, аммо Гулназар рӯҳи модарро маҳрами дил медонад. Шабоҳати мавзӯъҳо дар эҷодиёти шоирон нуқсе надорад, чунки онҳо ҳамзамону ҳамватан ҳастанд. Ҳунари ин шоирон дар он ифода меёбад, ки ҳар яке мавзӯи матраҳшударо ба тавру услуби ба худ хос ҳаллу фасл кардааст.

Дар китоби дубайтиҳои Гулназар “Шакарнам” 388 дубайтӣ фароҳам омадааст, ки онҳо дар китоби “Табхола” низ нашр шуда буданд. Аз ин рӯ, баррасии мо дар асоси китоби “Шакарнам” сурат хоҳад гирифт. Маҷмӯа бо чунин сарахбор оғоз меёбад: “Гулназар Шоирест, ки рӯҳи офтобии шеъраш ба дили инсонҳо саодату рӯшанӣ мебахшад” (Ҳ. Шаҳристонӣ). Ва нахустин дубайтии маҷмӯа ин аст:

Деҳи ман, олами деринаи ман,
Бувад меҳрат ба дил ганҷинаи ман.
Ҷу боми ту ҳама шиферпӯш аст,
Бирӯяд лолаҳот аз синаи ман [4, с. 3].

Тавре ки дар боло қайд намуда будем, тавсифи деҳ аз ҷониби Гулназар ҳанӯз соли 1963 сурат гирифта буд. Ӯ зодгоҳашро чун лаълии пур аз шаҳду шакари кафи кӯҳ тасвир карда буд. Аммо пас аз солиёни зиёде боз ба ин мавзӯъ руҷӯъ кардани шоир аҷиб аст. Тасвири аввалаи деҳ бо вуҷуди зебоӣ содагӣ дошт ва ба балоғат нарасида буд. Балоғати тасвир дар ин дубайтӣ, пеш аз ҳама, ба тавассути корбурди ғановати забон сурат гирифтааст. Шоир вожаи шиферпӯшро вориди дубайтӣ намудааст. Ин калимаи

мураккабро, ки дар он вожаи иқтибосии шифер ва калимаи тоҷикии пӯш тазвиҷ шудаанд, пеш аз ӯ касе дар шеър истифода набурдааст. Аввалаш ин ки ин вожа дар забони мо муродиф надорад, дигараш ин ки чунин вожаҳо ҳақ доранд вориди шеър шаванд.

Ин калима дар дубайтии мазкур шинам афтодааст. Дар ин дубайтӣ ду мавзӯъ паҳлуи ҳам омадаанд: ёди деҳи замони кӯдакӣ ва вазъи имрӯзаи ин русто. Дар замони кӯдакии шоир ҳама бомҳои деҳа лойпӯш буданд ва баҳорон дар рӯйи ин бомҳо лола мерӯид ва имрӯз дар натиҷаи тараққиёт онҳо ҳама шиферпӯш шудаанду акнун лолаҳо дар синаи шоир мерӯянд. Ин лолаҳо рамзи армону насталжии шоиранд, ки бо роҳи баёни интизоӣ ифода ёфтаанд. Агар ба дубайтиҳо ва умуман, ба ашъори Гулназар мутаваҷҷеҳ шавед, дармеёбед, ки шоир аз миёни ҳама гулҳо ба лола таваҷҷуҳи хос дорад ва ин гул бештар ба тариқи мармуз тасвир мешавад. Масалан, шеъри “Маҳи шомхӯрда” бо чунин байтҳо оғоз меёбад:

Эй хазон, рав, ки гули лола шукуфт,
Боғи пажмурдаи садсола шукуфт…

Инчунин, устод китоберо таҳти унвони “Лолаҳо дар ёлаҳо” (2017) ба нашр расонидааст, ки дар он шеърҳои хурди ӯ фароҳам омадаанд. Лола аз фарти тасвир ва вусъати фарогирии аҳдофи отифии шоир ба намоди алоҳидаи вай табдил ёфтааст. Дар Эрон намоди лола рамзи шаҳодат буда, чунин тобиши намодии он гоҳо дар ашъори Гулназар низ ба мушоҳида мерасад.

Метавон дубайтиҳои Гулназарро аз рӯйи фарогирии мавзӯъ ба чор гурӯҳ тақсимбандӣ кард: а) дубайтиҳои ошиқона; б) дубайтиҳои иҷтимоӣ; в) дубайтиҳои фалсафӣ; г) дубайтиҳои пандомӯз. Чун дубайтӣ навъи латифи лирикист, табиист, ки нуфузи дубайтиҳои ошиқонаи Гулназар нисбат ба дубайтиҳои иҷтимоиву фалсафӣ ва пандомӯзи ӯ бештар аст. Мисолҳо:

Дубайтии ошиқона:

Дилам аз сӯзи ишқат бехабар не,
Ҷу ошиқ оҳи ман ҳам беасар не.
Мапиндорӣ, ки ҳарҷоист меҳрам,
Зи Дардар ҳастам, аммо дар ба дар не [4, с. 7].

Дубайтии иҷтимоӣ:

Зани мо қаҳрамону номдор аст,
Ки тифлаш дар канораш бешумор аст.
Диёри кӯчаки мо сад ҷаҳон аст,
Ки дар ҳар хонае як гоҳвор аст [4, с. 42].

Дубайтии фалсафӣ:

Гаҳе дар сулҳу гаҳ дар ҷанг ҳастем,
Гаҳе осуда, гаҳ дилтанг ҳастем.
Барои зиндагӣ мо мухталифем,
Вале пеши аҷал якранг ҳастем [4, с. 52].

Дубайтии пандомӯз:

Бихоҳам осмон монад ба одам,
Замини гулфишон монад ба одам.
Бихоҳам аз ҳама тиру камонҳо
Фақат тирукамон монад ба одам [4, с. 19].

Муҳаққиқи эронӣ Зиё Муваҳҳид андеша дорад, ки: “Барои баррасии осори як ҳунарманд бояд аз ҷаҳони зисти ӯ ҳам иттилоъ дошта бошед” [5, с. 23]. Воқеан, деҳаи Дардар дар ноҳияи Айнӣ яке аз қадимтарин деҳаҳост, аммо аз ҷиҳати масофат хеле танг буда, ҳавлиҳову хонаҳои бошандагонаш дар ба дари ҳамдигар ҷойгиранд. Ин русто зодгоҳи Гулназар аст. Ӯ дар шеъри ғиноӣ ҳам аз деҳаи худ ёд мекунад, пойдорӣ ва устувории худро дар меҳру муҳаббат таъкид менамояд. Як сатри охир “Зи Дардар ҳастам, аммо дар ба дар не” аз мусиқии ҳамсадои “р” ва вожаҳои ҳамгуни “Дардар ” ва “дар ба дар” таркиб ёфта, ин ҷо эҳсоси отифӣ бо мусиқӣ гиреҳ хӯрдааст. Зани тоҷик хушбахтии иҷтимоии худро дар серфарзандӣ медид ва имрӯз низ ин ақидаи ӯ дар фаъолияти репродуктивиаш барои идомаи наслҳо дигаргун нашудааст. Худованд аз рӯзи азал дунёро дар асоси муборизаи ба ҳам зидҳо офаридааст, ки ин падида дар дубайтии Гулназар бо тазодҳои “сулҳу ҷанг”, “осудаву дилтанг” ва зиндагиву аҷал ифода ёфтааст.

Шоир дар дубайтиҳои пандомӯзи хеш насиҳатгари иҷборӣ нест ва насиҳатҳои худро зӯран ба гардани хонанда бор намекунад. Армонҳои банӣ башарро бо пероҳани бадеият зебу оро медиҳад, хоҳиши ӯ хоҳиши ҳама мардумони сулҳпарвари олам аст. Гулназар дар ин гуна ашъор аз олами ботинии худ ба дунёи ботинии банӣ башар сафар мекунад. Вожаи

“тирукамон” бо ибораи “тиру камон” муқобил гузошта шуда, ба ривоҷи шеърияти дубайтӣ мусоидат кардааст ва онро аз қайди шиорзадагӣ раҳо намудааст.

Агар аз муҳтавои ҳамин чор дубайтии иқтибосшуда хулоса барорем, чунин натиҷа ҳосил мешавад, ки дар фалсафа ба ҳамон миқдор шеърият мавҷуд аст, ки дар шеър фалсафа. Шарт нест, ки шоир барои ифодаи мазмини фалсафӣ танҳо аз истилоҳоти фалсафӣ суд ҷӯяд. Муҳим он аст, ки худи дарунмоя ва муҳтавои шеър дар зоти худ фалсафа дошта бошад. Эҳсосу отифа чун бародарони тавъам дар дубайтиҳои шоир паҳлуи ҳам омада, онҳоро ба асарҳои ҳунарӣ табдил додаанд. Афлотун суханро мавҷуди зинда медонист, ки ҳар аҷзо монанди андомҳо ба ҳам алоқаманданд. Дар дубайтиҳои Гулназар ҳамин вижагиҳо ба назар мерасанд ва мусиқӣ чун ғизои рӯҳ хизмат карда, вожаҳоро ба ҳаракати муназзам медарорад. Баъзан вожаҳо бо садои ҳамин мусиқӣ ба “рақс” медароянд, ки яке аз беҳтарин ҳунарҳои шоирӣ ҳамин аст:

Аҷаб дунё, аҷаб савдо, аҷаб дил,
Аҷаб соҳил, аҷаб дарё, аҷаб дил.
Бишуд шеърам туро ҳамрозу ман не,
Аҷаб дафтар, аҷаб иншо, аҷаб дил [4, с. 40].

Дар як дубайтӣ нуҳ маротиба омадани вожаи “аҷаб” ва калимаҳои ҳамовои “дунё”, “савдо”, “дарё”, “иншо”, “соҳил”, “дил” оҳанги мусиқии онро хеле гӯшнавозу шуниданӣ кардаанд.

Гулназар дар мавзӯи анъанавии “Ватан” навовариҳои қобили таваҷҷуҳ дорад, ки ин падида дар дубайтиҳояш низ ба мушоҳида мерасад. Ӯ нақши Ватанро дар гуфтору кирдору хурсандиву ғами шаҳрвандон эҳсос менамояд. Дубайтии зерин оҳанге дорад мутантан:

Ватан дар гуфтаву дар кардаи мост,
Ватан дар рафтаву овардаи мост.
Ватан дар хандаҳои бегами мо,
Ватан дар синаи афсурдаи мост [4, с. 52].

Шеърият ва ҳунари шоирӣ асосан дар мисраъҳои сеюму чорум мунъакис мегардад, зеро табиати жанри дубайтӣ ҳамин аст. Одатан Гулназар дар байти аввали дубайтӣ масъалаеро матраҳ мекунад ва дар байти дуюм аз он хулоса мебарорад. Хулосаҳояш натанҳо мантиқианд, зиёда аз он шоиронаанд. Масалан, дар дубайтии зерин муболиға бо хаёли шоирона гирех хӯрдааст:

Диёри Рӯдакии покгавҳар
Кӯҳистон асту сангистон саросар.
Ҳама гӯё бувад санги ҳасудон,
Ки афкананд ӯро аз паси сар [4, с. 86].

Тавре ки аён аст, дар мисраъҳои якуму дуюм шеърият нест, ҷавҳари шеър дар мисраъҳои сеюму чорум аст.

Вазифаи шеър бо талқини зебоӣ, бозгӯи ҳаводиси таърихӣ, вазъи замон, баёни эҳсосу отифаи шоир … ҳаср намешавад. Ашъоре, ки ҷанбаи маърифатӣ доранд, кам нестанд. Боре Карл Маркс дар як номаи худ ба Фридрих Энгелс навишта буд, ки ман аз осори Балзак он қадар маълумоти иқтисодӣ ба даст овардаам, ки ин қадар маълумотро аз ҳисоботи ягон иқтисоддон ва оморшинос ба даст наовардаам.

Гулназар шоирест, ки ба ҷанбаи маърифатии ашъораш, минҷумла, дубайтиҳояш эътибори махсус медиҳад, ки ин гуна дубайтиҳо ҳосили дониши жарф ва вусъати ҷахонбинии шоиранд. Масалан, дар дубайтии зерин хонанда аз нақли шоир дармеёбад, ки наттоқ ва ровии нотакрори тоҷик - зиндаёд Маҳмуди Воҳид дар шаҳри Бағдод гирифтори марги фоҷиавӣ шудааст:

Ҷу бар ёдам расад, оям ба фарёд,
Шарори дигарам афтад ба бунёд:
Душанбе тоби марги ӯ надорад,
Равад Маҳмуди Воҳид сӯйи Бағдод [4, с. 37].

Агар дубайтии дигареро хонед, ба ёди шумо мактаби куҳнаи пншазинқилобӣ мерасад, ки дар повести ҳамноми устод Садриддин Айнӣ инъикос ёфтааст. Шогирдони чунин мактабҳо аз сабаби набудани коғазу дафтар тахтачаҳоро истифода мебурданд ва хатҳои арабиро дар рӯйи онҳо машқ мекарданд ва ҳамин ки тахтача пур шуд, навиштаҳоро бо кордча тарошида аз нав пур мекарданд:

Агар бошӣ маро ёри вафодор,
Ба ҳарфе носазо ҷонам маёзор.
Дили ман тахтаи машқат набуда,
Ки покаш карда бинвисӣ дигар бор [4, с. 98].

Гулназар зимни корбурди санъати талмеҳ аз нахустин кайҳоннаварди шӯравӣ Юрий Гагарин ва олими ситорашинос Ҷордано Бруно, ки ӯро хурофотпарастон сӯзонда буданд, ёд мекунад:

Ба чашмам Каҳкашон роҳи ҳавасҳост,
Рамузи ҳар талошу кӯшиши мост,
Ки он ҷо нақши поҳои Гагарин
Ва ё хокистари поки Бруност.

Хонанда аз баъзе шеърҳои шоир маълумоти этнографӣ ба даст меорад. Достони ӯ "Пайи дарё" саршори чунин маълумот аст. Ҷанбаи этнографӣ дар баъзе дубайтиҳои Гулназар низ ба назар мерасад. Аз замонҳои қадим инҷониб занони тоҷик ба рӯйи нон мухпар мезананд, ки аз ин анъана Гулназар хулосаи шоирона баровардааст:

Даме ки хома бар дафтар занам ман,
Рақам аз заҳмати модар занам ман.
Ба рӯйи нон бизад мухпар ба уммед,
Ки монанди уқобон пар занам ман [4, с. 99].

Хулоса, дубайтиҳои Гулназар аз хонданитарин ашъори адабиёти муосиранд. Онҳо бо равонӣ, омезиши эҳсосу отифа, тафаккуру нигоҳи шоирона, корбурди санъатҳои бадеӣ, тасвирҳои тоза, маълумоти таърихию этнографӣ, ифтихори милливу ҳисси ватандӯстӣ, дарки масъулияти эҷодӣ зуд ба дили хонанда роҳ меёбанд. Бидуни иштибоҳ, бо таҳаввулоти дарунмояи худ онҳо аз дастовардҳои эҷодии шоиранд. Хонандаро ба мукаррар мутолиа кардан водор месозанд. Ба қавли Маликушшуаро Баҳор: "Ҳар шеъре, ки шуморо такон надиҳад, ба он гӯш надиҳед. Ҳар шеъре, ки шуморо нахандонад ё ба гиря наандозад, онро дур биандозед" [7, с. 391].

А Д А Б И Ё Т

1. Асозода, Худойназар. Таърихи адабиёти тоҷик (давраи нав). Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2014. -
672 с.
2. Аллома Муҳаммад Иқбол. Куллиёти форсӣ: Анҷумани Иқбол. Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (бидуни таърих). - 509 с.
3. Гулназар. Лоиқе чун Лоиқе. – Душанбе: Сурушан, 2000.- 82 с.
4. Гулназар. Шакарнам. – Хуҷанд: Ношир, 2006.- 100 с.
5. Муваҳҳид, Зиё. Дирӯз ва имрӯзи шеъри форсӣ. -Теҳрон: Интишороти Ҳермиз. Чопи саввум, 1394. -288 с.
6. Шеърдӯст, Алиасғар. Чашмандози шеъри имрӯзи тоҷик. -Душанбе: Адиб, 1977. -272 с.
7. Шафеии Кадканӣ, Муҳаммадризо. Бо чароғ ва оина. -Теҳрон: Сухан, 1390.- 768 с.

ТАҲАВВУЛГАРОИҲОИ ГУЛНАЗАР ДАР ДУБАЙТӢ

Жанри дубайтӣ аз анвои қадимаи шеъри форсӣ- тоҷикӣ буда, ҳам дар адабиёти хаттӣ ва ҳам дар адабиёти шифоҳӣ мақоми хос дорад. Дар ин мақола сухан дар бораи нақш ва иқдоми Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, муаллифи Суруди миллӣ Гулназар Келдӣ доир ба таҳаввули жанри дубайтӣ меравад. Муаллифи мақола пас аз додани маълумоти мухтасар дар бораи хусусиятҳои фарқкунандаи дубайтӣ аз рубоӣ роҷеъ ба сайри таърихии он ҳарф зада, мақоми вайро чун жанри мустақили ғиноӣ ёдовар шуда, нақши онро дар адабиёт иброз доштааст. Инчунин, муқоисаи дубайтиҳои Гулназар бо шоирони дигари дубайтисаро Бобо Тоҳири Ҳамадонӣ, Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ, Абулқосим Лоҳутӣ ва Лоиқ Шералӣ сурат гирифта, хусусиятҳои фарқкунандаи он аз дубайтиҳои дигарон зимни баррасии ҳунари шоиронааш собит шудааст. Арзиши дигари илмии ин мақола дар он аст, ки муаллиф дубайтиҳои Гулназарро аз ҷиҳати фарогирии мавзӯъ ва мундариҷа ба гурӯҳҳо тақсимбандӣ намуда, аз ҳар кадоми онҳо мисолҳо овардааст. Муаллиф барои тақвияти фикру андешаи худ аз мақолоти муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ иқтибос овардааст. Зиёда аз ин, ҳунари шоиронаи Гулназарро дар корбурди санъатҳои бадеӣ ва аносири забон собит намуда, мусиқии дубайтиҳоро рӯнамо кардааст ва исбот кардааст, ки устод Гулназар дар қолаби жанри суннатии дубайтӣ рӯҳи тоза дамида, дар ин навъи ғиноӣ таҳаввулоте доир намудааст.

Калидвожаҳо: дубайтӣ, қофия, радиф, вазн, баҳр, мавзӯъ, анъана, навоварӣ, муқоиса, тарзи баён ва ифода, нигоҳи хосси шоирона, монандиву фарқият, таҳаввулгароӣ.

НОВОВВЕДЕНИЯ ГУЛНАЗАРА В ДУБАЙТИ

Дубайти является древнейшим жанром таджикско-персидской литературы и имеет особый статус как в устной, так и в письменной литературе. В этой статье речь идет о роли Народного поэта Таджикистана, автора Национального гимна Республики Таджикистан Гулназара Келди нововведений в жанре дубайти. Автор статьи коротко рассказывает о статусе дубайти в литературе. В статье автор сравнивает дубайти Гулназара с дубайти других поэтов и указывает на отличительные черты его дубайти при анализе мастерства поэта. Также он проводит сравнение дубайти Гулназара с дубайти других мастеров жанра дубайти, таких как Бобо Тохир Хамадони, Мухаммад Икбол Лохури, Абулькасым Лохути и Лоик Шерали и дает оценку отличительным особенностям дубайти Гулназара. Другое важное значение данной работы заключается в том, что автор классифицирует дубайти Гулназара по темам и содержанию и приводит примеры. Автор для подтверждения своих доводов цитирует отечественных и зарубежных авторов. Помимо этого, автор оценивая поэтическое мастерство Гулназара в использовании художественных жанров и языковых факторов, приходит к заключению, что Гулназар произвел нововведения в жанре дубайти.

Ключевые слова: дубайти, рифмы, тема, традиция, нововведение, сравнение, метод выражения, поэтический стиль, сходство и различие.

THE INNOVATION OF GULNAZAR IN DOBAITI

Dobaiti is the oldest genre of Tajik-Persian literature and has a special status in both oral and written literature. This article deals with the role and initiative of the People's Poet of Tajikistan, the author of the National Anthem of the Republic of Tajikistan, Gulnazar Keldi, in innovation in the dobaiti genre. The author of the article briefly describes the status of dobaiti in literature. In the article, the author compares Gulnazar's dobaities with those of other poets and points out the distinctive features of his dobaiti when analyzing the poet's skills. They also compared Gulnazar's dobaiti with dobaiti by other masters of the dobaiti genre, such as Bobo Tohir Hamadoni, Muhammad Ikbol Lohuri, Abulkasim Lohuti and Loik Sherali and gave an assessment of the distinctive features of Gulnazar dobaiti. Another importance of this work is that the author classifies the Gulnazar dobaiti by topic and content and gives examples. The author cites domestic and foreign authors to confirm his arguments. In addition, the author, evaluating the poetic mastery in the use of artistic genres and language factors, concludes that Gulnazar made an innovation in the genre of dobaiti.

Key words: dubaiti, rhymes, theme, tradition, innovation, comparison, method of expression, poetic style, similarity and difference.

Сведения об авторе: ***Равшани Хамрох*** – Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни, старший преподаватель кафедры таджикский язык и литературы. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 121. E-mail: **ravshan60@mail.ru.** Тел.: **(+992) 927-69-20-17**

Information about the author: ***Ravshani Hamrokh*** - Tajik State Pedagogical University named after S.Aini, Senior Lecturer Tajik Language and Literature. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 121.
E-mail: **ravshan60@mail.ru.** Tel.: **(+992) 927-69-20-17**

УДК: 398.8

МАҚОМИ ТОҶИК (ШАШМАҚОМ)

Азизӣ Ф.А.
Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т.Сатторов

Шашмақом – намунаи олии мусиқии классикии тоҷик аст. Дар Шашмақом тафаккури мусиқӣ-адабии мардуми тоҷик тавъаму батанзиму хушоҳангона зоҳир гардидааст. Дар байни хелҳои дигари мақомоти Шарқ ҳам маҳз Шашмақом тавонистааст чунин тавъамӣ ва ҳамҷояшавиро дар як падидаи бузург ҷо намояд.

Бидуни шак яке аз маншаъҳои моҳиятан олии он **назми классикии тоҷикон** аст. Он на танҳо бо жанру шаклҳои хеш, балки бо суннатҳои шеърхонӣ, ҳифз ва рушди забони ноби тоҷикӣ, асоси системавии шеърии хеш – системаи арӯз, волоияти бадеии мазмун, услуби баён, асоси фалсафӣ барин хусусиятҳои шеъри тоҷикӣ барои пайдошавии мусиқии волои ин миллат замина гузоштааст. Манбаи дигари на камтар аз ин муҳим, фаҳмишу таҷрибаи чандинасраи мақомбандӣ, лаҳнофарӣ дар **санъати бузурги навозандагиву сарояндагӣ** ва **илми мусиқии тоҷикон** аст. **Сеюмин** он аст, ки барои ба чунин волоият соҳиб гардидани тоҷикон, дар фарҳанги ин миллат мебояд равияҳову шохаҳои зиёде, ки садсолаҳо дар маҳалҳои гуногуни тоҷикон густариш ёфтаанд, вуҷуд медоштанд, то ки ба чунин ҳамҷояшавии ду шохаи маънавиёти тоҷик – адабиёт ва мусиқӣ – дар Шашмақом мусоидат менамуданд. Ҳамин тавр ҳам шуд.

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи омили сеюм меравад. Имрӯз, дар замони соҳибистиқлолии давлатии Тоҷикистон, ватани азизамон, сиёсати фарҳангии давлатӣ ба худшиносӣ равона гардида, ба омӯзиши воқеии мусиқии суннатӣ овард. Ба шарофати ин, имрӯз метавон хусусиятҳои амиқи мусиқии тоҷикро мушоҳида намуд, суннатҳои асили онро омӯхт ва рӯйи чоп овард. Инак, чиро метавон иброз намуд? Мусиқии суннатии тоҷик аз ҷиҳати зуҳуроти маҳаллӣ хеле серранг аст. Ин серрангӣ мантиқан дар мақомоти тоҷик низ мунъакис ёфтааст. Ва мо, тоҷикон ин серрангиро на ҳамчун камбудӣ, балки ҳамчун бурди фарҳангӣ қабул бикунем. Аз ин нуқтаи назар қабл аз ҳама, заминаи таърихӣ ва сониян, моҳияти мусиқии суннатии тоҷикро бояд дуруст муайян бикунем.

Таърихан мусиқии суннатии тоҷик дар давраҳои тоисломӣ ба сатҳи касбӣ ноил гардидааст. Одатан намунаҳои аввалини онро ба Борбад (а.VI-VII) мансуб медонанд [5; 6]. Маҳз дар замони Борбад (а.VI-VII) ташаккули жанрҳои нахустини мусиқии дунявӣ ба амал омад. Фаъолияти навозандагӣ, мураттабсозии системаи нахустини мусиқии касбӣ

Ҳафтпарда, асарҳои силсилавии «Хусравониёт» – нахустжанри мусиқии касбӣ, хусравонӣ – услуби навозандагии касбӣ – ҳама ин дастовардҳои Борбад буд* [10,с.10] .

Бинобар ин, ӯро асосгузори мусиқии касбии мардуми тоҷик, умуман Шарқ, меноманд† [5]. Тавре ки муҳаққиқи мусиқии мардуми форсизабон А.Кристенсен қайд намудааст, Борбад «.. ба мусиқии Сосониён саҳми бузургтаринро гузоштааст. Ин мусиқӣ дар навбати худ заминаи асосии мусиқии форсу араби давраи исломӣ гашта, эҳтимол то давраи муосир унсурҳои хешро боқӣ гузоштааст» [7]. Маълум аст, ки системае, ки Борбад мураттаб гардонид, системаи Ҳафтпарда дар даврaҳои сонӣ ҳамчун нахустин системаи мақомот қабул гардид. Ин нуқтаи назарро на танҳо дар давраи муосир, балки ҳанӯз дар давраи асримиёнагӣ муаллифони рисолаҳои мусиқӣ меоварданд [1, с. 340-344; 4, с.47; 8, с.98]. Маҳз дар замони Борбад дар заминаи фарҳангҳои мусиқии мардуми форсизабон тақсимшавии мусиқии динӣ ва дунявӣ ба амал омад. Ин ҷараён ба рушди мусиқии созии он давра хеле мусоидат менамояд. Парастиши мусиқии созӣ чунин сурат мегирифт, ки овози инсон ҳам ҳамчун яке аз «созҳои мусиқӣ» истифода бурда мешуд. Яке аз жанрҳои сирф мусиқии он замон равошин маҳсуб меёфт, ки он мушобеҳ ба вокализи мусиқии классикии Ғарб аст‡[3, с. 153-157]. Хусусияти дигари равошин дар он буд, ки он ба сохтори «Хусравониёт» истифода мешуд. Чунин қисми таркибӣ имрӯз ҳам дар созтори Шашмақом ва ҳам Фалаки Роғӣ ва Фалак-Мадҳияи мусиқии классикӣ ва касбии суннатии тоҷик ҷо дорад.

Дар асрҳои миёна зимни фарҳанги давраи исломӣ жанрҳои сершуморе бештар бар назми классикии форсу тоҷик, хусусан бо такя ба жанрҳои рубоӣ ва ғазал, пайдо шуданд. Албатта, омили асосӣ рушду ривоҷи беҳамтои назми классикии форсу тоҷик аст. Лек, фарзияи дигаре ҳам ба манзури мо равост. Дар ибтидои давраи исломӣ иҷозати истифодаи «мусиқӣ» танҳо дар гуфтани азон ва қироати Қуръон раво буд. Дар ин вазъ яке аз манбаъҳое, ки метавонист ба мусиқӣ расмиятро баргардонад, аввалан, илми мусиқӣ ва дуюмин, гунаҳои шеърхонӣ буд. Аз таърих равшан аён мегардад, ки маҳз ин сарчашмаро шоирону ровиён бо такя бар суннатҳои фарҳангии Сомониён тавонистанд ба хубӣ истифода баранд. Маҳз базмҳои дарбории ин сулолаи фарҳангпараст бе осеби қоидаҳои шариат ва бо муросоии сиёсӣ бо хилофот тавонист ба истифодаи васеи мусиқӣ иҷозати расмӣ бигирад. Он суннатҳои мусиқиеро, ки дар давраи тоисломӣ Борбад ва ҳамзамонони ӯ пуравҷ гардонида буданд, дар давраи Сомониён, масалан, бо эҷодиёти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, бо назм ва таҳкурсии лаҳнии мусиқии таҳҷоӣ ҳамҷоя шуда, мусиқии волои касбиро ба дараҷаи баландтар расонида тавонистанд. Дар ин корнамоии фарҳангиву маънавӣ тоҷикон аз заминаи мусиқии хеш истифода бурда, ҷараёни рушди касбияти мусиқиро устувор гардониданд. Ин буд, ки системаи тоисломии Ҳафтпарда тавассути таҳкурсии илмҳои дақиқ дар охири асри XII дар шакли системаи Дувоздаҳпарда зуҳур гардид. Бесабаб нест, ки аввалин рисолае, ки дар бораи ин система маълумот меоварад, рисолаи устоди одии мактаби мусиқист§. Ва ин устод намекӯшид, ки рисолаи хешро ба заминаи илмҳои дақиқ ва ё дигар талқин намояд. Барои ӯ муҳим буд, ки қоидаҳои ин система дар ҷараёни навозандагӣ риоя шаванд. Ва ӯ рисолаашро барои шогирдони худ таълиф карда буд. Ва ин анъанаи рисоланависии *шарти мутрибӣ* ном гирифт. Аз ин бармеояд, ки чунин фаҳмиш бештар дар амалияи мусиқӣ устувор буд. Олим-мусиқишиноси англис Генри Фармер чунин хусусияти рушди мусиқии осиёимарказиро *назарияи амалия* номидааст [14]. Гузариши ин система аз амалия ба назария дар асри сонӣ – асри XIII ба амал омад. Чунин мушоҳидаҳо ба он меоваранд, ки суннатҳои мусиқии тоисломии тоҷикон дар давраи Сомониёни бузург хеле рушду ривоҷ ёфта, якбора ба шоҳроҳи пайвастагӣ бо назми классикӣ аз як тараф ва бо илми мусиқӣ аз тарафи дигар, баромаданд. Новобаста ба вазъиятҳои мураккаби сиёсии асрҳои минбаъд, чунин пайвастагӣ ба мусиқӣ «имкон надод», ки ба қафо нигарад. Заминаи маънавии мусиқӣ хеле қавӣ буд.

---

* Борбадро "..зодаи Хуросони Шимолӣ, муҳити этнофарҳангие, ки ҳамон замон тоҷикон ташаккул ёфтанд" меҳисобанд.

† Маълум аст, ки нуқтаи охиринро дар ин манзур симпозиуми байналмилалии мусиқишиносӣ бахшида ба 1400-солагии Борбад (1990, ш. Душанбе) гузошт .

‡ Жанри мусиқии овозӣ, ки дар он ҳиҷоҳо ба ҷои сухани манзум истифода мешаванд. Ҷо надоштани матни дорои маънои мушаххас барои истифодаи зебоии овоз ва иҷрои мелизмҳову пассажҳои виртуозӣ имкониятҳои васеъро фароҳам меоварад.

§ «Рисолаи мусиқӣ»-и Муҳаммад Нишопурӣ нахустин бор дар Тоҷикистон аз тарафи Аскаралӣ Раҷабов ва дар Ӯзбекистон аз тарафи А.Джумаев ба илм ворид гардид.

Дар охири давраи асримиёнагӣ пайвастагии мусиқӣ бо назми классикии форсу тоҷик ба дараҷаи тавъамӣ расид. Зикри чунин нукта аз он лиҳоз равост, ки, аллакай, дар асри XVI Наҷмиддини Кавкабӣ бо куллиёту рисолаи мусиқии «Рисола дар баёни Дувоздаҳмақом»-и худ шакли нави талқини ҳамон қоидаҳои амалии мусиқиро пешниҳод намуд [9, с.60-67]. Ва ин шаклро тавассути пайвастагӣ ба назм иҷро намуд: акнун қоидаҳои мусиқии бо шеър навишта шуда, аз ёд кардани ононро барои шогирд осонтар мегардонид. Ин шакли куллиёт ҳам дар мактаби суннатии устод-шогирд ташаккул ёфт.

Дар охири асри XVIII, бо ташаккули Шашмақом, системаи нави мусиқии тоҷик, шакли нави рисолаи илмии мақоми тоҷик дар жанри баёз зуҳур гардид. Ин жанри ибтидоан ифодакунандаи матни шеърии мақомҳо, тадриҷан унвонҳои жанрҳои алоҳидаи мақомҳоро, рафта-рафта номҳои таркиботи мақомро ва билохира, бандҳои оҳангии қисмҳои дохилии мақомро ба худ ворид кард. Муфассалтарин баёзи Шашмақомро устоди мумтози Шашмақом, намояндаи мактаби классикии Шашмақом Фазлиддин Шаҳобов (1911-1974) пешниҳод намудааст [13]. Новобаста ба он ки он ягона рисолаест, ки дар давраи Шӯравӣ дар бораи Шашмақом навишта шудааст, ин сарчашмаи хаттӣ аз доираи функсионалии хеш набаромадааст**. Чунин ҷараёни инъикоси илми мақомот аз он шаҳодат медиҳад, ки тӯли асрҳо устодони мақом кӯшидаанд, ки амалан мақомотро аз насл ба насл бирасонанду биомӯзонанд. Характери амалии рушди мақомот дар фарҳанги тоҷикон ягон даврае қатъ нагардидааст. Зеро, ки худи ҳамин халқ зояндаи чунин падида аст. Моҳиятан мақомот дар маънавиёти тоҷикон асос меёбад. Гарчанде илми он тавассути рисолаҳои мусиқӣ рушд ёфта бошад ҳам, ин рисолаҳо на ҳамаи паҳлуҳои ин падидаро дар бар мегирифтанд. Илми асосии мақомоти тоҷик – илми амалии он буд ва он ҳамеша устуворона рушд меёфт. Хусусияти мусиқии суннатии тоҷик дар он аст, ки дар ҳудуди он ду шоха ташаккул ёфтааст: мусиқии халқӣ / фолклор (а) ва мусиқии суннатии касбӣ/ профессионалӣ (б). Мусиқии суннатии профессионалӣ саводи махсуси мусиқиро металабад. Барои аз худ кардани он кас мебояд дар мактаби мусиқӣ таълим гирад ва ҳунар омӯзад, зеро ки ин мусиқӣ зери худ илм дорад. Мактаби суннатии мусиқии тоҷик устод-шогирд буд ва имрӯз ҳам боқӣ мемонад. Маълум аст, ки мақомоти Шарқ, ки дар фарҳангҳои мусиқии мардуми як қатор кишварҳои Шарқи Наздик ва Шарқи Миёна тайи садсолаҳо густариш ёфтааст, зуҳуроти гуногуни падидаи мақомро дар шаклҳои хеле гуногунранг имрӯз ҳам ҳифз менамояд. Дар нахустинбор шунидани ҳар яки он танҳо шунавандаи воқиф метавонад умумияти заминавии онҳоро мушоҳида намояд. Масалан, чӣ метавон гуфт оид ба умумияти рагаи ҳиндӣ, мақами арабӣ, нуъбаи арабии мағрибӣ, дастгоҳи эронӣ, муқоми уйғурӣ, муғами озарӣ, мақоми тоҷикӣ? Вале ҳамаи онҳо дар асоси Дувоздаҳмақоми асримиёнагӣ рушд ёфтаанд. Танҳо аз асрҳои XVI-XVII, бо ивазшавии вазъи сиёсӣ-иҷтимоии минтақа, таъсисёбии давлатҳои нисбатан мустақил, мақомот дар дохили фарҳанги ҳар як мардуми таҳҷоӣ рушд ёфта, сифатҳои асосии онро ба худ ворид намудааст. Мақомоте, ки баъди давраи охири асримиёнагӣ ташаккул ёфтаанд, тахминан аз чоряки аввали асри XX шакли худро нигаҳ доштаанд. Дар ҷумҳуриҳои Шарқи Шӯравӣ бо воридшавӣ ба давлати абарқудрати СССР ва бинобар сиёсати ягонаи фарҳангии он дар қаламрави ин Иттифоқ, рушди заминавии мақомот қатъ гардид††. Ягона амале, ки тарафдорони мақомот иҷро карда тавонистанд – ҳифз намудани мақомот буд. Ва ин ҳадаф тавассути банотагирии ин шаклҳои мақомот [12], таъсиси ансамблҳои мақом ва сабти аудиоӣ сурат гирифт, вале на тавассути идомаи фаъолияти мактаби суннатии устод-шогирд. Чунин ҳолат ба он оварда расонид, ки зимни мақомот суннати эҷод намудани асарҳои нав ба нав қатъ гардид. Албатта, эҷоди асарҳо зимни мусиқии суннатӣ ҳамеша ҷо дорад. Вале сухан дар бораи тибқи қоидаҳои мақом, хусусан Шашмақом, огаҳона офаридани асари мусиқӣ дар ҷараёни иҷроиши он, меравад. Ин аст омили он, ки шаклан Шашмақом аз ибтидои даврони шӯравӣ дигар нашудааст‡‡[13, с.10; 11, с.104, 126].

Шашмақом дар миқёси Хуросон ва Мавароуннаҳр, дар заминаи мероси гаронбаҳои назму мусиқии классикии тоҷик шоҳкорие мебошад, ки назири он на дар ҳудуди Осиёи Миёна (Марказӣ) ва на берун аз он ҷо вуҷуд надорад. Аҳамияти таърихии Шашмақом, ки дар маркази таърихӣ ва фарҳангии тоҷикон – Бухоро ташаккул ёфт, хеле бузург аст. Зери

** Устоди муътабар, ки авлодан писари мударриси дарборӣ буд, шояд ба мураккабиёти давра нигоҳ карда, рисолаи Шашмақомро дар шакли сенарияҳои алоҳидаи барномаҳои радиоӣ, телевизионӣ навиштааст.

†† Сабаби асосии чунин вазъ бо напазируфтани касбияти мусиқии классикии тоҷик Шашмақом вобаста буд.

‡‡ Маълум аст, ки, гарчанде Шашмақом дар охири асри XVIII ташаккул ёфта бошад ҳам, дар тӯли асри XIX то чоряки аввали асри XX сохтори Шашмақом бо қисми дуюми шӯъбаҳои насрии мақомҳо ва даққо мухаммасу сақилу насрҳои дигар пурра гардидааст.

нуфузи он дар маҳалҳои дигари ин аморат, хусусан маҳалҳои хоннишину мирнишини он суннатҳои фарҳангӣ ҳам рушд меёфт. Албатта, ин механизми мустақими фармоишӣ набуд. Ҳаргиз на. Табиати фарҳангпарастии тоҷикона неруи ботинии ин ҷараёнҳо маҳсуб меёбад. Ин ҷараёнҳо аёну равшан ва ё рустӣ сурат мегирифтанд. Ин буд, ки мактаби устод-шогирдӣ низ ҳамин тавр амал намуда, фаъолияти хонаводагиро пеш гирифт. Дар даврaи Шӯравӣ ибтидоан мусиқии классикӣ будани Шашмақомро напазируфтанд ва фаъолият намудани мактаби онро низ зарур нашумориданд. Устодони бузург Бобоқул Файзуллоев, Шоҳназар Соҳибов ва Фазлиддин Шаҳобов чунин фаъолиятро дар ансамбли шашмақомхонии радио ва ТВ хеле моҳирона татбиқ намуда, шогирдони шашмақомхонро дар ин ҷо тарбия намуда тавонистанд[§§].

Ба роҳи таърихии мақомоти тоҷик рӯ оварда, давраҳои зерини рушди онро хеле дақиқ муайян карда метавонем:



Ҷадвали 1. Системаҳои мақомоти тоҷик бо нишондоди давраи таърихӣ

Аз ин се системаи асосии мақомот Ҳафтпарда ва Шашмақом мафҳуми миллианд. Дар замони мураттабии Ҳафтпарда чунин системаи лаҳнӣ танҳо дар фарҳанги мусиқии мардуми Ҳинд (рага) ҷо дошт. Борбад ин системаро дар асоси мусиқии амалии мардуми форсизабон сохтааст. Шашмақом бошад дар асоси тавъамии волои назму мусиқии классикии мардуми тоҷик ташаккул ёфт. Системаи асримиёнагии Дувоздаҳпарда / Дувоздаҳмақом характери универсалиро дар тамоми Шарқи Наздик ва Миёна пайдо кард.

Дар натиҷаи чунин ҷараёнҳои рӯшоду рустӣ падидаи мақом дар тамоми қаламрави Тоҷикистони имрӯза ҳифз карда шуд. Ин аст, ки имрӯз мақомоти тоҷикро мо на танҳо дар Шашмақоми воло, балки дар чунин намунаҳои мақомоти тоҷик, ба монанди мақомҳои маҳаллӣ дар шимоли Тоҷикистон (мактабҳои ҳунарӣ-маҳаллии вилояти Суғди имрӯза), Фалаки кӯлобӣ дар минтақаи Кӯлоб (вилояти Хатлони имрӯза) ва Фалак-мадҳияи помирӣ (вилояти имрӯзаи Бадахшони Кӯҳӣ) дида метавонем. Ҳамаи онҳо намунаҳои мустақили мақомот дар заминаи ягонаи мусиқии профессионалии тоҷик мебошанд. Асоси лаҳнии онҳо *системаи мақом* аст. Принсипи рушди лаҳну оҳанг дар онҳо *принсипи мақом*[***] аст. Падидаи Шашмақом ва мақомҳои маҳаллии тоҷик дар *системаи лаҳнии шашмақом* ва падидаи Фалаки кӯлобӣ ва Фалак- мадҳияи помирӣ – дар *системаи лаҳнии чормуқом* асос ёфтаанд. Шохаҳои мақомоти тоҷик имрӯз чунин шаклро гирифтаанд:

[§§] Кӯшишҳои якчандбораи онҳо дар таъсиси шуъбаи Шашмақом дар таълимгоҳ танҳо як бор ба муддати кӯтоҳ дастгирӣ ёфтанду халос.

[***] Истилоҳи *принсипи мақом* дар илми мусиқишиносии муосир хеле устувор аст.



Ҷадвали 2. Харитаи густариши мақоми тоҷик дар Тоҷикистони муосир.

Бинобар ин, имрӯз мебояд дар бораи мақомоти ягонаи тоҷик сухан гуфт ва ҳар як зуҳуроти онро хеле мушаххас маънидод намуд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абумансур Саъолибӣ. Таърихи ғурар ус-сияр. Китоби таърихӣ. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 441с.
2. Азизи Ф. Маком и Фалак как явления профессионального традиционного музыкального творчества таджиков. Монография. – Душанбе: Адиб, 2009. – 398 с.
3. Азизова Ф. К вопросу об исторической взаимосвязи музыкальных традиций Индии и Таджикистана в древности / Ф. Азизова // Борбад, эпоха и традиции культуры. Сб.ст – Душанбе: Дониш, 1989. – С.153-157.
4. Азизова Ф. Шашмаком и Рага. Монография / Ф. Азизова. – Душанбе, 1999. – 166 с.
5. Борбад и художественные традиции народов Центральной и Передней Азии: история и современность. Тезисы докладов Межд.симп.– Душанбе: «Дониш», 1990. – 486с.
6. Борбад, эпоха и традиции культуры; отв. ред. Н.Н.Негматов. Сб.ст. – Душанбе: «Дониш», 1989. – 329с.
7. Вызго Т.С. Афрасиабская лютня / Т. Вызго // Из истории великого города. – Ташкент, 1972.
8. Джумаев А. Трактат Мухаммада Нишапури – ранний источник по системе Дувоздах парда: история изучения, проблемы датировки и атрибуции/ А. Джумаев // Фалак: услуби пажӯҳиш ва омӯзиш. – Душанбе: Адиб, 2015. – С.81 -132.
9. Наҷмиддин Кавкабӣ. Рисолаи мусиқӣ. Рисола дар баёни Дувоздаҳмақом. Бо тавзеҳоти А. Раҷабов. - Душанбе: Ирфон, 1985. – С.60-67.
10. Негматов Н.Н. Борбад – основоположник персидско-таджикской классической музыкальной культуры / Н.Н. Негматов, Ю. С. Мальцев // Борбад, эпоха и традиции культуры. – Душанбе: Дониш, 1989. – С. 9-25.
11. Раджабов И. Макомы: автореф. дисс. ...д-ра иск. наук: 17 00 02. / И. Раджабов. – Ташкент: Ереван, 1970. – 215 с.
12. Шашмақом. Дар панҷ ҷилд; тартибдиҳандагон: Б. Файзуллоев, Ш. Соҳибов, Ф. Шаҳобов. – Москва: Госмузиздат, 1950, 1954, 1957, 1959, 1967.
13. Шаҳобов Ф. Баёзи Шашмақом; бо тавзеҳоти Азизова Ф. / Ф. Шаҳобов. – Душанбе: «СИЭМТ», 2007. – 288с.; Шаҳобов Ф. Баёзи Шашмақом / Ф.Шаҳобов. Осор ва пажӯҳиш. Ҷ.1. Нашри 2. – Душанбе: «R-Graph», 2011. – 288 с.
14. Farmer H. A History of Arabian music to the XIII century / H. Farmer. – London, 1967.

МАҚОМИ ТОҶИК (ШАШМАҚОМ)

Дар мақола нахустин бор масъалаи ягонагии мақомоти тоҷик дида баромада мешавад. Дар он бештар таҳлили роҳи рушди он оварда шуда, хусусияти асосии ин роҳ муайян карда шудааст. Ба ин васила мавқеи мардуми тоҷик дар роҳи рушд ба сифати муайянкунанда омадааст. Заминаи илмии рушди мақомот ҳамчун назарияи амалия муайян шудааст. Зимни ин падидаи фарҳангӣ рушди жанри рисолаи мусиқӣ низ гуногунранг аст. Он вобаста бо мукаммалшавии системаи мақом иваз мешавад. Заминаи воқеии роҳи рушди мақомот суннатҳои тоисломии амалияи мусиқии тоҷикон аст. Саҳми Сомониён дар сохтани заминаи асосии мақомот дар фарҳанги исломӣ беҳамтост. Намудҳои жанрии рисолаи мусиқӣ – шарти мутрибӣ, куллиёт ва баёз зимни мактаби суннатии устод-шогирд рушд ёфтаанд.

Калидвожаҳо: Шашмақом, Фалак, Мадҳия, баёз.

ТАДЖИКСКИЙ МАКОМ (ШАШМАКАМ)

В статье впервые ставится проблема целостности таджикского макомата. Данная статья представляет первую часть будущей большой статьи. В статье преимущественно уделяется внимание историческому пути развития таджикского макомата, определяется его специфика. Научная основа развития макомата определена как практическая теория. В контексте данного культурного феномена происходят видоизменения жанра музыкального трактата. Он меняется в зависимости от совершенствования системы макома. Реальной основой пути развития макомата являются доисламские традиции музыкальной практики

таджиков. Вклад Саманидов в формировании основной базы макомата в исламской культуре уникален. Жанровые разновидности трактата о музыке – шарти мутриби, куллиёт, баёз развивались в русле традиционной школы устод-шогирд.

Ключевые слова: Шашмақом, Фалак, Мадхия, баёз.

TAJIK MACOM (SHASHMAKAM)

In article the problem of integrity of the Tajik maqomat is for the first time put. This article represents the first part of future big article. In article, mainly, attention is paid to a historical way of development of the Tajik maqomat, its specifics are defined. The scientific basis of development of the maqomat is defined as the practical theory. In the context of this cultural phenomenon there are modifications of a genre of the musical treatise. It changes depending on improvement of a system of a maqom. Real basis of a way of development of the maqomat are pre-Islamic traditions of musical practice of Tajiks. The contribution Samanids in formation of the basis for the maqomat in Islamic culture is unique. Genre kinds of the treatise about music are sharti mutribi, kulliyot, bayoz developed in the frame of traditional school ustod-shogird.

Key words: Shashmaqom, Falak, Madhoya, bayoz.

Сведения об авторе: ***Азизи Фарогат Абдукаххорзода*** - Таджикская национальная консерватория им. Т. Сатторова, ректор, доктор искусствоведения. **Адрес:** Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Хусейнзода, 155.
E-mail: **farog48aziz@mail.ru.** Тел.: **(+992 37) 227-60-29**

Information about the author: ***Azizi Farogat Abdukahhorzoda*** - National Conservatory of Tajikistan named after T. Sattorov, rector, doctor of art history. **Address:** Republic of Tajikistan, Dushanbe, Huseinzoda Str., 155.
E-mail: **farog48aziz@mail.ru**. Tel.: **(+992 37) 227-60-29**

УДК: 891.550-1:82

БАЁНИ ЧАНД НАМУНАИ ЛУҒАЗ (ЛУҒЗ) Ё ЧИСТОН ДАР АШЪОРИ РӮДАКӢ

Исмоилов Ф.
Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакӣ

Мавқеи фолклор дар ашъори устоди шоирони Аҷам, сардафтари адабиёти классикии форсу тоҷик – Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ ҷойгоҳи намоён дорад. Шуҳрати шоир дар миёни оммаи халқ хело назаррас мебошад, зеро масъалаи мақоми осори гулгуни халқӣ дар ашъори шоир яке аз мавзӯъҳои ҷолиб буда, тадқиқи он аҳамияти муҳимми назарӣ ва амалӣ дорад. Дар ин мақола перомуни баёни яке аз санъатҳои шеърӣ - луғз ё чистон, ки маҳсули ҳунари мардум аст, дар ашъори Рӯдакӣ маълумот дода мешавад. Ғараз аз ин маълумот ҷалби дигарбораи таваҷҷуҳи аҳли илм ба таъсири мутақобилаи осори шифоҳии мардумӣ ва адабиёти тоҷику форс дар мисоли ашъори сардафтари он мебошад.

Пажӯҳишгарони ҳаёту осори Рӯдакӣ, равобити ҳаматарафа доштани назми замони шоир бо эҷодиёти шифоҳии мардумро баррасӣ намудаанд. Шарқшиноси рус Е. Э. Бертелс дар китоби худ «История персидско-таджикской литературы» (Москва, 1960) тадқиқоти хуберо дар бораи адабиёти ин давра ба анҷом расонида, аз ҷумла роҷеъ ба ин масъала чунин менависад: «Ин адабиёт (яъне, адабиёти асрҳои IX-X – Ф.И.) дар марҳилаи муборизаи шадид, дар роҳи барқарор намудани маданияти миллӣ пойдор гардид, бо эҷодиёти халқ робитаи зич дошт ва аз он ҳусну тароват мегирифт» [1, с. 245].

Маъхазҳои таърихӣ ва адабӣ шаҳодат медиҳанд, ки фолклор-жанрҳои гуногуни эҷодиёти даҳонӣ барои рушд ва такомули адабиёти ҳар давру замон нақши муҳим бозидааст. Аз ин рӯ, дар ашъори аксари шоирони классику муосири тоҷик намунаҳои зиёди эҷодиёти шифоҳӣ истифода шудаанд, ки шоирон барои пурмазмуниву обуранги ашъори худ аз ин ганҷинаи пурҳикмати халқ истифода кардаанд. Аз ҷумла бо луғз, ки яке санъатҳои шеърӣ мебошад, дар ашъори аксарияти шоирони классикӣ дучор омадан мумкин аст.

Луғаз як навъ санъати шеърии адабиёти классикии форс - тоҷик буда, шоир шеъре менависад ва чизеро дар назар гирифта сифат, аломатҳо ва хусусиятҳои онро дар либоси ибораҳои мушкил ва монанд ва ғайри зикри номи ашё баён мекунад ва ёфтани онро аз хонанда ба таври хитобу савол ва аксаран ба ибораи «чист он?» ифода мекунад. Луғазро як навъи шеър-чистон ҳам мегӯянд, ки дар назми классикӣ зиёд дида мешавад. Луғаз нисбат ба чистон ҳаҷман калонтар аст. Дар луғз хусусиятҳои ягон чиз бо санъатҳои нозуки шеърӣ тасвир шуда, фаҳмидан ва ёфтани шарҳи он душвор мегардад. Истилоҳи луғз (луғаз) аз забони арабӣ буда, дар фарҳангу луғатномаҳо (Деҳхудо Алиакбар - «Луғатнома», Теҳрон, 1373, «Фарҳанги забони тоҷикӣ, Душанбе, 1986) ба маънии сухани печида, гапи пӯшидамаъно зикр шудааст ва ин истилоҳро аксар маврид дар ашъори шоирони классик дучор меоем. Чунончи ба назар мерасад, дар ғазалиёти Хоҷа Ҳофиз

калимаи «луғз» ба маънии сухани печида истифода шудааст ва ин ҳам гувоҳ бар он аст, ки луғз чун як навъи санъати шеърӣ дар гузашта маъмул будааст:

Муддаӣ гӯ: Луғазу нукта ба Ҳофиз мафурӯш,
Килки мо низ забоневу баёне дорад [8, с. 49].

Луғаз ҳамчун санъати шеърӣ аз муаммо фарқ дорад. Хусусияти фарқкунандаи луғз дар он аст, ки дар он шоир андешаашро нисбатан содатар ва ба таври саволгузорӣ баён мекунад, аммо дар муаммо ақоиди шоир печидаву сарбаста ва хеле мураккаб баён меёбанд. Аз ин лиҳоз, хонанда ҳангоми мутолиаи ашъори шоир намунаи луғзҳоро дарк карда метавонад. Ба ақидаи адабиётшинос Шоҳзамон Раҳмон нахустин маротиба луғаз (ё чистон) чун жанри адабӣ дар ашъори Рӯдакӣ дида мешавад ва минбаъд шоирони пасин аз ин гуна шакли шеърӣ истифода кардаанд, ки аз ашъори гаронқадри устод Рӯдакӣ сарчашма мегирад. Чи тавре ки муҳаққиқ дар «Донишномаи Рӯдакӣ» менависад, дар чунин анвои шеърӣ Рӯдакӣ аз санъатҳои бадеии ташбеҳу тавсиф ва маҷоз истифода бурдааст ва он ҳам маҳорати волои шоирро нишон медиҳад: «Луғаз (ё чистон) дар адабиёти форсу тоҷик нахустин маротиба дар эҷодиёти Рӯдакӣ дида шуда ва аз ӯ оғоз гирифтааст. Воқеан ин санъати бадеии Рӯдакӣ аз ташбибу насиби қасидаҳои ӯст, ки дунболаашон аз байн рафтааст» [4, с. 51]. Андешаи муҳаққиқ нисбат ба чунин баҳогузорӣ дуруст аст, зеро дар эҷодиёти бозмондаи Рӯдакӣ аксари жанрҳои шеърӣ намунаҳои муътамад ба чашм мерасанд, ки дар замони шоир рушду такомул ёфтаанд ва эҷоди онҳо то ба имрӯз идома меёбад.

Мавриди зикр аст, ки доир ба баёни намунаҳои чистон дар шеъри Рӯдакӣ адабиётшинос Ш. Ҳусейнзода низ ибрози ақида намуда, чанд намунаи чистонҳои шоирро барои исботи фикри худ меорад ва воқеан собит месозад, ки Рӯдакӣ аз чистонҳои халқӣ мазмунан ва аз лиҳози сохтор истифода бурдааст: «Чунон ба назар мерасад, ки аз ин шакли эҷодиёти даҳонӣ (яъне, чистон - Ф.Й.) дар осори худаш бо маҳорат истифода бурдааст. Чистонҳои Рӯдакӣ ҳам мисли чистонҳои адабиёти даҳонӣ ба ду шакл оварда шудаанд: яке-ишора ба тавсифи чизи маҳқуле ва баёни сифатҳои он, дигаре пурсидани чизе ва ҷавоби нишонаҳои он ба тарзе, ки фаҳмидани он мушкил мебошад. Ин навъ шеърҳо, бешак дар сабзиши зеҳн ва парвариши қувваи тасаввур мақоми барҷаста доранд [7, с. 92].

Вожаи «луғз» танҳо дар осори хаттӣ боқӣ мондааст ва он дар эҷодиёти шифоҳии халқ ба шакли «чистон» дар байни мардум ҳамчун як жанри фолклорӣ густариш ёфтааст. Аммо ин вожаро дар ашъори устод ба ҳамин шакл дучор наомадем ва танҳо чанд намунаи ин санъати шеъриро дидан мумкин аст, ки марбут ба чистону луғазҳо мебошанд. Дар сурате, ки луғаз як навъ санъати шеърӣ дар ашъори шоирон ба кор рафта бошад, чистон дар фолклори тоҷик ҳамчун як жанри алоҳида маъруфият дорад.

Чистон яке аз жанрҳои хурди фолклорӣ буда, он таърихи хеле қадима дорад. Аз даврони куҳан дар байни тоҷикон чистонгӯйиву чистонёбӣ ва маҳфилҳои чистонхонӣ роиҷ будааст ва ин маҳфилҳои одиву манфиатбахш дар фарҳанги халқи тоҷик аҳамияти бузург доштаанд, зеро мардуми одӣ тавассути чистонгӯйиву чистонёбӣ дониши ҳамдигарро месанҷиданд ва тафаккури зеҳнии худро сайқал медоданд. Ин гуна одатҳои мардумӣ то замони Ҳокимияти Шӯравӣ идома ёфтаанд ва як навъ машғулияти зеҳниву фикрӣ ҳисобида мешаванд, ки мардум дар саҳро ҳангоми кишту кори деҳқонӣ ва умуман, дар ҳар вақти фароғатӣ ба он машғул мешуданд. Мутаассифона, баъд аз ҷаҳонишавии кишварҳо чистонгӯйиву чистонёбӣ дар Тоҷикистон кам ба мушоҳида мерасад, зеро ҷойи ин гуна фаъолиятро технологияи ҳозиразамон гирифтааст.

Матни чистонҳо аз як-ду мисраъ, ё ин ки аз як мисраъ то 4-6 мисраъ иборат буда, дар дохили он аломат ва нишонаҳои ягон ашё, ҷирмҳои осмонӣ, одам, гиёҳу ҷонварон, макон ва ҳодисаҳои табиат маҷозан баён шуда, аммо номи худи он ашё махфӣ дошта мешавад. Гӯянда чистонро мехонад ва шунаванда вобаста ба мафҳуми он фикр карда, ҷавобашро пайдо менамояд. Масалан, чистони маъруф, ки қариб дар ҳамаи манотиқи Тоҷикистон роиҷ аст, дар хусуси илму дониш гуфта шудааст ва халқ илмро ба гули махсусе шабоҳат додааст, ки на дар дашт «мерӯяд» ва на дар кӯҳсор ва ҷӯяндагони илмро ба ташкилдиҳандагони бозор нисбат додааст:

Гуле дидам, ки он бехор бошад,
На дар дашту на дар кӯҳсор бошад.
На онро кас харад, не кас фурӯшад,
Ҳамеша бар сараш бозор бошад [5, с. 156].

Пажӯҳиш ва баррасии чистонҳо дар фолклори тоҷик асосан аз замони Шӯравӣ оғоз шудааст. Фолклоршиносону мардумшиносоне чун Р. Амонов, Н. Маъсумӣ, Т. Зеҳнӣ, Ҳаким Карим, И.А. Сухарев ва О.А. Сухарева, К. Лутфуллоева, А. Ҳабибов, А. Сӯфиев, Д. Раҳимов ва дигарон чандин мақолаву маҷмӯаҳоеро оид ба чистонҳои адабиёти хаттӣ ва эҷодиёти шифоҳии мардум таълиф намудаанд. Аммо дар пажӯҳиши чистонҳои халқӣ аз ҳама бештар фолклоршинос А. Сӯфиев муваффақ шудааст. Таълифоти ӯ роҷеъ ба ин

жанри фолклорӣ хеле назаррас аст, аз ҷумла асарҳои «Чистонҳои халқии тоҷикӣ» (1972), «Фолклор – афкори эстетикӣ ва иҷтимоии халқ» (1982), «Фолклор ҳамрадифи таърих» (1994), «Таҳаввулоти назми шифоҳии тоҷик» (1992) оид ба масоили гуногуни чистонҳои халқӣ маълумоти арзанда медиҳанд. Ӯ дар хусуси алоқамандии чистонҳои халқӣ бо луғз-чистонҳои китобӣ ақидаҳои ҷолибро пешниҳод намуда, аз ҷумла, чунин менависад: «Як қатор чистонҳои манзуми халқӣ, ки хусусияти оммавӣ гирифтаанд, ё баромади китобӣ доранд ва ё аз тарафи одамони саводнок бевосита дар зери таъсири адабиёти хаттӣ эҷод шудаанд. Инчунин, як факти дар байни халқ паҳн шудан ва дар айни замон асосан хусусиятҳои забони адабиро нигоҳ доштани чистонҳо исботи он аст, ки эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик ба адабиёти бадеии китобӣ ва забони адабӣ алоқаи мустаҳкаме доштааст» [6, с. 101].

Чунончи аз иттилооти маъхазҳои кутубиву фолклорӣ бармеояд, аксари чистонҳои халқӣ дар асоси осори хаттӣ дар байни халқ паҳн шудаанд ва ё баръакси ин ҳодиса таъсирпазирии чистонҳои осори шифоҳии халқ ба ашъори шоирон ба назар мерасанд. Хусусиятҳои фарқкунандаи луғаз аз чистонҳои омиёна низ дар сохтор, тарзи баён, содагии забон ва ғайра мебошад. Дар чистонҳои халқӣ вазну қофия на ҳамеша риоя карда мешавад. Аммо луғаз ё чистонҳои китобӣ бо хусусиятҳои сохтор ва тарзи баёни худ аз чистонҳои шифоҳӣ бартарӣ доранд.

Дар ашъори Рӯдакӣ якчанд намунаи луғзҳоро дучор мешавем, ки дар онҳо мазмуни маҷозиву маҷози пӯшида дида мешавад. Шоир андешаҳои худро бо муболиға ва маҷози пӯшида дар бораи ашё ё чизе баён намуда, дар аксарияти луғзҳои осори ӯ санъати ташбеҳ истифода шудааст. Чунончи муаллифи китоби «Назарияи адабиёт» (қисми 1.), Муқаддимаи адабиётшиносӣ (1987) Ю. Бобоев қайд мекунад, дар шеъри Рӯдакӣ намунаҳои луғзро дучор омадан мумкин аст: «Луғз дар бораи асп, қалам, тиру камон ва ғайра дар эҷодиёти Рӯдакӣ дида мешавад» [2, с. 169]. Дар луғзҳои ашъори шоир санъатҳои шеърии маҷоз, ташбеҳ, саволу ҷавоб ва ғайра истифода шудаанд, ки барои хубтару беҳтар шудани сохтори шеърӣ кумак расонидаанд.

Дар луғзи зер шоир тавассути санъати саволу ҷавоб дар бораи аломатҳои ревоҷ ва хусусиятҳои он маълумот медиҳад:

Он чист бар он табақ ҳаме тобад,
Чун мулҳам зери шаъри унноби?
Соқаш ба масал чу соиди ҳуро,
Пояш ба масал чу пойи мурғоби [3, с. 61].

Рӯдакӣ дар мисраи аввал савол мегузорад ва ишора менамояд, ки чӣ чиз аст, ки дар он табақ дида мешавад ва ба мисли мулҳам (матои абрешимини нафис) ва дар он мӯйҳои сурхгун намудоранд. Дар мисраи дуюм ибораи «шаъри унноби»-ро ба кор мебарад, ки киноя аз мӯйҳои сурх аст. Яъне, шоир дар мисраи нахуст барги паҳни ревоҷро ба табақ монанд карда бошад, дар мисраи дуюм сурхии шохаҳои поёнии баргро ба матои сурхгун ё мӯйҳои ҳинокардашуда ташбеҳ медиҳад. Дар мисраъҳои охир банд ё танаи ревоҷро ба мисли дасти зебои маҳбуба ё ҳурони ороста шабеҳ намудааст. Монандии пойи мурғобӣ бо бун ё пояи ревоҷ низ шабеҳ мебошанд, ки Рӯдакӣ тавонистааст, бо тамоми нозукиву хусусиятҳояш ревоҷро тасвир кунад ва тавассути санъатҳои бадеӣ сохтори шеърии худро хубтару беҳтар намояд. Дар охир бо дарки чанд калимоти номафҳум мо пай бурдем, ки шоир андешаҳои худро дар хусуси яке аз навъҳои растании туршу хуштамъ, ки дар айёми баҳорон дар кӯҳистон мерӯяд ва онро бо намак мехӯранд, шоиронаву оқилона ҷамъбаст намудааст ва тавонистааст, ки дар чаҳор мисраи шеърӣ сифоти «ревоҷ»-ро нишон диҳад. Албатта, ин ҳам аз таҷрибаву нозукбинии шоир дарак медиҳад.

Қалам ё хома дар ҳар давру замон ҳамчун воситаи моддигардонии фикр барои нависандагону шоирон хидмат кардааст. Қалам рози нуҳуфтаву андешаҳои донишмандону қаламкашонро рӯйи қоғаз меорад. Дар бораи қалам донишмандону соҳибқаламон суханҳои зиёде гуфтаанд. Тасвири қалам дар порчаҳои шеърии аксар шоирони классик ба чашм мерасад. Рӯдакии бузургвор васфи қалам ва аломатҳои онро дар абёти зерин моҳирона ба назм даровардааст:

Ланги равандаст, гӯш нею суханёб,
Гунги фасеҳ аст, чашм нею ҷаҳонбин,
Тезии шамшер дораду равиши мор,
Колбади ошиқону гунаи ғамгин [3, с. 59].

Дар ин луғз суханёбиву ҷаҳонбинии қалам ва тезии шамшеру равиши мор доштани он тасвир шудааст. Дуруст аст, ки он пой ва гӯш надорад ва инчунин, забони гӯёву чашмони бино низ надорад, аммо суханёб аст ва ҳар гуна воқеоту ҳаводисро дар рӯйи қоғаз иншо мекунад.

Дар байти дуюм шоир ибораи «колбади ошиқон»-ро истифода намудааст, ки мурод ин ҷо ташбеҳи шоирона аст, яъне соқи қаламро ба ҷисми ошиқи ранҷдидаву ноком монанд карда, инчунин ҳолати ғамгинии ошиқро нишон додааст.

Тасвири «пирӣ», ки яке аз даврањои ҳаёти инсонист, дар ашъори аксар шоирон зоҳир мегардад. Рӯдакӣ дар ашъори худ вобаста ба ҳар давраи ҳаёти одамон ва дигаргуниҳои ҷисму симои инсонҳо дар ин даврањо маълумот додааст. Чи тавре ки аз абёти зер бармеояд, шоир тағйирёбии мӯйҳои сиёҳ бар сафед ва хам овардани қомати чун сарв рост ва ногувор шудани ҷисми инсониятро оқилона ба қалам медиҳад:

Сапед барф баромад ба кӯҳсори сиёҳ,
Ва чун дарун шуд он сарви бӯстонорой.
Ва он куҷо бигуворид, ногувор шудаст
Ва он куҷо нагазойист, гашт зудгазой [3, с. 61].

Дар ин абёт мушоҳидаи амиқ саҳеҳи шоир истифода шудааст. Рӯдакӣ ташбеҳоти «барфи сафед» ва «кӯҳсори сиёҳ»-ро ба ҳолати дигаргунии мӯйи сари одамон нисбат додааст. Ҳамчунин, абёти фавқ аз назари тасвир метавонанд ба гурӯҳи луғз-чистонҳо наздик бошанд, зеро дар фарҳанг ва забони мардум сафедии мӯйро ба барфи сафед ташбеҳ мекунанд.

Хулоса, дар намунаҳои зиёди анвои шеърии Рӯдакӣ чун: рубоиву дубайтӣ, қасоид, ғазал, қитъа ва ғайра, ки то ба замони мо расидаанд, албатта, барои пурмуҳтавоии ашъор аз санъатҳои гуногуни бадеӣ истифода шудааст. Чунончи ба назар мерасад, дар шеъри ӯ санъатҳои шеърии луғз ё чистонҳо, муаммо, ташбеҳ, талмеҳ, ташхис, истиора ва ғайра истифода шудаанд. Чистону луғазҳои Рӯдакӣ шакли китобии адабӣ буда, бо бисёр бартарияти худ аз чистонҳои осори шифоҳӣ фарқ доранд. Аммо дар баъзе аз ин луғазҳо тарзи саволгузориву баёни андешаи шоир ба чистонҳои омиёна наздикӣ дорад. Метавон гуфт, ки Рӯдакӣ бо ҳунари волои шоирии худ тавонистааст ба ҳар гуна анвои шеърӣ эҷодиёти худро гуногунрангу ғанӣ бигардонад ва яке аз воситаҳои асосӣ дар ин ҳунарпардозиаш ашъори мардумӣ будааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Бертельс. Е.Э. История персидско-таджикской литературы / Е.Э. Бертельс. – Москва: Издательство Восточной литературы, 1960. – 384 с.
2. Бобоев Ю. Назарияи адабиёт. Қисми 1. Муқаддимаи адабиётшиносӣ. Китоби дарсӣ / Ю. Бобоев. - Душанбе: Маориф, 1987. – 320 с.
3. Девони Рӯдакӣ, таҳия, тасҳеҳ ва сарсухану ҳавошии Қодири Рустам / Девони Рӯдакӣ. – Душанбе: Бухоро, 2015. – 228 с.
4. Донишномаи Рӯдакӣ. Иборат аз 4 ҷилд, Ҷ. 2. – Душанбе: ҶММ «Ксерокс Ланд», 2008. – 408 с.
5. Раҳимов Д. Фолклори тоҷик / Д. Раҳимов. - Душанбе: Эҷод, 2009. – 262 с.
6. Сӯфиев А. Чистонҳои халқии тоҷикӣ / А. Сӯфиев. - Душанбе: Дониш, 1972. – 175 с.
7. Ҳусейнзода Ш. Ҳабдаҳ мақола / Ш. Ҳусейнзода. - Душанбе: Ҳумо, 2007. – 347 с.
8. Шамсиддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозӣ. Куллиёт. – Теҳрон: 1379/2001. – 247 с.

БАЁНИ ЧАНД НАМУНАИ ЛУҒАЗ (ЛУҒЗ) Ё ЧИСТОН ДАР АШЪОРИ РӮДАКӢ

Дар мақолаи пешниҳодшуда пиромуни баёни намунаҳои луғаз ё чистон дар ашъори Рӯдакӣ маълумот дода шудааст. Муаллиф афкору андешаҳои хешро пиромуни луғазҳои Рӯдакӣ баён дошта, ҳамчунин ин намунаи ашъорро дар муқоиса бо чистонҳои осори шифоҳӣ дида мебарояд. Ҷойи зикр аст, ки дар хусуси таъсири ашъори халқӣ ба осори устод Рӯдакӣ суханҳо гуфта шудаанд ва мақолаҳои ҷудогона ҳам арзи ҳастӣ намуда буданд, аммо онҳо асосан ба таври умумӣ маълумот медиҳанд. Дар мақолаи пешниҳодшуда бошад, аз ин намуди тадқиқот ёд шуда, ба таври алоҳида дар мавриди мавқеи жанри луғаз ё чистон дар ашъори бозмондаи Рӯдакӣ андешаҳои тоза баён гардиданд. Луғазҳои дар хусуси қаламу ревоҷ ва ҳамчунон даврони пирии инсон офаридаи Рӯдакӣ аз тарафи муаллифи мақола таҳлили шакливу мазмунӣ гардида, ҳунари шоир дар истифодаи санъатҳои бадеӣ дар онҳо нишон дода шудааст. Маводи дар мақола омада метавонад ба сифати яке аз сарчашмаҳо барои таҳлили назарию амалии масъалаи таъсирпазирии адабиёти классикии форсу тоҷик аз намунаҳои адабиёти шифоҳии мардум хизмат кунад.

Калидвожаҳо: чистон, луғаз, Рӯдакӣ, ашъор, мардум, осори шифоҳӣ, ревоҷ, қалам, адабиёти хаттӣ, жанр.

НЕКОТОРЫЕ ПРИМЕРЫ ЖАНРА ЛУГАЗ (ЛУГЗ), ИЛИ ЗАГАДОК, В ТВОРЧЕСТВЕ РУДАКИ

В представленной статье автор размышляет о некоторых примерах жанра лугаз (лугз), или загадок, в творчестве Рудаки.Этим автор излагает свои мысли относительно данного жанра в творчестве поэта, а также сопоставляет их с загадками народного творчества. Стоит отметить, что в таджикском литературоведении уже рассмотрено воздействие народного творчества на поэзию устода Рудаки и появились отдельные статьи в этом направлении, однако они в основном передают общую информацию. В данной статье, упоминая о подобных работах, автором сделана попытка рассмотреть место жанра загадки в дошедших до наших дней произведениях Рудаки, и приведены новые выводы. Например, загадки о растении реводж, о карандаше и старости человека в творчестве Рудаки подвергались анализу как с точки зрение формы, так и с точки зрения значения, смысла; показан поэтический талант поэта в использования художественных средств в сочинении названных загадок. Материал и выводы статьи могут послужить основой теоретического и практического заключения о влиянии народного творчества на персидско-таджикскую классическую литературу.

Information about the author: ***Nazarov Umed*** - Bokhtar State University named after N.Khusrav, teacher of the Department of Journalism. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Kurgan-Tube, ul. Aini, 67.
E-mail: **Umers88@mail.ru.** Tel.: **(+992) 931-85-58-10**

УДК: 070 (1-87)

ЖАНРИ ТОК-ШОУ ДАР ТЕЛЕВИЗИОНҲОИ АМРИКО

Азизов Ф.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Жанр муайянкунандаи ҳусну қубҳи шакли воситаи ахбор ва омили ҷалби аудитория мебошад. Жанр қолаб месозад, дизайнро таъмин менамояд ва дар гуногунрангии мавзӯъ нақш дорад. Жанрро дар навбати аввал сухани матбӯъ шакл бахшидааст. Садсолаҳо жанр дар қолаби навиштаҳои матбуотӣ ташаккулу такмил ёфтааст. Ин шинохти классикӣ то ҳанӯз боқист: **"Жанрҳо аз ҳам аз ҷиҳати тарзи ифодаи адабӣ, услуби иншо, устухонбандии адабӣ ва ҳатто аз рӯйи миқдори сатрҳо низ фарқ мекунанд"** [5, с.34]. Ба гумони инҷониб сухани перостаи адабӣ барои ҳамагуна журналист дар ҳамагуна шакли воситаи ахбор ҷузъи муҳимму созандаву бунёдӣ ба шумор меравад. Ин таъйиноту махсусият барои телевизиони муосир низ истисно намебошад. Махсусан, он телевизионҳое, ки то ҳадде таъйиноти байналмилаливу минтақавӣ доранд. Ҷойи инкор нест, ки кишварҳои мутамаддину инкишофёфтаи сармоядорӣ дар ин самт пештозанд. Маҳз ин пешравию иқтидори онҳо боис мешаванд, ки таҳаввулоти жанрӣ низ ба миён ояд. Маълум аст, ки таҳаввули жанриро бештар дар васоити ахбори оммаи кишварҳои пешрафта дида метавонем. Масалан, дар пешниҳоди жанрҳои хоссаи телевизионӣ, албатта, кишвари Амрико дар ҷойи аввал меистад. Боз ҳам он ақида мавриди таъкид мебошад, ки дар фаъолияти ҳамагуна журналист сарфи назар аз доираи амал дар ҳар кадом воситаи ахбор **"фаъолмандии мавқеи муаллиф, ё фаъолмандии иҷтимоии муаллиф"** [8, с.6-7] дар шаклгирӣ ва такомули жанр таъсири умда дорад. Ин хосиятро мо бештар дар барномаҳои телевизиони Ғарб дида метавонем. Аз рӯйи баъзе ақидаҳо телевизионро амрикоиҳо ихтироъ кардаанд ва гӯё сабқати ташаккули онро ҳам аз даст додан намехоҳанд. Дар тавлиду шаклгирии жанрҳо низ нақши амрикоиҳо чашмрас аст. Аз рӯйи ақидаву пешниҳоди мутахассисон низ тавлиди бархе аз жанрҳои телевизионӣ дар Амрико сурат гирифтааст. Миёни жанрҳои ахборӣ ва публитсистии телевизионӣ ҷавонтарин жанр ток-шоу мебошад, ки зодгоҳи он низ кишвари Амрикост. Бо пешниҳоди журналист Фил Донахю нахустин барномаи ток-шоу дар ин кишвари бузург пайдо шудааст ва замина барои озодбаёниву кушодагӯиҳо ба миён омадааст. Ҳарчанд андешаи дигаре низ вуҷуд дорад, ки **"...рӯзноманигор ток-шоуро дар заминаи саҳнаи театр ва кино қабул кардааст"** [1, с.91]. Яъне ток-шоу барномаи сирф таҳлиливу сиёсӣ набуда, дар асоси таҷаммӯи илмҳои муайяни фарҳангиву равоншиносӣ ба вуҷуд омадааст. Ҳатто дар аввалин даврaҳои пайдоиши худ ин жанр аз рӯҳияи фарҳангии комил бархӯрдор буд. Маълум, ки бо гузашти фосилаҳои муайяни вақт таъсири ҷанбаҳои сиёсӣ ба он бештар гардидааст. Пас аз шоуи Донахю садҳо барномаҳои ток-шоу сохта шуданд ва бо усулҳои гуногун ба бинанда пешниҳод гардиданд. Ин ҷо нуқтаи дигар низ – **"шакли мултимедӣ ва омехташавии жанрҳо"** [3, с.111] мавриди таъкид мебошад. Яъне ба таври қатъӣ гуфтан ҷоиз нест, ки қолаби устувори жанрҳо боқӣ мондаанд. Сарфи назар аз ин раванд, иттилоъ ҳамчун ҷавҳари ҳар як жанр шинохта мешавад. Дар ин ҷараёни ташаккулу таҳаввул барномаҳои телевизионҳои Амрико сабаб гардидаанд, то дигар шабакаҳои телевизионии рӯйи замин низ ток-шоуро ба кор баранд. Симои аслии имрӯзаи телевизионҳои амрикоиро имрӯз ток-шоуҳо муайян менамоянд. Дар ин самт сабқатҳову рақобатҳои ҷиддие вуҷуд доранд, ки аз

сатҳу сифати ин ток-шоуҳо ҳикоят менамоянд. **“Фаъол кунонидан ва тезонидани фаҳму идроки бинанда”** [1, с. 91] муҳимтарин хосияти ин жанр боқӣ монда, дар ин роҳ ҳар як муаллиф талоши хоссаи худро дорад. Дар Амрико на ҳама барномаҳои ток-шоу муваффақ ҳастанд ва ба ин вачҳ чанде аз барномаи бонуфузи телевизионҳои ин кишварро дар як доираи мухтасар дида мебароем.

“Нимашаб бо Конан О Брайн”. Ин яке аз барномаҳои ток-шоуи Амрико мебошад, ки зиёда аз як даҳсола пахш гардидааст. Барномаи мазкур тарзи пешниҳоди хоссаи худро дошт. Дар барнома оркестри мусиқӣ даъват мешуд ва бо ситораҳои санъату мусиқӣ суҳбат сурат мегирифт. Чун Брайн худ ҳазлу мазҳакаро дӯст медошт бо ин роҳ тавонист, ки бинандагонро ба барнома ҷалб намояд. Муаллиф рисолати **“муколама бо тамошобин ва ба вуҷуд овардани бозори ақида”** [2, с. 41] -ро медонист ва дар раванди барнома чун як ҳунарманди фаъоли саҳна ба ҳисоб мерафт. Аз паҳлуи дигар, бояд ба инобат гирифт, ки **“шоуҳои телевизионии замонӣ низ талаботи тамошобинро қонеъ карда наметавонанд”** [2, с. 42]. Ҳамин аст, ки дар ин барнома дар мутобиқату мувофиқат бо табъу завқи бинанда аз унсури ҳаҷву танз истифода мешавад. Онро ҷузъиёти комилсозандаи барнома номидан мумкин аст. Конан яке аз шоуменҳои муваффақ аст. Аз ҷузъиёти фарогиру созандаи ин жанр воқиф буд. Ӯ ҳануз солҳои донишҷӯӣ сармуҳаррири рӯзномаи донишгоҳӣ будааст. Баъдан ӯ чун сенарист дар барномаи телевизионии “Saturday Night Live» (1987-1991) фаъолият карда муаллифии филми машҳури кӯдаконаи “Сипсони” мебошад. “Нимашаб бо Конан” машҳуртарин лоиҳаест, ки ӯ дар он муваффақона фаъолият кардааст. Баъдан бо ин унвон дар шабакаҳои Русия низ барномае бо номи “Сегодня вечером” роҳандозӣ гардид. Дар чанде аз кишварҳои дигари ИДМ низ дар пайравӣ ба қолаби барномаи Конан барномаҳои диданӣ ба майдон омаданд.

“Шоу Эллен Дедженерес”. Ин барнома тӯли 18-сол аз шабакаи NBC пахш шудааст. Муҳаррири барнома Эллен худ ҳунарманди соҳаи рақс буд. Асосан мавзӯи барнома низ рақс ба ҳисоб мерафт. Дар барнома шумораи қаҳрамонон маҳдуд набуд. Аз донишҷӯ то профессор, аз деҳқон то сиёсатмадор метавонист қаҳрамони барнома бошад. Беҳтарин қаҳрамони барнома соли 2007 Барак Обама буд. Ин ҳам аз касбияти журналисти телевизион дарак медиҳад, ки на бо вазифаи симосозии худ, балки корбаст аз чеҳраи симоҳои шинохта маҳбубияти барномаи худро таъмин мекард. Журналисти телевизион медонад, ки ӯ **“аз ҳама бештар имкони таъсир расонидан ба афкори оммаро дорад”** [7, с. 57]**.** Маҳз ин омил муҷиб мегашт, ки бо даъват кардани чеҳраҳои шинохта хосияти равонии барнома барқарор бошад. Обама дар барнома чанд намуди рақсро низ иҷро намудааст. Барномаи мазкур 4 маротиба соҳиби ҷоизаи “Эмми“ дар Амрико шудааст. Нахустин маротиба ин барнома соли 2003 рӯйи эфир омадааст. Дар баробари Эллен дар барнома диджей Тони Окунбоуа ширкат мекунад, ки барои меҳмонон дилхоҳ мусиқиро интихоб мекунад. Маҳбубияти дигари ин барнома дар он аст, ки Эллен дар ҳар як барнома ба чанд нафар аз сокинони кишвар (новобаста аз вилоятҳои Амрико) занг мезанад, бо онҳо суҳбат меорояд ва ё саволи онҳоро барои қаҳрамони худ пешниҳод мекунад. Робитаи мустақим эътимоди барномаро бештар мегардонид. Саволи ҷолиб ва ё ҳамсуҳбати фаъол соҳиби туҳфа мегардид. Роҳҳат ба ҷойҳои таърихӣ, телевизор, компютер ва ғайра майлу тавоҷҷуҳи шаҳрвандонро меафзуд. Дар ин самт низ касбияти барнома нақши умда дошта метавонад. Чун рисолати тиҷоратии барнома баланд меравад, маълум аст, ки эътибори касбият коста мешавад. Яъне қонунияти **“фарҳанги касбият – роҳ ба сӯйи қуллаи мурод”** [6, с.243] аз байн меравад. Ин барнома низ бо мурури вақт хосияти касбияти журналистиро аз даст медод.

“Шоу Крейгом Фергюсом”. Барномаи мазкур соли 2005 дар Амрико маҳбубияти баланд дошт. Азбаски муаллифи он ҳунарманд, коргардон ва нависанда Крейг буд, ӯ метавонист, ки аудиторияро ҷалб намояд. Ин барнома хусусияти тақризиро дошт. Китобҳо ва асарҳои алоҳида дар такя ба андешаҳои аудитория нақди махсусро медид. Ҳолатҳое ҳам мешуд, ки ба иззати нафси муаллифон мерасиданд. Онҳое, ки аз қонунияти эҷод воқиф буданд, ноқисиҳои маҳсули эҷодии нафарони алоҳидаро мавриди танқиди шадид қарор медоданд. Ин барнома бештар аз **“силсилаи ҳангомаҳо”** [10, с.135] иборат буд.

Шоуи Регис ва Келлӣ. Ин барнома низ дар шабакаи NBC рӯйи эфир омадааст. Соли 2011 Мишел Обама дар барнома ширкат варзида дар бобати ҳамсари худ нақл мекунад. Мавзӯъҳои асосии барнома аз нигоҳи наздиктарин шахс шарҳ додани ҳаёти шахсони маъруф буд. Зиндагии паси пардаи қаҳрамонони маъруф аудиторияро мутаваҷҷеҳ менамуд. Дар барномаи мазкур ҳангоми суҳбат ҳадафмандона этикаи касбӣ риоя карда намешуд. Зеро меҳмони барнома аз муносибати маҳрамонаи зану шавҳар ва ё издивоҷи ғайриқонунӣ қисса мекард. Ин ҷиҳат низ ҳамчун яке аз унсурҳои ҷолибсозии барнома ба

кор бурда мешуд. Маҳз интихоби мавзӯъҳои ғайричашмдошт сабаби муваффақ шудани лоиҳа гардидааст. Ин ҷиҳат ва хусусиятро **“шоу –суханбозӣ...”** [10, с.135] низ номидан мумкин аст, ки дар ин гуна барномаҳо натанҳо журналист, балки аудитория низ фаъол аст.

“**Шоу 106 ва Парк”.** Ин барнома нисбати дигар барномаҳо дар шакли пешниҳод дигаргунтар ба ҳисоб мерафт. Дар барномаи мазкур тозатарин клипҳо пешкаш гардида, баҳогузорӣ тариқи паёмакҳо сурат мегирифт. Маълум аст, ки ин усул барои ҳар як муаллифи барномаи хусусияти шоудошта даромади калонро меорад. Мусаллам аст, ки барои даромади молӣ шоуменҳо дар ин самт бо ҳамкорӣ бо ширкатҳои мухталиф барномаи худро месозанд. Дар раванди барнома рекламаи пӯшидаву ошкори ширкатҳо низ хеле хуб ба роҳ монда мешавад. Ҳамчунин дар барнома сарояндагон низ ширкат менамуданд. Барои ин ҳадаф интихоб ва мавқеи бинандагон ба инобат гирифта мешуд. Дар “Шоу 106 ва Парк” ҳар як суруди тоза чанд маротиб пахш мегардид ва дар бораи сабти клип муҳтавои суруд, либоси сароянда ва ҳатто раққосҳои интихобшуда изҳори андеша мекарданд. Ҳолатҳое мешуд, ки дар рафти барнома моҷаро ба миён меомад ва ситораҳои алоҳида барномаро тарк кардаанд.

“Шоу бо Девид Леттермен”. Ин барнома ягона аз он барномаҳое буд, ки муҳаррири он журналист буд. Инро мо дар қиёс бо барномаҳои дигар мегӯем, ки муаллифони аксари онҳо коргардонҳову ҳунармандон буданд. Барномаи Литтермен соли 2002-юм миёни панҷоҳ барномаи беҳтарини Амрико ҷойи 7-умро гирифт. Барнома асосан шабона дар эфир пахш мегардид. Барномаи мазкур перомуни роҳи тайкардаи як ҳунарманд нақл мекард, ки дар асоси муколама бо аудитория сурат мегирифт. Чун дар барнома касбияти журналистӣ вуҷуд дошт, дар тақлиду пайравӣ ба он дар як фосилаи кӯтоҳ дар телевизионҳои Русия ва ИДМ барномаҳои ҳаммонанд ба миён меомаданд. Чунончи ба ин барнома монанд дар соҳои 2000-ум тариқи Телевизиони Тоҷикистон барномае бо номи “Суҳбати мардона” пахш мешуд. Баъдтар солҳои 2007-2010 дар шабакаи Сафина барномаи “Нигоҳи зан” омода мегашт. Фарқият дар он буд, ки агар дар “Суҳбати мардона” роҳи тайкардаи як шахсият таҳлил гардида бошад, дар барномаи “Нигоҳи зан” ба мушкилоти рӯзгор аз нигоҳи занон диққати асосӣ равона карда мешуд. Феълан дар шабакаҳои Русия низ ин намуди шоу бисёр дида мешавад. Масалан барномаи “Давай поженимся” шаклан қолаби барномаи “Шоу бо Девид Леттермен”-ро дорад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дигар барномаҳои телевизионҳои аз нигоҳи забонӣ ба мо дастрас ин сифатро соҳибанд. Дар ин самт эҳтиёҷоту майлу ниёзи аудитория низ дар ташаккулу таҳаввули барномаҳо нақши муассир доранд. Таваҷҷуҳ ба шоуи имрӯзаро наметавон маҷмӯӣ номид. Шоу низ ҳамеша аудиторияи худро соҳиб мебошад. Ин аудитория вобаста ба ҷинс ва синну сол робитаи бештар дорад. Муҳаққиқ А.Саъдуллоев сифату ҳудуди аудиторияи имрӯзаи шоубарномаҳо ва умуман телевизионро ҳанӯз чандин сол қабл чунин муайян карда буд: **“Дар тамоми ҷаҳон исбот шудааст, ки газетаро аз ҳама кам занон ва ҷавонон мехонанд. Ҷазби ин қишри ҷомеа дар радиову телевизион хубтар ба роҳ монда шудааст”** [9, с. 63]. Ҳамин аст, ки бо назардошти ташаккулу таҳаввули токшоуҳои ғарбӣ муҳаққиқон дар сабқат бозмондагии васоити ахбори моро ишора кардаанд, ки гувоҳи дар қолаби барномаҳои онҳо рушд ёфтани жанрҳои алоҳида мебошанд: **“...бояд маводе таҳия кард, ки ба шоуҳои пурмуҳтаво наздик бошанд”** [9, с. 63].

Барномаи дигари маъруфи Амрико “Имшаб” ном дошта, муаллифи барнома ҷонни Карсон мебошад. Дар Амрико Карсон асосгузори барномаҳои фароғатии шоу ба ҳисоб меравад. Жанри барнома мусиқӣ буда, асосан ситораҳои санъат қаҳрамонони барнома мебошанд. Дар таҷрибаи шоубарномаҳои муосири ҷаҳонӣ ин навъ барномаҳо дар ҷойи аввал меистанд. Маҳбубият ва нуфузу эътибори ситораҳои санъат ба таври ҳамеша диққати аудиторияи умумро ҷалб менамояд. Ин раванд собит намудааст, ки аз ҳисоби нуфузи ситораҳои санъат журналистон ва шоуменҳои алоҳида болотар аз он ситораҳо маҳбубият пайдо кардаанд. Дар шабакаҳои телевизионии ватании мо низ чунин барномаҳо омода ва пахш мешуданд. Ин барномаҳо ба монанди “Созу роз”-и Телевизиони Сафина (2011-2014),”Гули маҳтоб”-и Телевизиони Тоҷикистон (2004) ва ғайра буданд, ки баъзеи онҳо дар майдон устувор набудани худро нишон доданд. Баъдтар дар шабакаи Тоҷикистон барномае бо номи “Имшаб” роҳандозӣ гардид, ки қолаби шоубарномаҳои телевизионии амрикоиро дошт ва маълум, ки ин таъсиру тақлид аз фазои иттилоотиву фарҳангии Русия ба мо таҳмил мегашт.

“**Шоу бо Опри Уинфӣ”**. Барномаи бузургтарин, ки муддати зиёд дар эфири шабакаҳои Амрико буд, ин “Шоу бо Опри Уинфӣ” мебошад. Барномаи мазкур 25-сол дар эфир буда, дар ин муддат аудторияи худро берун аз кишвар низ пайдо кардааст. Аз ин

барнома дар 25-мавсим 4561 сабт боқӣ мондааст. Аз рӯйи маълумоти телевизиони TV Guide барномаи мазкур дар 146 давлат пахш мегардид. Омили забонӣ (дастрас будани забони англисӣ) боис буд, ки дар рейтингҳои ҷаҳонӣ барномаи мазкур мақоми шоиста дошта бошад. Мавзӯъҳои баррасишаванда диққати ҷаҳониёнро ҷалб мекард. Рӯҳияи иҷтимоии барнома бо назардошти талаботу завқи аудитория самт пайдо менамуд. Соли 2002-ум ин барнома дар қатори 50 барномаи беҳтарин дар таърихи Амрико шинохта шуд. Барнома аз соли 1986 то соли 2011 давом ёфта 25-уми майи соли 2011 охирин намоиши ин барнома пахш гардидааст.

Дар баробари ин даҳгона дар Амрико садҳо барномаҳои дигаре ҳастанд, ки берун аз ин кишвар низ маҳбубияту нуфузи баланд доранд. Барномаҳое, ки дар боло ба таври мухтасар зикр гаштаанд, бо хусусияти публитсистии худ дар сархати барномаҳои телевизионии ин кишвар қарор гирифтаанд. Журналистон ва шоуменҳои муваффақ рейтинги ширкатҳои телевизиониро хеле баланд мегардониданд. Тариқи шартномаҳои гуногун онҳо ба ҳамкориву робитаҳо ба ширкатҳои дигари телевизионӣ даъват карда мешуданд. Бино ба пешниҳоди чанд маҷалла ва шабакаҳои телевизионии Амрико ин даҳгона тавонистаанд, ки жанри нави токшоуро дар саросари ҷаҳон бо паҳлуҳои нави муассир пешниҳод намоянд. Ин баҳодиҳӣ ва ҳукм дар асоси қонунияти **“сатҳу андозаи таъсири равонӣ ба аудитория”** [7, с.180] ба вуҷуд меояд. Саволе матраҳ мешавад, ки дурнамову инкишофи телевизион дар доираи барномаҳои шоу чигуна буда метавонад. Аввалин имконоту афзалияти телевизион бо “хислати кино, радио ва театрро дар як вақт дар худ инъикос намудан” [11, с.93] бозгӯи он аст, ки шоубарномаҳо дар сабқатҳо ғолибияти бештар доранд. Имрӯз шоуҳо ба қолаби барномаҳои ахборӣ наздик шуда истодаанд. Имконият ва услуби нави жанрӣ шакл пайдо карда истодааст. Имрӯз дар телевизионҳои русӣ мебинем, ки воқеаву ҳаводис ҷараён дорад ва дар баробари он шоубарномаи телевизионӣ пахш гардида истодааст. Аз ҷойи воқеа репортёрҳо ба таври пахши мустақим ба муаллифи барнома дар тамос мешаванд. Дар студия аудиторияи муайян ба таври мустақим аз воқеа ба таври фаврӣ ҳабардор мешавад ва ҳам таҳлили чандҷониба ба миён меояд. Формати хабариву таҳлилӣ ба таври ноаён таҷзияи хос меёбанд.

Дар асоси таҳлилу баррасии нисбатан маҳдуд гуфтан мумкин аст, ки имрӯз шоу дар фаъолияти ҳар як телевизион мақоми густурда дошта метавонад. Шоубарномаҳо ҳамчун жанри нисбатан ҷавон имрӯзу оянда дорои чунин хусусияту рисолат буда метавонанд:

1. Шоу-барнома хусусияти оммавии баланд дорад, ки ҷаҳони ботинии аудиторияро дигар сохта метавонад
2. Ин навъи барномаҳо назарро тағйир медиҳанд, шавқро барои омӯзиш бедор менамоянд, муҳаббату нафратро суръат мебахшанд.
3. Шоуи телевизионӣ миллионҳо нафарро ба ҳам меорад, бинандаро ба зиндагӣ дилгарм менамояд ва ҳамзамон дар тарбияи завқи коҳида низ нақш дорад.
4. Шоуи телевизионӣ вобаста ба донишу ҷаҳонбинии муаллифи он манбаи эътимоди афкор аст.
5. Шоуи телевизионӣ меҳнати фардии як нафар нест ва меҳнати маҷмӯи одамон аст, ки мазмуну муҳтавои хосро пешкаши тамошобин мегардонад.
6. Шоуи телевизионӣ дар шароити кунунии ҷаҳонишавии ахбор барои ғасби мафкура имкони бештар дорад, ки онро дигар василаҳои ахбор нахоҳанд дошт.

А Д А Б И Ё Т

1. Бобоев Д. Техника ва рӯзноманигорӣ / Д.Бобоев, С.Ҳайдаров. - Душанбе, 2018. - 132 с.
2. Дар моварои сухан (маҷмӯаи мақолаҳо). - Душанбе, 2005. - 92 с.
3. Муродов М. Аз се шохаи як илм / М.Муродов. - Душанбе, 2014. - 232 с.
4. Муродов М. Луғати мухтасари истилоҳот ва мафҳумҳои рӯзноманигорӣ / М.Муродов. -Душанбе, 2011.- 143 с.
5. Полетаев Э. Рӯзноманигории байналхалқӣ: роҳнамо барои муаллифон аз Осиёи Марказӣ / Э.Полетаев. - Душанбе, 2005. -280 с.
6. Прохоров Е.П. Введение в теорию журналистики. Учебное пособие / Е.Прохоров. - М.: Изд-во РИП холдинг, 2002. - 322 с.
7. Сафарова М. Телевидение и его влияние на общественное мнение: Монография / М.Сафарова. -Душанбе, 2018. -204 с.
8. Садуллаев А. Горизонты публицистики / А.Садуллаев. - Душанбе, 2009. -306 с.
9. Саъдуллоев А. Начвои начотофарин / А. Саъдуллоев. – Душанбе, -112 с.
10. Усмонов И.К. Жанрҳои публитсистика / И.К. Усмонов. - Душанбе, 2009. -139 с.
11. Усмонов И.К. Назарияи публитсистика. Васоити таълимӣ / И.К. Усмонов. - Душанбе, 1999. - 99 с.

ЖАНРИ ТОК-ШОУ ДАР ТЕЛЕВИЗИОНҲОИ АМРИКО

Дар ин мақола дар бораи хусусиятҳои жанрии шоуи телевизионӣ сухан меравад. Муаллиф нахуст дар асоси андешаи муҳаққиқон дар бораи хусусияту таъйиноти жанрҳо назарияҳои гуногунро пеш меорад. Дар ҳақиқат, жанр муайянкунандаи ҳусну қубҳи шакли воситаи ахбор ва омили ҷалби аудитория мебошад. Жанр бо вазифаву доираҳои худ қолабро ба вуҷуд меорад ва дар низоми баёни фикру мавқеъ низ нақши сазовор дошта метавонад. Аз назари муаллиф таҳаввулоту тавлиди жанрҳои нав ин, пеш аз ҳама, тараққиёти рӯзафзуни ҷомеа мебошад. Таҳаввули жанриро бештар дар васоити ахбори оммаи кишварҳои пешрафта дидан мумкин аст. Чунончи дар пешниҳоди жанрҳои хоссаи телевизионӣ кишвари Амрико дар ҷойи аввал меистад. Ин хосиятро мо бештар дар барномаҳои телевизиони Ғарб, алалхусус ИМА, дида метавонем. Вобаста ба ин фарзияҳо миёни жанрҳои ахборӣ ва публитсистии телевизионӣ ҷавонтарин жанр ток-шоу мебошад ва майдони тавлиду ташаккули он телевизионҳои амрикоӣ дониста мешаванд. Аз ҷумла, бо пешниҳоди Фил Донахю нахустин барномаи ток-шоу дар ин кишвари бузург пайдо шудааст ва барои баёни андешаву афкори озод замина ба вуҷуд овардааст. Анъанаи шоусозии Донахю боис гардидааст, ки садҳо барномаҳои ток-шоу дар ин кишвар ва берун аз он ба вуҷуд оянд. Муаллиф андеша дорад, ки симои аслии имрӯзаи телевизионҳои амрикоиро имрӯз ток-шоуҳо муайян менамоянд ва теъдоди аудиторияи онҳо дар пайи афзоиши пайваста қарор дорад. Дар ин самт сабқатҳову рақобатҳои ҷиддие вуҷуд доранд, ки аз сатҳу сифати ин ток-шоуҳо ҳикоят менамоянд. Вобаста ба ин, муаллиф ба таври фишурда дар бораи чанде аз шоубарномаҳои амрикоӣ маълумотҳоро пеш меорад. Аз ҷумла, дар як доираи маҳдуд дар бораи барномаҳои “Нимашаб бо Конан О Брайн”, “Шоу Эллен Дедженерес”, “Шоу Крейгом Фергюсом”, “Шоуи Регис ва Келлӣ”, “Шоу 106 ва Парк”, “Шоу бо Девид Леттермен”,“Шоу бо Опри Уинфӣ” баъзе андешаҳо баён карда мешавад. Дар шароити кунунии рақобату сабқати воситаҳои ахбор дар фазои иттилоотии ҷаҳонӣ шоуи телевизионӣ мавқеи густурдаву амиқ дошта метавонад, ки намунаи онро дар кишвари Амрико дидан мумкин аст. Мақола бо он хулоса карда мешавад, ки шоуҳо хусусияти оммавии баланд дошта, ҷаҳони ботинии аудиторияро дигар сохта метавонанд. Ҳамзамон шоуи телевизионӣ вобаста ба донишу ҷаҳонбинии муаллифи он манбаи эътимоди афкор аст, ки дар талқину ташвиқи афкори мушаххас имкони васеъро соҳиб аст. Ниҳояти андешаҳои муаллиф он аст, ки шоуи телевизионӣ дар шароити кунунии ҷаҳонишавии ахбор барои ғасби мафкура имкони бештареро соҳиб аст, ки онро дигар жанрҳо молик нестанд.

Калидвожаҳо: хусусиятҳои жанрии шоуи телевизионӣ, шоуи телевизионӣ, фазои иттилоотии ҷаҳонӣ фазои иттилоотии ҷаҳонӣ, телевизионҳои амрикоӣ, ҷаҳонишавии ахбор.

ЖАНР ТОК-ШОУ НА АМЕРИКАНСКОМ ТЕЛЕВИДЕНИИ

В этой статье речь идет о жанровых свойствах телевизионного шоу. Автор рассматривает разные теории, основанные на мнении исследователей о свойствах и назначении жанров. На самом деле жанры определяют содержание средств информации и являются факторами для привлечения аудитории. Жанр представляет собой организационную форму и может сыграть важную роль в системе изложения мыслей. С точки зрения автора, эволюция и рождение новых жанров – прежде всего, говорит о постоянном развитии общества. Эволюцию жанров чаще всего можно встретить в средствах массовой информации развитых стран. Например, первое место по представлению популярных телевизионных жанров занимает Америка. Мы можем видеть эту особенность в телевизионных программах на Западном телевидениии, особенно в Соединенных Штатах Америки. Самым молодым среди телевизионных информационно- публицистических жанров является ток-шоу. Этот вид телеискусства впервые появился на американском телевидении. Первое ток-шоу в этой стране возникло благодаря известному журналисту Филу Донахью. И это создало основу и предпосылки для свободного изложения мыслей. Особенностью телешоу Донахью стало то, что программа породила сотни подобных телепередач в этой стране и за ее пределами. Автор этой работы считает, что лицо современной американской тележурналистики ярко представляет именно ток-шоу, которое определеет рост зрительской аудитории у телеканала. И в этой связи, у ток-шоу как жанра, есть свои правила, от которых зависит качество телепрограммы. Поэтому автор приводит в данной работе сравнительную информацию по ряду американских шоу-программ. Например, в таких, как “Полночь с Конан О Брайен”, “Шоу Эллен Дедженерес”, “Шоу Крейга Фергюса”, “Шоу Регис и Келли”, “Шоу 106 и Парк”, “Шоу с Девид Леттермен”, “Шоу Опры Уинфри”, где приводится ряд мнений и наблюдений. В сегодняшнем мире средств массовой информации телевизионные шоу могут иметь различные позиции, что можно увидеть на примере телепроектов в Соединенных Штатах Америки. В статье говорится, что телешоу отражают высокую гражданскую позицию зрителей и могут менять общественное мнение. В то же время многие ток-шоу связаны с автором и ведущим передачи, и его личная позиция также может влиять на характер телепрограммы. По мнению автора работы, телевизионные ток-шоу в современной глобальной медиа-среде для выражения отношения к проблеме более доступны широкой аудитории, и никакие другие жанры не обладают указанным преимуществом.

Ключевые слова: жанровые особенности телевизионного шоу, телевизионное шоу, мировое информационное пространство, американское телевидение, глобализация информации.

GENRE TALK-SHOW ON AMERICAN TELEVISION

This article deals with the genre properties of a television show. The author first puts forward various theories based on the opinions of researchers about the properties and purpose of genres. In fact, genres determine the content of the media and are factors for attracting an audience. A genre is an organizational form and can play an important role in the system of expression of thoughts. From the point of view of the author, the evolution and birth of new genres - above all, speaks of the continuous development of society. The evolution of genres is most often found in the media of developed countries. For example, the first place in the presentation of popular television genres is America. We can see this feature in television programs on Western television, especially in the United States of America. The youngest among the television information and journalistic genres is a talk show. This type of television art first appeared on American television. The first talk show in this country originated thanks to well-known journalist Phil Donahue. And this created the basis and prerequisites for the free expression of thoughts. A feature of the TV show Donahue was the fact that the program generated hundreds of similar television programs in this country and abroad. The author of this work believes that the face of contemporary American television journalism vividly represents precisely the talk show, which determines the growth of the audience at the TV channel. And in this regard, the talk show as a genre has its own rules on which the quality of the TV program depends.

Therefore, the author cites in this paper comparative information on a number of American show programs. For example, such as “Midnight with Conan O'Brien”, “The Ellen DeGeneres Show,” “The Craig Fergus Show,” “The Regis and Kelly Show,” “The Show 106 and the Park,” “The Show with David Letterman,” “The Oprah Show Winfrey ”, which provides a number of opinions and observations. In today's media world, television shows may have different positions, as can be seen in television projects in the United States of America. The article says that television shows reflect a high civil position of viewers and can change public opinion. At the same time, many talk shows are associated with the author and host of the program, and his personal position can also influence the nature of the TV program. According to the author of the work, television talk shows in a modern global media environment are more accessible to a wider audience for expressing attitudes towards the problem, and no othr genres have this advantage.

Key words: TV show genre features, television show, world information space, American television, globalization of information.

Сведения об авторе: ***Азизов Фируз Шарифович -*** Таджикский национальный университет, аспирант факультета журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **Firuz.aziz@bk.ru.** Тел.: **(+992) 93-805-50-08**

Information about the author: ***Azizov Firuz Sharifovich*** - Tajik National University, a graduate student at the Faculty of Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki, Ave. 17. E-mail: **Firuz.aziz@bk.ru.**
Тел.: **(+992) 93-805-50-08**

МУНДАРИҶА-СОДЕРЖАНИЕ

З А Б О Н Ш И Н О С Ӣ - Я З Ы К О З Н А Н И Е

Назарзода Сайфиддин. Нақши Айнӣ дар навсозии забони адабӣ…… **5**
Нағзибекова М.Б., Мирзоева З.Дж. Лексема хлеб/«нон» в диалектных словарях таджикского языка…… **10**
Мирзоева М.Ҷ. Муносибати сабабу натиҷа ва роҳҳои ифодаи он дар забони тоҷикӣ..... **17**
Саидов Х.А., Раззокбердиев Ш.С. Семантический способ словообразования дипломатической и геологической терминологии в разносистемных языках (русский, таджикский, английский)…….. **20**
Гулназарова Ж. Коннотатсия..... **25**
Низомова С. Сифатҳои мураккаби ифодакунандаи аломатҳои зоҳирӣ, ботинӣ ва хислату рафтори шахс дар насри бадеии Садриддин Айнӣ..... **30**
Самиев З. Роль и функции терминов и терминологии в коммуникативных процессах…….. **35**
Сафарзода Рухангези Акбар. Хусусияти нигориши калимаҳои мураккаб ва таркибии забони англисӣ дар фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ..... **38**
Гулова З. Ибораҳои рехта бо вожаи об дар фарҳангномаи «Баҳори Аҷам»…… **44**
Шарипов Б.А. Средства и способы выражения субъективной модальности в русском, таджикском и английском языках…….. **48**
Замонов З.И. Хусусиятҳои семантикии калимаҳои байналмилалӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ (дар асоси маводҳои ВАО «Минбари халқ» ва «Ҷумҳурият»)…… **53**
Исмонов К. Сибавайҳ дар саргаҳи забоншиносии Арабу Аҷам…….. **57**
Каримов А.Ф. Грамматический анализ вопросительных и возвратно-определительных местоимений в таджикском, русском и английском языках…… **61**
Муҳаббатов А. Нақши калка ва густариши маъноӣ дар офариниши вожаҳо ва мафоҳими диниву мазҳабии забони форсӣ…… **66**
Абдурасулов Н.А. Основные источники формирования и развития метеорологической терминологии таджикского и английского языков…….. **71**
Ҳалимова С. Тобишҳои маъноии номҳои либос дар “Маснавии Маънавӣ”-и Ҷалолиддини Балхӣ (дафтари аввал)..... **74**
Мирзажанова М.К. Предлог *to* английского языка и *ба* таджикского языка, выражающие локальные значения…….. **79**
Кенҷаева О. Сохти чузъи номии феълҳои таркибӣ (дар асоси осори Сотим Улуғзода)..... **82**
Абдувохидова М.А. Состав временных предлогов в сопоставляемых языках…….. **86**
Ҷобиров А. Корбурди пасвандҳои ҷамъбандӣ дар китоби «Бахше аз Тафсири куҳан»..... **90**
Абдуллоева М.М. Место синонимов в заголовках таджикской и английской печати (сравнительный анализ)…….. **94**

А Д А Б И Ё Т Ш И Н О С Ӣ - Л И Т Е Р А Т У Р О В Е Д Е Н И Е

Хоҷамуродов О. Мирзода Ишқӣ – шоири инқилобӣ ва навпардоз..... **99**
Мақсудов Б. Як нусхаи дастнависи қадими девони камоли хуҷандӣ ва аҳамияти он..... **104**
Абдуқодирзода Саидмукаррам. Сохтор ва муҳтавои “Равзат-уш-шуҳадо”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ.. **112**
Пӯлотов Н.Н. Гулбаданбегим ва мероси илмиву адабии ӯ…… **116**
Абдулманнонзода Муҳаммадсиддиқ. Ғазалиёти Саъдӣ ва анвои онҳо аз нигоҳи мазмуну мундариҷа. **121**
Ашурова Н.Ҷ. Баррасии қиёсии образи Синдухт дар «Шоҳнома» -и Абулқосими Фирдавсӣ ва Меҳинбону дар «Хусрав ва Ширин»-и Низомии Ганҷавӣ..... **126**
Туманов Н. Ахбори марбут ба фарзандони Ҳотам дар «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд…… **133**
Наҷотова Х. Чеҳраи зан дар нахустин повести Сорбон…… **137**
Шарипова М. Хусусиятҳои «Сад майдон»-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ..... **140**
Юлдошева М. Зиндагиномаи Саноӣ…… **142**
Амиршоева М.П. Замони бадеӣ ва бозтоби он дар ҳикояҳои Ҷилони Бону…….. **146**
Аҳмадзода Ф.Ф. Пиромуни офариниши персонаж дар романи «Ҳайҷо». Масъалаи паралипсис..... **151**
Гадозода М.Д. Шеваҳои баён ва сабки нигориши номаҳои Рашидаддини Ватвот..... **154**
Мухторов З., Абдуев Э. Назаре ба зиндагиномаи Толиби Омулӣ ва забони осори ӯ..... **163**
Нозимова Г.С. Шеваи баёни қисса андар қисса дар насри тамсилӣ (дар мисоли «Ҳазору як шаб»)… **165**
Равшани Ҳамроҳ. Таҳаввулгароиҳои Гулназар дар жанри дубайтӣ..... **169**
Азизӣ Ф.А. Мақоми тоҷик (шашмақом)..... **175**
Исмоилов Ф. Баёни чанд намунаи луғаз (луғз) ё чистон дар ашъори Рӯдакӣ…… **180**

Ж У Р Н А Л И С Т И К А

Нуралиев А. Развитие информационных жанров журналистики в открытом обществе…… **185**
Бабаева Ф.Б. Анализ международных документов по правам человека и освещение их в СМИ…….. **188**
Назаров Умед. Ҳолати муайян намудани асардуздӣ дар ВАО-и музофотӣ (дар мисоли муроҷиати хабарнигори нашрияи “Хатлон” ба шӯрои ВАО)..... **190**
Азизов Ф. Жанри ток-шоу дар телевизионҳои Амрико..... **194**

ТАРТИБИ ТАҚРИЗДИҲӢ БА МАҚОЛАҲОИ ИЛМИЕ, КИ БА МАҶАЛЛАИ ИЛМИИ «ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН. БАХШИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ» БАРОИ ЧОП ПЕШНИҲОД МЕГАРДАНД

Мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, аз ташхиси пешакӣ гузаронида мешаванд (ташхис аз ҷониби аъзоёни ҳайати таҳририя – мутахассисони соҳаи дахлдор анҷом дода мешавад) ва сипас дар доираи тартиботи ҷорӣ барои чоп қабул мегарданд. Талабот барои тартиб додани шакли ниҳоии матни мақола дар ҳар як шумораи маҷалла чоп карда мешавад.

Ҳангоми қабули шакли дастнависи мақола, корбарони маҷалла нисбат ба мундариҷа ва риояи талаботи асосӣ ба муаллиф хабар медиҳанд ва он норасоиҳое, ки дар мақола ҷой доранд, то оғози ташхис аз ҷониби муаллиф бояд бартараф карда шаванд.

Сипас мақолаи илмӣ, дар доираи талаботи ҷорӣ, барои ташхис ба аъзоёни ҳайати таҳририя ва ё мутахассисони соҳаи дахлдор (номзадҳо ва докторони илм) равон карда мешавад.

Дар тақриз бояд хусусиятҳои муҳимми мақола асоснок карда шаванд. Аз ҷумла, навоварии илмӣ, муҳиммияти омӯзиши масъала, арзиши таърихӣ ва фактологии мақола, дурустии иқтибосҳои нишондодашуда, услуби матн, истифодаи адабиёти солҳои охир ва камбудию норасоиҳои мақола. Дар охири тақриз ба мақола баҳои умумӣ дода мешавад ва ба ҳайати таҳририя дар мазмунҳои зерин хулосаи муқарриз пешниҳод мегардад: ба чоп тавсия карда шавад; баъди ислоҳи камбудиҳо ба чоп тавсия карда шавад; барои тақриз иловатан ба мутахассиси дигари масъалаи дахлдор фиристода шавад; барои чоп тавсия карда намешавад. Ҳаҷми тақриз бояд аз як саҳифа кам набошад.

Мақолаҳои илмии барои чоп қабулгардида, аммо ба тағйирот ниёздошта, бо нишон додани тавсияҳои муқарриз ва муҳаррир ба муаллифон фиристода мешаванд. Муаллифон бояд камбудию норасоиҳои ҷойдоштаро ислоҳ намуда, шакли ниҳоии матни чопӣ ва электронии мақоларо бо дастхати пештарааш ба маҷалла пешниҳод намоянд. Баъди ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта мақолаи илмӣ такроран барои тақриз супорида мешавад ва сипас аз ҷониби ҳайати таҳририя барои чопи он иҷозат дода мешавад.

Мақолае, ки ба он тақризи мусбӣ дода шудааст ва чопи он аз ҷониби ҳайати таҳририя ҷонибдорӣ гардидааст, барои нашр қабулгардида ба ҳисоб меравад.

Раванди тақриздиҳӣ ба мақолаҳои дастнавис ошкоро намебошад. Паҳн намудани хабар дар бораи раванди тақриздиҳии мақолаи дастнавис боиси поймол гардидани ҳуқуқи муаллиф мегардад. Муқарризон барои нусхабардорӣ намудани матни мақола ва истифода намудани он барои эҳтиёҷоти худ ҳуқуқ надоранд.

Муқарризон, инчунин аъзоёни ҳайати таҳририя то нашри мақола иттилооти дар матни мақолаи дастнавис ҷойдоштаро ба манфиати худ истифода бурда наметавонанд.

Тақризҳо дар нашрияи маҷалла ба муддати 5 то сол нигоҳдорӣ мешаванд.

Идораи нашрия ҳангоми дархости дахлдор нусхаҳои тақризҳоро ба Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия ирсол менамояд.

Инчунин идораи нашрия ҳангоми дархости дахлдор нусхаҳои тақризҳоро ба Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ирсол менамояд.

ПОРЯДОК
РЕЦЕНЗИРОВАНИЯ НАУЧНЫХ СТАТЕЙ, ПРЕДСТАВЛЯЕМЫХ В НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ «ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА. СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК»

Статьи, поступающие в редакцию, проходят предварительную экспертизу (проводятся членами редколлегии – специалистами по соответствующей отрасли науки) и принимаются в установленном порядке. Требования к оформлению оригинала статей приводятся в каждом номере журнала.

Если рукопись принята, то редакция сообщает автору замечания по содержанию и оформлению статьи, которые необходимо устранить до передачи текста на рецензирование.

Затем статьи рецензируются в обязательном порядке членами редколлегии журнала или экспертами соответствующей специальности (кандидатами и докторами наук).

Рецензия должна содержать обоснованное перечисление качеств статьи, в том числе научную новизну проблемы, её актуальность, фактологическую и историческую ценность, точность цитирования, стиль изложения, использование современных источников, а также мотивированное перечисление её недостатков. В заключении дается общая оценка статьи и рекомендации для редколлегии – опубликовать статью, опубликовать её после доработки, направить на дополнительную рецензию специалисту по определенной тематике или отклонить. Объем рецензии - не менее одной страницы текста.

Статья, принятая к публикации, но нуждающаяся в доработке, направляется авторам с замечаниями рецензента и редактора. Авторы должны внести все необходимые исправления в окончательный вариант рукописи и вернуть в редакцию исправленный текст, а также его идентичный электронный вариант вместе с первоначальным вариантом рукописи. После доработки статья повторно рецензируется, и редколлегия принимает решение о ее публикации.

Статья считается принятой к публикации при наличии положительной рецензии и если её поддержали члены редколлегии. Порядок и очередность публикации статьи определяется в зависимости от даты поступления ее окончательного варианта.

Рецензирование рукописи осуществляется конфиденциально. Разглашение конфиденциальных деталей рецензирования рукописи нарушает права автора. Рецензентам не разрешается снимать копии статей для своих нужд.

Рецензенты, а также члены редколлегии не имеют права использовать в собственных интересах информацию, содержащуюся в рукописи, до её опубликования.

Рецензии хранятся в редакции журнала в течение 5 лет.

Редакция журнала направляет копии рецензий в Министерство образования и науки Российской Федерации при поступлении в редакцию издания соответствующего запроса.

МАЪЛУМОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН
Талабот нисбат ба мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷаллаи илмии «Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ» пешниҳод мегарданд

Ҳамаи мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд: а) мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи маҷалла омода гардида бошад; б) мақола бояд натиҷаи таҳқиқоти илмӣ бошад; в) мавзӯи мақола бояд ба яке аз самтҳои илмии маҷалла мувофиқат намояд.

Ҳамаи маводи илмие, ки ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бо ёрии системаи Antiplagiat барои муайян намудани дараҷаи аслияти матн санҷида мешаванд. Мақолаҳое, ки дар матни онҳо маводи дигар муаллифон бе иқтибосоварӣ истифода шудаанд, ба баррасии марҳилаҳои навбатӣ пешниҳод намегарданд ва ин гунна мақолаҳо ба чоп роҳ дода намешаванд.

Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:

Матни мақола бояд дар формати Microsoft Word омода гардида, бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,5 мм бошад.

Ҳаҷми мақола бо формати А4 бо назардошти рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 10 то 12 саҳифаро бояд дар бар гирад.

Сохтори мақола бояд бо тартиби зерин таҳия гардад:

– индекси УДК (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);

– номи мақола;

– насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Шарипов Д.М.);

–номи муассисае, ки дар он муаллифи мақола кору фаъолият менамояд;

–матни асосии мақола;

– рӯйхати адабиёти истифодашуда (на камтар аз 10 номгӯ ва на бештар аз 25 номгӯйи адабиёти илмӣ). Рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд дар асоси талаботи ГОСТ 7.1-2003 ва ГОСТ 7.0.5-2008 таҳия гардад.

– номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бояд бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) таҳия гарданд. Аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 25 сатр ва калидвожаҳо аз 7 то 10 номгӯ бояд таҳия карда шавад;

– дар охири мақола бо ду забон (русӣ ва англисӣ) маълумот дар бораи муаллиф ва ё муаллифон бо тартиби зерин нишон дода шавад: насаб, ном ва номи падар (пурра), дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (агар бошанд), номи муассисае, ки дар он муаллиф кору фаъолият менамояд, вазифаи ишғолнамуда, телефон, e-mail, нишонии ҷойи кори муаллиф.

Ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси чаҳоркунҷа [ ] нишон дода шавад. Намуна: [4, с.25]. Яъне, адабиёти №4 ва саҳифаи 25.

Нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Инчунин онҳо бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд.

ИНФОРМАЦИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

Требования к научным статьям, поступающим в научный журнал «Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук»

Все поступающие в редакцию журнала научные статьи должны соответствовать следующим требованиям: а) статья должна быть написана с соблюдением установленных требований журнала; б) статья должна быть результатом научных исследований; в) статья должна соответствовать одному из направлений (разделов) журнала.

Все поступающие в редакцию материалы проверяются на наличие заимствований из открытых источников (плагиат), проверка выполняется с помощью системы Antiplagiat. Статьи, содержащие элементы плагиата, автоматически снимаются с рассмотрения, а авторы лишаются возможности опубликовать свою работу в журнале.

Требования к оформлению научных статей:

Статья должна быть подготовлена в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman, кегль 14, поля 2,5 см со всех сторон, интервал полуторный.

Объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть в пределах от 10 до 12 стр. формата А4.

Статья должна иметь следующую структуру:

– индекс УДК (индекс можно получить в любой научной библиотеке);

– название статьи;

– фамилия и инициалы автора (например, Шарипов Д.М.);

– название организации, в которой работает автор статьи;

– основной текст статьи;

– список использованной литературы (не менее 10 и не более 25 наименований научной литературы). Список литературы оформляется согласно требованиям ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

– название статьи, аннотация и ключевые слова оформляются на трех языках (на таджикском, русском и английском языках). Аннотация оформляется в объеме не менее 25 строк, ключевые слова от 7 до 10 слов или словосочетаний;

– информация об авторе на русском и английском языках. Здесь указываются ФИО автора полностью, ученая степень, ученое звание (если имеются), название организации, в которой работает автор (авторы), должность автора (авторов) в данной организации, телефон, e-mail, а также почтовый адрес место работы автора.

При цитировании конкретного материала ссылки указываются в квадратных скобках [ ]. Образец: [4, с.25]. То есть, литература №4 и страница 25.

Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки нужно сгруппировать и пронумеровать. Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки должны иметь название.

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО
НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук» основан в 2012 г. Выходит 8 раз в год. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий, рекомендованных ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации. Журнал принимает научные статьи по следующим группам специальностей: 10.01.00 – Литературоведение и 10.02.00 – Языкознание. Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных. Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания (www.vestnik-tnu.com).

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

2018. №8. Ч.1

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.Ибодова
Редактор таджикского языка: М.Н.Набиева
Редактор русского языка: О.Ашмарин
Редактор английского языка: М.Асадова

Издательский центр
Таджикского национального университета
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 200 экз. Уч. изд. л. 8,5, усл. п.л. 8.
Подписано в печать 01.12.2018 г. Заказ №2018/04-01
Отпечатано в типографии ТНУ
734025, г.Душанбе, ул.Айни, 32.